330950

ФАЗЛИДДИН МУХАММАДИЕВ

ФАЗЛИДДИН
МУҲАММАДИЕВ

АСАРҲОИ МУНТАХАБ

ИБОРАТ АЗ ДУ ҶИЛД

ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ

АСАРҲОИ МУНТАХАБ

ИБОРАТ АЗ ДУ ҶИЛД

НАШРИЁТИ „ИРФОН", ДУШАНБЕ – 1978

ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ

АСАРҲОИ МУНТАХАБ

ҷилди якум

очерк, ҳикоя
ва қиссаҳо

НАШРИЕТИ „ИРФОН", ДУШАНБЕ—1978

Точик 2
М 95

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ "КИТОБХОНАИ МИЛЛӢ"-и ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

330950 891.550-3

Мухаммадиев Фазлиддин.

М 95 Асарҳои мунтахаб. Иборат аз ду ҷилд. (Мух. А. Азизов). Душанбе, «Ирфон», 1978. Ҷилди 1.

556 сах.

Ҷилди аввали мунтахаботи нависанда, лауреати мукофоти давлатии ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ Фазлиддин Мухаммадиев аз очерк, ҳикоя ва қиссаҳои «Одамони кӯҳна», «Зайнаббиби» ва «Писари газета», ки онҳо аз ҳаёти муборизони роҳи озодӣ, аз буньёдкорони ободӣ, одамони поксиришт, начиб ва ибратомӯз қисса мекунад, иборат аст.

Хонанда ҳамроҳи адиб бо қаҳрамонҳои ӯ ҳамроз мешавад, шаҳидони роҳи озодиро ёд меорад, аз сифоти хуби одамони имрӯза ибрат мегирад, ба такопӯи мунофиқон бо истеҳзо менигарад, барои нармии ёрони сангдил ва гармии шеваи инсон нируи тоза меёбад.

Мухаммадиев Фазлиддин.

Избранные произведения в двух томах, том I.

М $\frac{70303-923}{М\ 501\ (13)-78}$ 113—78 Точик 2.

© НАШРИЁТИ «ИРФОН» 1978

000954724
Китобхонаи миллии Тоҷикистон

ОЧЕРКХО

РАИСИ НАВ

Марди миёнакади лоғарчуссае аз дари комичрояи район баромада, дар рӯи суфачаи зина истод. Шаби дарози зимистон сар шуда буд. Боди тунду тезе вазида, ба дасту рӯи кас сӯзан мехалонд. Саид Фатхуддинов тамоми ниман дуюми рӯзро дар ташкилотҳои районӣ гузаронда, оид ба кори минбаъдааш дастурҳо гирифт. Акнун ӯ метавонист дар шаби торик ва ҳавои хунук овора нашуда, дар маркази район дар хонаи худ монад. Аммо анбӯҳи фикру хаёл ва нақшаҳои тозае, ки дар бадали ду рӯзи охир пайдо шуданд, ӯро бетоқат карда, ба сӯи колхоз мекашид.

Машинаи МТС раиси навро то сероҳаи Мискинобод оварда ба гаражи худ рафт. То идораи колхоз 5 километри дигар роҳ аст. Атроф сокит. Осмони снёҳи бемоҳу ситора кӯҳсори бузургро бо тамоми водию дара ва кӯллаҳои тезу баландаш дар оғӯши сарди худ гирифта, ҳатто равшании ночизи барфи нав боридаро ҳам фурӯ бурдааст. Ақаллан канори роҳ наменамояд.

Дар ин гуна мавридҳо ғайр аз ёдоварӣ намудани воқеаҳои гузашта, тасаввур кардани ояндаи ноаён роҳгузари танҳоро дигар коре нест...

Маҷлиси ҳисоботӣ-интихоботӣ, ки дар арафаи соли нав — 31 декабрь барпо шуда буд, хеле аҷоиб гузашт. Тамоми колхоз онро бесаброна интизорӣ мекашид: раиси кӯҳна ҳамин қадар ба дили одамон зада буд.

Барои чӣ мардум Амировро дӯст намедоранд ва аз кор рафтани ӯро мунтазиранд? Магар вай дар ҳаққи онҳо бадӣ кард?

Бале! Колхози ба номи Ленин яке аз бехтарин ва

бадавлаттарин колхозҳои район буд. Дар бадали ду соли раиси Қаюм Амиров вай ба ақибмондатарин ва камқувваттарин хоҷаги табдил ёфт. Гӯё колхозро покпокиза ғорат карда бошанд. Ҳоло агар касе аз аъзоёни колхоз номи раиси кӯҳнаро шунавад, дар пеши назараш симои шахси ҳамеша рӯйсурхе пайдо мешавад, ки дар кӯчаю боғҳои колхоз калавида-калавида мегардад ва ба ёрдамчиёни наздики худ, ки ҳамчун болу пари сардор ва куввати дили ӯ доимо ду қадам аз ақибтараш меоянд, ким-чӣ хел ғапҳои алмой-алчой мегӯяд.

Базмҳои ҷамшедии раисро бисьёр колхозчиён дар хотир доранд. Дар айни долу зарби корҳои сахрой, ки деҳконон дар зери офтоби сӯзон заҳирро хишова мекунанд, бо алафдаравӣ, ремонти хирманҷойҳо ва дигар корҳо машғуланд, раиси правления ҳамроҳи ҷонишинҳо, мудири анбор ва бригадирҳои дӯстдоштааш дар лаби нахрчаи шӯхоб, қадаре болотар аз бинои ГЭС-и колхоз, дар зери сояи мачнунбед нишаста кайфу сафо мекунад, моҳибирьён мехӯрад ва ба ибораи худаш «нӯшдору» қабул мекунад. Қаме дуртар аз он ҷо ду-се нафар колхозчиён почаи шалворҳои худро бар зада, аз рӯди сарди кӯҳӣ барои маншати онон гулмоҳӣ медоранд...

Аз давраи раисии Қаюмбой ягон нишонаи хуб бокӣ намондааст. Вай худро ба аъзоёни колхоз ҳамчун ташкилотчии беҳамтои базмҳои пурдабдаба, бузкашӣ, машинатозонии бенафъу фоида нишон дода тавонисту бас. Рост аст, ки аввалҳо вай ин хел набуд. Моҳҳои якум ба корҳои колхоз каму беш диққат медод, баъзе ташаббусҳои хуб нишон медод. Аммо ҳар дафъа барои анҷом додани ташаббуси саркардааш устуворӣ ва ғаюрӣ нишон дода натавониста, корро чала мегузошт. Чӣ шуду чи монд, ки супоришҳои раис ичро намешуданд, худи вай бошад, на ҳамеша аз ин ҳол огоҳ буд, баъзан фармонҳои додаашро фаромӯш мекард. Вақте ки одамон ба чорабиниҳои сардори худ эътибор намедиҳанд ва ҳамкорӣ намекунанд, кор ҳатман касод мешавад. Амиров итоат накардани тобеонашро бо даҳшат пай бурда, чи чора диданашро намедонист, гоҳо аз ғазаб сурх шуда, бахудаю беҳуда доду шавқун мебардошт, баъзан ба колхозчиён хушомадомез ғап зада онҳоро кор фармуданӣ мешуд. Аммо дид, ки нашуд, рафтарафта бепарво гашт. Вай, аз афти кор, чунин мулоҳиза мекард: хоҷагии колхоз бокувват аст, дигар вай таназ-

зул нахоҳад кард, кор бе мудохилаи ӯ ҳам пеш рафтан мегирад. Дам ғанимат. Ҳоло ки пой дар узангу аст, аз шӯҳрати раиси колхози пешқадам истифода бурдан, каме давр рондан даркор.

Дере нагузашта, шишаи шароб ҳамдами наздикаш шуд, ба ивази бригадирҳои кордон шахсони маишатдӯст ёрони ӯ гардиданд. Одамони солхӯрда рост мегӯянд, ки дӯстдорони маишат ҳамдигарро аз нигоҳи аввал, аз бӯи якдигар шинохта, зуд қарин шуда мегиранд. Баъзе аз роҳбарони пештара аз рӯи ҳикмати «хари лӯлиро об деҳу пулашро гир» амал карда, бо машғулиятҳои раиси нав муросо карданд.

Рӯзҳо паси ҳам мегузаштанд. Мувофиқи маълумотҳое, ки котиби колхоз ба ташкилотҳои районӣ дар вақт-вақташ расонида меистод, гӯё артели ба номи Ленин, мисли пештара, ҳаман супоришҳоро дар мӯҳлати муқарраршуда анҷом медод. Плани ба давлат супурдани маҳсулоти хоҷагии қишлоқ соли якум чандон зуд набошад ҳам, ба ҳар ҳол иҷро шуд. Намояндагони комитети партиявӣ ва комиҷрояи район, ки аз омад-омади онҳо Амиров ҳамеша ким-чӣ хел карда, пешакӣ огоҳ мегардид, нағз истиқбол гирифта мешуданд ва онҳо дар колхоз ягон дигаргуниро, ки нишонае аз оқибати бади кор бошад, надида бармегаштанду ба роҳбарони худ дар бораи вазъияти мӯътадили корҳо арз мекарданд. Амиров аз тарси он ки райком аҳкибмонии корҳои саҳроро фаҳмида, ӯро танбеҳ надиҳад, аввалҳо зӯр зада аз назари роҳбарони район камбудиҳои майда-чуйдаро ҳам руст мекард. Ба ҳадди афзудани нуқсонҳо Амиров низ дар санъати рӯйпӯш намудани онҳо таҷриба ва маҳорат пайдо мекард. Масалан, боре колхоз аз сабаби касал шудани барзаговҳои корӣ, бе таъмир мондани олотҳои заминронӣ дар доманаи Элакдара 90 гектар заминро кишт карда натавонист. Раис бошад, сирро бой надода, амр дод ба район маълумот фиристонанд, ки дар адирҳо кишт комилан ба охир расид, вале дар водии дашти Бедона аз сабаби суст кор кардани тракторҳо ҳанӯз дар 70 гектар замин ғалла кошта нашудааст. Азбаски дар район аз камбудиҳои кори МТС-и нав ташкилшуда огоҳ буданд, ба ҳар дуи ин маълумот бовар карданд. То даме ки Амиров ҷои дурӯғашро пур карданӣ шуда, худро ба чор тараф мезад, мӯҳлати кишт гузашта, майдони калоне холӣ монд...

Инак, ҳосилоти соли аввал ба иҷрои плани давла-

тии ғаллатайёркунӣ ва фонди тухмӣ базӯр расида, ба колхозчиён фақат ҳафт-ҳашт пудӣ ғалла таксим шуд. Фермаи чорводорӣ аз танкисии хӯрок, беназоратии правления ва нигоҳубини бад дар пеши чашми деҳқонон харобу адо мешуд. Дар боғҳо рӯз то рӯз бештар чорвои колхозу колхозчиён чарида, полизҳо, нихолҳоро поймолу хароб менамуд. Дасту дили деҳқонон аз кори колхоз хунук шуд. «Кай аз ин бодапарастон халос мехӯрда бошем?»— мегуфтанд онҳо бо ғусса.

Беморин касеро пинҳон кунанд, табаш ошкор хохад кард,— мегӯянд. Баъди як сол райком пинаки рохбарони колхозро вайрон намуд. Аз факти содиршуда чои гурез набуд: арзиши рӯзи меҳнати колхозчиён якбора ба нимкилогӣ ғалла фаромада монд. Ахволи фермаҳо ҳам бад. Канӣ, раис, парторг, чавоб диҳед! Шумо то хол ба чӣ кор машғул будед? Колхози давлатманд кучо шуд?

Парторг чӣ хам мегуфт. Вай тамоми сол чун сояи раис аз қафои вай мегашту ғайр аз балегӯй дигар хизмате надошт.

Боз суханпардозии худи раис кор дод. Вай дар мачлиси бюро шароити обу ҳаво, камтачрибагии худаш, ноозмудии мухити навро сипар карда, бисьёр далелҳо нишон дод, андак бепарвой карданашро ба гардан гирифта, ба унвони райком хам доир ба ёрирасонӣ ду-се суҳани таънаомез гуфта, пои худро дар зинаи мансаб нигох дошта тавонист. Аъзоёни бюро, аз афташ, фикр карданд, ки раиси колхозро ҳа гуфта соле як бор иваз намудан хуб нест, баръакс тарбия кардан, ёрӣ расондан лозим. Раисро огоҳонида насиҳат намуданд, рох нишон доданд. Баъди як хафта ба ёрии правления карори «дахлдори муфассал» расида омад.

Раису фаъолонаш айшу ишратро камтар карда, бисьёртар такудав намуданд. Аммо вазъият хамон тағьир намеёфт, зеро Амиров аз чӣ сар кардани корро намедонист, хар рӯз ба хар масъалаи рост омадагӣ таваккалкунон мечаспиду думи онро дар хӯрчин монда, аз паи кори дигар мешуд. «Амирро хунар нест, Бедона танг аст»— мегуфтанд бо ришханд деҳконони кордида. («Бедона» номи дашти васеест, ки қисми зиёди замини колхози ба номи Ленин ва чанде дигар артельҳои районро дарбар мегирад).

Оре, раис аз ӯҳдаи кор набаромад, колхоз ақиб рафт, камқувват шуд, колхозчиён аз кори ҷамъиятӣ дур

гашта, бисьёртар ба кори рӯндарича ва парвариши чорвои шахсии худ часпиданд. Хулоса, аз колхози пештара дар зарфи ду сол фақат як ном боқӣ монд. Вале магар ба ин ҳодиса танҳо Каюм Амиров айбдор буд? Не, на фақат вай, балки онҳое низ гунаҳгоранд, ки ӯро дурусттар насанҷида ба раисӣ пешбарӣ намуданд ва хатто баъди фаҳмидани ноӯҳдабарояш ҳам бо мулоҳизаи «ба худамон гап нарасад» ба ӯ имконият доданд, ки хоҷагии колхозро дувоздаҳ моҳи дигар барбод диҳад. Он вақтҳо, пеш аз Пленуми сентябрии ҚМ ҚПСС, дар ин ноҳия одати аҷоибе мавҷуд буд: ҳамин ки ягон коркуни ташкилоти ноҳиявӣ сустӣ кард, фавран ӯро сазои сараш гӯён ба раисии колхоз тавсия менамуданд, раисҳои кордону тачрибанокро бошад, баръакс ба ташкилотҳои ноҳиявӣ гирифта, ба онҳо бештар маълумотгункунӣ, дастурнависӣ ва қарортартибдиҳиро меомӯхтанд.

Ба ҳар ҳол дар мачлиси ҳисоботӣ номи Амиров ва пайравони ӯ вирди забони ҳама буд. Хӯрдагию нӯшидагии онҳо аз биниашон баромад...

Фатҳуддинов аз ҳамаи ин воқеаҳо бохабар аст. Ҳоло вай рохравои фикр мекунад, ки корро аз чӣ сар кардан лозим? Қолхозчиён аз вай умеди калон доранд. Ин аз муомилаашон маълум. Дар вақти мачлис колхозчиҳо бо: «Мешиносем», «Саид-ака метавонад», «Ба вай бовар кардан мумкин» барин лукмапартоиҳо нутқи котиби нави райкомро чандин маротиба буриданд.

Фатҳуддинов пештар ҳам ба колхоз раисӣ кардааст. Аммо он вакт колхозҳо хурд буданд. Баъд чанд сол раиси совети кишлоки Мискинобод, мудири шӯъбаи ноҳиявии молия шуда кор кард. Ӯро, албатта, ҳамчун ташкилотчии хуб ва роҳбари пухтакор мешиносанд ва ба қобилияташ бовари доранд. Лекин бо як худи ҳамин колхозро ба по рост кардан мушкил аст. Пеш аз ҳама такьягоҳ лозим, баъд ягон тадбире зарур аст, ки ибтидои тамоми кор гардад. Аммо кадом тадбир?

Вакте ки садои сулфаи касе Саид-акаро аз дарьёи хаёлот баровард, вай ба сероҳаи ба деҳа мебурдагӣ расида буд. Раис наздик рафта, дид, ки ду кас дар атрофи чуволҳои пури дар рӯи барф хобондашуда пойҳои хунукхӯрдаашонро ба ҳам зада гаштаанд.

— Темур, ин туй? — пурсид раис дар торикӣ рӯи худро қариб ба риши аз сармо шӯшабастаи яке аз онҳо расонда.

— Бале, ранс, моем. Ба Шодӣ нигаронем, ба кишлоқ рафта буд, улав меорад.

Фатҳуддинов дигар чизе нагуфта, ба рохаш равон шуд. Вай дирӯз фахмида буд, ки Темур говбон аст ва набояд хайвонотро бенигоҳубин гузошта, рӯзи дароз ба шахр монда равад. Аммо чӣ гӯяд ба вай? «Ба шахр нарав, гандум набиёр, нон нахӯр» гӯяд?

Кор ба ҷое расидааст, ки аъзои калонтарин колхози ғаллакори райони ғаллакор ба шахри Сталинобод рафта, сабзавот, тухми мурғ, равғани маска ва дигар маҳсулоти деҳқониашро мефурӯшаду гандум харида меояд! Колхозчиён тобистони гарм аз беназоратии сардорон сӯиистифода намуда, ялло карда мегарданду кариб сеяки майдони колхоз холӣ мемонад, ҳосили участкаҳои кишткардашуда ҳам аз панҷ-шаш центнер зиёд нест. Боз аз кӣ гила кардан мумкин? Деҳқонон дар участкаҳои рӯиларичаашон картошка, сабзавот мекоранд, ҳар кадоме ду-сетой модагов, дах-дувоздаҳсарӣ ва аз он ҳам бисьёртар бузу гӯсфанд доранд, аммо ғалла, ки намерасад, ночор бо савдогарӣ машғул мешаванд. Саид-ака гурӯҳ-гурӯҳ аъзоёни ин колхозро дар бозорҳои Сталинобод, Янги Бозор ва Файзобод чандин бор дидааст. Ачаб корҳое! Колхозу районҳои ҳамсоя дар инкишофи хоҷагии коллективӣ чӣ комьёбиҳои ҳайратангез ба даст овардааанду дар ин ҷо колхозро як сӯ монда, аз паи моликияти шахсӣ давида гаштаанд! Ҳатто тасаввур кардан дахшатангез аст, ки агар ҳамин ахвол боз камтар давом мекард, окибат чӣ мешуд...

Ҳанӯз чандон бевакт нашуда бошад ҳам, кишлоқ саросар мехобид. Шамол хар замон шиддат гирифта, дарахтони яхбастаро шаққарос мезанонд, барфтӯдахоро ҳамвор намуда, резаҳои ба ҳаво бардоштаашро ба сару рӯй мезад, ба паси гардан мерехт.

Раис ҳисобчиро бедор кард.

— Додар, эҳтимол, шуморо чанд рӯзи аввал баъзан бемаҳал ташвиш диҳам. Малол наояд, барои кор зарур аст.

— Сардори нав рузҳои якум хоб рафта наметавонад. Ин аз кадим маълум,—гуфт ҳисобчӣ бо оҳанги пичингомез ва зери лаб илова намуд:—«Кӯзаи нав оби хунук» гуфтаанд.

Ҳисобчӣ аз коркунони правлениян пештара буд, лекин аз гуфти мардум, дар найрангҳои рохбарони собиқаш шарик намешуд. Раиси нав карор дод, ки вай

одами даркорист. Бигзор пичингашро гуфтан гирад. Рафта-рафта мефаҳмад.

Фатҳуддинов дар идора акти инвентаризацияро аз назар гузаронд. Дар анбор аз ғалладона фақат ҷаву гандуми тухмӣ бокӣ мондааст, ки он ҳам кифоя намекунад. Дар поёни акт қарзҳои колхоз бо тартиб рӯйхат карда шудаанд. Раис актро ба ҳисобчӣ дода, ишора намуд, ки хонад.

— Аз колхозчиёни худамон: 290 центнер гандум ва 15 ҳазор сӯм пул қарздор,— ҳар замон хамьёза кашида меҳонд ҳисобчӣ.— Дар райони Обигарм: аз колхозҳои ба номи Тельман—20 центнер гандум, ба номи Карл Маркс —20 центнер наск, ба номи Калинин—30 центнер заҒир, ба номи Ворошилов—140 центнер ғалла, аз колхози ба номи Ворошилови райони Файзобод—50 центнер заҒир, ба номи Ленини райони Сталинобод—75 центнер заҒир, ба номи Тельмани Роҳатӣ — 160 центнер ғалла; аз давлат ҳам 160 центнер ғалла, 10 пуд равғани зард, 500 ҳазор сӯм пул қарздорем.

Ҳисобчӣ хомӯш шуд.

— Агар дар мамлакат,—хомӯширо вайрон кард қаровули идора Латиф амак,—ба қарздорӣ дуто колхози усто бошад, яктоаш колхози мост. Афсӯс, ки «Хорпуштак» то ҳол аз мо хабардор нашудааст.

Латиф-амак шаш сол боз қаровули идора ва анборҳои колхоз аст. Вай кайҳо боз фаромӯш кардааст, ки раис гуфтанӣ кас гоҳо шабона ба идора меояд, фаъолон ва мӯйсафедони кишлоқро ҷамъ карда, машварат менамояд, ғами халкро хӯрда, баъзан хобашро ҳаром мекунад. Аммо раиси нав дигар навъ менамояд. «Гӯсолаи шуданӣ аз пояш маълум». Акнун колхоз аз қарз халос мешудагист.

Аммо бегоҳи дигар тааччуби Латиф-амакро ҳадду канор набуд. Фатҳуддинов аъзоёни правленияро ғун карда, таклиф намуд, ки аз ягон ҷой боз қадаре ғалла қарз гирифтан даркор. Вай ҳатто гуфт, ки ин масъаларо пешакӣ пазондааст ва колхози ба номи Ленини райони Сталинобод сесад центнер гандум ҳоҳад дод. Онро ба колхозчиёни эҳтиёҷманд таксим карда, одамонро ба кор ҷалб намудан лозим. То баҳор ҳанӯз се моҳ ҳаст гуфта хотирҷамъ гаштан мумкин нест. Фурсат ғанимат.

Қарзи нав — аввалин тадбире буд, ки Саид-ака таклиф намуда, ба амал гузаронд. Кор аз ҳамин сар шуд.

Ин рӯзҳои аввали соли 1953-юм буд.

Баъд чӣ воқеаҳо рӯй доданд? Қори колхоз чӣ хел пеш рафт? Батафсил нақл кардани ҳамаи воқеаҳои се соли гузашта амри маҳол аст.

Гуфтан мумкин аст, ки тамоми як моҳи аввал бо шиносошавӣ гузашт. Бисьёр колхозчиён интизоми меҳнат, ӯҳдадориҳои уставии худро фаромӯш карда буданд. Душвории асосӣ ҳамин буд. Акнун деҳа ба деҳа гашта, бо одамон сӯҳбат кардан, ба онҳо вазифаҳои нави бамиёнгузоштаи Комитети Марказии партия ва ҳукуматро фаҳмонда додан, онҳоро ба кори колхоз аз сари нав гарм кардан зарур. Фатҳуддинов ин корро ба хубӣ анҷом медод. Вай дар қишлоқҳо давр зада, ба аҳволи зиндагонии колхозчиён шинос мешуд, ба яке бо ғалладона ёрии моддӣ мерасонд, ба дигаре маслиҳати хуб медод, сеюмиро барои рафторҳои нолоиқаш оҳиста сарзаниш менамуд, насиҳат мекард. Дафтарчаи кисагии раис рӯз то рӯз аз қайдҳои аҷоиб пур мешуд: «Мансур Бурҳон — номзади мувофиқ барои бригадирӣ»; «Карасин дар магазини қишлоқ»; «Барои кӯдаки Ниёзмаҳмад—духтур аз район»; «Чаро ремонти станцияи электрикӣ қатъ шудааст?»; «Яслӣ»; «Заҳири тухмӣ»...

Ба ҳар чое ки қадами раиси нав расид, албатта ягон кори нав сар мешуд. Дере нагузашта анбори ғалла аз занону духтарон пур шуд; онҳо ғалладонаи тухмиро тоза карда, ба кишт тайёр менамуданд. Дар устохонаи охангарӣ таъмири ароба, плуг ва сихмола авҷ гирифт. Дуредгароне, ки аз колхоз баромада рафта, дар ким-кучоҳо бо меҳнати кироя машғул шуда мегаштанд, кордориҳои раиси навро шунида, баргаштанд.

Заврақи колхози ба номи Ленин аз нав ба дарьёи пурмавҷи ҳаёт даромада, ҷадал менамуд, ки баробари мавҷҳои тезгарди он пеш равад ва қусури қафомонии дусоларо барорад...

Роҳбарони район, хусусан котиби райком рафиқ Шукуров ва худи деҳқонон қайҳо боз толиби ҳамин тағйирот буданд. Онҳо ба хубӣ медонистанд, ки аз дасти шахси танҳо бисьёр кор намеояд. Аммо умед доштанд, ки роҳбари нав бо сухан ва ибрати худ мардумро ба ҷунбиш оварда, ғайрату ташаббуси онҳоро бедор ҳоҳад кард ва он гоҳ колхоз ба осонӣ метавонад комат рост кунад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Обрӯи раис дар назари колхозчиён рӯз аз рӯз меафзуд.

Ана, вай ҳамроҳи бригадир Мӯсо Бобиев гапзанон

карда истодааст. Дар рӯи кокинаи гандумгун ва чашмони синчакори раис аломати марок ва хушхолӣ хувайдост. Мӯсо таклиф мекунад, ки поруи чандин солхо боз зам шуда хобида аз гирду пеши оғилхои ферма ва хавлихои колхозчиён ба сахро кашонда шавад. Ин, албатта, кашфиёт нест. Чунин фикр пеш аз хама ба сари худи Фатхуддинов омада буд. Аммо вай бригадирро барои фикри хубаш таъриф карда ба ӯ гаштаю баргашта миннатдорӣ изхор менамояд. Дар зимистони кахратун ва рӯзхои серборишн баҳор кашондани садхо ароба пору ба гуфтан осон аст. Хуб шуд, ки ин корро аввал бригадир таклиф кард. Бигзор одамон бештар фикр кунанд, аз паи бехбудии кор шаванд!

Саид-ака ба ферма хайвоноти калони шохдор низ бо хамин ният омад. Рӯзи чоруми раисии ӯ буд. То ин вакт ахли колхоз ба вай одат карданд, аксар касон фахмиданд, ки аз дасти ин одами чобукхаракати чиддӣ кор меояд. Бинобар ин хар кучое ки Фатхуддинов пайдо шавад, дар атрофаш хафт-хашт нафар чамъ шуда, ба гапхои ӯ бо шавку завк гӯш медоданд. Албатта, на хама бо хохиши ёрӣ расондан меомаданд. Баъзехо ба таклири колхоз ҳанӯз бепарво буданд ва факат аз хисси кунчковӣ омада, фахмиданӣ мешуданд, ки аз ин одам боз чӣ фикрхои тоза мебарояд. Раис бошад, худро чунин вонамуд мекард, ки гӯё аз асли мақсади онхо комилан бехабар аст...

Хафтод сар гову гӯсола ва барзагови корӣ дар ду оғили кӯхнаи похсагӣ чой гирифта буд. Дар акиб ва дар рӯи хавлии хар ду оғил тӯдахои бузурги поруи чандинсола мехобид. Бинохо, тиреза он сӯ истад, хатто дари дуруст надоштанд. Дар чиллаи зимистон дар оғилхои заҳу торик боди сарди чонгудоз бахузур сайр карда мегашт.

Коркунони ферма дар зарфи ин як хафта то тавонистанд оғилхоро саросемавор ба тартиб оварданд. Аммо аз чашмони зиракн раис аз лой халво сохтани онхо пинхон намонд. Подабону говчӯшхо нигарон буданд, ки рохбари нав ахволи чорворо дида, онхоро нагзакак танбех хохад дод.

Вале ин тавр нашуд. Фатхуддинов дар назди гулхани подабон ба рӯи кундае нишаста оромона, гӯё вазъияти молхо ба ӯ таъсир набахшида бошад, ба хикоя даромад. Вай дар бораи ферма модаговхои колхози ба номи Ленини райони Сталинобод, дар ху-

суси рациони алохидаи хўроки чорво, усулҳои нави ширчўшӣ, оғилҳои гарму озода, хўроки хуб ва серию фарбехии ҳайвонот ва бисьёр дигар чизҳои дигараш накл кард. Мудири ферма Шоҳ Арабов, подабон Темур Сиддиқов, гавчўшҳо ва дигарон ҳикояи ўро бодиққат гўш мекарданд.

— Агар хохем,— гуфт раис дар хотима,— мо ҳам ферма худро ҳамин хел калон ва намунавӣ карда метавонем.

— Ва агар аз рўи вичдон кор кунем,— лукма партофт баногоҳ Зиёда Ҳасанова ва ҳангоме ки ҳама ба ў чашм дўхтанд, аз кори кардааш пушаймон гашта, суп-сурх шуд.

— Бале, ин дар ҳар кор шарти аввалин аст,— фикри ҷавонзанро кувват дод раис.— Моли колхозро мисли чорвои шахсии худ эҳтиёт кардан, нағз парвариш намудан лозим.

— Ба Арабови мо ҳар пагоҳӣ як коса каймоқ бошад, бас аст. Дигар болоро бод бараду поёнро сел — парвое надорад,— акнун далерона ба гап даромад Зиёда.— Раис, аҳволи оғилро дидед-а? Мудири фермаро як шаб дар ҳамин ҷой баста монанд, чӣ мешуда бошад? Шабона ба модаговҳои нав зоидагӣ ҳам як бағал хас ё як сабад коҳи хушк медиҳанд. Ҳайвон акл надорад. Нисфи кохро дилу бедилон хўрда ниманд дигарашро таги по мекунад. Боз аз гов «кам шир медиҳад» гуфта гила мекунанд. Гўсолаҳо аз паси ана ин хода баромада, тамоми шаб модарашонро мемаканд. Шир аз кучо мешавад?

Вазъият маълум. Илоҷе карда, чорворо аз зимистон саломат баровардан, онро аз ҳоло ба тартиби нави хўрокхўрӣ ва ширчўшӣ одат кунондан даркор. Бо сардори котиби ташкилоти комсомолии колхоз Қобилов як гурўҳ ҷавонон ду рўз дар ферма кор карда, дару тирезаҳоро ба тартиб оварданд, охури ҳар як модагов ва ҷои хоби онро ҷудо карданд. Темур Сиддиқов ваъда дод, ки аз баҳри ним соат хоб баромада, хўроки шабона ба чорво медодагиашро якбора нею ду-се бор таксим карда диҳад, хўроки модаговҳои нав зоидагиро бехтар намояд.

Раис аз район зоотехникро даъват карда, хоҳиш намуд, ки дар колхоз бисьёртар истода, ба коркунони ферма ёрӣ расонад. Правления Ориф Шарифовро мудири ферма ва Зиёда Ҳасановаро говчўш таъин кард.

Лекин Зиёда — хамон чавонзане, ки дар сўхбати дар ферма барпошуда дар бораи ахволи чорвои чамъиятй ин кадар бо сўзу гудоз гап зада буд, нохост ба идора омада гуфт, ки таклифи правлениярo кабул карда наметавонад. Вакте ки раис сабаб пурсид, Зиёда якбора гирья карда фиристод.

Маълум шуд, ки вазифаи нави Зиёда ба шавхараш маъкул набудааст. «Ман туро на барои он гирифтаам, ки шому сахар аз паси гўсолахои колхоз давида гардй» — гуфтааст ў. Назар ба гуфти мардум, Наимчон яке аз бехтарин тракторчиёни МТС аст. Пас гап дар сари гўсолахои колхоз нест. Дар таги коса нимкосае хаст.

Саид-ака рўзи дигар ба МТС рафт. Хар ду машинаи боркашони колхоз — як автомобили якунимтоннагй ва як ГАЗ-51 кайхо боз вайрон шуда мехобид. Директор ваъда дод, ки ба колхоз механик мефиристад, то ки вай иллати машинахо ва дарачаи таъмирталабии онхоро муайян кунад.

— Аз мо хар кадар ёрдам лозим шавад, бо чону дил, дареғ намедорем,— гуфт ў.— Колхоз бой шавад, МТС хам нафъ мебинад.

Фатхуддинов дар вакти рафта истоданаш Наимчонро дид, ки як даста сими ғафсро бардошта, ба сўи устохонаи ремонтй мерафт.

— Наимчон,— гуфт раис ба тракторчй наздик омада,— аз ту як илтимос дорам, ука. Мо ба занат Зиёда таклиф кардем, ки нигохубини нисфи модаговхоро ба зимма гирад...

— Хўш, ба ман чй?— мобайни гапро бурид Наимчон.

— Мо мехохем, ки ту занатро ба рох дарорй.

— Вай кўдаки ширмак дорад. Вакту бевакт ба ферма давида наметавонад.

— Бале, худи Зиёда хам хамин тавр мегўяд. Аммо, охир ин мушкилии чандон калон нест-ку. Хардуятон хам модар доред. Бача хеч гох бепарастор намемонад, ба наздикй ясли мекушоем. Ба мо зани ту барин чавонони чолоку кордон заруранд. Ахволи колхозро худат дида истодай, ука...

Пагохии дигар Зиёда ёздах сар модаговро кабул карда гирифт. Ў раисро дида, хушхолона табассум карду аммо чизе нагуфт. Одами ғалатй будааст ин Наимчон. Чаро аз аввал розй нашуд? Мехост, ки пеш

аз хама аз сардори оила ичозат гирифта, иззати нафси ўро конеъ гардонанд? Эхтимол хамин хел хам бошад. Ин гуна одамон бисьёр ёфт мешаванд: занашон монанди Зиёда зани оддии софдил буда, аз гумонхои бад дах фарсах дур бошад хам, намехоханд, ки вай бечора бо кори дилхохаш машгул шуда, ба нафъи чамъият ва худаш мехнат кунад... Ба тарбияи сиёсй ва маданий колхозчиён бештар диккат додан зарур. Дар ин хусус бо парторг ва аъзоёни правления бояд маслихат кард.

Фатхуддинов дар нимаи январь оилаашро ба колхоз кўчонда овард. Бигзор одамон бинанд, ки вай ба ин чо бо дили нохохам наомадааст, то даме ки шўхрати пештараи колхозро барнагардонад, ба хеч кучо нахохад рафт.

Раис як пагохй аз хона баромада, шохиди ходисаи ачонбе шуд. Писараш Ахтамчон, ки дар синфи панчум мехонд, як багал хезумро бардошта, ба кўча мешитобид. Дар таги дар ўро боз як писарбачаи дувоздах-сездахсола нигарон буд. Вай хам як банд хезуми шибог дошта, онро дам ба дам аз як багал ба багали дигараш мегирифту дастони аз хунукй сурхшудаашро ба дахон бурда, уфу куфкунон гарм мекард.

— Ин чист?— пурсид раис аз писараш.

— Магар намебинед, ки хезум аст?— чавоб дод Ахтамчон табассумкунон. Вай хурсанд буд, ки пурсупоси падараш хам айнан дар шеъри китоби хрестоматия навиштагй барин шуд. Дидаю дониста мепурсад, ки хезум чист.

— Вакти дарс шудаасту шумо ба кучо меравед?

— Ба мактаб рафта истодаем, имрўз хезум овардан навбати ману Назрй аст,— вай ба рафикаш ишора намуд.— Агар дар синф алав нагиронем, хунук мехўрем!...

Ин хам «мероси» правлениян кўхна буд. Дар кучо шунида шудааст, ки як колхози дуппа-дуруст мактаби хафтсоларо се мохи зимистон аз хезум таъмин карда натавонад ва бачахо мачбур шаванд, ки аз хонаашон хезум кашонанд?

Бо супориши Саид-ака мудири хочагии колхоз тамоми он рўзро бо хезумтайёркунй гузаронд. Пагохии дигар бачахо дар пешайвони анбори мактабашон ду тўдан калони хезуми хушки гўгирди кардашударо диданд. Аммо баъди ин вокеа ба ташвиши раис ташвиши нав зам шуд. Вай акнун акаллан хафтае як бор

хатман ба мактаб рафта, бо муаллимон гуфтугӯй мекард, бо ахволи хонаводаи онхо, давомоти талабагон шавкманд мешуд, дар бораи сохтмони бинои нави мактаб ва бисьёр масъалахои дигар дуру дароз сӯхбат мекард. Раис ба хонаи ягон колхозчӣ рафта, албатта, дар байни гап аз хониши фарзандонаш мепурсид, ба бачахо гохо чиддӣ, гохо хазлу шӯхикунон саволхо медод, дар бобати нагз хондан бо онхо «мусобика» мебаст.

Карсак аз аз ду тараф гуфтагӣ барин, муаллимон хам аз колхоз карздор шуда намонданд. Онхо зуд-зуд ба правлениян колхоз омада, ёрии худро таклиф менамуданд, аз котиби ташкилоти партиявӣ Ахмад Худойдодов барои мусохиба бо колхозчиён супоришхо мегирифтагӣ шуданд.

Росташ, мохкои аввал худи Худойдодов хам мӯхточи ёрмандӣ буд ва Фатхуддинов онро дареғ намедошт. Оре, на дар хама чой котиби ташкилоти партиявӣ хатман одами тачрибанок мешаваду албатта ба кори раис мадад ва назорат мекунад. Дар зиндагонӣ баръакси ин хам мешавад. Хайр, агар парторги навкор аз коммунисти пуртачриба омӯзад — ин айбе надорад. Охир тарбия намудани одамон кори хазл нест ва на хар кас ба ин кор кобилият дорад. Ба Фатхуддинов бахти бузург муяссар шудааст, ки ӯ ба дили одамон ба осонӣ рох ёфта, онхоро ба корхои наву калон даъват карда метавонад. Сирри ин махоратро аз вай омӯхтан бефонда нест.

* * *

Агар тирамохи соли 1953-юм Каюм Амиров ба чойхои «давр рондааш» як омада тамошо мекард, колхози ба номи Ленин ва одамони онро, эхтимол, шинохта наметавонист. Дар бадали як сол хосилот ба дарачаи пештарааш расид; аз хар гектар 12 центнерӣ гандум, 14 центнерӣ чав, 9 центнерӣ заҳир чамъоварӣ карда шуд. Колхоз хамаи карзхо — хам карзи аз деҳконони худ ва колхозу районхои хамсоя гирифтааш, хам карзи аз давлат доштаашро комилан адо намуд. Ба хар кадом онлаи колхозчӣ даххо центнер ғаллаю картошка расид.

Соли 1954 бошад, хосилот боз хам фаровонтар гардид. Колхоз плани махсулоттайёркунӣ ва супори-

ши ба давлат фурӯхтани ғалларо дар район аз ҳама пеш ва барзиёд ичро намуда, ба ҳар рӯзи меҳнат ҳафт килограммӣ гандум, як килогӣ картошка тақсим кард.

Хоҷагии чорводории колхоз ҳанӯз чандон бузург набошад ҳам, суръати афзоиши он дар муддати ин се сол дар ҳақиқат шоёни диққат аст. 123 сар бузу гӯсфанде, ки правлениян нав қабул карда буд, ба 612 сар расид. Ҳайвоноти калони шохдор аз 70 сари пештара то 208 сар — яъне се баробар афзуд. Галаи асп ҳам дучанд зиёд шуда, ба 80 сар расид.

Бо вучуди ин раис аз вазъияти ҳозираи фермаҳо норозист.

— Чорвои мо хеле кам маҳсул медиҳад,— мегӯяд ӯ. — Аз модагов бисьёр гирем, соле 700 — 750 литр шир медӯшем. Пашми гӯсфанд ҳам кам асту ҳам бесифат. Агар пештар ба ягон коркуни масъули соҳаи чорводорӣ мегуфтед, ки модагови зоти маҳаллӣ аслан камшир аст ва он ҳеҷ гоҳ мисли модагови зоти швицӣ ҳар шабонарӯз се сатил шир медодагӣ намешавад, вой бар ҳолатон буд. Вай дарҳол аз ғазаб сурху сафед шуда, исбот кардани мешуд, ки шумо душмани колхозед ва чорводории ҷамъиятиро акиб кашидани ҳастед, зеро дар сурати нагз парвариш кардани чорво модагови ҷойдорӣ ҳам ба андозаи дилхоҳатон шир медиҳад. Бешубҳа, маҳсулнокии чорво ба нигоҳубинаш вобаста аст. Лекин аз як тараф аҳамияти зоти ҳайвонотро ҳам фаромӯш кардан мумкин нест. Ҳоло ҳама эътироф мекунанд, ки аз модагови маҳаллӣ, агар зоти он тағйир дода нашавад, думи уштур ба замин расад ҳам, баробари модагови швицӣ шир гирифтан мумкин нест. Чӣ бояд кард? Модаговҳои ҷойдориро якбора фурӯхта, фермаро саросар швицӣ карда наметавонем. Пас лозим меояд, ки зоти модаговҳоро ба қадри имкон, дарача ба дарача ба воситаи дурагакунӣ бехтар намоем. Ҳозир мо ҳамин рохро пеш гирифтаем. Барзаговҳои швицӣ гирифта, барзаговҳои зоти маҳаллиро аз пода ҷудо кардем. Ҳамагӣ ду сол гузашта бошад ҳам, натиҷаҳои аввалин шаҳодат медиҳанд, ки ин роҳ илоҷи хубтарин аст.

Дар дигар соҳаҳои чорводорӣ низ андак душвориро ба гардан гирифта, ғами ояндаро хӯрдан лозим меояд. Аз ҳамин соли 1955 сар карда, хукпарвариро ба роҳ мондем. Ин кори хело сердаромад аст. Ғайр

аз ин гўсфандхои карокўлию хисориамонро бо гўсфандхои махинпашм дурага карда истодаем. Дар колхозамон пункти махсуси дурагакунии гўсфандхо кушода шуд.

Фатхуддинов мегўяд, ки карори Пленуми сентябрии КМ КПСС, карорхои минбаъдаи партия ва хукумат пешомадхои хакикатан бузурги таракқиёти хочагии коллективиро равшан намуданд. Ҷорӣ карда шудани системаи нави баплангирии хочагии колхоз бошад, ташаббуси омми деҳқононро боз хам афзун гардонд. Колхози ба номи Ленин шароити замин, эхтиёчоти соҳахои гуногуни хочагиро ба назар гирифта, майдони кишти чуворимакка, заҳир ва картошкаро хеле зиёд намуд.

Панҷоҳ гектар замини нав кушода шуд. Акнун майдони кишт кариб ба ду хазор гектар расид. Аммо дар колхоз заминхои бекорхобида холо хам кам нест. Дар доманаи кўхи Элак, адирхои Шаралоқ, дар хар ду тарафи рохи калони сангфарш, хатто дар байни кўчаю боғхои кишлоқхо хам аз ин гуна порчахои бекорхобидаи замин садхо гектар ёфт мешавад. Холо колхозчиён ин участкахои даххо сол ин чониб бесамар хобидаро аз сангу кунда ва алафу буттахо тоза намуда, ба нафъи колхозашон ба кор андохта истодаанд.

Хочагии колхоз меафзояд, мустахкам мешавад. Дар он соҳахои тамоман нав пайдо мешаванд.

Бахори соли ҷорӣ як рўз ба назди раис механики станцияи электрикӣ Михаил Носов бо шогирдаш Насим давон-давон омаданд.

— Раис, аз шахр одамон занбўри асалашонро бор карда омада истодаанд. Ду хочаги ба назди ман омада пурсиданд, ки оё колхоз ичозат медода бошад, ки дар марғзори назди ГЭС ҷой гиранд.

— Ба фикрам,— гуфт раис,— ба мо зарарашон намерасад. Бигузор дар хамин ҷо монанд.

— Баръакс, нафъашон мерасад. Тирамоҳ хамчун хакки ичора аз хар дах кутти занбўр дутоашро доданианд,— гуфт механик.

— Ғайр аз ин, занбўри асал ба афзоиши хосилоти зироат ёрӣ мерасонад,— илова намуд Насим.

— Истед, ки занбўрро кӣ парвариш мекунад? — аз холо дар ташвиш монд Саид-ака.

— Парво накунед, раис. Наход ману Насим то тирамоҳ аз мўйсафеди асалчӣ роху риштаи ин корро

ёд гирифта натавонем? Кори худамон-ку он қадар бисьёр нест.

— Хайр, рохи сафед. Бигўед, омада шартнома банданд.

Носов ба правления хеч гоҳ беҳуда намеомад. Раис аз ин кор хеле хурсанд шуд. Вай баъди он ки техникҳо шодикунон баромада рафтанд, тирезаро кушода, аз кафояшон фарьёд кард:

— Ҳой асалчиҳо, эҳтиёт шавед, худатонро занбўр нагазад, ки бечароғ мемонем...

Ҳозир колхоз ҳашт куттй занбўри асал дорад. Насим мегўяд, ки то тирамохи соли оянда хочагии худро камаш ду баробар зиёд карданист. Агар раис лутф карда, боз дах-дувоздах куттии дигар занбўр харида дихад, он гоҳ кор тамоман дигар хел мешавад. Насим ин рўзҳо зўр зада, адабиёти оид ба занбўри асалпарвариро хиччa карда гаштааст.

Дар омади гап гуфтан даркор, ки дар дигар колхозҳои райони Обигарм ба ин соҳаи сердаромад чандон эътибор намедиҳанд. Ҳатто роҳбарони ташкилотҳои районй ба тараккй накардани занбўри асалпарварй баҳонаҳои ачоибу ғаронб нишон дода, ин норасоиро ҳақ баровардаиї мешаванд. Онҳо мегўянд, ки аксари колхозҳои Обигарм барои чорй намудани занбўри асалпарварй маблағи зиёдатй надоранд. Инак, аз гуфти онҳо колхозҳо барои харидани ҳашт-дах куттй занбўр маблаг надоштаанд. Агар пурсед, ки аз чй сабаб колхозҳо маблаги барзиёд надоранд, боз худашон чавоб медиҳанд: чунки дар колхозҳои ин чо соҳаҳои сердаромадро (забўри асалпарвариро, аз он чумла) тараккй намедиҳанд.

Аз ин маънидодкунии бесарунўг фақат як хулоса баровардан мумкин аст: дили нохоҳам, узри бисьёре. Ин роҳбарон аз қабили ҳамон одамонеанд, ки дар хона нишаста, ба моли бозор нарх мемонанд ва сари кореро нагирифта, онро бадном мекунанд. Хеле хуб шуд, ки ибрати колхози ба номи Ленин беҳуда будани ҳамаи ин гапҳоро фош карда партофт.

* * *

Мо бо Фатҳуддинов дар саҳро вохўрдем. Се трактори МТС-и Обигарм заминҳои аз заҳир холишудаи дашти Бедонаро шудгор менамуд. Раис аз рўи шудгори нав чобукона қадам партофта, ҳар замон ба замин

диккак менишаст ва хоки тозаро ба каф гирифта, зехи мемонд, бӯй мекард ва бо кафи дастонаш майда намуда, боз ба замин мепошид. Ба шахси ношинос аз дур рафтори ӯ ачоиб менамояд: гӯё аз бекорӣ хокбозӣ мекунад. Дар хакикат ин тавр нест. Саид-ака деҳкони кӯҳна аст, мӯйсари вай махз дар кишлоқ сафед шудааст. Вай ҳаёти худро дур аз замин, аз трактор, ферма, хирман тасаввур карда наметавонад.

Ин дафъа авзои раис парешон буд. Мо аввал гумон кардем, ки ӯ аз рӯи осмонро пӯшидани абрҳои серборони тирамохӣ дар ташвиш аст.

— Рафтем аз ин чо, хозир борон меборад,— гуфт Фатҳуддинов ва ҳангоме ки ба роҳ даромадем, муддате хомӯшона ҚАДАМ зада, илова намуд: — Мегӯяд, ки пеш нарафтан дар як чо пой задан набуда, балки ҚАФО рафтан аст. Гапаш дуруст-а?

— Кӣ мегӯяд?— хайрон шудем мо.

— Шукуров, котиби райкомамон. Пагохӣ боз дар хамин чо буд, навакак рафт.

Ана гап дар кучо будааст. Имрӯз котиби райком омада ба раис ба чои тахсину офарини муқаррариаш як ҚАНОР таънаю танбех гуфта рафтааст.

Дуруст фикр карда бинед — гапҳои котиб сар то сар ҳаҚАНД. Саид-ака аз муваффакиятҳои колхозаш ҳаргиз маҒрур нашудааст. Не, вай ин хел одам нест. Лекин дигаргунихои мусбате, ки дар ҳаёти колхоз ба амал омаданд, ӯро ҚАДАРЕ хотирҷамъ намуданд. Вай бо ташвиши кори ҳаррӯза овора шуда, ояндаи колхоз, чиҳати зиндагонии маданиии деҳкононро кам ёдоварӣ мекард. Бо таклифи раис дар ҳар участка яслии кӯдакон кушода шуд, ба миқьёси калон торфхосилкунӣ ривоҷ ёфт. Акнун чӯбу ҳезум сарфа шуда ба сохтмони бинохо ва дигар эҳтиёҷот сарф карда мешавад. Ин ва бисьёр дигар корхои нав — ҳамагӣ, бешубҳа, заруранд. Аммо соли охир пешрафти колхоз мисли ду соли аввал набуд. Хосилотро ГИРЕМ. Магар сездаҳ-чордаҳ центнер ҒАЛЛА аз ҳар гектар ҳадди охирин аст? Албатта, не. Дар Точикистон колхозхое ҳастанд, ки дар шароити аз дашти Бедона беандоза душвортар ду баробар зиёд хосил мегиранд. Роҳу воситаи афзун намудани хосилот бошад, ҳадду хисоб надорад.

Дар масъалаи корхои маданӣ-равшаннамой ҳам таҒьирот ҳанӯз кам аст. Клуби васеи зебое сохта мондааНду аз он ба одамон нафъи дуруст намерасад. Фа-

кат гох-гох дар клуб мачлиси умумии колхозчиён барпо мешавад. Муаллимон ва дигар интеллигентхои кишлок барои вусъат додани корхои оммавй-маданй ёрии калон расонда метавонанд, онхо ин гуна хохиш хам доранд. Аммо аз ин кувваи бузург истифода бурда намешавад. Шукуров дар ин масъала, албатта, дар навбати аввал аз парторг Худойдодов чавоб мепурсад, лекин Фатхуддинов хам хак надорад бепарво гардад.

Колхози ба номи Ленин холо дар район ягона колхозест, ки станцияи электрикй дорад. Правления бошад, фикр намекунад, ки кувваи электр гайр аз равшан намудани хонахо боз дигар хел корхоро низ метавонад ичро кунад. Дар бораи ана ин чихатхои зиндагонй фикр накардан — аломати хотирчамъй, нишонаи фаромуш кардани талаботи имрузу фардо мебошад.

Инсон бо орзу зинда аст. Вай дар замони чанг — сулх, дар беморй — тансихатй, дар гуруснагй — таомхои болаззатро орзу мекунад. Агар танаш сихат, шикамаш сер, хаёташ осуда ва фаровон бошад, боз рузи аз он хам бехтареро орзу мекунад. Ба як орзу расида, дархол дигареро аз дил мегузаронад. Орзу кардан хусусан ба коммунист зарур аст, ки вай аз ухдаи ба даст овардани максади худ харчанд бе душворй набошад хам, хатман мебарояд. Ба коммунист лозим аст, ки баробари хал намудани вазифахои конкретии харруза дар назди худ максадхои калон гузошта, дар рохи ичрои он кушад.

Оре, хаёт танхо пеш рафтанро талаб мекунад. Дар замони мо, дар чамъияти мо дар як чо истодан ин яъне кафо рафтан аст.

Котиби райком ба Фатхуддинов хамин тавр гуфт ва раис ягон сухани уро пинхон накарда, ба мо накл кард. Мо намедонистем, ки ба вай чй гуем, уро тасаллй дихем, ё баръакс хак будани Шукуровро тасдик намуда, фикру андешаашро боз авч гиронем.

Хайрият, борон сар шуд. Вай мисли борони бахорон якбора фуру рехта то дар таки шипангчаи сари рох панах шуданамон хама чойро тар кард. Руи замин аз зарби донахои калон-калони борон чукурча пайдо мекард. Оби нахрча бошад, ба таври ачоиб мераксид. Катрахои вазнину шаффоф ба руи пурчини об афтода, мечахиданд, ба даххо зарраҳои марворидгун таксим шуда, дар руи нахр мегелиданду нопадид мешуданд. Баъзе донахо баробари афтодан худро бо ху-

боби нозуки зебое мепӯшиданд, гӯё мехостанд, ки пас аз саёхати дуру дароз дар осмони сард дар ин чо ба худ манзил сохта, ором гиранд. Вале, хайҳот... Қатраи обро ҳеҷ гоҳ оромӣ нест...

Фатҳуддинов ҳанӯз ғарқи хаёл буд. Аммо фикри ӯ аз манзараи табиат, аз афташ хело дур буд. Саидака шаби нахустини раисиаш деҳконони аз Сталинобод гандум овардаро дар ҳамин чо, дар лаби нахр, дар сари сероҳа дида буд. Шояд ҳамон шабро ба хотир оварда бошад? Е мумкин аст, ҳоло гуфтаҳои рохбари районро мулоҳиза ва муҳокима мекунад? Кӣ медонад!

Борон монд. Раис бо моён хайрухуш карда, пои пиёда ба сӯи МТС равон шуд. Шамоли сабуке, ки баъди борон бархост, ба ҳамон тараф вазида, ӯро аз тахтапушташ тела медод. Чуссаи каві ва устувори ӯ дар мобайни рохи калони сангфарш то хеле вақт намоён буд.

С. 1955

ФАТТОҲ ВА МУЗАФФАР

Маро бо Музаффар тасодуфи оддй рӯ ба рӯ кард. Агар хазлхои хунуки чӯраам Фаттоҳ намешуд, эхтимол Музаффарро хеч гоҳ намедидам ва холо дар ин чо бо ҳикояи худ вакти шуморо хам намегирифтам.

Бори нахуст ӯро дар райони Данғара дидам. Не, бехтараш аз як сар накл кунам. Ҳозир гуфтам, ки бонси шиносони мо ҳазли чӯраам Фаттоҳ шуд. Фаттоҳро бояд шиносед, ақаллан ғоибона бояд шиносед. Дар Точикистон ӯро бисьёр касон медонанд. Вай раиси колхози бадавлат ва машҳури водии Вахш аст. Ман бо ӯ дувоздаҳ сол кабл аз ин дар институт чӯра шуда будам. Ҳар гоҳ ки гузорам ба райони ӯ афтад, ба наздаш меравам, вай ҳам агар ба Сталинобод ояд, албатта ба хонаи мо сар нахалонида намеравад. Соате чанд бо ҳам чак-чак мекунем, аз ин тарафу он тараф мелаккем, давраи таҳсили якчояро ёдоварй мекунем.

Лекин гуфтан даркор, ки вактхои охир мулоқотхои мо бо Фаттоҳ маро пештара барин хуш намеоянд. Пештар як-ду рӯз вакти холй, ки пайдо кардам, гӯё канот бароварда, ба наздаш парида мерафтам. Ҳоло ҳам маро ба колхози ӯ албатта ҳеч кас аз доманам дошта кашола намекунад. Худам меравам, чунки ӯро дӯст медорам, вай ҳам ба ман меҳри самимии бародарона дорад. Ба ин шакке нест. Бо вучуди ин вохӯриҳои мо ба ман чунон таассуроте мебахшанд, ки гӯё аз рӯи маҷбурият нони бенамак хӯрда истода бошам.

Як маротиба омадам, ки Фаттоҳ дар бомн иморати чалаи клуб бо дуредгарон сӯҳбат мекунад. Маро аз дур дида шинохт, саросема фаромада, ба оғӯш кашид ва мисли он ки муддати мадиде надида бошад, гарму чӯшон ҳолпурсй кард. Баъд аз шодию фахр дар куртааш базӯр гунчида, ба накл даромад, ки клуби бохашамати нав чй хел зинат дода хохад шуд, дар он чандто ва чй гуна муассисахои маданй чой мегиранд ва ғайра.

Дар ин вакт яке аз колхозчиён хабаре оварда ва ӯро лозим омад, ки ба сахро биравад.

— Дар ҳамин чо интизор бош, агар ҳавсала кунй,

ба хона рав, ман пас аз ягон соат бармегардам,— гуфту рафт.

Як соат нишастам, дарак нашуд, ду соат нишастам— аз ӯ ҳамон на пай буду на ҳайдар. Қисса кӯтоҳ, хело фурсат гузашта буд, ки як чавони наврас асп давонда омада хабар дод:

— Раисаком таъин карданд, ки аз идора меҳмонро гирифта биёр,— чавон инро гуфту лаҷоми асп ва қамчиро ба ман дароз кард.

Ҳурмати дидоратон, худам хело оташин шуда менишастам, ин гапро шунида якбора алав гирифта рафтам.

— Дар кучост худи раисакотон?— пурсидам бо каҳр аз чавони бегунох дар холате ки дасти лаҷомдоштаи ӯ дар ҳаво муаллақ монда буд.

— Дар тӯйхонаи мо, укои ман тӯй шуд...

— Чӣ кор мекунад раис дар тӯйхона?— ин саволи барзиёд дар холати хашмгинӣ аз даҳонам беихтиёр баромада рафт.

— Чӣ кор мекарданд...зиёфат-дия... Дар катори мардум зиёфат-дия...— гуфта чавон аз тааҷҷуб чӣ чавоб доданашро надониста, забон хонда монд.

— Пас ба раисакотон рафта гӯед, ки зиёфати хӯрдагишон дар баданашон ош шавад, курта-курта гушт шавад! Рафта ана ҳамту гӯед,— таъкид кардам ман такроран ва ба сари кӯча баромада, ба мошини боркаши рохгузар савор шуда, ба маркази район равон шудам.

«Бефаросот!— дашном медодам Фаттоҳро дар дилам.— Ту агар худписанди беандеша набошӣ, чӯраатро, ки туро гуфта омадааст, бе ресмон баста худ ба тӯйхӯрӣ меравӣ?! Агар дуи дубора ба ҳамин тарафҳо қадамамро монам, ҳарчӣ шавам!»

Дар болои мошин дар ҳавои кушод ғарки фикру хаёлоти пур аз ранҷишу зиллат нишаста, на шамоли роҳро ҳис мекардам ва на манзараи атрофро медидам.

Нохост мошин истод, бинам, ки «ЗИМ»-и Фаттоҳ дар кӯчаи камбари қишлоқ кӯндаланг истода, пеши роҳи моро гирифтаасту худи Фаттоҳ дари онро кушода мебароя д.

— Ҳа?— гуфт ӯ бо қавоқи гирифта.

— Ҳа?— гуфтам ман ҳам бо ғазаб.

— Фаро!

— Не!

— Чаро?

— Ҳамту. Рав ба корат. Мон маро.

Агар шумо қомати манора барин дароз, китфҳои паҳну синаи фарох, бозувони чун ғупчаки ароба ғафсу мустаҳкам, кафҳои табақ барин калон-калони дасти ўро медидед, ба осонӣ тасаввур карда метавонистед, ки ў чӣ тавр маро аз мошин кашола карда фаровард.

— Э ба деги шўрбо афтӣ, илоҳӣ! — ғур-ғур мекард ў дар рох.— Ба чӣ ароз кардӣ?

Аз ин ходиса боз ман гунаҳгор шуда баромадам. Фаттоҳ тамоми рох маро коҳиш мекард, ки «ба қадри чўрагӣ намерасӣ, якпула гапро баҳона карда оташин шудан мегирӣ» ва ҳоказо.

Шояд ҳамин хел ҳам бошад. Шояд «Кал — додари кўр» гуфтагӣ барин, дар ҳаринагӣ мо аз якдигар намонем. Дафъаи дигар, масалан, Фаттоҳ маро дидан замоно: «Биё, мухбир, биё, ин кадар камнамо шуда рафтӣ?» гуфт. «Мухбир» гуфта муроҷиат карданаш ба дилам сахт расид. Рости гап, ман аз мухбир будаанам худро хушбахт мешуморам. Ман фахр мекунам, ки мухбир ҳастам, мухбири газетаи марказии республика ҳастам. Аммо Фаттоҳ, ба назарам, ин гапро хазломез карда, бо чунон оҳанге гуфт, ки мехост ман тафовути байни ў ва худамро дарҳол ба ёд оварам, яъне: вай рохбари тақрибан панҷ ҳазор кас мебошад; вай депутат, аъзои як тўда ташкилотҳои ҷамоатӣ; овозаи вай ҳамчун раиси тақрибаноки колхози бой ва бузург то ба Маскав расидааст; ба пеши вай аз газетаю журнал, радиою кино ҳар рўз қатор-қатор мухбир ва намояндаҳо омада илтимос мекунанд, ки барояшон чанд дақиқа вақт ҷудо кунаду аз корубори колхозаш нақл намояд... Ман бошам, яке аз ҳамон мухбирҳоям, ки бо кунҷковию саволборони худ сари ўро гаранг мекунанд.

Бале, нидои ў ба ман сахт расид. Фаттоҳ зуд авзоамро пай бурда маро ба оғўш кашид, дар бағалаш фушурда, пойҳоямро аз замин канда, алвонҷ дода боз ба замин гузошта, расо ба ҷонам расонид. Охир ҳам хандидаму аз оғўш ва навозиши ў рахоӣ ёфтам.

Қариб ҳар дафъа аҳвол ҳамин. Намедонам, қасдан ё ғайри ихтиёр аввал меранҷонаду баъд бо мехрубонию меҳмоннавозиаш аз дилам мебарорад. Бехтарин мева, таом ва дигар нуқлу навои дар бисоташ бударо кашола карда меорад, дар пеши ҳамсафонаш маро, дўстии моро ба осмони ҳафтум мебардорад. Баъд дар хонаи танҳо ҳамаи дарду ҳасрати дар дил ғундоштаашро изҳор мекунад, маслиҳат мепурсад ва ҳамин ки рафтанӣ

шудам, ҳазор ҳилаю баҳонаро ба кор бурда, аз роҳам бозгоштанӣ, дар назди худ боз чанд соати дигар монондани мешавад.

Порсол дар охирҳои моҳи май дар хонааш ҳардуямон як шабро бо сӯҳбат рӯз карда баромадем. Ҳеҷ чизи дахл накардаамон намонд: на воқеаҳои солҳои якҷоя хондаанамон, на ҳодисаҳои байналхалқӣ, на ҷанҷоли зану бачаю кача. Субҳдам ба хоб рафтем. Дере нагузашта кӯрпаро аз болоям гирифта партофту фарьёд кардан гирифт: «Хез, ин ҷо ба ту шаҳр нест, ки то чоштгоҳ бихобӣ. Кори колхоз сар шуд!»

Баъди ношто рафтанӣ шудам. Намонд. Гуфт, ки худаш ҳам ба Кӯрғонтеппа меравад, бо мошинаш бурда мемонад.

Дар ҳақиқат дар назди идора «ГАЗ-69»-и наппа-нав омодаи сафар меистод. Зоотехникаш ҳам савор шуд. Мани аз хоб монда дар роҳи ҳамвор пинак мерафтам, раис шавкун карда ба зоотехникаш кор ёд медод. Як вақт бинам, ки аз Кӯрғонтеппа кайҳо гузашта, бо роҳи райони Октябрь рафта истодаем.

— Биист,— гуфта аз китфи Фаттоҳ доштам.— Куҷо мебарӣ маро?

— Натарс, ба дашти Қарбало намебарам,— ҷиддӣ чавоб дод ӯ.— Ҳозир ба як ҷо меравему баъд зуд баргашта туро ба колхози даркориат бурда мерасонам...

Аммо ҳеҷ набуд, ки ба он «як ҷо»-и Фаттоҳ гуфтагӣ расем. Бисьёр бетоқатӣ кардан гирифтам, ки охир ба нияташ иқрор шуд:

— Ту бахузур хоб кун. Як сари кадам ба Данғара рафта меоем, молҳоро хабар гирифтан даркор.

«Як сари кадам ба Данғара!» Бо роҳи миёнбур 125 километр... Дар паси нишастгоҳи мошин ҳалтаҳои намак, канд, куттиҳои чой, батареяи радиоприёмник мехобид. Асбоби равғанҷудокунанда дар ҳар такон хӯрдани мошин ба ҳафтод маком ҷарангос мезад. Ман, ҳурмати дидоратон, ба ин чизҳо нигоҳ карда истода, ҳафтафаҳмии худро маломат мекардам. Охир кӯдак ҳам ба осонӣ пай мебурд, ки ҳамаи ин ашьёҳоро танҳо ба фермаи дурдасти чорводорӣ бурдан мумкин. Алалхусус ки зоотехник аз ҳама пеш ба мошин савор шуда менишаст.

Чеҳраи турши норозиёнаи мухаррири газетаамон ба пеши назарам ҷилвагар шуд. Аммо ҳоло дигар чора набуд, кайҳо чорьяки роҳро тай карда будем. «Ҳар чӣ бодо бод!— гуфтам дар дилам,— сайр ҳам сайр асту саргар-

дони ҳам, шояд аз чарогоҳҳои тобистонӣ ягон материали ачоиб пайдо кунам, он гоҳ мухаррир ҳам хафа намешавад».

Ҳайҳот... Фурсати кофтукови «материали ачоиб» набуд. Ҳамин ки ба чарогоҳ расидем, раис чорводоронашро ғун карда, мачлис орост. Чўпонон, галабонҳо, духтурони мол аз дидани раиси номдори худ, аз хушхабарҳои овардаи ў хурсанд буданд. Дар водӣ чигит яксара сабзид, аҳволи пахта, ғалла, боғу боғча хело нағз аст. Имсол қимати рўзи меҳнат ба 40 сўм хоҳад расид.

Фаттоҳ дар зимни гап ба сўи ман ишора карда гуфт, ки лектори хуберо ҳамроҳ овардааст, ки аз аҳволоти байналхалкӣ, аз навигариҳои кишварамон ҳикоя карда медиҳад.

Ночор лектор ҳам шудам, аз рўи дониш ва тавонам нақле кардам.

Соӣ ба ибораи Фаттоҳ «базми чўпонӣ» сар шуд. Мудири ферма як гўсфанди бўрдоқиро аз раман худаш (ман намедонам, ки раман ў дар ин чо чи кор мекард) сар зада, дар кўра бирьён карда овард, аз кучое бошад, як миқдор май ва як хик айрон пайдо шуд.

«Базми чўпонӣ» нагузошт, ки бо чўпонон дурустакак ғалзанон кунам.

Пагоҳи дигар вақте ки ба Данғара наздик мешудем, ба Фаттоҳ гуфтам, ки ман дар ҳамин район коре дорам.

— Ихтиёрат,— гуфт ў дар чавоб,— лекин медонам, ки аз ман гурехта истодаӣ.

— Не,— гуфтам,— аз ту чаро гурезам? Аз ту чои тарс надорам, раис.

Хандиду хайрхуш карда, ба мошинаш савор шуд. Аммо дақиқае нагузашта, пас гашта фаромад ва ба мукобилам расида ба садои пасти махзунона гуфт:

— Торафт дарундор шуда истодаӣ, Ҳошим. Ким-чӣ хел бегона барин.

— Худат бегона...— гуфта будам, ки суханамро бурид:

— Ин тавр накун, чўра, зуд-зуд омада ист, ки чорта лаккида ғубори дилҳоро барорем.

...Дар канори рохи калон меистодаму ба кори худ ҳайрон будам. Ба ман-ку ба водии Вахш рафтан лозим, аз мошини тайёр фаромада монданам кори ачиб нест магар?

Шумо шояд донед, ки аз Данғара рост ба тарафи Қўрғонтеппа нақлиёт кам аст. Ман дар чойхонаи сари роҳ хело вақт мунтазир истодам.

Гашти пешин як «Победа»-и кўҳнаи қаҳваранг омада дар назди чойхона қарор гирифт. Рониада, марди лоғари миёнакаде, ки ранги рухсораш аз бемории дуру дарозе зард шуда, бехи бинй ва таги чашмонаш хело фурў нишаста буд, ба чойхона даромада рафт. Ман, ки то хало ба пеши ҳар як шофер давида рафта, ба кучо сафар кардаиашро мепурсидам, ба ин мард чизе нагуфтам, чунки мошинаш холй буд, дар паҳлуяш сардораш наменамуд ва ман қарор додам, ки ин «Победа» азони ягон идора ё колхози ҳамин райони Данғара аст.

Рониада чои яхнй нўшида баромад ва аз нишастгоҳи худ як термоси хурдакаки хитонро гирифта, боз вориди чойхона шуд. Иттифоқо гуфтугўи ўро бо самоворчй шунида мондам, ки «то худи Шаршара дигар чойхонаи дуруст нест, дар роҳ ташна мемонам»— мегуфт.

Хурсанд шуда, аз рониада илтимос кардам, ки агар ба райони Октябрь мерафта бошад, маро низ ҳамроҳ бигирад.

— Хуб мешавад,— гуфт ў,— аммо дар роҳ ба як кишлоқ медароям, нимсоата кор дорам.

Офтоби гаштирўзй заминро сахт метафсонд. Аз тирезачаҳои шамолдаро ҷараёни боди тафсон ба шаст даромада, нафаси касро ҳариб мегардонид. Нури офтоб, марғзори хушкидаи талу теппаҳо, ғаллазори ду тарафи роҳ — ҳамагй ба як ранг — ба ранги забонаи оташ тобиш дода, чашми касро мебурд.

Дуроҳае ки як шохааш ба водии Вахш мебурд, дар ақиб монд. Боз муддате роҳ паймуда, ба дасти рост тоб хўрдем. Мошин дар роҳи нарми даштй бо суръати том медавид, ба ҳаракатҳои сабуки дасту пои рониада чун аспи зиракй ром, фавран итоат карда, чуқуру чақарҳои роҳро гоҳ аз як паҳлу, гоҳ аз паҳлуи дигар монда ва гоҳ ба мобайни чарҳҳояш гузошта пеш медавид.

Дар дуродур ба мобайни дарае як воҳаи сабз намудор шуд.

— Ба ҳамон деҳа меравем?— пурсидам ман ба сўи воҳа ишора карда.

— Не-е,— мад кашида гуфт рониада.— То он ҷо боз се деҳаи дигар ҳаст. Аз ин ҷо наметобад.

Ниҳоят ба деҳаи якум наздик шудем, аммо рониада ба худи деҳа нафаромада, болотар аз он дар пеши тали

баланди фарохе карор гирифт. Рӯи тал қабристон буд. Дар болои як хоктӯда ялаве зада буданд, ки ранги латтапораи он аз таъсири офтоб канда, аз такони бодҳои сахт мисли дандонаи арра кунгура бароварда буд.

Рананда охиста-охиста боло рафта, ба хоктӯдаҳои алафзеркардаи қабристон синчакунон чанд дақиқа давр зад. Окибат дар як ҷо диккак нишаста, муддате чашм ба замин дӯхта беҳаракат монд, сонӣ нигоҳаш ба кадом як нуктаи силсилаи кӯҳсори дур равона шуду худаш боз ба сукут рафт.

Ман ба аломати ҳамдардӣ ба ӯ наздик омада, дар паҳлуяш нишастам. Ӯ ҳанӯз тамоман ғарқи хаёл буд ва нохост «А?» гуфта ба ман рӯй овард.

Нидои саволомези ӯ маро мутараддид намуд.

— Дар ин ҷо қабри ягон шахси наздикатон?..

— Ҳо, модарам, қабри модарам. Бинед, ки ёфта натавонистам, ҳамааш як ранг, худам гӯронда будаму ёфта натавонистам.

...Боз мошин пеш медавид. Акнун аз тарафи рост шӯҳаҳои ҷигарранг, аз чап дашти сералаф тӯл кашида буд. Дар пеш домони осмонро шафақи бегоҳӣ лолагун мекард.

— Бепарво мардумем мо, точикон,— мутафаккирона гуфт рананда аз роҳ чашм наканда.— Мебарему ба хок месупорем, бо ҳамин тамом. Қабристони русҳо, яҳудиҳоро дидаед? Ҳамеша сабз, ҳамеша обод. Ман гӯри модарамро нашинохтам. Ду сол боз омада, ба сари қабраш ягон нишона монданӣ будам... Манзили абадии инсон бояд ба хотираи покаш муносиб бошад...

Ман хомӯш нишаста, гӯш мекардам. Баъди зиёрати қабристон вуҷуди одам одатан аз фикрҳои ғамовар пур мешавад. Ба суханҳои ӯ эрод гирифтан мумкин бошад ҳам, ҳоло мавриди баҳс набуд. Дилам бе ин фикрҳои хузнангез ҳам танг шуда буд. Ба сабаби ҳазли хунуки Фаттоҳ ду рӯз боз дар дашту саҳро овора шуда гаштаам. Супориши идора ҳанӯз иҷро нашудааст.

— Мебахшед, шумо чикораед?— пурсид рананда.

— Ходими рӯзнома, мухбири донмӣ дар водии Вахш.

— На-аҳ, мухбирӣ ҳам — кори нагз. Ҷаҳонгардӣ, ҷаҳонбинӣ...

— Чандон ҳам ҷаҳонгардӣ не-куя. Ман фақат дар чор район мегардам.

— Гап дар миқдори район нест. Гохо дар як район ҳам як ҷаҳонро мебинад кас.

Эҳтимоли ман, ки ин одам шофери касбӣ нест, торафт қувват мегирифт. Ман ҳам савол додам:

— Худатон дар кучо кор мекунед?

— Дар колхоз. Ман — парторги колхози «Иттифоқ» Музаффар Мӯҳсин.

Районҳои «минтақаи мухбирии» ман дигар, ки буд, хатто номи ин одамро нашунидаам. Аммо аз таассуроти ҳамин як соати ҳамсафарӣ хулоса бароварда будам, ки вай бояд одами зиқи дилмурдае бошад. Охир, хурмати дидоратон, аз ин пеш шиносии ман бо ҳеч кас дар роҳи қабристон барпо нашуда буд ва то он рӯз парторгеро дучор нашуда будам, ки ба он дараҷа лоғар, заҳирандом ва ин қадар оддӣ либос пӯшида бошад.

Хайрият, таассуроти аввалинам хато баромад.

...Пагоҳи дигар дастурӯй мешустам, ки мудири меҳмонхонаи колхоз Марта-хола, зани 40—42-солаи немис хабар дод:

— Саҳарӣ парторг телефон карда буд. Узр мехоҳад, ки мувофиқи ваъдааш бо шумо вохӯрда наметавонад. Дар саҳро кор баромадааст.

Он рӯз хаво салкин буд, шамоли серун мевазид, дар осмон абрпорахои бузурги тирагун шино мекарданд.

Ба идора даромадам, ки касе нест. Фақат дар назди телефон котиби колхоз—як пирамарди бузриши нигохҳояш тез ва ҷавонвор либоси ихчаму шинам пӯшидае менишаст. Ӯ гуфт, ки ҳама дар саҳроанд, аз пахтазор кирм мечинанд. Хо, кирм мечинанд. Дина ба сари пахта офати ногаҳоние омад: нихолҳои нав сабзидаро шабпараки тирамоҳӣ гуфтанӣ кирм кир карда истодааст. Аз ин балои зормонда се сол боз ному нишоне набуд, имсол аз нав пайдо шуд, боз дар чунон як масоҳати калон, ки ҳоло дили ҳама сип-сиёҳ аст.

Ман пиёда ба бригадае, ки аз гуфти котиб, Музаффар дар он ҷо буд, равона шудам. Аз қиёфаи изтиробомез ва такопӯи мардум аён буд, ки офати бар сари кишт омада дар ҳақиқат ҷиддист. Гурӯҳ-гурӯҳ колхозчиёни марду зан, пиру ҷавон савори мошин, ароба, қисме бо велосипедҳо ба ҳамон тарафе ки ман мерафтам, шитоб мекарданд. Инҳо колхозчиҳои дигар бригадаҳо буданд, ки ба ёрии рафиқони худ мерафтанд.

Замини як ҷиреби алоҳида, тақрибан саду ҳафтод гектар майдонро кирм зер кардааст. Саду ҳафтод гектар...

Бечора ниҳоли пахта! Чӣ азобҳои сахте ба сари ин растании нозук намеояд. Хусусан дар моҳҳои апрель ва май, ки айёми кӯдакиаш ҳисоб меёбад. Мабодо агар сел ояд, заминро шуста, ниҳолчаҳоро коҳ барин осонакак ғелонда ба ким-кӯҷоҳо мебарад. Агар жола борад-кӯҷои гап не. Дар зери зарбаҳои яхча танаю баргчаҳои ҳанӯз бемадораш ширт-ширт шикаста рехтан мегиранд. Ҳамон боронӣ оддӣ ҳам ба ҷони вай соле чанд бор таҳдид мекунад. Баъди борон қабати рӯи замин шӯх мебандад, ки деҳконон онро сафолак мегӯянд. Агар ҳамин сафолакро сахт нашуда нашиканед, аз чаҳор тарафи ниҳол фишор оварда, дар охир мисли он ки қайчӣ карда бошанд, танаи нозуки онро оҳистаяк бурида мепартояд.

Дар ин ҷо растании аз ҳаман хавфу хатарҳо (пас аз кишти дубораю себора) базӯр ҷон ба саломат бурдаро акнун кадом як кирми ноинсоф қир мекунад.

Сахро пур аз одам, гӯё ба ҳар як ҷуфт ниҳол як кас часпида гирифтааст. Ин гуна манзараро дар пахтазор на тобистон мебинед, на тирамоҳ—дар ҳангоми ғунучини хосилот.

Дар дасти ҳар кас яктой зарфи шишагини то нисфаш об андохташуда. Вай ба мобайни ду қатори растанӣ диккак нишаста, бо корд, чӯб ё ягон чизи дигари нӯктез хоки атрофи ниҳолчаро бо эҳтиёт тит карда, решаро қариб луч мекунад. Кирми хокистарранги сабзтобро қапида ба даруни шиша меандозад, ки муносиби зиёнкориаш мукофат ёбад. Кирм одатан чандон чуқур намеравад, ба вай ҳам охир нафас кашидан лозим. Аз ҳамин ҷиҳат онро дошта гирифтан осон, лекин фаромӯш накунед, ки дар як гектар замин дар он шабу рӯзҳо (ки ниҳолҳо ҳанӯз ягона карда нашудаанд) то саду шаст-саду ҳафтод ҳазор дона ниҳол ҳаст. Ин ба гуфтан осон! Агар аз ин ҳашарот як кисми ночизе ҳам дар хок боқӣ монад, тамоми меҳнат барабас меравад.

Пайдо шудани офатро аз ҳама пеш сардори бригадаи сеюм Тамара Сойфер фаҳмид. Вай намин ҷӯякҳоро месанҷам гуфта, ба дарунтари карта даромада буд, ки назараш ба ниҳолчаи шикаста ҳобидае афтод. Як қадам дуртар боз як ниҳолча афтода мехобид. Тамара ба зону нишаста зеҳн монду пай бурд, ки ин кори шабпараки тирамоҳист. Растанӣ ба тозагӣ—фақат чанд дақиқа

пеш аз ин нобуд шудааст, дар ҷои буридашудаи танааш ҳанӯз қатраи шира медурахшид.

Чӣ хел фиғони кас набороя аз ин манзара? Модаре, мисол гирем, ба ҷое раваду баъди се-чор рӯз ба хонаи худ баргашта бинад, ки фарзандони дилбандаш ҳамагӣ дар бистари марганд: яке дар оташи таб месӯзад, дигаре бо ҷароҳати хуншор мегирьяд ва ҳоказо. Тамара, ки модари се бача ва пахтакори дерина аст, фалокати ба сари кишт омадаро маҳз ҳамин тавр дарк намуд ва ба идораи колхоз давид...

Дар сари дорғоти калон роҳбарони колхоз, аксари бригадирҳо ҷамъ омадаанд. Музаффар аз болои тахтапул ба об нигоҳ карда менишаст. Оби лойолуди сурх аз зери оҳантахтаи дорғот бо тазъики зӯре гузашта, дар ҷоваи бетонӣ ҷӯшида, кафк карда, гӯё ба ақиб баргаштанӣ бошад, ҳудро боз ба деворои дорғот мезад.

Наҳод бе гуноҳи касе кор боз ақиб равад, наҳод дар масоҳати саду хафтод гектар ҳамин қадар меҳнат, ҳамин қадар ранҷу заҳмат барбод равад?

Раис аз ноомади кор зиқ шуда, мешӯрид, ба ҳама сахт-сахт гап мезад.

— Дониста мон,— мегуфт ӯ ба сардори ҳамин ҷиреб, ки се бригадаи офат расидаро дар бар мегирад,— агар ҳосил як грамм кам шавад, аз ту мегирам. Доруро сарфа кардӣ? Ба колхоз нафъ расонданӣ шудӣ?

— Не, охир, Маъруфако, дору сарфа накардаем, ба кавли коммунист бовар мекунед ё не?— эътироз мекард сардори ҷиреб ҳам оташин шуда.

— «Қавли коммунист» будааст! Пас чаро дар ҷиребҳои дигар кирм набаромад?

— Мебароя!— аз ҷояш хеста хитоб кард Музаффар.— Агар мо дар ин ҷо бахсу мунозира карда нишинем, дар ҷиребҳои дигар ҳам пайдо мешавад,— ва бо оҳанги нарм илова намуд:— Маъруф, вакти мунозира нест ҳозир, дӯстам. Гунаҳгор агар бошад, баъд ёфта ҷора мебинем. Ҳоло илочи корро кардан даркор. Агар кирм имрӯз ҳам зинда монад, пагоҳ ниҳоли саломатро ёфта наметавонем.

— Хайр, боз чӣ кор кунам? Дар тамоми колхоз-ку одам намонд! Бо талаби ту хатто бухгалтеру ҳисобчиҳои идораро ба сахро баровардам. Боз одамро аз кучо ёбам? Е худам зоям-мӣ?

Дигар вакт мешуд, Музаффар ба ин гуна дуруштгапии раис нигоҳ карда наменишаст. Имрӯз кайфи раис

сахт гурехтааст. Агар эътироз кунад, ба худи парторг хоҳад дарафтод, ки ин ҳама касофат натиҷаи ихтироотӣ туст, самараи ҳамон мусобиқаест, ки порсол барои сарфаю сариштаи дору ва нуриҳои маъданӣ эълон карда будӣ. Як-ду бригадир «сарфакорӣ мекунем» гуфта, нуриро ба замин аз меъёр кам андохта буданд. Ин агрономи ношуд ҳам, аз афти кор, ба заминҳои чиребаш дорои захрнокро кам андохтааст, ки тухми шабпараки тирамоҳӣ зинда мондааст.

Музаффар ду-се нафарро ба мактабҳо фиристод, то ки муаллимон ва талабаҳоро ба ёрӣ ҷеғ заданд.

Ҳурмати дидоратон, агар дар чунин рӯзи пурташвишу тараддуд дар ягон колхози дигар мебудам, аз ғусса дилам торс мекафид. Ба хушбахтӣ, ин колхоз аз колхозҳои дигар тафовут дошт. Рӯзи дароз дар саҳро ва посёлкаҳои колхоз мегаштаму (оре, дар ин ҷо деҳаҳои аҳолинишинро «қишлоқ» не, балки «Посёлкаи Зарбдор», «Посёлкаи Москва», «Посёлкаи Марказ» меноманд) худро тавре ҳис мекардам, ки гӯё ба ягон сарзамини тозаи аҷоиб афтода бошам. Худатон медонед, ки қисми зиёди умри мухбир дар қишлоқ мегузарад. Ман ҳар хел хоҷагиҳоро дидаам, ҳар хел рохбарон, ҳар хел одамонро. Лекин тартиб ва тарзи кордорию зиндагониеро, ки дар ин ҷо мушоҳида кардам, дар ҳеҷ ҷой надидаам.

Навакак ба шумо офати ба як чиреби колхоз омадаро арз кардам. Ҳурмати дидоратон, бовар кунед, ки барои колхозчӣ ин гапи ҳазл не. Охир нисфи ҳосил, нихолаш ҳанӯз дуруст ҳомат рост накарда, талаф шуд. Аммо дар ягон гӯшаи колхози бузург аз шавқуну воҳима ё аз давуғечи бесарусомон осоре надидам. Гӯё ҳама аз ин ходиса пешакӣ огоҳ ва ба дафъи он омода бошанд, бо як тартиб ва низом ба ёрии шариконашон шитофтанд ва ҳанӯз торикӣ нафаромада, душмани зироатро ба шишаҳои обдор ҷой карданд.

Ман аз рӯи одати касбии худ сабаби ин аҳлӣ ва тифоқии мардумро дарьёфтанӣ мешудам. Ба назари ҳар касе ки ба ин ҷо омад, аввал ҳайати миллии ғайриддии аҳли колхоз намоён мешавад. Дар ин ҷо интернационализми ҳақиқӣ ҷорист. Як вақтҳо дар қишлоқҳои ин колхоз муҳоҷирони рус, немис, қазоқ ва қирғиз истиқомат доштанд. Сонӣ, наздик будани посёлкаи ГЭС-и Шаршара ва чиреби дуюми Вахшстрой ҳам ба таркиби миллии халқи ин диёр таъсири худро гузоштааст. Аз

кўчаҳои посёлка мегузареду ҳайрон мешавед: ҳамаи хонаҳо ба як шакли умумӣ бино ёфтаанд, аммо бому деворӣ якеро ўзбекҳо таъмир карда истодаанд, дар ҳавлии дуюм тоҷикзане гов мечўшад; аз тирезаи хонаи дигар суруди русӣ ба гўш мерасад.

Дар пеши як хона дар болои суфачаи хиштин зани солхўрдаи малламўи кабудчашм набераи худро бозӣ доронда менишаст. Чашму абрўҳои сип-сиёҳ, ранги гандумгуни бадан, рўи кулчаи пахн ва биничаи андаке пачақнамои кўдак бо забони ҳол мегуфт, ки домоди ин модаркалон ё казоқ аст ё қирғизписар, ё худ арўсаш духтари яке аз ин миллатхост.

Аниқ дар хотир надорам, ё соли 1947 буд ё 1948, газетаи «Коммунист Таджикистана» дар як сахифаи 5 декабрь—рўзи Конституция баровардааш ҳаёти мардуми ҳамин колхозро ҳамчун мисоли интернационализми халкҳои мо сифат карда буд. Ман набераи ин занакро дида, ҳамон шумораи газетаро ба ёд овардаму чанд қадами дигар пеш рафта дар худи ҳамин ҷо шоҳиди манзарае шудам, ки ҳарчанд хурд ва назарногир бошад ҳам, суханони газетаро тасдиқ менамуд: мўйсафеди ўзбекандоме ҷоиаи майдалагандаи ласи сиёҳ дар тан як халта ордро ба болои велосипеди кўҳнаи чарҳҳояш кажукилебшуда хўрҷинвор партофта, онро ётак карда меомад. Дар ин вакт як ҷавони мотоциклсавор, аз афташ, рус ё белорус, омада аз мўйсафед чанд кадам пештар гузашта истод. Ман дур будам ва гуфтугўи онҳоро намешунидам. Лекин хаминро пай бурдам, ки ҷавон орди мўйсафедро ба мошини худ бор карда ба хонааш бурда доданӣ буд. Пирамард эҳтимол ҷавонро захмат додан намехост. Такрибан ду дакика кашокаш карданд, охир ҳам ҷавон халтаро аз велосипеди бобо гирифта, ба пушту мотоциклаш басту рафт. Мўйсафед риши кулўтаи сафедашро каноатмандона даст-даст карда, муддате дар миёни кўча истод, баъд ба «маркабаш» савор шуда рох пеш гирифт.

Дар колхози «Иттифоқ» сайру гашт карда, заррае ҳам хастагӣ ҳис намекардам, чунки бисьёр чизҳо барои ман завковар буд. Дар посёлкаи Москва дар зери чинори кухансоле як дўкони калони меваю сабзавот сохтаанд. Дар он ҷо аз гелоси саврию тути заминию нахўду биринҷ кашида, то пиёзу сабзӣ ва лаблабую шалғам анвои меваю сабзавот ва соири озуқаворӣ ҳаст. Нархи молҳо чунон арзон, ки каси беруна ҳайрон мешавад. Ге-

лоси саврй, масалан, килояш ду сўм. Ман ҳамагй се-чор рўз пеш бозори Сталинобод ва Кўрғонтеппаро давр зада будам, гелоси дар роҳ нисфаш пачаку пучук шударо хому пухта бад-баробар дувоздаҳсўмй мефурўхтанд.

— Аз гелосатон ба ман ҳам мефурўшед?— пурсидам аз мудири дўкон.

Вай лаҳзае ҳайрон шуда истод, баъд ҳандиду гуфт:

— Чаро нафурўшем? Марҳамат кунед, чй қадар лозим?

— Ягон сесад-чорсад грамм.

Мудири дўкон боз табассум кард.

— Наҳанд, ака! — ба муомилаи мо ҳамрох шуда гуфт точикзане ки нисфи рўяшро то зери бинй бо қарси сафед пўшида дар назди пештахтаи дўкон меистод.—Ин кас меҳмон барин менамоянд. Барои хўрдан мегиранддия.

Занак писарчаашро имо карда фармуд, ки гелоси ман харидаро ба оби тоза шуста биёяд.

Ҳандаи мудири дўкон бечиз набуд. Дар ин чо сангчаҳои садграммиву дусадграммй, аз афти кор, ҳамеша бекор мехобиданд. Колхозчихо хатто равгани маска ва асал барин чизхоро ҳам сатил-сатил харида мебурданд.

Ҳамин хел дўкон дар ҳамаи посёлкаҳо буд. Дар посёлкаи Марказ бошад, магазини бузурге сохта буданд, ки ба болои он лавҳаи «Баққолй»-ро овезанд ҳам, мухобот намешуд.

Дар як чорраҳа назарам ба автомошини каппанок афтод, ки атрофашро чанд нафар занон ва бачахо гирифта буданд. Духтараки яктаки сафедпўш аз болои мошин истода шир мефурўхт. Ман ҳам наздик шуда аз яке пурсидам, ки оё ҳар рўз ҳамин тавр дар кўча шир мефурўшанд?

— Хо, рўзе ду бор, саҳарй ва бегох,— чавоб дод занак ва аз сар то ба поям кунчковона чашм давонда илова намуд:— Аниқтар гўям саҳарй соати шаш ва бегохй соати ҳафт.

Аз ин нигоҳҳои кунчковонаи шўх ва чавобҳои батафсил бўи як навъ ифтихор меомад.

Фахр кунанд ҳам меарзад. Қандаша занад колхоз! Ман дар Сталинобод дар кўчаи Айнй истикомат мекунам. Занҳои чанд хавлй як шуда ба идораи савдои озука ариза навишта буданд, ки ё магазини ширфурўширо барвақттар кушояд, ё савдои сайёри ширро ташкил кунад. Ҳурмати дидоратон, як мошинча дар гирду пеши

ҳавлии мо ду-се саҳарӣ шир оварда фурӯхту баъд ғоиб шуд, бо ҳамин «ғамхорӣ» дар ҳаққи соҳибхонаҳо ба охир расид.

Аммо дар ин қишлоқи дуруст ширро рӯзе ду маҳал ба таки дари колхозчӣ бурда мефурӯшанд!

Модагови худашон мегӯед-мӣ? Не, аксари колхозчиҳо аз баҳри говдорӣ гузаштаанд. Дар ҳақиқат чӣ лозим модагов? Ширу равғане ки колхоз мефурӯшад, аз он ки худи деҳқон аз модаговаш мегирифт, арзонтар меафтад. Пас, барои чӣ модагов нигоҳ дорад? Оё барои ташвишу давуғеҷи алафдаравию хошокҷамъкунӣ?

...Бегоҳӣ ба меҳмонхона баргаштам. Марта-хола маро интизор будааст.

— Як дам истед,— гуфт ӯ.— Ҳозир ман шуморо ба хонаи Музаффарако мебарам. Худаш таъин карда рафт.

Хонаи парторг чандон дур набудааст. Марта-хола маро дар рӯи боғчаи Музаффар монда, худ вориди хона шуд. Дар полизи боғча ду-се чӯякӣ ҳар гуна сабзавот кошта буданд. Як миқдор картошкаи баҳорӣ канда шуда буд ва духтарчаи 12—13-солаи фарбеҳаки чиддисимо он картошкаро чида ба сабад меандохт.

Духтарча салом дода, аз хона барои ман курсие бароварда монд. Аммо ман нанишаста, низ ба полиз даромадам ва картошкаро чида ба сабад андохтан гирифтам.

— Не, не, шумо нишинед, таго,— шармгинона эътироз кард духтарча.— Дадом коҳиш мекунанд.

— Киро? Ба чӣ?

— Маро коҳиш мекунанд,— духтарча бо оҳанги узрхоҳона илова намуд:— Мо дар полиз худамон кор мекунем. Ин чизҳоро худамон кошта, калон кардем. Фаҳмидед?

Ман ба ҷавоб лаб накушода, Марта-хола ки ин вақт аз хона баромада буд, ба забони вайрони точикӣ гуфт:

— Мон, Холидаҷон, ин кас аз колхозамон не, меҳмон ҳастанд.

Холида дудила шуда монд. Ман ҳам таки гапро сарфаҳм рафта илова намудам:

— Ба ҷои музди корам аз ҳамин картошка ба ман камтар пухта медиҳед. Хуб-мӣ? Ман ҳам картошкаи бугиро бисьёр наг мебинам.

Музаффар баъди муддате мурғи кушта паркандае

дар даст омаду аз дари ҳавлиаш даромадан ҳамон гуфт:

— Зиндагии мо, меҳмон, тоза ҳам шоҳона. Фақат шӯрбои мурғ меҳӯрему асал.

Бечора ба дарди сахти меъда гирифтор будааст. Ман алҳол ба шумо нагуфтаам: ӯ дар рӯҳ, вақте ки аз Данғара меомадем, ҳар чое ки чӯй ё чашмаеро дид, мошинро нигоҳ дошта, аз радиатор ба грелка оби чӯш гирифта ба шикамаш мебаст, баъд чои онро аз оби сард пур карда шӯхикунон мегуфт:

— Ҳам ба мотори мо нафъаш ҳаст, ҳам ба мотори мошин.

Ман аз рӯи шуниди худ изҳор кардам, ки муоличаи захми меъда бо оби гарм ба гумон аст.

— Чӣ илоҷ? Сонитар, кор сабук шавад, чиддитар табобат мекунем,— гуфт Музаффар.

Хона озода ва чиҳозаш оддиякак буд, карруфаре, ки одатан дар истиқоматгоҳи калоншавандагони колхозҳо мебинам, дар ин хона набуд.

Сӯҳбат карда нишастем. Музаффар ҳар замон хеста ба духтараш дар шӯрбопазӣ кӯмак мекард.

— Ҳозир бонуи хона ҳамин кас,— мегуфт ӯ ба духтарча ишора карда ва Холида аз таъриф падараш суп-сурх мешуд.— Модараш дар Хоҷа Обигарм. Ман аз фронт ин захми меъдаро бардошта омадам. Дар ин чо оилаам касали тарбод шудааст... Зор монад чангу талабгори чанг...— ӯ даҳикае ба андеша рафту баногоҳ бо овози баланд гуфт:— Эҳ, имрӯз газетаҳоро аз назар нагузаронидаам. Ин кирм ҳамаро гаранг кард.

Ман пурсидам, ки акнун дар он се бригадаи офат расида тақдири пахта чӣ мешавад?

— Чигит мешинонем.

— Дар аввали июнь?

— Хайр-дия. Лекин зӯр задан даркор, ки расида гирад. Маъруф ҳам боварӣ надорад. «Дар ин вакт фақат барои тасаллои хотир чигит мешинонанд» мегӯяд. Душворихои аз ин ҳам сахттар буд, илоҷ ёфтем. Фақат маъюс нашудан даркор, «Мушкиле нест, ки осон нашавад» гуфтаанд.

— Мард бояд, ки ҳаросон нашавад,— лукма партофтам ман.

— Бале, бале, «мард бояд, ки ҳаросон нашавад, мушкиле нест, ки осон нашавад». Хусусан, ки сардорони ҳар се бригада одамҳои бисьёр бакувватанд. Дар во-

кеъ худатон имрӯз яке аз онҳоро дидед. Тамара шонздаҳ сол боз пахтакорӣ мекунад. Зани бисьёр бамайна. Дина ба ман як чиз гуфт. Шумо ҳам онро навишта гиред, мешавад. Минбаъд, меҳӯяд, культивация, нуриандозӣ ва чӯяккаширо бо трактор дар як раҳ мегузаронем, яъне се корро якчоя мекунем. Фақат асбоби кӯшшавандаи тракторро андаке тағьир додан лозим мешавад. Фаҳмидед? Ин дар ҳақиқат ачоиб аст. Пештар нурии маъданиро ба чӯякҳо об карда мефиристодем. Акнун баъди культивация ба мағзи замини нам мерезем, баъд ки чӯяк кашидем, аз болояш ҳам хоки нам кашида мешавад. Нафъи нурӣ назар ба об карда рехтан хело зиёдтар мешавад. Сарфаи маблағро намегӯед? Меҳнати тракторчӣ ва трактор се баробар кам мешавад. Ҳозир ба ин ҷо боз як бригадири хуб меояд, Саид Алиев номаш, мо мухтасар карда Саидалӣ мегӯем.

Музаффар гап мезаду чеҳраи заҳираш лаҳза ба лаҳза нур мегирифт. Оҷингҳои гирди чашм, кунҷи лаб, ифодаи дардмандонаи дидагонаш ғоиб шуданд, тобиши чашмонаш зиндатар ва ҷозибаноктар гардид. Гумон мекардед, ки гӯё вақти шитобкор ва дарди бераҳм аз қафои ин одам ҳар қадар давад ҳам, ҳеч гоҳ ба ӯ нахоҳад расид, ҳеч гоҳ бар ӯ ғалаба нахоҳад кард.

— Дар вокеъ, иқтисодчии навамон ҳам меояд,— бо ҳарорат ба суханаш давом мекард Музаффар.— Духтараки ғалатӣ, бағайрат, институти иқтисодии Одессаро тамом кардааст. Ҳамин Саидалии ҳозир гуфтаам аз Сталинобод гирифта омад. Ӯро мувофиқи талабноманаи Вазорати хоҷагии қишлоқи республика ба колхози ба номи Ленини райони Сталинобод фиристодаанд. Колхози Ҳомидҷон Назаров. Медонед, албатта. Чанд вақт кор карда зиқ шудааст дар он ҷо. Охир он колхоз ба пойтахт наздик-дия, аз кадом соҳа ки хоҳед, мутахассисонаш басу барзиёд. Духтаракро дуруст кор нафармудаанд. Дилгир шуда, акнун ба ватанаш баргаштанӣ будааст. Саидалии мо, ки дар шаҳр буд, инро шунида, ба колхоз телеграмма дод. «Ҳар навъ карда гирифта биёр»— гуфтем. Рӯзи дигар ҳамроҳ овард.

— Дар ин ҷо зиқ нашуд?

— Ҳм, зиқ шуданӣ намондем-дия. Як рӯзи аввал ба сари худ ин сӯ-он сӯ давр зада гашт. Баъд ба назди бухгалтер бурда фармудам, ки коркуни навро бо колхоз шиносо кунад, аз рӯи коғазҳо, ҳуҷҷатҳо. Ду рӯзи том ҳуҷҷатҳоро варақ зада дид, ки колхози мо чӣ дораду чӣ

надорад. Сонӣ Саидалиро ба Надя хамрох карда гуфтам, ки «ин рафики навро ба колхозамон худат оварди. Пас, аз як чихат барои ӯ ту хам масъулӣ. Холо мошини маро савор шаведу хар ду тамоми хочагии колхозро давр зада бароед. Аз хавзи мохипарварӣ ва нихолзори лимӯ сар карда, то марғзори болои адир ва фермахои дар чарогохи Тавилдара буда — хамаашро нишон дех, ин кас бо диққат дида барояд. Се рӯз мӯхлат. Ба бригадаат ман нигох карда меистам».

— Баъди чор рӯз омаданд. Надя аз омаданаш ба ин чо чунон хурсанд буд, ки мондан гиред. Зуд ба пеши раис давида рафта гуфтааст, ки нақшаи корхои панчсолаи колхозро аз сари нав кашидан даркор. Гапаш хак. Мо нақшаро бе иштироки мутахассиси ин кор — бе иктисодчии маълумотнок, фақат бо ёрии сарбухгалтер кашида будем. Албатта ин хел нақша бекамукост намешавад. Охир «Гунчишкро кӣ кушад? — Қассоб» гуфтаанд. Холо сарбухгалтер хам шод, ки як бори гарон— вазифаи иктисодчӣ—аз дӯши ӯ бардошта шуд...

Дақиқае хомӯш нишастем. Баъд Надя омад. Вай духтараки хушандоми тану тӯшдоре буд. Аз харакат ва оханги гуфтораш ханӯз он ибо ва бечуръатие, ки ба одамони навомада хос аст, дур нашуда буд.

Саид Алиев низ омада буд, ки дар байни он се нафар сӯхбати дуру дарози ба ман номафхуме сар шуд. Ман мешунидам, ки «арзиши аслии махсулот», «меъёри кори харрӯза», «музди мехнати моҳона» барин иборахоро зуд-зуд кор мефармоянд, аммо хеч сарфахм намерафтам, ки онхоро ба чӣ муносибат истеъмол мекунанд ва мақсади ин машварат чист.

Нихоят маслихаташон, аз афти кор, пухта буд, ки хар се коғазу дафтарчахояшонро ғундоштанд ва Музаффар ба ман шарх дод:

— Мо дар колхоз тартиби нави адои музди мехнатро чорӣ карданӣ хастем. Музди пулакиро, бе рӯзи мехнат, бе бунаки хармоҳа ва ғайра.

— Рӯзи мехнат чӣ мешавад?— пурсидам ман.

— Намешаваду вассалом. Ба чои рӯзи мехнат пул менависем. Дах рӯз, масалан, кор мекунеду ба пеши кассир рафта, хаққатонро мегиред.

— Охир рӯзи мехнат хамчун вохиди музди кор дар колхозхои тамоми мамлакат...— гуфта будам, ки Надя суханамро бурид:

— Ана, нагуфтам-мӣ: дарҳол «тамоми мамлакат», баъд қатор-қатор қоидаю қонунҳоро дастак мекунанд!

— Не, не,— гуфтам ман ҳам шитобон,— бо нияти шумоён ҳеҷ мукобилат надорам. Ҳоло худам дуруст нафаҳмидаам. Агар ин кори нек бошад, аз гапи дигарон чӣ парво мекунед? «Дар кори хайр ҳоҷати истихора нест»— гуфтаанд. Шумо, Музаффарако, ба ман равшантар бифаҳмонед, ки мақсад аз ин тағйирот чист?

— Мақсад, аввалан, ин ки колхозчӣ натиҷаи корашро ҳар рӯзу ҳар ҳафта аниқ ва равшан бинад,— бо чӯшу хурӯш ба гап даромад Музаффар.— Рӯзи меҳнат як чизи мачхул аст. «Имрӯз яку ним рӯзи меҳнат кор кардам» мегӯяд колхозчӣ, аммо намедонад, ки ин яку ним рӯзи меҳнаташ бо ҳамин пуле ки дар муомилот аст, чӣ арзише дорад. Одам, ки маҳсули меҳнати имрӯзаашро нақд ба даст гирифт, ё ақаллан аниқ фаҳмид, пагоҳ боз хубтар кор мекунад.

— Хӯш, ҳаҷми моҳонаро чӣ гуна муайян мекунед?

— Моҳона албатта ба меҳнат вобаста аст. Барои ичро кардани ин ё он коре рӯзи меҳнат нею, балки пул менависем. Фаразан, имрӯз шумо ду мукаабметр чӯйро тоза кардед. Ҳоло ба ин коратон ду рӯзи меҳнат мегиред, минбаъд 32 сӯми нақд мегиред.

— Бехтараш,—ба гап ҳамроҳ шуда хазломез гуфт Саид,— чор метр тоза кунеду шасту чор сӯм гиред.

Ҳама хандиданд. Вале моҳияти гап ба ман ҳамчунон торик буд.

— Модоме ки чанд сӯм шудани даромади колхозро намедонед, чӣ тавр ба ман 32 сӯм медиҳед?—боз пурсидам ман.

— Ана ин масъалаи дигар,— гуфт Музаффар гӯё хурсанд шуда,— ҳозир ҷавоб медиҳам. Колхози «Иттифоқ» панҷ сол боз ба ҳар рӯзи меҳнати колхозчӣ аз 20 то 27 сӯм медод. Имсол албатта аз ин зиёдтар мешавад. Мо,— Музаффар бо дасташ Надя, Саид ва худашро нишон дод,— мо инро ҳисоб карда баромадем. Лекин бо вучуди ин ба колхозчӣ барои ичрои як норма 24 ё 28 сӯм намедиҳему аз эҳтиёт 16 сӯм медиҳем. Дар охири сол ҳисоб мекунем, ки тамоми корҳои колхоз бо чанд норма буд шудааст, даромад ҳамагӣ чӣ қадар аст ва аз ин рӯ, ҳар норма андарьяк чанд сӯм меафтад. Он гоҳ боқимондаи пул ҳисобӣ карда мешавад.

— Фаҳмидам, шумо боз дигар бартарихои ин тартиби навро эзоҳ доданӣ будед, аз афташ.

— Ҳа, хубии дигари ин тартиб он аст, ки мо тамоми музди меҳнати колхозчиро бо пул медиҳем. Ғалла, ё сабзавот, ё мева, ё чизи дигар таҳсим намекунем. Ба ҳар кас чизе ки даркор бошад, аз анбор ё аз дӯконҳои колхоз — шумо онҳоро эҳтимол дида бошед — ба пули нақд ва ба миқдори дилхоҳаш харида мегирад. Мулоҳиза кунед, ҳоло мо ба рӯзи меҳнат дар баробари пул боз ғалла, мева, сабзавот, асал, гӯшт, шир ва дигар озуқа таҳсим мекунем. Колхозчӣ водор аст, ки онро бигирад. Хӯш, рафту ба ӯ ғалла лозим набошад, он гоҳ чӣ мешавад? Фаразан, ба вай ҳаштод пуд ғандум расид. Чӣ кор мекунад ӯ ин қадар ғандумро бо як зану ду-се бачаи худ? Ба ин хел оила (ман оилаи миёнаро мисол гирифтам) ба як сол бист пуд орд ҳам басу барзиёд аст. Колхозчӣ мачбур мешавад, ки ҳару хингил карда бозор равад ва аз деҳқонии худ монда, ғандумфурӯшӣ карда гардад. Айнан худи отаю бобоҳоямон барин. Ҳоло дар колхозамон нонвойхона ҳаст, ҳам нони бозорӣ мепазад, ҳам булка.

— Ба қарибӣ ҳар хел кулчаю булкача ҳам мепазад,—лукма партофт Надя.

— Боз як афзалияти ин кор дар он аст, ки мо,—Музаффар боз ба ду шарикаш ва худаш ишора намуд,— мо акнун арзиши аслии маҳсулоти мебаровардагиамонро моҳ ба моҳ ҳисоб карда метавонем. Шумо, коркунони матбуот, рақамҳоро чандон дӯст намедоред. «Не» нагӯед, даъвои ман ҷои дорад. Ман дар бисьёр ҷойҳо хондаам, ки тамасхуромез менависанд: «Нутқ аз рақамҳои холӣ пур буд», ё: «Рақамҳои хушк турнақатор шуда ба сари шунавандаҳо мерехт» ва ҳоказо. Кори мо, дӯстам, бе рақам намешавад. Акнун деҳқониро бе ҳисобу китоби дақиқ пеш бурда намешавад. Пештар мегуфтанд: «Нависед ҳафтод таноб, камаш ҳам азони худамон, изофааш ҳам». Гузашт он вақтҳо. Ҳоло донистан лозим, ки ҳар як сар модаговатон дар як сол чандсӯма хӯрок хӯрд, чандсӯма шир ё гӯшт дод, гӯсолааш чанд пул афтод. Ҳа, чӣ механдед? Ана Надя мегӯяд, ки минбаъд чанд пул афтодани ҳар як гӯсола, барра, бузғола ва хукбачаро тин ба тин ҳисоб мекунем. Охир ҳисоби ҳоҷагӣ (хозрасчёт) гуфта ҳаминро мегӯянд-дия. Оё ҳамин тавр нест, Надя?

— Э,— хандакунон даст афшонд духтарак,— меҳмон худашон медонанду қасдан акли моро кофта истодаанд.

— Команд — майлашон. Лекин мо аз меҳмон илтимос дорем, ки ин гапҳо ҳоло дар ҳамин ҷо монанд. Мо аслан ин масъаларо барои маҷлиси партиявӣ тайёр мекардем. Пагоҳ агар маҷлис маъқул ёбад, пасфардо дар правления бо ҳамроҳии фаъолони колхоз як-ду касро аз район даъват карда, муҳокима менамоем. Баъд овоза шавад ҳам майлаш...

Ҳамон шаб маро хело вакт хаёл бурд. Дар дилам пешакӣ шодмонӣ мекардам, ки ин навигариро газетаи мо аз ҳама пеш хабар хоҳад дод. Дар байни мо, мухбир мардум, низ як навъ мусобиқаи ноаён хаст, зӯр мезанем, ки ягон навигарии диққатангезро ба хонандаҳо якумин шуда хабар дихем, ки бонси рӯсурхии худамон ҳам гардад.

Дар баробари ин, хурмати дидоратон, таги дилам аз шубҳа холӣ набуд. Рафту ин ташаббусро маъқул наёфтанд?— мегуфтам худ ба худ. Аз худатон гап наменамонад, гоҳо мешавад, ки ягон фикри ачиб ба саратон меояду шодикунон ба назди рафиқони ҳамдаму ҳамасроратон мешитобед ва андешаҳоятонро обуранг дода баён мекунед. Вале сомеон хунсардона гӯш карда, табассумҳои маънидор карда мемонанд ва нихоят мулохизаи худро изҳор мекунанд: «Гапат дуруст, чӯра, лекин фалон чиҳати корро фикр накардай. Боз як бор нағзтар фикр карда бин!» Пас аз соате мебинед, ки фикри ачоибатон дар ҳақиқат хам хом будааст. Тарбуз аз бағалатон меафтаду «ҳай дареғ, сад афсӯс, чаро ҳамин гап ба майнаи худам пештар наомад?» гуфта худ ба худ хайрон мешавед.

Лекин Музаффар, ҳамин одами майдаяки дардманди назарногир хело пухтакор будааст. Боз соате чанд ҳамроҳи ӯ дар колхоз давр зада будам, ки шубҳаҳои мубҳами дирӯза ба тамом пароканда шуда рафтанд.

Рӯз чоштгоҳ шуда буд. Бо Музаффар пиёда ба сӯи нихолзори лимӯ мерафтем. Дар кӯчае ки дар ду тарафаш бо мақсади мухофизати киштзор аз шамолҳои сахт дарахтҳои баланд шинонда шуда буданд, пеш-пеши мо як кас бо каллаи хам ба сари синаи худ чашм дӯхта мерафт. Пои чапаш андаке мелангид ва дар хар кадам монданаш ғичирроси пои чӯбин шунида мешуд.

— Бинед,— гуфт Музаффар, — ҷанг дувоздаҳ сол пеш тамом шуда буду азобашро одамон то ҳоло мекашанд.

Ӯ муддате мушаввашхотирона роҳ паймуд, баъд ба

он мард, ки гуфтугӯи моро шунида дар он ҷо истода буд, хитоб кард:

— Имрӯзҳо мазаат не барин, ҳамшаҳрӣ?

— Чӣ кор кунем? Мусофирем охир.

Музаффар рӯй турш кард.

— Тутзори наваҳ чӣ тавр? — пурсид ӯ баъди каме таваккуф кардан.

— Нағз, аз соли оянда барг медиҳад.

Боз муддате хомӯшона роҳ рафтем. Сонӣ Музаффар ба марди якпоя рӯй оварда гуфт:

— Сахт-сахт ҚАДАМ мон, чӯра. Хафа накун касро, ту мусофир нестӣ!

...Роҳравон Музаффар қиссаи барои плани кирмакпарварӣ танбеҳ гирифтанашро нақл карда дод.

Колхози «Иттифоқ» ҳар сол андарьяк чил куттӣ тухми кирмак нигоҳубин мекард. Агар аз ин миқдор зиёдтар бигирад, албатта ба ҷону дил медиҳанд, вале камтар гирифтанаш ба ҳеҷ ваҷҳ мумкин нест. Ин табиист. План гуфтанӣ чиз ҳаст дар дунёё.

Соли гузашта ҳамин марди якпоя, ки ӯро Музаффар худаш аз Данғара бо хонаводааш кӯчонида оварда буд, дар яке аз рӯзҳои аввали моҳи март ба кабинети парторг даромаду аз ину он гап зада, дар зимни сухан гуфт:

— Агар илоҷаш мешуд, як сол камтар кирмак мегирифтем. Нихолҳои тут дурусттар ҚОМАТ рост мекарданд. Баъд, аз соли оянда ду баробар зиёд гирем ҳам, мепояд,— ва даме хомӯш нишаста илова намуд:— Раис розӣ шавад, бисьёр нағз мешуд. Ҳар кас ки суди охир хоҳад, ба зиёни аввал розӣ мешавад, мегӯянд дар урфият.

Музаффар ин таклифро хуб мулоҳиза карда баромад. Дар ҳақиқат, шахсоне ки дар комичроия нишаста, плани умуми районро ба колхозҳо таксим мекунанд, имконияти хоҷагиҳоро то ҳадди охиринаш ба ҳисоб мегиранд, кӯшиш мекунанд, ки ҳар чи бештар тухми кирмак дар колхозҳо ҷой карда шавад. Аммо солҳост, ки норасоии барги тут ба пешрафти ин соҳа монеъ гаштааст. Дарахти тутро ҳар баҳор аз як сар каллак мекунанд ва он то нимаи тобистон луб-луч монда, гӯё дар ҳоби гарон бошад, намесабзад. Охир дарахт ҳам чизи зиндааст, ба вай ҳам нафас кашидан, ғизо гирифтан зарур. Агар ҳар сол баргҳои онро якто намонда чида гиред, чӣ гуна вай озод нафас кашад, ёлу бар занад?

Бо таклифи Музаффар правлениян колхоз қарор карда буд, ки ба сои Оқчар тутзор шинонда шавад. Ин ҳа-

мон соест, ки роҳи колхоз онро аз миёнааш ду таксим карда мегузарад ва самти шарқиаш ба ҳавзи моҳипарварӣ табдил дода шудааст. Ҷавонони колхоз ва мактабҳо бо сардории мардаки данғарагӣ ниҳоли тут шинондаанд. Вале ниҳолҳо ҳанӯз хурданд, аздусар барги дуруст дода наметавонанд. Тутҳои кӯҳна бошанд, тамоман фартут шуда мондаанд. Ақаллан як маротиба нисфи навдаҳои ононро бокӣ гузоштан лозим, то ки андаке кувват гиранд.

Музаффар речаи ҳамқишлоқашро боз ҳаматарафа санҷида, такмил дода, ба Маъруфако гуфт. Лекин раис розӣ нашуд. «Мон, гуфт ӯ, планро вайрон карда, сари беғурбатамонро ба ғурбат монондан чӣ лозим...». Пас аз чанд рӯз ин масъала дар маҷлиси партиявӣ бардошта шуд. Аксари ҳозирон тарафдори ин тадбир буданд, вале ҳамин ки ягон кас: «Ташкилотҳои районӣ чӣ мегӯянд?» гуфт, дарҳол паси гарданашонро хорида, лаб фурӯ мебастанд. Лекин даъвои парторгро ҳам рад кардан осон набуд. Вай мегуфт, ки дар бадали ҳамин як сол базаи кирмакпарвариро умуман нав кардан лозим, чи дар бобати хӯроки кирмак ва чи дар бобати ҷои парвариши он. Коммунистони устохонаи таъмирии колхоз ба ӯҳда гирифтанд, ки тобистон дар вақти камкориашон сӯкичакҳои оҳанин таҳия мекунанд. Охир ҳар сол барои сохта чо ба чо кардани сӯкичакҳои чӯбин ва тахтагин даҳҳо ҳазор сӯмина масолеҳ ва меҳнат сарф мешавад.

Ниҳоят маҷлис қарор дод, ки боз ҳам аниқтар санҷида дидан лозим, агар дар ҳақиқат ин тадбир ба афзоиши минбаъдинаи кирмакпарварӣ ёрӣ мерасонда бошад, ин корро кардан даркор.

Бо вучуди ҳамин ҳам Маъруфако тамоми масъулияти ин «вайронкориро» аз гардани худ соқит карда ба зимми ташаббускоронаш партофт.

Оқибат Музаффар гунаҳгор шуд ва аз райком танбеҳ гирифт. Албатта, ҳама медонистанд, ки кори ӯ охири охирон ба манфиати колхоз ва давлат аст, аммо азбаски плани давлатиро «худсарона» вайрон карда буд, дар айни замон лоиқи ҷазо ҳам шуморида мешуд.

— Шумо базаи кирмакпарвариро бақувват карданӣ хастед. Ин ташаббусатон шоёни тақдир аст,— гуфтанд ба Музаффар.— Лекин инро бидуни кам кардани плани давлат анҷом додан лозим буд. Бояд ягон илоҷ меёфтед.

Е Музаффар илоҷе ёфта натавонист ё он илоҷ аслан вучуд надошт, ки кор ниҳоят бо танбеҳ гирифтани ӯ ан-

ҷомид. Лекин ба ивази ин мақсад ба даст омад. Колхоз имсол 72 куттӣ тухми кирмак гирифта парвариш кард, барг чандон фаровон набошад хам, ба хар хол расид. Ана аз соли дигар микдори кирмакро ба 80 куттӣ расондан мумкин. Дар кисми боқимондаи сои Оқчар боз тутзори нав шинонданд.

Ба қарибӣ сардори идораи абрешимчигии район ба колхоз мукофоти кирмакпарварони пешқадамро гирифта омада буд. Хамин одам як вақтхо дар бюрои райком, гӯё душмани каттоли давлатро торумор мекарда бошад, тамоми овозашро сар дода, талаб менамуд, ки ба вайронкунандаи плани давлатӣ Музаффар Мӯҳсин танбеҳи сахт эълон карда шавад.

Акнун Музаффарро дар роҳ дида, бо оҳанги дӯстона табассумкунон мегуфт:

— Бисьёр кори нағз шуд-дия, рафиқ Мӯҳсинов. Дар як сол дусад фоиз афзоиш. Ман ба вазорат маълумот навишта, номи шуморо алохида қайд кардам.

Ачаб одамҳо будаанд-дия дар дунье. «Бисьёр кори нағз шуд» мегӯяд. Аҳаллан ҳеҷ чиз намегуфт ҳам, гумон мекардед, ки расмиятбози коғазпараст буданашро худаш фахмидааст, вичдонаш ба чунбиш даромадаст... Эх, дунье кӯтур!

Ҳаво торик мешуд. Гурӯҳ-гурӯҳ колхозчихо ба идора даромада, аз музди меҳнаташон бунак мегирифтанд, дигар арзу эҳтиёчи худро ҳал карда мерафтанд. Дар хар ҷо-ҳар ҷои гулзори пеши идора, дар рӯи харакҳо одамон, аксаран мӯйсафедҳо нишаста, машғули сӯхбат буданд. Аз тарафи клуб садои хандаву бозии ҷавонон ба гӯш мерасид.

Чароғҳо даргирифтанд. Оби фаввораи мобайни гулзор дар шӯъласи чароғ рангоранг тобиш дода, шӯхона бозӣ мекард.

Марта-хола омада гуфт, ки таоми шоми мусофирони меҳмонхона кайҳо тайёр шудааст. Дар ин ҷо ҳанӯз ошхонаи умумӣ нест ва меҳмонон бояд дар вакташ ба сари таом хозир шаванд, ки онро Марта-хола ба шумораи хӯрандаҳо нигоҳ карда мепазад.

Аз карнаи радио садои нарм ва хастаи касе шунида мешуд. Ман аввал гумон кардам, ки аз Сталинобод баромади раиси ягон колхозро мешунавонанд. Чун хубтар диққат кардам, овози Музаффарро шинохтам. Ба соҳи-

бои меҳмонхона саволомез нигаристам, ки ӯ худ нонши-какашро қатъ намуда, ба сӯи ман бо лабханди навозишкоронае нигоҳ мекард. «Дидед, парторги мо гап мезанад!— мегуфт нигоҳи ин чашмон.— Гӯш кунед, чиҳо мегӯяд».

Парторг таклифи бригадир Тамара Сойферро нақл мекард, ки ман аз он дирӯз огоҳ шуда будам. Музаффар изҳори хоҳиш намуд, ки колхозчиҳо, механизаторон дар хусуси ин таклиф фикр кунанд.

Ман акнун фаҳмидам, ки дар ин ҷо ба монанди корхонаҳои калони саноат ҳаракати навоварон ташкил шуда будааст. Дар пеши назарам симои деҳқонони оддии меҳнатӣ, ки ҳар кадоме барои колхози худ ба қадри ҳол чизе ихтироъ карда, меҳнати худ ва ҳампешагонашонро сабук карданӣ мешуданд, як-як чилвагар мегардид.

Дина аз болои хирманҷои як бригада мегузаштаму сохти он диққатамро ба худ кашид. Одатан дар як канори хирманчой суфачаи поёнаш нишеб месозанду қанорҳои пахтаро ба ароба аз болои он бор мекунанд. Дар ин ҷо бошад, ин гуна суфача набуд, балки аз мобайни айвони пахтахушккунак ва майдончаи хирман роҳи аробагардро ба андозаи кади ароба ҷукур кандаанд. Барои як ҷуфт асп ба ин ҚИТЪАИ хурди фурӯнишастан роҳ кашидани ароба ҳеҷ гап нест, вале одамон аз заҳмати боло бардоштан ё поён фаровардани халтаҳои чаҳор-панҷпудии пахта халос шудаанд.

Дар гӯшаи айвони пахтахушккунак ду занбарғалтаки дучарҳаи дастадор меистод. Маълум буд, ки онҳо, маҳсули дасти устоҳои маҳаллианд. Барои сабук гаштан ва андоваи хирманчойро нахарошидан ба рӯи чарҳҳои занбарғалтак аз резини кӯҳнаи велосипед рӯкаше ҳам зада буданд.

Бригадир мегуфт, ки дар айни долузарби пахтачинӣ тамоми кори ин хирманчойро фақат як пирамард ӯҳда мекунад, на панҷ-шаш йигити тануманди ҷавон, чунон ки дар дигар колхозҳо мебинед.

Ҳамин ҳел чизҳоро дар ин ҷо дар ҳар қадам мебинед. Ҳафтае як бор ё худи Музаффар ё муҳаррири газетаи девории колхоз ба радиоузел омада, аз навигарихо ахборот медиҳанд. Правления муаллифони таклифҳои фоиданокро мукофот медиҳад.

Лекин гумон накунед, ки ягона омили инкишофи анъанаи мазкур мукофотҳои киматбаҳо бошад. Ҳаргиз. Ба ман Марта-хола қиссаи сохта шудани фавворан назди

идораро накл кард. Рӯзе ду челонгари устохонаи таъмирии колхоз ба пеши раис омада арз карданд, ки ичозат бидиҳад то онҳо фаввора созанд. Раис рухсат дод.

Челонгарҳо як чалаки калони кӯҳнаро оварда, сӯрохҳояшро маҳкам карда, аз ду тарафаш найҳои оҳанин шинонданду дар қафои клуб баробари боми бино бардоштанд. Як мотори хурди электр ҳар пагоҳӣ такрибан ним соат кор карда чалакро аз оби ҳавз пур мекунад ва ин об то пагоҳи дигар дар мобайни гулзори пеши идора ва клуб фаввора зада меистад. Бачаҳо ба ивази мехнаташон як тин ҳам гирифтан нахостанд. «Колхоз обод бошад — мо обод»— мегуфтанд онҳо.

Аз масолеҳи колхоз ба сохтани фавворахо фақат чанд метр нан оҳанин сарф шуд. Пас ҳусни зиёдатии саҳни идора ба бюджети колхоз дар ҳар шабонарӯз ҳамагӣ ним сӯм меафтад ва он ҳам арзиши қувваи электр аст, ки моторча дар вакти оббарорӣ истеъмол мекунад.

Акнун агар Маъруфако ё Музаффар ба колхозчиҳо гӯянд, ки ба наздикӣ дар посёлкаҳои колхоз водопровод мешавад, касе ба ин шубҳа нахоҳад кард.

Ман дар фермаҳои чорводорӣ ҷорӣ карда шудани усули тамоман нави наслгирӣ, ё дар бригадаҳо чи гуна барҳам дода шудани вазифаи ҳисобчиро ба тафсил гуфта наменишинам. Инро ба газета навиштан даркор, албатта. Фақат ҳаминро мегӯям, ки дар ин ҷо се рӯз гашта, фаҳмидам, ки чаро дар он рӯзи офати кирм омадагӣ кариб се хазор нафар колхозчӣ, коркунони идора, талаба ва муаллимони мактабҳои ҳудуди колхоз чун як тан ба по хеста буданд; аз'чӣ сабаб дар бадали се рӯз дар ягон гӯшаи колхоз ҷонзодеро надидам, ки хушаш дар осмон бехудагардӣ мекарда бошад...

Дар дилам хоҳиши зӯре пайдо шуд, ки аз ин ҷо рост ба назди Фаттоҳ биравам. Чизҳои дида ва шунидаамро ба ӯ накл кунам, то ки ягон рӯз омада корубори мардуми ин ҷоро бо чашми ҳуд бинад.

Ба хаёлам, ҳоло ба шумо гуфта будам, ки дӯстии ману Фаттоҳ хело деринааст ва аз бисьёр санҷишҳо гузаштааст. Бо вучуди он ки вохӯрӣ бо «раиси номдор» бароям чандон гуворо нест, дӯстии дерина маро ғайри ихтиёрам ба сӯи ӯ мекашад. Агар бидонед, дар вакташ ӯ маро аз марг ҳалос карда ҳудаш кариб ҳалок шуда буд. Дар институт мехондему ба тариқи мачбурӣ норматаи нишони спортиро аз шиноварӣ месупурдем. Ба марра тахмин аз чор як ҳиссаи масофа монда буд, ки ман аз ха-

ракат монда, ба так рафтан гирифтам. Як вакт ба хуш омадам, ки рафиконам ба бинии ман чавхари навшодир медоранду дасту пои Фаттохро болою поин карда, обн фурӯ бурдаашро пас бароварда истодаанд. Бечора маро халос мекунам гуфта, кариб худаш мурда будааст.

Дар хаёти мо ана хамин хел вокеа хам шуда буд.

Фаттохро дар колхозаш наёфтам, ба район рафта будааст. Атрофи идораашро давр зада гаштам. Касри бошӯкухи ин колхоз боби тамошо аст. Клуб, китобхона, бинои идора, шипангхои мудаввари кунгуракорй, чойхонаи пурнакшунигор — хамааш бо мехру мухаббат оро дода шудааст. Афсӯс ки хамин клуби зебо аксар вакт бекор мехобад. Хайрият, бисьёрии мачлисхои байнирайониро дар хамин чо мегузаронанд ва дар рӯзхои тайёрии хамин гуна чамъомадхо чанги дару девору асбобу ускунаи клубро пок мекунанд.

Дар яке аз катхои колинпӯши чойхона хафт-хашт нафар сӯхбат карда менишастанд. Кадом вакт, ки ман ба ин чо наоям, хамин одамон дар чойхона, ё дар шипанги акиби клуб ё худ дар ягон гӯшаи боги колхоз машгули сӯхбат ва маишатанд. Барои мушохида кардани маишати онхо аз дуртар рафта диккат кардан даркор. Писари самоворчй хар сари чанд вакт хумчойникеро аз назди онхо гирифта, ба сӯи магазин медавад ва пас аз муддате чойники вазниншударо оварда ба пешашон мемонад. Аз ягон тараф табаки кабоби ба дастархон печонидашуда меояд. Сӯхбат торафт метафсад.

Кистанд онхо? Дар ин соати рӯз дар ин чо чй кор мекунанд? Онхо фаъолони хамин чоианд: яке бухгалтер, дигаре мудири анбори ғалла, сеюмй мудири анбори асбобу ускуна (дар колхоз чй бисьёр — анбор), чорумй — кассир, панчумй — мудири гараж ва ғайра ва монанди инхо. Гохо дар байни онхо мехмонони рохгузарро дучор мекунед. Масалан, директори омӯзишгохи техникии район. Одами даркорй. Тирамох дар мавсими пахтачинй шогирдхои омӯзишгохро ба хамин колхоз мефиристад, ки кори колхозчихоро сабук мекунанд. Дар вакти дигар хам омӯзишгох ба колхоз дасти ёрй дароз карда метавонад. Боз як мехмон — ходими комичроия. Вай аз хурдй дар хамин район калон шудааст. Бо хама додар-бародар барин. Баъзан намояндае дар сари рох ба чойхона мефарояд, хам аз ахволи колхоз хабардор мешавад, хам

андаке дам гирифта, шикамашро сер ва димоғашро чоқ мекунад.

Ҳаман ин манзара ба сари худ чандон бад нест. Лекин агар ягон колхозчӣ аз бригадаи дур бо арзе омада, бо маишат машғул шуда нишастани ин фаъолонро бубинад, эҳтимол, дар дилаш ким-чихо гӯяд, ё агар ҳеч чизи таҳқиромез нагӯяд ҳам, «кайвонӣ бисьёр шуд, дегу табақ мурдор шуд» гуфтанӣ зарбулмасалро ба хотир оварда, чӯраи маро маломат кунад...

Дар байни «фаъолони ҳаминчой» марде ҳаст бисьёр рамузфаҳм, ҳозирчавоб, аскиячӣ ва чусту чолок. Вазифааш ҳам ба хислатҳояш мувофиқ: мизбони колхоз. Албатта, дар хуччатҳои бухгалтерия вазифаашро мудири китобхона ё боғбон, ё дарвозабон навиштаанд, зеро ҳоло дар ягон колхози Иттифоки Советӣ мизбон гуфтанӣ вазифа ихтироъ нашудааст. Ризки ин одам ҳам аз паси меҳмононаш мегузарад. Чунон ки аз имову ишора ва фармонҳои духӯраи Фаттоҳ пай бурдаам, даромади се-чор гектар боғу ток ва полиз ва як рамачаи назарногири дар рӯихатҳо кайд нашуда ҳамаи ин сарфу харчи меҳмондориро таъмин мекунад. Се-чор гектар боғу ток — қатраест дар баҳри сарвати чунин колхози бузург...

Котиби Фаттоҳ хабар овард, ки раис имрӯз намеомадааст. Яке аз бригадирҳои худро ба район ҷеғ зада, бо ҳайати вакилони пахтакор ба райони Куйбышев рафтааст. Онҳо дар он ҷо шартҳои мусобиқаро санчида, аз таҷрибаи худ накл мекунанд.

Ман ба ин ҷо омадам, то ки ба Фаттоҳ таҷрибаомӯзиро маслиҳат диҳам. Вай бошад, ба таҷриба омӯзондан рафтааст. Давлат дорӣ — савлат дорӣ, гуфтаанд. Фаттоҳ «як рӯзи меҳнат дар колхозам 36 сӯм» гуфта буруташро табар намебуррад, хаёл мекунад, ки дар олам аз колхози ӯ беҳтар колхозе нест. Охир фикр намекунад, ки замин хазинаи бетак аст, аз он ба ҳар рӯзи меҳнат 36 сӯм он сӯ истад, сад-саду панҷоҳ сӯм ҳам рӯёндан мумкин ва ҳол он ки чӣ маблағе будани ин 36 сӯми Фаттоҳро дар колхози «Иттифоқ» се рӯз гашта ман нағзакак фаҳмида гирифтам. Ҳарчанд дар он ҷо рӯзи меҳнат порсол 27 сӯм буд, агар даромади солонаи деҳконони ҳар ду колхозро андарьяк муқоиса карда бароед, боз ҳамин 27 сӯми Музаффар аз 36 сӯми Фаттоҳ зиёд мебарояд. Чунки гап дар сари арзиши рӯзи меҳнат не, балки дар он будааст, ки ба ивази як рӯзи меҳнат деҳқон чӣ қадар меҳнат сарф мекунад. Шумо медонед, ки мувофи-

ки Устав, меъёри корро ҳар колхоз дар маҷлиси умумиаш ба таври худ муайян мекунад. Барои ҳамвор кардани чорьяк гектар замин, масалан, дар як колхоз ду рӯзи меҳнат медиҳанд, дар колхози дигар — се рӯзи меҳнат. Аксари одамон бошанд, аз он қатор мо, мухбирон низ, дараҷаи осудаҳолии колхозчиро аз рӯи қимати рӯзи меҳнат муайян карданӣ мешудем .

Афсӯс ки дарди диламро ба худи Фаттоҳ гуфта натавонистам. Рости, як маҳал парторгаш пайдо шуда омад ва ӯро дида, сокинони кати колинпӯши чойхона номаълумакак пароканда шуданд, вале худи парторг ба биллиардбозӣ даромад. Бе ин ҳам ман ба ӯ фикрҳои худро гуфтанӣ набудам, чунки намедонам, аз чӣ сабаб бошад, бо худи ин одам дуруст шинос нашуда, аз ӯ дилам гирифтааст. Ба назарам, ким-чӣ хел одами хиратабъ менамояд. Ба замми ин худро хирадманди пуртамкин ва ҳамадони гузаро метарошаду агар ба гап дарояд, бо чунон оҳанге харф мезанад, ки гӯё ба шумо аз ганчинаи адонашавандаи донишҳояш аз рӯи лутф эҳсон мекунад.

Дар омади гап як гуфтушуниди худро бо ин одам ба шумо нақл кунам. Боре шабона ману ӯ дар канори роҳ мунтазири Фаттоҳ менишастем. Моҳи нопурра дар уфуқ ба қадри ду найза аз замин баландтар меистод. Ман аз ин одам пурсидам, ки моҳ баромада истодааст ё менишинад. Ман, хурмати дидоратон, қасдан напурсидаам, дар ҳақиқат ҳам он вакт намедонистам, ки моҳ чандрӯза шудааст.

Парторг дар чавоб гуфт, ки ӯ низ намедонад ва гапро ба дигар тараф бурданӣ шуд.

— Чӣ тавр намедонед?— гуфтам ман,— агар шарку ғарбро донед, нишастан ё баромадани моҳро ҳам фаҳмиданатон осон аст. Шумо-ку дар ҳамин ҷо истиқомат мекунед?

— Ба шарку ғарб корам наафтодааст,— гуфт парторг.— Шумо, Ҳошимака, кори колхозро ҳазл медонед, аз афташ. Ташвишу тараддуди мо чунон бисьёр, ки ба донистани чиҳатҳои дуньё даст намерасад...

Ана, дидед? Ин кас парторги колхозеанд, ки зиёда аз панҷ ҳазор аҳолӣ дорад ва тарбияи ин аҳолӣ аз як чиҳат ба дониши ҳамин кас вобаста аст.

Калонони район шояд донанд, ки ин одам чӣ гуна ташкилотчӣ ва донишмандест, лекин онҳо аз афти кор, умед доранд, ки Фаттоҳ ӯро тарбия карда ба дараҷаи

камолот мерасонад. Худи Фаттоҳ бошад, солҳои охир... э, акнун кадом яктоашро мегўед?

Дар газета бо унвони «Навоварони колхоз» мақолаи ман чоп шуд. Аз Музаффар Мўҳсин мактуб гирифтам. Вай изҳори миннатдорй менамуд, ки ташаббуси онҳо гўё аз тарафи матбуот ҳам дастгирй карда шуд. Дар атрофи масъалаи тарзи нави адои музди меҳнат дар колхоз ва ташкилотҳои районй он вакт мубоҳисаи калоне чўшида буд. Баъзеҳо тарафдор буданд, баъзеҳо мукобил. Мукобилони чиддитар ташкилоти партиявии колхозро ҳатто ба «чаҳолати сиёсй» айбдор мекарданд. Яке аз онҳо мегуфт, ки агар ин тартиби нав чорй карда шавад, колхоз ҳатман савдогар мешавад. Колхозчй шабу рўз дар бораи пул фикр карда пулпараст мешавад, ки ин ба асоси асосҳои ахлоки коммунистии мо зид мебошад. Дар қарори Комиссариати халкии зироати СССР ва колхозцентри СССР, ки 13 апрели соли 1930 аз тарафи Комитети Ичрояи Марказй ва Совети Комиссарони Халкии СССР тасдиқ гардидааст, гуфта мешавад, ки музди меҳнати колхозчй ҳатман бояд ҳам бо пул ва ҳам бо маҳсулот адо карда шавад. Дар ин қарор танҳо бо пул адо кардани музди меҳнати колхозчй қатъиян манъ карда шудааст.

Ба ҳамин тариқ, дасти мукобилони ин тартиби нав боло буд, зеро онҳо, кўҳна бошад ҳам, қарори расмии ҳукуматро дастак карда гирифта буданд. Аммо тарафдорони навигарй исбот карданй мешуданд, ки аз замони баромадани он карор кариб сй сол гузаштааст, колхоз тағйир ёфтааст, колхозчй дигар шудааст, ба ҳаман ин чизҳо бо назари нав бояд нигоҳ кард.

Музаффар ва шарикони ў — Маъруфако, Саид Алиев, иктисодчй Надежда Андреева, инчунин аксарияти коммунистони колхоз аз кори саркардаи худ даст кашиданй набуданд. Тартиби нави адои музди кор тадричан ба ҳаёт чорй карда мешуд.

Музаффарро хело вакт дида натавонистам, чунки худам касал шуда мондам. Баъди сихат ёфта, ба кор баромадан ҳам чанд гохе ба колхози «Иттифок» рафта натавонистам. Ман ба шумо, аз афти кор, арз карда будам, ки ин район ба чиреби мухбирии ман дохил намешавад.

Лекин аз як рафикам, аз мухбири газетаи «Коммунист Таджикистана» шунидам, ки Музаффар дар ин муддат боз як кори чанчолй кардааст: планро вайрон кар-

да, ферман моли калонро бо салохдиди худ (албатта, бо карори правления ва бюрои партияви) аз нав сохтааст. Агар инро ба шумо накл кунам, рақами бисьёреро овардан лозим мешавад, ки саратонро гаранг мекунад. Хулоса карда мегўям, ки аз харинагии коғазпарастон чандин нишондодхои партия солхои дароз чоман амал напўшида мехобад. КМ КПСС чанде пеш карор бароварда буд, ки ба колхозхо дар бобати ба план гирифтани хочагиашон бештар мустақилй ва ихтиёр дода шавад. Гумон мекунед, ки ин карорро хондан замоно дар хама чо ичро карданд? Не-дия. Холо хам баъзе иктисодчихои обрўманд дар кабинети худ нишаста барои колхоз план мекашанд. Коғазро сиёх мекунанду баъд худашон мутеи хамин коғаз шуда, талаб менамоянд ки колхозхо хам аз фармони коғаз як кадам берун намонанд.

Музаффар хамин хел коғазро писанд накарда, масъаларо ба таври худ, ба нафъи ояндаи колхоз хал кард. Албатта кор бечанчол нагузашт, лекин ин дафъа он кашмакаши аз боиси пилла шудагй барин нашуд, чунки баъзехо он дафъа музтар шуда монда буданд.

Ман гохо худ ба худ хаёл карда мешинаму орзу мекунам, ки як конун барояд, дар ин конун гуфта шавад, ки агар хар як кас — хох фармондех, хох фармонбар — аз сабаби камфахмию куидзехнаш ба фикри нав ва таклифи навовар мукобил баромада, ба таъхир афтодани кори навро сабаб гардад, ба масъулият кашида шавад. Хурмати дидоратон, агар хамин хел конун мебаромад, одамон ба чизхои нав боэхтиёт, хайрхохона ва чиддитар нигох мекарданд.

Окибат тирамох ба колхози «Иттифок» омадам. Аммо Музаффар набуд. Беморй бечораро охир хам аз по афтондаст. Ба касалхонаи Сталинобод бурдаанд.

Марта-хола номаълум карда чанд бор салиб кашиду гуфт:

— Худо шифо дихад. Хар кор аз дасташ меомаду лекин хуш хўрда, хуш пўшида, хуш вакт гузаронида наметавонист.

Сохибаи мехмонхона дуруст мегуфт. Ким-чй хел як шавки фавкулодда зўри чизомўзй, шавки кашфи навигариҳо ўро ором намегузошт. Кас, агар ором бошад, дар бораи худ метавонад фикр кунад.

Ба сахро баромадам, то бубинам, ки ахволи он майдонхои дар аввали июнь чигит шинондашуда чи гуна аст. Дар урфият дуруст мегуфтаанд, ки «Дар чўи нокан-

да об намеравад». Бо азму саъи колхозчихо дар ин чиреб хамон пахтаи бевактй хам нагз шудааст, хатто нихолхои бевактй сербортар шудаанд. Аммо аён буд, ки кам бошад хам, як кисми кўрак ношукуфта мемонад. Хайр, аз хеч чи хар чи-дия.

То ин вакт тартиби нави адои музди мехнат дар хамаи соҳаҳои колхоз чорй карда шуда буд. Овозаи он ба республикахои дигар расидааст. Аз колхозхои Туркманистон, Ўзбекистон, Кирғизистон хисобчихо, иктисодчихо омада, бо тартиби нави адои хакки кор шинос шуда мерафтанд. Як бор дар клуби колхоз конференцияи илмии иктисодй барпо шудааст ва дар он бисьёрии рохбарони колхоз ва районхо, олимони иктисодчии Академияи фанхо, Университети давлатии Точикистон, мутахассисони Вазорати хочагии кишлоки республика, хатто намояндагони хукумати республика иштирок намуда, тачрибаи колхозро мухокима карда маъкул ёфтаанд.

Аммо чўраи ман Фаттох, ки районаш дигар бошад хам, колхозашро ба колхози «Иттифок» хамсоя шуморидан мумкин аст, то холо ба ин чо наомадааст. Раисони колхозхои ғаллакори Варзоб, Файзобод, Данғара, Ховалинг омадаанд, бухгалтерони колхозхои соҳили бахри Хазар омадааанду Фаттох ҳанўз наомадааст.

— Исо хам бо рохи худ, Мўсо хам,— эхтимол хамин тавр мегуфтагист Фаттох.— Хар колхоз ба таври худ пеш меравад. Мо имсол ба рўзи мехнат 40 сўмй медихем.

Чй плоч? Бо якрав бахс кардан — мушт ба дарафш задан аст — мегўяд маколи халк. Бо Фаттох бо забони махсус гуфтугў бояд кард. Вакте ки мо дар мактаб мехондем, як маротиба ба Фаттох гапи худро маъкўл кунонда будем. Вай хамон вакт хам маҳмадоно буд, илова ба ин забони русиро нагз медонист. Соли дуюми тахсил ўро бачахо чонишини котиби бюрои комсомолии умуми институт интихоб карданд. Баъди чанд вакт кадаммониаш дигар хел ва авзоаш бечо шудан гирифт. Мо дар он чо аз Точикистон панч нафар мехондем. Фаттох рўз то рўз аз мо худро канора мегирифт. Кошкй аз мо дур шуда, ба дигар бачахо наздик мешуд! Не. Аз хама худро чудо нигох медошт. Гох-гохе бо ягонтаи мо «сўхбат мекард», абрўвонашро чинчин намуда, бо оханги носехона гап мезад. Мо аввалхо механдидему халос. Рафта-рафта дигарон хам аз ин пай бурданд. Кор ба чое расид, ки моро, хамдиёрони худро,

ки бо ӯ дар як хонаи хобгоҳ истиқомат мекардем, ба кабинети котиби бюро даъват карда аз хонишамон, аз ину он гап пурсид.

Дар байнамон Зоҳир ном як бачаи шӯткарӣ буд. Бо маслиҳати ӯ рӯзе чор кас Фаттоҳро ба чакалаки атрофи мактаб бароварда, ба дарунтар бурдему ҳеҷ чиз нагуфта, тасмаашро аз миёнаш кушода, дастонашро ба кафо бастем. Зоҳир аз кисаи худ коғазеро бароварда ба хондан шурӯъ кард:

«Ҳукмнома

Мо, аъзоёни суди олии рафиқона, фалон-фалонихо (ному фамилияи мо чор нафар) дар натичаи мушоҳидаи дуру дароз ба ҳамин қарор омадем, ки собиқ рафиқ, хамшаҳрӣ ва чӯраи мо Фаттоҳ Ғоибов бо сабабҳои номаълум аз худ рафта, нӯҳтаро канда истодааст. «Аз худ нарав ки ёронат аз ту мераванд» гуфта таъкид карданҳои мо Фаттохро таъсире набахшид. Азбаски кирдори нангини Фаттоҳ ба номи баланди комсомолец ва студент, ба номи бошарафи намояндаи Республикаи Советии Социалистии Тоҷикистон лакка мегузорад, мо ба ин ахвол дигар тоқат карда наметавонем. Аз худписандӣ то беақлӣ ва аз беақлӣ то хиёнат — як қадам роҳ аст. Мо наметавонем то содир шудани хиёнат хотирҷамъ гардем.

Суди олии рафиқона айбҳои дар боло зикршударо асос карда, карор мекунад:

1. Фаттоҳ Ғоибов дар чакалаки назди мактаб овехта шавад.

2. Ҳукм худи ҳамин соат ба ичро расонда шавад.

Имзоҳо.»

Ранги рӯи Фаттоҳ канда буд. Мо ба ӯ нигоҳ накарда тасмаҳои худро кушода, нӯк ба нӯк бастан гирифтем. Яке ба болои дарахт баромаданӣ шуда, пойафзоли худро мекашид.

Бечора дарак-дарак ба ларзидан даромад. Кӣ медонад чӣ фикрҳое ба сари ӯ омада бошанд? Эҳтимол ӯ гумон мекард, ки мо ягон китобчаи мудҳиши хоричиро аз ягон ҷо пайдо карда хонда, ақламон тира шуда, мисли он ки дар Америка бачаҳои наврас мекунанд, дар ҳакикат ба фикри рафиққушӣ афтодаем.

Охир ба зориву тавалло даромада буд, ки дасташро кушода сар додем. Мо, чор нафар, ҳарфе нагуфта ба як тараф равон шудем. Фаттоҳи карахтшуда дар ҳамон ҷояш шах шуда менстод.

Ман ин воқеаро ба шумо ҳамин тавр гуфтам. Ман мехостам фаҳмонам, ки Фаттоҳро холо чорае ёфта андаке хушьёр карда мондан даркор. Як шоир гуфтааст, ки:

Коре ки ба сулҳ дарнаёяд,
Девонагие дар ӯ бибояд...

Ҳо, ӯро як афшонда мондан даркор, ба хотири худи Фаттоҳ набошад ҳам, ба хотири он панҷ ҳазор нафаре, ки ӯ ба онҳо роҳбар аст.

С. 1958

КОИЛ МАН!

(Ҳикоя дар бораи ҷӯраи ҷӯраҳоям Султон Холзода ва ҷӯраи ҷӯраи ҷӯраҳоям Тошалӣ Исроилов).

Ба журналистҳо ҳамеша ё коркуни пешкадамтарин лозим ё пасмондатарин. Ба миёнаҳолаш коре надоранд.

Маро низ сардори бригадаи шӯҳратманди совхози № 1-и райони Ёвон пахтакори номдор Солеҳ Ашӯров лозим буд.

Ба чӯраҳои ёвониам муроҷиат кардам, ки кӯмак кунед. Чанд чӯра дорам: яке Бой ном дорад, дигар Фақир, саввумиро Имом гӯянд, чорумро — Қаландар. Дар мазмуни номҳошон гӯё ихтилофе ҳаст, лекин худҳошон ҳама йигитҳои сара ва чак-чакӣ.

Онҳо маро ба Ёвон ба мактаби ҳаштсолаи деҳаи Гургон бурда бо директори мактаб шинос намуданд.

— Ин кас директори мактаб Султон Холзода,— гуфтанд ва марди миёнаҳадди пуррабадани миёнсолеро нишон доданд, ки рухсори ба табассум монлашро доғи нағзак ишғол карда буд. Мӯи мошубиринҷ гаштаи сараш кайҳо ба рехтан сар карда, ҳоло маконии мукимии худро қариб батамом видоъ гуфта буд.

— Рафики Холзода, яъне чӯраи мо Мулло Султон,— гуфтанд суханашонро давом дода чӯраҳои ман,— аввалин йигити ёвонӣ буданд, ки Институти педагогии ба номи Шевченкоро хатм карда, бо дипломи маълумоти олӣ ба ин диёр омаданд. Агар мо ва дигар ҷавонони ёвонӣ дар вақташ университету институтҳоро хатм карда намеомадем, ин кас ҳоло ҳам аз шӯҳрати ягона дипломдори музофот баҳра бардошта мегаштанд.

— Меҳмон,— ба ман рӯй овард Холзода.— Қоратон барор кардааст. Як одами серманаҳ барои адиб ба ҳирочи ду мамлакат баробар мегӯянд. Тақдир ба шумо якбора як дастаашро дучор овардааст.

— Хӯш, ки бошад, акнун ба хонаи Мулло Султон марҳамат мекунем,— мегуфтанд чӯраҳои ман ба киноя Холзода эътиборе надода. — Хонаи дӯст — кони

фазилат. На ғами хўроку чои истироҳат, на ҷанҷолу кашокаши «Дафтари шикоят». Чуноне ки дар меҳмонхонаҳо мешавад, дастурўйшўяк дар кучо гуфта, кофта намегардед. Худаш ба дастатон об мерезад, сачоқ медорад. Ғайр аз ин ба хонаи домулло рафтанамон боз як сабаб дорад, ки пагоҳ мефаҳмед.

Ҳамон шаб дар хонаи Холзода меҳмон шудем. Аҳли сўҳбат ва мавзўи он басо дилпазир буд. Мавзеи сўҳбат — ҳавлии ҷўраи ҷўраҳоям низ бойси хушҳолии иловагӣ буд: кати васеи тахтагин, ки ба рўяш менишастем, дар мобайни ҳавлии сердарахте гузошта шуда буд. Аз ҳар тараф хониши форами чирчиракҳо ба гўш мерасид. Аз кадом сўе патарроси мурғони дар қафас шунида мешуд. Дар паҳлўи кат модагови бузурги хушзоте ки бемуҳобот як тонна вазн дошт, дароз кашида, танбалона саҳич меҳоид.

Ман шод будам, ки аз муҳити серғавғои хонаҳои танги шаҳр баромада, ба дашту деҳоти фароху озод расидам, ба муҳите расидам, ки пур аз садоҳои табиии зиндагонӣ, фаровон аз ҳавои софи кўҳистон аст.

Аммо тушбераро хом шумурда будаам. Ҷўраҳоям баробари сар ба болин мондан бозори хуррокро тафсониданд. Чашмони маро акнун ғанаб мебурд, ки ногоҳ фашшоси бадҳайбате бедорам намуд. Гумон кардам, ки сад дами оҳангариро якбора пахш карда бошанд ё дар сари болинам чархи мошинеро аз бод холӣ карда бошанд. Нимхез шуда бинам, ин кори модагови бузург будааст, ки дар пеши кати мо баста шуда буд.

Худро таскин медодам, ки чӣ хаёле ба сари гов омада, як оҳ кашидааст-дия. Наҳод ҳамин қадар мусибатзада бошад, ки тамоми шаб оҳ кашида барояд!

Бо машаккате дубора ба хоб рафта будам, ки такони сахте аз чойгаҳам берун афканд. Ин дафъа модагов китфи худро ба девори кат хориш медод.

— Э чу! Чу-е, беодоб! — даст афшонида ҳай кардам вайро, вале пас аз даҡикае ба модагов ҳамчун ба асп «чу» гуфтанамро худам фаҳмида хандаам гирифт.

Ачобат дар ин буд, ки дар паҳлўи ман се чўраам ва худи мизбон бахузур меҳобиданд. Аз ин садою таконҳо хатто вазну оҳанги хуррокашон заррае халалдор намешуд.

«Дар Ёвон дар зарфи ҳамагӣ чанд моҳ якбора

даҳҳо ҳазор гектар замини нав кушоданд,— мегуфтам дар дилам.— Синаи кӯхро шикофта, оби Вахши саркашро ба водиҳои ташналаб бароварданд. Бузургтарин ТЭЦ, комбинати химиявӣ ва дигар иншоотҳо месозанд. Бинобар ин мардуми ин ҷо каму андак такону ғулғуларо писанд намекунанд...»

Пагоҳии дигар баъди ношто чӯрахоям гуфтанд:

— Дина гуфта будем, ки дар хонаи Мулло Султон меҳмон шуданамон боз як сабаб дорад. Ҳамон сабаб ин аст, ки домулло дар байни чӯрахои мо ягона шахсеанд, ки мошин доранд. «Москвич»-и кӯҳнаи нимшалаҷ бошад ҳам, номаш автомобиль ва аз пиёда хеле тезтар роҳ меравад. Хӯш ки бошад, ҳоло Мулло Султон моро як-як ба ҷойҳои корамон бурда мемонанд. Баъд шуморо ба совхоз мебаранд.

— Рост,— гуфт Холзода,— чораи дигар нест. Одати чӯрахои азизи ман ин ки то ба хонаҳошон бурда намонам, ҳафтаҳо аз ин ҷо намеҷунбанд.

— Ана, дидед!— гуфтанд чӯрахо,— домулло дар санъати пичинг ҳам мумтозанд. Рости гап, агар ба маслиҳати мо гӯш кунед, аз паи кадом як бригадир давида нагардеду дар бораи ҳамин чӯраи мо очерк нависед.

...Мошин бо роҳи мумфарш, ки аввалу охираш дар гӯшаҳои дури водии паҳновар ғоиб шуда мерафт, пеш медавид. Акаи Султон пинакравӣ ва ба оинаи мошин бархӯрдани пешонии маро дида, таклиф кард, ки ба кафои мошин гузашта бахузур бихобам.

Намедонам, ки чанд соат ё чанд километр роҳ паймудем. Бедор шудам, ки мошин дар канори боғи навбуньёде, дар сояи иморати бузурге истодааст.

— Меҳмон омад! Меҳмон! Зуд чой тайёр кунед,— шунида мешуд овози акаи Султон.— Ҳой писар, ту рафта отаатро фарьёд кун. Ҳа, чаккон, чаккон!

Дар айвони сояву салкин дар сари дастархон нони гарму тарбузи ширин хӯрда менишастем. Ман мунтазир будам, ки ҳоло бригадири номдори Ёвон Солеҳ Ашӯров меояд. Ин йигити пахтакор сад бор меарзад, ки кору кирдорашро ба ҳар восита таъриф кунӣ. Ба 180 гектар замини бригадааш танҳо бо як нафар ёрдамчии механизатор нигоҳубин мекунад. 180 гектар! Аз ҳамин қадар замин боз ҳосили баланд меруёнад.

...Соҳиби хона, марди кавипайкари солхӯрдаи сурхрӯй ва мешчашм омада, бо мо гарму чӯшон вохӯрӣ

намуд. Ӯ ба сараш рӯмолеро партофта, аз болои он кулохи сабуки капронӣ пӯшида буд. Тахти пушт ва зери бағали куртаи хокирангаш аз араки хушкидаи бадан шӯра баста буд. Мӯзаи брезентии чигарирангаш ғарқи гарду хок буд.

— Зормондаи мошин вайрон шуд, харакӣ ба участка баромадам,— гарди сарулибосашро афшонида накл мекард сохиби хона,— хама механданд. Духтарҳо-ку аз ханда рӯдакан шуданд. Тавба, охир хам корам чала монд. Мардум як дам аз ханда намонад, гапи ҷиддиро ба онҳо чӣ тавр мегӯй!

Вакте ки сохиби хона аз назди мо дур шуд, ба рохбаладам гуфтам:

— Солеҳ Ашӯровро одами чавон тасаввур карда будам.

— Рост. Ӯ чавон аст.

— Пас ин кас кист?

— Ин кас чӯраи ман.

— Яъне.

— Яъне сардори участкаи Аскалони совхози № 4 Тошалӣ Исроилов.

— Агар хато накунам, ман аз шумо илтимос карда будам, ки маро ба назди чӯраатон не, балки ба бригадаи Солеҳ Ашӯров аз совхози № 1 бубаред.

— Хато намекунед. Ман хам ба ваъда вафо кардам. Шумо дар мошин хоб будед, ман шуморо ба он совхоз бурдам. Бригадир набудааст. Гуфтанд, ки ба ин карибӣ пайдо намешавад. Вакт бехуда наравад гуфта, шуморо ба ин сӯй овардам. Дар мактаб ягон муаллим ба дарс наомада монад, мо одатан муаллими дигарро мефармоем, ки дарс гузаронад ва фурсат бехуда наравад.

— Ичозат дихед хотиррасон кунам, ки кори матбуот аз маорифи халк як дарача фарк дорад.

— Бубахшед. Аммо гунохи ман хам чандон азим нест. Бедор карданӣ шудам, масти хоб будед.

— Модаговатон тамоми шаб чашм пӯшиданӣ намонад, албатта «масти хоб» мешавед-дия.

Холзода «Хм, модагов» гуфта лабханде карду дар чашмонаш оташаки муғамбиронаи хачвомезе дурахшид. Ҳамин гуна ифодаро дар чашмони ӯ пагохӣ низ дида будам. Мо кабл аз сафар дар баромадгохи маокази район даме таваккуф кардем. Холзода сарпӯши моторро бардошта, чизеро аз назар мегузаронид.

Дар он сӯи кӯча, дар канори рох ду мошини кӯшабордони пур аз пахта меистод. Марде аз кабинаи мошини якум сар бароварда, ба акаи Султон мурочиат кард:

— Акаи шофир, хонаи Махмадсаидро намедонӣ!

Султон бо табассум ба он мард нигарист, баъд ба ман нигохи шӯхи маънидоре афканду боз ба он мард чашм дӯхта гуфт:

— Медонам.

— Ку бигӯ. Бигӯ. Ҷонта садка!

Акаи Султон фармуд, он мард аз кабина фуруд омад, пас бо нишондоди ӯ ба чарху деворои бордони мошин часпида, бар болои он баромад.

Акаи Султон аз поён истода гуфт:

— Хо-о, ана ба сӯи офтобфаро нигах кун. Дар доманаи он кӯх як деха метобад. Дидӣ?

— Ху,— чавоб дод он мард чашмони худро бо дастонаш аз офтоб панах карда.

— Дар мобайни кишлок тӯдаи сабза менамояд. Ин хама дарахти ар-ар. Дидӣ?

— Ху.

— Дар пахлӯи чапи хамон сабзтӯда иморати сафед менамояд.

— Ху.

— Ин иморат мактаб аст. Дар шафати вай боз як иморати сафеди майдатар метобад. Дидӣ?

— Ху.

— Ин хонаи Махмадсаид нест.

— Хуб.

— Дар пахлӯи вай боз як иморати каттатари шиферпӯш менамояд. Аммо сафед не. Холо андова карда, охак намолидаанд.

— Дидамаш.

— Ин хам хонаи Махмадсаид нест.

— Хайр.

— Акнун чӯра, хуб нигах кун. Дар паси ана хамин ду хонаи калон як хонаи пастаки дароз хаст. Дидӣ?

— Ху.

— Ин хам хонаи Махмадсаид не, хонаи писари холаи духтари аммаи ман аст.

— Хӯш.

— Дар паси ана хамон хона боз як хона хаст. Хо-о, ба деворaш таппак задагӣ. Дидӣ?

— Ху.

— Ҳа, рӯт сиёҳ. Худи он хона аз ин ҷо наменамояд, таппакаш чӣ хел менамудааст?

— Хайр, хонаи Маҳмадсаид кадомаш?

— Кадом Маҳмадсаид?

— Маҳмадсаиди шофир, писари Маҳмадризо, охир ман аз ту ним соат боз хавайро мепурсам...

— Маҳмадсаидро нашиносам, хонаашро аз кучо медонам?

Он мард бо дахони яла хамчунон дар болои бордони брезентпӯши автомашина рост меистод. Акаи Султон омада ба чояш нишаст, моторро ба кор андохта, ба сӯи он мард лабханда карду ба рох даромад...

Соҳиби хона акаи Тошалӣ омад. Чӯрахо ба ҳазлу мутоиба сар карданд.

— Корҳо чӣ тавр, чӯра!

— Сад фоиз! Чанг хӯрда, ватани туро обод карда гаштаам!

— Чаро фақат ватани ман будааст! Ватани ҳамаамон. Ватани советӣ.

— Гапа ба дигар сӯй набар. Албатта Ватани ҳамаамон. Ватани советӣ. Лекин ба Каротегин чӣ мегӯй? Ман Каротегин барин ҷаннатро монда, дар биёбони сӯзони Ёвон ба хотири чӣ гаштаам? Сари бобоямро ин ҷо гум накардаам.

— Рост мегӯй, чӯра, рахмат. Хайр, план читу?

— Буд мешавад.

— Имсол хам барзиёд?

— 200 фоиз!

— Акаллан 140—150 бигӯ... Оба дида мӯза каш, ҳавоя дида ғӯза каш гуфтаанд.

— 200! Синни Тошалӣ Исроил ба дукам шаст расида, як бор хавой гап назадааст.

Инро гуфту гӯё ба кавлаш дарҳол вафо карда бошад, фотехона кадам партофта, аз айвон фаромада рафт.

«Дӯғаша бинанд-а! Мардаки даҳанкалони ваъдабоз менамояд...» — гуфтам дар дилам.

Акаи Султон гӯё аз андешаи ман пай бурда бошад, гуфт:

— Бехуда гап намезанад. Ман шуморо ба ин ҷо бесабаб наовардаам. Солеҳ Ашӯров, ки шумо дидан мехостед, аслан йигити ёвонист. Аммо ин мардак аз ҳар тарафи республика хамдиёрони худро ҷамъ оварда, 460 гектар заминро обод кунонид. Заминҳое ки худи корга-

рони ин участка хавлию боғ бино кардаанд, аз чанголи харсангу кўрсангҳо бо зўри бозу гирифта шудааст.

Ман дар атрофи бағи Исроилов сайр карда, ба дурустии ин гап боварӣ ҳосил кардам. Дар воқеъ, яке аз душвортарин қитъаҳои замини бекорҳобидаи водиро ҳамдиёрони Исроилов обод кардаанд. Онҳо сангҳои хороро аз дили замин бароварда, аз он барои хонаҳои барҳаво таҳкурсию деворҳо бардоштаанд. Худи заминро ба боғҳои пурсамари шаҳрез табдил додаанд.

...Акаи Султон маро боз ба хирмани калони бригадаи 23-юми совхози № 1 бурд. Лекин аз Солех Ашўров ҳанўз дараке набуд. Дар воқеъ, дар айни долузарби кор чустучў кардани шахсе ки барои ҳосили 180 гектар мутасаддӣ шудааст, аз корҳои камэътимод аст.

Ман дар бозгашт аз Ҳолзода пурсидам, ки мошинаш чӣ қадар бензин мехўрад?

— То сер шуданаш.

— Не, ман чиддӣ мепурсам. Мехоҳам бидонам, ки як баки пури бензин ба чӣ қадар роҳ мерасад.

— Ба роҳ вобаста. Агар роҳи Душанберо мисол гирем,— гуфт акаи Султон,— ба Душанбе меравам, гашта меоям, боз мераваму дар ҳамон ҷо мемонам.

Як вақтҳо акаи Тошалӣ планро 200 фоиз иҷро мекунам, гуфт, бовар накарда будам. Баъд аз чўраҳо шунидам, ки Исроилов аз гуфтааш ҳам зиёдтар пахта додааст.

Ҳоло мехоҳам Султон Ҳолзода чўраи худро ба мошинаш савор карда биёраду бензини мошинаш ин ҷо тамом шавад ва ман ба қадри тавонам иззати чўраи чўраҳоям акаи Султон ва чўраи чўраи чўраҳоям акаи Тошалиро ба ҷо оварда, эътироф намоям, ки ҳар ду мардони сохибқавланд.

Мехоҳам ба рўяшон бигўям, ки:

— Қоил ман!

С. 1970

ДАСТАРХОНИ РӮИ МАРЗ

Мехмон ки шудед, илоҷе нест, ки аз мизбонон аҳаллан яке савол надиҳад:

— Ба чоҳои мо аз ин пеш ҳам омада будед, ё ин сафари аввалинатон?

Барои ширкат дар рӯзҳои маданияти Тоҷикистон ба Киргизистон рафтем. Як-ду рӯзи аввал ин савол такрор ба такрор садо медод. Ҳама ҷавоби муайян диҳанд, ман гоҳ мегуфтам, ки ба сарзамини киргиз бори нахуст омадаам, гоҳе, мегуфтам, ки дафъаи дуввум.

Ва ин номуайянӣ бечиз ҳам набуд.

Тобистони соли 1975 ҳангоми таътил аз Панҷакенту Айнӣ то Конибодому Исфара сар то сари вилояти Ленинободро мошинсавор сайр кардам. Аз ҳама бештар дар Исфара будам, зеро адои карзу фарзи зиёде он ҷо мунтазирам буд: режиссёр Борис Киньёгаров дар кӯҳсори Исфара фильми «Фочиаи Сиёвуш»-ро (аз рӯи «Шоҳнома») ба навор мегирифт ва камина, чун ходими кинокомитет, супорише доштам, ки аз аҳволи гурӯҳи кинематографистонамон хабар бигирам; ғайр аз ин дар Исфара чанде аз хешу табори онҳо зиндагонӣ мекунад; ба замми ин додарзодаам, донишҷӯи Институти тиббии Тоҷикистон дар табобатхонаи калонтарини ин шаҳр бо таҷриба ва коромӯзӣ машғул буд.

Дар арафаи бозгашт дӯстон пурсиданд, ки аз сайри Исфара чӣ таассуроте гирифтаам. Гуфтам, ки кинематографистони республикаи худамон, ин ҷунин Ӯзбекистон, Киргизистон ва хатто Москва шаҳри шумо ва атрофи онро мавзеи фильмбардорӣ (ба истилоҳи киногарон, «натурплощадка») карор додаанд. Худи ҳамин эътирофи зебошаҳр будани Исфара аст. Пас, дар тавсифи мардуми ҳунарвари Чоркӯху Ворух, табиати бисёрҳиштосои Зумрад, кӯҳҳои дар рангорангӣ ва шаклҳои ҷаҳонб ба олам камиазири Исфара, дар васфи кӯчаю хиёбон, наҳри шӯхоб, бинохои хушрӯи шаҳр ҳар чӣ ба забон омад, гуфтам. Ва дар анҷом аз ҳусни кӯли миёни кӯҳсорон ҳикоят кардам, ки он ҷо як рӯзи тамомро бо истироҳат гузаронида будам.

— Исто, исто,— риштаи наклро бурид яке аз рафиқонам,— кадом кўли мнёни кўҳсорро мегўй?

— Кўли Бодкент. Наход ту, исфарагй, надонй?

— Э, қоил ман ба ту барин сайёх!— гуфт рафикам.— О вай кўл дар Қирғизистон-ку!

Рафикам илова кард, ки ту ба ахволи сомеи дерфахми Ҳочй Абдулазизи ҳофиз афтодай. Дар базме ҳофиз ушшоки Самарқандро хонда ба поён мерасонад ва дарҳол шахсе аз ҳозирон ба ў рўй оварда, илтимос мекунад:

— Амаки Ҳочй, барака ёбед, акнун якта ушшоки Самарқанда хонед.

— Бародар, ушшокро хозир хондам-ку,—бо табассум мегўяд ҳофиз.

— Наход? Набошад, тоза кайф карда будем-дия.

Оре, камина як рўзи дарозро дар кишвари бародарони кирғиз гузаронида, аз ин ҳол худам бехабар мондаам. Лекин, ба ҳар ҳол рафики исфарагиам маро ба сомеи кундфахми ҳофиз баробар дониста, ба андозае сахтгирй карда буд. Барои вай, ки дар Исфара ба воя расидааст ва ҳар як вачаб замини ин чо, балки ҳаман водии Фарғонаро медонад, эрод гирифтан осон аст. Аммо дар замони мо, ки халкҳо ба ҳам дўсту бародар шуда, хатти сарҳадди байни республикаҳо як аломати тамом шартию расмй шуда, фақат дар рўи харита ва нақшаҳо боки мондааст, дар чунин шароит аз ҳамдигар фарқ карда натавонистани деҳоти қирғизу тоҷик барои як нафар мусофир чандон айби калон нест. Дар вокеъ, чй гуна тафовут мекунед, ки ҳам дар Исфара, ҳам дар Бодкент як хел зироат парвариш мекунанд, як навъ чорво мепарваранд, токзорон, боғҳои себу ноку зардолу фарке надоранд. Роҳҳо, иморатҳо, сарулибоси мардумон, чехраҳои офтобхўрдаи онон якранганд. Чизе пурсиданй бошед, ба ҳар забоне савол кунед, ба ҳамон забон ҷавоб мегиред. Муомилаи хуш, мехмоннавозй дар ҳама ҷо ба як тарз.

Равнаки дўстии миллатҳо ба чое расидааст, ки марди захматкашро коре ба он нест, ки фалон нахр аз кадом республика меояду ба кадомаш меравад, ҳоки тоҷикон дар кучосту оби ўзбекон кадом. Дар Ўротеппа, Конибодом, Панҷакент, Шаҳритуз ва Регари мо, ки бо республикаи Ўзбекистон ҳамхудуданд, баъзе оилаҳо ҳавлию боғи худро дар ҷое бино кардаанд, ки як кис-

ми он дар хоки Тоҷикистон бошад, қисми дигараш дар Ӯзбекистон аст.

Дар яке аз ин гуна оилаҳо боре меҳмон шудаам. Сардори хонавода мӯйсафеди тоҷик, занаш ӯзбек. Ду писар — ду бародари ҳамтана, яке муаллим, дигаре механизатор ва яке аз рӯи хуччатҳо тоҷик, дуввум — ӯзбек. Набераҳо низ мувофиқи шаҳодатномаҳои таваллуд ҷамъе тоҷику қисме ӯзбек. Дар оила ҳар ду забон баробар ҳукмрон.

Дар мобайни боғи калон рӯи чӯйбори ҳамеша сероб суфаи баланди тахтагӣ бардоштаанд. Аҳли оила ҳар пагоҳу бегоҳ он ҷо ҷамъ омада, наҳорӣ ва таоми шом меҳӯранд. Агар назди онҳо нишаста, хати марзи байни ду республикаро хаёлан тасаввур кунед, мебинед, ки пиёларо дар Тоҷикистон аз чой пур мекунанду дар Ӯзбекистон менӯшанд. Ё духтараке дар Ӯзбекистон атса занад, додараки ӯ аз Тоҷикистон «Пир шав!» гӯён нидо медиҳад.

Аз мӯйсафед пурсида будам, ки оё дар болои сарҳадди ду республика маскан доштанаш ягон имтиёзе ё баракс ташвише наовардааст?

— Не,— гуфт,— на ину на онаш.

Лекин пас аз фурсате хаёл карда нишастан ба хотир овард:

— Воқеан, як ташвише расида буд. Аммо бо айби худамон. Тахмин даҳ сол муқаддам, рӯзҳои интихоботи Советҳои маҳаллӣ. Аввалҳо аз ҳар ду тараф агитаторҳо меомаданд. Ман ба ин аҳамият намедодам. Бигузор, мегуфтам, омада сӯҳбаташона гузаронида рафтан гиранд. Лекин сонитар маълум шуд, ки моро ба рӯйхати интихобкунандаҳои ҳар ду округ даровардаанд. Мо, албатта, ба яктааш рафта, овоз додем, аммо аз округи дигар ҳам ду одами дуруст омада, писари калониамро сарзаниш карда рафтанд. «Шумо, муаллим, аъзои ҳамин оила шуда ҳариб ба вайрон кардани низомноманӣ интихобот роҳ додаед», гуфтанд. Яъне ҳариб Конституциаи СССР-а вайрон кардед, гуфтанд.

...Аввали тобистони соли 1976, вакте ки дар республикаи мо Рӯзҳои маданияти РСС Қирғизистон мегузашт, ман ҳамроҳи киноматографистони қирғиз будам. Дар кинотеатри ба номи Ҷомӣ нахустин намоиши фильми режиссёри соҳибистеъдоди қирғиз Болотбек Шамшиев аз рӯи сценарий ва повести Чингиз Айтматов «Киштии сафед» барпо шуд. Пеш аз тамошо дар назди хозирин раиси Комитети давлатии Совети Вазирони РСС Қирғизистон онд

ба кинематография рафиқ Баялинов Марклен Қосималиевич нутқ кард. Сипас Болотбек Шамшиев баромад.

— Ман ба қазову қадар барин чизҳо мутлақо бовар надорам,— гуфт Болотбек.— Лекин дар тақдири эҷодии ман як ҳолати аҷиб ба назар мерасад. Солҳои аввал аз ҳаёти мардумони Қирғизистон фильмҳои ҳуҷҷатӣ тахия мекардам. Чанд фильми ҳуҷҷатиамро тақрибан даҳ сол қабл аз ин ба Душанбе ба фестивали кинематографистон оварда, мукофоти якумро гирифта будам.

Соли 1971 дар Душанбе кинофестивали республикаҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон шуд. Фильми бадеии «Гармо», ки ман аз рӯи повесть ва сценарияи Чингиз Айтматов («Чашми уштур») тахия карда будам, ба мукофоти якум сазовор дониста шуд.

Ҳоло нахустин намоиши фильми «Қиштии сафед» низ дар Душанбе барпо шудааст. Ва ин воқеа ба рӯзҳои фаромӯшношудании иди маданияти советии қирғиз дар Душанбе рост омадааст.

Он гоҳ касе аз миёнаи зали тамошо ҳазломез хитоб кард:

— Рафиқ Шамшиев, модоме ки ҳамин тавр аст, бо қазову қадар шӯхӣ накунеду дар Душанбе монед. Аҳаллан ду-се сол монед.

Бале, хатти марзи байни халқҳои мамлакати бузургамон, хусусан байни маданияти онон акнун фақат як чизи соф шартӣ будааст бас. Рӯи марзи байни кишвархо, он чое ки дар замони пеш одамон бо ҳар баҳона бо ҳамдигар дастбагиребон мешуданд, ҳоло замона хонӣ пур аз нон густурдааст.

ДАР КАНОРИ ДӮСТОН

Қиштиҳои ИЛ-18 иштироккунандаҳои Рӯзҳои маданияти Тоҷикистонро бо андак фосила ба аэропорти шаҳри Фрунзе фароварданд.

Аз оғӯши осмон рост ба оғӯши дӯстон афтодем.

Ҳарчанд кас пешакӣ медонад, ки Рӯзҳои маданият ҳам ид аст, иди калон аст ва ид бе раксу суруд, бе ҳар гуна намоишҳои ботантана намешавад, бо вуҷуди он аз дидани фавҷи бузурги истиқболгирандагон, садои баланди мусиқӣ, нидоҳои табрикӣ, пурсупоси гармуҷӯшони дӯстони қарини ҳамкасаба, гулдастаҳои хушрӯю хушбӯи тирамоҳи офтобӣ, ки бидуни муболиға ба сари меҳмон

фурӯ мерезанд, лаҳзае гаранг шуда, сари калобаашро гум карда мемондааст.

Фақат баъди фурсате андак ба худ омада, гирду пешро аз назар гузаронидам. Дар як тарафи майдони фурудгоҳ саҳнаи фарохе сохтаанд ва дар рӯи саҳна оркестри симфонии қирғиз савти мӯҳташамеро менавозад, ки бо карнайҳои радио ба атроф паҳн мешавад. Сонӣ дар саҳна қирғиздухтарон бо рақси мавзуни дилнишин меҳмононро таҳният мегӯянд. Сипас навбат ба оқин мерасад. Вай қомуз ба даст дӯстии халқҳоро, бародарии миллатҳоро васф мекунад, ки истеҳкоми онро пешвои муаззам Владимир Ильич Ленин васият кардааст, Партияи коммунисти ва сохти совети онро ба қонуни ҳаёти якчояи мо табдил додаанд. Қирғизону тоҷикон аз замонҳои қадим ҳамсоя, дӯст ва бародар буданд, месароянд оқини халқи бародар. Дар шодию ғам ба ҳам шарик буданд. Ба ҳамдигар арӯс дода, арӯс мегирифтанд. То замоне ки дӯстӣ пойдор аст, масофаи байни Помиру Алатов масофа нест. Асрҳо мо ҳамсояю ҳамҷавор будем, даврони ленинӣ, ибрати халқи рус моро ҳамрайъ, ҳамтақдир ва ҳамзабон ҳам кард. Хуш омадед ба кишвари Манас, бародарони тоҷик, оғуши мо ба рӯи шумо кушода аст.

Кӯчаҳои шаҳри Фрунзе ҳидоя зинат ёфтаанд. Рӯи биноҳои баланд, сари роҳ ва канорахои он — шиорҳо ба шарафи дӯстии халқҳои СССР, халқи тоҷик ва маданияти социалистии он. Иштироккунандагони Рӯзҳои маданият дар меҳмонхонаи бузургу бароҳати «Қирғизистон» ҷойгир шуданд. Аз шоирон ва нависандагони мо Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ, Гулчеҳра Сулаймонова, Марианна Фофанова, Мӯъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Убайд Рачаб ва муаллифи ин сатрҳо омадаанд.

Бародарони ҳамкасби қирғизамон моро саросема аз меҳмонхона бароварда, ба мошинҳо савор мекарданд.

Мизбонон тарҳи Рӯзҳои маданияти тоҷикро қаблан тартиб дода ва ба шакли китобчаи хушрӯй чоп карда, ба ҳар кадоме аз меҳмонон тақдим намудаанд. Ман китобчаро варақ зада дидам, ки он рӯз — 17 сентябрь — ғайр аз мулоқот дар аэропорт ва ҷойгиршавӣ дар меҳмонхона дигар вазифае қайд нашудааст. Рост, ки рафиқони артистамон мебоист дарҳол ба театрҳои шаҳри Фрунзе таксим шуда, машқи худро бетаъхир идома медоданд. Хосияти кори ҳофизон, машшоқон ва актёрон ҳамин аст: қисми зиёди умрашон бо машқу такрор мегузарад. Ба-

рои он ки яксоата концерташон ба мардум ҳаловат оварад, ҳафтаҳо, моҳҳо тайёрӣ мебинанд.

Ба шоири қирғиз Сооронбой Ҷусуев наздик шуда пурсидам, ки моро ба мошин нишонида кучо бурданианд?

Сооронбой табассумкунон гуфт:

— Мо байни худ маслиҳат кардем: шуморо аввал ба намоишгоҳи комьёбиҳои очаги халқи Қирғизистон бубарем, ё ба ягон гӯшае рафта, порае аз замини худро нишон дихем?

— Хӯш, чӣ карор шуд?

— Агар аз худи шумо мепурсиданд, кадомашро интихоб мекардед?

— Аз ман мепурсиданд, мегуфтам, ки намоишгохро дар хавои боронӣ ҳам зиёрат кардан мумкин. Аммо дар чунин хавои оличаноб бехтар аст, ки ягон гӯшаи табиатро тамошо кунем.

— Э офарин, карори мо ҳам ҳамин. Пас рафтем!— гуфт ӯ ва ҳамчун яке аз мутасаддиёни гурӯҳи адибон ба сӯи мошини дар пеш истода шитобид.

Шоири хуби нозукхаёл, рангинбаён, йигити ачонби кушодарӯест Сооронбой. Чашм нарасад, худаш аз ман се сол калону чунон менамояд, ки гӯё хафт-хашт сол чавонтар бошад. То тарчумаи холашро нагӯяд, ба хаёли касе намеояд, ки ӯ соли 1943 дар ҳаждаҳсолагӣ ба фронт рафта, дар сафҳои дивизияи машхури гвардияи ба номи генерал Панфилов чангидааст. Ду бор сахт ярадор шуда, ба хар хол зиндаву саломат ба рӯзи ғалаба расидааст.

Аз мехмон шудани ҳамқаламони точик ҳамаи рафикони қирғиз ба як андоза шод буданд, вале ин шодиюканоатмандиро яке бештар дар дил парварида, ноаёнтар зоҳир кунад, дигаре худ гӯё ба оинаи равшани эҳсоси ба чӯшомадаи дӯстию рафоқат мубаддал шуда буд. Насриависи маъруфи қирғиз Шукурбек Бейшеналиев, масалан, аз ҳамин қабили дуввум буд. Аз фуруд омадан ба аэропорти Фрунзе ҳанӯз ду соат нагузаштааасту бемуҳобот дах бор омада, ошнои деринааш Убайд Рачабро ба канор гирифт ва ғаштаву баргашта навозиш мекард ва аз тахти дил хитоб менамуд:

— Оббо Убайдчон-е, хуш омадӣ. Хуш омадӣ, дӯстам, нури дида. Чӣ хел нағз шуд, ки боз ҳамдигарро мебинем-а!

Шукурбекро аз ин пеш чандин борҳо дар Москва ё

республикаҳои бародарӣ дар анҷуман ё мачлисҳои адибон дидаам. Намедонам, чӣ навъ шуд, ки бо ӯ ягон бор ҳамсӯҳбат нашудаам. Лекин ду рӯзи аввале ки мо дар шаҳр будем, тамом ба таъсири ин марди хушчаҳчаки дидадаро афтодам.

— Медонӣ,—нигоҳи навозишкори чашмони дурахшонашро рост ба рӯям дӯхта мегуфт Шукурбек,— дах сол шуд, ки ҳикояҳои ману ту ба забони арабӣ дар як китоб чоп шудаанд. Яъне дар мобайни як мукова, яъне ки метавон гуфт дар як хона, зери як бом вучуд доранд. Аммо худамон то ҳоло ҳамгап нашудаем. Боз мову ту ҳамсинн... ҳамжанр ҳам гӯем мешавад? Шудан мегирад. Лекин ту андак ҳаппакнамо-а? Боз каҳрат наояд? Ана характери Убайд дигар хел.

— Ман ҳам ба кадри дӯст ва дӯстӣ мерасам,—худро сафед кардани мешудам.

Шукурбек маро ҳам бо навозиш оғӯш кард, баъд мӯи сап-сафеди ба чеҳраи кушоди гармаш зебандаро сила карда, дергоҳе нигоҳи кунчковонаи чашмони пуртабассуми сиёҳашро ба рӯям дӯхт, гӯё фаҳмидан мехост, ки суҳани ман то чӣ андоза чиддист.

Убайдулло гуфт, ки Шукурбек ғайр аз нависандагиаш дар вазифаи Раиси Ҷамъияти робитаҳои маданиии РСС Қирғизистон бо мамлакатҳои хориҷа хизмат мекунад. Ман аз дил гузаронидам, ки ба ин вазифа, ки шуғлаш асосан дили мардумонро ба даст овардан аст, аз Шукурбек муносибтар касеро ёфтан душвор будагист. Агар сифати дилбарӣ барои мард ҷоиз бошад, онро пеш аз ҳама ба Шукурбек Бейшеналиев бояд нисбат дод.

Моро ба дарои Алаарча оварданд.

Кас ин дараро бубинад, бори дигар бовар мекунад, ки ниёгонамон аснои эҷоди афсонаи биҳишт ба хусни гӯшаҳои зебои замин такья кардаанд. «Чое буд дар ғояти фараҳафзой... Себарга болои об меғелид ва об рӯи себарга...»—аз кадом як осори насри бостонӣ ба ёдам расид ин ду чумла.

Дар замони мо, ки меҳмоннавозӣ бо мафҳумҳои интернационализм ва иттиҳоди халкҳо алоҳаманд гашта, маъноии назар ба пешина бавусъату амиқтаре касб кардааст, ба кадом республикае наравед, қабл аз ҳама шуморо ба дилкаштарин гӯшаи диёри худ мебаранд. Ба Туркманистон сафар кунед, дӯстонатон Фирӯзаи ба номаш комилан муносиби хушҳавою хушманзарро ҳатман нишон медиҳанд. Ба Озарбойҷон биравед, кӯшиш меку-

нанд, ё Гёк-гёл (Сабзкӯл)-и овозадорро дар музофоти диёри Низомии Ганчавӣ бо чашми худ бубинед, ё ба кӯҳистони Қарабоғ сафар кунеду якин намоед, ки Ӯзеир Хочибеков ва Булбул Мамедов барин арбобони забардасти савту суруд мебоист дар канори маҳз хамин кишвари хушгил ба дунёё омада, ба камол мерасиданд. Ба Ӯзбекистон, Қазоқистон, Арманистон, ба ҳар чое наравед, таомул хамин. Касе меҳмони кишвари мо шавад, мо низ риояи ҳамин оин мекунем.

Дар майдони байни арчахо, дар карибии чӯи шӯхоби мусаффо фурсате карор гирифта, беихтиёр дар чои истодаамон гирд мегаштем. Намедонистем, ки ба куллахои барфпӯши Алатов назар дӯзем, ё ба комати мавзуни арчахо, ё ба он ки чӣ гуна себарга болои об ғел мезанад.

Сооронбой Чусуев «Ба дӯстам, меҳмонам» ном шеъре дорад, ки бо чахор мисраи зерин оғоз мешавад:

Ты впервые в гостях у нас, друг дорогой,
Перед собой Ала-Тоо ты видешь впервой.
Знай, по миру немало поездил и я,
Есть и земли получше, да не сыщешь такой*...

Рост гуфтааст.

Дӯстони киргиз бар рӯи замин палосе ва аз болои он дастархони пурнеъмате густурда, моро зиёфат доданд. Доир ба адабиёт, робитахои адабӣ, асархои классикии адабиёти киргизу тоҷик сӯхбати диловезе шуд. Кутбӣ Киром, Марианна Петровна, Лоиқ шеърхо хонданд. Муаллим Икромӣ, Мӯъмин Қаноат суханхо гуфтанд. Бародарони киргиз хам шеър мехонданд, аз таассуроти сафари худ ба Тоҷикистон ва мутолиаи осори тоҷикон наклхо мекарданд.

Бояд гуфт, андак-андак шароб менӯшидем ва сӯхбат торафт бештар метасфид. Қосагули давра котиби якуми Правлениян Иттифоқи нависандагони Киргизистон Тендик Аскаров буд. Марди такрибан чилупанҷсолаи ҳалим ва пуртамкине будааст ӯ. Нисбатан кам, вале баандеша суханронӣ мекард.

Рафиқони киргиз хамрохи худ суратгири рӯзномаи адабиро оварда буданд, то барои хотира аксхо бардорад.

* Дӯсти азиз, ту нахустин бор меҳмони мо хастӣ,
Нахустин бор Алатовро рӯбарӯ мебинӣ.
Бидон, ки ман хам сафар кардаву чахои дидаам,
Кишвари бехтар кам нест, аммо мисли ин сарзамин
дар хеч кучо намеёбӣ.
(Тарчумаи тахтуллафз).

Шукурбек аз дастам кашола карда гуфт, ки биё насрнависонро ҷамъ мекунему якҷоя сурат мегиронем.

— Фақат насрнависонро?

— Бале, «фақат». Ба хар хол тахкурсию девор ва сутуну боми адабиёт наср аст. Меарзад, ки алохида сурат гиронем.

— Хай-хай, бому тахкурсй, сутуну девор аз мо бошад, ба шоирон чизе намонд-ку?

— Чаро? Боз дар хаст, тиреза хаст. Вокеан, дудбаро хам хаст. Ёфт мешавад, ғам нахӯр.

Дар наздикии мо шоире набуд, ки эътироз кунад. Майдонро хилват ёфта, «жанри худамонро» ба осмонхо мебардоштем.

Ба сари пуштае баромада, хамрохи Саткин-ака Сасиқбоев, Ҷалол Икромй сурат гиронидем.

Қарибихои ғуруби офтоб, соате ки қуллахои барфини Алатов тобиши заррин пайдо карданд, аз он дарак хушманзар берун омадем.

Дар назди даромадгохи мехмонхона Махмудчон Вохидов меистод,

— Ӯх, ин қадар димоқатон чоқ! Аз кучо меоед?—пурсид ӯ.

Мо гуфтем.

Кори шумо, нависандахо, фақат кайфу сафо будааст-дия?

— Кори шумо, артистхо, чй?

— Рӯзи дароз—репетиция.

— Махмудчон, шумо артисти оддй не. Як бор-ду бор репетиция накунед хам, намоишатон нагз мегузарад.

— Ака, мана таъриф накунед, хуб медонед, ки таъриф одама вайрон мекунад.

— Ука, шумоя ба таъриф вайрон кардан мушкил, Шумо, шукр, санъаткори асил, йигити устувор.

— Ана боз таъриф карда истодаед. Монед, ака, тинч гардем.

— Хайр, набошад, бнёед танкид кунам, то ки алам кунаду пашрафтатон пуравчтар шавад.

— Майлаш. Лекин ман чй гунох кардам?

— Худи хозир гуфтед, ки «кори шумо, нависандахо, фақат кайфу сафо». Аввал ин ки дусоата сайру тамошо ва дилхуший кардани мо ин атои дӯстони қирғизи мост. Сониян, аз мехнату машаккати нависандагй худатон бехтар аз хама огохед ва ин мехнатро бо касбу коратон тақдир мекунед...

Бокимондаи он шабро то вақти хоб хамроҳи Махмудчон гузаронидем, то ки кўфтагии кор аз ў дур шавад. Ғайр аз баромадхои муқаррариаш вай 20, 21 ва 23 сентябрь се намоиши басе масъулиятнок дорад: дар зали филармонияи давлатии Қирғизистон бо моноспектакли (спектакли актёри танхо) «Гуфтугў бо худ» бояд баромад кунад. Спектакли фавқулоддае ки фақат аз ду чиз таркиб ёфтааст: рубоиёти Хайём ва хунари шеърхонии Махмудчон, сахехтараш, шеърфахмию шеърхонй.

Ду рўзи дигар хам дўстони хамқалам хамроху хамдами мехрубон буданд. Маросимхои зиёрати хайкали ёдгории В. И. Ленин, муборизони барои Хокимияти Советй дар Қирғизистон, окини бузург Тохтогул Сатилганов ва расми кушоди Рўзхои маданияти Точикистон бо тантанаи хоси ин оинхо ва бо тартиби хеле хуб гузаштанд.

Муаллим Мирзо Турсунзода дар оғози нутки худ дар мачлиси ботантанаи расми кушоди Рўзхо ба аҳли зал ва тамошобинони телевизион мурочиаткунон аз чумла гуфтанд, ки ман хак дорам ба шумо бародарон ва хоҳарони азиз гўён хитоб кунам. Зеро мо кирғизону точикон, на фақат халқхои хамсоя ва хамтақдир, балки асрхо инчониб хешу таборем. Достони Манас, ин шоҳасари бостонй ривоят мекунад, ки духтари точик Робиа хамсари Манас паҳлавон будааст, лекин дар достон бо номи аслаш не, балки Ханикей (яъне Хоннигох) номбар шудааст. Пас, мо бародарони хамхуни бостонй ва достонием.

Рўзхои минбаъда ин суханхо дар митингу мачлисхои серодами шахру дехоти Талас, Норин, Ўш ва Иссиккўл борхо такрор мешуданд ва хар дафъа бонси кафкўбиҳои шодиёна мегардиданд.

ЧИНГИЗИ МО

Лашкаркаши муғул Темучини Чингизхон нисфи оламро гирифт. Бо зарби шамшер гирифту ба харобазор, макони зоғу бум мубаддал кард. Ба хар кишваре мерафт пешопеши кўшуни хунхораш лашкари тарсу вахм, ғаму андўх ва мусибат мешитобид. Ва номи ў дар таърих Чингизи золим, Чингизи хунхор сабт гардид.

Хушбахтона, хамзамони мо Чингизи дигар аст, ки нисфи олам не, балки калби китобхонхои хаман оламро фатх кардааст. Ин Чингиз Айтматов, нависандаи номии кирғиз аст. Вай хам чахондида ва чахонгашта аст. Ле-

кин ба ҳар диёре ки сафар накунад, пешопеши вай лашкари сулҳофарини китобҳояш, фильмҳояш, қиссаҳои дилнишинаш оид ба мехру муҳаббат, дӯстию садоқат ва сулху амонӣ мешитобанд.

Чингизи фирӯз, Чингизи фотеҳ махз ҳамин дӯсти ҳамқалами мо — Чингиз Айтматови қирғиз аст.

Ин суханон ҳам аз муаллим Турсунзодаанд, ки баҳори соли 1976, Рӯзҳои маданияти Қирғизистон дар Тоҷикистон ба шарафи Чингиз Айтматов ва дар ҳузури худи ӯ дар мачлисгоҳи Университети давлатии Тоҷикистон гуфта буданд. Дар тавсифи хизмати Чингиз Айтматов барои адабиёти кирғиз, адабиёти сермиллати советӣ бехтар аз ин чизе гуфтан душвор аст.

Рӯзҳои маданияти тоҷик мо низ хурсанд будем, ки ҳамаи ин рӯзҳо — аз аэропорт то аэропорт, яъне аз пешвозгирӣ то гусели тоҷикон — Чингиз Айтматов ҳамроҳи гурӯҳи нависандаҳо буд. Ҳатто 19 сентябрь, бегоҳирӯзие, ки дар як соат ҳам шаби адабӣ мегузашт, ҳам дар калонтарин кинотеатри пойтахти Қирғизистон «Манас» фестивали фильмҳои тоҷик кушода мешуд, Айтматов, Раиси Правлениян Иттифоқи кинематографистони Қирғизистон дар шаби адабӣ иштирок мекард.

Рӯзи дигараш ба мо гуфтанд, ки адибони тоҷик бояд дар телевизиони Қирғизистон баромад кунанд. Аз ҷумла, камина мебоист як-ду дақиқа чизе мегуфтам.

Дар болои норасоиҳои дигар ман боз як хислати нобобе дорам, ки ба ҷое рафта, бадеҳатан ягон чизи ба худам маъқул гуфта наметавонам. Аз рӯи одат ҳатман бояд чизе бигӯям, ки бо хаёти шунавандаҳо вобаста бошад. Ва ҳатман сюжетнок, яъне аҳаллан то андозае ба очеркак ё ҳикоятча монанд. Барои ҳамин ҳам ба даҳаи адабиёти тоҷик ҳамроҳи рафиқон ба ягон республика биравам, як ё ду рӯзи аввал хомӯш гашта, аз рохбар барои фаъол набуданам таъна мешунидам ва фақат баъди ҷамъ овардани як миқдор таассурот ва мушоҳидаҳо ба гап даромада мерафтам.

Инак, дар андеша будам, ки ба воситаи телевизион чӣ мегӯям.

Мӯъмин Қаноат ба имдодам расид ва гуфт, ки повестьҳои Чингиз Айтматовро ба тоҷикӣ ту тарҷума кардай ва забони тоҷикӣ баъди забони русӣ дуввумин забонест, ки повести машҳури «Ҷамила» нашр шудааст.

Воқеан, рост мегуфт. Айнан ҳамин тавр шуда буд. Он вақтҳо дар журнали «Шарқи Сурх» (ҳоло «Садои

Шарқ») кор мекардем ва рӯзе Толис маро ба кабинети худ чеғ зада, ба дастам шумораи нави журнали «Новый мир»-ро дода гуфт:

— Ин чо «Ҷамила» ном повесть чоп шудааст. Хаминро тарчума мекардед...

— Майлаш. Лекин кай?

— Ҳар чӣ зудтар, бехтар, хамин хафта тайёр шавад, боз хубтар.

— О худатон медонед, Толисчон, хозир аз харвакта серкортарам: хам кори журнал, хам дигар супоришхо...

— Хайр, набошад хамин рӯз ақаллан як бор хонда бароед.

Ман хайрон шудам. Толис хеч гох касеро ба коре саросема намекард, барои муаллифон, тарчумонон мӯхлатхои танги телбакунанда таъин намекард.

Ба хона омада, ба хондан сар кардам. Сар кардаму то анчомаш дигар аз даст монда натавонистам. Акнун фахмидам, ки чаро Толис ақаллан хонданашро хамин шаб сар кун, гуфта будааст. Хамон шаб чанд сахифаи повесть тарчума хам шуд. Пагохӣ ба идора телефон карда, аз Толис пурсидам, ки мумкин бошад, як-ду рӯз аз хона набаромада, тарчумаро давом дихам.

— Чанд рӯз ки лозим шавад, бемалол,— гуфт ӯ.— Факат «Ҷамила»-и точикиро биёред, шуд.

«Ҷамила»-и точикӣ баъди як мох дар журнал нашр шуд ва ним соли дигар гузашту нашриёт хам онро ба шакли китобчаи алохида баровард.

Дар телевизиони кирғиз Мӯъмин Каноат, Марианиз Фофанова, Гулчехра, Убайд Рачаб ва Кутбӣ Киром дар бораи дӯстӣ, дар бораи Кирғизистон шеърхо хонданд. Ман аз тарчумаи точикии асархои Чингиз Айтматов накл кардам. Намедонам наклам чӣ хел баромад, лекин худи хамин далел шоистаи диккат аст, ки осори хеч кадом нависанда ба точикӣ ин кадар пурра ва ба зудӣ тарчумаю нашр нашудааст, чуноне ки повесту хикояхои Чингиз Айтматов дастраси хонандахои точик гаштааст.

Лекин хамон рӯз ман «ба телевизион баромада, чӣ мегӯям» гуфта, бехуда ғусса хӯрда будам. Боре дар як бахси ғалатӣ дар хусуси эҷодиёти Чингиз иштирок карда будам, ки аз ёдам намеравад.

Аз он вокеа холо хабдах сол гузаштааст ва кахрамони асосии вокеа агар аз ин кайдхо огох шаваду кирдори худро шиносад, дигар аз ман, эхтимол, наранҷад, ки ин сирро ошкор кардаам.

Файзулло Ансорӣ ва ман дар курси олии адабии назди Институти ба номи Максим Горький мехондем. Рӯзе аз рӯзҳои тирамоҳи соли 1960 дар танаффуси калони байни лекцияҳо дар роҳрави бинои курс дар гӯшаи тамокукашон рост истода сӯҳбат мекардем. Иттифоқо аз ҳикояю повестҳои Чингиз Айтматов гап баромад. Он вақтҳо Айтматов чандон машҳур набуд. Лауреати мукофоти Ленинӣ, мукофоти давлатии СССР, депутати Совети Олии СССР, котиби Иттифоқи нависандагони СССР, академики Академияи фанҳои Қирғизистон, аъзои даҳҳо комитетҳо, комиссияҳо, ҳайатҳои таҳририя шуданаш ҳанӯз дар пеш буд.

Ҳамкурси мо насрнависи украин Борис Харчук, ки чӯраи ману Файзулло Ансорӣ буду бештар вақти худро ҳамроҳи мо мегузаронид, ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд:

— Повесту ҳикояҳояш кори калон! — гуфт Борис. — Бисьёр бакувват.

— Рости гап, ман ҳоло факат «Чамила»-ро ҳондаам,— гуфт Ансорӣ.— Асари хуб ҳамин қадар мешавад.

Тошпӯлод Ҳамид, шоири бухорой ҳам «Чамила»-ро таъриф кард. Ногоҳ як рафики ҳамкурсамон, ки ӯро дар ин чо шартан рафиқ Мункир меномам, ва ӯ ҳам аз яке аз республикаҳои Осиёи Миёна ба ҳондан омада буд, бо ҳарорат гуфт, ки ҳамаатон муболиға мекунед, ҳатто нодуруст мегӯед. Дар «Чамила» аз реализм осоре нест, гуфт. Дигар асарҳои Айтматов низ ҳамагӣ сусту мустанд.

Он вақтҳо чавонтар будам ва даъвои нодурустро шунавам, худро даст ҷирифта натавониста, якбора оташин мешудам.

— Гапата дониста зан!— фарьёд задам ман дар ҳолате ки ба танам ларза афтода буд.— Кучои асарҳои ӯ сусту? Ту, охир, одами босавод-ку, далелу мисол биёр.

Рафиқ Мункир ба гап даромада рафту оид ба зарурати инъикоси урфу одатҳои миллӣ дар адабиёти миллӣ, хусусиятҳои хоси адабиёти миллӣ дурудароз ва парешон сухан кард.

Ман, ки «Чамила»-ро ба карибӣ тарҷума карда будам, образҳои Дониёр, Чамила, даравгардухтарони кирғиз, манзарахои ғаллазору кӯҳсори Талас ҳанӯз пеши назарам буданд. Овози муассири Сеид, ин кӯдаки ошиқ гӯё ҳанӯз дар гӯшҳоям сало медоданд.

Боз худро нигоҳ дошта натавониста ва чӣ гуфтанамро надониста Мункирро дашном додам. Ӯ дар чавоб маро

аз он сахттар дашном дод. Ғавғои моро шунида, хамкурсонамон насрнавис Евгений Носов ва сардори курс шоир Владимир Туркин ба гӯшаи пурдуди мо омаданд ва пурсиданд:

— Ин чӣ хел мунозираи адабист, ки тарафайн карибдастбагиребон шудаанд?

Мазмуни баҳсро ба онҳо шарҳ додем.

— Наход? Мункир меғуяд, ки Чингиз нависанда нест?— пурсид Носов муғамбирона хандида. Вай гӯш андохтанро ба мубоҳисаҳои аз ҳад зиёд ҳароратноки фарзандони Қавказ ва Осиёи Миёна дӯст медошт ва аз ин кор ҳаловат мебурд.— Хайр, Чингиз нависанда набошад, кӣ нависанда? — боз пурсид Носов.

— Мункир нависанда! — истеҳзоомез гуфт Ансорӣ.

— Ман ба ин шубҳа дорам,— гуфт боз яке.

Инро шунида, Мункир бонг зад:

— Номаъқул кардед. Ман нависанда, ана агар кӯр набошед, бинед!— гӯён аз кисааш билети аъзои Иттифоки нависандагони СССР-ро баровард.

Аз кучое дар сари ман накшае пайдо шуду гӯё ба ҳакики будани он хуччат шубҳа дошта бошам, «каӣ, каӣ?» гуфта наздиктар рафтам ва билети аъзоии Мункирро чанг зада гирифта, ба кисаам андохтам.

— Тамом, масъала ҳал!— хитоб кард Борис Харчук,— аз ҳамин дақика ту дигар нависанда не.

— Нағз кардед,— тарафдорӣ кард маро Ансорӣ,—дигар надихед. Адабаша хӯрад ин бедаҳан!

Ба хобгоҳамон ҳама якчоя троллейбуссавор бармегаштем. Мункир тамоми роҳ ба ман мечаккид, ки билетамро бидеҳ, ҳазлу шӯхи ҳам эбаш-катӣ. Ман мегуфтам, ки ин ҳазл нест, агар аз шарманда шудан натарсад, ба ҳар ки хоҳад, рафта арз кунад, билеташро намедиҳам.

Аз вокеа шунавандагони курси дуввум огоҳ шуда, бо завқ механдиданд, кирдори моро таквият медоданд. Шунавандаи курси дуввум мунаккид ва насрнависи туркман Қакалӣ Бердиев бошад, гуфт:

— Шукр кун, Мункир: бахтат тофтааст. Ба чои инҳо ман мешудам, ҳам билетро мегирифтам, ҳам як тарсакӣ мефаровардам. Ҳа?! Чӣ? Китобҳои нағзи як нависандая ба рӯяш хати ботил кашидан гуноҳи андак аст?

Мункир ба каду комати пахлавононаи Қакалӣ Бердиев, ки аз пайкари одами қаторӣ бахузур ду баробар меомад, бо хавотир чашм давонда, хомӯш шуд.

Ҳамон шаб Мункир то карибиҳои саҳар дари хонаи маро тақ-тақ зада, аз ҷонам безор кард, аммо накушодам, садое набаровардам.

Саҳарӣ дар троллейбус мунозира аз нав оғоз шуд.

— Хайр, бачахо, шӯхи кардед, шуд, бас. Шакара камаш ширин, Ман ҳам савганд ёд мекунам, ки бо шумо барин профессорҳо дигар баҳсу мунозира накунам.

Не, гуфтем мо. Билетатро пас гирифтанӣ бошӣ, шарти моро ба ҷо меорӣ.

— Боз чӣ хел шарт?

— Шарт ин ки дар беҳтарин ресторани Москва ҳамаи шоҳидони ин бахсро зиёфат медихӣ ва тантанавор тавба мекунӣ!

— Дар ресторани «Украина»!— лукма дод Борис Харчук.

— Чаро «Украина»? «Боку» ҳам ресторани соз, ба институт ҳам наздик,— гӯё мулоим шуда гуфт Мункир.

— Не, залхои «Украина» калонтар, боҳашаматтар. Сонӣ, шабона он ҷо хофизони зӯр месароянд.

— Ман барои зиёфат дар ресторани боҳашамати хофиздор пули беҳисоб надорам.

— «Бепул суханат асар надорад, ҳоле ки ту дорӣ, саг надорад»,— замзама кард Ансорӣ ва сонӣ ин байтро ба русӣ тарҷума намуд.

— Билетро дихед, сонитар зиёфат мекунам.

— Хобатро ба об гӯй. Хо, ана автобуси рақами бисту чор, савор шав, туро ба сохили Яуза, ба пеши об мебарад.

Шаби дигар ҳам Мункир дари маро кӯфта хеле гаранг кард. Аз кори кардаам тадричан пушаймон мешудам: охир дар ин вазъият на худи Мункир дарс тайёр карда ё бо нависонависи худ машғул шуда метавонад, на маро мемонад, ки аз пои корам шавам.

Саҳарӣ ба Файзулло Ансорӣ аз кирдори Мункир нақл кардам.

— Билетро ба ман дихед, осиё бо навбаташ,— гуфт ӯ ва дар троллейбус ба Мункир эълон кард, ки ба Мухаммадиев начак, билетат дар дасти ман аст.

Шабона ба рохрав баромадам, ки Мункир дар пеши дари бастаи хонаи Ансорӣ истода, тавалло мекунад:

— Барака ёвед, бас кунед акнун. Имрӯз ба Хонаи Марказии Адибон (ЦДЛ) рафтам, даромаданӣ намонданд.

Ба ЦДЛ факат аъзоёни Иттифоки нависандагонро аз рӯи ҳуччаташон мемонанд. Дар он ҷо фильмҳои сара ни-

шон медиханд. Мулокоти ачиб мешавад. Аз буфетхои ЦДЛ чизхои даркорнамонро (хусусан сигорхои нағз) мехаридем. ЦДЛ китобхонаи бое дорад, ки бе кўмаки он тахсили шунавандахои курс мушкил мегардид.

Ду рўз нагузашта Файзулло Ансорй хам аз даркўбихо ва чакиданхои бефосилаи Мункир безор шуд.

— Биёед,— гуфт ў,— билетро ба дасти Қакалй месупорем. Мункир аз тарсаша ба вай наздик намешавад.

Мункир акнун бевосита ба мо начакида, шиносони худ — баъзе хизматчиён, хатто муаллимони институтро миёнарав сохта, ба назди мо мефиристод.

— Бечорая азоб надихед,— мегуфт яке аз миёнаравхо.— Дар бахсу мунозира аз сахву хато ё ифрот гузир нест. Ғайр аз ин масъалаи завқ хам аҳамият дорад. Чй ялоч, як асар ба як кас маъқул, ба каси дигар начандон. Завки инсон хар тарика мешавад, қоида.

— Рост,— мегуфтем мо.— Лекин нависанда — аъзои Иттифоки ягона бояд акаллан андаке завки солим дошта бошад. Вокеан, ин аз шартхои аъзогист.

— Не, ман ихтилофи завкро дар назар дорам,— исрор мекард миёнарави Мункир.— Масалан, Лев Николаевич Толстой чй андоза марди хирадманд, баинсоф буд, чй санъаткори беназир буд, аммо пьесахои бузурги тарини драматургон Вильям Шекспирро хуш намекард. Ба русй маколе хаст, ки «На вкус и цвет товарища нет».

— Хайр, агар шумо тасдиқ кунед, ки Мункири мо ва Лев Толстойро дар як катор монда, хусну кубхи онхоро муқоиса кардан ҷоиз аст, мо билеташро бо ду дасти адаб бурда месупорем.

Миёнарав ба сукут рафт.

— Шумо хамин фикрро тасдиқ мекунед?— боз пурсидем.

— Э монед-е, ташвиши худам ба худам кифоя,— гуфт миёнарав ва даст афшонида аз мо дур шуд.

Вакте ки аз ин гуфтушунидхо ба Қакалй Бердиев хабар додем, ў гуфт:

— Суст наоед. Асло аз гапатон нагардед. Медонед, барои чй ман шуморо тарафдорй мекунам? Ба Мункир барои зотхо гап таъсир надорад. Ўро чазо додан даркор. Ба пул хароҷот кардан мачбур сохтани ин қабил одамон сахттарин чазо аст. Ха, ха, одамоне хастанд, ки агар пурсед: сад сўма ҷарима медихй ё як сол кўча меруби? — ча-

воб медиҳанд, ки беҳтараш як умр кӯча меруӣбам. Мункиратои аз ҳамин тоифа. Зиёфаташ сараша хӯрад, ман зор не, шумо ҳам гушна намондаед, лекин ин даҳонбефаровеза як боб кардан даркор.

Мункир ҳамчунон ба шарти мо розӣ намешуд. Аз дур истода ба Қаҳалӣ мегуфт, ки билетама те.

— Намедиҳам, —мегуфт ӯ оромона.

— О шумо инсоф доред ё не? Ман бебилет чӣ хел зиндагӣ кунам — мепурсид Мункир.

— Ба пеши рафиқ Марков бирав, наваша медиҳад.

— Намедиҳад.

— Гум кардам гӯй, медиҳад.

— Гум кардам гӯям, выговор медиҳад.

— Выговор кати билет ҳам медиҳад.

— Даркор не ба ман билети выговордор.

— Набошад, бигӯ, ки ман ҳамчун нависанда хеле пеш рафтаам, ҳоло адабиётшиноси зӯр ҳам шудаам. Меарзад, ки боз якта билет дихед.

Мункир дигар чизе нагуфт.

Аммо аз воқеа роҳбарони институт огоҳ шуданд. Ин гап ба гӯши аъзоёни бюрои партиявӣ ҳам расидааст. Борис Харчук, ки котиби ташкилоти ибтидоии партиявии курси якум буд, дар ин хусус ба мо хабар расонид ва ило-ва кард:

— Шояд бас кунем, а? Монед ҳамона ба ҳолаш, зиёфаташ аз сараш монад.

— Гап дар сари зиёфат не. Худат-ку нағз медонӣ,— гуфт Файзулло Ансорӣ.

— Парво накунед,— гуфт Қаҳалӣ.— Билет дар кисаи ман. Гап зананд, ба ман гап мезананд Ҷеғ зананд, мана чеғ мезананд. Ман рӯирост мегӯям, ки ин масъалаи минтақавии мо, осиёнмиёнагиҳо. Муаллифи «Ҷамила» аз Осиёи Миёна, Мункир ҳам аз Осиёи Миёна, ҳамаи иштироккунандаҳои бахс ҳам. Мо ҳаҷ дорем як масъалаи байни худамонро худамон ҳал кунем, ё не?

— Э як гапҳо мегуӣ, ки... «Осиёи Миёна», «Осиёи Миёна»,-- ранчидахотирона эътироз кард Борис.— Чӣ фарқ дорад: Осиёи Миёна ё Осиёи боло ё поён?..

— Хайр бас, сарам гиҷ шуд. Зор монад билети касофаташ! — гуфт Бердиев. — Беҳуда нагуфтаанд, ки мол ба молдор намонад, ҳаром бувад.

...Яке аз рӯзҳои аввали соли нави 1961 Мункир Ансорӣ, Харчук, Қаҳалӣ ва маро ба ресторане бурда зиёфат дод. Қабл аз ҳама — мувофиқи шарти мо — гардани хор-

хорон аз чой хеста, узр хост, ки хато кардааст, дар хакки як нависанда носазо гуфта, кори номакбул кардааст.

Лекин баъди ду кадах нўшидан сархуш шуду диккй аз чояш бархост ва гуфт, ки мехохад ба саломатии Чингиз Айтматов нўшбоде гўяд.

— Не! — хитоб кард Харчук.— Ин гуна нўшбод хозир гуфта мешавад. Аммо намемонем, ки онро ту бигўй.

— Рост!— гуфт Какалй Бердиев ва дасти баходуронаи худро ёзонида, Мункирро нармакак ба курсиаш нишонида монд.

Боз як чизро илова кунам, ки низ ба Чингизи мо робита дорад.

Дар сўхбате ки Иттифоки нависандахои Кирғизистон баъди шаби адабй биёрост, пас аз Тендик Аскаров ва Чингиз Айтматов муаллим Икромй аз чой бархоста, кадах гуфтанд. Таклиф карданд, ки ба шарафи Аълохазрати наср, ки имрўз пояи адабиёт аст, бинўшем. Оре, айнан хамин тавр «Аълохазрати наср» гуфтанд.

Одатан ин гуна нўшбод нидохои пичингомези шоиронро ба вучуд меовард. Дар он мачлис хам як-ду нафар мубохиса кушоданй шуданд. Аммо дар хузури Чингиз ба унвони наср чизе гуфтан осон набуд.

ДАСТАФШОН ҒАЗАЛ ХОНЕМ...

Иштироккунандахои Рўзхои маданиятро ба чахор гурўх таксим карданд. Ансамблхои «Лола», «Гулшан», рубобчидухтарон, хофизону раккосони театри Ленинобод, дастахои мутрибони Чўрабек Муродов ва Зафар Нозимов ба вилоятхои Ўш, Норин, Иссиккўл ва районхои атрофи пойтахт мераванд. Гурўхи опера ва балетамон дар шахри Фрунзе мемонад. Махмудчон Вохидов низ.

Ба сафари гурўххо факат чанд соат монда буд, вале ман намедонистам, ки ба кадом вилоят хохам рафт. На аз он сабаб, ки ин сирри махфй бошад, балки аз он чихат ки худ ба худ ахд карда будам: хар чй пеш ояд, хуш ояд. Чанд сол кабл аз ин, дар кадом як дахаи адабиёт ва санъат гурўх интихоб карда, пушаймон шуда будам. Баъди баргаштан аз сафар накли рафикони худро, ки бо дигар гурўххо рафта буданд, шунида ва бо таассуроти худ мукоиса карда, ба хулосае омада будам, ки хамрохи онон мерафтам, бехтар мешуд...

Гурўхи мо ба вилояти Норин мерафтааст. Сардорамон мудири шўъбаи маданияти КМ Партияи Коммунис-

тии Қирғизистон Ҷумъагул апа Нусупова. Ин касро ҳанӯз аз Душанбе мешиносам, ки ба Рӯзҳои маданияти кирғиз рафта буданд. Зани оқила, бағайрат ва ситорагарм. Одатан қирғизону тоҷикон бо тарҳи рӯй аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва дарҳол шиноҳта мешаванд. Аммо Ҷумъагул апа чӣ бо андому чӣ бо тарзи рафтор ва гуфтор ба Низорамоҳ Зарифовои мо шабоҳат доранд ва агар дам ба дам ба ёрдамчиёни худ бо забони модарӣ гап зада, супоришот доданашонро намешунидем, аз эҳтимол дур набуд, ки қирғиззан буданашонро фаромӯш карда, ба тоҷикӣ мурочиат кунем.

Шаби кушода шудани қисми адабии Рӯзҳо камина нутқамро хотима дода ва худро озод ҳис карда, ба хонаи паҳлуи саҳнаи театр гузаштам, ки ҷуръае об нӯшида, гуп-гупи диламро пасанда кунам. Ҷумъагул апа низ бо коре берун баромада буданду аз он хона мегузаштанд. Аз роҳ бозистода, аз ман пурсиданд, ки оё дар ташкилотҳои партиявӣ кор кардаам? Хайрон шуда гуфтам, ки не, кор накардаам. Дар ин соҳа аз вазифаи аъзои бюрои ташкилоти ибтидоии партиявӣ болотар рафта натавонистаам. Рост, дар матбуоти партияви солҳои бисьёре кор кардаам. Ходими матбуоти партиявиро баъзан коркуни партиявӣ ҳисоб мекунанд.

Ҷумъагул апа ҷавобӣ дурударози маро бо табассуми илтифотомез гӯш карда истоданду гуфтанд:

— Наклатон дар мавзӯи дӯстии халқҳо наклн ходими партиявӣ барин буд.

Инро гуфтанду аз пои корашон рафтанд ва ман факат баъди муддате пай-бурдам, ки ин кас нутқи маро таъриф кардаанд. «Эҳ Ҷумъагул апа, ҳоҳари азиз, гуфтам дар дил оҳи сабук кашида, одами аҷоиб будаед шумо. Аз рӯирост таъриф кардани адибон чаро истиҳола мекунед? Вай рафики ман Маҳмудҷон Воҳидов аст, ки бо таърифу тавсиф ҳар касро куштан мумкин, гуфта хаёл мекунад. Муболиға мекунад Маҳмудҷон, хато мекунад...».

Сардори дигарамон мудири шӯъбаи маданияти ҚМ Партияи Коммунистии Тоҷикистон рафиқ Х. Ш. Шарифов. Холмурод Шарифович ғайр аз ходими давлатӣ буданашон ҳамчун олими файласуф ҳам маъруфанд, ки дар масъалаи мураккаби ин соҳаи илм — шахсият ва рушди он дар шароити социализм рисолаҳо навиштаанд ва тадқиқи ин проблемаро давом медиҳанд. Лекин дар сари кор одами серталаб, ҳатто як андоза сахтгиранд ва азбаски меҳмонӣ ва меҳмондорӣ бе сӯҳбату майгусорӣ

намешавад, дар хузури ин гуна сардор хамеша бояд хушьёр буд. Бо вучуди он аз андешаи андаке вахмолудае ки мардум хамеша ба роҳбаронашон доранд, камина озодам, зеро бо Холмурод Шарифович аз овони корубор дар ташкилоти комсомоли шиносем, дах соли охир хамсояи наздикем, дар хашарҳои рӯи хавлии умумиамон борҳо пахлуи хам белу каланд задаем, нону чурғот хӯрдаем, шохмот бозӣ кардаем ва агар хоксориро як сӯ гузорем, эътироф метавон кард, ки дар ин бозӣ дар зарфи солҳо бандаи ганда як-ду хол бештар ба даст овардаам.

Ба мошинҳо савор шуда, роҳи вилояти Нориро пеш гирифтем. Аз водии Чу гузашта, ба кӯҳистони Тиёншон меравем, ба он чое ки наҳри бузурги Осиёи Миёна — Сирдарьё ибтидо меёбад. Дар гурӯҳи мо президенти Академияи фанҳои Қирғизистон Курмангалӣ Каракеев, президенти Академияи худамон Мухаммад Осимӣ, Раиси Комитети давлатии Совети Вазирони РСС Точикистон оид ба кинематография Шодӣ Саидов, Раиси Комитети давлатии Совети Вазирони Қирғизистон оид ба корхои нашриёт, полиграфия ва савдои китоби Қирғизистон Анаш Абакиров, раиси хамин гуна комитети республикаи мо Сайфулло Пӯлодов, котиби якуми Иттифоқи бастакорони Точикистон Шарофиддин Сайфиддинов, рассоми Халкии Точикистон Зулфия Бахриддинова, режиссёри студияи телевизиони мо Шодибек Хотамбеков, аз нависандагони хар ду кишвар Гулчехра Сулаймонова, Тендик Аскаров, Лоиқ Шераліӣ ва нигорандаи ин сатрхо.

Тендик Аскаров ману Лоикро ба мошини худ гирифт. Манзараҳои атрофро бо завқ тамошо мекунем. Онхо гӯё ба забони хол мегӯянд, ки мо дар республикаи худ гаштаем: хамон гуна талу теппахо, наҳру чашмаҳо, хамон гуна водиҳои назаррабо, ки рафта-рафта ба домани кӯҳҳо мерасанд. Фақат хамин кадар тафовут, ки ин чо ҳаво серунтар, иклим серборитар аст ва долу дарахт сабзтар менамояд, умуман растаниҳо таровати худро то ба ин рӯзҳои тирамоҳӣ бештар нигоҳ доштаанд.

Дар бо̀ло кайд шуд, ки Тендик Аскаров марди камсухан аст. Ҳоло ба худ фикр мекунам, ки кам сухан гуфтанаш на фақат аз табиати худаш, балки инчунин аз такозои касбаш бояд бошад, ки мунаккид аст. Бамулоҳиза сухан гуфтан шарти одоб аст ва барои хама хатмист. Вале ин шарт дар табиати мунаккид бо мурури замон ба одати устувор табдил меёбад. Хосияти хунараш хамин аст: тадқиқ, таҳқиқ, таҳлил ва танкид, яъне сараро аз

носара чудо кардан. Танкид касб бошад, махсусан хушьёр бояд шуд, аз афти кор. Зор монад нафс, танкид ба касе намефорад. Худам танкид шунидаам, медонам. Танкид кунанд, меранчем. Хатто таъриф кунанд хам, чунин менамояд, ки ба кадри кофй тавсиф накардаанд. Боз фалону бисмадон чихатхои хуби асарро кайд кардан мумкин буд, хатто зарур буд...

Баъзе рафикон ба ахли танкид ачаб бегамона менигаранд. Чанд бор шунидаам, ки беэътино гуфтаанд: адибе ки шеър ё наср навишта натавонист, мунаккид мешавад. Хукми ғалат, дурўғи фиребандаи ростмонанд. Аз нашриёти «Ирфон» ба ман чандин маротиба супориш доданд, ки ба китоби Толис, ба мачмўаи хикоёти Бурхон Ғанй, Баходур Файзулло, Бобо Насриддинов ва дигарон сарсухан нависам. Ин супоришро ақаллан боре халолу покиза ба чо оварда натавонистам. Сарсухан бояд хусусияти хоси эчоди адибро ба хонанда кушода дихад, ба ў он чизеро нишон дихад, ки бе кўмаки ў пай намебарад, хатто худи муаллиф хам аз он нуктахо гохо бехабар аст. Ба китоби Толис сарсухан менависам, гуфта, як мохи дароз зўр задам, охир хам нашуд. Аз ёддоштхоям порчае навиштам, як чизи очеркмонанде баромад, ки вазифаи пешгуфторро адо карда наметавонад.

Тендик Аскаров рохбари ташкилоти нависандахои Қирғизистон аст. Чандон мўл иттифоқ намеафтад, ки мунаккид ба чунин вазифа интихоб гардад. Пас, чомеи хислат ва фазилаташ ўро сазовори эътимоди умум кардааст.

Вай ба мо аз таърихи мавзеъхои сари рох нақл мекунад, ё ягон чихати ғалатии хислат ё машғулоти сокинони онхоро гуфта медихад. Чунончи, аввалин гурўхи казакхои аз тарафи хукумати подшохй бадарғашудаи рус ана аз ин чо манзил гирифтаанд. Рохи охане ки аз шахри Фрунзе то ба канори Иссиккўл тўл мекашад ва мо муддате аз пахлуи чапи он харакат мекунем, дар солхои сахти чанг сохта шудааст. Тендик дар бораи мехнати токатгудози занон, пирамардон ва писарону духтарони он айём бо эхтиром хикоят мекунад ва хангоме ки аз эхсосоти ватанпарваронаи онхо гап мезанад, аз наклаш оханги ифтихоромез садо медихад.

Мошинхои савории мо турнакатор шуда, бо суръати тамом метозанд. Пешопеши кофила — автомобили ГАИ. Чарогаки сабзи ўро аз дур дида, ронандахои дигар ба корвони мехмонон рох медиханд.

Лоиқ ба сўхбат гох-гохе хамрох мешавад, бештар бо

тамошои манзарахои атроф машғул аст. Вай аслан басо хушсўҳбат аст, хусусан агар мавзўи сўҳбат шеър бошад. Ашъори сараро он қадар аз ёд медонад ва хуб ҳам мехонад, ки кас мафтун мегардад. Боре бо сардории муаллим Раҳим Ҷалил ба районҳои вилояти Ленинобод сафар карда будем. Аз Ленинобод то Ашт, ки шитоб накарда ва дар ҳар ҷо дам гирифта-дам гирифта мерафтем, Лоиқ бо хоҳиши муаллим рубоӣ мехонд. Бештар рубоиҳои Хайём ва дубайтиҳои халқи. Бе муболиға, як рўзи дароз рубоӣ хонд ва чунин менамуд, ки ҳанўз чаҳоряки захираашро сарф накардааст. Муаллим ба шавқ омада, таҳсинаш мегуфтанд ва талаб мекарданд, ки боз хонад.

Шеър хонда, онро дарҳол ба русӣ тарҷума кардан барои ў гарон аст, албатта. Бинобар ин худдорӣ мекунад.

Дар сарҳадди вилояти Норин моро намояндаҳои вилоят ва наздиктарин ноҳияи он — райони Кўчқор пешвоз гирифтанд. Бо нону намак, гулу гулдаста, раксу суруд пешвоз гирифтанд. Дар остонаи хонаи қирғиз баробари нону намак чашидан миқдоре қимиз ошомидан шарт аст. Ин шарти басе гуворою оличанобро бо ҷону дил ба ҷо меоварем, зеро медонем, ки қимизро аз шири асп тайёр мекунанд. Қимиз нўшокии баходурони афсонавӣ ва имрўзаи қирғиз. Дармони беминнат, офаридаи табиати ҳирадманд ва дастони саховатманди бародарону хоҳарони меҳрубон.

Аҷабо, дар миёни анбўҳи пешвозгирандагон симоҳои шиносе менамоянд. Э, охир инҳо рафиқони ҳамсафари худамон-ку: Орифшоҳи Ориф, Муқаддас Набиева, Раҳима Шалоэр, Тоҷиддин Мухиддинов, созандагони ансамбли «Гулшан». Онҳо пештар омадаанд ва аллакай бо мардуми Кўчқор чанд маротиба вохўрда ва дар кинотеатри «Чолпон» концерт ҳам намоиш дода, як шабонарўз ничониб норинӣ шуда гаштаанд. Ба замми ин либоси эстрадии худро дар кўчое монда, кулоҳҳо, ҷомаҳои қирғизӣ дарбар кардаанд. Боз дар болои ин андоми Раҳима ҳар киро хоҳед, ба иштибоҳ меандозад: вай худ қирғиздухтар аст, дар пойтахти Қирғизистон таваллуд ёфтааст, аммо дар пойтахти Тоҷикистон тарбият ёфта, соҳиби ҳунар шудааст ва кайҳо ничониб ҳофизи хушхони ансамбли «Гулшан» аст.

Мутрибони қирғизу тоҷик бо навбат навоҳои шўх менавозанд. Ҳама ба ракс медароянд: хурду калон, пиру ҷа-

вон, марду зан, кирғизу точик, академику талаба, вазиру чўпон, нависандаю хонанда, ҳама, ҳама, ҳама! Вале аз ракси умум дида, хушу ёди ман ба хунарнамоии мусиқинавозон бештар банд. Як даста ҷавонони кирғиз бо комузу таблаку гармонь гўё ин дашти беполёнро аз навохои рўҳбахш лабрезу саршор кардаанд.

Кирғизхо як савтро навохта, ба охир мерасонанду точикон ба нағмапардозй медароянд. Асбобхои «Гулшан» аксаран саҳнабобанд, яъне ки фақат ба василаи микрофону динамикхо баланду форам садо медиҳанд. Аммо ҳамон чанд асбоби сабуки эстрадй — сурнаю дойраву карнаю аккордеоне ки ба ин сахро овардаанд, шўре афканда буд, ки тасвираш махол аст.

Ногоҳ чанде аз мизбонон ба такудав афтоданд, аз кучое намади накшин оварда, ба суфаи зери лавҳаи азими бетонне густурданд, ки бо ҳарфхои ба кади одам баробар: «Хуш омадед, ба вилояти Норин!» навишта шуда буд. Се комузнавоз — ду ҷавонмард ва дар мобайни онхо зани мнёнсоли ситорагарме рўи палос нишаста, ба навохтан сар карданд.

Хаво офтобй буд. Ҳама хушҳол. Ҳалқан гирди комузнавозон дақиқа ба дақиқа тангтар мешуд.

Шунидани савти комуз, аз радио бошад ҳам, пештар насиб гашта буд. Аммо сад бор ҳак аст он ки гуфтааст: шунидан кай бувад монанди дидан! Ёд дорам, ки аввал ба харакати зарифу чобуки панчаи мутрибон бо тамоми диккат нигох мекардам, сонитар нафаҳмида мондаам, ки навои комуз ҳуши маро ба ким-кучохо бурдааст, зеро вай гохо таронаи ларифи духтараки нигарони ёрро шабоҳат пайдо мекард, баъзан сайри сабуки боди озоди сахроиро ва ногахон чунон шиддат мегирифт, ки гўё садои суми хазорон аспи лашкари савора аз дуродур ба гўш мерасид. Ва боз ба суруди дилошўби ошики зор табдил меёфт.

Чанд километр пештар аз маркази Кўчқор қатори мошинхои моро дастаи такрибан чилнафараи йигитхои савора истиқбол гирифтанд. Онхо ба ду гурўх таксим шуда, бо дастафшони ва нидохои баланд мехмононро табрик гуфта, аз ду тарафи кофилаи мошинхо асп тохтанд. Манзараи ачиб буд асптозии йигитхо ва аз пойгаи ҳақики тафовуте надошт. Баъди муддате аспхои зўру бидав муайян шуданд ва аз сари каторхо устувор чой гирифтанд. Аз тарафи рост, баробари мошини мо саманди йўрғае медавид. Ҳам дар каду комат, хам дар рангу

рафтор айнан ҳамон хеле буд, ки Чингиз дар қиссааш бо номи Гулсарӣ тасвир кардааст. На чандон азимҷусса, аммо чобук кавипайкар. Аспони дигар барин частухез надорад, ба намуд оддию хоксор, гарди канорои кӯчаро ба осмон бардошта, тӯфаланг намекунад, садои сумаш гӯшхарош нест, суръаташ ба чашм ноаён, вале хушрӯй, бонизом гаштанаш дархол ба назар мерасад.

Овони чавонӣ, солҳое ки дар колхоз табельчӣ будам, хеле аспсаворӣ кардаам. Чанд бор ба аспи йӯрға савор шудан ҳам насибам гаштааст. Саворӣ йӯрғаи асил кайфияте дорад, ки ҳамаи умр фаромӯш намешавад. Рафтори йӯрғаи хушзот он қадар ҳамвору нарму сабук аст, ки косаи пури обро қатрае нарезонида, аз манзил бар манзиле метавон расонид.

Тендик Аскаров ҳам рӯй ба тирезаи мошин чафс намуда, аз саманди йӯрға чашм намеканд. Лоиқ саворахо ва аспҳои он тарафи кӯчаро бо нидохои ваҷдомез таъриф мекард.

— Холо шумо ҳам аспсаворӣ мекунед,— гуфт Тендик.— Аниқ намедонам, дар ин ҷо ё дар Тиёншон, аммо саворӣ мекунед. Расму қонда ҳамин,— илова намуд ӯ ва пас аз фурсате пурсид: — Аз ин пеш асп савор шудаед?

— Э, Тендик Аскарович, ҳамаи чавониам бо асптозӣ гузаштааст! — хитоб кардам ва дархол аз мухоботи худ, ки зодаи ин муҳити шавқангези пойтаи ачиб буд, пушаймон шудам. Ва барои он ки мизбон «мардаки лофӣ будааст» нагӯяд, илова кардам:

— Лекин аз он айём зиёда аз сӣ сол гузаштааст. Ғайр аз ин боз як нуктаи дигар хаст. Дахаи якуми адабиёти тоҷик дар Қирғизистон кай буд? Тахмин чордаҳ сол пеш аз ин. Як рафики ман, як шоири тоҷик дар ана ҳамон даҳа дар кадом гӯшаи Талас савори асп ҳунарнамой мекунам, гуфта, афтода лат хӯрда буд.

Тендик ҳандиду ваъда дод, ки вакту соаташ расад, ба ман барои ёфта гирифтани аспи йӯрға кӯмак хоҳад кард.

Дар кӯчаҳои маркази Кӯчқор, чунон ки дар урфият мегӯянд, замин кафида, одам баромада буд. Аз бачаҳои мактабхон то оқсақолон дар ду тарафи кӯчаҳо шиорҳои табрикӣ, гулдаста ва байракчаҳои миллӣ дар даст саф ороста, бародарони тоҷикро таҳният мегуфтанд. Хусусан бачаҳо шодмонии худро бо самимияту чӯшу хурӯши хоси ин синнусол изҳор медоштанд. Ҳамин ки қатори мошинҳо ба миёни издиҳоми мактабиён мерасид «Зинда

бод дўстии халқхо! Ура!» гўён чунон наъра мекашиданд, ки овозашон дигар хаман садохои мавчударо пахш мекард. Ман гох ба дигарон тақлид карда, дастамро аз тирезаи мошин бароварда меафшонидам. Гоҳе худ аз кори худ хичолат мекашидам. Худи ман кистам, ки аз даруни мошин истода, ба фавчи мардум гўё илтифотомез дастафшонй кунам? — мегуфтам дар дилам. Ин кор ба одамони бузурги олам, аз кабили сарварони давлатхо, кавмхо ё ақаллан ба кайхоннавардон, кахрамонони даврон мезебад. Вале боз андеша карда, ба худ мегуфтам, ки ин хама иззату икром ба халки ман тааллуқ дорад ва банда вазифадорам, ки ба табрику тахнийт муносиб чавоб гардонам. Инро гуфта, боз даст аз тиреза бароварда, бо хурсандй меафшонидам ва аз Лоиқ хам талаб мекардам, ки инчунин кунад.

— Аз бисьёр афшонидан дастам канда шуд,— бо овози паст гуфт ў, харчанд хуб медонист, ки мизбонон забони точикиро намедонанд.— Лекин рост мегўед, хозир ана ин дастама мебарорам.

Митинги калоне барпо шуд. Рохбарони район, чорводорони номдор, кахрамонони мехнат ба унвони халки точик ва маданияти он суханони гарму нарм гуфтанд. Холмурод Шарифов ба табрикхо чавоб гуфтанд. Баъд Гулчехра ва Лоиқ шеър хонданд. Намедонам, чй навъ карда Гулчехра як банд шеъри барои бачахо навиштаашро ба туркй тарчума карда хонд. Тарчумаи тахтуллафзй не, тарчумаи мукаммал, бо риояи вазн, кофия ва дигар коидаву конунхояш. Хозирон шеърро зуд фахмида, бо шавқ кафкўбихо қарданд. Лоиқ бошад, дар катори дусе шеъри дигари худ шеъре хонд, ки огозаш ин аст:

Туро рўзе ман аз такдир медуздам,
Туро рўзе ман аз ту мерабоям,
Ба мисли одамони болдори киссаву афсонахо
Туро дар зери боли хештан мегираму парвоз месозам.

Ў гуфт, ки соате пеш дар миёни духтарони кўчкорй нозанинеро дида буд. Ин шеърро ба хамон кирғиздухтари чамила бахшидааст.

Мардум суханони ўро хуш қабул карданд, ба хазлаш хандиданд ва хеле карсак заданд.

Лоиқ баргашта ба чои худ нишаст ва сўи ман хам шуда гуфт:

— Лекин хазор зўр занем хам, шеъра Махмуд барин хонда наметавонем.

Инро гуфту охистаяк охе кашид.

Вакти танаффуси байни митинг ва концерти «Гулшан» ҷавоне назди ман омад.

— Ҳоло вай шоири шеър хондагӣ канӣ? — пурсид ӯ.

— Лоиқ Шералӣ?

— Ҳа, Шералӣ.

— Дар ҳамин атроф. Ҳозир меояд. Чӣ буд?

— Гапам буд.

Ман дигар савол надодам. Аммо худи ҷавон, зоҳиран, бетоқат буд.

— Медонед...— гуфт ӯ ва коғазеро бароварда ба ман нишон дод. Ин варақаи чопии бюллетени расмие буд оид ба тараққиёти иқтисодӣ ва мадании райони Кӯчкор, ки ба ҳамин қариби, аз афти кор, ба муносибати Рӯзҳои маданияти Тоҷикистон нашр шудааст.— Ана, хонед, чӣ навиштагӣ. Ягон соҳае нест, ки кӯчкориҳо планашонро барзиёд ичро накарда бошанд. Мана ин ҷои хат кашидагия хонед: «Плани панҷсолаи нӯҳум оид ба истеҳсоли ғалла 148 фоиз ичро шуд». 148 фоиз! Боз ана ин сатра хонед: «Район барои муваффақиятҳои бузург (диккат кунед: бузург) дар ичрои плани ҳоҷагии соли 1975 Байраки Сурхи Сайёри ҚМ ҚПСС, Совети Вазирони СССР, ВЦСПС ва ҚМ ВЛҚСМ-ро гирифтааст». Фаҳмидед, меҳмон-ағай, Байраки Сурхи ҚМ ҚПСС!

Рохбарони район навакак дар митинг ба мо ин мужгаро расониданд, ва мо баробари дӯстони қиргиз аз таҳти дил изҳори шодмонӣ кардем. Ман намефаҳмидам, ки ин ҷавони кӯчкорӣ барои чӣ ба ман ин маълумотҳоро ба таъкид такрор карда истодааст.

— Касби шумо чист? — пурсидам аз ӯ.

— Муаллим. Аммо гап дар ин не, меҳмон-ағай. Шумо ана ба ин саҳифа нигаред: «Маълумот дар бораи аҳолии район (то 1 январи соли 1976)». Хӯш, акнун хонед:

Шумораи аҳолӣ	48139 нафар
Аз ҷумла — занон	24555 нафар

Дидед? Дар баъзе республикаҳо, районҳо шумораи зану духтарон зиёдтар назар ба мардҳо. Аммо дар Кӯчкор духтару писар баробар...

Ҳа-а, акнун фаҳмидам. Ин ҷавонмард Лоиқро дида гуфтанист, ки аз райони мо духтар рабудан кори осон нест. Ғайр аз ин Кӯчкори мо бехуда районе нешқадам нашудааст.

Ба муаллими ҷавон гуфтам:

— Албатта, хуб мефаҳмед, ки Лоиқ ин гапа ҳазломез гуфт...

— Мефаҳмам, албатта. Шумо ҳам, меҳмон-ағай, гумон накунед, ки муаллимҳои Қўчқор ҳазлу мутоибая намефаҳманд. Ман ҳамин қадар гуфтанӣ, ки агар Лоиқ ин бюллетена пешакӣ мехонд, дигар хел шеър мегуфт.

— Эҳтимол,— гуфтам ман ва қасдан илова кардам: — Лекин Лоиқ ҷавони бисьёр бебок аст. Фараз кардем, агар касеро рабудан хоҳад, маълумоти статистикия ҷувол-ҷувол аз сараш резед ҳам, заррае суд надорад. Бисьёр ҷавони ҷасур!

— Мебинем,— табассум кард муаллим ва ба сўи рафиқаш рафт, ки кайҳо боз ўро интизор буду ҳар дам беқаророна ҷеғ мезад.

Радиотехники ба назарҳо ноаён динамикҳои ҳар ҷоҳарчои майдон устувор кардашударо ба аппаратҳои ансамбли «Гулшан» васл мекард. Аммо аз чӣ сабабе ин кор ба ў ба осонӣ муяссар намешуд. Гоҳ садои ба микрофон «як, ду, се, чор, санчиши аппарат...» гуфтани ў шунида мешуд, гоҳ овози диктори радиои Қирғизистон бо фосила ба гўш мерасид, ки дар бораи ҳунари Маҳмудҷон Воҳидов нақл мекард.

МАҲ

Аз ҳамроҳи гурўҳи мо набудани Маҳмудҷон Воҳидов афсўс хўрдани Лоиқ табиист. Ҳузури Маҳмудҷон даҳа ва ҳафтаҳои адабиёти тоҷик, дигар гуна сафарҳои шоирону нависандагонро ҳамеша обод мекард. Борҳо ба гўши худ шунидаам, ки Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода ҳангоми муҳокимаи масъалаи тайёрӣ ба ягон даҳа ё ҳафтаи адабиёт ҳатман гуфтаанд:

— Ба Маҳмудҷон сари вакт хабар додан даркор. Ба таътил ё ягон сафари дигар баромада наравад.

Маҳмудҷон ҳамсафар бошад, амин метавон буд, ки мардум аз гузаштаву имрўзаи назми тоҷик ба хубӣ огоҳ хоҳанд шуд. Қисми зиёдашон ба ин назм якумра дил хоҳанд баст.

Дар баҳри беканори назми тоҷик дурдонаҳо фаровонанд. Ба назари аввал чунин мерасад, ки фаровон бошад, ёфта гирифтан ва дар кишвари бародарон манзур доштани он кори саҳлест. Аммо интихоби дурдонаҳои

сара аз тўдаи мунтахаби чавохирот ҳаргиз осон нест. Хусусан барои Маҳмудчон барин касе, ки дар шеърсанҷӣ ва шеършиносӣ гоҳо аз мутахассисони ин соҳа беш-тар дақиқкорӣ, ҳатто инчиқӣ зоҳир мекунад.

Ҳоло эътироф шудааст, ки сар то сари мамлакат актёрҳои дар шеърхонӣ мисли ӯ завқ ва маҳорат дошта кам андар каманд.

Расми кушоди Ҳафтаи адабиёти тоҷик дар Белорусия дар биноӣ бошукӯҳи филармонияи давлатӣ, дар Минск барпо шуда буд. Маҷлис ва концерти баъди он бо телевизион намоиш дода мешуд.

Баромади Маҳмудчон оғози концерт буд. Ӯ ба микрофон наздик шуду ба ҳозирин бо нимтаъзиме рӯй оварда, эълон кард:

— Асари Абулқосим Фирдавсӣ. Тарҷумаи Илья Сельвинский. Гуфтор андар ҳаҷви Султон Маҳмуд.

Пас аз чанд лаҳзаи таваққуф ба гуфтан шурӯъ кард. Зал хомӯш шуд. Баъди фосилае гумон кардан мумкин буд, ки мардум ҳатто нафаскаширо бас карданд. Дар зали калон, гирду атрофи он, гӯё дар ҳама олам фақат овози боиқтидор, овози ширадор, овози фораму хушоҳанги дӯсти мо ҳукмфармо буд. Ӯ дар ин асно гӯё як нафар актёри тоҷик не, вориси оддии назми ҳазорсолаи форсу тоҷик не, балки фиристодаи худи шоири шаҳири тӯси, садои тавонои аз тӯли садсолаҳо гузашта то ба имрӯз расидаи ӯ буд, ки ҳусни ватан, корномаҳо, сидқу вафои аҳли заҳмат ва аҳли набарди адолатчӯёнаро ситоиш кардааст ва бар зулму тааддии дунёну бедодгарон нафрин хондааст.

Маҳмудчон ҳаҷвияро меҳонду зимни сатрҳое, ки шоир аз иҳоди пасти султон ё аз ройгон рафтани умедҳои худ шиква мекард, овозаш меларзид. Он ҷое ки овозаш меларзид, дили сомеин низ ғайриихтиёр такон меҳӯрд. Ҳатто дили мо барин сомеин, ки ҳаҷвияро борҳо хондаему гӯш кардаем.

Ин, бешак, мӯъҷизаи санъат буд.

Як рӯз пас аз он дар соҳили кӯли нозанини Свитязь будем, ки яке аз мизбонон телеграммае оварда, ба дасти Воҳидов супорид. Қоргардухтаре аз як шаҳрчаи канораи Белоруссия ба адибони тоҷик салом мегуфт ва илтимос мекард: «Ба ҳамон барнописари зебои чингиламӯ, ки шеъри Фирдавсиро хонд, дуруди маро расонед. Бигӯед ки ба ҳунар ва истеъдоди ӯ мо ҳоилем. Бигузор ҳамеша саодатёр бошад».

— Мах, муборак шавад! — ҳазломез ба ӯ дарафтодем мо.— Ба ҷанобатон боз як духтар дил бохтааст. Вагарна мӯйсари патакча барин муқаррарин шуморо ҷингила намегуфт.

Дигаре илова кард:

— Чаро як духтар будааст? Шояд, ки даҳта, садта бошад, аммо яктааш ҷуръат карда, телеграмма фиристодааст.

— Хайр, ҷингиламӯ гуфтанаш муболиға бошад ҳам, барною зебо гуфтанаш ҳақ,— изҳор намуд боз яке.

— Ҳақ асту рост! Офарин, Мах! Марҳабо, архизмарес!

— Чӣ? Чӣ? «Архизмарес?» Боз ин чӣ гапи нав? — шӯрид ниҳоят Маҳмудҷон, ки то ҳол ба ҳазлу шӯхин рафиқонаш ором назора карда менишаст.

— Гапи нав не. Унвони расмии худатон, ки ҳукумати Тоҷикистон додааст, яъне: артисти хизматнишондодаи республика. Ихтисоран, албатта.

— Сад бор аҳд кардаам, ки бо шумо, лақабсозони масхарабоз ба ҷое наравам, аммо чӣ кунам, ки гапи муаллимҳоя гардонда наметавонам,— бо оҳанги сохтаи ранҷишомез гуфт Маҳмудҷон ва ба каноре бирафт. Вале мо ӯро чандкаса ба оғӯш гирифта, ба ин сӯву он сӯ кашолакунон ба таври худ навозиш кардем ва маҷбураш намудем қавл бидиҳад, ки аз мо заррае наранҷидааст то дунёё боқист, нахоҳад ранҷид. Ночор қавл доду худро раҳо кард.

Як вақтҳо номи худро нахустин бор ба шакли Мах шунида, Маҳмудҷон барошуфта буд.

— Номи каса пурра гӯед, ягон ҷоятон кам намешавад! — бонг зад ӯ ба сари мо.— Чаро ман шумоя Мум, ё Мух, ё Мул, ё чизи дигар намегӯям?

— Чунки Воҳид амакам шумоя ҳамту нармдил, хушодоб, ширинсухан сохтагӣ.

— Ба шӯрбо афтед, хушкиликҳо! — гуфту гӯё сахт ранҷида ба гӯшае рафт. Аммо пас аз соате дар сари миз боз ба ҳамон мавзӯъ баргашт:

— Мах нагӯед. Илтимос. Ин номи файласуфи австрияги Эрнест Мах аст, ки ба идеалистӣ бадном шудааст.

— Идеалист бошад ҳам, файласуфи зӯр будааст, дар замонаш дунёро бе об ҷунбонидааст.

— Аммо ман дунёро ҷунбонидаӣ нестам. На бо обу на бе об. Худи дунёё доимо дар ҷунбиш, ҳамин кифоя...

Ҳамаи рӯзҳои ҳафта Маҳмудҷон бо санъати баланд, ба қавле, «гул мебурид». Ҷамъомаде дар шаҳри Брест, дар наздикии Қалъаи Қаҳрамони Брест ҳеҷ аз ёд намеравад. Биное ки моро пазирой мекарданд, дар сохт каср ё қалъа ё хонаҳои қадимаи машриқзаминро мемонд. Сақфаш аз чанд гунбад ба ҳам расида буд, ки ба сутунҳои сафеди мармарӣ такья мекард. Дар интиҳои суханронихо, ки ба мушоира гузашта рафт, Маҳмудҷон бо талаби ҳозирон ба шеърхонӣ даромад. Аз Рӯдакӣ, Саъдӣ, Ибни Сино, Ҳофиз, Хайём ва Ҷалолиддини Румӣ ғазалҳо, китъаҳо, рубоиёт мехонд. Мардум бо кӯшкарсак каноат накарда, бо овози баланд «Бис!», «Браво!» гӯён талаб менамуданд, ки боз хонад. Маҳмудҷон дар саҳни он кох миёни қатори курсиҳо, гоҳо пушт ба сутунҳои сангин такья дода ва гоҳе ба гунбади нақшин чашм дӯхта, бар сари бародарони белорусамон дурдонаҳои назми пурлутфу ҳикмат меафшонид. Вале ёрон ҳамчунон хоҳиш мекарданд, ки боз хонад. Ниҳоят, аз мизбонон яке аз ҷо бархоста гуфт:

— Рафиқон, овозаш хаста мешавад. Инсоф ҳам чизи даркорӣ. Овози ӯ, сиҳатии ӯ ҳам ба мо лозим, ҳам ба рафиқони ҷоник, ҳатто ба худаш ҳам. Ман, масалан, намехоҳам, ки рафиқ Воҳидов аз республикаи мо бо таассуроте биравад, ки гӯё белорусҳо мардуми камшафқатанд. Қӣ мехоҳад, рӯпрост бигӯяд...

Ба ҳамин тариқа Маҳмудҷон аз дасти мухлисон сиҳат саломат халос шуд.

Актёри соҳибҳунар, аз афти кор, ба ҳар ҷое қадам гузорад, он ҷоро бо ҳузури худ, бо ҳунари худ ба гӯшаи театр, ба ҷавлонгаҳи санъат мубаддал мекунад. Бигузор он ҷо саҳни кишти, гӯшаи чойхона ё купэи вагон барин манзиле бошад, ки аз шабоҳат ба муҳити хоси театр фарсаҳҳо дур аст.

Маҳмуд Воҳидов боре ҳуҷраи корвонсароро, масалан, яксоата ба театр табдил дода буд.

Аммо аввал бояд киссаи ба он корвонсаро рафтанашро нақл кард, ки як ҷузъи табиати ӯро ба ҳонанда муаррифӣ мекунад.

Ибтидои моҳи октябри соли 1975 дар Озорбойҷон рӯзҳои адабиёти советӣ баргузор шуд. Чӣ сабабе баромаду рафиқони калонсоламон ба он ҷо рафта наметавонистанд. Ману шоира Озод Аминова вазифаи намояндагиро ба қадри тавон ба адо кардан мекӯшидем. Давраи сафар ба шаҳру вилоятҳо гузашта буд ва рӯзи хотимавӣ наз-

дик мерасид, ки аз республикаҳо ансамбльҳо, оркестрҳо, ё ҳеч набошад, як-ду нафарӣ артистони номӣ омадан гирифтанд, то дар концерти дӯстии шаби хотима ширкат кунанд. Аз ҳама ҷо ҳофизон, раккосон, мутрибони машҳур меомаданд. Аз Душанбе Маҳмудҷон Воҳидов омад ва хурсандии моро ҳадде набуд.

Як шаб пештар аз шаби охирин ҳамаи меҳмононро ба «Корвонсаро» ном истироҳатгоҳ таклиф карданд, ки он моли Ҷамъияти акционерии умуминиттифокии «Интурист» будааст. Мо ба Маҳмудҷон гуфтем, ки ба он ҷо пагоҳ ҳамроҳ меравем.

— Не,— гуфт ӯ қатъӣ,— маро таклиф накардаанд.

— Чиҳо гуфта истодаед? «Таклиф накардаанд». Бо таклифи ҳукумати Озарбойҷон шуморо ба ин ҷо Вазорати маданияти Тоҷикистон фиристодааст. Боз чӣ ҳел таклиф лозим?

— Мебахшед. Рафта наметавонам. Дар умрам нохонда ба ҷое нарафтаам.

Даъватномаи Корвонсаро ба мисли бисьёр дигар корҳое ки дар зарфи ин даҳ рӯз рафиқони озарӣ карданд, ҳеле ачибу ғариб буд. Дар тарафи дохилии даъватнома ба ҷои мати сурати зарингори корвони уштурон акс ёфта буд, ки ба дарвозаи шаҳри бостонии гунбаду манорадоре расидааст. Номи мавзеъ ва тарзи даъват низ ғайриоддӣ буд ва бенҳтиёр мароки бинандаро бедор мекард.

Маҳмудҷон даъватномаро бо ҳавас аз назар мегузаронид ва аён буд, ки ба рафтан дилаш кашол аст. Аммо бо вачоҳати чиддӣ гуфт:

— Нигоҳ кунед, дар рӯи даъватнома бо қалам рақами меҳмон навишта шудааст: 1024. Яъне ки ҳама кор баҳисоб.

— Укачон, гап набофед, 1024 рақами хонаи банда, яъне ошьёнаи даҳум, хонаи 24. Меҳмон ҳамагӣ дусад нафар.

— Ҳар чӣ ҳам бошад...

— Гап дар сари ҳамин коғазпора бошад, ҳозир ба штаб рафта мегӯям, навишта медиҳанд.

Инро шунида, Маҳмудҷон ҷаста аз ҷояш бархост ва таҳтанавор эълон кард:

— Ҳамин корро кунед, ака, нон занад агар дую дубора...— ва суханашро ба охир нарасонида, ба лифт савор шуда, боло рафт. Рости ғап, ман ҳам аз ин гуна рафтор ранҷида, ба хонаам рафтам.

Рӯзи дигар баъди охирин мулокот дар корхонаю му-

ассисаҳои Боку боз дар фойэи меҳмонхона се кас вохӯрдем. Ва боз ҳамон масъала мавзӯи мунозира буд.

— Намеравам гуфтам, вассалом,— ҳамчунон қайсарӣ мекард Воҳидов.

— Маҳмудҷон, як фикр кунед худатон, аз як республика базӯр се кас ҷамъ шудем. Чӣ ҳел карда, шуморо партофта меравем? — савол медод Озод.

— Бегоҳӣ дар театр кор дорам, хоҳарам. Репетиция.

— Дурӯғ! — дӯғ задам ман ҳам.— Репетиция рӯзона буд. Бегоҳӣ театри холӣ каниӣ? Ин ҷоя Боку меҷӯянд!

Дақиқае ҳама хомӯш монданд. Маҳмудҷон ҷӯё тадричан мулоим мешуд. Дар дилам фӯлодро дар ҷармӣ нарм кунанд, ҷӯён ба гап даромадам:

— Нисфи умратон дар сафар ҷузаштааст, Маҳмудҷон. Садҳо бор даъватнома фиристода, ба меҳмонӣ ҷеҳ задаанд. Лекин оё ягон бор дар ягон ҷой аз меҳмон пурсидаанд, ки хой рафиқ, шумо чаро омадед, канӣ даъватномаатонро бароварда, ҳамроҳи паспорт ба мо нишон диҳед?

— Хайр, рафту... фараз кунем, мабодо яке пурсиданд?

— «Рафту фараз кунем, мабодо...». Нахандонед одама, Маҳмудҷон, сил накунед каса, укачон.

Воҳидов аз киса рӯйхати чопии меҳмононро бароварда хондан гирифт:

— Николай Тихонов, Георгий Марков, Мариэтта Шагинян, Алексей Сурков, Борис Полевой, Қайсин Кулиев, Мустай Карим, Вадим Кожевников, Эдуардас Межелайтис, Григол Абашидзе, Карло Каладзе, Серо Ханзадян, Геворк Эмин, Ҳамид Ғулом, Зулфия, Аскад Мухтор...

Ӯ рӯйхатро меҳонд, ману Озод ба рӯи ӯ мутаҳаййирона чашм дӯхта будем, ки барои чӣ ин корро карда истодааст.

Нихоят, рӯйхатхонро бас карду гуфт:

— Ана дар пеши ҳамин ҳел одамони машҳур рафту аз ман даъватнома пурсиданд, чӣ мешавад? Боз як олам меҳмонони хоричӣ...

— Хайр, шуд. Ман ҳам намеравам,— гуфт Озод.— Корвонсаро будааст будааст-дия.— Ва аз пан кораш бирафт.

«Дод занам мезанано, дод назанам, деги мазора мебарано». Ба корвонсаро наравем, осмон ба сарамон намеафтад, албатта. Лекин аз барои якраҳагии бакуллӣ

нодаркор ва бемавриди як рафиқ аз ҷамъият канда шуда, лаб-лаби баҳр аз ҳавои оби шӯр нафас кашида гаштан ҳам ғояти хирадманди наоудагист.

Якраҳаги хам як навъ аломати соҳибиродагист. Аммо ҳоло Маҳмудҷон нозуктабъй ва бамулоҳизагии табиии худро аз ҳадди ифрот хам гузаронида аз кори савоб гардан метофт.

Вокеан, ин бори якум набуд, ки чй гуна ба раъи худ устувор мондани ўро медидам.

Боре хамроҳ ба назди Мўъмин Каноат рафта будем. Вай дар боги Иттифоки нависандаҳо дар дараи Варзоб нишаста кор мекард. Аз пешин то вакти хуфтан бо кор, сўҳбат, оббозй гузашт. Шамоли дараю насими дарьё иштиҳоро козгир карда буд ва се кас ҳар чизе ки дар хонаи Мўъминшоҳ аз хўрданиҳо буд ба иловаи он ки худамон аз шаҳр бурда будем, пок-покиза хўрда тамом кардем. Бевакт шуда буд, дар рохи Варзоб — Душанбе ҳаракати автомобильҳо катъ гардид ва Каноат исрор кард, ки дар ҳамон ҷо бихобем.

Тахмин соати дувоздаҳи шаб Маҳмудҷон эълон кард, ки гурусна мондааст.

— Ду-се бурида нон хаст ҳоло,— гуфт Каноат бо оҳанги узромез.— Лекин об, шукр, фаровон. Мана ба шувоси дарьё гўш андозед.

— Шиками ман одатан на об-катй сер мешавад, на гап-катй,— эътироз кард Маҳмудҷон.— Ман мехмон, шумо — соҳиби хона. Хоҳиши мехмон фарзи айн, яъне ки амри воҷиб. Ягон чизи бамаза ёфта диҳед, рафиқи мизбон.

— Садкаи шиками хирадманди шумо шавам,— гуфт Мўъминшоҳ,— ман аз шиками муборакатон узр мехоҳам ва илтимос мекунам, ки ё бо нону чой каноат фармоянд, ё то субҳ сабр пеша намоянд. «Каноат хар ки кард, охир ғанй шуд», фармудаанд укало ва фузалои пешин.

— Каноатро ба Каноат бахшидам. Ман нону чормаҳз мехўрам,— гуфт Маҳмудҷон ва ба кашидани пойафзолу либоси рўяш сар кард.

— Чормаҳз? Кадом чормаҳз? Канй чормаҳз? — баробар пурсидем мо.

— Эй донишмандони хаёт, маълуматон бод, ки дар болои саратон дарахти бузурги чормаҳз комат афрохтааст. Хар шохааш як чувол мева дорад ва ҳоло охири мохи сентябрь аст ва он чормаҳз пухта моил ба уфтодан аст.

ЧормаҒзафшонӣ дар ҳамин шаби торик! Боз чунин як дарахти азими ғафс, ки ба оғӯши кас гунҷоиш намедиҳад. Ин одам шароб наӯшидааст, ки маст ғӯй, ҳарза намеғӯяд, ки девонааш хонӣ. Ҳанӯз гумон доштем, ки ҳазл мекунад. Аммо ӯ тозон рафта ба дарахт часпид. Мо низ давон рафта, аз лингҳои барахнааш дошта, ба поён кашола кардем.

— Сар дихед маро. Э ба шумо чӣ шуд?

— Ба худатон чӣ шуд? Кадом одами соғ нимишабӣ чормаҒзафшонӣ кардааст. Худо накарда, лаҒжида афтед, ба зану бачаатон чӣ ҷавоб медиҳем?

— Ба зану бачаам худам ҷавоб медиҳам. Меғӯям, ки дар боғи нависандаҳо агар шабона чормаҒз афшонда намехӯрдам, аз гуруснагӣ мемурдаму туро ятим мемондам, ҷони дадо... Гумон мекунед, ки ҳар шаҳрие ки ба гардан галстук баста, ба сар кулоҳ мондааст, аз дарахтбарой оҷиз аст? Сар дихед, гуфтам.

Сар додем. Дар вокеъ чобукона ба дарахт печида баромад. Тақрибан мисли хиндубачае ки ба дарахти норҷил дар як зум малахвор часпида мебарояд ва ман ин гуна манзараро аз кадом як фильми хуччатӣ дидаам. Ӯё дарахт рост наистодаасту балки хобонда, ё аҳаллан нишеб карда монда бошандаш.

Бо вуҷуди он ки ғӯгирд зада ё замини сералафро палмосида чормаҒз мечидем, як доман мева ҷамъ шуд.

Оре, ҳамин хел хислат ҳам дорад Махмудҷон. Бинобар ин ману Озод илочи дигаре наёфта, бегоҳирӯзӣ даъватномаҳоямонро пеши назари ӯ дарронида партофтем ва гуфтем, ки акнун ҳар сеямон дар як вазъиятем.

Нихоят, ба рафтан розӣ шуд.

Корвонсаро дар мобайни калъаи қадиман Боку, дар Ичари шаҳар, яъне Шаҳри дарун будааст. Моро дар катори хама бо иззату икроми том истиқбол гирифтанд. Николай Семенович Тихонов, Георгӣ Мокеевич Марков ва Имрон Қосумов то дарвозаи корвонсаро фойтунсавор омаданд. Махмудҷон ин манзараи романтикиро дида, ба вачд омад.

Корвонсаро сахни на он қадар бавусъат ва гирдогирди он чаҳордаҳ ҳуҷра дошт, ки ҳар кадомаш понздаҳбист касро мебурд. Ҳаво торик шуда буд ва дар лаби бомҳои ҳуҷраҳо чароғҳои шамъшакли электр фурӯзон буд. Ҳуҷраҳо низ фақат аз нури қандилҳои қадима мунаввар буданд. Нишастгоҳҳои ба рӯяшон кӯрпачаю болиҳо гус-

турда, мизҳои пахну пасти кадаш ба зону баробар, колиҳои рӯи девор, зарфҳо, анҷоми рӯи миз, таомҳо — аз нону гулоб то газаку кабоб ва кӯзаҳои нақшини шароб — ҳама чиҳози хучраҳо рангу шакли кадиман миллӣ доштанд ва ба он тарзе ҷилва мекарданд, ки як замонҳо дар корвонсароҳои бостонӣ будааст.

Ба хучра боз ду кас даромад. Ҳар ду шоири советӣ. Яке рус, дигаре калмик. Баъд гурӯҳи нависандаҳои Франция бо тарҷумонашон, соиҳ немисҳои Германияи демократӣ ва нависандаҳои Куба низ бо тарҷумонашон даромаданд. Ҳама якдигарро ба болотар нишастан таклиф мекарданд, кӯшиш менамуданд, ки ҳар чӣ кушодатар ва гармтар табассум кунанд, аммо сӯҳбат кӯр намегирифт. Дар хучраҳои дигар яке аз мизбонони озарӣ инони сӯҳбатро ба даст гирифта сарварӣ мекард. Садоҳои шеърхонӣ, нӯшбод, каҳкаҳаи ханда дар он ҷоҳо кайҳо ба саҳфи хучраҳо печида, ба рӯи ҳавлӣ мебаромад.

Дакиқаҳо пан ҳам мегузаштанд, меҳмонони хоричӣ ба мо ва мо ба онон кунҷковона нигоҳҳо меафкандем, ки каниҳ чӣ мешавад, кӣ сар мекунад ва чӣ ҳоҳад гуфт.

Дар ин вакт яке аз тарҷумондухтарон, ки берун рафта буд, ба хучра баргашт ва гуфт, ки сардори сӯҳбат дар хучраи мо рафиқ Ҷабраилов узр меҳоҳанд, ки чанд дакика дер меоянд ва лозим аст, ки касе аз мо, советиҳо, сӯҳбатро оғоз кунад. Инро гуфту аз чӣ сабабе маҳз ба ман сонияе чашм дӯхт.

Симои муаллими мехрубон Бокӣ Рахимзода сокин базморои аксари шабнишиниҳои шаҳри худамонро пеши назар оварда, хис кардам, ки дилам хеле кувват гирифт. Пас таклиф намудам, ки кадаххоро пур кунанд. Гуфтам, ки дар ин корвонсароиҳ зебо ҳоло як кисми корвони бузурги адабиёти социалистӣ ва тараккипарвари рӯи замин манзил кардааст. Замоне ки дар ин мавзеъ садои бозургонони бостонӣ, шиҳаи аспон ва наъраи уштурон баланд буд, корвонҳо аз манзиле бар манзиле факат ба дархости афзудани молу зар ва давлату сарвати худ ба роҳ мебаромаданд. Корвони адибони тараккиҳоҳ ба ҳар ҷо наравад, ғояҳои сулҳ, дӯстӣ ва прогресс мебарад. Бемузд, беминнат, бо камоли самимият мебарад. Меарзад, ки ба сафарҳои ин корвони начиб роҳи сафед, барору баракат талабем.

Инак, дар хучраи мо низ сӯҳбат сар шуд ва тадричан метафсид. Шоири москвагӣ Сергей Поликарпов гуфт,

ки «Наъли заррин» ном шеъри худро хонда медиҳад. Ӯ ин шеърро бист сол қабл аз ин дар Боку навиштааст. Он вақт чун офицери Армияи Советӣ хизмат мекард.

Мо, советиҳо, ҳар чӣ нагӯем, тарҷумоидухтарон ба гурӯҳҳои худ фаҳмонида медоданд. Шеъри шоири москвагӣ ба ҳама маъқул шуд. Манзараи Бокуи шабонаро, ки аз миллионҳо чарағон мунаввар аст ва аз боло, аз доманаи кӯҳ чун наъли заррин ба назар мерасад, хеле мӯъҷаз тасвир карда буд.

Сардори маъракаи мо низ расида омад ва аз меҳмонон бори дигар узр хост. Ин кас мудири шӯъбаи КМ ПК Озорбойҷон оид ба муносибат бо хорича рафиқ Анвар Фаттоҳ оғлӣ Ҷабраилов буд.

Озод тарҷумаи русии шеърашро дар бораи зани точик хонда, ба таҳсини аҳли давра сазовор шуд. Шоири қалмиқ Михаил Хонинов шеъре хонд, ки ба корноман аскари советӣ дар соҳили дарьёи Березинь бахшидааст, Ҳамон дарьёе ки дар соҳили он қӯшунҳои Россия ва аз ҷумла полки савораи қалмиқҳо таҳти фармондеҳии фельдмаршал Кутузов ба лашкари Наполеон зарбаи ҷонкоҳе зада буданд.

Рафиқ Ҷабраилов хеле хурсанд шуд, ки дар ҳуҷраи мо сӯҳбат ин қадар нағз тасфидааст. Аммо вақте ки Маҳмудҷон ба нӯшбод гуфтан ва шеър хондан шурӯъ кард, хушнудии ӯ дучанд афзуд.

Муҳити романтикии афсонамонанди корвонсаро ба Маҳмудҷон таъсири ачиб бахшида буд. Ҳеҷ дар ёд надорам, ки ӯ шеърҳои классикон ва шоирони имрӯзаи моро ба он дараҷа ҳаячономез, ба он дараҷа муассир хонда бошад. Баъди ҳар порча меҳмонони хоричӣ ва худӣ бо шавқ кафкӯбиҳо карда, офарин мегуфтанд. Немисҳо ҳар дафъа «Гут, гут! Зеҳр гут!» гӯён баробар сар меҷунбониданд ва дарҳол гӯш ба наздиктари тарҷумони худ мебурданд, ки мабодо маъноии сатри тозаеро нашунида монанд. Нависандаи Куба Альфредо Марселино, ки аз май дида, бештар аз мушоира сарҳуш гашта буд, «браво!» гӯён ҷариб фарьёд мекашид.

Дар он шабнишинӣ оид ба дӯстӣ, сулҳ, ҳамкорӣ, комьёбиҳои эҷодии адибон ва ғайра хеле суханҳо гуфта шуданд. Дар бораи миллат ва адабиёту санъати он низ ду бор қадаҳ гуфтанд ва мавзӯи он гуфтор ҳар ду бор ҳам халқи точик буд ва ин гуна истиснои барои мо, се нафар точикон, басо гуворо маҳз ба шарофати ҳунари шеърхонии Маҳмудҷон Воҳидов ба вуқӯъ пайваста буд.

Рафиқ Ҷабраилов ҳангоми хайрухуш моро даҳиҳае аз рох дошта гуфт:

— Ба шахратон ки рафтед, албатта ба Мирзо Турсунович паёми маро расонед. Номамро гўед, кифоя. Бо он кас рафиқи деринаем. Илтимос, фаромўш нашавад.

Рўзи дигар пешинӣ ба чои одатии хўрокхўрӣ мерафтам, ки Махмудчон аз рох дошта, гуфт:

— Ба ягон гўшаи хилваттар рафта, нахорӣ хуремчӣ?...

— Майлатон,— гуфтам ва аз меҳмонхона баромада ба сохили бахр рафтем. Ба ошхона-чойхонае даромадем, ки мурғбирьён (табака)-и хеле балаззат ва чои фомилии аз он хуштаъмтар тайёр мекардаанд.

— Ҳанўз чӣ хонданама намедонам,— гуфт Махмудчон.

Ў ду рўз инчониб фикр мекард, ки дар концерти хотимавии рўзхои адабиёти советӣ ҳачви Султон Махмудро бихонад, ё шеъри Мирзо-муаллим «Савганд»-ро. Аз рўзе ки аз рубоиёти Хайём моноспектакль тайёр карда, ба саҳна гузоштааст, дар баромадҳояш аз он рубоиёт намехонад. Дар ин хусус бо касе маслихат ҳам намекунад.

— Ҳоло боз чанд соати дигар хаст. Интихоб мекунед,— гуфтам.— Лекин унвони намоиш — концерти дўстӣ. Худатон медонед, кадомаш ба маврид муносибтар аст.

Махмудчон аз ҳарвакта парешонтар менамуд. Аз даъват карда, ба ин чо оварданаш маълум буд, ки дар дил гапе дорад. Аммо намегўяд, ба хаёл рафтааст.

Хомўшона чой менўшидем.

— Айб накунед, як савол дорам, ака,— нихоят садо баровард ў.— Шумо одамонро мешиносед?

— Не,— чавоб додам бидуни фикру андеша.— Пештар мешинохтам. Дурусттараш, пештар ба назарам чунин менамуд, ки гўё мешиносам.

Ў дигар чизе нагуфт. Саволаш дар ёди ман хотирахои таассуфангезро зинда карда, ба гирдоби хаёлот кашола мекард. Боз соате сокит нишастему пас ба меҳмонхона баргаштем.

Вактхои охир Махмудчон ба ёдам ояд, чехраи хаёлолуди ў аксаран дар ҳамон ҳолате ки дар Боку, дар сохили бахри Каспӣ дида будам, пеши назарам меояд.

...Ҳоло, баъди ним соат дар шахри Фрунзе, дар зали филармонияи ба номи Тохтогул моноспектакли артисти

халкии Точикистон, Лауреати мукофоти давлатии РСС Точикистон ба номи Рўдакй Махмудчон Вохидов сар мешавад. Дар кўчахои шахри Фрунзе ба хар тараф эълонхои калон-калон часпонида мондаанд, ки фалону фалон рўзхо дар фалон чо «Концерти М. Вохидов». Кадоме аз муҳаррирон сахв кардааст. Эхтимол, фикр карда бошад, ки модоме ки артист танхо ба сахна мебарояд, пас ё месарояд ё менавозад, яъне концерт намоиш медихад.

Вале Махмудчон спектакль намоиш медихад. Ва холо дар яке аз хонахои паси сахнаи филармония изтироб кашида, ғам хўрда ва барои фурў нишонидани хаячони хамешагй ва абадии хоси санъаткор ба чахор сўи хона гаронборона кадам зада, даст ба пешонй бурданхояш,— хамааш бесабаб, бехуда аст. Дар сахнаи театрхои ба номи Лохутй ва ба номи Маяковский ў аз санчишхо гузаштааст. Дар сахнахои Касри маданияти МГУ ва Театри академии бадеии Москва (МХАТ) имтихони аз он зўртареро паси сар кардааст.

Мардум интизорат, Махмудчон! Зафар ёрат, Махи мехрубон!

НОРИН, НОРИН...

Аввалин бор дар умрам вориди хайма шудам. Даромадам, аз катори мехмону мизбонон чой гирифтаму хушам ба тамошои ин хона бирафт.

Кулли кавмхо, халкхои олам истикоматгохи худро зинат медиханд. Шароит даст бидихад, хаман хунар, хаман санъати худро ба кор андохта, кўшиш мекунанд, ки бошишгохашон на факат мавзеи икомат, балки ба монанди наварўс як чизи диданбоби фаттону назарфиреб хам бошад. Гумон доштам, ки танхо биноҳои дар як чо мукими сангин ё чўбин метавонанд ин гуна мучассамаи эчодкории хунармандон бишаванд. Бародарони киргиз хайман сафарии худро, ки хамрохи рамаю галахо аз чое ба чое кўчонида, дар ним соат гундошта ва дар хамин кадар фурсат аз нав рост карда метавонанд, ба осори дилрабои санъати нафиса табдил додаанд.

Зулфия апа Бахриддинова, ки касбаш ба рўи матоъхо кашидаву гулдўзист, ба ороиши хайма аз хама бештар марок зохир мекунад. Хама кайхо нишастааанду ў ханўз рост истода, ба тасмахои гулдўзии ба хар чои деворан

хайма овезон кардашуда наздик рафта, бо диккат зехн мемонад. Ба колинхо, намадхои накшин бо навозиш даст мерасонад ва ба Гулчехра Сулаймонова хушхолона чизе мегуяд.

Хаймахо дар як канори маркази район, дар сахрои кушод гузошта шуда буданд. Аз даромадгохи он, инчунин аз боло, аз равзанаи кушода ва пушидашавандаи он нури офтоб ва буйхои махмуркунандаи дашт пахн мешуд: гох бои пудинаю явшон ва замини шудгоршуда, гохе бои нони акик барин нагз пухтаги.

Хануз аз огози сафар хар замон фикр мекунам, ки маънои калимаи Норин чй бошад? Аз нор — оташ, ё нор — анор? Дар лахчае уштурро низ нор гуянд. Кадомаш? Як вактхо оркестри радиои Узбекистон «Норин, Норин...» ном савти батаъсире менавохт. Хато накунам, аз киссаи ишк, васлу фирок ривоят мекард он сурат, вале назми он чараёни нахри шухеро ба хотир мерасонид.

Ба хар хол, аз дакикае ки ба худуди Норин дохил шудаем, мизбонон манзарахои ачиби романтикиро аз рузгори худ такдим менамоянд: эскорти фахрии йигитхои савора, зан-модари комузнавоз руи намади гулдор дар остонаи вилоят, таомхои миллй дар хаймаи хушруй ва хушбуй. Холо ана ин корвони гуё беохири мошинхо, ки яке аз шохроххои кухистони Тиёншонро бо чарогхояш нурборон карда, ба агбаи Долон печида мебарояд.

Дар болои агба кучкорихо ба мо мувакатан хайрухуш карданд. Лекин хайрухуш хам одди не. Чанд мошин ба шакли нимдоира саф кашида, лавхаи болои агба ва сахнаи пеши онро бо чарогхо равшан сохтанд. Дар руи сахн, болои суфаи сангин дастархоне густурданд, аз кучое шаробу кабоб оварданд. Хар кас хохад, шароб менушад, хохад — кимиз. Президенти академияи фанхои Киргизистон, ки оксаколи гурухи мост ва солиён дар шахру районхои Тиёншон хизмат кардааст, тоифаеро аз хамсафарон дар атрофи худ чамъ оварда, аз гузаштаи ин кишвари баландкух, рохкои дар собика мушкилгузари он хикоятхо мекард. Сухбати сарипони болои агба басо ачиб буд.

Аммо истикболи сокинони шахри Норин ба андозае шавкангез буд, ки сахнаеро аз кадом як афсонаи бостонй ёдрас мекард. Такрибан чахор километр пештар аз Норин дар майдони фарохи тарафи рости рох мардуми зиёде чамъ омада буданд. Атрофи майдон бо автобусхо, ким-чй хел мошинхои каппадор, сабукрав ихота шуда буд.

Ба сари издиҳом чандин прожектор, чарағҳои сайёри автомобилй нур меафканд. Меҳмононро бо меваю асал, самбўсаю қимиз пешвоз гирифта, ба мобайни издиҳом оварданд. Он ҷо микрофоне устувор буд ва дар назди он қирғизписарон суруди табрикй мехонданд. Аммо аз радиодинамикҳое ки дар боми мошинҳои каппадор устувор буд, боз садои баланди дигаре ба атроф паҳн мешуд. Сохиби он овоз дар фосилаи байни бандҳои суруд ба забонҳои точикй ва қирғизй аз худ чизе мегуфт ва баъд яке аз хитобаҳои дар мамлакатамон маъмулро доир ба дўстй ва бародарй бо овози махсусан баланд ба русй мегуфт:

— Марҳабо, дўстони точик! (точикй). Пешгоҳи хонаи мо аз шумост! (қирғизй). Шаъну шараф ба Ватани кабирамон — Иттифоқи Республикаҳои Советии Социалистй! (русй). Ура!

Гулдурроси «ура» ба дашти торик паҳн шуда, то ба домани кўҳсорон мерафт ва пас аз чанд сония акси садояш ба ин ҷо бармегашт.

— Хуш омадед, меҳмонони азиз! Мою шумо хоҳару бародарони ҳамтанем! Зинда бод интернационализм — байраки зафаровари мо! Ура!

Калимаи «бародар» ба ҳаман забонҳо ҳамин зайл — бародар тарҷума мешавад. Лекин ба қирғизй бародарро «бир тууган», яъне ҳамзод, ҳамтана, тавъам мегўянд, ки дар ин мафҳум арзи меҳр, ихлосу самимият ҳаққо ки хеле бештар аст. Ва онҳо ба меҳмони азиз бародари ҳамзод гўён на фақат муроҷиат мекунанд, балки ба қадри имкон мекўшанд, ки аз худ меҳрубонии шоистаи ин маъниро изҳор доранд.

Ҷавонписарону духтарони қирғиз, мутрибони «Гулшан» менавозанд ва месароянд. Точиддин ва Муқаддас ҳамовоз мешаванд. Маҳфират Ҳамроқулова, Тамара Пўлодова, Раҳима Шалоэр бо завқ мераксанд. Меҳмонон бо навбат ба давраи раккосон медароянд. Раҳима гоҳ ба услуби точикй, гоҳе ба сабки қирғизй мераксад ва мардум ба вачд омада, боз баландтар карсак мезананд.

Шўълаи прожекторҳо бар сари издиҳом мелағжад. Меҳмону мизбонон кайҳо ба ҳам омехтаанд. Ҳамин ҳоло дар паҳлўям Тендик Аскаров буд. Азбаски дар ин базми саҳрой ҳама пайваста дар ҷунбишанд, ё ў аз ман дур шудааст, ё ман худ ба каноре рафтаам. Акнун дар паҳлўям зани солхўрдаи қирғиз истодааст, ки сари синааш пур аз ордену нишону медальҳост. Ў бо як даст лаълиеро нигоҳ дошта, бо дасти дигар ба ман ду дона себи сурх

дод. Себро гирифта, ташаккур гуфтам, вале ӯ аз рӯи лаълӣ боз себ гирифта дод. Ниҳоят, ҳамаи себҳои бокимондаашро ба бағали ман рехта ва лаълиро ба дасти писараке супурда, худ ба майдони ракс даромад.

Ингуна майдони фарохи аз чароғҳо мунаввар ва лаболаб аз мардуми рақсандаро дар кучое дидаам. Ҳа, дар Москва, дар Боғи марказии маданият ва истироҳати ба номи Максим Горький. Аммо чандин солҳо қабл аз ин. Соли 1946 буд. Ҳанӯз дар кӯчаҳои канории пойтахт хонаҳои дуошьёнаи чӯбини аз бомбаҳои фугас сӯхта, кисмаи ангиштгардида ба як тарзи ҳузновар қатор шуда меистоданд. Гурӯҳ-гурӯҳ асирони ҳарбии немис дар вайронаҳои биноҳо, роҳҳои трамвай бо сари ҳам кор мекарданд, маҳсули дасти ҳаробкори худ — шикастапорахои иморатҳо, хиёбонҳоро ба занбарҳо андохта, ба гӯшае мебурданд. Дар боғи истироҳат ҳанӯз на ҳамаи саҳнаҳо, дастгоҳҳои тамошо ва дамгирӣ ва димоқчоқкунӣ ба кор андохта шуда буданд. Дар боғи бузург ҳанӯз ягонта дӯконе набуд, ки санбӯсаю қанду курс он сӯ истад, ақаллан кулчае ё оби мевае бифурӯшад. Лекин аз нашъаи ғалаба дидаҳо сер буданд ва ҳар касе ба ин чо ояд, барои изҳори шодмонии худ ва дидани хушҳолии ҳамватанонаш меомад.

Тахмин чаҳорьяки он боғи азим фақат ба майдони ракс табдил дода шуда буд. Азбаски шӯълаи равшантарини чароғҳо ҳам аз канора то ба мобайни ин майдон иктидори расидан надошт, гирдогирди он прожекторҳои пурқуввати кисмҳои зенитиро болои мошинҳои гарони боркаш гузошта буданд ва онҳо шуои худро пайваста ба чапу рост ва пешу қафо мелаҳжониданд. Ва фавчи бисьёрҳазорнафараи чавонони рақсанда даме ба мавчи баҳри ноором шабоҳат пайдо мекард, лаҳзае ба ғаллазори паҳноваре ки аз навозиши насим мурғак меравад...

— Чӣ тавр? Маъқул? — аз ҳамсафарон мепурсид Сайфулло Пӯлодов.— Балоча будаанд рафиқони қирғизамон. Ман гумон кардаам, ки дар Кӯчкор кашолкорӣ карда, дер ба роҳ баромадем. Маълум мешавад, ки ин хел мулоқоти шабона аслан дар нақшаашон будааст. Қоил, қоил...

Муҳаммад Осимӣ ба назди микрофон рафта, барои истиқболи гарм сипосгузорӣ карданд. Дар хусуси дӯстии деринаю анъанавии қирғизу тоҷик суханҳои муассир гуфтанд.

Пагоҳии рӯзи дигар аввал ба пояи ҳайкали В. И. Ле-

нин гулдаста ва гулчанбархо гузошта шуд. Баъд ба пояи хайкали ёдгори онхое ки барои хокимияти советй дар кўхсори Тиёншои муборизо кардаанд. Сипас мехмононро котиби якуми комитети партиявии вилоят рафик Савитохунов А. С. кабул карда, аз корубори захматкашон ва ташкилоти партиявии вилоят дар иктисод, маданият, аз пешомад ва накшахо накл кард.

Бо карори комичрояи шахр яке аз кўчахои Норин ба номи Абўабдуллох Рўдакй гузошта шуда буд. Дар маросими кушоди лавхаи тоза дар ин кўча Лоик, Осимй, Шарифов аз шеърхои устод ба точикй ва русй хонданд, арзи миннатдорй карданд.

Нашриёти Киргизистон ба Рўзхои маданияти точик мачмўаи ашъор ва хикоёти шоиру нависандагони моро ба забони киргизй бароварда буд. Дар бозори китоб, ки дар майдони марказии Норин барпо шуд, махсусан савдои хамин ду китоб гарм буд. Гулчехра, Лоик ва ман дар миёни издихоми дўстдорони китоб бо автографнависй саргарм шуда, аз хамсафарон канда шудем.

— Хеч вокеа не,— таскин медод Тендик Аскаров.— Турсунбек илоче мекунад.

Турсунбек, шофери Иттифоки нависандагони Киргизистон мошинашро чунон башаст меронд, ки шуввоси бод садои моторро пахш карда буд. Хамин ки чашмаш ба милиционере афтод, чобукона мошинро даст гирифта, аз ў ба кадом сў рафтани кофилаи мехмононро мепурсид.

— Ба хамрохонамон мерасидем, албатта хуб мешуд — ба Тендик Аскаров гуфт Гулчехра, ки суръати фавкулоддаи ин дунболагирй ба ў чандон маъкул набуд.— Лекин сахат-саломат мерасидем, хубтар мешуд.

— Парво накунед, саломат мерасем — хамчунон ором чавоб дод Тендик.

Ба корвони мошинхо дар рохи морпечи болои агба расидем.

Соате мехмони бригадаи комсомолону чавонони «Эдельвейс» будем. Ин бригада на танхо дар вилоят ва республика, балки дар хамаи мамлакат бо корномахои мехнатнаш шўхрат ёфтааст. Ду сол пеш аз ин Комитети Марказии ВЛКСМ бригадаро барои комьёбихо дар сохаи зиёд кардани саршумори чорвои колхозй ва хеле барзиёд ичро кардани хамагуна супоришхои истехсолй ба мукофоти комсомоли Ленинй мушарраф гардондааст.

Номи «Эдельвейс»-ро ба бригадаашон худи чавонон додаанд. Эдельвейс гули зарду сафедест, ки дар кӯҳсори баланд, дар канори пирьяхҳо меруяд. Ҳам рамзи нафосат, ҳам тимсоли матонату пурдоштӣ. Табиати Тиёншон сахтгир аст. Ин ҷо зимистон сармо то ба сӣ дараҷа мерасад ва баъзан ҳафтаҳои дароз тӯл мекашад. Дар чунин шароит фарбеҳу солим нигоҳ доштан ва сол то сол афзоиш додани чорво дар воқеъ матонат ва заҳмати фаровон металабад.

Чавонон моро бо суруди гимнмонанди худ, ки низ «Эдельвейс» ном дошт ва нақароташ ҳам ҳамин калимаи хушоҳанг буд, истиқбол гирифтанд. Мо аввал чои корашонро тамошо кардем. Ин ҷо ман мебоист калимаи «оғил»-ро кор мефармудам, аммо нашуд, зеро он чизе ки онҳо оғил мегуфтанд, дар тозагии саҳну даруни биноҳо, ранги иморат, вазъи дару тирезаю ғайра ва ҳоказо бисьёртар бинои клуби обод ё ҳеч набошад, анбори озодаи молҳои саноатро ба хотир мерасонид. Рости, худи аъзоёни бригада ҳам на зоҳиран ва на аз рӯи муомилаю гуфтор ба чӯпону галабонҳои колхозӣ чандон монанд набуданд. Либосҳои якхелаи идонаи миллиашон онҳоро ба аъзои ансамбли ягона монанд карда буд.

Сарварони ташкилоти комсомолӣ бо навбат аз таъриҳи бригадаи худ ва натиҷаи корубори он дар солҳои гузашта, дар хусуси чӣ хел ҷавоб навиштанашон ба садҳо мактубе ки аз ҳамаи гӯшаҳои Иттифоки Советӣ меояд, нақл мекарданд. Ва дар зимни нақл хурсандии худро аз меҳмонии ходимони маданият изҳор медоштанд. Ҷавонон алалхусус аз он ҳол хеле шод буданд, ки якбора президенти Академияи фанҳои ҳар ду республика меҳмони бригадаи онҳо шудаанд.

Вакте ки чавонон моро ба гӯшаи истироҳати худ бурда, концерти хаваскоронашонро намоиш медоданд, яке аз рафиқони ҳамсафарам охиста гуфт: оё ҳамаи ин ҷавонон ва духтарон дар ҳақиқат чорводор бошанд? Ман чизе нагуфтам, зеро ҳар он чӣ ман дидаму шунидам, ӯ низ дида ва шунида буд ва агар бо вуҷуди ин ба дилаш шубҳае пайдо шуда бошад, онро бо сухан ислоҳ кардан амри маҳол аст.

Аснои хайрбод аъзоёни бригада боз гимни хушоҳангашонро хонданд. Роҳбаронамон Ҷумъагул апа ва Ҳолмурод Шарифович ба онҳо барои пазироии самимона миннатдорӣ ва ба кору зиндагиашон орзуҳои нек баён карда, ба ҳар кадомашон алохида даст дода, хайрухуш

намуданд. Ман хам дар ҳамон карибиҳо будам ва барои дастфишорӣ боз наздиктар рафтам. Ҷавонписарон, хусусан ҷавонзанон ва духтарон, ки либоси тозаи ба муносибати меҳмон дар бар кардаашон ҷисми латифу чеҳраҳои лолагуни онҳоро ҳусни дилпазире мебахшид, дасти маро аз рӯи таомули мардумони зиҳматкаш самимона фушурданд, аммо дастони онҳо чунон ғиро ва тавоно буд, ки агар рӯзи равшани офтобӣ намешуд, эҳтимол, лаҳзае гумон мекардам, ки ба панҷаи ман зӯри ҳудро пахлавонони номӣ нишон дода истодаанд.

Ин буд, ки рафиқи ҳамин ҳоло изҳори шубҳа кардаамро бо баҳонае ба он давра ҷеғ зада гуфтам, ки ӯ низ бо ҷавонон даст дода ҳайрухуш кунад. Пас аз дақиқае ӯ дар ҳолате ки ангуштони нарму сафеди дасти росташро бо дасти дигар молиш медод, ҳандакунон гуфт:

— Ҳо вай ғапи ҳоло гуфтаам сад фоиз ҷиддӣ набуд. Як ҳазл кардам-дия.

— Сад фоиз набошад, дах-понздаҳта будааст?

— Рост, камтар буд. Медонӣ, сабаб чист? Мо бисьёр ғавғо мекунем, ки ба ҳаёт бояд наздик шуд, зиндагонии офарандагони неъматҳои моддиро аз наздик бояд омӯхт ва ҳоказо... Албатта дар ин соҳа хеле кӯшишҳо, ҳатто натичаҳо ҳаст. Лекин бо ин ҳама пешрафти ҳаёт гоҳо ҳайратангез аст.

Митинги серодам ва баъди он концерти «Гулшан» дар маркази шаҳр барпо шуд. Аммо то ғузаштани он соате буд, ки дили ташкилкунандагонаш, аксари мизбонон ва меҳмонон низ аз ташвиш холӣ набуд. Митинг акнун ба охир мерасид, ки банохост боди тунде бархост ва анбӯҳи ғарду ғубор ва хасу хошоку коғазпораҳоро аз самти ғарб лӯнда карда оварда ва аз миёнаи биноҳои баланди майдони марказӣ гузаронида, ба кӯҳсори самти шарқ бардошта бурд. Дар кӯчое сими электр канда шуд. Микрофонҳо, радиодинамикҳо аз кор монданд. Мутрибони «Гулшан» варақаҳои нотаро рӯи пюпитрҳо пешакӣ тахт карда монда буданд. Шамол онҳоро ба ҳар сӯи майдон парешон кард.

Вале осмон соф буд. На пораи абре, на осори ғуборе. Пас ин ҳамту як ҳазли бемавриди табиат буд, ки зуд ғузашту рафт. Дар ним соат шабакаи электр аз нав барқарор ғардид.

Концерти ансамбли мо якчоя бо артистони Норӣ мегузашт. Вале акнун ташвиши тозае пайдо шуд: майдони маркази шаҳр бо он ҳама фарохнаш ҳамаи хоҳиш-

мандони тамошоро гунчонида наметавонист. Нимдоираи атрофи эстрада торафт тангтар мегардид, зеро онҳое ки дар ҷафо буданд, андак-андак ба пешсафон фишор меоварданд. Бачаҳои синни мактаби, ки як ҷисмашон ҳанӯз портфель дар даст доштанд, нороҳат буданд.

Орифшоҳи Ориф нориниёнро аз номи санъаткорони тоҷик табрик карда, номераи аввалини концертро эълон намуд. Аммо аён буд, ки худи вай ҳам дар андеша аст, ки мабодо бачаҳо дар миёни калонсолон азоб кашанд, мабодо ҳодисаи нохуше рӯй диҳад.

Гурӯҳе ходимони милиция омада, ба ҳар ҷо-ҳар ҷои издиҳом даромаданд, то мардумро аз наздик ба оромӣ ва эҳтиёт кардани тамошобинони куҳансолу хурдсол даъват намоянд. Ин ҳам ба ҷадре ки лозим буд, натиҷа набахшид. Концерт идома дошт, аммо роҳбарони мо, сардорони ташкилотҳои вилоят дар ҷои худ ором нишаста наметавонистанд.

Муҳаммад Осимӣ дам ба дам аз ҷои худ хеста, назди саркардаҳои маърака мерафтанд ва ба сӯи бачаҳо ишорат намуда, аз афти кор, дар бораи зарурати зудтар ҷорае андешидан гап мезаданд.

Аз айёме ки ҷамъияти одамӣ пайдо шудааст, идора кардани издиҳом аз корҳои маҳолтарин буд. Борҳо шудааст, ки одамон миёни издиҳоми калон ба шавки умум гирифтор шуда, ғайриихтиёр тела-тела карда, боиси рух додани ҳодисоте гаштаанд, ки ҳеҷ кадоме аз онҳо содир шудани онро ҳаргиз намехост.

Кувваи издиҳомро боре ман ҳам бевосита эҳсос кардаам. Бегоҳирӯзии 'иди сивудусолагии Революцияи Октябрь мо, чаҳор нафар тоҷикписарон, ки дар Мактаби марказии комсомол мехондем, маҳз барои тамошои салюти идона ба Майдони Сурх рафтем. Соат нӯҳ нашуда, Майдони Сурх, кӯчаю хиёбонҳои атроф аз одам лиқ пур шуд. Мо ният доштем, ки баъди салют аз кӯчаи байни ГУМ ва музеи ба номи В. И. Ленин гузашта, ба майдони ба номи Дзержинский меравем, ё ҳеҷ набошад, аз майдони Революция гузашта, ба майдони Свердлов, то ки аз он ҷо ба поезди метро савор шуда, худро ба вокзали Казон бирасонем. Оре, худ ба худ ҳамин хел нақшаҳо кашида будем. Аммо салют тамом шуда буд, ки издиҳом моро ба «гирдоби» худ кашида, аз паҳлуи чапи калисои Василий Блаженный гузаронида, ба поён фаровард, ба сӯи Пули Бузурги сангин бурд. На фақат ба мукобили чараёни издиҳом рафтан имконе надошт, балки илоҷе набуд,

ки лахзае дар ягон ҷо карор гирифта, аҳволи худро мулоҳиза намоем. Танҳо дар он канори Пули сангин, вақте ки ба сохили дигари дарьёи Москва расида будем, издиҳом моро аз канори худ раҳо намуд. Он шаб аз электричка монда, шабро дар харакҳои зали мусофирони вокзал рӯз кардем...

Хайрият, аз кучое боз як даста аскарон омаданд ва бачаҳоро аз миёни тӯда чудо карда, гирдогирди саҳнаи тахтагин нишониданд. Лекин ҳоло боз як чиз монда буд, ки диккати касро парешон мекард. Боми иморати чаҳорошьёнаи тарафи чапи майдон пур аз одам буд ва каторҳои онон аз дур селаи паррандагонро ба хотир мерасонид, ки рӯи симҳои телеграф нишастаанд. Чанде аз онон дар лаби боми баланд бахузур нишаста, похошонро нотарсона ба поён овезон карда буданд. Агар иморати баланди самти рост бинои комичрояи вилоят намешуд ва агар дар таги дараш посбонон намеистоданд, шубҳае набуд, ки лаби боми ин бино ҳам аз тамошобин пур мегардид. Ин манзара барои мухбирони суратгир ва кинооператорон бозьёфти нодире буд ва онҳо «ҳамая мон, аммая мехмон» гуфтагӣ барин бар болои автобуси «Гулшан» баромада, тамошобинони бомнишинро сурат мегирифтанд.

Ба ҳар ҳол акнун бо хотири чамъ концерт тамошо кардан мумкин.

Миёни дастаҳои хунарии республикаамон ансамбли «Гулшан» ҷозибаи махсусе дорад. Дар зарфи дувоздаҳ сол вай камол ёфта, ба ансамбли диловезе мубаддал гардид, аз дили ҳаводорони санъат маскан гирифт, дар пойтахти Ватанамон ва бисьёр шаҳрҳои Иттифоки Советӣ санъати тозаи тоҷикро ба тарзи шоиста манзур намуд. Чӣ хосиятест, ки сурудҳои «Гулшан»-ро кариб ҳар рӯз аз концертҳо, аз радио ва телевизион мешунаваму боз ҳамеша ташнаи такрор шуниданам. Шояд сабаб он бошад, ки устодони эстрада савтҳои дилфиреби моро тобишу ҷозибаи тозае ато кардаанд. Ва ин табдилот мисли он ҳолатест, ки кас нозанинеро ҳамеша дар либоси миллии тоҷикӣ дида, мафтуни ҷамолаш буд ва рӯзе банохост дид, ки дилбари фаттон либоси хушнамою шинами аврупой дар бар кардааст ва бар замми латофати чеҳраю хироми нозук акнун боз тарҳи дилнишини ҷомати мавзуни ӯ мавриди назари иштиёқ гаштааст.

Сабаби дигар, бешубҳа, ин аст, ки ансамбль акнун Муқаддас ва Тоҷиддин барин як зумра ҳофизони хуш-

овоз дорад, ки дар адои нозук мумтозанд ва маҳорати онҳо, хушбахтона, дар рушду камол аст.

Концерт тамом шуд, артистони «Гулшан» асбобҳошонро ғундошта, ҷо ба ҷо карданд. Вале қисме аз тамошобинон, хусусан бачаҳои мактабхон ва ҷавонон, гӯё эълон заррае ба онҳо дахл надошта бошад, атрофи суфаи эстрадаро ҳалқасон печонида гирифтанд. Орифшоҳ, ки дар давоми концерти ҷариб сесоата бо суханҳои ҳазломез мардумро хушҳол медошт, ҳоло дар мобайни суфа бо чеҳраи хаёлолуд рост истода, фикр мекард, ки дастаи худро аз иҳотаи ҳаводоронаш чӣ гуна бароварда, ба мошини савор кунад.

— Бачаҳои азиз! — ниҳоят гуфт ӯ.— Пагоҳ боз концерт. Мо ҳамаатонро ба тамошо таклиф мекунем. Лекин ҳоло бояд ба хонаҳотон рафта, дарс тайёр кунед, баъд дам гиред ва мультики * навро тамошо кунед. Имрӯз серияи тозаи «А ну погоди!».

Чанд нафар бачаҳо дав-давон, аммо аксарият гардани хор-хорон парокачда шуданд, вале ҳалқаи ҷавонон, ки ба гап даровардaнашон чандон осон набуд, аз пештара тангтар мешуд. Орифшоҳ, яқин, чораи дигаре наёфта, ба рафиқонаш ишорае кард. Валерий Сасонов сурнай ва Даврон Муллоҷонов дойраи худро дубора аз ғилофҳо бароварда, савти шӯхеро навохтанд. Раҳима, Муқаддас, Тамара, Махфират ва худи Орифшоҳ роҳравон мераксиданд ва ҳалқаи ҷавонон низ баробари онҳо ва дар атрофи онҳо ба ҷунбиш омад. Ҳамагӣ сад қадам масофаи байни эстрада ва автобуси «Гулшан» дар ним соат тай шуд. Боз чанд дақиқаи дигар имконияте набуд, ки дари автобусро пӯшида, ба роҳ дароянд. Мутрибон дар таги дари автобус ва рӯи зинаи он истода менавохтанд, духтарон худро аз тирезаҳои салон нишон дода мераксиданд.

Гоҳо аз сабабҳои пешрафти босуръати санъату адабиёти советии қирғиз ба худ андеша мекардам. Хусусан аз инчиншофи пурарҷ ва ҷаҳишмонанди санъатҳои кинематография, тасвирӣ ва драмаи қирғиз. Дар ҳамон майдон ба ҳаёл расид, ки шояд яке аз заминаҳои авҷи санъат ҳамин майли чӯшон, ҳирси беполёни ҳаводоронаш бошад, ки ҳатто дар изҳори меҳри худ аз дигарҳо ин гуна ҷафовути гуворои ҳавасангезе доранд.

Парерӯз, ки дар Кӯчқор будем, мужда расид, ки коргарзани фабрикаи либосдӯзӣ, ҳамсари чӯпони номдори

* Мультик — ба русӣ ихтисораи навозишомези фильми мультипликационӣ.

кўчкорӣ ду духтар зоидааст ва хар дуро Гулшан ном ниҳодаанд. Ин навид боиси хушҳолӣ гардид, вале дарҳол мубоҳиса сар шуда рафт:

— Гулшан номи сара. Лекин чӣ тавр ба ду духтар як номро дода бошанд? — мегуфт яке.

— Гулшани як, Гулшани ду мегуфтагистанд,— тахмин мекард дигаре.

— Не. Яке Гулшанак, дигаре — Гулшанбӣ.

— Э шумоён ачиб одамонед. Охир падару модараш ягон илоҷ меёбад-дия.

— Не, сабабгори ин воҳеа ансамбли «Гулшан» аст. Монед, ки ин муаммоя худи гулшаниҳо ҳал кунанд.

— Рост. Орифшох, додарам, ҳамрохи духтаронат гулдаста бардору ба таваллудхона бирав. Хам табрик мекунед, хам якбора масъалаи номи ҳамномҳотона ҳал мекунед...

Дар сари хўроки шом сарвари давра котиби комитети партиявии вилоят Телектеш буд. Ҷавонмарди хушандом, хушсухан ва хеле хушрафтор. Ӯ лутфан гуфт, ки шарафи раёсати комиссияи вилоятии оид ба тайёрии Рўзхои маданияти Точикистон насиби ӯ гаштааст ва ҳоло ёрдамчиёнаш хабар оварданд, ки дар митингу концерти марказии шахр имрўз дах ҳазор кас иштирок дошт. Телектеш боз гуфт, ки байни гурўҳҳои мехмонону мизбононе ки ҳоло дар вилоятҳои Қирғизистон дар сафаранд, мусобиқаи ноаёне вучуд дорад. Вай амин аст, ки ин мусобиқа расман эълон нашуда бошад ҳам, гурўхи Норин хатман ғолиб хоҳад омад. Ҳамаи митингу мулоқотҳо ва хусусан анчумани имрўза далели ин аст.

Ин хабар боиси нидохои пурхурўши ҳозирон, ва алалхусус ансамбли «Гулшан» гардид.

«БА ТАҒОТОН АЗ МО САЛОМ!»

Агар ҳамон тундбоди шўхи дирўзаро ба ҳисоб нагирем, аз рўзе ки ба Қирғизистон омадаем, обу ҳавои кишвари бародарон низ ба тарзи худ мехмоннавозӣ мекунад; шабона борон меборад, рўзона офтоб бо саховат нур мефишонад.

Ин саҳар мо аз кўху кўталҳо гузашта, ба райони Атбашӣ меравем, ки бисьёр чорвопарвароии машҳури республика аз он ҷо баромадаанд.

Тамоми шаб сим-сим борон рехта, барги дарахтон,

асфальти роҳҳоро шуста, тобону дурахшон кардааст. Ҳар ҷо-ҳар ҷо, дар сари теппа ё харсангҳои канори роҳ аз дур пайкари савора ё оху ё сайёди камон дар даст ба назар мерасаду дар хамгашти роҳ ғоиб мешавад. Азбаски мошин бо суръат мегардад, чунин менамояд, ки ин пайкарҳо ҳама зиндаанд, дар ҳаракатанд ва ба истиқболи мусофирон баромадаанд. Лекин Тендик мегӯяд, ки инҳо ҳама мучассамаҳои сангинанд.

Аз пеш, мисли он ки дар Қӯчқор дида будем, анбӯҳи йигитҳои савора намоён мешавад. Аммо ин дигар гурӯҳи мучассама не, балки саворахои ҳақиқӣ, йигитҳои ҷовандози Атбашинанд. Ба мо таклиф мекунанд, ки аз мошинҳо фаромада, то ҷои мулокот бо сокинони район аспсавор биравем.

Чӣ хел нагз! Чӣ фикри оличанобе! Канӣ акнун Тендик? Ӯ ваъда дода буд, ки ҳамин ки мавқеи аспсаворӣ расид, барои интихоби аспи бидав кӯмак хоҳад кард. Ваъдаро фаромӯш кардааст, аз афташ. Ҳо дар як канор бо кадоме аз рафиқонаш бо фароғат сӯҳбат мекунад. Хайр, ҳеҷ воқеа не. Худи банда ҳам молшиносам.

Як йигити хушбурути қирғиз «мехмон-ағай, ин сӯ биё» гуфта, маро ба наздаш мехонад.

— Аспатон зӯр? — пурсидам аз ӯ пас аз саломуалек. Ба аломати тасдиқ сар ҷунбонида, ба забони модариаш як олам гап зад. Чӣ гуфтанашро пурра нафаҳмидам, вале аз ҳаракатҳояш чунин маъниӣ мебаромад, ки аспи ӯ барин бодпо ва хушрафтор дар ин иклим ёфт шуданаш гумон.

Аз коши зин дошта кашидам, то бубинам, ки оё пуштанг таранг аст. Худо накарда, ба зини ковок нишинӣ, дар нимароҳ афтода, шармсор хоҳӣ шуд. Аммо зин маҳкам буд, худи асп ҳам аз такони ман накалавид, устувор меистод ва бо хавотир ба сӯи ман чашм ало мекард, ки ин чӣ махлукест, ки аз чорчархаи бӯйноки карасинолуд баромада омада, ба ман часпид?

Аспро савор шуда ва халкаи тозиёнаи кӯтоҳдастаи қирғизиро аз банди дастам гузаронида, ба пойга тайёр шудам. Ҳоло каме мунтазир шудан лозим буд, то ҳамаи ҳамсафарон савор шаванд ва якҷоя ҳаракат кунем. Гулчеҳра Сулаймонова, Зулфия апа Бахриддинова, ҳофиздухтаронамон Мағфират, Тамара ҳанӯз дар гӯшае истода, илтимос мекарданд, ки агар мумкин бошад, онҳо пиёда ё мошинсавор биравад, хулоса коре шавад, ки ба ин ҷонварҳои ношинос савор нашаванд. Мизбонон мегуф-

танд, ки натарсида савор шаванд, онхо хамрох хоханд буд, эхтиёт хоханд шуд ва хоказо.

Нихоят, Тендик Аскаров сўхбаташро анчом дода, ба аспе савор шуд ва ба наздиктари ман омада гуфт:

— Хо, балоча, аспи хуб ёфтай. Лекин хушьёр шав, охир худат гуфта будй, ки кайхо боз аспсаворй накардай.

Ишорат шуд, ки ба рох дароем. Хўш, канй, чу! Чу, лочин! Чу, бодпо!

Умед доштам, хамин ки лачомро сар дода, андаке имо кардам, аспи таърифй дар як зум маро ба сафи пеш мебарорад ва банда ба мардум намоиш хохам дод, ки умрамро дар кўчахои шахр савори автобусу троллейбус гузаронида бошам хам, малакаи овони чавониро ханўз тамом гум накардаам. Аммо таковари ман чунон бо андешаю мулохиза ва шумурда-шумурда пой мемонд, ки гўё моххои дароз бемори бистарй буду хамин холо рохгардиро аз нав машк карда истодааст.

Аз тўдан саворон кафо мондам. Хатто занону духтарони хамсафарам, ки баъзеашон аз бими афтодан дудаста ба ёли асп часпида буданду аз мизбонхои аз ду тарафашон барои эхтиёт раванда дам ба дам «боз охистатар равем» гўён илтимос мекарданд, аз ман хеле пеш гузашта рафтанд.

Чун дидам, ки сохибони асп ба мошинхо савор шуда, ба мулокотгох рафтанд ва кафотар аз ман дар ин атроф касе намонд, ба сагрии аспам болои хам ду камчин фаровардам. Вай помонашро сахле тезонид, аммо суръаташ хамчунон гашти мошини боркашеро монанд буд, ки карбюраторашро чирк гирифтааст ё худ ба агбаи панчхазорметрй баромадаасту аз нарасидани хаво нафастанг мешавад ва такон хўрда-такон хўрда мехазад.

Пешопеши гурўхи саворон Шодй Сандов, Орифшохи Ориф ва Холмурод Шарифов мерафтанд. Аспхои саворони онхо гўё ракскунон, сару гардану ёлхои хушрўяшонро ба чилва андохта, бо як сабукй ва шавки зебо мерафтанд. Ин манзараро медидаму хис мекардам ки дилам аз хаваси рашкомез пур шуда истодааст.

Афсонае ба ёдам расид.

Марде ба се писари худ васият хонда ва мерос гузошта, аз олам чашм мепўшад. Аммо бародарони калонй хаман меросро ду таксим карда, ба худ мегиранд. Хурдй, ки чавони чисман назарногири табиатан шармгин буд ва ба замми ин сари калаш хадафи хандахариш буд,

чизе нагуфта, аз пан ичрои васиятхои падар мешавад. Рўзе эълон мешавад, ки подшохи мамлакат барои духтараш дар пойга домод интихоб мекунад. Ҳар човандозе ба марра пештар расад, шавҳари шоҳдухтар ва молики нисфи мамлакат мешудааст.

Бародарон аспхои даванди меросиро савор шуда ба пойга мешитобанд. Писари хурдӣ парешону ғамгин машғули кори хона менишинад, ки ногоҳ дар боғ аспи лоғари нимчоне пайдо мешавад. Ӯ низ таваккалкунон савор шуда, ба майдони бахтозмой меравад. Вақте ки пойга сар мешавад, аспхои дигар мисли бод ба пеш метозанд, аммо тотуяки ӯ поҳои худро базўр кашола мекунад ва ҳама ба ҳоли ӯ ва аспи ӯ механданд. Лекин то марра ҳанўз рох дур аст ва ӯ мебинад, ки аспи хароби ӯ лаҳза ба лаҳза гўшт гирифта, каду бар ёзонида, дар пеши назар бузургу бардам шуда истодааст. Вай аввал лўкка, баъдтар йўрга шуда, сонӣ ба яккачорхез мегузарад ва ниҳоят, ба парвоз медарояд. Хулласи калом ин ки ӯ ба марра якумин шуда мерасад...

Сахле ба пеш хам шуда, ба чашмони асп бо умеде нигаристам. Не, аз вачохати ӯ заррае аломати дигаргунӣ хонда намешуд. Бо зарби тозиёна ва маҳмезаниҳо ҳамин кадар муяассарам шуд, ки ба тўдаи асосӣ бирасам. Онгоҳ чунон вонамуд кардам, ки бодпои худро касдан лачом кашида, охиста меронам то аз ҳоли духтарони хамдиёрам, ки аввалин бор асп савор шудаанд, вокиф бошам.

— Читу асп, маъқул? — пурсид сохиби маркаб вакте ки лачому тозиёнаро аз дастам мегирифт.

— Нағз. Аспи баакл будааст: кувваташа бахисоб сарф мекунад.

— О-о, бисьёр аспи бакувват. Як тағои пир дорам, азони хамон кас.

— Ҳа-а, ин тавр гўед. Ба тағоятон аз ман салом гўед. Албатта.

Аламу ормони аспи лаванд дар дилам ҳар қадар зўр бошад ҳам, мулоқот бо намояндаҳои Атбашӣ чунон шавқангез ва пур аз меҳру самимият буд, ки ниҳоли ҳасрат, ба кавли ровиёни қадима, ҳанўз муғча накарда, пажмурда гардид ва ғубори ранҷ аз сафҳаи дил зудуда шуд.

Рафикони киргиз гўё ягон дақика фаромўш намекарданд, ки иди маданияти тоҷик аз чандин рўз иборат бошад ҳам, ба ҳар ҳол ин рўзҳо башуморанд. Ва кўшиш

мекарданд, ки дар ин муддат меҳмонони худро бо хубтарини анъана ва урфу одатҳои миллӣ, бо тарзи зиндагонии қирғизони кӯҳистони Тиёншон ҳар чӣ бехтар шиносо кунанд.

Дар майдони фарохи мулоқотгоҳ аввал як гурӯҳ писарбачаҳои аз ҳафт то дувоздаҳсола ба оҳанги мутрибон раксеро намоиш доданд, ки дар он асптозии мардони шучоъ, мусобиқаи йигитҳо дар чобукӣ, саҳнаҳои шикор, муҳориба бо истилогарон ва ғайра акс ёфта буданд. Писараки аз ҳама хурдтарин, зоҳиран, шамол кашида зуком шуда будааст. Ӯ ҳар дам оби шорони бинашро бо нӯки остин пок карда, шалвори резинаки нифааш сустшударо болотар кашида мемонд, аммо ракси худро ҳамчунон бо шавқ ва маҳорати хоси худ давом медод. Аз ракси ин писарак, аз самимияти кирдори ӯ ҳама ба риққат омада буданд.

Ширинкоре дар либоси Роча аз фильми ҳиндии «Чаноби 420» баромада, ба савти ҳиндӣ ва забони қирғизӣ суруди марди танбали танпарварро хонд. Аз афташ, «лаҳчаи» коргурезон дар ҳамаи забонҳо як хел аст, ки мазмуни суруди ӯро ҳама ба хубӣ фаҳмиданд ва ҳунарашро таҳдир намуданд.

Баъд сайёди кухансоле уқоби шикорӣ дар сари китф ба майдон баромада, никоб аз чашмони уқоб бардошт ва шикори ҳаргӯшро намоиш дод. Соиҳ мусобиқаҳои анъанавии гӯштингирони савора, қиз-қуу, яъне дунболагирии духтарон, кӯчи чорвопарварон намоиш дода шуд. Мо ҳамаи инро бо ҳаловат тамошо карда, байни худ мегуфтем, ки мизбононамон ба истиқболи мо чӣ қадар заҳмат кашида, тайёрӣ дидаанд. Охир, ба майдони мулоқот, ки чандин километр дур аз маркази район воқеъ ғаштааст, чӣ қадар аспу уштур, ҳаймаву боргоҳу бору бунё овардаанд. Дар як тарафи ин мавзеъ дар домани тале ба рӯи замини тирафоми тирамохрӯя сангҳои сафед чида, шиор навиштаанд, ки аз дуродур, аз масофаи чандин километр равшан хонда мешуд: «Хуш омадед, дӯстони точик!».

ШАБИ ШОДӢ

Боз дар ҳаймаи пироста, сари мизи оростаи қирғиз нишастаем. Дар паҳлуи ман — раиси Комитети кино Шодӣ Саидов, сардори идорае ки камина он вакт хизмат мекардам.

Шодӣ Саидро дар республикаи худамон ҳамчун журналисти ботачриба, муаллифи чандин силсила маколаҳои батаъсир, очеркҳо дар бораи коркунони номдори саноат ва хоҷагии қишлоқ мешиносанд. Вале чӣ гуна одами хушсӯҳбат буданашро на ҳама медонанд. Дар сӯҳбати рафиқон аз кадом бобат, ки суҳан наравад, Шодӣ Саидов албатта ягон воқеаи ғалатӣ нақл мекунад. Мо худи ҳозир аз митинги мулоқот омадем ва ӯ роҳравон дар мавзӯи митинг ҳикояте гуфт:

— Рӯзи вафоти як шахси обрӯманд дар маркази вилояти Ғарм митинг шуда буд. Мувофиқи оин ҳама бо сари барахна рост меистоданд. Лекин дар минбар яке аз одамони машҳури вилоят тоқипӯш меистод, чунки сараш кал буд. Тобистону зимистон бе каллапӯш намегашт. Ҳазорон нафар бо чеҳраҳои ғамолуд ҳомӯш меистоданд ва касе ба тоқии он шахс эътиборе намедод. Аммо як ошнои ман, ки бо лақаби Одина Майлис машҳур аст ва шоир Бокӣ Рахимзода дар бораи ӯ як силсила қиссаҳои ачоиб дорад, аз байни мардум чудо шуда, башаст ба минбар баромад ва тоқии он шахсро чанг зада гирифту гуфт:

— Ӯгам, ҳами мотами инсон зарурай ё сари кали ту?!

Ва тоқиро ба ҳаво ғурронид, ки паррон рафта, ба як канори майдон афтод. Чанд кас ҳуддорӣ карда нитавониста, сар ҳам карданд ва рӯйҳошонро бо гиребони чома пӯшонданд.

Бечора Одина Майлис ҳамон бегоҳӣ выговор гирифт.

...Бо Шодӣ Саид ман ошнои сисола дорам: вакте ки дар редакцияи «Точикистони Сурх» ходими адабӣ шуда кор мекардам, аз газетаи «Большевики Ғарм» чандмоҳа барои тачрибаомӯзӣ ба котиботи редакция омада буд. Қомати бағоят дарозу пайкари ҷариб бегӯшт ва коки ин касро ҳар рӯз чандин маротиба медидаму ҳар бор дар дилам мегуфтам: ин мардаки бечора бешак дарде дорад. Вагарна чӣ хел мумкин аст, ки одам ба ин андоза дарозу ба ин дарача лоғар бошад?

Ҳоло пайкари Шодӣ Саид тамоман мутаносиб шудааст. Агар дар ягон майдони пахновар митинге барпо шавад, аз байни даҳ ҳазор кас аввал сару китфу бозӯи ӯро мебинед.

Баъди он ки дар идора кор мекардагӣ шудем, рӯзе пурсидам, ки чӣ хел карда, аз он лоғарӣ начот ёфтӣ?

— Э напурс,— гуфт Шодӣ Саид,— зор монад лоғарӣ, ҷариб буд, ки «биографияамро» вайрон кунад.

Ва нақл кард, ки вакте ўро ба Москва барои таҳсил ба Мактаби олии партиявии назди КМ КПСС фиристоданд, аз комиссияи тиббӣ нагузашт.

— Зиндаю саломат ба хонаатон баргардед, ҳамин давлати калон ба шумо,— гуфтааст раиси комиссия.

— Чаро? О ман сил-сиҳат-ку! — эътироз мекунад Шодӣ Саид.

— Ки сиҳату кӣ не, мо ҳам камубеш медонем. Биравед, ба шумо ҷавоб,— гуфтаанд аъзоёни комиссия.

Шодӣ Саид ба давуғеҷ медарояд. Ба сардори комиссияи қабул арзи шикоят мекунад. Аммо духтурон ба раиси комиссияи кабул мегӯянд, ки пайкари ин одам ғайримӯътадил аст. Барои рост нигоҳ доштани устухони ин қадар як қади дароз ба қадри кофӣ гӯшту пӯст надорад. Монед, ба хонааш равад, дар зимистони қаҳратуни Москва дар кӯча ях баста, мурда монад, сари шумо ҳам ба ҷанҷол мемонаду ҷони мо ҳам дар бало.

Шодӣ Саид ба як шахси калоншаванда муроҷиат мекунад ва дар зимни сухан мегӯяд:

— Солҳои ҷанг солдат будам. Дар кисми миномётчиён хизмат мекардам. Аз тиру туфанги фашистҳо, дар сахроҳои барфпӯш, дар окопу хандаҳои пур аз обу лой намурдаму дар ободтарин шаҳри олам дар замони тинҷию амонӣ чаро мемурдаам? Инро ба олимони арҷманди тиб чӣ навъ фаҳмонам?

Ўро ба мактаб қабул мекунанд.

— Хайрият, обу ҳавои Москва форид,— гуфт Шодӣ Саид.— Дар ду сол гӯшт гирифта, аз пештара дарҳанд бардаму бакувват шуда рафтам. Гоҳо худамро дар оина дида, ҳайрон мешудам.

Як рӯзи зимистон ба кабинети Шодӣ Саид даромадам, ки машғули кор менишаст, лекин аён буд, ки хавосаш парешон аст. Пурсидам, ки чӣ гап?

— Гапи казой не. Як ҳоҷати хурд баромад, аммо ҳаллаш мушкил шуда монд. Модарам дар Ғарм зиндагӣ мекунад, харчанд ба ин ҷо ба хонаҳои гарм биё гӯям, аз зодгоҳаш дур рафтан намехоҳад. Ҳоло хонаи кампир беангишт мондааст. Такудав карда, як миқдор ангишт ёфтам, бурда расонидани он муаммо будааст.

— Таксобаза ҳаст-ку,— гуфтам.— Ҳоҳ одам, хоҳ молу ашёё бошад, ба ҷои дилхоҳ мекашонад.

— Ҳа, ҳама чиза кашонад ҳам, ангишт намекашонидааст. Сабаб пурсам, кариб даҳта параграфа хонда доданд.

Муддате хомӯш нишасту чизеро ба ёд оварда, чехраш равшан гардид. Сонӣ ба нақл даромад:

— Соли чилу панчум зиндаю саломат аз фронт баргаштам. Модар танҳо буд, дар хона на як параха ҳезум, на ягон дона ғандум. Аз кӯҳ се-чор банд шувоғ зада овардам. Ба колхозу военкомату ину он идора давида, ним пуд ғандум ёфтам. Орд кашида оварда, ба модар додаму худам ба Ғарм рафтам. Хотирҷамъ будам, ки акнун ақаллан ягон моҳ деги модар бе обу оташ намемонад.

Бегоҳӣ баргаштам, ки модар таки дари ҳавлӣ сари по нишаста, ба ҳар касе ки аз кӯча мегузарад, якта-якта кулча медиҳад. Маро дида шодикунон гуфт:

— Биё, очат садқа, аз гӯлакит банасиба будӣ. Ика кулча мондай, худмон меҳӯрем.

Аҳволи дигар онлаҳон деҳа аз мо беҳтар набуд ва ман ба модар гуфтам, ки кори савобе кардай. Боз ду рӯз давуғеҷ карда, бо азобе ҷанд кило орди чав ба даст овардам, вале ин дафъа ордро ба дасти оилаи як рафикам супурда, таъин кардам, ки ман боз ба Ғарм меравам, аз ин орд ҳар рӯз кам-кам ба модар бидеҳ, ки дигар илочи таъмини рӯзгор нест.

Ҳоло паҳлуи ҳам дар хайман зебои қирғизӣ нишастаем. Ҳамсафарон бо ҳам сӯҳбат мекарданд. Ҷавонписарону духтарони қирғиз қомузу дойра ё баяну аккордеон дар даст ба хайма ворид шуда, сурудҳои дилошӯб месаронданд.

— Пештар,— гуфт Шодӣ Саид,— хайман қирғизонро сад бор аз берун дидда, ягон маротиба ба дарунаш надаромадаам. Аз берун назарногиру дарунаш ин қадар васеъ, хушҳаво, Барои чӣ ин тавр?

— Қонуни оптика,— гуфтам ба худ қиёфаи донишмандонае гирифта.— Чизҳои мудаввар, кулӯла аз канора аз будаш хурдтар метобад.

— Эҳтимол, эҳтимол— гуфт ӯ.— Лекин дар ин хайма сад кас бахузур мегунҷад.

— Не, сад кас намегунҷад,— эътироз кардам ман ва мусоҳибаи ороми мо дар ин ҷо ба мубоҳиса табдил ёфт.

— Мегунҷад,— гуфт Шодӣ Саид.

— Намегунҷад. Вай резинӣ не.

— Намадӣ бошад ҳам, мегунҷад.

Ман шумораи ҳозирон, диаметри (кутри) тахмини хайма ва боз як қатор рақамҳоро оварда, исбот кардани шудам, ки бисьёр барад, панҷоҳ кас мебарад.

— Хайр,— гуфт Шодӣ Саид оромона.— Аввал панҷоҳ кас даромада хӯрок хӯрда, кимиз нӯшида мебарояд, дархол панҷоҳ каси боқимонда медарояд. Ҷамъ мешавад, сад кас.

Ба кори худам хандаам омад, ки бо одами ҳазлкаш бахс карда нишастаам.

Як мулоқотам бо Шодӣ Саид ҳеҷ фаромӯш намешавад. Дурусттараш ду мулоқот дар байни ним соат. Солаш дар ёдам намондааст, лекин хуб дар хотир дорам, ки арафаи иди май, 28 ё 29 апрель буд. Ба идораи ҳамонвақтаи Шодӣ Саид бо коре даромадам, ӯ дар як гӯшаи хилвати долон рост истода, паси ҳам папирос дуд мекунонид. Ҳайрон шудам, ки чаро кабинетро монда, ин ҷо истодааст. Ба салому алейку пурсупос нихоят мухтасар ҷавоб медод. Хавотир шуда пурсидам, ки чӣ вокеа шуд. Гуфт, ки ба наздаш як одам омада, ба ӯ арз кардааст, ки худи ҳамин рӯз ба районаш баргашта, худашро мекушад.

— Барои чӣ?

— Аз мансабаш фаровардаанд. Алам кардааст, меӯяд, ки вазифаамро гашта надиҳанд, худама мекушам. Ба хуни ману ризқи шаш бачаам идораи Совети қишлоқ зомин шавад.

— Ноҳақ аз кор гирифтаанд?

— Ноҳақ дар кучо? Ӯро нагз мешиносам. Одами нобоб: беру, густох, вичдонаш соле дувоздаҳ моҳ набошад ҳам, ҳафт-ҳашт моҳ дар хоб. Хулоса, нобоб.

— Хайр, чӣ?

— Э ту ачиб-а! Худкушӣ ҳодисаи андак аст?!

— Насиҳат накардед?

— Фоида надорад. Кисааш пури тири милтики шикорӣ. Калибри дувоздаҳум, яъне калонтарин калибр. Ҳар кадомаш чормагз барин кӯрғошим дорад. Яктааш уштурро ҷо ба ҷо мекушад.

— Ба фикри ман, ба милиция хабар додан даркор.

— Намешавад.

— Набошад, чӣ илоҷ?

— Намедонам. Мардака дар кабинет монда, дар инҷо фикр карда истодаам.

Баъди ним соат ба кабинети Шодӣ Саид даромадам, ки ором нишаста сармакола менависад. Маро бо чехраи кушод пешвоз гирифта гуфт:

— Шуд. Илочаша ёфтам. Гуфтам, ки азмат чиддӣ бошад, майлат. Лекин сабр кун, гуфтам, ид гузарад. Фардо иди Якуми Май, иди баҳор, иди меҳнат, рӯзи як-

дилй, ҳамрайъй, хулоса ид. Рӯзи ид хабари чанозаат барояд, мардум лаънат мекунанд. Мегӯянд, ки одами хуб набудааст, бар падараш ҳазору як лаънат, айёми ид худаша кушту дили ҳамая сиёҳ кард. Ид гузарад, ана сонй кората кун, мардум бо иззату обрӯ бурда гӯру чӯб мекунанд. Розй шуда баромада рафт.

Он мардак ҳоло зиндаю саломат аст. Дар совхоз бригадир шуда кор мекунад. Ба назди Шодй Саид дигар наомадааст, лекин соле чанд бор ба воситаи дигарон салому паём мефиристад...

Муддате ба сӯҳбати умум гӯш дода нишастем.

— Фазлиддин, як илтимос,— ногоҳ гуфт Шодй Саид.

— Хӯш?

Мову ту дар идораи кино кор мекунем. Биё аввал як сценарий тартиб дода, баъд аз рӯи он тадбире кунем.

— Майлаш. Лекин чй гуна тадбир ва сценарий дар кадом мавзӯъ?

— Ҳардуяш ҳам дар мавзӯи хӯроку дастархон. Гӯш кун, ман аввал мақсада фаҳмонам, сонй савол медихй. Ман аз бачагиам каллапочая дӯст медорам. Каллаи хилҳилпухтаи гӯсфанд барои таоми лазиз нест дар дунёё. Нигоҳ кун, ҳо-о ана дар пеши домулло Осимй бекор ҳобидааст. Қасдан ба он сӯ нигоҳ намекунам, ки мабодо назарам афтад, даҳанам об мекушояд. Чаҳор рӯз ин-чониб каллаҳои нағз пухтагия оварда, рӯи дастархон мемонанд, лекин ба пеши Холмурод Шарифович ё ана вай ҳоҳари кашидадӯзамон Зулфия апа. Онҳо ақаллан бо гӯшаи чашм нигоҳ намекунанд, гирифта хӯрдан як сӯ истад.

— Рост мегӯед. Чор рӯз боз ба калла касе даст нарасондааст. Шунида будам, ки мизбони кирғизро хурсанд карданй бошед, каллаи моли ба истиқболи дӯстон кушташударо пок-покиза хӯред. Охир маҳз ба ҳамин мақсад каллая пеш аз дигар таомҳо пухта, махсус ба назди меҳмони мӯътабар мемонанд.

— Ин оина ман на фақат шунидаам, дар хонаи кирғизони Чиргатоли худамон сад бор дидаам. Ҳайфи ҳамту таоми бамаза!

— Хайр, чй чои мунозира? Ҳозир пурсида, ба ин сӯ мегирем, шумо меҳӯред кайф карда.

— Ба ту гуфтан осон. «Кайф карда...». Ту нависанда, шахси расмй не.

— Хӯш, чӣ илоҷ?

— Илоҷа гуфтам-ку. Ту навъе карда, аз хӯроку дастархон гап кушо, он тарафаша ман ягон баҳона меёбам.

— Хуб. Кӯшиш мекунам,— ваъда додам ва ба хаёл рафтам.

Одатан кас ҳамин ки ба маъракае расид, пешакӣ дар хаёлаш ягон фикри ҳамчун нӯшбод гуфтанбобро тайёр карда мемонад, ки баногоҳ сардори давра сухан диҳад, саросема шуда, дар ҳичолат намонад. Ман ҳам чизе гуфтанӣ будам, вале он ба дарди сценарии лозиман мо намехӯрд.

— Ёфтӣ?— шитоб мекунонид Шодӣ Саидов.

— Ҳозир. Боз як даҡика.

Ногоҳ дубайтаи шӯхиомези шоири белорус Ригор Бородулин ба ёдам расид.

— Ёфтам!— гуфтам.

Шодӣ Саид ба пешгаҳи ҳайма ишорахо карда, маро нишон дод, ки яъне Муҳаммадиев кадаҳ гуфтан мехоҳад.

Ба ман сухан доданд. Гуфтам, ки ҳамаи халҡҳои Ватани мо дар меҳмондӯстӣ аз якдигар монданӣ надоранд. Ҳоло ки замони дар таъриҳ беназири арзонӣ ва амонӣ фаро расидааст, дар боби меҳмоннавозӣ халҡҳои бародар бо ҳам гӯё мусобиҡаи ғайрирасмие доранд. Ваҡте ки нависандаҳои белорус ба республикаи мо ба даҳаи адабиёт омаданд, мо ба ҡадри ҳол меҳмондорӣ кардем ва шоир Ригор Бородулин дар яке аз сӯҳбатҳо дар ин хусус бадоҳатан шеъре гуфта буд.

Баъд мо ба Белоруссия рафта дидем, ки бародарон аз мо ҳам даҳ лой гузарониданд. Лекин чаҳор рӯз нӣчонӣб дар сарзамини ҡирғиз гашта, дида истодаем, ки ҳама рекордҳои пешина дигар кӯҳна шудаанд. Аз Алаарча то Ҡӯчҡор, аз Тиёншон то Атбашӣ сафи бародарону хоҳарони гул ба дасту ҳанда дар лаб, пойандози сабзаву гулҳои нозанин, дастархони фаровон гӯё як дам ҡатъ намешуду силсилавор давом мекард. Ва гоҳо ба назари мо чунин мерасад, ки сартосари кишвари зебои ҡирғиз ба як пойандози бенитиҳои гулпӯш ва як дастархони бузурги пурнеъмат табдил ёфтааст. Ҳоҳиш мекунам, барои саломатӣ ва комьёбиҳои нави офарандагони ҳамаи ин неъматҳо ҡадаҳ бардорем, ки намояндагони онҳо — чӯпонҳо, деҳҡонони номдори Атбашӣ ин ҷо ҳузур доранд.

— Рафикон!— хитоб кард Шодӣ Саид пас аз он ки ҳар кас ба қадри ҳол як-ду чуръагӣ шароб нӯшид.— Мехоҳам ба шумо қиссаи раисшавии тағоямро гуфта диҳам.

Ҳама гӯш ба қимор шуданд.

— Дар колхози мо баъди ҷанг ҳар сол якта раиси нав мешуд. Як сол ба мачлиси ҳисоботию интихоботӣ аз район намояндаҳо омада, ба тағои ман гуфтанд, ки имрӯз туро раис интихоб мекунем. Мачлис шуд, ӯро раис интихоб карданд. Вай аз хурсандӣ дар куртааш намегунҷид ва ҳар замон дар дил ба ҳукуматамон ҳамду сано мегуфт. Аз рӯи таомул баъди мачлис барои меҳмонон ва фаъолони колхоз зиёфат дод.

Дар охир ба ӯ сухан дода, илтимос карданд, ки чизе бигӯяд. Тағоям мастона ба ин сӯву он сӯ назаре афканду хитоб кард:

— Зинда бод Ҳукумати Советӣ ва худум!

Меҳмонон малулу нозеҳ пароканда шуданд. Пагоҳии дигар аз ӯ пурсиданд: ин чӣ коре буд, ки ту кардӣ?

Ӯ гуфт:

— Айби худтон. Ба ман вакте сухан додед, ки кайҳо маст шуда будам ва ба назарам ғайр аз худам ва ҳукуматамон дигар касе наменамуд...

Ҳозирон бо завқ хандиданд. Холмурод Шарифович гуфт:

— Хайр, Шодӣ, ту кадах гуфтӣ, лекин нагуфтӣ, ки ба хотири чӣ гуфтӣ.

— Не, Холмурод Шарифович, ман ҳикоят гуфтам. Барои он гуфтам, ки сардорамон сухан доданӣ бошанд, бармаҳалтар диҳанд, то ки аҳволи тағои раисам ба сари ман ҳам нарасад.

Боз хандаи умум баланд шуд.

— Сухан ба Шодӣ Саидович!— бо тантана эълон намуд Ҷумъагул апа Нусупова.

— Ташаккур. Лекин ман меҳоҳам дар аввали нутқам баъзе норасоиҳои қадаҳи аз ин пеш гуфташударо қайд карда, баъд ба сари максад биоям.

— Марҳамат, марҳамат!— нидо баромад аз ҳар тараф.

Шодӣ Саид бо киёфаи ҷиддӣ, қасдан суханони мутантанро интихоб карда, ба суханаш идома дод.

— Дар ин ҷо рафиқ Муҳаммадиев дар бораи дастархони пурнеъмати бародарони қирғизамон дуруст гуфт. Лекин нагуфт, ки мо бо айби худамон аз ин дастархон

ба таври бояду шояд истифода набурда истодаем. Рост, дастархон мӯл, рӯи он фаровонӣ, аммо бояд гуфт, ки даводаву тозотоз ҳам каму андак не. Ба сари дастархон менишинем, лекин соате нагузашта, рафиқони роҳбарамон меҷӯянд, ки бародарон, хезед, ба фалон ҷо меравем, моро мардум интизоранд.

Дар хонаи дӯст дурӯғ гуфтан гунох. Росташро гӯям, ҳамин баҳор ман ба касали грипп гирифтор шудам. Ґриппи дурагае будааст, ки аз боқимондаи вируси грипп Гонконг ва грипп ҷазирахои Британияи Кабир ба дунёё омада пахн шудааст. Ґрипп рафту осораш ҳанӯз дар баданам мондааст. Аз духтурхо пурсам, ки давояш чист, пархез меҷӯянд. Аммо як табиби оқил гуфт, ки ба ин дард каллаю почаи ґӯсфанд як ба як даво.

Боз садои ханда баланд шуд ва каллаи дар назди Холмурод Шарифович ва Осимӣ истодаро бо лаълиаш бардошта оварда, ба пеши мо монданд. Шодӣ Саид лаълиро аз пеши худ дурусттар ҷой дод ва гӯё акнун тамом хотирҷамъ шуда бошад, табассуми базӯр аёне карду гапашро давом кунонид:

— Акнун ба шумо якта ривоят меҷӯям.

— Шодӣ!— хитоб кард Холмурод Шарифович,— о, ту қадахата кай меҷӯй?

— Хозир. Дар хамин хаёлам.

— Хайр, майлаш, гуфтан гир. Фарз кардем, ки ҳамин шаб шаби ту. Яъне маърӯзачии асосӣ худат.

— Хуб шудааст. Ривоят мекунанд, ки як ҷавон духтари дилбохтаашро тӯй карда, ба занӣ гирифтааст. Тӯй ґузаштаасту бегоҳ шудааст. Соӣ шаб фаро расида, вакти хоб омадааст. Ҷавон ба хонаи наварӯс даромада, акнун ба висоли махбубааш тайёрӣ медидааст, ки касе ӯро ном гирифта, ҷеґ задааст. Ба қафояш нигоҳ кунад, як шахси бадҳайбат рост истодааст, лекин ба ҷинси одамизод он қадар монанд не.

— Кистед шумо?— пурсидааст.

— Ман Азроил,— гуфтааст он махлук.

— Азроил бошед, будаед, аммо дар ин ҷо чӣ кор мекунед?

— Ба пеши ту омадам. Наход надонӣ, ки Азроил барои чӣ ба пеши кас меояд?

— Шунидаам, лекин дида истодаед-ку: вакт надорам, хозир ба пеши арӯсам медароям.

— Э содда,— захрханда мекунад Азроил,— ман на

ба вақт доштану надоштанат кор дорам, на ба кучо ва ба чй коре рафтанат. Аз боло фармон шуд, ки ҷоната гирифта, ба осмон барам.

Чавон фақат акнун ҳамаи ҷиддияти ҳоли худро сарфаҳм рафта, ба зорию тавалло медарояд. Мегуяд, ки хеч набошад, ду-се рўз сабр кунад. Азроил не мегуяд. «Ақаллан то пагоҳирўз сабр кунед». Азроил боз не гуфтааст.

Чавон ба нолаву зорй давом карда гуфтааст, ки инсоф кунед, эҳтимол шумо ҳам ягон вақт ошиқ шуда бошед, зандор шуда бошед, барака ёбед, як илоҷ кунед.

— Хайр,— гуфтааст Азроил саҳле мулоим шуда ва ба гўшае рафта пичир-пичиркунон омада, эълон кардааст:

— Ҳазрата розй кунондам. Ҳазрат гуфт, ки агар чавон ба ҷои худаш ягон каси дигара ба ҷон супурдан розй кунонида тавонад, ҷой иваз кардан мумкин, то ки плани имрўза буд нашуда намонад.

Чавон ба назди падараш меравад ва воқеаро баён мекунад.

— Ҳа-а,— оҳ кашида мегўяд падар.— Тақдир-дия, писарам, тақдир. Ба ҷои ту ба ҷону дил мерафтаму лекин худат мебинй, ки укаҳои хурдсол дорй. Ҳамаи онҳоро ба воя расонда, ту барин хонадор кардан даркор. Ин ба гардани ман ҳам қарзу ҳам фарз.

Чавон ба пеши бародараш мешитобад. Вай ҳам як ҷувол баҳона нишон дода мегўяд, ки афсўс корҳои бисьёр зарур дорад ва сад дареғ ки ба ҷои ў пеши Азроил рафта наметавонад. Чавон ба хонаи тағою амак, холаю амма ва чанд хеши дигараш меравад. Натиҷае намебарояд. Малулу ғамгин ба хона бармегаштааст, ки яке аз дўстонаш вохўрдааст.

— Ҳа? Чаро ғамгини?— мепурсад ў.

Чавон воқеаро арз кардааст.

— Ўх нохалаф-е,— дашном медиҳад дўсташ.— О ҳамин рўз тўй шудию ҳамин шаба худаш омадааст-а! Биё, маро пеши он нонинсоф бубар, зормондаи планаш талаб мекарда бошад, садақаи сарат, ман ҷонама медиҳам, ту, ҷўра назди янгаам рафта, чорта дами беғам зан.

Дўстон ба хонаи чавон омадаанд, ки Азроил аз дар баромада мерафтааст.

— Кучо меравед? Мана, ба ҷоям дўстама овардам,— гуфтааст чавон.

— Лозим не. Аз боло дастур омад, ки майлаш имрӯз план андак чала монад, ҳеч воқеа не. Ин хел йигитҳо, ки барои якдигар хозиранд ҷон фидо кунанд, меарзад, ки зинда монанд.

— Халқҳои мамлакати мо,— гуфт дар охир Шодӣ Саид,— ҳамин гуна дӯстони қаринанд. Дӯстони ҷонӣ будани худро ҳам дар майдони муҳорибаҳои хунин, ҳам дар ҳамкории замони осоишта борҳо исбот кардаанд. Барои дӯсти ва дӯстони мо!

Нӯшбод ба хозирон хеле маъқул шуд.

Шодӣ Саид аз лунчи гӯсфанд порчае ба ман бурида доду боқимондаашро пештар кашида, ба хӯрдан даромад. Ваҷоҳаташ бағоят ҷиддӣ буд, гӯё кори ниҳоят зарури дақикро анҷом медода бошад. Дар нигоҳи хозирон ба ӯ ҳам хурсандии ифтихоромез, ҳам ихлосу эътиқод, ҳам як андоза тааҷҷуб мушоҳида мешуд.

Мо, «азонихудиҳо», албатта, медонистем, ки Шодӣ Саид ин корҳоро ба хотири хушҳолии дӯстон мекунад. Дар сиришти ӯ чизе аз табиати ширинкорони халқӣ ҳаст, ки онҳо пайваста ба хуррам доштани ёрон мекӯшанд. Хатто баъзеҳошон махсус ба ин максад чизеро лақаб карда мегиранд ва ихтиёри худро мавриди ҳазлу мутоибаи рафиқон қарор медиҳанд.

Ин гуна хислат фақат хоси касонест, ки ба фазилати худ ҳамчун шахси баркамол эътимоди пурра доранд.

— Калла хуб пухта будааст. Раҳмат ба пазандааш!— бо овози баланд гуфт Шодӣ Саид. Яке аз мизбонон каллаи дуввумро низ бо табақаш оварда, назди ӯ гузошт. Вай аз афташ, аз чорводорони машҳури Атбашӣ буд, ин аз пайкари тавоно, сару гардани офтобхӯрда ва ситораи тиллои сари синааш намоён шуда менистод.

— Ака,— гуфт ӯ.— Моро хурсанд мекунем гӯед, аз ин калла ҳам, ҷойҳои бамазатарашро бурида хӯред.

— Раҳмат. Лекин каллаи гӯсфанд ҷои бемаза надорад.

Ва боз садои хандаи аҳли хайма ба атроф паҳн шуд. Чанде аз чавонони дар хизмат буда ҳар замон сар аз даромадгоҳи хайма ворид карда, бо тааҷҷуб ба мо нигоҳ мекарданд, якин фаҳмидан мехостанд, ки ин мардум ба чӣ қадар аҳлона ва баланд механданд.

Шодӣ Саид оҳиста ба ман гуфт:

— Аз калла сер шудам. Лекин чӣ илоҷ, сценарий-

ро то охир бояд риоя кунем, набошад, «фильмамон» суст мебарояд.

Сўхбати гарм идома дошт. Сайфулло Пўлодов, ҳамкасби ў Анаш Абакиров, Тендик Аскаров низ дар боби дўстӣ ва дўстон ҳар кадоме суханҳои тоза гуфтанд. Мухаммад Осимӣ байтҳои Саъдии Шерозиро оид ба дўстони чонию нонию забонӣ хонда, ба русӣ тарҷума карданд. Анаш Абакиров аз достони Манас порчае хонда дод. Овози форам ва дар ин кор махорати хубе доштааст. Мисраҳои достонро чунон возеҳ, бо ифода ва ҳаракатҳои муносиб меҳонд, ки мазмуни ривоят ба мо, точикон, низ фаҳмо буд.

Ҷумъагул апа дар охир меҳмононро бори дигар хайра мақдам гуфт, табрик намуд ва илова кард, ки фардо пагоҳӣ соати даҳ мо бояд дар маркази вилоят бошем. Азбаски мардуми зиёде мунтазир хоҳанд шуд, дер мондан хуб нест.

— Узр меҳоҳам, меҳмонони азиз,— гуфт Ҷумъагул апа,— ман таклиф мекардам, ки бемалол бошад, нахориро дар Норин кунем.

— Не, не!— гуфт Шодӣ Саид.— Шумо бенаҳорӣ равед, ихтиёратон. Ҳамаатон саҳат-саломат. Ман касалама гуфтам. То ана ин каллая нахўрам, аз ин ҷо намечунбам.

Ғулғулаи ханда боз дергоҳе дар атроф сайр мекард.

«НОРИНИЕНЕМ МО!»

Ҳамон суханони Телектеш гуфтагӣ, ки мо, норинихо, дар миёни гурўҳҳои дигар бешак чои якумро хоҳем гирифт, дар сўхбатҳо зуд-зуд такрор мешуд. Ва гўё барои тасдики ин даъво рўзи охирини сафар меҳмоннавозӣ ба авҷи аълояш расид. Дар майдони маркази шаҳр митинги хайрбод барпо шуд. Ба роҳи бозгашт баромадем, вале дар ҳар се-чаҳор километри роҳ ба бошишгоҳҳои саҳроии чорводорон, ғаллакорон, ба мактаб ва ҳатто боғчаҳои кўдакон даромада, бо одамон мулокот ва хайрухуш мекардем. Дар хама ҷо бо паёму дуруд, рақсу суруд, нону намак ва гулдастаю тўҳфаҳои ачоиб истиқбол ва гусел мекарданд.

Ҷамъомади охирини хайрбод дар ҳамон майдоне шуд, ки моро шабона бо чароғҳо пешвоз гирифта буданд. Ин ҷо марғзори дилкаше будааст, ки мохи сен-

тябрь ҳам таровати айёми баҳоронро нигоҳ доштааст. Пас аз нутки намояндагони ҳар ду тараф ба ҳавои навозиши асбобҳои мусиқии қирғизи ва ансамбли «Гулшан» ҳама ба ракс афтоданд. Фақат Шодӣ Саид дар як гӯшаи давра рост истода тамошо мекард. Ман медонистам, ки ӯ раксида наметавонад, бо вучуди он дар дилам нияте пайдо шуд, ки навъе карда, ӯро ба майдон кашола кунам. Шояд сабаб ин бошад, ки дар бадали сӣ соли рафоқати мо ва бахусус дар зарфи се соли дар як идора кор карданамон ӯ як-ду маротиба бо хазлҳои худ маро ҳам нороҳат кардааст.

Бо ҳамин нияти касосомез ба паҳлӯи ӯ рафтам.

— Шодӣ Саидович, ақаллан ҳамин рӯз камтар ракс кунед охир.

— Чӣ хел раксам? Худат медонӣ, ки наметавонам.

— Нигоҳ кунед, ҳама мераксанд. Магар ҳамаи инҳо раккосанд?

— Чӣ кор кунам... Ман ақаллан ҳамин қадар ҳунар надорам.

— Ихтиёратон. Лекин, ба хаёлам, нағз намешавад. Ҳар як сухан, ҳар як қадами мо дар меҳмонӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Метарсам, ки касе рӯзе бигӯяд, ки дар кишвари бародарон ба шарафи иди дӯстӣ ҳама мераксиду фақат Шодӣ Саидов боре дасташро начунбонид.

— Наҳод дар байни мо ҳамин хел одам бошад?

— Кӣ медонад... Рафту бошад. Фарз кардем, ки ҳаст... Илочи воқеа қабл аз вуқӯъ кардан беҳтар нест магар?

— Рост мегӯӣ...

Одами доно ҳам, агар дилсафед бошад, як раги соддагӣ дорад. Шодӣ Саид дақиқае ба андеша рафт, сипас, гӯё ба ашӯлаҳонӣ омода мешуда бошад, сулфа карда, гулӯяшро афшонид, галстук ва мӯйсари аз насими дашт парешон гаштаашро ба тартиб дароварда, ба майдон дохил шуд.

Ракси ӯ, рости гап, ракс набуд. Дастони дароз-дарозашро мисли паррахои осиёби ҳавоӣ алвонҷ дода, ҳамту бидуни низоме ба ин сӯву он сӯ рафта меомад. Ман акнун аз ҳисси интиқом сер шуда, ҳатто баракс аз кори кардаам пушаймон мешудам, ки ногоҳ қиёфаи ӯ тағьир ёфт, дар ҳаракатҳояш суръат ва низоме пайдо шуд ва ӯ дар рӯ ба рӯи рохбарамон Чумъагул апа

карор гирифту дасти чапашро аз болои сар гузаронида, бо ангушти ишорат абрӯи росташро болою поён кардан гирифт.

Ин «кошпарронӣ» яке аз чузъҳои рақси муаллим Бокӣ Раҳимзода буд, ки дар шабнишиниҳо агар ба чону ҳолашон намонда, ба давраи раккосон кашанд, дар пеши сардори маърака бо як нафосати махсус ба адо расонида, ҳозиронро механдониданд.

Шодӣ Саид аз ҳамин вазъияти нобоб ҳам ба хубӣ раҳо шуд. Мардум муддате карсакзаниро фаромӯш карда механдиданд.

Чумъагул апа соате пеш аз ин ба Холмурод Шарифович мегуфт:

— Ин рафиқатон одами аҷиб будааст: худаш намехандаду ҳамая механдонад.

Ҳоло Чумъагул апа аз рақси Шодӣ Саид чунон сахт механдид, ки чашмонаш ашк фишонида буданд. Дар ҳамон ҳолат ба рафиқ Шарифов мегуфт:

— Илтимос, Холмурод, ба Саидоватон гӯед, ки дигар ба тарафи ман нигоҳ накунад. Ман чӣ хел роҳбари гурӯҳ ҳастам, ки ҳар дам духтарчаҳо барин ҳир-ҳир механдам?..

Сафари Норин хушҳолона оғоз ёфту ҳамин тавр ҳам ба анҷом расид. Ҳатто борони сим-сим, ки дар худуди Кӯчқор сар шуд, кайфияти ҷонаро халалдор карда натавонист.

Мизбонон дар бозгашт моро бо роҳе бурданд, ки аз соҳили Иссиқкӯл мегашт. Гарчи борон шиддат ёфта буд, мо дар оби ин баҳри овозадор дастурӯй шустем, дар соҳилаш муддате гаштугузор кардем.

Дар шаҳри Фрунзе гурӯҳҳои моро барои мулоқот бо коргарони корхонаҳои саноат аз нав тартиб доданд, вале мо дар сӯҳбат бо рафиқони дигарамон, ки ба онҳо тоҷиконӣ ӯшӣ, таласӣ, иссиқкӯлӣ ном нихода будем, аз ҳама беҳтар гузаштани сафари мо, нориниёнро, гаштаву баргашта таъкид мекардем.

Ҳарчанд Рӯзҳои маданияти Тоҷикистон дар ҳаман шаҳру деҳоти республикаи бародар ба як андоза нагз гузашта буд, ҳарчанд мусобиқаи байни гурӯҳҳо дар вокеъ вуҷуд надошт ва онро касе ҳам муҳокима ва ҷамъбаст накардааст ва ин гуна фикре ба гӯшаи хаёли касе ҳам нарасидааст, бо вуҷуди ин Орифшоҳи Ориф, Лоиқ, Гулчеҳра, Зулфия апа, Шодибеки режиссёр ва

ман ин нуктаро он қадар бо исрор такрор мекардем, ки дере нагузашта, ҳама бовар карданд, ки мо, нориниён, ғолиби мусобиқаем.

Орифшоҳ моро дар кадом кӯча ё хиёбони Фрунзе набинад, аз дур мушти мисли ротфронтиён гирех кардаашро ба аломати якдилӣ ва табрик боло бардошта, хитоб мекард:

— Нориниёнем мо!

Ба ӯ ҳамчунон посух медодем.

Шаби концерти хотимавӣ, шабе ки ба равшантарин таҷассуми дӯстии қирғизу тоҷик табдил ёфт, пас аз «Сарзамини қирғиз» ном сурудро хеле муассир адо кардани Артисткаи халқии Қирғизистон Хайригул Сартбаева, эълон шуд, ки акнун навбат ба ансамбли «Гулшан».

Баробари боло рафтани парда, ҳанӯз касе чизе нанавохта ва насароида, дар сар то сари зал садои ханда паҳн шуд ва баъд ба кӯшқарсак мубаддал гашт. Бойси хушҳолӣ ин буд, ки гулшаниҳо ҳама каллапӯшҳои қирғизии худро пӯшида, дар пеши саҳна ба забонҳои қирғизӣ ва русӣ шиоре овехта буданд:

«Нориниёнем мо!»

...Аз он рӯзҳо бештар аз ним сол гузашт, аммо мову Орифшоҳ дар кӯча ё назди студияи телевизиони Душанбе вохӯрда, ҳанӯз аз дур ба ҷои салом даст бардошта, бо ҳамон шиор ҳамдигарро табрик мегӯем: «Нориниёнем мо!»

Як рӯзи истироҳат савори троллейбус аз тарафи вокзал меомадам, ки дар майдони ба номи 800-солагии Москва солисти «Гулшан» Валерий Сасоновро дидам. Писаракашро ба аробача андохта ва аробачаро пеш-пеши худ тела дода, дар хиёбон сайр мекард. Маро дар пушти тирезаи нимкушоди троллейбус дида, дарҳол ба табрик даст бардошт ва чизе гуфта хитоб кард. Лаҳзае дар кучо буданамро фаромӯш карда, ман ҳам даст бардоштаам ва ғайрихтиёр бо овози баланд «Нориниёнем мо!» гӯён фарьёд кашидаам. Баъд дидам, ки ҳама бо ҳайрат ба ман менигаранд, аммо андоми марди дар паҳлуям истода, ки зоҳиран аз садои ман нороҳат шуда буд гӯё ба забони ҳол мегуфт: «...Лекин афташ одами дуппа-дуруст барин...»

Вай, албатта, намедонист, ки он фарьёди ногаҳонӣ нидое буд аз шавки беанҷоми рӯзҳои фаромӯшнашавандае ки дар диёри дӯстон гузаронидаем. Шавке ки

ханӯз дар дилхо зинда асту дергохе дар хурӯш хохад буд.

Оре, он ид солхо дар ёди мо хоҳад монд ва мо аз ононе ки чунин идро бароямон инъом кардаанд,— аз дӯстони кирғиз сипосгузорем. Аз замони худ, аз замини худ ифтихор дорем, ки дар оғӯши онон халкхо ба хам баробар, ба хам бародаранд.

ХИКОЯХО

ДАЪВО

1

Марди паҳлавонро ҳанӯз аз хеле масофа шинохтан мумкин. Паҳлавонон, зотан пайкари салобатнок доранд ва бар замми ин барои афзудани ҳашаматашон ҳар кадоме ба тарзе андоми худро «рангубори» иловагӣ медиҳад. Яке, масалан, мӯйлаби ғуллин шофшакле монда, ба дили атрофиён вохима ангезад, дигаре рафтори махсуси паҳлавононаро чунон касб мекунад, ки ҳангоми калон-калон қадам гузошта рӯҳ паймуданаш замини гирду атроф гум-гум садо бароварда, сабук-сабук меларзад. Саввумӣ ақида дорад, ки шиками калони лап-лаппони чаҳор кас медидагӣ низ ҳамчун омили таъсирбахше дар назари ҳариф аҳамият дорад, гарчи дар аснои гӯштин ба сӯҳиби худ аз кӯмак дида, бештар ҳалал расонидани он ба ҳар кас маълум аст.

Лекин Аҳмадбек аз қабилаи паҳлавонон тафовуте дорад. Агар шахси ношиносе ӯро бубинад, ба гӯшаи хаёл ҳам намеорад, ки номи нахустпаҳлавони як музофоти бузургеро солҳои сол ҳамин мардак бардошта бошад. Аз ин гап, албатта, чунин хулоса ҳам баровардан лозим нест, ки гӯё Аҳмадбек як одами мичморуки назарногир бошад. Вай ҳам марди пуррапайкар аст, қади аз миёна қадаре баландтар, синаи фарох, дасту бозуони расо, каллаи калон ва пешонии ба ҳамин муносиб васеъ дорад. Аммо ин гуна ҳайат ба сари худ ҳанӯз шакли баходурона нест. Илова бар ин, Аҳмадбек як мӯйлаби тунуки базӯракӣ дорад, ки аз бепарвони сӯҳибаш ба кадом тараф — ба боло ё поён, ё рост ба сӯи баногӯш — тоб дода шудани он ҳам аксаран аён нест. Рӯҳгардиаш бошад, гарчи дар он там-

кин ва ғаронмоягӣ мушоҳида мешавад, ҳаргиз ғашти бовиқори махсуси паҳлавонон нест.

Баъзе одамон мегӯянд, ки Аҳмадбек муғамбир аст ва худро қасдан одами оддӣ вонамуд карда, дар майдони талош ҳарифро ба ғафлат мемононад, яъне ба чашми ҳариф хоқ пошида, баъд нохост ӯро гирифта парчини замин мекунад.

Як тоифаи дигар мегӯяд, ки агар боиси барори кори Аҳмад паҳлавон муғамбириаш мешуд, пас чаро паҳлавононе ки ҳислатҳои ӯро қайҳо боз медонанд ва хуб медоданд, аз ӯ мағлуб мешуданд? Не, муғамбирӣ дигар чиз асту ҳилаю таҳқали ҳоси гӯштингирони моҳир — чизи дигар. Ягон паҳлавони асил аз пушти муғамбирӣ обрӯй наёфтааст...

Рости, гӯштини тоҷикӣ гӯштини махсусест, ки дар он ҳам чолокӣ лозим асту ҳам зӯри миёну бозу. Зӯр бошеду лаванд бошед, ягон ҷавонмарде, ки танҳо нисфи қуввати шуморо дорад, аммо чобуку чаққон аст, ҳанӯз шумо ба мобайни майдон нарасида, гирифта ба замин мезанад. Аммо аз чолоктарин ҷонварони олам чобуктар бошеду аз зӯри миёну бозу дар пайташ ва устокорона истифода бурда натавонед, боз ҳам ғалаба аз шумо гурезон аст.

Аҳмадбекро ҳарифон на бо зӯр мот карда тавонистанд, на бо ҳила. Дар як майдон мебинед, ки дар муқобили ҳарифи тезу часпоне, ки ҳафтоду ҳафт усули гӯштинро об карда хӯрдааст, ӯ мисли кундаи чӯвоз устувору ночунбон истодааст. Мисли ҳамон кундае, ки аз нисф зиёдаш, кисми паҳну ғафсу решадораш ба замин гӯронида шудааст. Ҳарифи серҳаракат бошад, чун аспи масти кору кучаннодидае, ки нав ба чӯвоз андохтаанд, аз давидан дар атрофи Аҳмадбек монда шуда, охир нафаҳмида мемонад, ки кай ва чи гуна тахтапушташ ба замин расидааст.

Дафъаи дигар мебинед, ки Аҳмад-паҳлавон бо таҳамтани девпайкаре ҳарб карда, бо ҳила ва усулҳои ачибу ғариб ӯро дар гирди майдон ба тохтутоз андохта, мадорашро тадричан хушк мекунад ва нихоят, яке аз бисьёр найрангҳои қонуниии гӯштини ҳалолро ба кор бурда нусрат меёбад.

Лекин мардум дар тарзи гӯштингирӣ, дар ғалабаҳои Аҳмадбек ва ҳатто дар таърихи зиндагонии ӯ як чизи ғайриодатӣ мебинанд ва аз ҳамин сабаб ҳам дар ҳаққи ӯ ҳар гуна хулосаҳои ғайриоддӣ мебароранд. Масалан,

мегўянд, ки Ахмад-ака одами назаркардааст. Ха, ўро кадоме аз азизу авлиё назар кардааст, мегўянд. Дар рўи дунёё чй кадар пахлавон, ки бошад, хамааш машк мекунад: ё хар сари чанд гох бо одами хамвазну хамкуввати худ гўштин мегирад, ё сангбозй ё боз ягон кори дигаре мекунад. Аммо дар ягон чо варзиши Ахмадбекро то холо касе надидааст. Аз бозе, ки ў ба зери каноти худорахматй падараш даромада, ба касби отаю бобояш — дехконй шугл кард, ба чуз заминронй, кишти ғаллаю сабзавот, нигохубини боғот, чўйканй ва ғайра дигар кореро намедонад. Бо вучуди ин ба майдони гўштин, ки даромад, харифаш хар кадар пахлавони машкдидаю варзишхўрда бошад, зиёда аз як даст ё агар нихоят зўр бошад, бештар аз ду даст тоб оварда наметавонад.

Рост, ки корхои оддии дехконии вай худаш машки пахлавонй барин як чизест. Кишту шудгори ёнахои Сафедкўхро сардори бригада хар тирамох ба Ахмадбек месупорад. Чунки каси дигар дар он доманакўхи сарнишеб чуфти гов хай кардан он сў истад, бо як банди сабуки шувох озодона гашта наметавонад. Омочро хам Ахмадбек ба дасту бозувони худ муносиб карда худаш метарошад. Омочи ўро факат худаш бардошта бурда ба юги гов пайваста ва ё аз марзае ба марзае кўчонида метавонад.

Накл мекунанд, ки боре Ахмадбек дар як пуштаи нишеби мисли ёнахои Сафедкўх душворгарде чуфт мерондааст. Ин вакт аз маркази район ба ў кас мефиристанд, ки баъди пешин дар он чо маъракаи гўштин барпо мешавад ва ў бояд хатман биёяд. Ахмадбек чавоб додааст, ки рафта наметавонад, чунки ба сардорон то пагох тамом кардани шудгори он заминро ваъда кардааст. Косид ба рохи омадааш баргаштааст. Аммо пас аз соате хамрохи як дехкони Дехи Боло ва раиси ташкилоти физкультура боз омадааст. Раиси физкультурачихо марди дехконро аз калонхои колхозаш махсусан талабида оварда будааст, ки кори Ахмадбекро имрўз то бегох давом диҳад.

Ахмадбек ноилоч ба гўштингирй рафтааст, аммо дехкони ба чои ў омада, акаллан фурсати як чойник чой нўшидан нагузашта, ба чарй ғелида, китфи худро ба кираи тези кундаи дарахте зада чарохатнок кардааст.

Аз чанги чахорсола сахат-саломат баргаштани Ах-

мад пахлавон хам дар вакташ боиси хар гуна шарху маънидодкунихо гашта буд. Охир дар сар то сари кӯхистони Дарвоз хонаводае набуд, ки як ё ду мардинаро талаф надода бошад, ё ақаллан касе аз он хонавода маъюбу маслуқ барнагашта бошад. Лекин Ахмадбек чуноне ки рафта буд, хамон хел сахат-саломат омад. Фақат як бор гулӯлаи тӯпи дурзани душман дар наздикаш таркида, бар болои ӯ, ки дархол худро ба замин парӯ карда буд, тахмин чил-панчох замбар хокро бардошта партофтааст. Рафиқонаш ӯро аз зери хок кашола карда гирифтаанд. Пас аз ин як мохи расо ӯ чизе намешунид. Қосахонаи сараш гӯё лонаи занбӯр шуда бошад, пайваста ғуввос мезад, гохо андаруни хар ду гӯшаш баробар чизе хуштак мекашид. Духтурхо ё рафиқонаш гап зананд, Ахмадбек чунбонидани лабу дахони онхоро медид, аммо ба гӯшаш фақат садои «гум-гум-гум», «бам-бам-бам» мерасиду бас.

Баъди як мох Ахмадбек ба саф баргашт.

Вақте ки ӯ ба хамдиёрон аз қиссахои ҷанг нақл мекард, хикояти оддии беобуранг ва бемуболиғаи ӯро бо диққат ва эхтиром гӯш мекарданд. Вале қисме аз сомеон ба рӯи худи Ахмадбек нагӯянд хам, дар дили худ мегуфтанд ё дар ғайбаш ба хамдигар такрор мекарданд, ки ӯ шахси назаркардааст.

2

Димоғи Ахмадбек он рӯз сӯхта ва хавосаш парешон буд. Аз дасти пахлавони навбаромад Мухаммадмуроди хангоматалаб чанд бор шуд, ки маъракахои хурсандӣ барои ӯ бо парешонӣ ва нохушӣ анҷомидааст.

Вай баъди пешин ба сари кӯча баромад, то ки дар он ҷо ба ду-се нафар хамкишлоқиёни худ хамроҳ шуда, ба тӯйхона равад. Ногох аз пас садои хамин Мухаммадмурод баланд шуд, ки ӯро ном гирифта фарьёд мекард. Ахмадбек ба қафо нигарист. Пахлавони ҷавон нимҷуволаи тахмин чахорпудиро дар пахлуи чап озод бардошта меомад. Якин дар нимҷувола орд буд, ки гарди он ба рӯй зада, рӯи халта, остини чап ва як тарафи шими Мухаммадмуродро сафед карда буд.

Ҷавон ба назди Ахмадбек расида, бидуни он ки халтаи ордро ба замин гузорад, аввал дасти холии худ-

ро ба аломати таъзим ба сари сина гузошта, сипас дасти ба вохўрй дарозкардан Ахмадбекро фишурд.

— Сахат-саломатак хастед? Бардам-бакувватед? Камнамоед? Кайхо боз надидаем? Сохиби тўй илтимос кард, хамин ордро ба тўйхона бурда истодаам. Шумо хам он чо меравед? Пас хамрох меравем,— мегуфт Мухаммадмурод тўтивор суханхоро беоханг паи хам катор карда ва дар айни замон дасти рости Ахмадбекро миёни панчахои оханини худ гирифта мефишурд. Фишори дасти чавон лахза ба лахза кувват мегирифт.

Ахмад-ака ки харгиз нияти зўрозмой надошт, дар холати начандон устувор — ба Мухаммадмурод пахлўи росташро гардонда меистод. Вай ба пурсупоси пахлавони чавон бо чехраи кушод, вале андаке бо оханги дилтангона чавоб медод ва ба кадре, ки ба хардуяшон аён буд, мекўшид, ки дасти худро аз чанги пахлавони чавон ворахонад.

Агар дар ин кўчаи беодам холо касе пайдо мешуду ин пурсупосу дастфишориро медид, гумон мекард, ки пахлавони чавон ба пахлавони машхур арзи эхтироми шогирдона мекунад. Аммо дар вокеъ «шогирд» нияте надошт, ки дасти устодро ба ин зудй рахо намояд.

Ба машоми Ахмад пахлавон бўи шароб расид. Вай дид, ки илочи дигаре нест, агар мукобилат накунад, тазъики дастони чавонмард ба андозаест, ки хамин холо нохунхои Ахмадбек парида, бугумхои панчааш нарм хоханд шуд. Бинобар ин вазъияти худро тагйир дода, ба чавон рўй овард ва поҳояшро ба замин устувор намуда, бо як зўр кафи худро ёзонид ва аз фишори сахт начот дод. Акнун кафхо ва ангуштони харду ба хамдигар ба андозаи баробар печида буданд.

Мушаке дар чехраи Мухаммадмурод чунбид. Дар чашмони лахзае нимпўшкардааш оташи кина барк зад, ў мехост бори дигар зўр ба кор бурда, дасти пахлавони номдорро боз дар кафи фарохаш бупечонад, аммо Ахмадбек дар ин асно дасти холии худро ба китфи ў гузошта бо мулоимат гуфт:

— Акаллан боратро ба замин мемондй...

Дар оханги сухани Ахмадбек як тобиши таънаомезе шунида мешуд. Гўё ў гуфтан мехост, ки дар олам одоби муомила гуфтанй чиз хаст. Бо шахсе, ки сазовори эхтиром аст, халта дар багал вохўрию пурсупос намекунанд.

Мухаммадмурод нимчуволаро ба замин гузошт. Ле-

кин замини таки халта магар ноҳамвор буд, ки вай ба сўе майл кард. Муҳаммадмурод нимчуволаро андаке чунбонида устувортар карда монд. Халта акнун охиста-охиста сўи дигар майл кардан гирифт. Он гох Ахмад-ака даҳони ресмонпечи нимчуволаро ба дасти чапаш печонида озод бардошт ва ба девори хонае, ки дар паси он ҳар ду меистоданд, такья кунонида монд.

Чавон ин харакати ўро дида, зери лаб «хм» гўён захрхандае кард.

— Писар,— гуфт Ахмад-ака рост ба чашмони Муҳаммадмурод нигариста.

Вай мехост ба ҳакки калонсолиаш такья намуда, паҳлавони чавонро насиҳат кунад. Бигўяд, ки дигар шароб нанўшад. Шаробро як пора мардум барои хурсандй менўшанд, як пораи дигар, рости ғапро гўем, барои он ки ба назари худ аз будаш зиёд хирадмандтар ва тавонотар намоянд. Муҳаммадмурод паҳлавон аст, паҳлавони хуб аст. Пас на аз ин ва на аз он чиҳат ба май нўшиданаш ҳочат нест.

Ахмадбек мехост ҳамин андешаи худро ба Муҳаммадмурод бигўяд, вай аз сидки дил мехост, ки ба паҳлавони чавон ба хотири ояндаи вай некие кунад. Аммо ба чашмони ў назараш афтода, ғап дар гулўяш дармонд. Дар чашмони ў ифодаи ошкорои адоват ва тамасхур хонда мешуд.

Вай қабл аз ин ҳам як-ду бор пай бурда буд, ки ин чавон ба ў зоҳиран арзи эҳтиром кунад ва қариб дуқат шуда таъзимкунон салом диҳад, ҳам дар ботин аз чй сабабе бошад, рашки адоватомез мепарварад. Алҳол ки ширакайф буд, кинаи ў баръалоина намудор шуда меистод.

Ҳолати Ахмадбек баякбор тағйир ёфт. Дилашро сиёхие пахш кард. Чунон ғамгин шуд, ки ғўё худи ҳозир дар пеши назараш фалокате сар зада, бинои ифтихор, пояи зиндагонии осудааш банохост сарнагун рафта бошад.

3

Ахмадбек ба тўйхона ҳамрохи Салим муаллим омад. Онҳо аз кўдакй дар як чой калон шудаанд. Ҳарчанд чўраи ҳамдехааш Салим аввал дар омўзишгоҳи Ғарм хонда муаллим шуд, сонй боз чанд сол ғоибона таҳсил карда ба мартабаи директори мактаб ва баъд-

тар ба раисии Совети қишлоқ расид, бо Аҳмадбек ҳамон чўрагии айёми бачагии худро давом медод.

Онҳоро аз пешгоҳи айвон аз қатори мўйсафедони обрўманди деҳот нишонида, ба наздашон лаълиҳои тозаи ширавор, обу мева ва нону чой оварданд.

Қисми асосии тўй рўзона гузашта, ҳоло мардуме боқй монда буданд, ки меҳмонони маҳсусаи мўътабар ҳисоб меёфтанд ва мебоист то охири тўй — то як-ду поси шаб нишаста, ҳурсандй ва чақ-чақ мекарданд.

Дар зери тути калон, дар рўи суфа тақрибан бист нафар чавонон менишастанд: дар болотари давра агроном, муаллимон, духтури ҳайвонот ва дар паҳлуҳо — чавононе, ки дар атрофи идораи колхоз чунбучўл карда мегарданд ва фаъолони деҳот ба шумор мераванд. Муҳаммадмурод низ дар як гўшаи ҳамон давра нишаста, аз мусобиқаҳои дар Душанбе ва дигар шаҳрҳо дидааш нақл мекард.

Аён буд, ки дар маъракаи чавонон шароб менўшанд. Аммо, эҳтимол, барои ҳурмати мўйсафедон бошад, шаробро ба чойниккҳо андохта меоварданд ва ба пиёлаҳо кашида менўшиданд. Садои гуфтугўи чавонон аз таъсири машрубот ҳар дақиқа баландтар мешуд.

Ду-се нафар мутрибони ҳаваскори деҳа ва қишлоқҳои боло бо навбат ба мобайни ҳавлй баромада, дойраю рубоб ё думбра дар даст суруд меҳонданд. Онҳо мувофиқи услуби солҳои охир расмшуда, ба артистони эстрадаҳои шаҳр таклидкунон ба пасу пеш ё гирдогирди саҳни ҳавлй оҳиста-оҳиста қадамзанон ҳунарнамой мекарданд.

Ба гўши Аҳмадбек ҳоло савту тарона намедаромад. Аз афташ, инони ихтиёри дил бо мурури замон суст мегардад, фикр мекард ў. Дах сол, ё ҳатто панч-шаш сол пеш аз ин агар аз касе меранчид, худ ба худ далелҳо оварда, таскин меёфт. Охир, панч панча баробар нест-ку, мегуфт ў ба худ ё зарбулмасали машҳурро ба ёдаш меовард, ки:

Нокасе гар аз касе болo нишинад айб нест,
З-он ки хас болои обу зери дарьё гавҳар аст.

Оре, чанд сол муқаддам тағьири рўҳия ба ў ба осонй муяссар мешуд. Ҳоло ин тавр не. Ҳамин ки аз касе димоқаш сўхт, гоҳо як ҳафта парешонҳол мегардад ва дарунноқй ғам меҳўрад.

Ба ин Мухаммадмурод боз чй лозим? Дар музофот

ба ҳама ғолиб омад, аз калоншавандаҳои физкультураи ҳарсе райони ҳамшафат рахматнома, ё чи хеле, ки ҳоло мегӯянд, грамота гирифт. Чанд бор ба Душанбе, як бор ба кадом як республикаи ҳамсоя, аз афташ, ба шаҳри Фрунзе фиристоданд. Ҳамин қадар обрӯю эҳтиром бас нест? Не. Вай Ахмадбекро ҳам афтонданист. Ба мобайни маъракаи калон бароварда, дар пеши назари халқ афтонданист.

Охир Ахмадбек чаҳор сол шуд, ки бо касе гӯштин нагирифтааст. Акнун инро ба ҳуд эб ҳам намебинад. Гӯштин ба ҷавонон мезебад. Паҳлавонони ҳамсинну ҳамвазни ӯ кайҳост, ки аз қатор баромадаанд, ё фавтида, ва ё ба ҷойҳои дуру наздик парешон шуда рафтаанд. Гӯштин ҳам қоидаву қонун дорад, одоб дорад.

Е шояд қоидаву қонун гуфта нагашта, ин ҷавони хирасарро каме хушьёртар карда мондан лозим буд? Хусусан ки соли гузашта ду маротиба мавриди муносиб иттифоқ афтода буд. Ҳайр, мавриди якумро чандон мувофиқ гуфта намешуд, чунки Ахмадбек аз табобатхона меомад, ҳавосаш аз беморӣ вазнини занаш хеле парешон буд. Дар варзишгоҳи маркази район гӯштин мегирифтанд. Муҳаммадмурод бо як ваҷоҳати ҷангҷӯёна гирд-гирди майдон мегашт; шалвори трикотаж, ки ба танаш часпида меистод, то ба зону барзада шуда буд. Бо пои барҳна рӯи сабзаи нарми майдон рустамона қадам мезаду ду бари яктаҳи нимтанааш аз бод пур шуда, шакли боли хурӯсҳои ҷангиро гирифта буд. Ҳар замон тӯппии худро аз сар бардошта ва дуқат карда, сару рӯи аракрезашро бод медод ва ба ҳар сӯ нигоҳҳои довталабона меафканд.

Ахмадбек дақиқае аз роҳ бозистода, аз кафои тӯдаи мардум ба майдон нигоҳ кард. Худи ҳамон лаҳза чашми Муҳаммадмурод ба ӯ афтод ва низ аз гаштан монда, бо нимтаъзиме ба Ахмадбек салом дод, сипас сари худро бо як ғурур боло карда, ба андоми ӯ нигоҳи дурударози маънидоре дӯхт. Маълум буд, ки ӯ чанд нафарро маглуб карда, ҳоло дар талаби даъвогари тозае гирди майдон мегардад, аммо касеро ҷуръат нест, ки ба муқобили ӯ бароя д.

— Офарин, писар, монда нашавӣ!— гуфт Ахмадбек бо садои баланд ва ба роҳи худ равон шуд.

Дафъаи дигар ба худи ҳамин майдон ӯро Салим муаллим кашола карда овард. Баробари намоён шудани онҳо раиси комитети физкультура ягона ҳараки чӯбин-

ро, ки дар гӯшаи соярави майдон меистод, аз одам холи кунонда, онхоро нишонид. Арафаи иди Октябрь буд, такрибан сӣ нафар ҷавонон, ки аз ҳамаи гӯшахои райони омада буданд, мусобика мекарданд. Ҳакамхо ба ғолибон транзистор, соат, либосворӣ ва дигар ғуна тӯхфахо медоданд.

Муҳаммадмурод баромада охирин ғолиби майдонро афтонид. Боз як-ду нафар довталабони аз гӯшахои дурдасти райони омадаро низ маглуб намуд. Баъд ба даврзанӣ дар гирди майдон шурӯъ кард. Вай чун аспи ҷавмасте, ки махсус барои пойга парво кардаанд ва дар арафаи мусобика гирди яккамех бесаброна ҳадам мезанад, вазнин-вазнин нафас кашида давр мегашт ва ҳангоме ки наздик мешуд, тамошобинон садои нафаскашии ӯ ва дар зери пошнахои фарохаш сахле ларзидани заминро баръалоина ҳис мекарданд. Муҳаммадмурод аз рӯи одати худ тӯппиашро ба даст гирифта, сару рӯяшро бод медод. Гохо яктахи кӯтохи аз матои ғафси бакувват махсус барои гӯштингирӣ дӯзондаашро аз китф ба кафо, ба рӯи шонахо фароварда ва даст ба миён монда рох мегашт. Дар ин асно баръало дида мешуд, ки ғафсии сару гардани пахлавони ҷавон ба як андоза аст. Дар он чое, ки китф ва бозувонаш ба хам мерасанд, ду теппачаи мушак, мисли ҳандалак дамида баромадааст. Мушакхои дасту пою гардану синаи сермӯяш аз ҳар як харакат бозӣ мекунанд. Донахои арак дар шуои офтоби сурхи бегохирӯзӣ чун алмоспорахо медурахшанд.

Дигар ҳариф набаромад. Муҳаммадмурод ба пеши мизи алвонпӯше ки дар тарафи мукобили харак гузошта буданд, рафта истод. Дар сари миз раиси комитети физкультура ва дигар ҳакамхо менишастанд. Муҳаммадмурод хам шуда ба онхо чизе гуфт. Раиси комитети физкультура низ зери лаб чизе гуфту китф ба хам кашид.

Ахмадбек бо Салим муаллим саргарми сӯхбат буд. Нохост касе аз таки гӯшаш «Акаи Ахмадбек» гӯён чег зад. Ин раиси комитети физкультура буд, ки аз кафои харак омада, сар ба мобайни онхо даровардааст.

— Акаи Ахмадбек,— такрор намуд раиси комитет,— Муҳаммадмурод мепурсад, ки оё шумо дигар хеч гох гӯштин намегиред?

Ахмадбек то буни гӯшхояш сурх шуда рафт. Ана, он миш-мишу пичир-пичирхои Муҳаммадмурод чӣ маъ-

ное доштаанд. Дар муомила бачаи дидадарою сохибхирад менамуд, аммо... Хайр, хар кас кунад бо худ кунад, хох нек кунад, хох бад, гуфтаанд. Ҳоло дигар илоче нест, ӯ ба майдон мебарояд.

Вале Салим муаллим аз китфи Ахмад-ака зер карда ӯро хестанӣ намонд ва ба раиси комитет рӯй оварда гуфт:

— Чахор сол шуд, ки Ахмад гӯштин нагирифтааст, худат-ку хуб медонӣ, боз чаро мепурсӣ? Тавба, охир ту худи хамин пагохӣ аз осмон наафтодай-ку?

Раиси комитет «мебахшед, мебахшед» ва боз кимчӣ гуна калимаҳоро афвталабона такрор намуда, ба чои омадааш баргашт. Дере нагузашта ӯ ба охир расидани гӯштинро эълон намуд ва ҳама пароканда шуданд.

Ахмадбек дар ёд дорад, ки Муҳаммадмурод дар иҳотаи як тӯда чавонон аз пеши онҳо гузашта мерафту ба сӯи вай қасдан назаре наафканд. Ба ӯ соати дастӣ ва чомае мукофот дода буданд ва ӯ бо овози баланд ба атрофиёнаш мегуфт:

— Ҳар дафъа соат медиҳанд. Магазини соатфурӯшӣ кушоям, мегӯям.

Ахмадбек хаёломез рох мепаймуд. Салим муаллим барои хурсанд кардани дӯсташ хазлу шӯхиҳо мекард.

— Чӣ ин қадар тачангӣ? Наберадор шудию ҳоло хам дилат ба гӯштин меравад? Набошад, биё бо ман гӯштин бигир.

— Бо ту?

— Ҳа, чӣ? Фаромӯш кардӣ, дар бачагӣ хар рӯз гӯштин мегирифтем. Ба назарам, ду-се бор туро афтонда будам-ку!

Ахмадбек беихтиёр хандид ва хамчунон шӯхиомез чавоб дод:

— Рост, дар бачагӣ гӯштин мегирифтем. Лекин ҳоло ту раиси чамоа, яъне дар кишлоки мо хукумати советӣ хастӣ. Ман окибати одамонеро, ки бо хукумат зӯрозмой кардаанд, бисьёр дидаам...

4

Шӯрбо кайхо хӯрда шуда буд. Мутрибони чавон хамчунон нағмапардозӣ мекарданд. Одамони шӯтқарӣ бо хамдигар хазлу мазох меварзиданд, аския мегуфтанд.

Дар зери айвон нишастагон бештар аз хотирахои худ накл мекарданд. Дар давраи чавонон мавзуи сухбат хар дакика тағьир меёфт. Аз байни он давра садои ғафсу ширадори Мухаммадмурод чудо шуда менстод.

— Бачаи ачонб,— ба суи Мухаммадмурод ишора карда гуфт Салим муаллим.— Бо ту хатман гуштин гирифтанист.

— Ха,— гуфт Ахмадбек.

— Гирифтугираш ба ман маъкул не. Пагох, албатта, бо ў гуфтугў мекунам.

— Чи мегуи?

— Худам медонам.

Ногох Ахмадбек аз андешаи чурааш пай бурд. Ба хар хол, Ахмадбек тамоми умр дехкони одди буд. Дехкон мардум аксаран соддадил мешавад. Хамин кадар вакт гузашту Ахмадбек акнун пай бурд, ки чурааш дар бораи ў чи фикре дорад. Оре, ў гумон мекунад, ки аз Ахмад-пахлавон акнун факат ном бокй мондааст. Ана аз барои хамин порсол дар маркази район, арафаи иди Октябрь ба раиси комитет аз номи худ чавоб дода ва Ахмадбекро аз дохил шудан ба майдон манъ карда буд. Барои хамин хам холо ў дар дилаш ахд кардааст, ки бо Мухаммадмурод гуфтугў карда, фахмонад, ки дигар ба Ахмадбек начаккад. Хайрият, Ахмадбек вокеаи имруз пешинй дар тангкуча руйдодаро ба чурааш накл накардааст, вагарна Салим дархол Мухаммадмуродро ба каноре, ё хатто ба идораи Совети кишлок чеғ зада, гушмоле медод. Агар хамин тавр мекард, расо шармандагй мешуд-дия.

— Салим,— ба дусташ мурочиат кард Ахмад-ака бо нимовоз, то ки одамони дар пахлухошон нишаста нашунаванд.— Ба ту як чиз гуфтанй хастам.

— Гушам ба ту.

— Додарарўси маро медонй? Ха, кассобро. Хамин бача як хосият дорад: гусфанд, гов, ё гусоларо куштанй шавй ба ў аввал нишон дех. Гусфанд бошад, аз пашми гардану думбааш дошта бо ду даст як бардошта ба замин мемонаду баъд баданашро даст-даст карда мебинад. Гов ё чавона бошад, туш, таки бикинашро пучида мебинад, аз ягон чояш дошта андак такон медихад. Сонй мегуяд: молатон фалон кадар гушт, фалон кадар равган мекунад. Агар хавсала кунию баъди куштани мол гушту равганашро баркашида бинй, аз гуфташ на як кило зиёд мебарояд, на кам.

— Хайр, ин хел одамро ман ҳам медонам. Нарзии осиёбон ҳам халтаро ба даст мегираду худи ҳамон замон мегӯяд, ки борат фалон қадар.

— Боракалло.

— Хӯш, ту чӣ гуфтанӣ ҳастӣ?

— Вақтҳое ки гӯштин мегирифтам, ман ҳам бо як дидани ҳариф мефаҳмидам, ки чи қадар қувват дорад.

— Ҳоло чӣ?

Аҳмадбек дақиқае хомӯш нишасту баъд ҷавоб дод:

— Ҳоло ҳам.

— Набошад, чаро одоби ӯро намедиҳӣ? — Салим муаллим боз ба сӯи суфаи чавонон нишаста ишора намуд.

— Бахил аст. То ҳоло ба гуфтан забонам намегашт. Бахил, синнааш аз бист нагузашта, бахил. Ҳамин ки рӯ ба рӯ омадам, кинаю нафрати дар вачоҳаташ накш бастаро дида, дилам сиёҳ мешавад.

— Ту одами аҷиб ҳастӣ, Аҳмад.

— Ман мегӯям, ки, фараз кардем, ягон каси ману ту барин солхӯрда, бо мурури замон ба таъсири ягон хел... чӣ мегӯянд... мухити бемаза афтода, хислати бахилӣ пайдо кунад, садқаи сар мегӯяю мемонӣ. Аммо бахили бистсоларо биниӣ, чӣ кор мекунӣ? О, ин бедодӣ-ку! Рӯзхои охир, хамин ки рӯ ба рӯ шуд, ба чашмонаш зеҳн мемонам. Бовар мекунӣ, чашми сиёҳ, ки онро одамон ба олуи сиёҳу ба наргису боз ҳазору як чизи зебо монанд кардаанд, ба назарам оруи ҷинҷак ё неши каждум барин менамояд.

— Рост, нигоҳаш ҚИМ-чӣ хел сахт ва...— Салим суҳани мувофиқ ёфта натавониста, лаҳзае забон хоид ва нихоят гуфт: — Қасро нороҳат мекунад. Лекин ту ҳам ғалатӣ-дия. Охир одамизот ҳар хел мешавад. Ту мехохӣ, ки ҳама Наврӯз паҳлавон барин танте, баинсоф бошанд.

— Намедонам. Чизе ки дар дилам ҳаст, ба ту фаҳмонида наметавонам.

Оши палав оварданд. Аҳмадбек корди худро аз ғилоф бароварда, гӯштро реза кардан гирифт. Дар ин дам писари калонии соҳиби тӯй ба назди онхо омад. Ӯ ба рӯи дастонаш чапотиеро нигоҳ медошт, ки дар болои он устухони сергӯшти мағздоре мехобид.

— Ба тағои Аҳмадбек, — гуфт писарак, ки зоҳиран ин гуна хизматро бори аввал ба чо меовард ва аз ин чиҳат каме шарм медошт.

— Кӣ дод? — пурсид Салим муаллим аз дасти ӯ нону устухонро гирифта.

— Акаи Мухаммадмурод, — гуфт бача ва дархол аз айвон фаромада рафт.

Ҷӯраҳо маъниидор ба ҳам нигоҳ карда монданд.

5

Моҳи шомхӯрда дар сари кӯҳ баланд шуда, дашту дараро ғарқи нур карда буд. Коҳу хаспорахои парешони атрофи хирман дар шуои он чун донахои сайқалхӯрдаи кахрабо милтос мезаданд. Чирчиракхои бисьёре суруди хазини худро месароиданд ва дар заминаи чир-чири якзайлу хузнангези онхо садои дойраю рубобе, ки аз канори деха, аз тӯйхона меомад, ба гӯши Ахмадбек мисли як чизи бегона ва номафхум мерасид.

Пирамарди посбон дар пеши мошини ғаллакӯбӣ ба рӯи нимкати симинаш ором мехобид. Ахмадбек ду хафта боз рӯзхо дар хамин хирман кор мекард. Гохо, баъди кор хам гузораш ба хамин тарафхо афтад, ба хирманчо омада, соате бо мӯйсафед нишаста чой менӯшид ва чак-чак карда мерафт.

Холо мӯйсафедро дар хоб дида, ба зери садаи бузурге, ки рӯзона сояи ғафсу халоватбахшаш истирохатгохи дехконони атроф буд, омада нишаст. Мехост муддатеро дар ин ҷо, дар саҳрои кушод гузаронида, ғубори дилашро барорад. Хирманчой чи хосняте дорад, ки дили марди дехқон аз ҳасрату алам лабрез бошад хам, соате нагузашта, хамааш пароканда ва фаромӯш мегардад.

Лекин чаро имрӯз андешахои гарон сари Ахмад-акаро тарк намекунад? Дастфишорни мулоимхунуконаи Мухаммадмурод, нигоххои пурадоват ва дар тӯйхона, дар хузури мардуми бисьёре бо ғарази ғустохона ва беадабона устухони мағздор фиристодани ӯ, харчанд кӯшиш кунад хам, аз мадди назараш дур намерафт.

Ин бачаро ғурури чавонӣ, хумори шӯхрат ва навпахлавонӣ саргаранг кардааст, аз дил гузаронид Ахмад-ака. Рост мегӯяд Салим, хар зотею як хӯе, хар кас чавонии худро ба таври дилхохи худ мегузаронад.

Дар хотири Ахмадбек, баъзе лавҳахои айёми чавонии худаш аз нав зинда гардиданд. Мулоқот бо Наврӯз пахлавон ба хотираш омад.

Он вакт Наврӯз пахлавон дар диёри худ хеле машхур гардида, номаш ба пиру чавони Дарвоз ҳам маълум шуда буд. Ахмадбек ханӯз навгӯштин буд, лекин овозаи ғалабахои пайдарпаи ӯ низ ба гӯши пахлавонони музофотхои хамсоя расида буд. Оре, байни мардум акидае хаст, ки номи пахлавони навбаромад пеш аз хама ба гӯши пахлавонони номдор мерасидааст ва баъд ба хаводорони онхо. Эхтимол, бояси зуд шӯхрат пайдо кардани Ахмадбек хамин бошад, ки он вактхо сохтмони рохи калони Помир дар авҷ буд ва ӯ аввалин ғалабахои худро махз дар чамъомадхои бинокорон ба даст оварда буд.

Вокеае ки дар сари рох рӯй медихад, зудтар машхур мегардад ва ин табиист, хусусан, ки дар сари рохи Помир он солхо аз хаман гӯшаю канорхои Точикистон хазорон нафар одамон кор мекарданд ва гӯштингирй дар баробари концертхои артистони аз пойтахт омада аз дилхушихои писандидаи рохсозон буд.

Як нимрӯзй Ахмадбек аспи банохост ланг шуда мондаи худро етаккунон ба Дехаи Боло ба назди духтури хайвонот мерафт. Рохгардй барои асп душвор бошад хам, ӯ рохи нисбатан хамвору васеъро монда, пайрахаи сохили Ванчобро интихоб карда буд. Шояд мехост, ки дар рох камтар ба одамон вохӯрад. Охир, маълум, ки хар шиносе, ки вохӯрд, бояд хатман ва батафсил фахмида бигирад, ки черанди Ахмадбек кай ва аз чй сабаб ланг шуд, оё вай фалон гиёхро аз фалон пушта ёфта оварда, дар ӯғурча кӯфта ба банди пои аспаш набастааст, ё дар обе ки аз фалон чашма чорй мешавад, пои черандро фалон муддат нигох надоштааст ва ғайра ва хоказо.

Ахмадбек дар яке аз хамгаштхои пайраха дар чояш истода монд. Аспаш аз кафо бо фуки худ ба китфи ӯ расида, ба нафаси гармаш гардани ӯро китиқ кард, гӯё пурсиданй мешуд, ки чаро банохост аз рох мондем. Аммо аз хӯчаин чавобе нагирифта ва худ ба чизе сарфахм нарафта, бо канда хӯрдани алафхои канори пайраха машғул гардид.

Дар пеш, такрибан сй кадам дуртар марде дар лаби чашмаи зери чормағз рӯймоли миёнбанди худро густурда, намоз мехонд. Вай рӯ ба пайраха нишаста, ба мурокиба рафта буд. Мувофики таомул аз пеши ӯ гузаштан мумкин набуд. Ахмад таноби аспро ба буттае андармон карда, ба рӯи санге мунтазир нишаст.

Баъди фурсате аз тарафи чашма овоз баромад:

— Хой додар, ин сӯ биё.

Марди ношинос миёнбанди худро ба рӯи сабза пахн карда, ба рӯи он аз сафархалтааш кулчахои равгани, коқ ва тухм гирифта мерехт. Вакте ки ӯ ин корро анчом дода, комати баланду тахамтанонаи худро рост намуд, Ахмадбек дархол пай бурд, ки ин мард пахлавон аст.

Саломуалеку пурсупос карданд.

— Аз хамин кишлоқ мешави? — ба рохи омадан Ахмадбек ишора намуда пурсид марди ношинос.

— Ха.

— Дар пеши ман камтар менишастй, хуб мешуд, додарам. Ба танхой аз гулӯям нонреза хам намегузарад.

Марди ношинос кушодарӯёна, бо табассуми дилчаспе гап мезад ва Ахмадбек, харчанд фурсати барзиёд надошт, таклифи ӯро рад карда натавонист.

Харду дар сари «дастурхон»-и он мард нишаста, кулчахои бомазаи равганинро ба оби чашмае, ки аз наздашон чорй шуда, пайрахаро бурида гузашта ба сохили Ванчоб мерехт, тар карда мехӯрданд.

Ахмадбек аспи худро холо ба танаи чормагз баста буд. Черанд суми дардмандашро хаёле ба замин расонида, вазни худро ба се пои дигараш партофта меистод ва хар замон бекаророна фаххос зада ва сар афшонида, ба сӯи сохибаш нигох карда мемонд.

Марди ношинос номи раиси колхози Ахмадбекро пурсид. Ӯ чавоб дод. Баъд аз саломатии ду-се нафар оксаколони деха чӯё шуд. Ахмадбек ба кадри имкон муфассал чавоб дод.

— Чанд сол пеш дар дехаи шумо мехмон шуда будам, — гуфт марди ношинос, — дехаи хушобу хаво аст, халкаш хам халки хушфеъл, одамдӯст. — Баъд боз як кулчаи ба об тар ва нармшударо хонда фурӯ бурду пурсид: — Ахмадбекро мешиноси?

— Кадом Ахмадбекро? — пурсид чавон дар холате ки банохост вучудашро хаячоне фаро гирифту нафас дар гулӯяш печида буд.

— Дар кишлокатон чандта Ахмадбек хаст?

— Аз калонсолон якта, — гуфт чавон ва хатои худро акнун фахмида суп-сурх шуд. Хайрият, марди ношинос дар ин асно дахони сафархалтаи худро яла карда, аз он чизе мекофт ва ба ӯ нигох намекард.

— Ман хам ана хамон Ахмадбекро мегӯям. Пахлавонро.

— Дуруст, сиҳат-саломат.

— Мегӯянд, ки хеле зӯр ва чолок аст...

— Ҳа, зӯр, аммо чавон, — гуфт Аҳмадбек, чӣ гуфтанашро надониста. Вай аз он ки дар бораи худ ҳамчун дар хусуси шахси беруна сухан мекард, дар ҳичолат монда буд.

— Э, паҳлавонӣ аз чавонӣ-дия.

— Надонам.

— Ту ҳам гӯштингирӣ, додар, аз андомат маълум. Номат чист?

Сӯҳбат ғайри ихтиёри Аҳмад чунон ранг гирифта буд, ки ӯ дурӯғ гуфт. Дурӯғ нагуфта бошад ҳам, рости гапро ҳам нагуфт. Ана акнун агар номашро бигӯяд, марди ношинос аз ӯ меранҷад. Агар номи дигареро бигӯяд, ба ботлоки дурӯғ боз бештар хоҳад ғӯтид.

— Ман ҳам гоҳо гӯштин мегирам, — гуфт Аҳмадбек ва дар дил илтичо мекард, ки марди ношинос номи ӯро такроран напурсад.

— Бо Аҳмад паҳлавон майдон доштӣ?

— Ҳа, як-ду бор.

— Афтондат?

— Мо баробарем.

— Рост? — тааччубомез хитоб кард мард ва часта аз чояш бархост.

Аҳмад ҳам ба по хест. Мард каду басту афту андоми ӯро аз сар то по ва баъд аз по то сар кунҷковона аз назар гузаронида, боз табассуми кушоде кард ва хандакунон гуфт:

— Биё, додарам, харду як гӯштин бигирем.

— О чӣ хел?.. — нимғурма эътироз кард Аҳмадбек ва ба сӯи аспаш назаре афканд.

— Ҳеҷ гап не, вакти бисьёре намеравад — лабхандкунон исрор менамуд марди ношинос. Вай, эҳтимол, аз он сабаб худ ба худ механдид, ки дар вокеъ, кори ҳеҷ кас нокарда ва ҳатто касношунидаеро фикр карда баровардааст: дар ҷои бегона, ба рохгузари ношиносе гӯштингирӣ таклиф мекунад.

— О дар ин ҷо... Чӣ хел мешуда бошад?..

— Шудан мегирад. Аз бекорӣ кадукорӣ гуфтагӣ барин ин ҳам як гап-дия, — гуфт мард ва дар сари дастарҳонаш диккак нишаста, саросема фотиҳа хонд.

Аҳмадбек ҳам дархол диккак нишаста даст ба рӯй кашид.

— Ту миёнбанд надоштай, — гуфт мард ва нонрезахои рўймоли дастархонро ба оби чашма афшонда, онро тах кард ва ба миёни худ баст. Баъд чомаи худро, ки лўнда карда ба гўшае монда буд, кушода аз байни он рўймоли нави абрешмини зардеро баровард ва бо як харакати чолокона печонида ба дасти Ахмадбек дод.

— Ма, банд.

Ахмадбек хамчунон бо киёфаи тааччубомез ба марди ношинос нигох карда менистод.

— Э ту бачаи ачиб будай-ку,— гуфт мард ва ба Ахмадбек наздик шуда рўймолро ба миёни ў гузаронид. Мехост, ки гирехашро хам бандад, аммо Ахмад «Хайр, майлаш, хозир худам»... гўён рўймолро баст.

Тарзи сўхбат ва андоми пурхандаи марди ношинос аз дакикаи аввали мулокот Ахмадбекро ба худ тасхир карда буд. Ў хеч гох чунин шахсеро дучор наомада буд, ки ўро бо ду-се дахан гаши нарм ва шўхиомез зуд ба рохи худ андохта бошад.

Онхо ба гўштингирй даромаданд. Ахмадбек аз ибтидои кор пай бурд, ки харриф аз онхое, ки ў дар майдонхо кувваозмой кардааст, хеле ва хеле пуркувваттар аст. Марди ношинос хам, аз афти кор, фахмид, ки намуди оддиёнаи ин чавон назарфиреб будааст. Харчанд чавон ханўз хунари худро нишон надода ва факат бо мукобилат ба хилахои ў ва бо мудофиа машгул бошад хам, маълум шуд, ки сар то по гўё аз чандир иборат аст.

— Сабр кун, — гуфт марди ношинос ва баъди он ки Ахмадбек миёни ўро сар дод, суханашро давом кунонид:

— Биё мўзахоро бикашем ва болотар бароем. Дар болои чашма майдончаи хамвор будааст.

Гўштини онхо дар майдончаи нав хамагй чорьяк соат давом накардааст. Ахмадбек ё аз он сабаб, ки феълу хўи ин мард ба ў маъкул афтода буд ва димоги ўро сўзонидан намехост, ё худ аз ин мусобикаи банохост дар нимароки хилват барпошуда ханўз гаранг буду ба худ наомада буд, хамаи кувват ва махорати худро сарф намекард. Вай дар хакикат хам холо факат сухани хамин марди мусофир нашиканад гуфта, ба ин майдони ачиб даромада буд ва кўшиш мекард, ки аз хилаю такали ў, ки пахлавони кордида менамояд, гофил намонад ва наафтад. Факат як маротиба, вакте ки марди ношинос аз мукаддимаи нихоят кашольёфта дилгир шуда, аз

миёни Аҳмадбек сахт ба пеш кашида, бо мақсади аз по дарафтонидани паҳлавони чавон бо пои чапаш ба банди пои рости ӯ сахт фаровард. Аҳмадбек оташин шуд.

Агар дар ин асно коматаш рост мебуд, ӯ, бешубҳа, ба қафо гумбурросзанон меафтод. Хайрият, ки миёнаш ба пеш моил буд ва аз зарбаи ҳариф лаҳзае ба тарафи рост калавида, дарҳол ҳудро дошта гирифт. Аҳмадбек дар каҳр шуда як фишшос зад ва боз ким-чй гуна садое бароварду миёнбанди харифро дар муштони ҳуд сахттар печонида, ӯро аз замин канда озод ба сар бардошт ва... ногоҳ чашмаш ба рӯи марди мусофир афтода, ӯро гашта ба замин гузошт.

Дар чеҳраи паҳлавони ношинос табассуми кушод ва ифодаи тааччубомезе сайр мекард...

6

Бегоҳи Аҳмад аз назди духтури ҳайвонот баргашта дид, ки дар ҳавлиашон мардуми бисьёре нишастаанд ва раҳматии падараш як тӯда ҳамқишлоқиёнро меҳмондорй мекард. Қасе дарҳол чилави аспро аз дасти ӯ гирифта, ба пешгаҳи ҳавлй ба назди охураш бурда баст.

Ба дасти ӯ танги вазнинаки сурхи пурчилоеро доданд.

— Ин чист? — пурсид ӯ бо ҳайрат.

— Тилло. Наврӯз паҳлавон ба ту дода рафт.

Падараш ва чанд нафар аз меҳмонон сухани ҳамдигарро бурида саросема ґап мезаданд. Аз ин нақли пароканда Аҳмадбек ҳамин қадар фаҳмид, ки ҳамон марди ношиноси дар пайраҳа бо ӯ вохӯрда ва ӯро ба ґӯштингирй мачбуркарда Наврӯз паҳлавон будааст.

Ӯ ба қишлоқ омада, аз назди идораи колхоз ба хонаи Аҳмадбек кас фиристодааст. Қаси фиристода баргашта ба ӯ гуфтааст, ки Аҳмадбек ба Деҳи Боло рафтааст, аспи лангашро ба пеши духтури ҳайвонот бурдааст. Инро шунида Наврӯз паҳлавон ба назди падари Аҳмад омадааст ва ҳамин танги тиллоро дода гуфтааст, писаратонро дар рох дида будам, дуо кунед, паҳлавони хуб мешавад.

...Пас аз як сол Наврӯз паҳлавон дар қатори ҳама ба ҷанг рафт. Аммо дар моҳи аввал, аз гуфти баъзеҳо, ҳуди ҳафтаи аввал ҳалок шуд. Танги тилло, ки аз ӯ хотира монда буд, ба қавли заршиносони атроф, тиллои тозаи

кашмирӣ будааст ва он хатҳои ачиби ношиноси дар як тарафаш нақшьёфта низ хатҳои қадимаи кашмирӣ будаанд.

Зани Аҳмадбек он тиллоро баъди ба фронт рафтани шавҳараш чуи ёдгори неке аз як одами нек тахмин ду сол эҳтиёт кард, аммо рӯзе ки муаллимон ва комсомолони кишлоқ барои фронт ёрӣ гӯён аз хонаводаҳои колхозчиён пашм, пуст ва ҳар гуна либосворӣ меғундоштанд, «соҳиби сарам сиҳат-саломат биёяд, барои ман ҳазор тилло» гӯён тангаро ба муаллимон дода буд.

Қиссаи бо Наврӯз паҳлавон гӯштин гирифтанашро Аҳмадбек на худи он рӯз ва на баъд аз он ба касе нақл накардааст. Баръакс ҳар дафъае, ки он вокеа ба ёдаш мерасид, худ ба худ ҳичолат кашида сурх мешуд, ки аз як шахси аз худаш калонсол, аз як паҳлавони овозадор бо кадом як мулоҳизаи кӯдакона номи худро пинҳон дошта буд. Қиссаи гӯштин аз даҳони худи Наврӯз паҳлавон паҳн шуда буд. Ӯ ин вокеаро дар чанд чой ҳикоят карда, дар охир илова мекард: «Ҳеч кадоме аз мо наафтодааст. Аммо ман Аҳмад паҳлавонро ғолиб медонам. Худо ҳозир, ӯ маро чун меҳмон ва мусофир иззат карда буд...».

Баъд мардум ин қиссаро бо обуранги зиёде пардоз дода, ба таври худ нақл мекарданд ва ҳикоят аз даҳон ба даҳон гузашта, ба шакли достонҳои қадима даромада буд.

7

Шаббода қувват гирифта, ба ҳирманчой бӯи пудина ва шуввоси мавҷҳои Ванҷобро мерасонид. Аз тӯйхона ҳоло фақат овози як ҳофиз ба гӯш мерасид. Эҳтимол, мутрибони дигар ба хонаҳошон рафта буданд ва яктои бокимонда, ки аввали шаб ба ӯ фақат як-ду маротиба навбат расида буд, худро соҳиби майдон дида, то чон дошт, ҳунарнамой мекард.

Аҳмад паҳлавон, ки пушт ба сада такья дода менишаст, шарфаи пойро шунида, ба пеш нигарист. Касе аз тарафи кишлоқ меомад. Лаб-лаби чӯй меомаду бо ҳимчае алафҳои баланди лаби чӯйро шарт-шарт зада ва бурида мепартофт. Моҳ дар сари кӯҳ хеле баланд шуда, шуояш равшантар шуда бошад ҳам, ки будани ояндаро ҳанӯз фарқ кардан душвор буд.

Аҳмадбек ба қадаммонии шахси оянда зеҳн монда, дилаш чиггӣ карда рафт. Оре, ин одам Муҳаммадмурод буд.

Ҳамин ҷо ва ҳамин соат ҷой ва мавриди муносиб аст, аз дил гузаронид Аҳмадбек. Худаш ҳам, бешубҳа, ба суроғи ман меояд. Аммо чӣ кор кунам? Наход гӯштин гирифтан лозим шавад? Садкаи гӯштин шавад ин дилсиёҳ. Пас, чӣ чора?

Муҳаммадмурод даме ба соян сада бо диққат нигоҳ карда, тарҳи Аҳмадбекро дид, шинохт ва гуфт:

— Акаи Аҳмадбек, ту ин ҷой?

Паҳлавон чизе нагуфт. Ӯ ҳамчунон фикр мекард. Аз афти кор, бо ин ҷавони худписанд кувваозмой кардан дар тақдираш будааст, ба ӯ ҳанӯз ҳамон Аҳмад паҳлавон буданашро бояд нишон диҳад ва хотири ӯро якумрӣ ҷамъ намояд. Лекин гӯштин нахоҳад гирифт. Наход илоҷи дигар нест?

— Акнун мо хоки пои шумо ҳастем, гӯем, мешавад, — ниммасту нимхушьёр дар ҳамон ҳолати рост истодааш мелаққид Муҳаммадмурод. — Ҳа, хоки пои шумо. Лекин агар гуфтем, ки дар район ё ҳамин ҷо рӯзона ба майдон набаромадӣ, ҳаёл кардам, ки дар ягон ҷои хилват мебарой. Ҳамту не, акаи Аҳмадбек? Лекин мебахшӣ. Мо хоки пои шумо, мебахшед...

Муҳаммадмурод миёнбанди худро кушода, аз сари нав маҳкамтар мебаст. Ногоҳ фикре ба сари Аҳмад пайдо шуд. Чаро ҳамин чиз барвақттар ба ёдаш нарасид? Бист-бисту панҷ сол пеш ӯ аз дасти якта-нимта зотҳои шилқини паҳлавонтарош, ки ҳошакалло бо мо гӯштин мегирӣ гуфта гарангаш мекарданд, бо ҳамин тақал ҷони худро раҳо мекард.

— Хуб, хуб, — гуфт Аҳмадбек, — ҳоҷати гапро кашол додан нест. Ман аз даъвои ту кайҳо хабар дорам...

— Лекин мебахшӣ, ака, — сухани ӯро бурида боз ба лаққидан даромаданӣ буд Муҳаммадмурод. Аҳмадбек сахт карда гуфт:

— Гӯш кун. Бо ту гӯштин мегирам. Модоме ки аз пасам ҳофта омадай, дар худи ҳамин ҷо ва ҳозир мегирам. Аммо як шарт дорам.

— Ҳазор шарт дошта бошӣ, тоҷи сар, ба ҷону дил.

— Ҳоло ҳамин яктоашро ичро кун.

— Тоҷи сар гуфтам-ку. Бигӯ, ака, бигӯ, садқа.

— Маро аз ҷоям бихезон.

— Туро? Аз ҷоят? Ҳозир-дня.

Муҳаммадмурод кадаме ба пеш гузошт. Аҳмадбек дасти росташро ба ӯ дароз кард. Вай пошнаҳои ҳар ду пояшро ба дӯнгичае ки барои такья интихоб карда буд, монда, тахтапушти худро ба танаи сада чафс карда менишаст. «Ё пирам, шарманда накун, дастам бигир» — дар дил илтичо мекард ӯ. Вай ҳамеша дар дақиқаҳои мушкил дар дили худ ба кадом як кувваи ниҳонне, ки ба хаёлаш шафеу мададгори ӯ буд, илтичо мебурд.

Муҳаммадмурод дасти ӯро кашола кард, ки аз чояш намечунбад.

— Намехезӣ-ку? — бо тааччуб гуфт Муҳаммадмурод.

— Гуфтам-ку: бихезон.

— Ҳа-а, — мад кашида, гӯё аз мақсади ҳариф акнун пай бурда бошад, гуфт Муҳаммадмурод. — Дудаста мумкин?

— Ихтиёр дорӣ.

Муҳаммадмурод бо як даст аз каф ва бо дуюмаш аз банди дасти Аҳмадбек дошта ва поҳои худро ба замин кушод гузоштаву сахт такья дода, бо тамоми кувват кашола кард. Ба назараш фақат китфи рости Аҳмадбек хаёле пеш омаду халос. Дигар аъзои баданаш заррае начунбид.

Аммо барои худи Аҳмадбек ин имтиҳон осон набуд. Вақте ки Муҳаммадмурод дуввумбора зӯр мезад, ба назараш гунбади тирафоми сада гӯё яктарафа шуда рафт, ва пас аз он ҳазорон даврачаҳои сурху снёҳ дар пеши чашмаш ба ракс даромаданд

Муҳаммадмурод бори дуввум ҳам натичае ба даст оварда натавонист ва якбора оташин шуда фарьёд кард.

— Тақал аст ин корат, ҳаромбозӣ! Ту бихез, ман бишинам, ана агар чунбонӣ, ман коил.

Аҳмадбек заҳрхандае карда, аз чой бархост. Посбони пир аз ғавғои Муҳаммадмурод бедор шуда, «Кист он чо? Кист вай?» гӯён асои худро бардошта омад.

— Акаи Назар, ин манам, Аҳмад, — пирамардро таскин дод паҳлавон ва ҳам шуда ба Муҳаммадмурод гуфт:

— Поятро ана ба ин дӯнгича такья бидех.

Муҳаммадмурод дуруст чойгир шуда, як-ду сулфа карда гулӯяшро афшонида монд ва фақат баъди ин дасти худро ба Аҳмадбек дароз кард. Аҳмадбек, ки дар ин асно худнамоии имрӯз дар тангкӯчаи кишлоқ кардаи ӯро бо тамасхур ба ёд меовард, дасти вайро маҳкам фишурда, қасдан оҳиста-оҳиста, андак-андак пеш кашида, тани ӯро аз замин ва танаи сада чудо карда, ба по хезонид.

— Аҳмад, ин боз кист? Шумо дар ин чо чӣ кор меку-

нед? — пурсид посбон, ки акнун ба сари онҳо расида омада буд.

Муҳаммадмурод, якин, дигар тамом хушьёр шуда буд.

— Боз як бор, ака, илтимос,— гуфт ӯ ва дар вокеъ аз оҳанги хеле нармшудаи суханаш тобиши илтимос ва узрхоҳӣ аён буд.

Бори дуввум Аҳмадбек гӯё нимчуволаи кохро аз гӯшакаш гирифта, ба сӯё мепартофта бошад, пайкари паҳлавони ҷавонро бо шаст кашида ва аз пеши худ гузаронида ба он сӯяш тела дод.

Муҳаммадмурод ду-се ҚАДАМ онтарафтар рафта истод. Ҳолати вай боз ба кулли тағьир ёфта буд. Ҳам аз шиддати зӯрзаниҳои беҳуда, ҳам аз ҷӯши ғазаб фишшосзанон нафас мегирифт ва дандонҳои худро ғичирросзанон ба ҳам месоид. Агар рӯз мешуд, дидан мумкин буд, ки аз чашмони хунгирифтаи ӯ барқи оташ, оташи кина ва хусумат бармечаҳад.

Ҳамин ки тани Муҳаммадмурод аз сояи сада берун шуд, посбони пир ӯро дарҳол шинохт ва бо доду фиғон ба маломаташ даҳон кушод:

— Илоҳо, гарданакат бишканад, сағираи ношукр. Қаси дигар ёфт нашуд, ки ту, худобехабар, аз гиребони Аҳмадбек гирифтаи? Ҳа, дар кабри бобои ту, муттаҳам...

Дар ин асно воқеае рӯй дод, ки хуш аз сари мӯйсафед париду давоми дашному ҳакораташ дар даҳонаш монд.

— Не!! — бо тамоми қувват фарьёд кашид Муҳаммадмурод.

Наъраи ӯ ончунон зӯр буд, ки лаҳзае ҳамаи садоҳои дашти васеъро пахш карда, то ба шаҳҳои он сӯи Ванҷоб ва доманаҳои Теғакӯҳ рафта расид ва такрор ба такрор акс ёфта, дар кӯҳу дара ғулғулаи бардавом андохт. — Не!! — боз бонг зад паҳлавони ҷавон. — Ту бо ман гӯштини ҳалол мегирӣ!

Инро гуфту бо як хез ба Аҳмадбек расида, ба миёнбанди ӯ чанг андохт. Аммо вай ҳанӯз дасти дуввумашро аз камари паҳлавон нагузаронида, Аҳмадбек чолокона тоб хӯрда, баргашта аз миёни Муҳаммадмурод капид ва чунон ки штангбардорони пурзӯр ҳангоми гирифтани вазни охирин ва гаронтарин мекунанд, саҳле ба як зону ҳам шуда, ҷуссаи бузурги паҳлавони ҷавонро болои сар бардошт. Бардошту пайкари бузурги паҳлавони ҷавон дар болои сари ӯ ба чарх задан даромад.

Аҳмадбек чарх мезаду оҳиста-оҳиста ба хирман наздик мешуд. Дасту поҳои дарози Муҳаммадмурод дар ҳа-

во мисли кӯдаке, ки онро падараш бозӣ медоронад, алвонҷ меҳӯрданд.

Посбони пир ин манзараро дида, аз ҳайрат даҳонаш яла шуда монд. Чанд бор асоро баробари риши сафеди худ бардошта, чизе гуфтанӣ шуд. Аммо гуфта натавонист. Ниҳоят асоро худро ба пеши пояш кӯфту фарьёдкунон гуфт:

— Аҳмад, ҳлоҳо сарат дард набинад. Ҳаққи ин бетамиз ҳамин.

Аҳмадбек ба коҳтӯдаи наздиктарин расида, чуссаи Муҳаммадмуродро ба адл миёнаи он андохт.

Баъд ба сӯи сада пас гашту бо тааччуб ба ҳар сӯ нигарист, гӯё чизеро меҷуст. Ба ӯ чунин намуд, ки аз ҳамин ҷарибӣ чанд кас баробар ва сахт хуштак мекашад. Ӯ дар ҷояш истода, гӯшҳои худро маҳкам кард ва фақат акнун фаҳмид, ки дар атроф не, балки чизе дар мағзи сари ӯ хуштак мекашад, айнан ҳамон тавре ки бисту чаҳор сол мукаддам дар фронт ба зери хоктӯда монда, ба ҳамин дард гирифтор шуда буд.

Вай сахт тарсид, ки аз шиддати ғайри мӯътадил чисми худро хаста карда, сарашро ба ин балои ногаҳонӣ аз нав андохтааст. Аммо хайрият, баробари тадричан пасанда шудани гуп-гупи дил садои хуштак низ суст гардид ва ниҳоят тамом ғоиб шуд.

— Ма, чои хунук, бинӯш.

Посбони пир чойчӯши сиёҳеро ба сӯи ӯ дароз кард. Аҳмадбек аз даҳони чойчӯш як-ду чуръа чой нӯшид ва ба сӯи коҳтӯда нигоҳ кард.

— Вай кучо рафт?

— Коҳи сару рӯяшро саг барин афшонида-афшонида поён рафт. Вай наберачиян мешавад ба ман. Худат медонӣ, Аҳмад, лекин ман аз ту миннатдор. Соз кардӣ. Сакалту! — ба тарафи соҳил рӯй оварда дашном дод пирамард ва асозанон дур шуд.

Ҳоло дар ҳар ҷо фақат ягон-ягон чирчирак монда буд, ки суруди худро бе ҳавсала, гӯё бо дили нохоҳам давом медод. Аз тарафи тӯйхона дигар садое шунида намешуд. Бӯи пудина, коҳу ҷандуми кӯфта ба димоғи Аҳмадбек басо хуш мерасид.

Вай бо мӯйсафед хайрбод кардани шуда, атрофи хирманро давр зад, ба ҷафои мошини ҷаллакӯбӣ гузашт. Вале мӯйсафед наменамуд. Дар дилаш, «хайр, боз саҳарӣ мебинам-ку» гуфту лаб-лаби чӯй рохи кишлоқро пеш гирифт. Тахмин сад ҷадам барин масофаро хаёломез тай

карда, баногоҳ пас гашт ва аз канори хирманчой гузашта, ба поён ба соҳили нишеби нахр равон шуд.

Мўйсафед дар ними пайраҳа дар зери дарахте рост меистод:

— Канй вай? — пурсид Аҳмадбек.

— Ҳў ана. Ба соҳил нигоҳ кун.

Муҳаммадмурод ба рўи тахтасанге пушт ба онҳо гардонида бо сари хам менишаст.

— Боз гирья хам мекард, сакалту, гарданат шиканад илохй, — гуфт мўйсафед. — Муттаҳам!

Муҳаммадмурод аз чояш хеста, куртаашро баровард, баъд ба мўзакашй даромада буд, ки Аҳмадбек бо пирамард хайрухўш карда, дубора ба сўи кишлок равон шуд.

«Оббозй кунад, ба худ меояд. Ванчобро бахосият мегўянд» аз дил гузаронид Аҳмадбек.

Курси мох ба миёнаи осмон расида буд. Охирин чирчиракҳо низ хомўш шуда буданд. Дар сар то сари водии паҳновар фақат нури фаровони моҳ ва шуввоси Ванчоб ҳукмрон буд.

С. 1967

СОЗИ МУНАВВАР

Ишкро оғоз ҳаст, анҷом нест.
Саъдӣ.

Саид Амон дар канори гандумзор рӯи намадпорае такья бар танаи тути пир дода менишаст.

Курси офтоб кайҳо аз назар пинҳон шуда буд, вале дар самти шарқии дара кулоҳи барфиии кӯҳ аз шуоҳои охирини он ҳанӯз чун тоҷи арӯсон заррин ва дурахшон буд.

Аз кадом як ҳавлӣ садои пасту мунтазами гуппизанӣ меомад. Аз поён, аз тарафи роҳи калон баоси модаговҳои аз пода баргашта шунида мешуд, ки ба даъвати бетоқатонаи гӯсолаҳошон ҳамчунон беқаророна ҷавоб медоданд.

Саид Амон аз он ки имрӯз кораш барор кард, хушҳол буд. Вай аз касби худ — фольклоршиносӣ, аз он ки ба ин гӯшаи дурдасти Бадахшон омадааст, аз одамони имрӯз шиносшудааш, аз ин бегоҳирӯзии пурфайз, аз рангҳо ва садоҳои дилфиреби дехачаи хурди озода, — хулоса аз ҳама чиз хурсанд, розӣ ва мамнун буд.

Ӯ ҳоло харсангҳоеро, ки ҳар ҷо-ҳар ҷои гандумзор ва санглохи он сӯи киштзор ба назар метофтанд, ҳарисона тамошо мекард. Онҳо фақат дақиқае қабл аз ин ба худ ранги тираи бунафштоб гирифта буданд ва дар нимторикии оғози шаб ба назари Саид Амон ҳамчун махлукони саропо асроромези зеризаминӣ мерасиданд, ки як вақтҳо, шояд ҳазор ё даҳ ҳазор сол пеш асири шавқи кунчковӣ шуда, «канӣ, дар рӯи замин чӣ гап бошад?» гӯён аз зулмотхонаи худ то миён ё то ба зону берун баромадаанд ва ҳусни заминро рӯзона, зебоии осмонро шабона дида ва маҳву мот гардида, дар ҳамон ҳолат шах шуда мондаанд...

Саид Амон пай бурд, ки ногоҳ сар то сари деҳа хомӯшӣ ҳукмрон гардид: садои гуппизанӣ қатъ шуд. Ғурросу шакарроси дастгоҳе, ки дар соҳили дарьё аз саҳар инчониб барои бетонрезӣ санг мекӯфт, хомӯш гардид. Дар кӯчаву тангкӯчаҳои деҳа бачаҳо давутоз ва шавқуну су-

рон мекарданд. Касе ба сари онҳо итобомез бонг зада, пароканда намуд. Фақат гоҳ-гоҳе боди роҳгузар шуввоси Панчи пурхурӯшро, ки аз қаъри мачрои сангинаш бармехост, дар фазои дара, дар болои киштзор, марғзор ва сангзорон паҳн менамуд.

Хомӯшии ногаҳонӣ дар дили кас ҳисси ташвиш ва хавотиромезе илҳо мекунад. Саид Амон ноором шуда, аз ҷояш бархост ва ба сӯи айвончае, ки соҳибони хона ҷои хобу истироҳаташ таъин карда буданд, равон гардид.

— Биё, меҳмон,— гуфт соҳибаи хона, зани миёнсоли баландболо ва сафедрӯй, ки тӯппии мудаввари зардӯзиашро то ба сари абрувонаш фароварда пӯшида буд.— Биё, — такрор кард ӯ ва чароғи электри дар сақфи айвонча овезонро даргиронида, ба рӯи палоси нақшине, ки дар пеши симкати камбари яккаса паҳн карда шуда буд, дастархон партофт. Ба рӯи дастархон ду-се нон, косаи ҷурғот ва дар табақчае намак гузошт, ба ошхонаи худ баргашт.

«Аҷаб, якбора ҳама ҷо хомӯш шуд. Наҳот аҳли ин деҳа аз ҳамин вакт ба хоб рафтанӣ бошанд?» Саид Амон ин мулоҳизаро ҳанӯз аз дил нагузаронида, аз кучое садои тор баромад. Овози он ба танбӯр монанд буд. Меҳмон ҳама тан гӯш гардид. Садо аз боло, аз ҷонибе хонаҳое меомад, ки мисли поғундаҳои зинаи бузурге яке аз дигаре баландтар ба фарози доманакӯҳ часпида мебаромаданд.

Соҳибаи хона косаи пур дар даст ба назди айвон пайдо шуд ва меҳмонро бо имою ишора ба поён даъват намуд. Дар ҳавои кушод, дуртар аз бому девори иморатҳо садои тор баралоина шунида мешуд. Навозанда бо фосила сарахбори кадом як машқи кӯҳистониро менавохт, зоҳиран, танбӯри худро чӯр мекард.

Зан косаи дар дасташ бударо ба лаби дастархон гузошта, омада, чанд қадам дуртар аз Саид Амон дар лаби чӯйчаи беоб нишаст ва гӯш ба садои тор дод.

Мутрибе ноаён асбобашро чӯр карда шуда, дақиқае таваккуф намуд, пас навозиш аз нав оғоз ёфт.

— Ин кист? Кӣ менавозад? — пурсид Саид Амон аз соҳибаи хона.

Зан ангушт ба лаб нихода, ишорат кард, ки хомӯш бошад, баъд ҷавоб хоҳад гуфт. Навозанда аз ҷои рост истодаи Саид Амон тахмин камаш дар дусад кадам масофа ва боз дар баландӣ буд, лекин ҷарангоси тор то ба ин ҷо ба тамоми возеҳият мерасид.

Чизе ки меҳмон мешунавид, ба бехтарини савтҳои кӯҳистонии то ҳоло шунидааш шабоҳат дошт, вале айнан ҳеч кадоме аз онҳо набуд. Зарбҳои нафиси оҳанг дар фазои бегубор чавлон мезаданд ва ба гунбади ларзоии нур, ки акси шуои чарогони деҳа буду бар сари он парӯ шуда мехобид, расида гӯё хиромон-хиромон мераксиданд.

Ҳар сол дар моҳи мизон — моҳи мувозанати шабу рӯз ва гармову сармо дар осмони софи айёми тирамоҳ манзараи ачибе мушоҳида мешавад: аз кучое пагаҳои нарми абрешиммонанде пайдо шуда, дар болои дарахтони зарринбарг, киштзороне, ки маҳсули яксоларо дода, акнун ба истироҳат рафтаанд, ба парвоз медароянд. Боди ноаён, ки ҳатто дар ҳавои оромтарин ҳам дар амал аст, баъзе аз ин торҳои пурчилоро ба нӯки дарахтони баланд андармон мекунад, онҳо дар ҳамин ҳолат то барфу борони нахустин дар зери нурҳои гарми офтоб дурахшон меистанд. Пагаҳои ба чое андармон нашударо ҳаври замин ба боло тела медиҳад ва онҳо соатҳои бисьёре баландтар аз шамшодҳои мавзун, дар он чое, ки сайргоҳи укобон аст, парвозкунон мегарданд, чашмони бачаҳои дехотро бо дурахши сеҳрноки худ мебаранд.

Санд Амон ба садои тори навозандаи номаълум гӯш дода, ҳамин манзараро дар пеши чашм медид. Мазмуни ин савт чӣ бошад? — фикр мекард ӯ. Ба шикоят монанд аст, аммо агар дар воқеъ шикоят мешуд, зарбҳои шӯхи раксовар намедошт ва манзараи дилкаши парвози мизон, муаллакзании шодиомези кабӯтаронро ба лавҳаи ҳаёл намерасонид.

Оё ин гила нест? — худ аз худ мепурсид олими чавон. Ҳа, ин гила аст, гилаи сабук аз рӯзгор. Вай аз айёми хушу бегаши чавонӣ ҳикоят мекунад ва гӯё аз рӯзгор гила мекунад, ки чаро аз даргузар будани он айём дар вакташ огоҳ накардӣ?

Навозиш хотима ёфт.

Соҳибаи хона оҳе кашида, аз лаби чӯй бархост ва якта-якта хаёломез кадам монда, ба айвон баромад. Косаро аз рӯи дастархон, ки дар ҳамон ҳолати кушода мехобид, гирифта, бидуни он ки ба меҳмон рӯй оварад, гуфт:

— Шӯрбо хунук шудааст, гарм карда меорам.

— Лозим нест, — эътироз кард Санд Амон, — нону чурғот кифоя, ман гурусна нестам.

— Ихтиёр.

Зан ба ошхона рафт ва пас аз хеле фурсат боз ба назди меҳмон омада гуфт:

— Шумо номи он касро пурсидед. Мунавваршоҳ номаш.

— Чӣ корааст?

— Сал меронад... Ниҳол мешинонад... Танбӯр менавозад, — ҳамаи ҳунарҳои навозандаи ношиносро якбора катор кард соҳибаи хона ва: — Хайр, нагз хоб кунед,— гӯён ба хонааш рафт.

* * *

Бегоҳи дигар низ баробари дар осмони пасту наздики дара фурӯзон шудани аввалин ситораҳо атроф сокит гардид. Радиодинамикҳо, приёмникҳо хомӯш шуданд. Заноне ки дар ҳавлиҳошон ба аҳли оилаи худ фармонфармой мекарданд, бачаҳое ки агар калонсолон мудохила накунанд, дар кӯчаҳо давутози худро то нисфи шаб давом медиҳанд, гӯё аз рӯи амри умумӣ ё бонги хатар якбора лаб фурӯ бастанд.

Саид Амон имрӯз дар бораи мутриби ношинос чанд калима шунида буд ва медонист, ки ӯ имрӯз ҳам, фардо ҳам дар «боми деҳа» нишаста, он асбоби сеҳрноки худро хоҳад навохт.

Меҳмон мехост, ки ин одамро аз наздик бубинад ва аз рози санъати ӯ огоҳ шавад. Вай бо пайроҳаи танге ки аз паси катори ҳавлиҳо боло мехазид, пеш рафтан гирифт. Садои тор баланд шуд. Мутриб мисли дирӯза сарахбори машкеро навохта, асбоби худро чӯр месохт. Гоҳо торҳоро яктой, дутой нохун зада, садои онҳоро месанҷид. Гоҳо ба ҳамаи торҳо баробар даст зада, чарангоси боҳашами онҳоро баланд карда, сонияе чанд гӯш медод.

Пайроҳаи пешгирифтаи Саид Амон бо ғави серхоре интиҳо ёфт. Олими чавон дар ҳавои нимторик дастони худро ҳанҷор кунонида, аз ғав гузашт ва ба тангкӯчаи ноҳамворе баромад.

Мутриб созе худро ҳанӯз чӯр мекард. Садои тори ӯ монанди дирӯза хеле равшану возеҳ ба гӯш мерасид. Табиат домани ин кӯхро ба шакли нимтанӯр, ба тарҳи амфитеатрҳои Юнони кадим чунон боб карда сохтааст, ки садои одам ё чизи дигар аз сар то канори деҳа бе ҳеҷ монеа сайр мекунад. Илова ба ин ба овоз, хусусан ба садои торҳо як танини гуворо, як ғулғули нозуки мисли акси садо салобатноке мебахшад.

Ба айвони аз чароғ мунаввар, ки садои танбӯр аз он чо мерасид, такрибан сӣ-сиюпанҷ қадами дигар монда буд, ки аз паси Саид Амон касе овоз баровард. Марде ба лаҳҷаи помирӣ чизе гуфт, ки меҳмон нафаҳмид. Вай аз мақсади мард бехабар ба рохам равам-наравам гӯён мулоҳиза мекард, ки соҳиби овоз ба наздаш расид.

— Ҳа, бародар, ин туй? — гуфт ӯ ба андоми Саид Амон аз наздиктар зеҳн монда. Ӯ марди хушрӯи тӯтабурути баландқомате буд, ки имрӯз дар пеши мактаб дидааст. Мӯи малла, чашмони осмониранг ва умуман киёфаи ба одамони шимоли дур хоси ин мардро дида, ӯро кадом як мутахассиси европой гумон карда буд. Бинобар ин дар саҳни мактаб бо дигар сокинони деҳа саволу ҷавоб карда, ба ӯ, ки аз рӯи тахминаш, ба дарди фольклоршинос даво шуда наметавонист, ягон бор муроҷиат накард. Марди малламӯй ҳам дар гӯшае лабханди нихонӣ карда сокит менишаст.

— Ин сӯ биё, — гуфт мард бо оҳанги омирона ва аз дасти ӯ дошта, ба поёнтар, ба даромадгоҳи ҳавлии худ ҳидоят намуд. Аз даричаи пастаке сарҳошонро хам карда гузаштанд. Мардак Саид Амонро ба канори ҳавлиаш бурда, ба поён ишорат намуд. Дар зери пои онҳо ҳавлии дигар — ҳавлии ҳамсояи ӯ вокеъ гашта буд ва ҳоло онҳо дар рӯи бому яке аз хонаҳои ӯ меистоданд.

Аҳли он хонавода дар рӯи кати паҳни чӯбин давра гирифта, бо овози паст бо ҳам сӯҳбат карда менишастанд.

— Нигоҳ кун, ҳама мунтазири Мунавваршоҳанд, — гуфт марди малламӯй.

Саид Амон меҳост бигӯяд, ки ин манзараро надида ҳам медонист, ки ҳама мунтазиранд. Имрӯз ба ӯ дар ин хусус одамон камубеш нақл карда буданд. Аммо соҳиби хона боз шарҳ дод:

— Вай дар пеши одами бегона наменавозад. Дигар ҳавлиҳо аз ин чо ба назар наменамоянд, лекин дар ҳама чо мардум мунтазир. Хафа нашав, меҳмон-бародар.

Мард чароғ гиронда, Саид Амонро дар суфаи пеши хонааш ба рӯи кӯрпачаи нарм нишонид ва худ чойники тунукаро аз об пур карда, бар болои карасинка монда омад.

Мунавваршоҳ ба навохтан шурӯъ кард. Имшаб аз

зери мизроби ӯ савти ҳазине берун меомад. Оҳанги навохтаистодаи ӯ ошкоро аз алами ҷудой, аз сӯзу гудози ошиқ ҳикоят мекард.

Саид Амон ҳунарнамоии мутрибони мумтозро борҳо дида ва шунида буд. Ҳоло радио, театр ва телевизион осори ҳар як ҳунарпешаро аз шӯҳрат пайдо кардани ӯ дере нагузашта, дастраси халқ мегардонад. Чӣ ҷои сухан, ки аз санъати устодони ин соҳа ҳама баҳраманданд.

Бо вуҷуди он олими ҷавон то ҳоло навозандаеро надидааст, ки як оҳанги оддиро бо изтироб ва ҳарорати дили худ ба ин дараҷа ғарм ва рангин карда бошад. Аз таъсири наво дар сари ӯ ногоҳ чунин ҳулосае пайдо шуд, ки гӯё Мунавваршоҳ дар зиндагии худ шитоб мекунад, гӯё ба худ аҳд кардааст, ки дарьёи пуртуғьёни ҳиссиёташро ҳар чи зудтар аз сари торҳои созаш ба самъи шунавандагон фурӯ резад ва ба ин васила кадом як қарзеро ҳар чи зудтар адо намояд...

Мавҷҳои латифи савти мавзуи тамоми ҳастии Саид Амонро фаро гирифтанд. Вай ҳис мекард, ки гӯё ба як ҷисми ниҳоят сабуке мубаддал шудааст ва ҳамроҳи рӯҳи ба риққат омадааш мисли насими саҳаргоҳон нозук тапида, ба ким-кучое, ба саёҳати ниҳоят гуворои олами ношиносе меравад.

Агар ин одам бе сухан, фақат бо забони торҳои симин аз дуньёи эҳсосоташ ба ин тариқа равшану дилпазир ҳикоят карда ҷавонад, пас, вай одами оддӣ нест. Вай, бешубҳа, эҳчозкор аст. Кӣ дидааасту кӣ шунидааст, ки дар ягон чой касе хушу ёди аҳли як деҳаро, бигузор он деҳаи бузург набошад, бо таронаҳои сози худ тасхир карда бошад? Ва ин ҳодиса як бор не, мувофиқи нақли одамон, чандин сол инҷониб ҳар рӯзи хушҳавое ки иклими сернози кӯҳистон ҳадья мекунад, такрор мешавад...

— Ма, меҳмон, чой бинӯш.

— Бародар, илтимос мекунам, бигӯед, чаро ӯ ҳар рӯз менавозад? Мебахшед... Ман гуфтанӣ ҳастам, ки дар ин кирдори ӯ чӣ сирре хаст?

— Сирр? Сирре нест. Вай ошиқ асту вассалом.

— Ошики кист? Охир, ӯро панҷоҳудусола мегӯяндку! Магар зан надорад?

— Надорад.

— Пас ошики кист?

— Ошиқи занаш.

Мизбон тааччуби меҳмонро дида, табассумкунон гуфт:

— Э, меҳмон-бародар, ин қисса дароз аст. Ту бехтараш аз худи Мунаввар пурс. Вай кемарон аст.

— Магар дар ин ҷоҳо байни ду сарҳад кема рафтуо мекунад?

— Байни ду сарҳад не. Дар хоки худамон. Ту ба Хоруғ рафтай?

— Ҳа.

— Бо хамин рох?

— Не, бо самолёт.

— Пас надидай. Ту бо рохи мошин боло бирав. Пас аз масофае мебинй, ки нахре аз дарае баромада, ба Панч мерезад. Кемаи Мунавваршоҳ одаму мошинҳоро аз хамон нахр мегузаронад.

Марди малламӯй ба боло, ба айвони ханӯз аз чароғ мунаввари мутриб даме чашм дӯхта, сокит нишаст.

— Шумо дигар чизе намегӯед?

— Ту, меҳмон-бародар, олимй. Худат дарьёб. Қахрат наояд, ту зарбулмасалу маколҳои тайёрро ҷамъ карда, ба кори осон одат кардай. Рост-дия, қахрат наояд.

— Рост, — гуфт Саид Амон беихтиёр хандида.

— Гӯш кун, меҳмон, Ҳилолй чй гуфтааст:

Хар кй ман ишкро ба ҷомаш карданд,
Аз дурии дард талхкомаш карданд.
Гӯё хамаи дарди ҷахон дар як ҷо
Ҷамъ омада буд, ишқ номаш карданд.

Мизбон лаҳзае таваккуф карда, байти дуюми рубоиро такрор намуд, баъд гуфт:

— Вақте ки бо Мунавваршоҳ рӯ ба рӯ мешавй, хамин шеър дар ёдат бошад. Хайр, акнун мехобем. Хохй дар хамин ҷо, дар хонаи ман бимон.

Меҳмон хайрухуш карда, ба ҷои хуфтухобй худ баргашт.

* * *

Саид Амон лаб-лаби дарьёи Панч ба мукобили ҷараёни он боло мерафт. Хар ҷо-хар ҷо сутунчахои сарҳадди давлатй вомехӯрданд, ки ба рӯяшон раххои уреби сафеду сиёҳкашида шуда буд.

Олими ҷавон аввалин бор дар умраш ба сарҳад ин кадар наздик омада буд. Ханӯз бовариаш намеомад, ки

хоки Ватани вай дар ҳамин ҷо тамом шуда, каме онсӯтар мулки давлати хамсоя сар мешавад.

Манзара айнан ҳамон тавре буд, ки дар рӯзномахо гохо менавиштанд: дар ин сӯ бо роҳи васеи ҳамвор мошинхо равуо мекунанд. Дар он сӯ дар пайраҳаи борик харакӣ ва пиёдахо чунбучӯле доранд. Занон бори худро ба фарқи сар гузошта ва бо чунбиши пайкари худ мувозинатро нигоҳ дошта, чобукона кадам мезананд. Мегӯянд, ки аксари бошандагони дехоти он тараф низ тоҷиконанд, зеро пештар ба маънои ҳозирааш сарҳад гуфтанӣ чиз вучуд надоштааст.

Тухми тоҷиконро хам таърихи кухан ба рӯи олам басе парешон кардааст.

Саид Амон ба назди Мунавваршоҳ рафта истоданашро муваккатан фаромӯш карда буд. Вай аз роҳравӣ монда, овринги хатарнокеро, ки дар сохили мукобил дар камари кӯхи рост ба дарьёфаромада часпонида буданд, бо мароқ тамошо мекард. Чунон ки фароштурук дар даҳонаш зарра-зарра лой кашонида ба девори рост мечаспонаду лона месозад, мардуми устокор ва бебок бар ҷабини санги хоро бо мӯъҷизае мехҳои чӯбин зада ва аз болои он чӯбу чахсу хасу хошок баста ва пӯшида помонаке сохтаанд, ки пули сироти афсонавӣ дар наздаш ҳеч аст. Агар одам эҳтиёт шуда, ба деворои кӯҳ худро нарасонида ҷадам монад, гузашта метавонад. Аммо мардуми ба мушкилихо обутобьёфта аз ҳамин пули аҷал хам бо хару хингил ва халтаву хӯрҷини худ мегузаранд.

Панҷи пуртугьён бошад, дар поён роҳи ҳазорсолаи худро ҳамчунон кафкзанон тай мекунад ва на аз тангии як роҳ ғамгин асту на аз вусъати дигараш мамнун.

Саид Амон шарфаи пойро шунида ба пасаш нигарист. Ду нафар аскарони сарҳадчӣ наздик мешуданд. Оне ки рутбаи баландтар дошт, ба тарзи низомӣ салом дод. Ҳанӯз ӯ лаб накушода, Саид Амон ҳуччатхои худро бароварда дод.

— Лозим нест, —гуфт сарҳадчӣ. —Шуморо мешиносем.

Олими ҷавон ба сарҳадчиён ба мазмуни «Пас, чӣ мехоҳед?» саволомез чашм дӯхт.

— Ба замини бегона дурудароз зехн монда истодан... —гуфт он ки рутбааш поёнтар буд ва ба сардораш нигарист.

— Мумкин нест? — пурсид Саид Амон ба чои ӯ суҳани чаламондаашро ба охир расонданӣ шуда.

— Хуб нест.

— Ман ба овринг менигаристам. Борҳо шунида, аммо ҳеч гоҳ надидаам.

— Фарқ надорад. Ба овринг ҳам дурудароз нигоҳ кардан хуб нест. Овринг ҳам азони онҳост, —гуфт он ки рутбааш баландтар буд ва бо ҳамин сӯҳбат тамом гуфтанӣ барин даст ба пешонӣ бурда, ба роҳаш равон шуд.

...Аз ҳамгашти роҳ кема намоён шуд. Дар ҳарду тарафи наҳр қатор-қатор дарахтони чормағз, себ, нихолони мавзуни сояафкан шинонда шуда буданд. Саид Амон наклҳои одамонро ба ёд оварда, аз дил гузаронид, ки як қисми дарахтони Мунавваршоҳ шинонда эҳтимол ҳаминҳо бошанд, чунки дар он қарибиҳо дигар манзили одам ба назар наменамуд.

Кема ба соҳили мукобил ҷафс шуда меистод. Вай кемаи чандон хурд набуд ва агар нағз ҷойгир кунонида тавонанд, ду мошини калони пурбор ва ё як рама гӯсфандро ғунҷонида метавонист. Ронандааш дар саҳни кема, ба рӯи ҳараке нишаста бо сари ҳам аз чӯб чизе метарошид.

Саид Амон аз дур ба ӯ нигоҳ карда меистод ва ба худ реҷа мекашид, ки чӣ тавр карда бо ӯ шинос мешавад, аз кучо гап сар мекунад ва чӣ навъ ба сари мақсад меояд. Нохост занҷирҳои кема ҷарангос заданд. Мунавваршоҳ ба ин сӯ кема меронд. Кема дар рӯи мавҷҳои сабзтоби наҳр пайкари худро алвонҷ дода-алвонҷ дода, тақрибан дар ду дақиқа ба ин соҳил расид ва паҳлуи ҷаҳи худро, ки барои нарм расидан ба соҳил покришкаҳои кӯҳнаи автомобиль қатор баста шуда буд, ба тахтапул ҷафс намуд.

Мунавваршоҳ ба Саид Амон «марҳамат кунед» гуфтагӣ барин ишорате кард. Олими ҷавон ба наздиктараш расида салом гуфт, ӯ бо нимтаъзиме алек гирифта, занҷири ба мехи соҳил андармон кардааашро кушод ва ба сари суккон баргашт.

Кема аз ҳамлаи мавҷҳои тез ларзида-ларзида ба соҳили дигар роҳ гирифт.

Мунавваршоҳ марди миёнақад ва чорпаҳлуи сафедпӯсте буд. Ришашро тоза тарошида, дар зери бинии рости теғадораш мӯйлаби хурди чаҳоркунҷае гузошта буд. Дар андоми хаёломез, дар чашмони мешии нарм нигоҳ, дар сару либоси оддии коргаронааш ягон чизи

фавқулоддае набуд, ки ҳангоми шунидани навои созаш олими ҷавон ба худ ҳамин гуна тасаввур мекард.

Бо вуҷуди ин оддият дар симои Мунавваршоҳ як ифодае, як фарре буд, ки дар қалби бинанда нисбат ба шахси ӯ дархол ҳусни таваччӯҳ бедор мекард. Оре, ӯ бо кори ҳаррӯзаи худ банд буд, суккони муқаррарии кемаи муқаррариро идора менамуд, аммо нигоҳаш, ба як тарзи пуртамкин ҷунбонидани сари мӯйсафедаш шаҳодат медод, ки фикру зикре ки ҳоло ӯро машғул медорад, ба ҳаёлу андешаи дигарон ба ҳар ҳол монанд нест, ӯ ба соҳил, ба мусофири ягонааш Саид Амон, ба мавҷҳои наҳр, ба кема, ба осмону замин якзайл — бо як нигоҳи андаке маҳзуни ҳайрҳоҳона, бо ҳамин гуна нимтабассуми ба зӯр аёни ҳам маҳзунона ва ҳам ҳайрҳоҳона менигарист.

Саид Амон, ки ба шарофати касбу кори худ бо одамони бегона ба зудӣ ҳамсӯҳбат ва ошно шуданро омӯхта буд, ба ин мард аз ҳамон чаҳор-панҷ қадаме ки байни онҳо монда буд, дигар наздиктар омада натавонист. Ба заммӣ ин, рубоиё аз Ҳилолӣ ҳондаи ошноӣ малламӯяш ва таъкиду таъиноти ӯ ба хотираш расиду ба ҳамгап шудан ҷуръат пайдо накард.

Кема ба соҳили дигар расида, ҷафс шуд ва олими ҷавон ба Мунавваршоҳ миннатдорӣ изҳор намуда, поя пиёда ба роҳе равон шуд, ки ӯро ҳаргиз лозим набуд.

Вақте ки кема аз назар пинҳон шуд, дар канори рох мунтазири мошини рохгузар нишаст. Аз он тараф дар ӯтоки мошини боркаш, дар байни коргарони таъмиргари рох нишаста, ба деҳа баргашт. Дар сари суккони кема Мунавваршоҳ набуд. Кемаро марди якдастаи аз ӯ ҷавонтаре идора мекард.

* * *

— Ҳа, меҳмон-бародар, биё. Мархамат, бишин. Мунавваршоҳро дидӣ? Чизе напурсидӣ? Э кандата бизан! Одамонро ба гап андохта наметавонию чӣ хел матал ҷамъ мекунӣ? Майлаш, ман қиссаи ӯро ба ту ҳикоят мекунам,—гуфт марди малламӯй шаби дигар низ Саид Амонро меҳмоннавозона истиқбол гирифта.

Чаро шаб нагуфтам? Хостам, ки камтар азоб кашӣ. Ман медонам, имрӯз аз ду мӯйсафед пурсидӣ, касе ҷавобат надод. Ба пеши худаш рафтӣ, натиҷа набаромад. Ана акнун ба қадри ҳикояти ман мерасӣ. Не, меҳмон-

бародар, шӯхӣ мекунам, хамту хазл мекунам. Маслиҳат кардан даркор буд. Мунавваршоҳ ба мо раис нест, сардор нест, лекин хурматаш мекунем. Агар дар бораи вай ягон кас чизе пурсад, аввал бо ҳамдигар маслиҳат мекунем, лозим донем, ҷавоб медиҳем, лозим надонем, намедонем, мегӯем. Вассалом. Қиссаи мо ҳамин. Маслиҳатро бошад, бо Давронбек мекунем. Вай додарарӯси мутрибамон, додараш гӯем ҳам мешавад, чунки меҳраш аз сад додар зиёд.

О ғник, чоят дастурхон ва!* Ана, ба бахти мову ту имрӯз янгаат ҳам дар хона. Хӯш ки бошад, имрӯз худат овринги он сӯи Панҷро диди? Сарҳадро ҳам диди? Боракалло. Бисту шаш сол пеш аз ин соли чандум буд? Бале, соли чилӯм. Як вақтҳо кишлоки мо ва кишлоки он сӯи Панҷ кариб як кишлоқ буд. Ғайр аз дарьё дигар монеае набуд. Одамон ба кишлоки якдигар арӯс медоданд, арӯс мегирифтанд. Баъдтар рафта-рафта сарҳадро бастан лозим омад, чунки мо дар зиндагӣ роҳи нав пеш гирифтем, онҳо бо ҳамон пайроҳаи қадимаашон рафтан гирифтанд. Лекин, гапи худамон, сарҳадчиён назорат карда гарданд ҳам, алокаи хешу таборӣ якбора канда нашудааст. Аз оби тези Панҷ гузаштан ҳунари ҳар кас нест. Аммо дар диёри мо шиноварҳои ҷасур кам не. Дар маросимҳои тӯй ё азо оҳистаяк, дар торикӣ гузашта, як рӯз-ду рӯз истода пас меомаданд. Калонҳои деҳа фаҳманд ҳам, худро ба нофаҳмӣ мезаданд, чунки медонистанд, ки аз йигитҳои мо хиёнат намебарояд. Агар якта-нимта баднафсон бо максади савдогарӣ ба он сӯ карасин ё шароб гузаронанд, фаҳмида, даррав лаҷомашонро кашида мемонданд. Ба дигарон кордор намешуданд.

Ҳа, гап дар бораи Мунавваршоҳ. Соли чилум вай хонадор шуд. Духтари оличанобе буд, ҳамноми худаш — Мунаввабегим. Ҳарду ба якдигар дил дода, аҳду паймон баста, бо ризоияти худ онла сохтанд. Лекин пеш аз тӯй миш-мише пахш шуд, ки гӯё Мунаввабегим дар он сӯи дарьё Манзарбек ном гаҳворабахш доштааст. Ин миш-миш ҳам дер напоид, чунки ба ҳама маълум буд, ки вай мардак, Манзарбек яъне, ҳанӯз се сол муқаддам зандор шуда будааст. Бо вуҷуди он баъзеҳо мегуфтанд, ки Манзарбек савганд хӯрдааст, ки агар Мунаввабегим азони ӯ нашавад, рӯзи равшанро ба ҳама торик ме-

* Хой занак, чою дастархон биёр (лаҳҷаи шуғнонӣ).

кардааст. Ба ин гап ҳам касе эътибор надод, чунки Манзарбек аз рӯи қоидаву қонунҳои кӯҳна ҳукм мекард ва дӯғу пӯписаи вай ба мардуми мо хандаовар менамуд.

Шаби тӯй, мехмон-бародар, як воқеаи нохуш рӯй дод. Домод бо чӯрзҳояш ҳангоми гузаштан хо ана аз он пайроҳаи танг ба зери сангчарх монданд. Яке аз ҷавонҳои мо аз китфаш сахт лат хӯрда, маъюб шуд, чанд моҳ дар табобатхона хоб карда баромад. Дигар ҳама сиҳат-саломат ба хонаи арӯс расиданд. Фақат ҳамин қадар ки чангу хоки домодро аз нав шуста, ба ӯ сару либоси тоза пӯшонидан лозим омад. Хайр, гуфтем, рӯзгор бе ғилуғиш намешавад. Дар кӯҳистони мо сангчарху тарма ҳодисаи нав нест. Ҳамаи ин гузашту фаромӯш шуду рафт.

Мухиммаш ин ки ду ҷавон бахти худро сохиб шуд. Худорӯҳматӣ падару модари Мунавваршоҳ, вақте ки аз арӯси нав гап мезаданд, аз даҳонашон гӯё равғану шарбат мерехт. Бениҳоят хурсанд ва миннатдор буданд. Ноумед арӯс бисьёр зебо буд. Хайр, хусни зоҳирӣ насиби бисьёр занон мешавад. Аммо хусни инсонии Мунаввар-бегим ҳамто надошт. Шавҳарашро хушбахттарин йигити ин музофот буд гӯем, боз кам.

Ҳа, мехмон-бародар, сад афсӯс ки буд. Аз мобайн як сол гузашту як пагоҳӣ аз хоб бо дасти чап бархостем, аз афташ, ки шумхабаре нигаронамон аст. Мунаввар-шоҳ як рӯз пеш ба шикор рафта будааст, шабона хонаашро одамони номаълум пахш карда, писарчаи саридастиашро ба кӯрпа печонида ва ба гӯшаи хона ғелонида, занашро баста гирифта гурехтаанд.

Мо, аҳли деҳа саҳари солеҳон ба сари он мусибатка ҷамъ шуда, чӣ кор карданамонро надониста мемондем. Бачаҳо пай гирифта-пай гирифта рафтанду пас аз муддате омада гуфтанд, ки Мунаввар-бегимро ба он сӯи дарьё бурдаанд.

Чоштгоҳӣ Мунавваршоҳ омад. Дар рухсори ҳамеша сурхаш осори хун намонда, ранги рӯяш кабудча гашта буд. Ҳама мунтазир будем, ки ҳозир вай аз хонаи бекас мебарояд доду фиғонаш ба фалак мепечад. Аммо ӯ кӯдакро ба даст гирифта, дакикае ба сари синааш оромона зер карда истоду баъд ба дасти модараш супурд.

— Ака,— гуфт ӯ ба пеши ман омада,— ду-се рӯза аспи маро бигиру аспи худатро ба ман бидеҳ.

Манаҳаш меларзид ва аз чӣ сабабе бошад, чашмо-

нашро пўшида, дергохе дар ҳамин ҳолат менстод. Ҳатто рохравон баъзан чашмонашро намекушод.

Дигар мо Мунавваршоҳро надидем. Мардум мегуфтанд, ки ҳамон рўз ўро дар пеши идораи сарҳадчиён дидаанд. Аз он пас касе дар ҷое надидааст.

Рўзи дигар поёнтар аз Барушон, аз он ҷое ки Панҷ ғўё барои андаке нафас рост кардан туғьёни худро фурў нишонида, мисли дарьёҳои ороми саҳроҳо бо тамкин ҷорй мешавад, ҷасади Мунавварбегимро аз дарьё дошта гирифтаанд.

Арўси нозанин, ҷавонмодари нокомро ба деҳа оварда, ба хок супурдем. Бегоҳи ҳамон рўз додари арўс — Давронбеки понздаҳсола аз деҳа ғоиб шуд. Ҳа, меҳмонбародар, ҳодисаҳои пурасрор ба сари мо паси ҳам фаро мерасиданд ва мо ёрои мулоҳиза кардани онҳо, сарфаҳм рафтани робитаи байни онҳоро надоштем.

Боз як рўз пас ба қишлоқи мо аз он сўи сарҳад чанд нафар сарбозон омаданд. Сардори заставаи мо, ду-се командир ва чанд аскару калоншавандаҳои районамон —ҳамроҳи онҳо. Қалони сарбозон фаши саллаашро дар тахтапушташ алвонҷ дода, дар пеши идораи ҷамоа асабонй қадам мезад, бо овози баланд иддаоомез сухан мекард. Мо, мардуми қишлоқ, гуфтушунидро ба калоншавандаҳои худ ва командирҳо вогузошта, ин ҳангомаро аз дур тамошо карда менстодем. Одамони мо ба меҳмони асабонй бо мулоимат гап мезаданд, аммо ў торафт баландтар аланга мегирифт ва тозиёнаи худро гоҳ ба камарбанди паҳнаш меҳалониду гоҳ дар болои сараш таҳдидкорона афшонида, фарьёд мекашид. Дар дасти чапи ў корди ғилофдори Мунавваршоҳ буд, ки ман онро аз пўпаки сурх ва нақши ғилофаш нагз мешинохтам.

Мо аз ин кашмакаш ҳамин қадар фаҳмидем, ки Мунавваршоҳ парешаб ба он соҳил гузашта, Манзарбекро ба катл расонидааст.

Як ҳафтаи дигар гузашту Давронбек аспи маро гирифта овард. Мардуми деҳа, калоншавандаҳо ўро бо ҳар восита пурсучў мекарданд, ки Мунавваршоҳ кучо шуд, худат ба кучо рафта будй ва ҳоказо. Бача фақат ҳамин қадар хабар дод, ки дар шаби тўй сангчархро Манзарбек сохта будааст. Хоҳарашро Манзарбек дуздида, бо кўшгупсар ба он соҳил бурдааст. Мунавварбегим худро аз болои овринги Росткамар ба коми Панҷ андохта будааст.

Аз бачаи понздаҳсола чй ҳам мегиред, меҳмон-баро-

дар. Як мохи дароз пурсиданд, ба ин сӯ-он сӯ кашола карданд, аммо чои рафтаи язнаашро нагуфт, ки нагуфт.

Сонӣ чанг сар шуд. Хамаи йигитхо рафтанд, ман хам рафтам. Аз нисф зиёдашон барнагаштанд. Дар соли саввуми чанг Давронбек хам рафта, якдаста шуда омад. Вай факат баъди аз чанг баргаштан аз киссаи хунини хамон шаби интиком батафсил накл кард. Мунавваршох аввал ба хар гуна идорахо хуб давидааст, мехостааст, ки Манзарбекро мувофики конун чазо бидиханд. Лекин фахмидааст, ки ин кор басо мушкил, мураккаб ва кариб номумкин аст. Дигар токат карда натавониста шабона аз дарьё гузаштааст. Манзарбекро аз хонааш дахон ва даступо баста кашон-кашон ба лаби Панч овардааст. Дар он чо дар майдони кушод ӯро аз банд рахо карда ва ба дасташ аслихае дода, дар талоши халол катл кардааст.

Киссаро шунида, мардум аз гуноҳи Мунавваршох гузаштанд. Охир дар диёри мо, мехмон-бародар, одамкуши расм нест. Ана бирав, аз мӯйсафеди садсола бипурс, бигӯ оё шунидаед, ки ягон марди бадахшонӣ ба хотири мол ё мулк, барои чизи дигар касеро аз хаёташ махрум карда бошад. Агар ин гуна ходиса рӯй дихад хам, дар дусад сол як бор. Намедонам, мехмон-бародар, ман олим нестам, маънидод карда наметавонам. Ба хаёлам, сабаб ин аст, ки Помир Боми Чахон аст. Боми чахон бояд аз худи чахон фарке дошта бошад. Хамту не?

Мунавваршох соли чилу шашум ба деха омад. Мардум ӯро ба хушӣ пешвоз гирифтанд. Гӯё вокеае нашуда бошад. Аввалин кори кардаи Мунавваршох хамин буд, ки болотар аз хонаи мо, ана дар хамон чои хозирааш хона андохт. Падару модари пирашро бо писарчааш кӯчонида омад. Ба хавлии пештарааш дигар нарафт.

То он вакт фочиа аз ёди калонхо, аз афти кор, фаромӯш шуда буд. Хайр, охир, мехмон-бародар, фараз кардем, фаромӯш нашуда бошад хам, чӣ кор мекарданд? Гуноҳи Мунавваршох чист? Намедонем, ки конун дар ин масъала чӣ хел хукм мебарорад, лекин хукми мардум ин ки вай гуноҳ надорад. «Манзарбек одами бадавлат будааст, даъвогарони зӯр доштааст» гуфта овоза пахн шуд. Астағфурулло, як гапхо мегӯянд, ки на дар дег меистад, на дар кафгир.

Рӯзе як милиционер, ки аслан фарзанди деха мо буд, ба Мунавваршох кордашро оварда додааст. Вай

хамон шаби интиқом, намедонам, дониста ё бешуурона кордашро дар он сохил партофта омадааст. Баъд онро мо дар дасти сарбози асабонӣ дида будем. Милиционер бошад, ба таври худ некӣ карданӣ шуда, ҳамин корро кардааст. Яъне ки он чанчолхо пасанда шуда рафтанд, ин корд ягона далели шайъ, ягона шохиди он фочиа буд. Акнун лозим нест, бигир ва хотирчамъ бош.

Мунавваршох дар он дакика дар поён, дар назди кабристон будааст. Аз хамон чо кордро бо гилофаш ба мобайни Панч партофтааст.

Сонӣ чанд рӯз аз хона набаромад. Аз Давронбек пурсем, мегуфт, ки нотоб аст. Баъди шифо ёфтанаш аввалхо дар колхоз кор мекард, сонитар рафтуомади мошинхо дар роҳи Хоруғ зиёд шуду дар Тангоб кемаи калон сохтанд. Бо Давронбек харду кемарон шуданд.

Ба маъракаю маросимхои деха Мунавваршох пештара барин шарик. Аммо худаш тамом одами дигар шудааст. Гӯё овозашро гум кардааст. Илочаш бошад, максадашро ба шумо бо имову ишорат мефахмонад. Агар нихоят зарур шуда монад, духтархои шармгин барин бо овози паст як-ду калима гап мезанаду бас.

Мо ахволи Мунавваршохро бештар аз Давронбек пурсида мефахмидем. Дар чахор соли чанг ба кучохо рафтанаш, чӣ хел дар чангхо иштирок карданаш, ихтиёрӣ як соли барзиёд дар сафи армия монданаш, —хамаи саргузашти ӯро аз додараш мешунидем.

Соли якум Мунавваршох най менавохт. Ё ба дараи боло мебаромад, ё ба ягон гӯшаи хилвати сохил мерафту соатхои дароз най менавохт, дили абгорашро андаке холӣ карда меомад. Сонӣ ба рубоб гузашт. Солхои охир сетор менавозад. Он чизе ки холо менавозад, ба номаш сетор аст, аммо дар вокеъ панч-шаш тор дорад. Ман намедонам, ки ин хел асбоб чӣ ном дорад. Мардум меӯянд, ки онро сози Мунаввар ё сози харду Мунаввар гуфтан лозим, чунки усто бо супориши худаш махсус сохта додааст ва он солхост, ки танхо аз киссаи ду Мунаввар ривоят мекунад.

Боз чӣ арз кунам ба ту, мехмон-бародар? Нихолшинонаш аз кучо сар шуд? Даставвал дар сари кабри занаш ду чинор шинонид. Сонӣ атрофи кабристонро бо деворан сабзи дарахтони мавзункад печонида гирифт. Баъд, аз афташ, одат карда монд. Хамин ки аз кемаронӣ баргашт, хӯроке мехӯраду бел дар сари китф ба нигохубини нихолхояш меравад. Дарахтзори сахни мак-

таб, арчахои лаби канал, ҷангали харду тарафи гузаргохи Тангоб —ҳамааш аз меҳнати Мунавваршоҳ сарсабз аст.

Ҳа, воқеан, кариб аст, ки зангириашро фаромӯш кунам. Ҳашт сол пеш аз ин гӯё аҳли деҳаро ғайр аз ғами Мунавваршоҳ дигар фикру хаёле набошад, аз паи дубора зандор кардани вай афтоданд. «Охир, кори ношуданӣ шуд, аз ғусса хӯрда, дилу ҷигарро обу адо карда гаштан чӣ суд? Мохбегим ҷавонзани биступанҷсолаи бева ба Мунавваршоҳ аз хар ҷиҳат муносиб. Хушфеъл, дӯстрӯякак. Мунавваршоҳ хам, охир ба чилу чор қадам мондааст, мӯи сараш аз андӯхи гарон мошубирин шуда рафт. Ин хел Мачнун барин оху афғон карда гаштанаш на ба худо хуш меояд, на ба бандахояш...»

Ҳамин тавр мегуфтанд маҳмадонохои деха. Лекин дар қишлоқ баъзе бадзабонхо низ буданд, ки дар хакки бечора Мунавваршоҳ носазо мегуфтанд. Вай касал шудааст, ӯро ба ҷинси зан дигар эҳтиёҷе намондааст, мегуфтанд.

Мунавваршоҳ муддати зиёде исроркунон не мегуфт, пас ба насиҳату ташвиқоти мардум тоб оварда натавониста розӣ шуд. Маҳмадоноҳои деҳаро худат медонӣ-ку, меҳмон-бародар, ба як кор камар банданд, то дусад фоиз ба ҷо наоранд, ором намегиранд. Ғайр аз ин овозаҳои тӯҳматомези бадгӯён ҳам, зоҳиран, ба гӯши Мунавваршоҳ расида будааст, ки ба тағйири раъяш таъсир расонид. Як майдаяк тӯй кардем. Худи Давронбек ба маърака сарубар шуд.

Як рӯз пеш аз тӯй садои тор набаромад. Мо худ ба худ гуфтем, ки ҷарохати дили мутрибамон акнун ба ҳам омад. Чист, ки дар ин дуньё фаромӯш нашавад? Дарду алами инсон хам бедаво нест.

Лекин мо хато карда будаем. Ҳанӯз хафта пур нашуда, садои тор боз баланд шуд. Шаби аввал сози Мунаввар хаста-хаста, гӯё аз чизе истихолакунон месароид. Аммо шаби дигар навои соз қудрати пешинаро аз нав пайдо кард, боз хамон болу пари рангини худро кушода, дар фазои дара ба парвоз даромад, дар шаҳҳои атрофи деҳачаи мо аз сари нав танинандоз шуд.

Мо, меҳмон-бародар, аз ҳайрат даҳонҳоро яла карда мондем. Намедонистем, ки аз ин воқеа ғамгин шавем ё хурсанд.

Як ними шаб бо чӣ коре ба рӯи хавлӣ баромадам. Зану бачаҳоям хоб мекарданд. Ҳамаи деха масти хоб

буд. Лекин аз боло овози Моҳбегим меомад. Гӯш додам, ки «Фаромӯш намекунӣ? Наметавонӣ? Чаро наметавонӣ?» гуфта даҳдаҳа мекард. Овози Мунавваршох шунида намешуд. Баъд такаррос зада ба ҳам хӯрдани ду табакаи дари оинадор ва пас аз як лаҳзаи дигар садои ачибе ба атроф ғулғула андохт: ғӯё арраи калони дусараро касе бо тамоми кувват ба санг ё танаи дарахт зада ду пора карда бошад.

Пагоҳи шунидем, ки Моҳбегим сетори бо садаф хотамкорӣ кардашудаи Мунавваршохро ба сутуни айвон зада, тикка-тикка кардааст. Сеторро шикастаасту аз хонаи Мунавваршох баромада рафтааст.

Баъди ин вокеа чанд рӯз Мунавваршохро надидем. Давронбек аз саҳар то нимй шаб —ба чои ду кас танҳо худаш кемаронӣ мекард. Сонӣ касе аз Хоруғ хабар овард, ки Мунавваршохро дар пеши театри вилоятӣ ҳамрохи устои асбобҳои мусиқӣ дидааст.

Ин хабар рост баромад. Мунавваршох сози наве овард, ки аз сози пештарааш ҳам зеботар буд, садояш ҳам тоза ва нафистар.

Моҳбегим ба каси дигар расид. Шавҳар ва писарчаашро худат медонӣ. Чӣ хел намедонӣ? Э қандата бизан. Охир ту дар хонаи Моҳбегим истиқомат мекунӣ-ку! Ҳа, рост, туро шавҳараш—муаллими мактаб ба хонааш таклиф кардааст, рост, рост, мебахшӣ.

Хулоса, меҳмон-бародар, ҳамин аст қиссаи Мунавваршох. Мо, мардуми деҳа дигар ба зиндорию безанию ӯ кордор нашудем.

Ба ту чӣ гӯям, меҳмон-бародар, одам аз модар омада чашмашро худаш мекушояду олами равшанро мебинад. Сонӣ дар рафти зиндагонӣ чанд бори дигар чашмони ӯро атрофиёнаш яла мекунанд. Ва ҳар бори аз нав чашм кушодан ӯ бештару беҳтар бино мешавад. Мунавваршохро мо барои ҳамин иззат мекунем, ки ӯ чашми моро ба хусни замин ва одамизод кушодааст. Боз чӣ гӯям ба ту, меҳмон-бародар...

* * *

Саид Амон бо шофери нимколашинос онд ба бозгашти худ ба маркази район гапзанон карда, ба хонаи Моҳбегим омад. Чизу чораашро ғундошта, ба чомадонча андохт. Магнитофони дастиашро ба китф овезон кард. Аммо таки дилаш ба рафтан моил набуд. Хуб мешуд

агар сози Мунавварро бори дигар гўш мекардам, мегуфт дар дилаш.

Ба сари кўча баромада, аз байни мардуми дар чойхона нишаста шофери шиносро мекофт, ки худи ў аз пас омада, ба оринчаш охиста даст расонид.

— Муаллим,— гуфт ў.— Мебахшед, ба шумо дурўғчй шудам. Чй мешуд, ки шабона ба рох дароем? Чарогхои мошинам нагз... Ин чо як рафик дорам. Як-ду соати дигар монданам лозим.

Саид Амон бо чону дил розй шуд.

Хамин ки хаво торик шуд, ў чизхои худро дар чойхона монда, аз миёни боғу киштзор, аз паси таворахои аз санг ё шувох росткардан хавлихо гузашта, ба наздиктари хонаи Мунавваршох рафт. Дар зери чормагзи бузурге ки бо шохахои тавонои худ гўё нисфи осмони дараро аз назар пинхон мекард, нишаст.

Мунавваршох ба навохтан даромад. Боз садои тор аз шўриши эхсосоти одам ба ривоят оғоз намуд. Боз фавворан савтхои махмуркунанда ба сари сомеон фурў мерехт. Мехмон акнун аз киссаи ғамангези мутриб, аз ишки ноком, вале хомўшнашавандаи ў вокиф буд ва лахзае ба назари ў чунон намуд, ки маъшукаи ў —Мунавварбегимро низ хуб медонад ва мешиносад. Ў дар хакикат ба ин гуна мухаббати беинтихо, ишки беғаразу поки беанчом меарзад. Охир ў аз кабили Лайло ва Ширин, Комде ва Чульетта буд. Хуб кардааст такдир, ки хамон умри кўтохи ўро, хамон муддати кўтохаки хонадории ўро бо Мунавваршох барин марде пайвастааст, хуб кардааст, ки поси хотири муборакй он духтарро махз ба дасти хамин одам супорндааст.

Муддате сози Мунаввар хомўш гардид. Саид Амон аз фикраш гузаронид, ки чй хуш буд агар мутриб хамон навои гилаомези шаби аввалро боз менавохт. Шубхае нест, ки ин наворо Саид Амон дар хеч чои дигар ва хеч гох нахохад шунид, зеро онро худи Мунавваршох бастааасту танхо худаш менавозад.

Он рўз хам, аз афти кор, аз рўзхои бобарори олими чавон буд, ки Мунавваршох махз хамон савтро навохт.

Бале, рост мегўяд мардаки малламўй. Мунавваршох хар дафъа ба сомеони худ асрореро ифшо мекунад. Ку, бигўед, агар мардум бидонад, ки касе ба онхо аз асроре накл хохад кард, кадоме аз эшон ба истиқболи ў намешитобад? Алалхусус ба шумо хар бор як чизи наве бигўянд ва шумо баъди шунидани он хис кунед, ки оре,

як олам чизҳои нав фаҳмидед ва он касе ки ба шумо ин чизро гуфт, холо боз сад олам, ҳазор олам чизи тозаи дигар хоҳад гуфт...

Навозиш ба охир расид. Саид Амон ҳис мекард, ки сараш ба як тарзи гуворо сабук-сабук чарх мезанад, чуноне ки кас аз хона ба ҳавои софи офтобӣ барояд, даҳкаи аввал ҳамин тавр мешавад.

Чанд қадам дуртар аз ӯ хошоки таки по хиширрос зад. Касе дар он ҷо рост шуда, пасу пеши худро аз чанги хок тоза кард ва хаёломез қадам монда, ба поён фуромада рафт. Саид Амон дар мобайн фосилае гузошта аз дунболи ӯ равон шуд.

Дар кӯча, дар партави чарогон дид, ки он мард шофери шиносаш будааст.

Дар роҳ такрибан ним соат ҳар ду сокит менишастанд. Мошин дар роҳи на чандон васеи хатарнок чобукона печутоб хӯрда пеш медавид. Дар тарафи рост Панҷ наъра мекашид. Аз чап харсангҳо, шаҳҳои азим ҳомат афрохта буданд ва гоҳо ба сари роҳ хам шуда, гӯё ба суруди мавҷҳои дарьё аз наздиктар гӯш андохтанӣ мешуданд.

— Муаллим, чанд рӯз ин ҷо будед? —нихоят хомӯширо вайрон карда пурсид ронанда.

— Се рӯз. Чи буд?

— Хеч. Сози Мунавваршохро, албатта, ба магнитофонатон навишта гирифтед?

— Не. Ин магнитофон фақат барои гап. Савту сурудро вайрон менависад.

— Афсӯс. Онҳоро то холо касе навишта нагирифтааст. Нақл мекунанд, ки ҳафт-хашт сол пеш ба назди Мунавваршоҳ акаи Ғуломалӣ омада будааст.

— Шумо марҳум Ғуломалиевро* мегӯед?

— Ҳа, ҳамонро. Мунавваршоҳ якта бузи фарбеҳашро кушта, акаи Ғуломалӣ ва ҳамроҳонашро зиёфат кардааст. Ғуломалӣ аз рӯи иззату икроми мизбон тахмин кардааст, ки Мунавваршоҳ таклифи ӯро рад намекунад, ба ансамбли вай ҳамроҳ мешавад. Аммо вакте ки дар поёни зиёфат арзи муддао мекунад, Мунавваршоҳ мегӯяд: «Ман туро мисли бародар ва устодам ҳурмат мекунам. Ту санъати диёри хурди моро ба аҳли Ватани бузургамон расонидӣ. Ҳазор раҳмат. Аммо аз ман наранҷ, ман ба ҷое намеравам, рафта наметавонам...»

* Артисти халқии СССР Ғуломҳайдар Ғуломалиев — ташкилкунанда ва сардори ансамбли суруд ва ракси Бадахшони Советӣ.

Боз муддате ҳарфе ногуфта рох паймуданд. Сонӣ ронанда гуфт:

— Муаллим, ман қиссаи Мунавваршоҳро ба одамони дигар маҳалҳо чанд бор нақл кардам, баъзеҳо бовар намекунанд. Чӣ кор кардан даркор?

— Хеч. Ин қиссаро ба одамоне ҳикоят кунед, ки эътиқод дошта бошанд.

— Эътиқод ба чӣ?

— Ба ишқ. Ба ишке ки ибтидо дораду поён надорад.

— Ин гуна одамро то ҳамсӯҳбат нашавед, чи гуна мешиносед?

— Инашро ман ҳам намедонам.

Дигар то маркази район ҳарду хомӯш буданд. Дар гӯшҳои Саид Амон ҳанӯз таронаҳои сози Мунаввар ҷарангос мезаданд. Дам ба дам симои Мунавваршоҳ пеши назараш пайдо мешуд, ки дар саҳни кема рӯи ҳарак нишаста, бо сари ҳам аз чӯб чизе метарошид ё беле дар сари китф аз пайраҳаи тангу ноҳамвори дехааш қадам зада, ба нигоҳубини нихолҳои ба тозагӣ шинонидааш мерафт...

С. 1967

РОҲ

Дар кабинаи автомобили боркаш ду кас менишаст— шофер ва тоҷикдухтаре дар либоси дӯхти шаҳрӣ. Муддате пеш дар он занакае ҳам савор буд. Ҳамон зан буд, ки дар канораи Душанбе, дар истгоҳи автобусҳо сар аз даричаи мошин бароварда, ба чанд нафаре ки дар соя шипанг меистоданд, хитоб карда пурсид:

— Кӣ ба Фархор равона?

Фотима дар ҳамон ҷо савор шуда буд. Агар медонист, ки он зан ҳанӯз сеяки масофаро тай накарда, ба манзилаш мерасад ва ӯро бо ин марди ношиноси туршрӯ танҳо гузошта меравад, ҳаргиз савор намешуд. Ҳатто аз сафари имрӯза тамом даст кашида, то пагоҳ сабр мекард. Охир, сафари шабона ба танҳой ва ба манзили дур кори духтарбача нест.

Офтоб дар паси кӯҳҳо пинҳон шуда буд. Акси шафаки шом харсангҳои сари роҳро тобиши ҷигарии тирагуне медод.

Деворахо, тӯдаҳои бузурги санг гармии рӯзона ғундоштаашонро ҳанӯз нигоҳ медоштанд ва нафаси ҳаратомези онҳо ба шамоли роҳ омехта, аз тирезаҳои кабина зада медаромад.

Чӣ хосияте бошад, ки анҷоми рӯз ба дили кас як навъ хузни ташвишомезе илко мекунад. Дар шаҳрҳои пурғавғо ё деҳоти серодам ин ғуна эҳсосот фақат аҳьён-аҳьён ба вуҷуди кас роҳ меёбад. Аммо агар дар сафар ё дар ҷои ношинос танҳо бошед, ғуруби офтоб ва ба ҷои равшанӣ ба оҳистагӣ омадани торикӣ дар қалбатон як ҳисси нороҳаткунандае бедор месозад. Ҳамин ғуна ҳиссиёт ҳоло ба дили Фотима фишор меовард.

Автомобиль тасмаи тирафоми роҳи мумфаршро хамчунон бо суръат ба зери чарҳҳояш мекашид. Ғоҳ-гоҳе пайкари дабанги вай дар ноҳамвориҳои роҳ ғаронборона такон мехӯрд, дар он дам ғурроси бами мунтазамаш андаке лат мехӯрд ва худ ғӯё аз ҳазли дурушти роҳ ранҷида бошад, як-ду бор сахт меларзид, тахдидкорона меғуррид, вале баъди лаҳзае назми одатии худро аз нав пайдо карда, орому солорона роҳ мепаймуд.

Деҳаи Чормағзак дар қафо монда, мошин ба рохи печухамдори сарнишеб даромада буд, ки ҳаво якбора торик шуд. Дар зери чарҳҳо гоҳе муми нарми часпак, гоҳо сангрезаҳои хушк фишор хўрда, шуввос мезаданд. Ин шарфа дар торикй, дар олами пур аз сангҳои сиёҳе, ки гўё аз қаъри замин фаввора зада баромадаанд, дар байни ғор ва деворҳои босалобат ба гўш ким-чй ғуна ваҳмангез мерасид.

Чормағзак... Чормағзи якка — фикр мекард Фотима.— Чормағзи якка, Яккабед, Яккатут, Яккачинор... Номҳои ачоиб: ҳам зебову равон, ҳам аз онҳо ба дили кас гўё як насими сарде мевазад.

Фотима дар хамгашти рох ба поён, ба сўи воҳаи Норак нигарист. Дар печҳои роҳи кўҳй мошинҳои бисьёре дар ҷунбучўл буданд. Чарағҳои сафеду сурхи онон аз дур ниҳоят хурд ва камнур метофтанд. Аммо чунон ба назар мерасид, ки мошинҳо аз ҷояшон намечунбанд, ҳатто гумон кардан мумкин буд, ки он чарағҳо чарағи мошинҳо ҳам нестанд, балки дар он ҷо, дар ҳавзаи азими торик одамони фонус дар даст чизеро ҷустучў карда гаштаанд.

Ронанда мошинро ба каноре бароварда, нигоҳ дошт. Ин ҷо китъаи нисбатан васеътари рох буд. Мардак чарағҳои калони пешро хомўш карда, чарағчаеро дар сақфи кабина даргиронид ва дари тарафи худашро яла монда, дар торикй ғоиб шуда рафт.

«Ана... акнун... худоё!» —фикри нотамом ва ноаёни ҳаросангезе дар сари духтарак пайдо шуд ва ў дар ҳолате ки ба дилаш лаРза афтода буд, сар аз дари кабина берун карда, ба атроф ғўш андохт. Аз наздикй садои шаршараи об шунида мешуд. Аз боло ва поён ғурроси мошинҳо ба гўш мерасид. Аммо чарағи мошинҳои дигар аз ин ҷо ба назар намерасанд, нуре ки аз ҳаёти дар атроф буда дараке бидиҳад ва калби одами танҳоро мадоре бубахшад, ба назар намерасид.

Кабинаи нимравшани Фотима нишаста гўё ягона завраки нури заифу нотавоне буд дар он укьёнуси аъзами зулмот.

Ба ҳаёли Фотима, муддати мадиде ғузашт. Ниҳоят, ронанда пайдо шуд. Як пой ва нисфи танашро ба кабина дароварда мурватеро тоб дод. Чарағҳои пурнури пеш фурўзон гардиданд. Фотима акнун шаршараро дид, ки тахмин дар сад қадам масофа аз маҳзи сангу буттаҳои зич кафккунон сарозер меафтод.

— Агар хохед, рафта об нўшед, —таклиф намуд ронанда.— Ин аввалин чумлае буд, ки ў дар бадали ду соати сафар ба забон овард.

— Не, —гуфт Фотима сарашро дутарафа чунбонида ва бо кўшише изтироби нихониашро фуру нишонда, ба худ киёфаи шахси бепарвоеро гирифт.

Ронанда сару рўяшро шуста буд. Аз нўки бинии тегадори укобиаш, аз ду тарафи чўяки занахдонаш ханўз об мечакид. Абрувони бароки пайвастааш тар шуда, гўё пилтамонанд тоб хўрда мехобиданд. Мард ба тарафи духтарак хам шуда, аз кутгие ки дар панели кабина, дар мукобили ў вокеъ буд, сачокеро баровард. Фотима касдан худро ба канор накашид, бо киёфаи орому чиддии шахсе ки бо ачдешахои худ сахт банд аст, начунбида нишаст.

Вакте ки аз вохаи Норак мегузаштанд, фикрхои ташвишомези Фотима муддате фаромўш шуданд. Вай ба тархи норавшани иморатхои нав, анборхо, тўдахои масолехи бинокорй ва хар гуна мошину механизмхо зехн монда, дар бораи сохтмони Норак, институти худ ва дигар чизхо фикр мекард. Баъд маколаи аз рўзнома ба кариби хондааш ба ёд расиду дар пеши назараш симхои гафси аз ин водй ба хар тараф кашидашуда чилвагар шуданд. Ба назари хаёлаш манорахои оханине намудор шуданд, ки дар кўхсори хамеша барфпўш, баландтар аз абрхои паранд ин симхоро ба дўши худ бардошта менстанду ба куллахои боз хам баландтар гусел мекунанд...

Дар Норак ронанда аз мобайни катори дарози мошинхое ки дар канори рох менстоданд, чои холиеро пайдо карда, мошини худро нигох дошт.

— Ин чо хўроки гарм хаст, —гуфт ў ба замин фуруд омада, бе он ки ба хамсафараш нигох кунад. Вай аввал гирди мошинро давр зада, чарххои очро якта-якта бо мўзааш зада дид, баъд мисли он ки дар боги истирохат мегашта бошад, ором ва форигболона кадам партофта, ба сўи ошхона равон шуд.

Ба таври худ маро ба ошхона таклиф кард, аз дил гузаронид Фотима. Ба рўи кас нигох накарда гап мезанад. Аз одамоне ки чашм аз хамсўхбат пинхон медоранд, эхтиёт шудан даркор, мегўянд. Холо шароб нўшида меомадагист. Шофер-мардумро хазор маротиба танбеху таъзир диҳед хам, боз менўшад...

Такрибан пас аз ним соат ронанда хамчунон хомўш

омада, ба ҷояш нишаст, моторро даргиронид ва мошинро ба рох андохт.

Рох акнун кам-кам боло мерафт. Аз ғурриши зўри бам ва хамвори мотор гўши Фотима куфл зад. Вай номаълум худро ба такьяи нишастгох ҷафс намуда, хаворо ба димоғ кашидан гирифт, то бифахмад, ки аз тарафи шофер бўи шароб меояд ё на. Вале чизе пай бурда намешуд, кабина пур аз бўи бензин ва охану резини тафсон буд.

Кошки одам ана хамин автомобиль барин зохиру ботинаш нағз аён бошад! Аз асбобхои вай вазъияти мошинро тамом донистан мумкин: чй кадар равган, об, бензин дорад. Бо чй гуна суръат равон аст. Асабхояш, яъне асбобхои электрикиаш, чй навъ кор мекунанд ва хоказо. Одам бошад, дар як газ масофа, дар пахлуятон нишастаасту намедонед, ки дар сараш чй хаёлхое дорад, дар калбаш чй эхсосоте чўш мезанад.

Фотима имсол институти тиббиро тамом мекард ва ў бешубха, хуб медонист, ки агар одам ба автомобиль монанд шавад, агар аз вачохаташ хамаи афкору эхсосоти ўро донистан мумкин гардад, хусн ва латофати хаёт хело мекохад. Аммо хозир, дар хамин дакика ў ин нуктаро ба хотир намеовард, бо тамоми хастиаш мехост, ки одамизод, ё акаллан, ана хамин мардаки ношинос ба мошини худ монанд шавад, акаллан дакикае боғинаш зохир гардад ва ў хаман фикру зикри вайро фахмида гирад.

Ногох ба гўши духтарак савти суруде расид. Вай бо зўр хамьёза кашида ва ба ин восита рохи гўшашро, ки аз ғурриши баланду муттасили мотор махкам шуда буд, андаке яла намуд.

Оре, шофер месароид. Суруди кадимаи хазинеро месароид. Онро одатан устодони кухансоли санъат месароянд. Хамкурсаш Сўлама низ ин сурудро хуб месароя д. Хар дафъае ки Фотима онро шунид, дар дилаш як эхсосоти амик, бузург ва нооромe ба туғьён омада, ба назари хаёлаш манзарахои ачоиби дилрабо менамуданд. Харчанд ки дар умраш корвони хакикии уштуронро бо зангўлаву сорбонаш надида буд ва дар бораи он факат аз китобу кино тасаввуроте хосил карда буд, хангоми гўш додан ба ин савти пуртамкини мисли занчири пўлодин махкаму силсиладор, —корвони беинтихои уштурон ба мадди назараш мерасид, ки дар дашти нопайдоканоре охиста-охиста пеш меравад.

Гохо хаёл мекард, ки ў мурғи баландпарвозест ва

он мурғ дар осмони софи лочувардй болхои худро васеъ пахн карда, дар болои кўххои сарсафед, даштхои фарохи лолазор, дарьёхо, боғхо ва киштзорхо озод сайр мекунад.

Гохо айёми кўдакй, додарчаашро алла гуфтани модараш ба ёд мерасид, зеро дар ин суруд хам як чахон орзу, орзухои дили ошике ифода ёфта буд.

Шофер оринчи чап ва сари худро аз тиреза берун карда, авчи сурудро мехонд. Мавчхои шамоли рох ва ғурроси мотор баъзе чойхои сурудро дам ба дам пахш карда фурў мебурданд. Вале Фотима онро дар хамин сурат хам мешунид. Ба вай хатто чунин менамуд, ки ғурриши мотор холо он садои дуруште нест, ки буд, вай гўё дигар ба савти хуши хамнавое мубаддал гаштааст...

Вакте хавоси худро ғундошта дид, ки мошин дар канори рох истодааст. Шофер бо паси ангушт ба шишаи яке аз асбобхо тик-тик зада, мили он асбобро аз чояш чунбонидан мешавад. Холо хамин намерасид, ки ягон чои ин мошин вайрон шаваду ў дар шаби торик хамрохи ин мардак дар нимаи рохи хилват бимонад...

Хайрият, мотор бо шиддат кор карда буд, ки милаки асбоб якбора чахида, ба рост тоб хўрд ва сонияе ба пешу кафо чунбида, нихоят, дар як холат карор гирифт. Аз вачохати рокнанда маълум буд, ки ў дигар конеъ шудааст.

Боз ба рох даромаданд.

Мошин ба рўи суфакўхи Данғара баромад ва озодона нафасе гирифт.

Осмон васеътар шуд. Аз сафхаи беғубори он гўё ситора чўшида баромада буд. Мегўянд, ки ситорахо низ заминро ба андозае равшан мекунанд. Ку он равшанй? Чаро мох намебарояд? Кош мох мебаромад... Бигузор нимта бошад, хилоли нозуке бошад, ба хар хол оламро андаке равшантар месохт. Холо ба чуз хамин ду даста барке ки аз чашмони мошин бармечахад ва пешопеши он медавад, дигар нуре нест.

Боз фикрхои ташвишомез, гумонхои тираи ғамангез паи хам катор шуда, ба дили духтарак хамла оварданд. Вай хамеша аз шитобкории худ ба ягон нохушй гирифтор мешуд, аз модараш, муаллимхо гап мешунид. Хамкурсаш Сўлама хам чанд бор дар ин хусус бо таъна ва пандомез гап зада буд. Эхтимол, то охири умр аз ин хислати бехуда халос шуда натавониста, ранчхо бинад.

Саросема шуда, чй натича дид? Чахор соат шудааст,

ки аз Душанбе баромадааанд, аммо ин сангпушти бузурги раъдовоз ханӯз ба нимаи рох нарасидааст. Агар сафари бемаҳалаш бо хушӣ анҷом пазирад, ба Фархор факат саҳари хоҳанд расид.

Хо, агар ба хушӣ анҷом пазирад... Мардум чӣ миқдор наклҳо мекунанд дар бораи шоферони бадаъмол, ки дар роҳҳои хилват ба занон ва духтарони танҳо дарафтода, дастдарозӣ мекунанд. Баъзе аз чунин сафарҳо бо фочиа ба интиҳо мерасад.

Дар роҳи Шаҳри Нав як вакте хамин хел воқеаи мудхиш рӯй дода буд. Шофере ба духтари нотоб, ки ба пахтачиний рафта, касал шуда будааст ва ӯро муаллимону рафиконаш бо илтимоси ба шаҳр расонидан ба паҳлӯи он шофер савор карда будаанд, дар рӯзи равшан хамла кардааст. Баъд аз тарси чони худ тирасар гашта, духтараки бегунохро кушта гурехтааст.

Ин воқеа муддати маднде вирди забони мардум буд. Касе ки он ходисаи нангин ва андӯховарро ёд мекард, чисму чонаш аз дахшат ва кароҳат ғунча мешуд. Суди халқ он махлуки номардро ба катл хукм кард. Аммо чӣ фоида аз ин? Бо кирдори он вахшӣ ба рӯи мардум гӯё доғи сиёҳе часпида буд, ки онро ҳеч гуна хукм, ҳеч як ҷазо ҳолиҷ нест бишӯяд, магар ки мурури замон...

Фотима чамадончаашро ба паҳлӯяш ҷафстар кард. Ханӯз ду соат ҳабл аз ин куфли онро кушода монда буд. Дар чамадонча китобҳои дарсӣ, якта курта ва як дарзмоли электрикӣ буд. Дарэмолро бо илтимоси хохараш харидааст. Агар шофер ягон нияти бад зохир кунад, дархол аз дастаи дарзмол гирифта...

— Худоё, чӣ андешахое ба сари одам намеоянд! —ох кашида, ҳариб бо овози баланд гуфт Фотима ва аз ин кори беихтиёр кардан худ даступо хӯрда, барои фурӯ нишондани хиҷолат сари худро аз тиреза баровард ва рӯяшро ба ҷараёни шимоли рох дошт. Боди серун ба димоғ бӯи ғаллаи расида ва замини офтобхӯрдаро меовард.

Фотима аз рох чашм наканда пай бурд, ки шофер ба ӯ даҳиҳае нигох мекард. Нигохи лаҳжандаи марди ношинос гӯё мори хунуки ғашовар ва кароҳатангезе буд, ки ба чисмаш расида гузашт. Чӣ андешае дошта бошад ин мард? Кош дили одам мошин барин аёну намоён мешуд...

Боз дар майна фикрҳои ахмакона ба чунбиш омаданд, худ ба худ ҳайд кард Фотима. Хаёлоти бемаъниро

бояд ронд. Магар ӯ кӯдак аст? Дар бораи модар, институт, дугонаҳо, дар хусуси тӯе ки фардо дар Фархор, дар хавлии хоҳараш сар мешавад, фикр кардан даркор. Ҳеч набошад, дар бораи Сӯлама мумкин фикр кард.

Оре, дар бораи Сӯлама фикр кардан мумкин. Хайр, чӣ фикр кунад охир? Дар хусуси ин чавон ӯ борҳо фикр кардааст. Гӯё чизе аз ғирболи андеша нагузашта дигар намондааст.

Ҳа, дар вокеъ, мисли он ки ба номи хуб каҳтӣ омада бошад, ҳамин ҳел як чавонро Сӯлама ном додаанд. Сӯлама... Кучои ин одам сӯлама? Ӯро Ҳикмат ё Латиф, ё худ Зариф гуфтан лозим буд. Дар курси якум муаллими биохимия ӯро каздаи Сулема гуфта ҷеғ мезад. Сулема —захри котилест аз ҳокаи симоби хлоромез. Ду соли нахуст Сӯлама бисьёр теззабон буд. Ҳатто муаллимон аз неши забонаш андеша доштанд. Баъдтар, рафта-рафта вазнин ва ҳалим шуда монд.

Агар Сӯлама ҳозир ҳамроҳ мебуд, рӯҳияи Фотимаро дар як он таҳлил карда медоду дилашро аз фишори ғаму ташвиши бесабаб раҳо месохт.

— Эй духтури мӯҳтарам ва эй посбони зираки сиҳати мардум! —шӯҳиомез мегуфт ӯ, масалан. —Дили туро ҳоло тарсу биме аз чизи номаълум фаро гирифта, азиятат медиҳад. Оё медони, ки тарсу вахм ҳамеша самараи нодонист, самараи надонистани чизҳои номаълум, торик ва мавҳум аст? Кас аз чизе метарсад, ки моҳияти он равшан нест. Мулоҳиза кун, чаро одамон аз шабонгоҳ рафтан ба қабристон меҳаросанд? Чунки он ҷо торик аст ва дар торикӣ тафаккури одам кӯлки наккоши гирифта, манзараҳое тасвир мекунад, ки дар ҷаҳон беназиранд. Манзараҳо, шаклҳои воҳимаангез, дахшатфазо. Дар баъзе мамлакатҳо қабристон чароғон аст ва мардум он ҷо чун дар бӯстоне саёҳат карда мегардаанд.

Бале, агар Сӯлама ин ҷо мешуд, такрибан ҳамин гуна суханҳо мегуфт ва ҳатман илова мекард:

— Фотимачон, маро бубахш, ки ба исботи фикрам мисоли нохуше овардам. Лекин ба одамизод, бигузор он шахси маҳбубат бошад, фақат аз нафосати гулу ҳаловати навои танбӯр лаккидан нашояд.

Ҳм, Сӯлама гоҳо чизҳое мегӯяд, ки ин гуна хулоса ва мукоисаҳоро ӯ аз кучо меёбад, гуфта ҳайрон мешавед. Рости, вай аз ҳамкурсонаш панҷ-шаш сол калонтар аст, зеро пас аз хатми синфи даҳум як сол дар заводи

хишт кор карда, баъд чаҳор сол дар флоти бахрӣ хизмат кардааст.

...Дар пеш, дар канори роҳ ялавчае намудор шуд. Латтапораи рангпаридае ба сари ходае баста ва он дар болои хоктӯда устувор карда шуда буд. Қабри ягон шаҳид будагист. Даҳоньялаеро мошин зер кунад, дар сари роҳ дафн карда, «шаҳид» меноманд ва бар сари қабраш аламу туғ мезананд. Агар, мабодо, шароити мусоиде фароҳам ояд, ба хотири даҳоньялаи мархум афсонаҳои мӯъҷизадор мебофанду номи ӯро ба авлиёӣ шӯҳрат медиҳанд.

Чароғҳои Данғара намудор шуданд. Оё Фотима шабро дар ҳамин ҷо гузаронад, намешавад? Меҳмонхона ҳаст, мегуфтанд.

Дар ин ҷо низ дар ҳар ду канори роҳ мошинҳо қатор шуда меистоданд. Ронандагон се-чор нафарӣ тӯб шуда сӯҳбат мекарданд.

— Поздаҳ дақиқа танаффус,— гуфт хамсафари Фотима ва аз мошин фуромад. Вай боз дар гирди мошинаш гашта, чарҳҳоро бо пояш гум-гум кӯфта, санҷидан гирифт. Фотима низ фуромада, ба сӯи бинои калони сафедтобе равона гардид, ки як-ду тирезаи он ҳанӯз аз нури чароғ равшан буд.

— Дар чойхона нон, чои яхнӣ ҳаст,— боз бо ҳамон оҳанги сарди пешина, ки Фотима дар Норак шунида буд, хабар дод ронанда.

Фотима ба тарзи ба зӯр шунаво раҳмат, чизе лозим нест, гуфту ба роҳаш идома кард.

Бинои калон дар ҳақиқат меҳмонхона будааст. Аммо ҷои холӣ набуд. Дурусттараш, кати холӣ буд, лекин дар хобгоҳи мардон. Хизматгори меҳмонхона, зани миёнсоли фарбеҳе, ки дар давоми гуфтушуниди мухтасари онҳо даҳонашро калон кушода, болои ҳам ҳамьёза мекашид, ана ҳамин тавр чавоб дод. Агар духтарак хоҳад, дар худи ҳамин ҷо, дар роҳрави меҳмонхона нишаста, як-ду соат хоб кунад. Ҳамин замон чашми рӯз мекафад.

Ногоҳ Фотима аз худ оташин шуда, ба таъҳаву маломат кардани хеш даромад. Аслан, чаро ӯ ҷойкӣ карда ғаштааст? Чаро миёни сафарро буриданист? Аз чӣ метарсад? Шофер гург нест-ку, охир! Ана буздилӣ! Боз вай комсомолка будааст. Ҳм, комсомолка.

Қадаммонаш андаке далеронатар гардид. Аммо ба кадри наздик шудан ба тарҳи тираи мошинҳои дамгиранда, ба гурӯҳҳои мардони равғанинлибоси бензин-

олуд, ки дар баҳсу мунозираи худ гоҳо алфози дурушту дашномҳои болохонадор кор мефармуданд, қатъияташ суст мегардид.

Комсомолка буданам дар ин чо чӣ дахл дорад? — мегуфт ӯ акнун худ ба худ мубоҳиса карда. Комсомолка магар дил надорад, ҳис надорад? Сангин аст, ки аз чизе наҳаросад, андеша ё истиҳола накунад? Сафсатта... Гапҳои бемаъниии фачи кӯдакона... Худоё, ин гуна таъбирҳои бемағзи ночаспон аз кучо ба вучуди кас рох меёфта бошанд?

— Ахмакӣ накун! — бонг зад касе дар ин лаҳза аз мобайни қатори мошинҳо.

Фотима яккад парид.

Ин овози ҳамсафари Фотима буд, оҳанги гуфтори ӯ буд. Марди дуввум чизе гуфта айёрона механдид. Дар ҳандаи вай як чизи қабеҳе, як оҳанги ғашовари хилофи одоб садо медод.

Дар сари Фотима гумоне пайдо шуд, ки мардҳо дар бораи ӯ гап зада истодаанд. Дар ин дашти торик ӯ ягона касест аз чинси зан. Рости ҳам, бо чунин қаду комати расо, чеҳраи сафеди зебо мавзӯн ғайбати мардҳои густох нашудан ачаб аст. Шоферон ҳама бо ҳам додарбародаранд. Чӣ чои тааччуб, ки ҳоло яке аз эшон ба унвони духтараки сарсахте ки аз камоли аҳмакӣ ба сафари шабона баромадааст, суханони бадғаразона мегуфту дигарон аз кори ӯ завқ мебурданд. Ҳамсафараш бошад, барои нишон додани ҷавонмардӣ ва олиҳиммати худ ба ҳамкасабааш рӯякӣ дӯғ мезад. Ҳо, зоҳиран дӯғ мезаду дар ботин, эҳтимол, худ низ айни ҳамон ният ва қасди пастро мепарварид.

— Ахмакӣ накун, гуфтам! — нидои сахти шофер аз нав баланд шуд. Марди дуввум боз чизе гуфта ҷавоб дод, вале худи ҳамон лаҳза гумбуррос зада, ба пастҳамии канори рох ғелида рафтани касе шунида шуд. Садоҳои дашному ҳақорат ва кашмакаши чанд нафар мардони дигар то ба ҷойҳои дуродури дашти торик паҳн шуда рафт.

Фотима беихтиёр худро ба кабинаи мошин зада, чамадончаашро ба бағал гирифт, гӯё ягона чизе ки ӯ мебоист аз хатари ноаёне ҳимоят кунад ва чизе ки ӯро такьягоҳ ва ҳомии ягона буд, ҳамин чамадонча бошаду бас.

Аз садои гуфтугӯи шоферон маълум мешуд, ки онҳо ба ду гурӯҳ тақсим шудаанд. Гурӯҳе он марди шат-

тахўрдаро тасаллидиҳон дуртар мебурд. Гурўҳи дигар ҳамсафари Фотимаро миёнагир карда, ба ин сў, ба назди мошинааш меовард.

— Хоҳараш буд?.. Сар диҳед, мегўям... ўҳў, фаришта!..—аз дур ба гўш мерасид порчаҳои парешони овози ҳам шиквоомез, ҳам хашмгини он марде, ки фақат чанде пеш аз ин бо ваҷди беканор каломи фач мегуфту бо сурури том киқирросзанон механдид.

Ҳамсафари Фотима ба сўи духтарак ақаллан нимнигоҳе накард. Дастаи суръатбадалкунандаро бо қаҳр ва шиддат пасу пеш бурда, гашти мошинро то ба ҳадди имкон метезонид. Ангуштони ба чамбари руль ниҳодааш асабонй меларзиданд. Аз чашмонаш гўё барқ мечаҳид. Парракҳои биниаш аз нафаскашии бошиддат мепариданд.

Автомобиль акнун гўё бол бароварда буд, аз барзагови дабанги гаронпо ба аспи даванди бодпо мубаддал ғашта буд. Ғурриши мотор ба раъди дуру дарозу муттасили тирамохй шабохат дошт. Бўчкаҳои вазнини оҳанй дар паси кабина ба ҳамдигар ва ба деворахои ўтоки мошин бархўрда, гумбуррос мезаданд.

Як пос аз шаб гузашта буд. Аз ғурроси мотор, ғуввоси бод, бехобй ва фикрҳои пурпечи азиятовар сари духтарак гаранг шуда буд.

Ногоҳ қувваи азиме ўро бардошта ба пеш ҳаво дод. Сараш ба оинаи кабина бархўрда, сахт дард кард. Ба хуш омада, фаҳмид, ки шофер якбора тормоз дода, мошинро нигоҳ дошта будааст. Нури чарағҳои пеш дар фавҷи ҷанги роҳ шино мекард. Дар ким-кучои дашти торик акси садои гўшхароши тормоз сайр мекард.

Ҷанги роҳ пароканда шуда буд, ки дар нури чарағҳо пули вайрон, сохили дигари чарй, ки аз он ҷо нўки ходаҳо, симҳои ғафс овезон шуда мехобиданд, намудор гардид.

Онҳо аз лаби ҷарй дар масофаи ҳамагй чаҳор-панҷ қадам карор гирифта буданд.

Шофер мошинро ба пас ронд. Дари тарафи худро кушода, сар ва пои чапашро аз кабина бароварда, ба қафо нигоҳ мекарду пас меронд. Боз карор гирифтанд. Вай ба рўи асфальт фаромада, пеш рафт. Ҳоло гўё мастона, калавида-калавида қадам мегузошт ва аз роҳ чизеро мечуст. Ниҳоят, сепояи оҳанинеро ки дар канори роҳ ғелида мехобид, бардошта ба мобайни роҳ баровард, рост гузошт ва баргашт.

Дар оҳантахтаи мудаввари сари сепоя аломати хитоб кашида шуда буд.

Шофер аз тарафи чап пайроҳаеро пайдо карда, мошинро ба ҷарӣ фаровард, аз андак обе ки дар таки мачрои селоба дар чараён буд, гузаронид ва ба боло, боз ба рох бароварда нигох дошт. Дар хамин холат дакикае ба пеш нигох карда нишаст. Ҳайкали сангин барин начунбида нишаст. Пас «хм» гуфта, тааччуб, хурсандӣ, хашм, маломат ва эхтимол, як олами дигар эҳсосоти махлути танхо ба худаш маълумро бо хамин нидои мубхам баён карду рӯймолчаеро аз киса бароварда, аракі сару рӯяшро пок намуд.

Дашти ноҳамвори кӯху кӯталдор сар шуд.

Мохи нопурра баромад ва ба атроф нури хираи изтиробангезе пошид. Шамол аз кадом як дехаи сари рох лахзае аккоси сагеро ба гӯш расониду ба ким-кучохои дур гирифта рафт.

Серохае ки як сӯяш ба Кӯлоб мебурд, дар кафо монд. Акнун ба рохи боз хам хилваттар дохил шуданд, бо хавотир аз дил гузаронид Фотима. То он сероха, ба хар хол рафтуои мошинхо зиёдтар буд. Ронандагон сафари шабонаро аз сафари дар хавои гарми рӯз афзалтар медонанд; аз ин сабаб дар рохи калон нисфи шаб хам мошин бисьёр аст.

Шофер ба ойначаи амперметр ҳамчунон нигоҳҳои хавотиромез меафканд. Фотима дар ин рохи дуру дароз бо автобус борхо сафар кардааст. Аммо номураттаб кор кардани ягон узви мошинро то ҳоло надидааст.

Агар дар дили ронанда касди нопоке бошад, коре мекунад, ки ягон чои мошини сабилмондааш вайрон мешавад. Усул ба дасти накорачӣ. Мусофири бечора аз кучо донад, ки фалон узви мошин дар вокеъ вайрон шуд ё факат ба амри дили сохибаш итоат карда, аз кор монд? Аз рох мондани мошин—остонаи фочиа аст. Баъд дар мобайни рох, дар дашти хилвати бекасукӯй, дар шаби торик ки ба додатон мерасад? Замин сахту осмон баланд.

Мошин ду-се бор садое баровард, ки атсазанин одамро ба хотир мерасонид, баъд сабук-сабук такон хӯрда, аз гашт монд.

Шофер беруи баромада, сарпӯши моторро бардошт. Муддате он чо чунбучӯл карда истод.

«Хар лахза ба хамлаи вай бояд омода буд,—андеша мекард Фотима.—Дар айни замон худро бароят ором

ва пур аз нирӯи маънавӣ ва ҷисмонӣ нишон додан лозим».

Аммо шофер аз тарафи Фотима наздик шуда, дарро яла карда буд, ки аз нирӯи маънавию ҷисмонии духтарак осоре боқӣ намонд. Ба танаш раъша афтод, чизе роҳи нафасашро банд карда, ба синааш сахт фишор овард. Шофер дари яларо бо як даст дошта, чизе мегуфт, вале Фотима овози ӯро ҳеҷ намешунид ва ишорахояшро бинад ҳам, чизе намефаҳмид.

Шофер давр зада, аз тарафи дигар омад ва такьяи нишастгоҳро ҷунбонида, сухани худро такрор намуд. Фотима аз мақсади ӯ акнун пай бурд. Ба танаш ҷон дамид. Дар ҳолате ки чамадончаро ба синааш сахт фушурда буд, аз дари яла ба замин фуруд омад. Шофер аз таки нишастгоҳ сими резинпӯши дарозеро кашола карда баровард, ки ба нӯки он чароғчае устувор карда шуда буд. Чароғчаро даргиронида ба болои мотор овехт ва боз бо сари ҳам ба ҷунбуҷӯли худ давом намуд.

— Реле вайрон шудааст, зор монад,—гуфт шофер ба таки дар омада.—Ба ман кӯмак намекунед?—пурсид ӯ ва ҷавобро мунтазир нашуда, ойнаҷаи амперметрро нишон дода гуфт:—Ана ба ин чиз нигоҳ кунед. Ҳар гоҳ ки ин милак ба сӯи аломати ҷамъ ҷунбид, маро хабар диҳед.

Инро гуфту рафт ва боз сар ба зери сарпӯши мотор дароварда, ба кори худ машғул шуд. Моторро аз ҳамон ҷо истода ба кор андохт. Аммо милаки бадбахти амперметр ҳамчунон дар байни сифр ва аломати тарҳ мераксид. Оре, милаки касофатосор, ба назари Фотима, маҳз мераксид, ӯро мазоҳкунон мераксид.

Тарсе ки дақиқае чанд қабл аз ин вуҷуди духтаракро фаро гирифта, забону ҳуш ва дасту пои ӯро карахт карда буд, беосор нагузашт. Тани вай баногоҳ чунон сахт ҳунук хӯрда, ба фарошот афтод, ки гӯё ҳамин ҳоло аз оби наҳри яхбастаи чиллаи зимистон берун оварда бошандаш.

Фотима бо кӯшиши зӯре, дандон ба дандон гузошта нимҳез шуд, аз нишастгоҳи рананда нимҷомаи пахтагини равғанолуди ӯро гирифта, ба китфи худ партофт. Ин корро мекарду дар бораи чӣ гуфтан ё чӣ фикр кардани мардак андешае намекард. Дар ин хусус хаёле ҳам ба сараш роҳ наёфт.

Вай нафаҳмида монд, ки чи фурсате гузашт. Баъдтар аранг-аранг ба ёдаш мерасид, ки чамадончаро ба

зери оринчаш гузошта, даме ба милаки рақсандаи амперметр чашм дўхта мехобид. Ба милак бо назари нафрат ва илтичо менигарист, ки ниҳоят аз рақси девонавораш бозистад, ба тарафи аломати чамъ биравад ва дар он чо акаллан муддате, акаллан то тулўи офтоб карор бигирад...

Фотимаро хоб бурд. Ин яке аз ҳавлангезтарин ва дар айни вақт ҳаловатбахшу гуворотарин хобҳое буд, ки ў дар умри худ дидааст.

Хирсе дар рўи замин ўро дунболагирй мекард. Хирси сиёҳи бадҳайбате ки дандонҳояш мисли ашкҳои хуки вахшй дароз ва зарди хуношом буданд. Фотима додгўён мегурехт, вале овозаш аз ҳалкаш берун намебаромад, поҳояш мисли он ки ишкели гароне зада бошанд, ба зўр мечунбиданд.

Ногаҳон чй шуду дар пайкараш як кувваи ачибе пайдо шуд. Ў дид, ки метавонад парвоз кунад. Бо дастонаш ҳаракати болзании мурғонро таклид карда буд, ки дар вокеъ ҳам пояш аз замин канда шуд. Акнун ў дар болои шаҳри серодаме парвоз мекард. Хирси сиёҳ ҳамчунон аз кўчаҳои шаҳр давида, ўро таъқиб менамуд. Лекин ў дигар аз хирс наметарсид, кох-кох хандида, душмани худро масхара медошт. Даме ки куввати болҳояш рафта, пайкараш поён мефаромад, вучудашро аз нав дахшат фаро мегирифт ва ў аз хавли чон шитобон ба боми ягон бинои баланд пой кўфта ва бо тамоми зўр бозувони худро харакат дода, боз боло мерафт.

Боло мерафту осуда нафас мегирифт ва боз механдид, хирси дунболагирро дашном медод ва масхара медошт.

Мардуми шаҳр ба кўчаву майдонҳо фурў рехта, дастафшону пойкўбон ўро табрику таҳсин мегуфтанд, ба парвозаш мадор ва барор металабиданд.

Сўлама аз байни мардум истода, бо тамоми овоз фарьёд мекашид:

— Баландтар, азизам! Баландта-а-ар!

Фотима даҳкае аз дил гузаронид, ки нагз нашуд, Сўлама дар пеши мардуми бисьёре ўро бо навозиш ном гирифта, сиррашонро ошкор сохт. Вале худи ҳамон лаҳза ором шуд. Харчи бодо бод, гуфт дар дилаш.

Банохост ҳаловати парвози озод бо дарди чонкохе бадал шуд. Фотима акнун дар рўи мизи чарроҳии табобатхонаи тачрибавии институти худашон меҳобид. Сўлама ва дугонаҳояш никоби докагй дар рўй атрофи мизро

ихота карда буданд. Дар дасти Сўлама теғи чарроҳӣ. Лекин теғе, ки аз андозаи мукаррарӣ тахмин даҳ баробар калонтар буд. Касе дасти чапашро тоб дода, ба поён миз бастанист. Яке барои чӣ бошад, амперметри бузургеро дар мукобилаш медорад. Мили вай девонавор мераксад. Вай мехоҳад ҳарфе бизанад, имдоде талабад, вале овозаш боз ҳам ба дарун афтодааст...

Фотима бедор шуд. Баданашро обу арақ пахш карда буд. Аз нобоб хобидан дасти чапаш шах шуда, бичирросзанон дард мекард. Нури офтоб аз оинаи мошин гузашта, сарашро тасфонида, майнаашро тамом гич ва гаранг карда буд.

Мошин дар канори рох, байни ду теппаи пасте меистод. Дашт ғарки шуоҳои заррини офтоб, хомушии томе ҳукмфармо буд. Насими саҳарӣ танаи явшону талхаҳои сари теппаҳоро алвонч медод, бӯи махмуркунандаи замини шабнамолудро оварда ба димоғ мезад.

Шофер дар пахлӯи мошин аз хасу хошоки дашт ба худ бистаре сохта рӯболо бо чашмони яла мехобид. Шарфаи пои Фотимаро шуиида бархост. Либосҳояшро афшонид. Дакикае ба андоми духтарак зехи монда истод. Сипас «Дастурӯ мешустагистед?» гуфту боз ҳам ба чавоби духтар нигарон нашуда, камераи кӯҳнаи резинии пуробро бардошта омад.

— Ман... худам...— гуфт Фотима хизматгузории ҳамсафарашро нахоста ва ба сӯи камера даст ёзонид. Шофер табассуме карду китф ба ҳам кашида, камераро ба дасти Фотима дод. Аммо зарфи нохинчори пуроб басо вазнин будааст, ҳомати духтаракро ба зер кашида, кариб буд, ки аз дасташ баромада равад.

— Ба ман диҳед!—бо қатъияти ранҷишомез гуфт шофер ва камераро пас гирифта, аз сӯрохи он ба пеши пои Фотима об рехтан гирифт. Духтар мачбур шуд, ки аз он чараёни об ба кафаш гирифта дустурӯ шӯяд.

Баробари ба кор даромадани мотор Фотима ба мили амперметр назар афканд. Милак имрӯз дар чои худ буд.

Шофер кабл аз пеш рондани мошин аз куттии панель чизи коғазпечеро баровард. Дар маҳзи коғаз ним бухонка барин нон ва порчае панир буд. Мард нону панирро ду таксим карда, як ҳиссаашро бо коғаз ба пеши Фотима гузошт ва бо оханге, ки аз таклиф дида, ба амр бештар монанд буд, гуфт:

— Марҳамат кунед!

Чун дид, ки духтарак ба хўрок даст намерасонад, худ ба худ лабханде кард ва андаке сахттар такрор намуд.

— Мархамат кунед! Боз дусоата рох дар пеш, хохар.

Шофер бо як даст чамбари рульро дошта, бо дасти дигар гох порчаи нон, гох бурдаи панирро ба дахон мебурд.

Фотима акнун аз хўроки ў мехўрд, вале бо зўр мехўрд, аз бими он мехўрд, ки ин мардаки бадкавок бори дигар ба хўрдан амр накунад. Лукмахои нон гулўяшро харошида мегузаштанд. Нохост, Фотима сабаби ин холро дарк намуд. Дар вокеъ хам, агар дар хакки касе гумони баде раво дида бошед ва пас бегуноҳии он кас собит шуда бошад, нони вай аз гулўятон ба осонй намегузарад.

Аз ин хаёл Фотима сахт хичолат кашид. Ба рўяш хун давида, то нармаки гўшхояш гулгун шуда рафт.

Аз мукобил мошини сабукраве пайдо шуд. Хамсафари Фотима онро дида, гашти мошини худро суст намуд. Хар ду автомобиль дар карибии якдигар карор гирифтанд. Бар мошини сабукрав, якин, сардори идорае савор буд. Шофер фаромада, ба ў наздик рафт ва салом дод.

— Чаро дер мондй?—пурсид сардор.

— Реле вайрон шуд.

— Хм. Коргарои туро то чоштгох мунтазир намешаванд. Акнун боратро худат мефарорй.

Шофер китф ба хам кашиду чизе нагуфт. Баъд хайрухуш карданд.

Хангоме ки рональда ба чояш омада менишаст, чашми Фотима ба гиребони ў афтод. Лахте аз гиребони куртаи чорхонанусхаи сурхаш ба рўи синааш овезон шуда менстод.

Вокеахои шаби гузашта дар хаёли духтарак бенхтиёр аз нав зинда шуданд. «Хохараш буд?.. Сар дихед... Фаришта будааст-дия...»—ин суханони парешони шофере ки рафиконаш кашола карда дуртар мебурданд, шабона ба шуури ў таъсире нагузошта фаромўш шуда буданд. Пас, хамсафараш бо он мардаки снёхтинати бадгў ба хотири ў дастбагиребон шуда будааст. Ба хотири ў ба худ душмане зиёд карда будааст.

Фотима бошад, то дами охирин то лахзаи ба хоб рафтанаш, хатто дар хоб хам аз вай бадгумон буд. Оре, дар хакки ин мардак гумони бад, андешахои тўхматомез бофта буд. Боз дар кабинаи шамолпанах нимчомаи ўро ба болояш пўшида бароҳат хобид.

Духтарак аз ҳиҷолати ботинӣ боз то бунӣ гарданаш сурх шуд.

Одамизод аҷаб махлуқи нобино ва кундфаҳм будааст-дия!.. Э, одамизод ба ин воқеа чӣ дахл дорад? Худи ӯ, танҳо худи Фотимаи буздил кундфаҳму нобиност.

Мошин гӯё аз байни роҳрави сабзе ҳаракат мекард. Дар ду тарафи роҳ аз дарахтони серсоя деворе баланд шуда буд. Оби чӯйбор шуои офтобро акс намуда, чашми касро мебурд. Навдаву баргҳои дарахтон дар амвоҷи нури нарми сабоҳӣ бо тароват ва назокати дилпазире медурахшиданд.

Вале Фотима ҳоло ба хусни табиат, ба тароватӣ рӯзи нав тавлидшуда коре надошт. Аз манзараҳои атроф ӯро фақат чарх задани пахтазори паҳновар ба чашм мерасиду бас. Пахтазор то худи уфуқ тӯл кашида буд. Он қисми майдон, ки дар пештар воқеъ буд, ба пас метохт ва он ҷое ки дар дуродур, дар зери хатти заррини уфуқ буд, оҳиста-оҳиста пеш мерафт.

Замин ба тарзи аҷибе чарх мезад.

С. 1962

СУДИ РАФИҚОН

— Рафиқон, маҳал накунед, якта-якта баромада гап занед. Мурод, ту чӣ шавқун мекунӣ?

— Шавқун накардаам. Ман мехоҳам ду даҳан гап занам.

— Ана минбар, барою гап зан.

— Ба минбар бароям, гапам меҳурезад.

— Хайр, аз ҷоят гуфтан гир.

— Аввал ҳама ҷим шаванд.

— Рафиқон, маҳал накунед. Сухан ба вай... ба Мурод.

— Бародарҳо! Асли максади мо чист? Мақсади мо ин ки... Э не, мебахшед, мо асло ин тавр мақсад надоштем... лекин ҳамту шуда монд. Яъне рафики мо Собир гунаҳгор шуду мо суди рафиқона мекунем гуфта эълон кардем. Ана ҳозир суд карда истодаем. Ман ба шумо меҳӯям, ки Собир бачаи бад нест. Вай ҷони одам...

— Э расо ғозӣ сухана кашидӣ-ку!

— Вой мурдам. Ин бача маҳзи масъаларо кай мебароварда бошад...

— Рафиқон, боз меҳӯям, шавқун накунед. Ҳа, Мурод-ҷон, гап зан, писарам.

— Хӯш, ман меҳӯям, ки вай ҷони одам. Барои чӣ ин тавр меҳӯям? Чунки як бор ман маст шуда будам...

— Ҳа-ҳа-ҳа! Э намурӣ ту, масхарабоз!

— Чанд шишаро холӣ кардӣ?

— Ба шиками гурусна дам кашидагӣ, шаҳбоз!

— Ҳой мардум, ҳамин ҳам маҷлис шуд? Акаи раис, ё маҷлисата дуруст кун, ё моро ҷавоб бидех. Мо бекорҳӯҷа не!

— Хомӯш, рафиқон, боз меҳӯям, ки маҳал накунед. Мурод, ту ҳам, писарам, гапа кашол накун-дия.

— Айби ман чӣ? Сухан ба номи ману ба коми дигарон. Хап нашиҳанд, чӣ хел кӯтаҳ кунам? «Маст шуда мондаам» гӯям, каҳкос зада механданд. Гӯё худашон фаришта бошанд, як умр ба даҳон нагирифта бошанд... Хӯш, ман гуфтанӣ будам, ки як бор сахтакак маст шудам. Рӯзи истироҳат буд, як ошноямро дар бозор дидам, аз бачагӣ дар як кишлоқ калон шудагӣ,—мачбур кард,

маст шуда мондаам. Вай маро партофта рафтааст. Ҳамин Собир ба китфаш бардошта ба хона овардааст. О ман навад кило-я. То гузари Шоҳмансур бардошта овардааст.

— Хайр шуд, масъала равшан.

— Не, ҳоло равшан не. Чаро худи Собир гап намезанаду мо ўро бекора-бекора суд мекунем. Вай ин хел бача не. Дар ин ҷо як гап ҳаст.

— Собир гуфт-ку: гуноҳ аз ман. Ҳар ҷазо диҳед, ихтиёр ба шумо. Боз чй мехоҳй?

— Не, суд ин тавр намешавад. Суд бояд сабаби вокеаро гуфта диҳад, яъне Собирро маҷбур кунад, ки буду шуди вокеаро гуфта диҳад.

— Рост! Собир гап занад.

— Хез, Собир.

— Арўс барин ноз кардй-дия.

— Дўстони азиз! Бародарони мўҳтарам! «Собир хез, Собир гап зан!» гуфта, то саҳар тавалло карда мешинем? Одам, ки гунаҳгор шуду гуноҳашро ба гардан гирифт, дигар ҳоҷат ба мунозира ва мубоҳиса нест. Гуноҳи Собир афвнопазир аст. Рафиқ Зоҳирҷонов шахси мўътабар ҳастанд, он касро дар республикаи ҷоноҷони мо ҳама мешиносанд, эҳтиром менамоянд. Ҳамин гуна як одамро Собири шумо метавон гуфт, дар мусофират, қариб дусад километр дур аз хонаву ҷои азизашон партофта омадааст. Ба мо боз чй хел далел даркор? Ба гапи бисьёр гуфтани Собир чй ҳоҷат?.. Ман таклиф мекунам, ки ин гуна одам аз базаи мо пеш карда шавад. Ин гуна шахсони худдонаму худписанд ба рўи коллективи пуршаъну шарафи мо фақат доғ мегузоранду бас. Ақидаи мо ана ҳамин.

— Истед, шумо «ақидаи мо» гуфта киро мегўед?

— Ҳа, рост, ҳар кас аз номи худаш гап занад.

— Диспетчер дуруст гуфт: Собир пеш карда шавад. Вай кўдак не, ки мо дил хун карда, интизоми меҳнатро аз сари нав фаҳмонда шинем.

— Сабр кунед, рафиқон, ман як савол дорам.

— Парто.

— Ку, бигў.

— Собир ягон бор бетартибй карда буд?

— Бетартибй гуфта чиро мефаҳмй?

— Ягон кирдоре, ки ба маҳкум кардан арзад...

— Чаро худат медонию боз мепурсй?

— Не, аввал ба саволи ман ҷавоб диҳед: Собир ягон

бор интизоми меҳнат ё дигар хел интизомро вайрон карда буд ё не мегӯям?

— Хайр, накарда буд, акнун кард. Чӣ мехоҳӣ?

— Пештар накарда, акнун карда бошад, гуноҳашро бахшидан даркор. Вассалом. Рафики мӯҳтарам Зоҳирчонов одами мӯътабар будаанд—будаанд-дия. Мо ҳам одам, Собир ҳам одам. Агар дар байнашон ягон гап нагузашта бошад, магар Собир партофта меомад? Мо Собирро хуб мешиносем. Панҷ сол пеш ба гаражи мо омада, ба шогирдӣ даромада буд, мошин мешуст. Мана ҳозир ронандаи класси ду. Чӣ ин қадар истинтоқ мекунем як бечорая? Гапам тамом.

— Нодуруст гапат.

— Ин ҷо ҷӯрабозӣ роҳ намеравад.

— Хомӯш, рафиқон, боз мегӯям, ки маҳал накунед, якта-якта гап занед.

— Иҷозат диҳед.

— Хайрият-е, аз занҳо ҳам овоз мебаромадааст!

— Ман ба худи Собир ду савол дорам. Собир, ҷони хоҳар, оё мефаҳмӣ, ки дар ин ҷо чӣ воқеа шуда истодааст? Оё мефаҳмӣ, ки тақдири туро ҳал карда истодаанд?

— ...

— Аз ҷоят бихез, Собир.

— Ана... Хестам...

— Ба саволи Мастура ҷавоб бидеҳ, писарам.

— Рафиқон, ранси суд ҳаҷ надорад гунаҳгорро «писарам» гӯяд!

— Ин ҷо суди калон не, суди рафиқона.

— Ҳамааш як гап. Қонда намебардорад.

— Вай қоидаатро шӯрбо карда хӯр.

— Дуруст мегӯяд!

— Олим нашуда равед ҳамаат! Ҳама қоидадону қонуншинос!

— Бас кунед!

— Рафиқон, чанд бор гуфтан даркор, ки маҳал накунед. Ман Собирро писарам гуфтам, ҳаҷ дорам. Ту, маҳмадоно, аввал мӯи саратро ман барин сафед кун, баъд қоидашиносӣ мекунӣ. Ин ҷо суди рафиқона рафта истодааст, ё маҷлис, ё чизи дигар, фарқ надорад. Мо меҳоҳем тақдири як ҳамкасбамонро ҳал кунем. Дигараш якпула аҳамият надорад. Ҳа, духтарам, гап зан.

— Ман савол додам, Собир ҷавоб надод.

— Гап зан, писарам.

— Мастураапа аҷаб савол медиҳад. Ман бача нестам-

ку: албатта, мефахмам, ки такдири мана хал карда истодаед...

— Ана, духтарам. Чавоб гирифтй. Лекин боз як савол дорам, гуфта будй. Бигу, духтарам.

— Собир, чони хохар, туро хеч кас бача гуфтанй нест. Лекин дар ин чо чанд кас таклиф кард, ки туро аз кор пеш кардан лозим. Ту дар аввали мачлис гуфтй, ки гунохатро ба гардан мегирй. Ту ба хамин хел чазо розй хастй?

— Не!

— Чаро?

— Чунки нохак. Ман гунахгор, лекин гунох бо айби худам сар назадааст.

— Ана халос!

— Гап шунаву маза кун.

— Э ин бача мийяашро хурдааст.

— Уф-ф, ин хел суди ланча акнун мебинам.

— Хому́ш бачахо. Боз мегу́ям, ки тартибро риоя кунед. Хар кас нахохад, баромада равад. Ин чо бозори калоба нест. Ха, писарам, гап зан.

— Ман киссаи бо Зохирчонов шударо ба сардори автоколоннаи худамон гуфта будам. Вай маро масхара кард. Сонй ахд кардам, ки дигар ба касе нагу́ям.

— Бигу́, Собир. Аз пинхон кардан чй фонда?

— Нодон, ба худат чабр мешавад.

— Гап зан, писарам, хеч кас хад надорад, ки туро масхара кунад.

— Ғайр аз ин боз як сабаб хаст. Ман намехостам, ки ин кисса бо ягон рох ба гу́ши оилаи Зохирчонов рафта расад. Акнун гу́ш кунед... Канй об? Навакак дар ин чо об буд-ку. Рахмат... Ру́зи сешанбе пагохй сардори идораро аз хонаашон овардам. Он кас ба идора даромаданд, ман бо шоферхои дигар, ки дар таки дари идора буданд, шашкабозй мекардам. Ним соат гузашту котибдухтар мана чеғ зад. Ба кабинети сардор даромадам. Дар пеши он кас як одами хушру́и айнакй ба курсии мулоим ғу́тида, пой болои пой монда менишаст. Вай беист папирос мекашиду гап медод.

— Собир,—гуфтанд сардор,—ба район меравем. Тайёр хастй?

— Ба кучо? Чандру́за?—гуфта пурсидам.

— Нимру́за, то райони Куйбышев. Моро бурда мемонию худат пас мегардй.

Ман ба сафар тайёр буданамро гуфтам. Он гох сар-

дор гуфтанд, ки бо рафик Зохирчонов, яъне бо хамон марди дар наздашон нишастаги, ба хонаи вай биравем ва он касро пас гирифта ба идора биёем. Баъд хама хамрох ба район меравем.

Мо бо Зохирчонов ба хонааш рафтем. Хавлии калони сердарахте доштааст мардак. Ним соат гонб шуда рафт. Баъд хамрохи занаш баромад. Чавонзани дўстрўяке буд. «Худатонро эхтиёт кунед, шамол нахўред»—гуфта таъкид мекард. «Дар тобистон хам кас шамол мехўрад магар» гуфтам дар дилам. Аз афти кор, шавхарашро бисьёр дўст медоштааст. Зохирчонов дар таки дар «Хайр, чонакам, ман телефон мекунам» гуфта, занашро бўса кард...

— Рафики раиси суд, ман эътироз баён мекунам. Худаш чй гап? Чаро ин одам аз чихатхои махрамонаи онлаи як шахси мўхтарам дар ин чо беибо сухан карда истодааст? Ин кирдор ба одоби муошират харгиз мувофикат намекунад.

— Одоби мушир... мушорияташ боз чй будааст? Одоб хамин ки кас рости гапро гўяд. Гуфтан гир, Собир, бигў, писарам.

— Монед, гуфтан гирад!

— Рафикон, мебахшед, ман аз мобайни наклам якта-нимта гапхоро партофта гузарам, гапам гум мешавад. Худатон медонед, ки хар рўз ба мачлис намебароям.

— Давом додан гир писарам, майлаш, харчи хохй, бигў.

— ...Ман ба дигар тараф рўй гардонда, радиои мошинро даргирондам. Зану шавхар боз ду-се дакикаи дигар хайрухўш мекарданд. Хулосаи кисса, ба идора баргаштем, сардор баромаданд. Сахат-саломат ба Куйбышев расидем. Онхо ду кас ба райком даромаданд. Пас аз чанд муддат сардор ва Зохирчонов баромада, ба пеши мошин омаданд. Сардор гуфтанд: «Собир, ту ин касро ба Колхозобод мебарй, хамрохашон то пагох мемонй ва пагох ба Душанбе бурда монда, пас ба автобазаат меравй. Ман бо дигар мошин бармегардам». Хамин тавр гуфтанд сардор. Хуб, гуфтам ман. Кори мо, шофер-мардум итоат кардан-дия. Ба рохи калони Душанбе—Кўрғонтеппа баромада, аз Уялй мегузаштем, ки... Ман батафсил накл карда, вактатонро гирифта истодаам...

— Майлаш, писарам, гуфтан гир.

— Накл кун, бача. Мазадораш акнун мебарояд, аз афти кор.

— Ҳа, аз Уялӣ мегузаштем, Зохирчонов ба соаташ нигоҳ карда гуфт, ки дар пеши заводи пахта мошинро даст гирам, Зохирчонов ба идораи завод даромад. Ман дар таки дарвоза мунтазир нишастам. Баъд аз як соат духтараке баромада пурсид, ки «Шофери рафиқ Зохирчонов кист?». Гап дароз нашавад гуфта, «ман шофери рафиқ Зохирчонов» гуфтам.

Таъин кард, ки ба ҷое наҷунбида, интизор нишинам. Боз як соат гузашт. Дар ин ҷо ӯ чӣ кор дошта бошад гуфта, ба ҳавлии завод даромадам. Дар пешгоҳи ҳавлӣ дар зери шипанги калоне коргарон ҷамъ омада буданд. Наздиктар рафтам, ки ҳамсафари ман рост истода гап мезанаду дигарон дар болои тойҳои пахта, харакҳои чӯбин ва рӯи замин нишаста, гӯш медиҳанд. Маълум шуд, ки вакти танаффуси нимирӯзӣ будааст ва Зохирчонов ба коргарон лекция мехондааст. Дар чӣ хусус лекция хонданашро нафаҳмидам. Лекин суханаш ба мардум маъкул афтод магар, ки дар охир хеле чапаксанӣ карданд. Сонӣ ҳамсафари ман ба идораи завод даромада, аз он ҷо бо қиёфаи хушҳолона коғазеро чорқаткунон ва ба портфели чарминаш эхтиёткунон баромад. Роҳбарони завод ӯро бо миннатдорихои зиёд гуселониданд.

— Ана, чӯраи ҷони ман бошӣ, кор ин тавр шудааст. Коргарони ин заводро ҳам хурсанд кардем,— таҳассумкунон гуфт Зохирчонов ба китфи ман ошнои деринааш берин тап-тап зада.—Ту аз газетаҳо: «Фурсат ғанимат! Аз ҳар як дакиқа самаранок истифода баред!»—гуфтанӣ шиорро хондай, албатта. Пас бидон, ки ин шиор на фақат ба пахтакорону рохсозону дигару дигарҳо, балки ба ҳама дахл дорад. Чӯраи ҷони ман ки бошӣ, ба ману ту ҳам...

Дар Қӯрғонтеппа ҳамсафари ман ба коргарони кадом як корхона лекция хонд. Номи он корхонаро якин намедонам, ҳамин қадар медонам, ки дар он ҷо экскаваторҳоро таъмир мекардаанд. Ин дафъа лекцияи ӯро аз сар то охир гӯш кардам. Дар бораи оила, мухаббат ва садоқати зану шавҳар, ҷавонписарону духтарон нақл мекард вай. Касби хубе доштааст, гуфтам дар дилам. Одату анъанаҳои беҳтарини ҷамъият, хусни одамони моро дар байни халқ тарғиб карда мегаштааст.

— Шумо лектор будаед-дия, муаллим,— пурсидам дар рох ҳангоме ки ба сӯи Колхозобод мерафтем.

— Не, аслан лектор не, аммо, чӯраи ҷони ман ки

бошӣ, ба тарики ёрмандӣ ба лекторон гоҳ-гоҳе лекция, маъруза мехонам.

Дар дилам ба ин одами боғайрат ҳавасам омад. Қошкӣ ман ҳам вай барин печону кордон бошам. Рӯзҳои дароз вақти холиамро бо рафиқонам дар сари шашка, ё карта, ё доминобозӣ мегузаронам. Аз китобҳо факат китобҳои бадеӣ маъқул. Китобҳои илмӣ ҳондан мехоҳаму вазнинӣ мекунад, гарданам ёрӣ намедиҳад.

Лекцияи чаҳорумро Зоҳирчонов дар яке аз колхозҳои райони Колхозобод ҳонд. Вай дар ин ҷо ҳам оид ба онла, дӯстӣ, муҳаббат ва садокат гап мезад. Аммо бо забони соддаи ба деҳқонон фаҳмо сухан мекард. Мисолҳои аз зиндагонӣ гирифтааш ҳам аз ҳаёти мардуми кишлоқ буд. Як мисол аз совхози «Данғара», дигараш аз кадом як колхози Ӯротеппа. Як-ду мисолаш аз ҳаёти Россия, Украина бошад ҳам, бо деҳқонон дахл дошт.

Пас аз лекция дар ошхона як коса шӯрбо хӯрда андак ба ин сӯ-он сӯ гаштугузор кардам ва ба меҳмонхонаи колхоз омадам. Дар он ҷо ба ғайр аз Зоҳирчонов ва боз як ҷавонзане, ки аз рӯи сару либосаш ходимаи кадом як идораи районӣ барин менамуд, дигар касе набуд. Ҳамсафари ман ва ҷавонзан дар роҳрави меҳмонхона ба рӯи диван нишаста сӯҳбат мекарданд. Зоҳирчонов чизе нақл мекард. Зан ҚОҲ-ҚОҲ механдид. Зоҳирчонов ҳикояти худро бо завқ давом дода, гӯё худаш низ ба шиддати ханда базӯр тоб меоварда бошад, пайкарашро ба пешу ҚАФО алвонҷ медод ва дар ин асно аз банди дасти зан медошт. Баъзан гӯё ҳаракати ҚАҲРАМОНИ ҲИКОЯТАШРО аёнӣ нишон доданӣ бошад, сари занро сила мекард. Зан бошад, ҳамчунон бо ваҷд механдид.

Ман пас гашта берун баромадам. Мошини худро ба боғи колхоз, ки аз паҳлуи меҳмонхона сар шуда мерафт, бурда монда будам. Дақиқае фикр карда, қарор додам, ки рафта дарунӣ мошин мехобам.

Шаб торик буд. Ҷое ки мошини ман меистод, хиёбон буд ва тақрибан ним километр тӯл мекашид. Бегоҳирӯзӣ, ҳанӯз ҳаво торик нашуда, он ҷоро бо қадам чен карда будам. Болои хиёбонро толори базеби ангур зич пӯшонида буд. Дар ҳар ду канораш аз сар то охир буттаҳои ёсуман ва садбарг рӯида, шакли девори сабзро гирифта буданд.

Тирезаҳои мошинро фароварда, аз нишастгоҳу такьяҳои пасу пеши кабина ҷойҳоби бароҳате сохта, ёзидам... мебахшед, наклам дароз шуд.

— Собир, миёни сўҳбатро лагад накун.

— Гўши мо ба ту, додар.

— ...Аз кори кардаам худам хурсанд будам. Аз атроф бўи гулҳои атромез меомад. Қур-кури маҳини ғуҳҳо, чирроси малаҳҳо ба гўш форам мерасид. Одам дар шаҳри серғалоғула зиндагонї карда, садоҳои табиии дехотро пазмон мешудааст. Гўшам, димокам ҳаловат мебурд. Гоҳ-гоҳе дар боғ себе аз дарахт канда шуда тўппї карда ба замин меафтод ва чанде ғуку малах муваккатан хониши худро катъ месохт.

Нохост аз байни ин садоҳо овози гуфтугўи одамонро шунида гўшҳоямро сих кардам. Дурусттар диккат карда пай бурдам, ки ин овози Зоҳирчонов ва ҳамон чавонзани ҳамсўҳбаташ аст.

— Не, ин тавр нагўед,—ба Зоҳирчонов ишваомез эътирозкунон мегуфт зан.—Мардҳои суханоро, ки аз сўҳбаташон кас бахра мебарад, чандон зиёд нестанд.

— Лекин ҳар гуна ҳамсўҳбат ҳам боиси илҳоми онҳо шуда наметавонад. Хусни шумо гўё мўъҗизае буд, ки аз лаҳзаи нахустин акли маро тамом тасхир кард.

— Агар шахси аклаш тасхиршуда ба сухан ин қадар печон бошад, пас...

— Чизе ки ҳоло гуфтам, аз забони дил гуфтам. Дил шефтаву шайдоятон...

Онҳо аз он сўи сабздевори гулбуттаҳо, аз канори боғ оҳиста-оҳиста кадам мезаданд. Ҳар гоҳ ки лаб фурў бастанд, садои шитир-шитири хасу хошок шунида мешуд.

Суханони ҳангомї хайрухуш гуфтаи зани лектор ба ёдам омаданд. Хостам сар аз тирезаи мошин бароварда, он суханонро фарьёдкашон такрор кунам:

— «Худатонро зинҳор эҳтиёт кунед, ки шамол нахўред, азизам».

Аммо илоҳе карда ҳудро ба даст гирифтам.

— Биёед, ба меҳмонхона баргардем,—таклиф кард Зоҳирчонов.

— Ҳамин ҷо ҳам бад нест,—гуфт зан бо овозе ки саршор аз ноз буд.

— Ихтиёр ба шумо. Лекин боз якта...

— Сабр кунед, ба хиёбон гузарем. Пошнаи кафшам борик, ба замини нарм ғўтида истодааст.

Шитирроси ба ҳам хўрдани буттаҳо шунида шуд. Тахмин дар бист кадам масофа либоси сафеди харду хи-

ра-хира намоён гардид. Онҳо ба яке аз сутунҳои толори ангур чафс шуда меистоданд.

«Фурсат ғанимат! Аз ҳар як дақиқа самаранок истифода баред»...

Оё махз дар боран муҳаббат ва садоқат ба мардум лекция хонда гаштани ӯ шарт будааст? Ин чӣ беадолатист?

Дастам ғайри ихтиёр ба сӯи тугман чароғ рафту онро пеш кашид. Хиёбони ҳамвор аз чои исти мошин то ба дарвозаи боғ рӯз барин равшан шуда рафт. Он ду нафар, ки рост истода, ҳамдигарро ба канор кашида, машғули бӯсо-бӯс ва изҳори муҳаббату садоқат буданд, лаҳзае шах шуда монданд. Сонӣ ба худ омада, ҳар ду баробар чанд қадам ба сӯи дарвоза тохтанд. Пас, аз афти кор, хушу ёдашон ба чояш омад, ки гашти худро суст карда, бо қадамҳои муқаррарӣ пеш рафтан гирифтанд.

Аҷаб хосияте доштааст равшанӣ: сари ҳар ду ба пеш хам буд...

Баъд аз ин чӣ кор карданамро худам ҳам надониста мондам. Ман дигар на бо амри шуур, балки аз рӯи одат ё ким-чи гуна як савқе амал мекардам. Ҳамин қадар дар ёд дорам, ки нишастгоҳи мошинро ба ҳолати аслиаш оварда, моторро ба кор андохтам. Берун аз дарвозаи боғ ба Зохирчонов расида, тормоз додам.

— Собир!—Гуфт ӯ.—Ин туй? Ту ин хел чавони ҳазлкаш буданю ман бехабар. Хайр, майлаш,— ва ба мошин наздиктар омада:—Майлаш, лекин чӯраи чони ман, ки бошӣ...—гӯён сарашро ба тирезачаи пеши ман наздик оварданӣ буд, ки якбора газ дода, пеш рафтам.

Соати сеи шаб ба шаҳр расидам...

• • •

— Ана, рафиқон... Ҳм... қиссаро шунидед. Як кас дар замони пеш гуфта будааст: худоё, бандаҳои бешуморатро гардам. Ҳм... Кӣ гап мезанад?

— Танаффус шавад.

— Танаффус чӣ лозим? Ман таклиф мекунам, ки панҷ дақиқа ҳеҷ кас гап назанад, ҳамту хомӯш шинем.

— Э гапи ина тамошо кунед. Ҳамин аклат-катӣ аз зимистон чӣ хел баромадӣ, ука? «Хомӯш шинем» мегӯяд. Ягон кас мурд, ки панҷ дақиқа хомӯш мешинем?

— Ҳа, мурд.

— Рост мегӯяд, як кас мурд.

— Рафиқон, боз мегӯям, ки чақ-чаки бетартибро бас кунед. Фикратон бошад, бо тартиб баромада гӯед.

— Мастура даст бардошт. Сухан диҳед.

— Ман таклиф мекунам, ки ҳайати суди рафиқона эълон кунад, ки ин ҷамъомад суд набуд ҳамту, сӯҳбати рафиқона буд.

— Ҷони гапро ёфтӣ, хоҳарам.

— Дуруст.

— Ҳа, даррав эълон кунед.

— Ғавғо накунед бародарҳо. Ман шунидам, ки вай одам... номаш чӣ буд... рафиқи мӯҳтарам Зоҳирҷонов аз болои Собири мо ариза навиштааст. Ба ин масъала роҳбарони мо чӣ мегӯянд?

— Ин айб аст, рафиқон. Айби калон. Мо ташкилоти партиявӣ дорем, иттифоқи касаба дорему ба ҷои он ки аз рӯи адолат кор кунем, дар ин ҷо як ҷавони бегуноҳро ҳариб буд, ки суд кунем.

— Рафиқон, боз мегӯям, маҳал накунед. Ҳайати суди рафиқона таклифи Мастура Иброҳимоваро маъқул медонад. Эълони пештара бекор ҳисоб карда шавад. Собир ба корат рав, писарам, он тарафи масъаларо худамон ҳал мекунем. Ҳа, шаҳр бе дарвоза нест.

С. 1966

АРЗАМАС

Хонаи васеи шўъбаи таъминоти ичтимой аз одам пур буд. Мудир дар пешгоҳи хона дар сари столи мохутпўш нишаста, арзи одамонро гўш мекард. Касоне, ки ба ҳисобчй ё инспектори шўъба кор доштанд, аз дар даромада, рост ба пеши онҳо меомаданд ва кори худро буд карда баромада мерафтанд. Дигарон ва дар қатори онҳо Зокирҷон Муҳаббатови лектор, дар курсию харакҳои дар пойгаҳи хона гузошташуда мунтазири навбати худ менишастанд.

Мудир як-ду маротиба ба сўи Зокирҷон кунчковона назар афканда монд. Симои лектор ба қиёфаи одамоне, ки одатан ба ин ҷо меоянд, ҳеҷ шабоҳат надошт. Аз афти кор, мудир фаҳмидан мехост, ки ин ҷавони тануманди ҳамаи аъзои баданаш сиҳат-саломат дар ин идора — дар байни инвалидҳои ҷанг, занҳои серфарзанд ва мўйсафедҳои барҷомонда чй кор мекарда бошад.

Аммо Зокир Муҳаббатов ҳам ба ин ҷо бо кори муҳим омада буд. Вай як ҳафта ин ҷониб шахсеро ҷустуҷў мекард, ки Лениниро дида бошад. Мувофиқи супориши сардори гурўҳи лекторои бо одами Лениниро дидагй мебоист сўҳбат карда, нақли ўро ба лекцияаш дохил кунад ва агар имконият шавад, худи он одамро низ ҳамроҳаш гирифта ба ҷамъомади колхозчиҳо, коргарҳо... бибарад.

Сардор гуфта буд, ки аз шўъбаи таъминоти ичтимой адреси ин хел касро ёфтан мумкин аст.

Қабули одамон хело суст давом мекард. Зокирҷон аз кисааш газетаеро бароварда, ба хондан сар кард. Пирамарди лоғараки сиёҳчурдае, ки дар паҳлўи ў менишаст, дар ин вақт оҳ кашида, ҳам шуду банди похояшро молидан гирифт. Зокирҷон аз газета чашм канда ба ў нигоҳ кард.

— Устухонам нолиш карда истодааст,— гуфт пирамард.— Боз борон меборидагист.

— Баҳор ҳамин-дия,— гўён тасаллй дод як инвалиди бедаст.

— Ба пахта дер шуд,—ба гап қатй шуда, бо оҳанги ташвишомез гуфт зане, ки аз симояш колхозчй буданаш аён буд.—Қишти пахта бевақт монд.

Инвалиди дигаре ки як пояш тамоман набуд ва бо вуҷуди холӣ истодани чанд курсӣ рохро банд карда, дар сари остона менишаст, эҳтимол одамонро хандондан мехост, ки аввал худаш хандида, гуфт:

— Устухонатро равгаи кун, пиракӣ, ана нолиш он тараф истад, ғинги ҳам намекунад.

Лекин ба гапи ӯ ҳеч кас нахандид. Бо вуҷуди ин вай суханашро давом дод:

— Хо, ҳама чиз равгаи металабад. Шайтон гуфтааст, ки хокро равгаи молӣ — мехӯрам.

Мӯйсафед ба ӯ ҷавоб надода ҳамчунон поҳояшро мемолид. Дар навбат нишастагон низ хомӯш буданд. Мудир ба арзкунандае дар бораи зарурати аз ким-кадом комиссияе гузаштан гап мезад. Зокирҷон боз газетаашро хондан гирифт. Чанд дақиқа гузашт. Ногоҳ мӯйсафеди поҳояш дардманд аз курсӣ бархоста дар худи ҳамон ҷо ба рӯи фарши тахтагин нишаст.

— Ҳа, ота?—хандида пурсид инвалиди бедаст.

— Нашуд, писарам. Ба ман ҳамин усталу устул асло чӯт надод. Одат накардам-накардам-дия. Боз дар рӯи замин тинҷиамро меёбам.

— Ғам нахӯр, пиракӣ,—гуфт инвалиди баднафас бо ҳамон оҳанги сард.—Акнун аздусар вазир намешавӣ, ки курсинишиниат лозим шавад. Пагоҳ-фардо ба аспи чӯбин савор мешавию кор тамом, вассалом.

Ин гапаш гӯё як сатил оби хунук буд, ки банохост ба сари ҳозирон рехтанд ва ҳама ба як бор барошуфта, ба ӯ дарафтиданд:

— Ба як одами пир ин қадар даҳалӣ!..

— Э, ин шахс тоза бетамиз будааст-ку!..

— Ошно, шумо,—гуфта аз ҷояш бархост Зокирҷон, ки аз ҳама зиёдтар оташин шуда буд,—аз афташ, дар умратон аз кӯчаи одоб нагузаштаед. Аҳаллан ҳурмати риши сафедашро мекардед, намешуд?

Инвалиди бепой: «Ӯҳ, сабил, насиҳат сар шуд...» гӯёи истеҳзоомез хандае карду папиросашро оташ гиронда, бо ҳамин баҳона оҳиста ғоиб шуд.

Дар навбат нишастагон чанд дақиқаи дигар ғур-ғуркунон кирдори он одамро мазаммат мекарданд:

— Одами беҳуда будааст.

— Мардумозор...

— Дар дунёи равшан даҳалӣ ҳам бинои салтанат шуд-у...

— Ба худаш ҷабр,—мегуфт мӯйсафед,—барака намеёбад.

Хотири Зокирҷон ҳам дигар мушавваш шуда буд. Бинобар ин вақте ки навбат ба ӯ расид, ба курсии назди мудир нишаста, гӯё бо ӯ ҳозир дастбагиребон шуда бошад, сахт карда гуфт:

— Ба ман одами Ленинро дидагӣ лозим!

Мудир мақсади ӯро нафаҳмидагӣ барин ба рӯи ӯ бо таҳайюр чашм дӯхта менишаст.

— Ҳо, ба ман одами Ленинро дидагӣ даркор. Ман аз райком,—худро шиносонид ӯ ва мақсадашро шарҳ дод:— Рӯихати шитироккунандагони ҷангҳои граждани, коргарон ва хизматчиҳои куҳансол дар идорае шумо ҳаст гуфта, ба ҳамин ҷо омадам.

— Дуруст, мо рӯихат дорем,—гуфт мудир.—Ҳатто барои ҳар як нафақагир ҳуҷҷатҳои алоҳида ҳам ҳаст. Лекин, ба хаёлам, касе дар анкетааш нанавиштааст, ки Ленинро дидааст.

— Пас...—гуфту хаёл карда монд Зокирҷон.—Пас чӣ бояд кард?...

Мудир аз саринспектораш пурсид, ки оё вай ҳамин хел касро дар районашон мешиносад. Саринспектор гуфт, ки аз одамони Ленинро дидагӣ фақат як кас буд, ки вай ҳам ду сол пеш ба шаҳри дигар кӯчида рафтааст. Шояд боз бошад, аммо ӯ намедонад.

Зокирҷон ноумед шуда афсӯс меҳӯрд, ки ҳамин қадар вақташ зоеъ рафт, бар болои ин бо инвалиди бедаҳан ҷанҷол карда, кайфаш ҳам гурехт.

Вале дар ин вақт аз пойгаҳи хона овози мӯйсафед баромад.

— Ба ман нигаред, бачем,—мегуфт ӯ.—Одами ба шумо даркориро ман ёфта медиҳам. Ҳамсояи ман Ленинро дидагӣ.—Мӯйсафед ба пешгоҳи хона омад.—Дар замони инқилоб Ленинро бо чашми худаш дидааст. Афсӯс, ки ман ҳозир ба Сталинобод равонаам, набошад шуморо бурда шинос мекунонидам. Ин кори хайр. Лекин ӯро худатон ҳам ба осонӣ меёбед. Ба чойхонаи Янги Бозор рафта, хонаи Шафеъ-амак дар кучо гӯед, сад кас нишон медиҳад.

* * *

Шафеъ-амак бо кампири худ дар ҳавличаи озодаяки дилкушое зиндагӣ мекардааст. Рӯи ин ҳавличаро ба чуз пайроҳаи танги хиштфарше, ки аз таки дари кӯча то ба

айвончаи пеши иморат тӯл мекашид, саросар буттаҳои ҳанӯз ношукуфтаи садбаргу савсан, дарахтчаҳои себу олуболуи ғарқи шукуфа фаро гирифта буд. Аз байни буттаҳои гул ва навдаҳои дарахтон ҳар ҷо-ҳар ҷо куттиҳои рангоранги занбӯри асал намудор шуда менисто-данд. Дар фазои ҳавлӣ ғуввосу ғингоси мунтазам ва як-зайлаи ҳазорон занбӯри асал барпо буд ва чунон ба назар мерасид, ки ҳамаи набототи дохили ин манзил гӯё месарояд, аз нашъаи баҳор фараҳмандӣ карда месарояд.

Шафеъ-амак бо вуҷуди ба таки ҳафтод рафтани синнаш марди бардами зиндадил будааст. Рухсораҳош суп-сурхи пурхун, чашмони мешин андаке сабзтобаш зинданигоҳ ва ором. Аммо ришу мӯйлаби ғулиаш барфосо сафед, тораҳои абрӯвони ғафсаш ба тарафи боло нигоҳ карда дароз шудаанд ва аз ин сабаб бисьёр ачиб менамоянд.

Пирамард меҳмонро кушодарӯёна пешвоз гирифта, ба хонааш даровард. Ачиб, ки дар хонаи на чандон васеъ низ дар ҳар ҷои муносибу номуносиб—дар токчаҳои тиреза, дар кунҷҳо, дар болои ҷевончаи кӯҳнаи зарфгузорӣ—тубакҳои гул ва бонкаҳои пур аз асали каҳрабогун чида шуда буд.

Шафеъ-амак ба занаш чой фармуд. Вай ниҳоят суст гап мезад, бар болои ин чунон ки бачаҳои навсавод ҳарфҳоро ҳиҷҷа карда меҳонанд, аксари калимаҳоро ба як тарзи ачиб ба ҳиҷоҳо таҳсим карда талаффуз мекард.

Пиразан ба мизи таомхӯрӣ самоворчаи сафеди буғаш баромадаистода, дар табаке нони ҳалам кардашуда, ким-чи хел самбӯсаҳои хушбӯй ва асал оварда монд.

— Аз мумдораш ҳам!—фармуд Шафеъ-амак ба занаш.

— Ташвиш накашед,—хиҷолатмандона хоҳиш намуд Зокирҷон.

— Ташвиш чӣ? Ҳозир худамон ҳам як хӯрок кунем гуфта истода будем. Банасиба будаед.

Пиразан дар як табакча асали мумдори шакаракбаста оварда монд.

— Ҳанӣ, додар, гиред, ана аз ин мумдораш гиред,— мегуфт пирамард нонбурдаҳоро ба пеши Зокирҷон чида ва табакчаҳоро наздиктар оварда.—Асал барин чизи ҳаким нест. Хунро тоза мекунад, асабро сайқал медиҳад, ба ҷигари одам нафъаш бисьёр...

Зокирҷон сабаби омаданашро гуфта буд, ки чеҳраи пирамард тамом шукуфт.

— Хайр, нақли ман ба чӣ даркор будааст?— пурсид ӯ.

— Рӯзи таваллуди Ленин наздик шуда истодааст. Саргузашти шуморо ба колхозчиҳо, коргарҳои район нақл мекунем. Шуморо ба вохӯриҳо бо ҷавонон ва мактаббачаҳо мебарем.

— Бо талабаҳои мактаби ин ҷо ҳар сол худам ҳам сӯҳбат мекардам,— бо ифтихор гуфт мӯйсафед.

— Минбаъд шуморо ба дигар мактабҳо гирифта мебаранд. Охир шумо барин куҳансолони Лениниро дидагиву дар инқилоб иштирок кардагӣ дар чойҳои мо бисьёр нестанд.

— Ҳа-а,— мад кашида гуфт пирамард.— Умри одам об барин мегузаштааст. Гӯё динаяк шумо барин ҷавон будам, сарам пур аз хаёлҳои ширин, дилам лаболаб аз орзую ҳавасҳо...

Шафеъ-амак аз саргузашти худ нақл кард. Вай ҳамчун одами кордидаю солхӯрда, ки барои одамони серкор қимат будани вақтро медонад, бо муқаддимаву гурезҳо фурсатро нагирифта, маҳз аз ҳамон айёме, ки барои сомеаш мароқангез буд, мухтасар ҳикоят кард.

* * *

Айёми пурталотуме буд он солҳо. Рости, айёми дигаргунсозии дуньёи куҳан бе талотум, бе ошӯб шуда наметавонист.

Дар як сӯ адмирал Қолчак худро ҳокими мутлақи Уралу Сибиру Шарқи Дур сохта, дар сари роҳаш шаҳру деҳотро сӯхта, хароб ва ғорат карда, ҳазорон-ҳазор одамонро аз дами теғ гузаронида, ба сӯи Маскав ҷадал мекард.

Дар як сӯ қӯшунҳои контрреволюционии чехословак бедодгарӣ мекарданд. Бе инҳо ҳам дар Урал, дар кишварҳои соҳили Волга ва Ока чор тарафи аскари сурх душман буд: дар шаҳр буржуаи никобпӯшида бо нӯкару косалесонаш, дар деҳот — кулакҳо, дар бешаву роҳҳо — анархистҳои ҷафопеша ва дастаҳои роҳзанону дуздон...

Шафеъ Рабеуллин расман ошпази батальон буд (вай аз сар то охири ҷанги якуми ҷаҳон низ ин вазифаро адо мекард). Аммо аксаран умраш дар сафи аскарон, милтиқ дар даст бо окопковию тирандозӣ, пеш-

равй ё акибнишиниҳои пурмашаккат ва пурхатар мегузашт.

Рафиқонаш гоҳо ба ӯ шӯҳиомез мегуфтанд:

— Шафеъ, ту каллаи худату деги батальонро эҳтиёт кунй — бас. Агар худо накарда, ту мурда монй, бе шавла монда, ҳоламон табоҳ мешавад.

Вале Шафеъ аз окоп намечунбид. Худи оштазй ҳам ахьён-ахьён, дар соатҳои пасанда шудани чанг воқеъ мегардид.

Зимистони соли 1918 — 1919 барои Фронти Шарқй давраи вазнинтарин буд. Лекин баъдтар, аз баҳор сар карда, Колчакро кӯфтан гирифтанд. Аз Маскав — аз Ленин, аз Петроград ва дигар чойҳо паи ҳам ёрмандй меомад. Колчакро чунон кӯфтанд, ки аз баҳри тахту точ баромада, ба Сибирь гурехт.

Аммо ин вакт дар чануби Россия генерал Деникин сар бардошта буд. Ҳангоме ки аҳволи Фронти Шарқй сабуктар шуд, баъзе кисмҳоро ба Чануб, бар зидди Деникин сафарбар карданд. Шафеъ Рабеуллин ба ҳамин тарик, тирамоҳи соли 1919 ҳамроҳи боқимондаи батальони худ ба сафаре баромад, ки дидани пешво, шунидани сухани ӯ дар ҳамин сафар насибаш гашта буд.

Батальони онҳоро ба Арзамас ном мавзее, ки дар сари роҳҳои калони оҳан воқеъ буд, фароварда, аз ҳисоби фидоиёни ба мададомада пурра карданд.

Бояд гуфт, ки он вақтҳо рӯҳияи Шафеъ, мисли бисьёр ҳамсафонаш, чандон баланд набуд. Онҳо намедонистанд, ки окибати чангҳо чй мешуда бошад. Гурехтани Колчакро дида, рӯҳбаланд шуда бошанд, овозаи армияи садҳазорнафарии Деникинро шунида ва шаҳрҳои валангор, деҳаҳои вайрона гуруснагй ва азобу укубати мардуми бенавошударо дида, ба дилашон яъсу алам роҳ меёфт. Боз овозае паҳн шуда буд, ки давлатҳои калонтарини капиталистй як шуда, ба Республикаи Советй хучум мекардаанд.

Бар болои ин саломатии Шафеъ бад буд, сахт меланги д. Дар чангҳои назди Казон се рӯз болои ҳам ба замини шитта хобида, ба дарди буғум гирифтор шуда буд. Чароҳатҳои кӯҳнааш газак гирифта, аз нав азият медоданд. Аз батинкаи фарсудааш об мегузашт, лои шуррут медаромад. Аз чои дарбеҳкардаи шинели кӯҳнаву сардаш рутубату сармо гузашта, чунон азоб медод, ки онро ба азоби чаҳаннам баробар буд гӯед, мубҳобот намешавад. Гап дар ин ки боре Шафеъ дар со-

ати пасанда шудани ҷанг деги сайёри худро ба дарунтари чакалак дароварда, ба таки он оташ гиронда, худаш барои хезум дуртар рафта буд. Тӯпхои душман бано-хост ба оташфишонӣ даромаданду як гулӯла омада ба дег зад. Шафеъ пас давида омад, ки аз дегу оташдон осоре намондааст, чанд ҚАДАМ дуртар, аз шинели ба рӯи майса пахн карда мондааш дуд мебарояд. Зуд оташи шинельро бо батинкаҳояш зер карда, хомӯш намуд, баъд шинельро бардошта, хок ва нарман нимхомеро, ки аз таркиши гулӯла пош хӯрда буд, афшонд.

Шафеъ дид, ки аз худи тахтапушти шинель табаки ошхӯрӣ барин ҷояш сӯхта, афтодааст. Ҷои сӯхтаро дарбех карда бошад ҳам, матои дарбехшуда хело тунук ки буд, дар сармову ГАРМО ва барфу боду борон ҳамон ҷои тахтапушташ гоҳ месӯхт, гоҳ карахт мешуд, гоҳ ба як тарзи тоҚатфарсо хориш мекард.

— Шафеъ, шукр кун, ки ҳамон вакт дар таки шинель худат набудӣ,— гуфта механдид як рафиқаш.

— Ғам нахӯр,— мегуфт дигаре.— Деникинро, ки дошта гирифтем, пӯстини гармашро кашида ба ту медихем, бигузор вай падарсаги ҚАЛТАБОН шинели туро пӯшида, то дами маргаш тахтапушташро хорида гардад.

Он вактҳо ин хел норасоиҳои майда-чуйдаро ба командир гуфтан айб шуморида мешуд. Шафеъ тоҚат мекарду рӯз то рӯз мекохид.

Дар Арзамас ҳам кисмҳоро пурра карданд, тиру туфанг доданд, вале либоси нав набуд. Як бегоҳӣ онҳоро бароварда ба вагонҳои боркаш савор карданд. Эшелон мебоист ба сӯи Саратов мерафт, ки Деникин зарбаи аввалини худро ба ҳамон шаҳр равона карданӣ буд.

Аскарон саросема дар вагонҳо ҷой гирифта, омодаи сафар мешуданд. Дар ҳамин вакт фармон доданд, ки ба майдони пеши истгоҳ бароед, митинг мешавад. Мардум ғур-ғур мекарданд, ки дар ин бевактӣ ва ҳавои рутубатноки нофорам митинг чӣ даркор буд... Бехтараш ду кошукӣ шӯрбои гарм ёфта медоданд, ки хӯрда, ҷонашон хузур мекард. Баъзехо, ки аз хама пеш ба вагон даромада, гӯшаҳои гармтарро ишғол карда буданд, ҳатто аз ҷояшон чунбидан намехостанд.

Аммо баъди муддате овоза шуд:

— Ленин омадааст!

— Ленин гап мезадааст!

Ин хабар гӯё як мавҷи тавоное буд, ки аскаронро

якто намонда, ба майдони пеши истгоҳ бардошта овард. Аммо ҷоеро, ки минбари нотиқ карор дода буданд, қисмҳои дигари дар ин ҷо буда кайҳо иҳота карда гирифта буданд ва ба Шафеъ ва рафиқони ӯ фақат дар гӯшаву канорҳои майдон ҷой монда буд.

Ленин ба он минбар баромада нутқ кард.

Шафеъ аз ин пеш нутки бисьёр командирон, комиссарон, намояндагони аз Петрограду Маскав омадаро шунида буд, ки вазъияти хамонвакта ва вазифаҳои армияро гуфта медоданд. Вале то ба ҳамон рӯз касе дар ҳеҷ чое ба ин возеҳият ва ин қадар ошкоро ва фахмо нагуфтааст, ки ҷавони бекасукӯй мондаи тотор Шафеъ Рабеуллин чор сол дар окопҳои ҷанги империалистӣ чӣ кор мекард. Инқилоби Октябрь ба ӯ чӣ меорад, ба сари мамлакат чӣ рӯзе омадааст ва алҳол чӣ бояд кард.

Дар равшании хираи фонусҳои карасинӣ, ки ба сари ходаҳо устувор карда буданд, симои Ленин дуруст дида намешуд, вале овози буррою қатъияш торикии атрофро бурида, дар сар то сари майдоне ки аҳли он дамашро ба дарун кашида гӯш медод, ҷарангос мезад.

— Мо инқилоб кардем,— мегуфт Ильич,— то ки дуньёро, зиндагониро аз нав созем, ба нафъи аксарияти кулли халқ, ба манфиати омман меҳнаткаш аз нав созем. Мо кореро сар кардем, ки зӯру кӯшиши ғайриинсониро талаб мекунад. Ҳоло ин корро ҳатман, сарфи назар аз ҳаман мушкилиҳои гӯшношунида бояд анҷом дод. Бале, саъю кӯшиш ва зӯри ғайриинсонӣ лозим бошад ҳам, музаффариятҳои инқилоби пролетариро ҳимоя мекунем. Дар ёд дошта бошед, ки мо, коргарон, солдатҳо ва деҳқонони революционии Россия, ба инсонияти роҳи аз банди асорати капитал озод шуданро нишон медиҳем. Гоҳо гуруснаву ташна, гоҳо урьёну барахна мемонем, вале пеш меравем, ба сӯи максади худ устуворона, мардона пеш меравем...

Ҳамин ки Ленин нутқашро тамом кард, аскарон ба шарафи ӯ табрикҳо гуфта, ба кӯчаи ҳамшафат гуселаш карданд.

Аз ҳамон рӯз инчониб Шафеъ Рабеуллин гӯё на сарморо хис мекарду на гарморо. Аз Саратов то Донбасс чандин маротиба дар зери борони аҷал монд,ярадор шуд, ба дарьёҳо ғарқ шуд, дар биёбонҳои беоб бо лаби ташнаву шиками гурусна давид, хазид, афтод ва

бархост — аммо намурд. Гўё сухани Ленин, фармоиши ў тўмори балогардонаш шуда буд ва ўро аз ҳамаи хавфу хатарҳо зиндаву саломат нигоҳ медошт.

* * *

Зокирчон то як поси шаб нишаста, лекцияро навишта тамом кард. Ин лекцияи ғайриоддие буд. Вай аз хотираҳои Максим Горький ва Крупская сар карда, то ёддоштҳои Бонч-Бруевич ва Фотиева порчаҳои ачоиберо аз ҳаёти Ленин дар бар мегирифт ва бо нақли пирамарди нафақагир Шафеъ Рабеуллин ба поён мерасид, бо нақли ҳамон пирамарде, ки дар ошхонаҳои Янги Бозор бештар аз бист сол касби назарногиру хоксоронаи ошпазиро адо кардааст ва бисьёр сокинони райони ўро шахсан мешиносанд.

Пагоҳи Зокирчон лекцияи тартибдодаашро аз рўи таомул ба сардораш хонда дод. Сардори гурўҳи лекторон аввал хушҳолона ва бодиққат гўш дода, дам ба дам «ҳа», «хуб», «хўш» гўён хониши ўро қувват медод. Аммо лекция ба анчомаш наздик расидан гирифта буд, ки қиёфаи ў тиратар гашта, қавоқаш овезон шуд ва худаш интиҳои хонишро бесаброна мунтазир шуда, дар чои нишастааш бекаророна чунбидан гирифт.

— Хўш? Чӣ хел?— бо хавотир пурсид Зокирчон, ки аз тағьири авзои ў ба ташвиш афтода буд.

— Ин мулокот дар кучо шуда будааст?

— Митинг? Дар шахрчаи Арзамас.

— Ҳамон Арзамаси вилояти Горький?

— Бале, ҳамон.

Сардор «ҳм» гуфта, сарашро таънаомезона ба ду тараф чунбонида монд.

— Хайр чӣ шудааст?

— Ленин хеч гоҳ дар Арзамас набуд.

— Хеч гоҳ?

— Яъне соли 1919, ҳамон соле, ки ошпази шумо «дидам» мегўяд, дар Арзамас набуд. Шояд солҳои чавониаш, ки дар Казон мезисту меҳонд, дар сари роҳ аз Арзамас ҳам гузашта бошад. Аммо соли 1919 Ленин аз Москва дур нарафтааст,— ў дақиқае хомўш монда илова намуд:

— Охир, азизам, Зокирчон,— оҳанги гапи сардор акнун навозишкори нешдор гардид,— шумо одами хондаги, таръихи СССР, таърихи партияро камаш се-чор маротиба хондаед. Наход...

— Шафеъ-амак дурӯғ намегӯяд!— қариб дод гуфта фиристод Зокирҷон сухани сардорро бурида. «Ошпази шумо» гуфта писхандомез таъкид кардани ӯ чавонро оташин карда буд.— Вай ин хел одам не,— бо ҳамон қатъият илова намуд Зокирҷон.

— Ором шавед, рафиқ Муҳаббатов,— гуфт сардор.— Ман ба чигунагии Шафеъ-амакатон кор надорам. Факти таърихро ҳам ба инобат гирифтан даркор-дия. Таърихро ман насохтаам-ку! Соли 1919 дар Фронти Шарқӣ Фрунзе буд. Куйбышев буд, дигар ҳамсафони Ленин бо супориши ӯ омада рафтаанд. Вале худи Ленин наомадааст.

Сардор дид, ки Зокирҷон дигар эътироз намекунад, суханашро таъкид кардан гирифт.

— Охир мо дар лекция ба мардум гапи набудаю нашударо гӯем, дар ҳаққи мо чӣ мегӯянд? Як кас ба шумо пардозу обуранг дода: «Марксро соли 1850 дар қишлоқи Душанбе дида будам» гӯяд — бовар кардан мегиред?

— Одамҳое ҳастанд, ки дурӯғ намегӯянд. Ин аз андомашон маппа-маълум,—гуфт Зокирҷон бо сари ҳам, вале дар эътирози ӯ ҳамчунон эътимод ва қатъият ҳис карда мешуд.

— Ин хел мӯйсафедҳо ҳастанд,— гуфт сардор.— Намедонам, аз ин корҳо ғарази онҳо чӣ бошад. Шӯҳрат пайдо кардан мехоҳанд, ё мақсади дигаре доранд — ман намедонам. Аммо, охир, қилро аз ҳамир ҷудо карда тавонистан вазифаи мост...

* * *

Зокирҷон ба як мошини боркаши болокушод савор шуда аз Норак меомад, ки болотар аз наҳри Элак дар марғзори канори роҳ ду пирамардро дид. Яке ҷомаю салла дар тан, дигаре пиджаку шим дар бару тӯпии сиёҳи махмалин дар сар. Зокирҷон онҳоро дарҳол шинохт. Боми кабинкаро тақ-тақ карда, мошинро нигоҳ дошт.

Оре, яке аз мӯйсафедон Шафеъ Рабеуллин ва дигар ҳамсояи ӯ—ҳамон пирамарди тоҷик буд, ки дар шӯъбаи таъминоти ичтимоӣ, ба бадбахтии Зокирҷон, вайро дучор омада, ҷон истикомати ҷӯраашро гуфта буд. Онҳо куттиҳои занбӯри асалашонро ба ин ҷо оварда, дар марғзори доманаи кӯҳ гузошта буданд.

«Хуб шуд, ки хар дуяшро як чо дидам,—мегуфт дар дилаш Зокирчон.— Риши сафед дорем, ҳар чи гўем бовар мекунанд, гуфта, то кай аз дилашон гап бофта мебароранд? Чунон боб кунам, ки худашон «боракалло» гўянд!».

Пирамардон ўро мисли он дафъа хушнудона истиқбол гирифтанд. Баъд мўйсафеди точик «Шафеъ, пирмисро даргирон» гуфта худ чойники тунукаро бардошта, барои об овардан ба тарафи наҳр равон шуд. Шафеъ-амак дархол ба хаймачааш даромада, дастархон бароварда, ба рўи сабза пахн кард ва ба болои он асалу нон, тухми чўшондагию пиёзи кабуд, намак, як бонка чурғот оварда монд. Сонй «хозир меоям, шумо хўрда шинед» гўён ба тарафи хаймачааш рафт.

— Амак, ман ба шумо фақат ду даҳан гап дорам,— гуфта ўро аз роҳ боздоштанй шуд Зокирчон. Вале Шафеъ-амак:

— Ҳозир меоям, додар. Баъд чақ-чақ мекунем,— гуфта ба хайма даромад. Муддате он ҷо ҷунбуҷўл карда, примусро даргиронд, баъд даст шуста, ба табақчае аз ҳамон асали шифобахши мумдораш ҳам гирифта омад; аз ҳамон асале ки занбўри асалпарварон одатан ба пеши меҳмони мўътабарашон меоранд.

— Хўш, ана акнун гап занед,— гуфт мўйсафед. Лекин шасти Зокирчон дигар паст шуда буд. Вай ба чеҳраи беғашу нуронй, ба чашмони орому мусаффои ў нигоҳ карда, нияташро ба ёд оварда, худ ба худ изо кашид. Шояд писари бефаросоте аз падари худ нохак хиёнатеро гумонбар шуда, баъди хатои худро пай бурдан ҳамин гуна хичолат мекашида бошад.

Шафеъ-амак чун дид, ки ҷавон гапро сар намекунад, худаш савол дод:

— Корҳотон чй тавр?

— Бад не. Лекин... мебахшед, ота, ҳамон нақли шуморо истифода карда натавонистем. Сардор мегўяд, ки... дар китобҳо навиштагй, ки... Ленин ба шаҳри Арзамас наомадааст.

— Наомадааст? Чй хел наомада будааст?— гўё аз хоб бедор шуда бошад, яккад парида пурсид Шафеъ-амак.

— Наомадаасту вассалом.

Хомўшии гароне ба миён омад. Шафеъ-амак бонкаи чурғотдорро ба даст гирифта, як култ аз чурғоти он

хўрда буд. Бонка дар дасташ муаллақ монд. Дасташ меларзид. Ҷуссааш ба пеш, ба болои дастархон хам шуду гўё дар назари Зокирҷон, дар хамон ҷои нишастааш лаҳза ба лаҳза ғунча шудан гирифт.

Як қатраи калони ҷурғот, ки ба мўйлабаш расида буд, охиста шорида ба ришаш фаромад ва аз он ҷо ба катрахои майда-майда таксим шуда, ба рўи зонуяш рехтан гирифт.

Зокирҷон ин қадар сахт расидани сухани худро чашм надошт. «Чи коре буд, ки кардам,— мегуфт акнун дар дилаш.— Аҷаб кори бемаъни шуд...»

Вай ягон чизи таскиндиҳанда гуфтанї шуда, боз ба рўи мўйсафед нигоҳ кард ва дар чашмони ў ду қатра ашкро дида гапаш дар даҳонаш монд. Зокирҷон ҷавон бошад хам, медонист, ки дар чашми одами пир, дар дидаи пири хафтодсола бехудаву бахуда ашк пайдо намешавад.

Пирамард бонкаро як сў монда, аз ҷояш бархост, ба дастархон пушт гардонда, чанд сония дар хамон холат рост истод. Баъд охиста-охиста, поҳояшро гўё базўр кашола карда, ба тарафи нахр рафтан гирифт.

Ду чўра, ду мўйсафед дар нисфи рох ба хам вохўрданд, дакиқае ба хамдигар ким-чихо гуфта гап заданд. Баъд Шафеъ-амак дар хамон ҷо ба замин нишасту пирамарди тоҷик гашташро тезонида, оби чойники яктарафашударо резонида-резонида омадан гирифт.

Ба хаймача расида, чойники қариб холишударо ба замин гузошт, примусро хомўш кард ва баъди хамин ба назди лекторе ки аз ин вокеа хушаш канда, дар сари дастархон рост меистод, омада, дар муқобилаш қарор гирифт ва гуфт:

— Ба сардоратон рафта гўед, ки пасарам,— овози ў дар ҳангоми талаффуз кардани калимаи «писарам» ларзида рафт,— рафта гўед, ки Шафеъ Рабеуллин аз худаш гап набофтааст, вай Ленинро бо чашми худаш дидааст. Гўед, ки хамсояаш ба номи худоитаоло, ба сари чор фарзанди азизаш қасам мехўрад, ки Шафеъ Рабеуллин дурўғ нагуфтаасту намегўяд. Боз гўед, ки Шафеъ ду писари баркамолашро дар ҷанги Гирмон аз даст дода ҳоматашро аз бори ғусса акнун камтар озод карда буд. Лекин як лектор бо амри сардораш омадааасту бачаҳои ўро дубора куштааст, гўед. Ҳамту гўед, писарам!

Овози пирамард боз як бор сахт ларзид. Вай га-

пашро гуфта тамом карду рафта чойники холиашро аз замин бардошт ва лангон-лангон ба тарафи наҳр равон шуд.

* * *

Рӯзи дигар ба райком зани Шафеъ-амак, ҳамон пиразани мисли шавҳараш меҳмондӯсти чехракушод омад. Салом дода ба кабинети лекторон даромад ва ба Зокирҷон наздик шуда, як варақ коғази чорқат кардашудаи канорҳояш хӯрдашуда ва аз чирки кисаву мурури замон тирараниг гаштаро ба рӯи мизи ӯ гузошт.

— Шафеъ гуфт, ки ҳамин коғазро хонда бинед.

Зокирҷон коғазро яла карда хонд. Ин нусхаи фармони фармондеҳи армияи 4-уми Фронти Шарқӣ Михаил Васильевич Фрунзе аз таъриҳи 6 ноябри соли 1919 буд. Ба гвардиячии сурх Шафеъ Рабеуллин (якинан дар қатори дигар ҳамсафонаш) барои хизмати хуб дар сафҳои гвардияи сурхи революционии коргару деҳқон, барои шуҷоат ва диловарӣ нишон доданаш дар ҷангҳои зидди гвардияи сафед ва дигар душманони синфӣ миннатдорӣ баён карда мешуд.

— Хонда шудед?— гуфт пиразан ва ба ҷавоби Зокирҷон мунтазир нашуда, коғазро аз дасти ӯ гирифту ба бағалкисааш андохта, дигар чизе нагуфта бадар рафт.

* * *

Ин воқеа ду сол муқаддам шуда буд. Шафеъ-амак ва ҷӯрааш ҳоло зинда ва саломатанд. Онҳо ҳар сол баҳорон қуттиҳои занбӯрашонро ба мошине бор карда ё ба он сӯи наҳри Элак ё болотар аз Файзобод дар рохи Обигарм ба маргзоре бурда асал ҷамъ мекунанд. Шабҳо болои қуттиҳои занбӯрашонро пӯшида, худашон дар хаймачаи танг як бистар андохта, тани пиронаашонро ба нафаси якдигар гарм карда мехобанд. Гузоратон ба ҳамон тарафҳо афтад, онҳоро албатта мебинед. Агар ҳавсала карда, ба наздашон меҳмон шавед, аз асали мумдор зиёфат мекунанд, аз ҳамон асале ки хунро тоза мекунаду ба ибораи Шафеъ-амак, «асабҳоро сайқал медиҳад».

Зокирҷон Муҳаббатов бошад, ҳамчунон лектор аст. Лекин акнун худаш сардори гурӯҳи лекторон. Вай ҳам

ҳар сол дар рӯзҳои ленинӣ нақли Шафеъ-амакро ба лекцияи худ ҳамроҳ карда мехонад. Вақте ҳам, ки дар таки дасти сардори собиқаш кор мекард, ҳикояи Шафеъ-амакро дар бораи Ленин ба колхозчиҳо, коргарҳо, хизматчиҳо ва талабаҳо айнан гуфта медод. Ба ҷуз як калима — калимаи «Арзамас».

Бигузор, мегӯяд Зокирчон, мардум гумон кунанд, ки Шафеъ-амак Ленинро дар Саратов дидааст, ё дар Казон, ё дар Челябинск, ё дар Нижний Новгород, ё дар худи ҳамон Арзамас...

Бигузор аз лекция чиниҳо хулоса барояд, ки Ленин як нафар набуд, даҳ нафар, сад нафар, ҳазор нафар буд ва дар ҳама ҷо буд. Бигузор!

С. 1960

РӮЗИ ДАФНИ УСТО ОҚИЛ

«Ё тавба! Ин қадар сангдиланд мардум. Аз ягон бандаи шӯрбахт гуноҳе сар заниаду аз байн муддате гузарад, ҳатто қонун, қонуни давлат гузашт мекунад. Ҳукумат ҳам ҳар сари чанд гоҳ ба гунаҳгорон афви умум эълон мекунад. Аммо одамизод — не, намебахшидааст. Беақлӣ карда, ба оши касе намак пошида бошед, сад сол гузарад, устухонатон хоку туроб шуда равад, ки абераатонро аз дур бо ангушт нишон дода меӯянд: «Нигаред, нигаред, оши бобои фалониро бобокалони ана ҳамин бача шӯр карда буд...»

Абдурауф-амак бари чомаашро қаҳромез афшонида аз ҷо хесту чанд бор бо овози баланд «Тавба! Астағфирулло!» гуфта монд. Баъд ба ин сӯ-он сӯи кӯча назар афканд, ки оё касе намеояд?

Не, касе наменамонд. Шибир-шибир борон меборид. Акнун дигар одам намеомадагист. Вақт хеле шуд, ҷаноза хонанд ҳам мешавад.

Аз афти кор, Усто Оқилро аз сидқи дил дуои бад карда будаанд, ки дар рӯзи мурдааш борон борад. Се рӯз боз дам нагирифта меборадуу меборад. Берун аз роҳу пайраҳаи шиббашуда пой монед, то соки маҳсӣ меғутед.

Дина бегоҳӣ камтар барф омаду боз номаълум ба борон гашт. Барф дурусттар меборидуу кӯрпа мешуд, бехтар буд. Дар ин замини ҳамир барин нарм барои бардошта ба сари пушта баровардани тобути гарон ва ҷасади дарози рахматӣ ақаллан бисту панҷ бӯзбалаи хузарб даркор. Аммо ҷамъулҷамъ бист кас омадааст, ки аз нисф зиёдаш мисли Абдурауф-амак одамонеанд, ки синнусолашон ба як ҷо расидааст. Онҳо то сари кабр худашонро кашола карда расонанд ҳам, хуб гап.

Ба наомадани мардум борон баҳона не-куя. Ростдия... Замона ки тинҷ, арзонӣ-амонист, одамон ба тӯй намераванду ба ҷаноза ҳозир мешаванд. Аз осмон санг борад ҳам, ба ҷаноза метозанд. Ҳа, гап дар феъли хӯи марҳум. Худо раҳмат кунад, устои гулдаст буд, лекин ҳунарашро ҳамроҳ ба гӯраш мебарад. Ба ҷояш ақаллан яктаяк шогирд тайёр накард-е, ноасл!..

Аввалҳо ҳамқишлокиҳо дар баъзе мавриду маъракаҳо аз Усто Окил сухан сар карда, дар ҳаққаш гилаомез гап мезаданд. Аммо сонитар, рафта-рафта сахт гап мезадагӣ ва дар охири умраш ҳатто ба рӯяш давида, маломат мекардагӣ шуданд. Гилаи мардум ҷон дошт. Диданд, ки синни усто аз шаст гузашт, аммо аз ҷонишинаш ҳоло ҳам дарак не, дилашон хунук шуд, ҳатто ҳамон эҳтироме, ки ба ҳунараш доштанд, кам-кам аз байн рафтан гирифт.

Болои сӯхта намакоб, аввали зимистон вокеае рӯй дод, ки баъди он муносибати мардум ба Усто Окил тамом вайрон шуд. Як рӯз радиои колхоз эълон кард, ки аз марказ олими зӯр омадааст, дар бораи ахлоқу одоб, одату анъанаҳои наву кӯҳнаи халқамон сӯҳбат мекардааст. Яъне ки хоҳишмандон ба клуб шитобанд. Абдурауф-амак нарафт. Вай чанд маротиба лекцияҳои дилбазаии хобоварро шунида, аз ин хел сӯҳбатҳо ҷимоб шуда буд. Рост-дия, хонаи гармро монда, ба умед кашон-кашон меравӣ, аммо ба ту аз пайдоиши доғҳои рӯи моҳ ё касалиҳои касношунида, ё аз ягон чизи дигаре, ки ба зиндагонии имрӯза ҳеҷ дахле надорад, пӯлабой-шӯлабой гуфта чорта мелаққанду бо ҳамин тамом, омин оллоҳ акбар, ба диққататон рахмат боз биёед...

Абдурауф-амак нарафт. Лекин писараш Нодирҷон бевакти шаб аз идора баргашта, сӯҳбати оншабаро расо таъриф кард. Одами омадагӣ аввал ин ки бисьёр суханони тозаи ғалатӣ гуфтааст. Сонӣ ин ки дар фуроварди сӯҳбат аз саҳна ба поён, ба миёни мардум омада, гуфтааст, ки акнун сӯҳбати ҳақиқӣ мекунем, яъне ки ҳар кас савол дошта бошад, ба мобайн партояд. Яке аз никоҳу талоқ савол додааст, дигаре ба ҳимояи кадом як оини кадимӣ баромада, бо меҳмон бахс карда рафтааст. Лекин кори аз ҳама ачибро Қӯчқорбой кардааст.

Дар қишлоқи Хисорак ба ҳамин ном як одами махмадонамо хаст. Худаш мардаки бад нею андак шартакигӯй. Ҳамин Қӯчқорбой хестаасту гуфтааст, ки одобу анъанаҳои кидимии халқамон ҳунармандеро, ки ба чояш шогирд тайёр накардааст, маҳкум мекард. Хатто мешавад гуфт, ки радди маърака мекард. Хӯш,— савол додааст Кӯчқорбой,— қоидаҳои нав ба ин гуна шахс чӣ хел нигоҳ мекунанд?

Меҳмон ҷавоб додааст, ки ахлоқу анъанаҳои нав

ин хел хунармандонро аз пештара дида, сахттар мазаммат мекунанд. Баъд меҳмон мисолҳо, далелҳо оварда, аз хусуси қарзи ҳар як инсон дар пеши ҷамоат гап задааст ва дар ҳаққи мардум қариб як гуноҳи азим будани ин хел кирдорро таъкид кардааст.

Усто Оқил аз сар то охири сӯхбат дар ҳамон ҷо будааст. Нодирҷон ҳикоят мекард, ки ҳамин ки сухан ба ин ҷо расидааст, Усто курсии нишастаашро тақаррос зананда хеста, бо шаст аз дар баромада рафтааст...

Дили рахмгин — пайваста ғамгин, гуфтаанд. Кӯтоҳӣ аз худорахмати Усто Оқил гузаштаасту динашаб инчониб Абдурауф-амак ғам меҳӯрад. Вай гоҳ мардумро ба сангдилӣ айбдор мекунад ва симои ҳамсояаш Усто Оқил дарҳол пеши назараш ҳамчун як шахси ноҳаق тахқирдида ҷилвагар мешавад. Гоҳ ба андешае меояд, ки миш-миши мардум ҳам, охир, бесабаб нест. Дар як колхози каппа-калон, ки чанд деҳаи дуру наздикро муттаҳид мекунад, устои дуредгар набошад, мушкил-дия. Шароити шаҳр мешуд, масъала дигар буд. Дар як маҳаллаи шаҳр усто набошад, ё фарз кардем, бошаду пӯлабой-шӯлабой гуфта, нозу нузро аз ҳад гузаронад, тозон ба маҳаллаи дигар меравед ва устои дигарро меоред. Яъне ки сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре. Қолхоз ҳам илоҷашро як навъ карда меёбад. Иморатҳои колхоз ҳамагӣ калон-калонанд. Бо ягон ташкилоти бинокори районӣ ё шаҳрӣ шартнома мебандад, аз он ҷо ҳа нагуфта, мошин-мошин устою халифаю шогирд бо асбобу анҷомашон меоянду тақар-туқур корро сар мекунанд. Ним сол нагузашта мебинед, ки, масалан гирем, як молхонаи олампаноҳ сохтаанд. Ҳа, молхонае, ки аз ин канор то он канораш пиёда равед, шалпар мешавед...

— Дада, биёед, шуморо фарьёд мекунанд.

Овози Нодирҷон риштаи хаёлоти падарашро қатъ намуд. Пеш аз даромадан ба ҳавлӣ Абдурауф-амак бори дигар ба ин сӯву он сӯи кӯчаи пурлой ва кӯлмакзор назар афканд. Не, дигар ҳеҷ кас намеояд. Аз ин зиёд мунтазир шудан фоида надорад.

Ҷаноза хонда шуд.

Тобутро бардошта, аз дарвоза баромаданд. Занҳои дар хона буда навҳаю фиғонкунон ба рӯи ҳавлӣ ва аз он ҷо то ба таки дарвоза омаданд.

— Оҳ, мана танҳо монда, куҷо меравед, хонадонам?

Вох мани ғариба ба кй партофта меравед, сохибаки сарам?— гуфта навҳа мекард зани Усто Оқил.

Абдурауф-амак ду-се катра ашки ба очингҳои рӯяш таровида фаромадаро бо пушти дасташ пок карда, гашти худро тезтар намуд, то ки ба пеши тобут расида гирад. Ӯ дар ин гуна мавридҳо борҳо ба маъракa сардорй кардааст. Ҳоло ҳам мехост, ки пештар гузашта мисли ҳарвақта: «Ҳа, шаҳбозҳо, канй як ғайрат кунед!»— гуфта ҷавонони тобуткашро шитоб кунонад. Аз рӯи кадом як фатвое ё қоидае ба роҳи вопасин ҳар чи зудтар, сабуктар бурдани бандаи мӯъмин савоб ҳисоб меёфтааст. Лекин Абдурауф-амак бо азоб қадам мондани одамонро дида, чизе нагуфт. Ва он фатво низ дар ин дақиқа ба назари ӯ беҳоя ва бемаъной намуд ва пирамард дар дилаш истеҳзоомез ҳандида монд.

Бечора Усто Оқил... Аз фарзанд худо нафармуда будааст: якта писар дошт, ҳамон ҳам ба сари хокаш расида нагавонист. Хайр, дар зиндагии Усто ҳам падару писар ба якдигар чандон меҳру оқибат надоштанд. Як вақтҳо писар мактаби олиро тамом карда, аз ҳамон чо як духтари кушодарӯи шаҳриро зан карда омада буд. Чанд сол қаҳрй шуда гаштанд. Фақат ду соли охир оштй буданд. Писар дар кадом кон инженер шуда кор мекунад. Соле чанд бор дар таки дари Усто Оқил мошини боркаши болояш брезентпӯш пайдо мегардид. Ҳамсояҳо аз ҳамон мошин пай мебурданд, ки писари усто ба назди падару модараш ба меҳмонй омадааст.

Хайрият, дина Нодирҷон ба фермаи дурдасташ нарафта будааст. Пагоҳй зани усто бо доду фиғон якта ҷомаю миёнбанди навро бароварда, ба Нодирҷон дод ва илтимос кард, ки онро пӯшида, ба ҷои ҷӯрааш пешо-пеши тобут равад.

— Хайр, холаҷон, ман аздусар пешо-пеши тобути амакам меравам,— гуфт Нодирҷон.— Лекин ҷомаро дароварда монед. Худам ҷомаву миёнбанд дорам.

Зани усто бошад, бо тамоми овоз фарьёдкунон мегирист.

— Дар ҳамин рӯзи сиёҳам мана боз хафа накун, писарҷонам,— гирьяомез мегуфт зани шӯрбахт.

Ҳоло Нодирҷон пешо-пеши издиҳом пайроҳаи васеъ ва камлойтарро интихоб карда, ба сӯи қабристон роҳ мекушод.

Чӣ шуд? Чӣ воқеа?

Зор монад ин борон! Таки осмон расо сӯрох шуда будааст-дия. Яке аз тобуткашон лаҳжида ба лой афтод ва дигарон дар роҳи нишеби ноҳамвор ба вазъияти ноустувор монда, тобутро ба замин гузоштанд. Астағфурулло! Рӯзи дафни Раиси тасмапеч ҳам тобут дар ними роҳ ба замин монда буд. Лекин вай, раҳаш ба худаш, чудо одами ганда буд. Ду соли аввали ҷанг, ки Раиси тасмапеч ба колхоз раис буд, ба сари халқ он қадар зулму тааддӣ кардааст, ки ҳокими золим он қадар намекард. Аммо мардум, ки ба фикри ҷанг, ба фикри ҷону ҷигар ва ёру бародари ба фронт рафтаашон буданд, ба чигунагии раис аҳамият намедоданд. Гӯё мегуфтанд, ки садқаи сар, раис ҳар номаъқулӣ кунад ҳам, план буд шавад, аскарҳо ғалаба кунанд, душман несту нобуд шавад — шуд. Ба дигараш тоқат кардан мумкин. Бе ин ҳам ба ҳамин қадар машаққат тоб оварда гаштаем.

Рост, ки якта-нимта одамони хату саводашон бурротар ба калонҳои район ариза фиристода, аз кирдорҳои раис маълумот додаанд. Аммо калонҳои онвақта ё аз серкорӣ ё аз бепарвой ба ин масъала эътибор надодаанд. Раиси тасмапеч айшу нӯшашро давом медодааст, колхозчиҳои ситорааш рост наомадаро дар рӯзи равшан ҳамчинкорӣ мекардааст.

Он солҳо Абдурауф-амак дар фронт буд, лекин аз мазмуни мактубҳо пай мебурд, ки нафаси шуми ҳаҳтӣ ва ҳиматӣ ба деҳот ҳам расидааст.

Шабе аз шабҳои баҳори дуюми ҷанг Фотима ном ҷавонзан аз хонаи раис садои донраву думбак ва ҳаҳҳаи меҳмонони шикамсерро шунида меояд. Ҷавонзани соддаи мусибатзада, ки чанд ҳафта пеш аз ин ҳати сиёҳи шавҳарашро гирифта, буду-шуди хонадонашро ба маросими азокушоён сарф карда буд, он шаб дар як даст кӯдаки лоғар, дар дасти дигар косаи чинӣ аз дарвозаи ҳамсояи давлатманд дохил шудааст, ки як каф орд ё якта нон ҳарз бигирад.

Зани раис арзи Фотимаро шунида, косаро гирифта ба мадонаш медарояд. Ин вақт аз меҳмонхонаи сездаҳболори раис садои ҳофизе шунида мешудааст. Ба сутуни айвон нисфи танаи гӯсфанди ба тозагӣ кушташуда овезон будааст. Дар онсӯтар дар деги калоне кабоб мечӯшидааст. Ногоҳ раис аз хона баромада, назараш

ба Фотима меафтад, ки дар пеши дарвоза мунтазир менстодааст.

— Ҳа, ба чӣ омадӣ?

— Ба назди апаам... Ним коса орд қарз гирам...

— Орд?— калавида такрор мекунад раис.— Худам маъқул нею ордам ширин-мӣ? А? Фалонамро бурида дихам, бо бачаат намехӯрӣ?

Чашми ҷавонзан сиёҳ меравад. Ӯ навъе карда кӯдаки гирьёнро охиста ба замин мемонад ва худи ҳамон лаҳза мадҳуш шуда, гумбурросзанон дар паҳлуи кӯдакаш меафтад.

Сагро аҷал ояд, дар мехроби масҷид мемезад. Пагохии дигар, ҳанӯз офтоб сар назада, мардуми қишлоқ дар таки дари раис ҷамъ мешаванд. Яке пештар баромада, дарвозаро мекӯбад. Пас аз соате раис мебарояд. Вай дар ҳақиқат зоти ғалатӣ будааст. Бӯи фронт ё хатто хизмати оддии аскариро аз дур нашамида бошад ҳам, аз чӣ сабабе доимо либоси афсарӣ пӯшида, аз болои он чаппаву роста ва болои ҳам тасмаҳои бисьёре баста мегаштааст.

Дақиқае раис ба издиҳоми ҷамъомада ва издиҳом ба чашмони сурхи мастонаи раис менигаранд. Раис гӯё ҳеҷ коре накарда бошад, дасти қамчиндорашро дар ҳаво алвонҷ дода, акнун ба гап даромаданӣ мешавад. Вале ду-се нафар ҷавононе ки аз ҷанг якпою якдаста шуда баргашта буданд, пештар баромада, бе он ки ягон ҳарфе бигӯянд, раисро аз по дарафтонида, бо тасмаҳои шакарросиаш даступо мебанданд. Баъд чуссаи ӯро ба аробаи чорчарха бор карда, ба район мебаранд.

Раиси тасмапеч баъди хашт сол ба қишлоқ баргашт. Рангаш мисли заъфарон, дар чашмонаш осори нур намонда буд. Нотоб омаду муддате бапою гаҳе рӯи ҷо хобида, охир аз олам гузашт. Лекин ба ҷанозааш касе наомад. Ходими маҳалла, мулло имом, пойкор аз субҳ то шом давида, коре карда натавонистанд. Ба мурдааш, раҳаш ба худаш, як фарзанди инсон наомад.

Шабона парторги колхоз аъзоёни партия ва комсомолро ба идора даъват карда гуфт:

— Се сол боз худи шумо маро ба ташкилоти партиявӣ сардор интихоб мекунед. Ба хотири ҳамин эҳтиром ва эътимодатон ба шумо ҳамчун котиби ташкилот як супориш медиҳам: ҷасади он шахсро (котиб Раиси

тасмапечро хатто ном нагирифт) пагоҳ то пешин ба хок месупоред. Хам супориш, хам илтимос, хаман гапи ман хамин...

Ё навзанбиллоҳ, тавба кардам, худоё!— бо нимовоз худ ба худ гуфт Абдурауф-амак ва аз роҳ монда гиребонашро гирифт. Ӯ хиҷолатомез фикр мекард, ки чаро дар соати дафни хамсояи наздиктаринаш воқеаи Раиси тасмапечро ба ёд овардааст? Охир он зоти ба ғазаби мардум гирифторшуда ба раҳмати Усто Оқил чӣ шабоҳате дорад?.. Фақат соате пеш аз ин Абдурауф-амак сангдилии мардумро сарзаниш мекард, акнун Усто Оқилро гӯё бо он шахси рохгумзада муқоиса мекунад. «Дӯстам, хамсоям Усто Оқил, маро бубахш, пичиррос мезад ӯ зери лаб, аз гуноҳам гузар. Хотири туро харгиз ранҷонидани набудам. Аз гуноҳам гузар».

...Қисми душвортарини роҳи кабристон сар шуд. Пайраха борик ва серпечутоб буд. Ҷавонони тобутбардорро касе шитоб намекунонид. Ҳоло хашт нафари онҳо чаҳоркасӣ аз ду паҳлуи тобут гирифта, якта-якта, гӯё шумурда қадам мегузоштанд, онҳое ки дар тарафи чап буданд, барои мувозанат тобутро дар болои сар, ба рӯи дастҳои дарозкардаи худ бардошта мебурданд.

— Эхтиёт шуда, ҷойҳотона иваз кунед,— дам ба дам маслиҳат медод яке аз мӯйсафедон, ки аз пас меомаданд.

Абдурауф-амак калӯши дар лои сақичаҳ чандин бор аз пой баромадааш акнун ба даст бардошта, маҳсии навашро то буҷулаки пой ба лой ғӯтонида меомад. Баъзе пирамардон хеле кафо монда буданд ва бо зӯр нафаскашон, даст ба зонуҳо монда ва ба ин тариқа ба пойҳои бемадоршудаашон кӯмаккунон меомаданд.

Ҳа, воқеаи, чаро ба ёди Абдурауф-амак дар чунин як соат каси дигар ё ҳодисаи дигар нею маҳз Раиси тасмапеч расид?

Аз афташ, нақши озоре ки ба одам расидааст, аз хотираш пок шавад ҳам, аз дилаш намеравад. Пас осори он воқеае ки ёздаҳ сол қабл аз ин шуда гузашта буд, ҳанӯз дар ким-кадом гӯшаи қалби пирамард зиндааст.

Усто Оқил мехост, ки хунари худро ба писараш мерос гузорад. Бисьёр кор нафармояд ҳам, кӯшиш мекард, ки писараш ба қадри имкон бештар дар корго-

ҳаш бошад, ба амали падар зеҳн монад ва ба касби вай меҳр пайдо кунад. Аммо «дили модар ба фарзанд, дили фарзанд ба фарсанг» гуфтани макол барин, писари усто дами холиро ки ёфт, ба пеши мошину тракторҳои колхоз давида мерафт. Бисьёр мешуд, ки ҳамсояҳо ин писараки кунҷкови нооромро дар бинои партови истгоҳи барқ медиданд. Вай ба он бино аз чорчӯбаҳои оинааш шикастаи тиреза даромада, дар байни тасмаҳои даридан ҷанголуд, динамо-мошинҳои занг пахшкарда муддатҳои дароз хаёломез мегашт, ба чарҳҳои калони дастгоҳи ҳаракатдиҳанда часпида, дасту рӯи худро ба равғани сиёҳ олуда мебаромад.

Нодирҷон бошад, баръакс шефтаи хунари Усто Оқил буд. Агар модараш барои чизе ба хонаи ҳамсояҳо фиристад, камаш як соат ғоиб шуда мерафт. То модар аз сари девор гаштаву баргашта фарьёд накунад, аз пеши Усто амакаш дур намешуд. Дар хона ҳам аз кӯҷое бошад, рандаву теша, арраву исканаҳои гуногуни кӯҳна, вале нағз тез кардашуда пайдо мегардиданд. Нодирҷон барои укаҳояш ва бачаҳои гирдупеш курсичаҳо, аспчаҳо, сепояҳои чархдоре сохта медод, ки кӯдакони нав ба роҳ даромада онро дошта қадаммониро машқ мекунанд.

Боре Абдурауф-амак аз боғи худ як лаълӣ гелоси сиёҳи саврӣ чинонида, ба хавлии Усто Оқил гузашт ва дар зимни сӯҳбат хоҳиши деринаи худро арз кард, ки Нодирҷонро ҳамсояаш ба шогирдӣ бигирад.

— Бача ба касби шумо дил бастааст. Ба хаёлам шабҳо дар хобаш ҳам тақар-тукур чӯбкорӣ мекунад,— гуфт Абдурауф-амак бо оҳанги илтиҷоомез.

Усто Оқил дарҳол ҷавоб надод. Муддате риши ғуллии сиёҳашро қабза карда ба хаёл рафт. Пас теғаи бинии паҳни кӯтоҳ ва чинҳои пешониашро молиш дода, гуфт:

— Майлатон. Лекин саросема нашавед. Ба таътил барояд, соӣ.

Тобистон Нодирҷон тақрибан як мох ба Усто шогирд истод. Як бегоҳӣ Абдурауф-амак Нодирҷонро дар хона надида аз модараш пурсид.

— Дар хонаи тағояш. Меомадагист,— ҷавоб дод занаш бо абрувони гирифта.

— Чаро «меомадагист» мегӯӣ? Барои чӣ аз қавокат барфу борон меборад? Е алҳазар!— шӯрида рафт Абдурауф-амак.

Он гоҳ занаш ходисаи он рӯз рӯйдодаро нақл кард. Усто пешинӣ бист дона тухми мурғро ба рӯймоле баста, ба дасти Нодирчон додааст, ки ба Ҳисорак, ба хонаи фалонӣ рафта, ба тухми мурғҳои вай иваз карда биёрад. Усто мехостааст, ки ба мурғи дер куркшудааш аз тухмҳои асил чӯча хобонад.

Нодирчон бист дона тухми муқаррариро ба понздаҳта калон-калонаш иваз карда омадааст. Хосияти тухмҳои нав ин будааст, ки хурӯси селаи мурғоне ки он тухмҳоро ба дунёё овардаанд, аз зоти хурӯсҳои кулангӣ будааст. Бинобар ин аз чӯчаҳои он тухм мурғҳои калон-калон ба воя мерасидаанд ва минбаъд ҳамин гуна тухмҳои кулангӣ мезоидаанд.

Шогирд тухмҳоро то ба ҳавлии устод саломат расонида, дар рӯи ҳавлӣ ба чизе пешпо хӯрда афтодааст. Тухмҳои таъриф якта намонда шикастаанд. Зани усто ин ҳолро дида: «Эҳ, нӯнок, эҳ бачаяки нобарорі» гуфта коҳиш кардааст, аммо вачоҳати Нодирчонро дида, дилаш сӯхта дилдорӣ додааст. Дар ин вакт Усто Оқил аз хона баромада, аз воқеа огоҳ шудааст ва бачаро дашном дода, пеш кардааст.

— Дафъ шав, касофат! Дую дубора башараат ба назарам натобад,— гуфтааст Усто Оқил дар сари хашм.

Абдурауф-амак дар дунёи равшан то он рӯз як кам панҷоҳ сол умр дида бошад хам, фарқи байни тухми оддию кулангиро намедонист. Вай умуман ба мурғу мурғпарварӣ ҳавас надошт. Дар ҳавлие ки мурғ ҳаст, як вачаб замини ҳалол нест, аз «дасти» мурғ ҳеч чиз кошта, рӯёнда намешавад,— мегуфт ӯ бо нафрат рӯ турш карда.

Бо вучуди ин аз кучоҳо як сабадча тухм ёфта, ба кадом як деҳаи дурдасте рафта, ба тухми мурғҳои хурӯсаш кулангӣ иваз карда омад.

Ҳамон тобистон ҳавлии Усто Оқил аз чӯчаҳои кулангӣ пур шуд, аммо Нодирчон дигар ба назди Усто амакаш нарафт.

Ҷавонони тобуткаш хаста шуда, пои худро базӯр кашола мекарданд.

— Ҳа, писарҳоям, канӣ боз як зӯр занед, ҳа, шаҳбозҳо-я! — хитоб кард ба онҳо Абдурауф-амак. Ва ҷавонон гӯё дар ҳакикат мадори тоза пайдо карда, гашти пурмашаккати худро андаке тезониданд.

То сари пушта акнун фақат чорьяки рох монда буд. Абдурауф-амак ба поён, ба сўи деҳа нигарист. Аз паси тўри маҳине, ки борони дилбазан мебофт, деҳа ба назари ў ким-чи гуна ҳақиру ҳузнангез метофт.

Не, аз дил гузаронид Абдурауф-амак. Дар ин музофот қишлоқи мо барин қишлоқи зебо нест. Ҳозир ба чашмам ҳамин тавр бенур менамояд, чунки азо, ҳаво ин хел вайрон...

Лекин аксари иморатҳои зебои қишлоқ маҳсули ҳунари ҳамин ҳудорахматӣ, боз ба ҳамон ҳулосаи аввалааш омад Абдурауф-амак. Ин хел устои ҳунарманд дар сад сол ё як бор ба дунёё меояд ё не. Бинои Совети қишлоқ, китобхонаи колхоз, ҳавлии Абдурахмонакаи ҳосилотшўро (як вақтҳо ҳамин хел як унвон буд дар колхоз), айвони ҳуди мархум, ё дигар биноҳои сохтаи ўро тамошо кунед, ҳангатон меканад. Худаш чаласавод бошад ҳам, илми мувозанат, илми нафосатро об карда хўрда буд мархум.

Ба колхоз меҳмон ояд, албатта бурда китобхонаро нишон медиҳанд. Чор тарафаш тирезакорӣ. Аз субҳ то шом, ҳатто дар ҳавои абрнок ҳам пур аз нуру сафо. Қандакорихо ва нақшунигори берангубори сақфу раф ва тирезаю пештахтаҳояшро бинед, ҳуш аз саратон мепарад. Ҳар кас ба он ҷо дарояд, қатор-қатор китобҳои ҳушрўи олиҷаноб як сў мемонаду ба тамошои он ҳонаи аҷиб, он мўъҷиза банд мешавад. Гўё раис дар кўчое гуфта бошад, ки китобхонаро аз он ҷо кўчонидан даркор. Ҳусни онҳо ҳуши одами барои китобхонӣ омадаро парешон мекунад.

Е равоқи назди идораро рафта бинед, ки дар болояш номи колхозро навишта мондаанд. Устo Оқил онро аз пайванди чўби арчаи бисьёре сохта буд, чунки барои ин хел равоқи баланд чўби яклухти маҳкамро аз кучо меёбед? Равоқ дар зери боду борону офтоби сўзон дувоздаҳ сол боз истодааст, лекин ҳозир ҳам бо пурбин ковед, ягонта ҷои васлшудаи онро ёфта наметавонед.

Абдурауф-амак пеш аз ҷанг ба Бухоро рафта буд. Дўстонаш шаҳрро тамошо дода, ба зиёрати мақбараи Исмоили Сомонӣ бурда буданд. Мақбара нақшунигори бисьёре надошт ва аз рангубор тамом озод буд. Фақат аз хиштҳои оддии хумдонӣ сохта шуда буд. Аммо дар атрофаш як рўз давр занед ҳам, аз ҳуснаш сер намешавед. Равоқи арчагии Устo Оқил ҳам ҳамин хел ҷозибаи асроромез дорад.

Зор монад, қабр ханӯз тайёр нашудааст.

Чои хамвортаре ёфта, тобутро бо нардбонаш ба замин гузоштанд. Аз хастагӣ хама мехост ба замин нишинад, аммо як порча чои нишастанбоб набуд.

Борон хамчунон майда-махин меборид. Баъзе эхтиёткорон бо худ нимчувола ё карсе овардаанд ва холо сарашонро аз борон пӯшонида меистоданд. Мулло имом чатри сурхи гулдори тобистонаро ба сараш дошта, диккак нишастааст. Духтари ӯ дар мактаби Хисорак муаллима аст. Эхтимол, чатр азони вай бошад. Астағфурулло, дар рӯзи мотам хам, албатта ягон чиз ёфт мешавад, ки хандаи одамро меоварад.

Абдурауф-амак ба сари кабр омада, ба поён нигарист, то бубинад, ки холо боз чи кадар кор боқӣ мондааст.

— Ин мардак танхо будааст-дия,— ба пойкор рӯй оварда гуфт Абдурауф-амак.— Барои хамин то холо кабр тайёр не.— Баъд гӯё касеро мечӯста бошад, дар чои истодааш давр зада, атрофиёнро аз назар гузаронид ва нихоят ба писари худ мурочиат кард:

— Нодирчон, биё писарам, фаромада ин хокро боло парто, кор тезтар саранчом шавад.

Нодирчон дархол чоман бекасаб ва пиджакашро кашид ва пиджакро ба дасти падар дода, чомаро аз нав пӯшида, миёнашро бо миёнбанд махкам баст ва ба «айвони» кабр фаромад.

Аз афти кор, шарик ёфта натавонистагист-дия, фикр кард Абдурауф-амак дар бораи гӯрков. Лекин рахматӣ Усто худаш аслан шарикбезор буд, дар иморатхои калони оддӣ мардикору ёрдамчӣ кор мефармуд, аммо хангоми пӯшидани бинохое, ки хунари баланди наччорӣ ва санъати хоси кандакорӣ мехост, танхо кор мекард. Аксари вакт талаб мекард, ки чӯбу чахси даркориро ба хавлиаш оварда партоянд. Сонӣ дару тирезахо, коши айвон, сутун ва зерраву забарравхоро дар хона кандакорӣ карда, баъди тайёр шудани хаман узвхо якбора кашонда, васл ва чо ба чо мекард.

Ха, мархум хислатхои ғаройб дошт. Агар сохиби иморат ё аз кашол шудани кор, ё аз баногоҳ бар хилофи ахду паймони аввала афзуда мондани музди хизмат норозигӣ баён кунад, дигар тамом, усто пӯстинашро чаппа мепӯшиду каҳр карда мерафт. Рӯятонро ба хок молед, пӯлабой-шӯлабой гуфта, макомашро ба осмонхо бардоред, ки дигар ба сари кори чаламондааш барнамегашт.

— Тезкорашро ёбед. Буду шуди ман ҳамин,— мегуфт ноаҳл, худо рахмат кунад.

Маҳз барои он ки рӯзаш бе шогирду бешарик гузарад, ким-чи гуна дастгоҳҳо, усулҳо ёфта мебаровард. Болорҳои дувоздаҳ-сездаҳметрии то бист пуд вазн доштаро манҷаниқмонанд чизе сохта, танҳо худаш ба рӯи девор мебаровард. Чанд сол пеш як мухбир ин кори ӯро «навигарӣ, ихтирои рационализаторӣ!» гуфта ба рӯзнома таъриф карда буд. Астағфурулло...

Лекин чӣ фонда дид раҳматӣ аз ҳамин хислаташ? Ягон усто шогирд тайёр накунад, дунёё беусто мемонад магар? Илоҷе ёфт мешавад-дия. Ана дар шаҳрҳо каторкатор мактабҳои ҳунарманди кушода мондаги. Ду сол хононда якбора то сад-дусад касро устои ҳунарманд карда мебарорад. Харрот, ё оҳангар, наҷҷор, гилкор, монтёр, ронандаҳои мошин, поезд,— ҳазор хел ҳунари дигар. Нодирҷон мегӯяд, ки акнун ба касе шогирд наистода ё ҳатто ба мактабаш ҳам нахонда, фақат аз рӯи китоб сохиби ҳунар шудан мумкин. Ҳамин хел китобҳо бисьёр будаанд. Нақшаи чизҳои сохта мешудагӣ, қисмҳои вай алоҳида-алоҳида кашида мондагӣ. Ҳатто, мегӯяд Нодирҷон, расми асбобҳоро кашида мондаанд ва дар поёнаш нишон додаанд, ки кадом ва дар кадом маврид ва дар кадом хел чӯб ё оҳан кор фармудан лозим.

Хуллас, ки хислати одам ба дилаш мувофиқ мешудааст. Дил сафед бошад, даст кушод, назар баланд мешудааст. Дигар гап не. Ба халқ ҳар қадар зиёд бахшӣ, ба худат ҳамон қадар зиёдтар мемонад. Лекин баъзеҳо ба ин ҳикмат бовар намекунанд: ба назарашон ин гап бемаъно, ҳатто дурӯғ менамояд.

Рост, барои фаҳмидани баъзе ҳикматҳо ақли оддӣ не, ақли худодод даркор.

Рӯи кабрро ҳамвор карда, аз болои хоктеппа сангеро монданд. Ҳама рӯ ба ҷониби қибла диккак нишастанд. Имом ба тиловати қуръон оғоз кард. Бо овози беширан маҳин, талаффузро саросар вайрон карда мехонд. Э худо кашад ту барин хизматгори хонаи худоя, дар дилаш дашном дод Абдурауф-амак. Кӯчкорбой гохо дар маъракаҳои хурсандӣ ширинкорӣ карда, шеъри тоҷикиро бо оҳанги русӣ ё, баръакс, оҳанги тоҷикиро бо шеъри русӣ месарояд. Оятхонихои мулло имом айнан мисли ҳамон. Ришата бод хӯрад ту барин донишманда...

Пас аз он ки ҳама даст ба рӯй кашиданд, пойкор аз ҷояш нимхез шуда савол дод:

— Усто Оқил чӣ хел одам буданд?

Ин саволи анъанавие буд, ки одатан баъди дафн кардани кас ҳанӯз аз сари қабраш нахеста, ба ҷамоат медоданд. Мувофиқи одат яке аз ҳозирон «Фалонӣ одами хуб буд» гӯён ҷавоб медод ва ҳама баробар такрор мекарданд: «Ҳа, одами хуб буд, худо раҳмат кунад», «Ҷояш ҷаннат шавад» ва ҳоказо.

Ҳоло ҳама аз чоҳои худ бархоста буданд, вале ҳанӯз касе ҷавоби анъанавиро надода буд. Дили Абдурауф-амак фишор хӯрда рафт. Наход чизе нагӯянд? Дар маросими дафни Раиси тасмапеч пойкор ҳанӯз саволи одатиро ба мобайн напартофта, касе гуфта буд:

— Ҳоҷати саволу ҷавоб нест. Рафтем.

Ва ҳама хеста рафта буданд.

Гап, албатта, дар сари дуо нест. Агар ба дуои нек кор буд мешуд, олам кайҳо гулистон буд. Ва агар дуои бад ҳам таъсир медошт, ба ҳабсхонаю прокурору милиса ва монанди ҳамин идораю муассисаҳо эҳтиёҷе намемонд.

Саволу ҷавоби анъанавӣ гӯё баҳое буд ба умри одами дафншуда, ба қадру қимати вай. Баҳои охирини одам.

— Ҳой, бародарҳо,— қадаре оташин шуда гуфт Абдурауф-амак,— аз мо пурсиданд, ки Усто Оқил чӣ гуна одам буд? О як чиз гӯед, охир.

Ӯ метавонист худаш ҷавоб диҳад, вале бисьёр меҳост, ки маҳз дигарон ҷавоб диҳанд.

Дақиқае бо хомӯшӣ гузашт. Онҳое ки ба пайроҳа наздиктар меистоданд, чизе нагуфта ба роҳ даромаданд.

— Устои нагз буданд Оқил-амак,— гуфт ҷавоне ки дар паси Абдурауф-амак меистод.

— Борон рафта ба устухонам расид,— гуфт яки дигар зери лаб ғур-ғуркунон.

—Ҳа, усто буд,— тасдиқ намуд саввумӣ.

Дигар касе чизе нагуфт. Ҳама пасу дунбол ба пайраҳа фаромадан гирифтанд.

С. 1967

МАКТУБИ ДӮСТ

«...Боре Ҳайдарҷон баъди таоми пешинӣ аз хусни духтарони деҳот гап кушод. Аввал ҳамин ривояти ба ҳама маълумро такрор намуд, ки табиати ором ва босафои деҳот, ҳавои тоза ва нури фаровони офтоб ба духтарони ин ҷо як таровати махсусе бахшидааст. Сонӣ доир ба зиндадилӣ ва шӯхии онҳо, дар бораи урфу одат ва анъанаҳои хоси онҳо дурудароз гап зада рафт.

Ман гӯш карда менишастаму аз дил мегузароидам, ки дар ин ҷо, бешубҳа, ягон гап ҳаст. Шамол набошад, шохи дарахт намечунбад.

Ҳақиқатан ҳам, чанд рӯзи дигар пас аз ин боз дар ҳамин мавзӯъ сухан оғоз кард, вале ин дафъа умуман дар бораи духтарони деҳот не, балки дар хусуси яктои онҳо. Аввал хело тавсифи ҷамоли ӯро кард, баъд феълу атворашро чунон муфассал таъриф кардан гирифт, ки каси дигар мешуд, шефтаи суханороии вай гашта, гумон мекард, ки дар олами васеъ фақат як нафар духтар ҳасту бас. Ҳайдарҷон аввалин бор номи шуморо, Сорохон, дар пеши ман маҳз ҳамон рӯз ба забон гирифта буд.

Ин 18 сентябри соли гузашта буд. Ман баъдтар шарҳ хоҳам дод, ки чаро маҳз 18 сентябрь гуфта истодаам, чаро таърихи вокеаҳои ҳаёти шуморо ин қадар боэътимод таъкид мекунам.

Рӯҳияи дӯстам маро шод намуд. Кошкӣ дили ҳар кас аз ҳисси муҳаббат лабрез шавад ва ӯ талхию ширинихои ишкро бичашад, ба висоли ёраш бирасад! Ҳайдарҷон ба ин гуна муруввати ҳаёт, ман аминам, аз ҳар каси дигар зиёдтар сазовор аст. Охир ӯ то хатми таҳсили институт каму андак ҳам азоб накашидааст. Дар тамоми муддати ин панҷ сол вай рӯзҳо шаш-ҳашт, гоҳо то дах-дувоздах соат хонда, боз аз бегоҳ то нимаи шаб дар матбааи газетаҳо корректура мехонд, то ки маишати модаркалону укаҳои хурдсолашро таъмин намояд.

Ману Ҳайдарҷон дар як кӯча зиндагонӣ карда, дидори ҳамдигарро аз моҳ ба моҳ базӯр як бор ё бисьёр бошад, ду бор медидем ва ин ҳам на аз сабаби дар доиншкадаҳои гуногун таҳсил карданамон, балки бештар аз бонси ҳамеша бо кору хониш банд будани Ҳайдарҷон.

Ед дорам, ки боре ӯро аз бозор дошта, бо халтаҳои пурбораш ба ҷону ҳолаш намонда, ба кинотеатр кашола карда овардам. Ҳайдарҷон киноро хело дӯст медошт, аммо бо сабабҳое, ки дар боло зикр кардам, тамошоро кам ба худ раво медид. Он рӯз такрибан ним соат бо завқи бениҳоят ба экран чашм дӯхта, ҳар замон аз ориҷам дошта, ба китфам китф зада маро аз шодмонии худ огоҳ менамуд. Банохост сокит шуда монд. Бинам, ки сарашро ба рӯи сина ҳам карда ба хоб рафтааст. Дӯстдори беназири кино дар вақти тамошои як фильми олиҷаноб хоб кардааст! Ман ҳам ҳалал нарасондам. Баъди берун баромадан ҳиҷолатомез гуфт, ки рӯзи якшанбе инҷонинб шабе бештар аз дусоатӣ хоб накардааст...

Шумо, Сорохон, хоҳарам, аз ин чиҳатҳои зиндагонии ӯ хабар надоред, чунки Ҳайдарҷон аз кабили он касоне нест, ки ранҷу меҳнатҳои худро бамавриду бемаврид ва бо фахру ғурур ёдоварӣ карда мегарданд.

Инак, он рӯз чӯраам аз шодию фарах дар куртааш базӯр мегунҷид, ман ҳам ба хурсандии ӯ шарик будам. Вале бегоҳи 19 сентябрь Ҳайдарҷон аз сахро бо ҳавоси парешон ва димоғи сӯхта баргашт. Ҳарчанд пурсуҷӯй кардам, аз ваҷҳи ҳолаш лаб накушод. Дертар фаҳмидам, ки сабабгори хиратабъии ӯ низ шумо будаед.

Шумо ӯро дар кӯча дида, хоҳиш кардаед, ки чанд дақиқа фурсати худро дареғ надониста, дар коре ёрмандиатон кунад. Баъд ба боғе дароварда ва се бачаи акнун ба рох даромада ва забон бароварда истодаро нишон дода, гуфтед, ки ана ба ҳамин бачаҳо даме нигоҳ карда истад, то ки онҳо аз болои кати баланди чӯбин наафтанд, ба лаби чӯй нараванд, шумо бошед, зуд рафта модари онҳоро гирифта меоред.

Шумо духтараки шӯхи бебоке будед ва чи хеле ки дар урфият мегӯянд, харакиро аз хар меафтондеду аспакиро аз асп. Шумо медонистед, ки сарагрономи нави колхоз ҷавони нармдил ва ҳалим аст ва илтимосатонро рад намекунад. На фақат ҷавонони ҳалим, балки сангдилтарини онҳо ҳам ҳад надошт, ки шасти шуморо гардонад, суханатонро ба замин монад. Инро пеш аз хама худатон нағз медонистед.

Инак, ба сари Ҳайдарҷон се кӯдаки ношиноси инҷикро вогузошта худ ба дар рафтед.

Бачаҳо яке аз паси дигар ба гирьяву фиғон даромаданд, дере нагузашта, ҳар се то ҷон доштанд, баланд аррос зада, ба пойкӯбию ғел-ғелак сар карданд. Аҳволи

сарагроном ҳам раҳмовар буд, ҳам хандаовар. Бечора намедонист, ки кадоме аз инҳоро ором кунад, ба онҳо чӣ бигӯяд ва чӣ чизе бидиҳад. Агар монда ба кӯча ба кофтукови шумо барояд, эҳтимоле буд, ки аз кати баланд афтода маъюб шаванд ва агар аз кат фароварда монад, ба лаби чӯи калоне ки аз мобайни боғ даргузар аст, рафта ғарқ шуданашон мумкин буд. Ҳайдарчон ҳоҳ чашмони ҳам хашмолуд, ҳам ҳаросонашро ба бому девори ҳавлӣ ва дову дарахти боғ давонда, гӯё мадад мечуст, ҳоҳ бо шубҳа атрофро аз назар гузаронда, гумон мекард, ки ӯро масхара медоранд ва аз ин мулоҳиза худ ба худ сурху сафед мешуд.

Аз шумо ё модари бачаҳо ҳанӯз дараке набуд...

— Каям! — гуфта чиррос мезад яке аз духтарчаҳо,— каям!

Ҳайдарчон тозон рафта аз полез як сар карам канда овард ва онро тоза карда ба духтарчаи шаттоҳ дод. Аммо кӯдак карамро ба як сӯ партофта, аз аввала ҳам сахттар чиррос зада «каям!» мегуфт. Ҷавонмарди дасту по гумкарда аз кучо медонист, ки бача «каям» гуфта об мепурсид. Ҳайдарчон бо бачаҳо чанд соат хуни ҷигар шуд, вале то охир тоқат кард, вай ҳамин хел одам аст. Ба остонаи он боғ ҳамроҳи духтараки фусунгар, бо ҳазору як орзӯю андешаи фараҳовар қадам гузошта, ҳариб ҳангоми ғуруби офтоб бо хотири малул баромада рафт.

Чанд рӯз шумо худро нишон намедодед. Вай, албатта, фаҳмид, ки дар бошишгоҳи сахроии бригадаатон яслии кӯдакон набудааст, дурусттараш, барои яслӣ ҷиҳози лозима набудааст. Вақте ки ясли ташкил шуду шумо ҳам бо Ҳайдарчон дар идора вохӯрдед, қаҳри вай кайҳо пасанда шуда рафта, аз он воқеа танҳо хотираи хандаангезе бокӣ монда буду бас.

Аммо, истед, ки зарурати яслии кӯдаконро шумо чаро маҳз ба сарагроном фаҳмонидед? Охир бо масъалаи яслию боғча ва умуман маншати колхозчиён дигар аъзоёни правления машғул буданд-ку?

Рафти минбаъдаи воқеот ба ин саволҳо ҷавоб дод. Шумо бо Ҳайдарчон зуд-зуд мулоқот мекардагӣ шудед. Оқибати ин мулоқотҳоро худатон, бешак, медонистед ва ҳис мекардед, ки сӯҳбатҳои гарми дуятон, ҳарчанд дар мавзӯи навъҳои чигити тухмӣ ё таркиби химиявии хокистар бошанд ҳам, рафта-рафта чӣ натиҷае хоҳанд бахшид. Шумо пай мебурдед, ки табассумҳои дилфиреб, ду-

рахши чашмони оташборатон дар дили чавони хориси ишқ чй шўре бармеангезанд!

Аҷаб хис будааст ишқ... Ногахон ба дили кас рох ёфта, ўро ба олами тамоман нави хаёлй меандозад, фикру ирода ва хушу ёд, тамоми хастиашро забт намуда, аз кадаммони то нигохи дидагонаш — хамаро дигаргун месозад. Чўраи ман акнун дар сари хўрок хам замзама мекард, рохравон хам месароид, хатто матни китоби илмиро сурудвор мехонд.

Басе мешуд, ки шумо бо Хайдарчон рўзхои дароз якчоя будед.

Оё сангрезакашониатонро дар хотир доред?

Баробари аз сахро ғундоштани ғўзапоя боронгарии хакикии тирамох сар шуда, қариб як хафта беист давом карду нихоят бо барфи лак-лакй анҷом ёфт. Паскўчахои кишлок аз кўлмаку лои шуррут касногузар шуда буд. Дар яке аз хамон рўзхо сахари барвакт шумо ба хонаи мо омада, аз Хайдарчон хохиш намудед, ки ба сангрезакашонй кўмак кунад. Раис нест. Шоферхо гапи хеч касро ба инобат намегиранд, гуфтед шумо, мардхо аз субх то шом дар чойхонахо гирд омада, оши харифонахўрй ва аскиягўй карда менишинанд.

Хамон рўз Хайдарчон ким-чи хел маколаи илмй навиштанй буд. Аммо шумо ханўз суханатонро тамом накарда, саросема либос пўшиду гўё болу пар бароварда бошад, аз паи ичрои хохиши шумо шитобид.

Вай як шоферро ба кор кашола карда баровард, ба сари рули мошинаи дигар худаш нишаста, хамрохи шумо ба шағалкашонй рафт. Суханоне ки шумо ба чойхонаи пеши идора даромада, ба колхозчиёни дар он ҷо нишаста гуфта будед, аз лавхи хотирам намераванд.

— Зану духтархо шағал кашонда, ба паскўчахо рехта истодаанд,— гуфтед шумо,— хохиш мекунанд, ки омада ақаллан тамошо кунед.

Коратон барор гирифт. Мардум аз лои кўчахо халос шуда, дар хаққатон аҳсану офарин гуфтанд. Ман хам, Сорохон, ба ғайрату кобилияти шумо аз рузи аввал кониам.

Лекин гап дар ин нест. Дар муддати ин ду рўз шумо хохам- нахохам ба оташи хисси Хайдарчон равгаи рехтед.

Баъд чй шуд? Хайдарчон шефтаю шайдои шумо, шумо бошед, аз он масрур саодатманд, ки боз як чавонро аз хоби ширин, аз оромй ва рохати оддии зиндагонй мах-

рум сохта, ба дарьёи фикру андешот, ба кўчаи сарбастаи рашк, ба роҳи умед ва пайроҳаи ноумедиҳо, орзу ва хаёлҳои талху ширин андохтед... Ва худ биосудед. Бале, осоиш ёфтед, чунки боз худро канор гирифта, чандин моҳ аз мулоқот бо шахсе ки аклу хушаш рабуда, умедвораш кардед, рўй метофтед.

Он шахс бошад, шабҳои бахорон так-таки девори кирмакхона мисли дузд охиста қадам мезад ва ҳамин ки чашми роҳгузаронро хато кунонид, ба танаи лағжонаки сафедор часпида, ба болои қаровулхона мебаромад, бар рўи боми зах дароз мекашид ва то гузаштани посе аз шаб аз чехраи шумо, аз пайкари шумо чашм намеканд. Шумо, ки дар ин фасл ба кирмакпарварон ёрй медодед, аз дунёё бехабар бо дугонаҳоятон барги тутро аз навдаҳо чудо карда, бо корд реза мекардеду латифаҳои хандаовар мегуфтед, аз чак-чаку сўҳбати дугонаҳо завқ мебурдед. Гоҳо дугонаҳоятон аз кор фориғ шуда, доираро тасфонда меоварданд ва шумо онро ба забони вачд медаровардед, дигарон мераксиданд.

Ҳайдарчон ҳариб ҳар шаб дар болои боми қаровулхона буд. Ин ягона чое буд, ки дар он чо аз дур бошад ҳам, бо дидори махбубааш мушарраф мешуд.

Боре сўҳбати зерин ба вуқўъ омад:

— Сорохон,— номатонро нуктаомез мад кашида гуфт, яке аз дугонаҳоятон,— шумо-ку танҳо худ акли чанд чавонро дуздидаед. Агар махфй набошад, мефаҳмидем, ки худатон ба кадоми онҳо дил бохтаед...

Шумо дар чавоб чизе нагуфта, ба он духтар сарзанишомез назар афкандед. Ин нигоҳатон дами он дугонаатонро паст кард. Аммо дигарон ором нанишастанд.

— Ба кй мешуд? Ба акои агроном-дия,— лукма партофт яке.

— Ба Кодирчон! — хукм кард дигаре. — Агроном одами нав. Дили касро фаҳмидан осон магар?

— Рост, Кодирчон ҳам хуси дорад, ҳам овози хуш. Хайр, ҳамин тавр нест, Сорочон? — мегуфт боз яки дигар. — Сонй ба шуниди мо, дар байни мўйсафедҳо гапгап ҳам шуда будааст-ку!..

Шумо дугонаҳоятонро ором кунонда натавониста, аз давраи онҳо дур шудед.

Ҳайдарчон аз лаби бом ин гапҳоро мешуниду дили реш-реш гаштааш ба ҳазор кўча рафта меомад. Бо вучуди он шаби оянда — хоҳ шумо дар кирмакхона бошед, хоҳ набошед — ба умеди висолатон болои бом мебаро-

мад. Ман аз ин корҳои чӯраам пай бурда хандаам меомад. Ҳоло ҳам ҳеч бовар карда наметавонам, ки наҳод ҳисси муҳаббат касро то ҳамин андоза кӯр кунад, ки аз кобилияти мулоҳиза кардани рафтору атвори худ маҳрум намояд?

Кори дуньёро бинед, ки рӯзона, вакте ки ташвишу тараддуди кори саҳро диккати ӯро аз фикру андешаҳои шумо дур мебарад, вай даҳҳо, садҳо нафар одамони аз худаш калонро, ки дар байни онҳо бисьёр касони якраҳа, гапдон ва чаҳондида низ хастанд, ба продан худ тобеъ намуда, аз пан худ бо роҳи илм мебарад, аммо шабона, хамин ки аз кор фориғ шуда, ба олами ҳаёти шахсиаш кадам ниҳод, баногоҳ бача барин бетокат, кӯтоҳандеш гардида, барои дидани чамоли духтаре ба ҳар кор розӣ мешавад.

Аксаран барфу борон ҳам ба назараш наменамуд. Бисьёр мешуд, ки шумоён дар зери айвони ҳавлии хилвате, ки дарвозааш эҳтиёткорона занчир карда шудааст, хандаю шӯхии худро давом медодеду Ҳайдарчон пардаи тӯрини боронро бо нигоҳаш шикофта, ҳамчунон аз шумо чашм намеканд ва факат ҳангоме ки то магзи устухонаш нам кашида, атсааш меомад, аз тарси фош гардидан аз бом фаромада, мисли мурғи дар об афтода шилтаю шалпар шуда ба хонаамон бармегашт...

Ҳоло ин сатрҳоро менависаму ба гӯшам ҳар замон садои дутор даромада, хаёламро парешон ва фикрҳоямро пароканда месозад. Дуторро дар хонаи дарун Ҳайдарчон навохта нишастааст. Бале, дар ин нимишабӣ ба хавои гарм ва дами хонаи дарун токат карда нишастааст, якин намехоҳад, ки нолаҳои маҳзуни дуторашро хамсояҳо шунаванд.

Ҳар кадаме ки дӯсти ман дар кӯи шумо мемонд, дар дил гунчонида натавониста, худи ҳамон рӯз ба ман нақл мекард. Изҳори муҳаббат карданашро ҳам гуфта буд. Шумо дар чавоб не ҳам нагуфтед, аммо анику равшан розӣ ҳам нашудед, ки инро мо «барои духтарон кори табиист» гӯён тасаллӣ ёфтем. Факат андаке забон хонда, ба баробар набудани маълумотатон ва дар шаҳр будани хонаводаи Ҳайдарчон чун мамониате ишора намудед. Мо ба ин суханҳо, ки дар ҳакикат ҳам аҳамияти казой надоштанд, ҳеч гуна эътибор надодем, баръакс аз ҳамаи ин гапҳо натичае баровардем, ки рӯзи матлуби чоман амал пӯшидани орзуи Ҳайдарчон акнун дур нест.

Агар фаромӯш накарда бошед, арафаи иди май буд,

ки аз шаҳр модаркалони чӯраам омад. Омадани ӯро, бешубҳа, худи Ҳайдарчон дар мактубаш талаб кардааст. Вай эҳтимол мехост, ки арӯси ояндаашро пешакӣ ба модаркалон ҳам нишон диҳад ва пиразани ҷоматхамидаро, ки орзую умеди охиринаш дар ин дунёё дидани бахти фарзанди дилбандаш буд, ба шодкомии худ шарик гардонад.

Вале банохост дар деҳа хабари никоҳи шумо бо Ҷодир паҳн шуд.

Ҳайдарчон аз баҳали кампир бардошта, бо чеҳраи хандон дохили деҳа мешуду ман ба истиқболи ӯ бо ин хабари ногаҳонӣ мешитофтам, то ки агар ба модаркалонаш нияти худро то ҳоло нагуфта бошад, пас ҳаргиз нагӯяд ва афсӯсу надомати пиразан болои сӯхта намакоб нашавад.

Чӣ маъное дошт ҳамаи ин корҳо? Ачаб одамоне ҳастанд дар олам, ки бо тақдири инсон бозӣ мекунанд... Дили инсон, аз афти кор, ба назари онҳо тӯби резинист, ки ба ҳар гуна зарбу лат тоб меоварад ва бо майли ҳар як ҳангоматалаб ҷастухез кардан мегирад.

Хайр, ҳар чӣ шуд — шуд. Чунон ки дар урфият мегӯянд мурғ аз қафас раст — раст, тир аз камон ҷаст — ҷаст. Шумо хушбахт бошед.

Шавҳаратон ҷавони ганда не, хушрӯй, баодоб, сохибэътибор, сардори беҳтарин бригадаи колхоз ва ҳоказо. Ҳамон баҳор худатон ҳам сардори бригада таъин шудед, акнун боз аз як ҷиҳат ба ҳамдигар муносиб шудед. Дар воқеъ, Ҷодирчон ҳофизи хушовоз ҳам мебошад. Шабҳо даме ки деҳоти колхозро хомӯшии гуворо ба канор мегирад, аз ягон тӯйхона ё маъракаи дигар, ё худ аз кӯча ё боғи деҳа садои ҷарангосии Ҷодирчон баланд мешуд. Бо шунидани ин овоз ва тасаввур кардани сохиби баландболою зебоандоми он дили бисьёр духтарони сохибҷамол сахтакак ба тапиш медаромад.

Инак, шумо ёри худро интихоб кардед, бахти худро ёфтед.

Ману Ҳайдарчон, ки аз айёми бачагӣ то он рӯзҳо ба якдигар аз бинӣ боло гап назада будем, рӯзи тӯю сури шумо кариб даст ба гиребон шудем. Ман ӯро девонаи беҳрода ҳам гуфтам, латтафеъли пахтамизоҷ ҳам гуфтам. Дашном медодаму хис мекардам, ки ҳаҷ дар ҷонибі ман нест.

Ба ҳар ҳол, вай бо мурури замон таскин меёфт. Вале

табиати ошўбгари шумо, Сорохон, ҳамчунон оромиро намедонист.

Намедонам, аз кучо дар колхозатон расм шуда будааст, ки ҳар моҳ рафти мусобиқаи бригадаҳоро санҷида, ба бригадаи пешрав байраки сайёри правления ва ташкилоти партиявии колхозро месупурдаанд. Ачобаташ боз дар ин ки байракро сардори бригадаи бойдода бо фаъолонаш якчоя дар ҳузури яке аз роҳбарони колхоз ба бригадаи ғолиб шахсан бурда месупурдааст.

Рости, баъзе анъанаҳо ва расму оине ки дар колхози шумо ҷорӣ шудааст, дар куттии аттор ҳам ёфт намешавад.

Тақрибан ду моҳ пас аз тўи дабдабанокатон дар яке аз рўзҳои саратон шумо дар пеши шипанги бригадаи худ дар соҳаи бед менишастед. Интизор будед, ки сардори бригадаи бойдода — шавҳаратон Қодирҷон бо ёру ҷўраҳояш омада, ба шумо байраки солҳо дар даст нигоҳ доштааШро бо ду дасти адаб месупорад, ба ҳунаратон, ба меҳнат ва маҳорати аҳли бригадаи шумо коил шуда, сари таслим ҳам мекунад.

Тамоми олам ба назаратон бўстон буд, пур аз суруру тараб менамуд. Нихолҳои пахтаатон гўё ба дили хуррами шумо ҳамсадо шуда, бо баргҳои сабзу гулҳои нафиси худ ҷилвакунон аз фараҳмандии шумо ба забони ҳол нақл мекарданд.

Шумо аз боғи бригада хел-хел меваҳои тару тоза оваронда, ба лаълиҳо кашида дар анборча тайёр карда монда будед. Дугонаҳоятон махсус барои ҳамин мароСим фатирҳои равғанин пухта оварданд. Охир, ин ғалабаи аввалини шумо дар вазифаи нав буд ва шумо онро ба тарзи муносиб тантана кардан мехостед, умед доштед, ки шавҳаратон низ ба шодмонии шумо шарик хоҳад шуд.

На танҳо шумо, Сорохон, бисьёр касон ҳамин хел умед мекарданд.

Вале ҳайҳот...

Байракро сардори яке аз звеноҳои Қодир оварда, хабар дод, ки бригадир банохост нотоб шуд, омада наметавонад...

Бегоҳи ҳамон рўз ману Ҳайдарҷон аз кор омада, дар лаби ҳавзчаи ҳавлиамон менишастем. Вакт аз говгум гузашта бошад ҳам, нафаси боғ ҳанўз гарм буд. Оби ҳавзча нури кабудранги моҳтобро акс кунонида, атрофро аз як равшании хираи сеҳрангез пур мекард.

Агроном парешонҳол буд, хомӯш менишаст. Ногоҳ шумо даромада омадед. Нахустин бор баъди тӯй шуданатон омадед. Дар ёдам хаст, хело зӯр задед, ки ҳудро мисли пешина осуда ва хушҳол нишон диҳед. Аммо ҳамин ки Ҳайдарҷон аз корубори бригадаатон гап кушод (боз аз чӣ хусус ҳам гап мезад ӯ!), ду рухсоратон лолагун шуд, мижгонҳои сиёҳи камонсон ҳамидаатон болои чашмонатонро пӯшида, ҳолати онҳоро аз назар пинҳон намуданд.

Ман хеста ба кӯча рафтам. Вакте ки баргаштам, чашмонатон дигар ашколуд буданд. Ҳайдарҷон ба димоғи ночоки ҳуд нигоҳ накарда, ким-чи гуна ҳикоятҳои хандаовар мегуфт. Дар чеҳраи ҳар дуятон гоҳ-гоҳе лабханди сабук пайдо мешуд. Вале ин табассум пештара барин рӯи шумоёнро мунаввар намекард, табассуми зӯракӣ, сохта буд он.

Баъди гусел кардани шумо дере нагузашта Ҳайдарҷон ҳам ба кӯча баромада рафту ними шаб баргашт. Ман сонитар фаҳмидам, ки ӯ ба назди раис рафта будааст ва ӯро бо чӣ роҳе розӣ кунондааст, ки шуморо дар ҳамон долу зарби кор ба Маскав, ба Выставкаи умумииттифокии хоҷагии қишлоқ бифиристанд.

Як бегоҳ мачлиси партиявӣ даъват карданд. Шумо шояд донед, мо, муаллимони коммунисти мактаби қишлоқ низ, дар ҳисоби ташкилоти партиявии колхоз будем.

Ғайр аз мироб, ки бо ҷанҷоли таксимоти об ба кучое рафта буд, ҳама ҷамъ шуда буданд. Дар интизории мироб ҳар кас аз дидаю шунидааш, аз навигарихо ҳикоя мекард. Дар ин ҷо Ҳайдарҷон аз кисааш коғази чоркат кардашударо бароварда гуфт:

— Аз Сорохон хат омад. Ба ҳама салом гуфтаанд. Агар хоҳед, хонда диҳам...

Рости, ин хабар ногаҳонӣ буд ва ба хозирон чунон таъсир кард, ки дақиқае ҳама хомӯш монданд. Шавҳаратон дар ҷои аз ҳама равшантари хона, дар паси мизи дарозрӯя менишаст. Вай гӯё чизе гуфтанӣ бошад, сулфа карда, гулӯяшро афшонид, лекин ҳеч чиз нагуфт. Раис хомӯширо вайрон кард.

— Хонед, Ҳайдарҷон. Канӣ, шунавем.

— Ҳа, канӣ, мо ҳам шунавем,— гуфт шавҳаратон. Ба ҳаёлам, овози ӯ ба овози марғуладори худаш монанд набуд.

Ҳайдарҷон ҳанӯз қисмати салому паёми мактубро ба поён нарасонда, Қодир аз хона баромада рафт. Хушам,

ки парешон буд, мазмуни мактуб дуруст дар хотирам намонд. Аз байни гапҳои навиштаатон фақат хаминро дар ёд дорам, ки сафари Маскав ба бисьёр чизҳо чашми шуморо кушодааст. Шумо акнун зисту зиндагонии занони деҳотамонро бо назари тоза, аз нуқтаи нави ҳанӯз ба шумо ношинос дидаед. Дар мактуб дар хусуси таксими нодурусти меҳнати саҳро дар байни мардон ва занон, дар бораи заҳмати рӯзгор, дуди оташдон ва боз ким-чиҳо сухан мерафт.

...Соатҳои ёздаҳи ҳамон шаб дари ҳавличаи моро касе тақ-тақ кард. Ҳайдарчон баромада кушод. Ман, ки дар пеши чароғ дафтари бачаҳоро аз назар мегузарондам, аз ҷои нишастам ду-се бор: «Қист вай?», «Кӣ омад?» гӯён пурсидам. Ҷавобе нашуд. Хавотир кашида, ба пеши дар омадам. Бинам, ки дар ду тарафи остона ду кас рост истода, дар партави моҳ ҳамдигарро «тамошо» мекунанд: аз дарун — Ҳайдарчон, аз берун — Қодир, шавҳаратон. «Оббо,— гуфтам худ ба худ. — Боз ин чӣ диданӣ буд!»

— Ба шумо, рафиқ сарагроном, ду даҳан гап дорам,— гуфт нихоят Қодир ва калавида рафт.

— Ҳоло бевақт шудааст. Рафта истироҳат кунед,— ҷавоб дод Ҳайдарчон. — Пагоҳ... Пагоҳ сӯҳбат мекунем.

— Не, ҳозир,— истодагарӣ мекард Қодир. — Худи ҳозир гапзанон мекунем. А, муаллим, чӣ гуфтед? Ё рафиқ агроном фақат бо зану духтарони мардум сӯҳбат карданро дӯст медоранд?

Бадани ман бичиррос зада рафт. Медонам, ки Ҳайдарчон токати тӯҳмат шунавидан надорад. Ӯро бо зӯр кашола карда, ба ҳавлӣ даровардам ва ором бишин гуфта, худ гашта ба таги дар баромадам. Қодири маст акнун пушт ба тарафи кӯча ба болои остона сарҳам менишаст, ва бесадо мегирист...

Баъди ҳамин вокеа бо талаби исроркоронаи ман Ҳайдарчон аз колхозатон рафт. Мо боз ҳарду дар як хона дар маҳаллаи МТС истиқомат мекунем.

Шабҳо ман аз мактаб ва Ҳайдарчон аз саҳро ё идорааш баргашта, рӯзгори муҷаррадонаи худро як навъ дуруст карда, ҳар кадоме бо кори худ машғул мешавем. Аммо кори агроном ҳамон бебарор аст. Қоғазу китобҳояшро ҷамъ мекунаду андаке меҳонад, як-ду сатр навишта хат мезанад, боз навишта, аз сари нав хат мезанад, баъд номаълум ба гирдоби хаёлот ғӯта хӯрда, соатҳо дар ҳамин вазъият менишинад. Гоҳо якбора ҷаста

хеста, дуторро аз мех мегираду ба хонаи дарун даромада, ба навохтан сар мекунад. Агар ба гуфтугӯ хушаш ояд, аз шумо, аз айёми пештара бо ҷӯшу хурӯши беназире сухан мекунад, вале таърихи воқеаҳои гузаштаро албатта бо санаҳои ба шумо маълум пурра мекунад: «7 декабрь, чор рӯз пеш аз шағалкашонамон...» ё «дуюми апрель ба кирмакхона даромада...» ва ҳоказо.

Аз бисьёр шуниданам ин санаҳоро дар хотири ман ҳам онҳо накш баста мондаанд. Ана аз ҳамин сабаб медонам, ки кадом воқеа кай ба вуқӯъ омада буд.

Чанде қабл аз ин котибаи МТС маро дида гуфт, ки «Сорохои омада, чӯраатонро суроғ карда буданд». Шунидам, ки боз дина телефон кардаед.

Ман ба мобайни одамон даромада, ба ҳар ош қатиқ шуданро бад мебинам. То ҳоло ба муносибати қалбии байни касон дахолат накардаам. Аммо акнун дигар тоқат карда натавонистам. Ҳар чизе ки дар ҳаққи ман фикр кунед ва бигӯед — ихтиёр доред, вале ман алами диламро ҳолӣ мекунам. Ҳанӯз дина, дигарбора телефон карданатонро шунида, аҳд кардам, ки шуморо дар ягон ҷой дучор карда, суханҳои талху тунди дар дилам ғундошта мондаамро ба рӯятон бигӯям, барои ранҷ ва озоре, ки дӯстам ноҳаق аз сар гузаронид, аз шумо қасос бигирам.

Дар ҳақиқат, ҳамаи ин ҳангома барои чӣ буд? Ҳарчанд шумо аз ғурури нози худ сармасту саргарм будед, наҳот ягон дақиқаи хушьёрӣ наёфтед, ки ба кирдукори худ бо назари инсоф нигоҳ кунед? Медонам, баъзе занони хушрӯй тафовути зоҳиришонро аз дигарон як навъ ҳуқуқи иловагие дар ҳаёт мепиндоранд ва гумон мекунанд, ки агар дар орзӯи онон чанд кас тамоми умр талош кунад ва ҳатто аз бахти худ бенасиб гардад ҳам, меарзад. Ҳам ҳанда, ҳам хашми кас меояд, ба худо.

Гоҳо худ ба худ мекӯшидам, ки рафтори шуморо ҳаق барорам ва оқибат дар сарам фикре пайдо мешуд, ки шояд шумо ба ғалаёни шавқи ноз, ба ҳаловати ин бозӣ дода шуда, оқибати корро осон донистаед, чунки эҳсоси дигарон дар шуури шумо ҳанӯз бояду шояд акс намеёбад ва аз ин сабаб, чандон амиқ ҳис намекунед, ки одамон ҳар хел мешаванд: қалби яке ҳассос ва нозук, аз они дигаре кунд ва карахт.

Вале чун медидам, ки шумо ҳама чизро мебинед ва нағз мефаҳмед, аз ин фикри худ бармегаштам. Охир, чандон бисьёр дида намешавад, ки духтараки оддӣ дар

бадали ҳамагӣ яку ним сол ба мартабаи бригадири шӯҳратманд расида, дар сар то сари вилоят ном барорад. Барои ин ба ҷуз ғайрат ва қобилияти ташкилотчӣ боз ақлу фаросати комил ҳам лозим аст.

Як бори дигар мегӯям, ки ҳар чӣ ки шуд — шуд. Лекин, хоҳишмандам, дигар бемулоҳиза кор накунед. Максад аз навиштани ин мактуб ҳам маҳз ҳамин буд. Ҳайдарҷонро акнун осуда гузоред. Телефон накунед, мулоқот наҷӯед, мактуб нанависед, бо ҳар кас салому паём нафиристед. Вай ҳам ба худаш муносиб орзуҳо, ниятҳо дорад.

Агар ин мактуби ман ба рафтори минбаъдаи шумо таъсир нарасонад, фаҳмида монед, ба хотири дӯсти худ тадбири пуртаъсиртаре дарьёфтан аз дасти ман меояд. Вай Ҳайдарҷон аст, ки дили олиҷаноби фақат ба накӯкорӣ қобил дорад. Ман ин хел нестам.

Гап ана ҳамин, Сорохон.

Бо эҳтиром Амон»

С. 1959

САВДОИ УМР

I

Тали Заргарро, албатта, медонед. Бале, дар сохили Вахш. Порсол баҳорон деҳконони ин ҷо чандин моддаи устави колхозашонро тағьир доданд. Лозим омад, ки дар тартиби ҳисобу китоби меҳнат ва музди он, даҳлу харҷи хоҷагӣ ҳам дигаргуниҳои бисьёре ҷорӣ карда шавад. Бо талаби бухгалтерони колхоз маро ба ин ҷо барои ёрмандӣ фиристоданд.

Лекин, гуфта монам, гумон набаред, ки дар бораи ягон соҳаи ҳаёти колхоз нақл карданӣ ҳастам, алалхусус, ки дар ин ҷо ҳар рӯзу ҳар соат воқеа ва корҳои шоистаи достону ҳикоят ба вуқӯъ меоянд.

Ман аз меҳмонхонаи колхоз ҷой гирифта, ба кор сар кардам. Рӯзҳо саргарми кор шуда, чӣ гуна гузаштани вақтро нафаҳмида монам ҳам, шабона мусофиринамро сахт ҳис мекардам. Охир, китобхонӣ ё тамошои кино рӯз дар миён ҳар чӣ ҳам бошад, касро мисли хурсандию ҳаловат ё ташвишу тараддуди хонаву ҷои худ банд карда наметавонад. Ходимони бухгалтерия аз як сар маро ба хонаашон таклиф мекарданд, хусусан Сайёра ном ҷавонзани шармгин ва нарммуомила ба исрор талаб мекард, ки дар ҳавлии ӯ истиқомат кунам. Ман меҳмоннавозии мардуми ин кишварро нағз медонам. Охир аз хурдсолиам дар Тоҷикистон зиндагонӣ карда, ба воя расидаам, шаҳҳарам низ аз тоҷикони маҳаллист. Бо вуҷуди ин таклифи самимонаи ҳампешаҳояҳро ҳалимона рад мекардам.

Сафари дур барои зан назар ба мардҳо, ба ҳар ҳол, душвортар аст. Хусусан командировка. Мардҳо ба кучое ки раванд, як рӯз нагузашта, чандин ҳамсӯҳбату ошно пайдо мекунанд ва гӯё дар хонаи худ бошанд, бо ҳузуру ҳаловат гаштан мегиранд. Вале ба занҳо осон дониста намешавад...

Тахминан як ҳафта пас аз омаданам, ҳуҷҷатҳоро ғундошта, ба ҷевонҳо эҳтиёт мекардам, ки Сайёра бо пешам омада гуфт:

— Любовь Константиновна, агар акнун хам ба хонаи мо наоед, хафа мешавам. Ба рости, хафа мешавам.

Инро гуфту муддате ба рӯи ман чашм дӯхта истод. Чун дид, ки мисли дафъахои гузашта дархол чавоби рад надодам, ба суханаш давом кард:

— Агар барои тафтиш меомадед, чизе намегуфтем, чунки хуб нест, мо хам медонем. Аммо холо барои ёрмандй омадаед... Хуб? Рафтем?

Ман баҳонаи охиринро ба кор андохтам:

— Кори ман, эҳтимол, хело кашол ёбад. Онлаи шумоpo нороҳат мекунам.

— Не, харгиз, харгиз! — фавран эътироз намуд Сайёра. — Ман дар хона танхо хастам.

— Чй хел танхо? — дар тааччуб мондам ман,— шумоку шавҳар доред?

— Дорам. Лекин... Хайр, биёед, охир, сонй мефахмед.

Маро ба чуз итоат дигар илоче набуд.

Аз меҳмонхона сарулибос ва чомадончаамро гирифта ба рох даромадем.

Ба шумо ханӯз сурати Сайёраро тасвир накардаам. Вай чавонзани бистусесола буда, комати мавзун, рухсори сафеди базеб дорад. Тархи рӯяш баҳоят дилкаш. Мӯи сиёҳи ғуллй ва чашмони мешии дурахшон ва шӯълапошаш ба андоми ӯ боз як латофати чозибаноке мебахшанд.

Хавлии Сайёра дар канори деха вокеъ гашта буд. Замини рӯидаричаи он такрибан ним таноб буда, аз токзори ба хавоза бардошташуда ва полези сабзавот иборат буд ва пешгохи ин боғча ба киштзори пахта мепайваст. Аз тарафи кӯча як катор иморати навсохти сафед кардашуда бино ёфта буд. Боғча бо таворан бофтаи химчагин ихота шуда, аз тарафи рост гузаргохи рахнамонанде дошт.

Хавлиро аз назар мегузаронидаму фикрам ба чавоби Сайёра банд буд: «Шавҳар дорам, лекин дар хона танхо хастам».

Сайёра ба ман дастурӯйшӯякро нишон дод ва аз хона собуну сачок бароварда, ба пешам гузошту «ман хозир...» гӯён аз рахна гузашта, ба паси буттахои зичи анор нопадид шуд. Вакте ки дасту рӯи худро шуста шудам, аз рахна хамрохи як духтараки 18—19-солаи ситорагарме даромада омад.

— Зӯҳрохон хамин аст,— гуфта духтаракро шиносонд Сайёра. Ӯ ин гапро бо эътимод мегуфт, гӯё якин медо-

нист, ки ман Зӯҳрохонро кайҳо боз мешиносам ва ҳеҷ мумкин набуд, ки нашиносам. Шиносоии ман бошад, танҳо аз ҳамин иборат буд, ки дар Тахтаи фахрии пеши идораи колхоз сурати ин духтаракро дида будам. Дар поёни сурат навишта буданд, ки Зӯхро соли гузашта ёздаҳ тонна пахта чидааст.

Бо вучуди ин ҳоло хурсанд будам, ки бо ин духтарак шахсан шинос мешавам. Инро ба худаш ва Сайёра изҳор кардам. Зӯхро шармгинона сар фуруд оварда, хомӯш меистод. Сайёра бо як навозишкории модарона аз китфони ӯ оғӯш намуда, ба ҳеҷ кас мурочиат накарда, гуфт:

— Ҳоҳараки ман,— баъд ба ман рӯй оварда, илова намуд: — Тӯй наздик расидааст, Любовь Константиновна, Зӯхрочонро аз мо мебаранд.

Сайёра ин гапро бо оҳанги шӯхиомез гуфта бошад ҳам, ба хаёлам, як изтироби сабуке ба монанди ташвиш ё таассуф лаҳзае дар чеҳрааш соя андохт, Зӯхро бошад, худро аз оғӯши Сайёра раҳонида, ба хавлиашон гурехта рафт.

Мо ба хона даромадем. Фарш ва деворҳои ду хонаи дарун бо колинҳои хурди хушранг унакш, кашидаҳои зебо ороста шуда буд. Ҷиҳози хона аҷиб буд: дар як тараф кати оҳанин, ҷевони нави оинакорӣ, миз ва курсиҳои бетакья дар тарафи дигар — сандуқи нимдошти тоҷикӣ, сандалии ғундошташуда, тоқчаҳои пур аз зарфи чинӣ ва мисин. Дар хонаи пешгоҳ дар девори болои кат як милтики думилаи шикорӣ бо каторвазнааш овезон буд. Вакте ки ба хона медаромадем, чашми ман ба велосипеди мардона афтод, ки онро ба шифти айвон овехта монда буданд. Боз суханони соҳиби хона ба ёдам омаданд, ки мегуфт: шавҳар дорад, аммо танҳост.

Сайёра ба пешам дастархон кушода, чой дам карда монд. Баъд узр хоста, ба сари оташдон рафт. Зӯхрочон як сабадча сабзии тоза шустагиро оварда, аз поён аз болои гилем нишаст ва коғазеро паҳн карда, ба реза кардани сабзӣ машғул гардид.

Ман сурати ӯро дида ва як-ду маротиба накли Сайёраро шунида, тахмин карда будам, ки ин як духтари баландқомати тануманде асту мизоҷи тунд ва оташине дорад. Ҳоло дар назди ман духтараки миёнкади газгӯште менишаст, ки ҳаракатҳояш вазнин ва пуртамкин буданд. Ман аз чеҳраи сафед, лабони маҳини гулгун, аз абрувони дарози ба ду тараф хамхӯрдаи ӯ чашм наканда менишастам. Нигоҳи чашмони шаҳло ва лабҳанди нафиси

духтарак гӯё аз нури мехр ва самимият мунаввар гашта буд.

Ба Зӯҳро гуфтам, ки дар расми ба Тахтаи Фахрӣ часпондашудааш хело хашмгин баромадааст.

— Ҳа,— гуфт ӯ хандида,— вакт танг буд, сураткаш сарамро ба ин сӯю он сӯ гардонида, расо безор кард. Ба болои ин, як гала бачаҳои ҳангоматалаб аз атроф «хандида наметавонӣ» гуфта халал мерасониданд.

Дакикае хомӯшӣ ба миён омад. Ман инро мавриди муносиб пиндошта, аз Зӯҳро пурсидам, ки шавҳари Сайёра апааш дар кучост.

— Дар ҷои дур кор мекунанд,— бидуни рағбат ҷавоб дод духтарак ва ман пай бурдам, ки ӯ кадре шитобон сабзии реза кардаашро бо корду коғазу тахтача ғундошта бадар рафт. Аён буд, ки дар ин хусус гап заданро ба худ эб намедид, ё намехост. Ман дар дилам кунҷковии худро маломат кардам ва аҳд намудам, ки то нагӯянд, аз ин нукта дигар лаб накушоям.

Ҳамон бегоҳ ҳар сеямон дар сари оташдон нишаста палав пухтем. Мизбонон ба ман аз ҳад зиёд навозишкорона муомила мекарданд. Аз афти кор, дар ин ҷо будани ман ба онҳо, хусусан ба Сайёра, бисьёр зарур буд.

Ман ҳам дар хавлии Сайёра чун дар хонаи худ бемалол зистан гирифтам.

II

Рӯзи истироҳат соатҳои нӯҳ аз хоб бархостам. Тахмин шабона бисьёр борон борида, ҳамин ҳоло бозмондааст, ки рӯи хавлӣ аз кӯлмак ва шукуфаҳои рехтаи дарахтон пур буд. Бодӣ фораме вазида ба димоғ бӯи махлути гулу сабзаро мерасонд, шохаҳои дарахтро такон дода, қатраҳои дурахшони боронро ба замин меафшонд.

Дар зери айвон ба рӯи курсии пастаке модаршӯи Сайёра Марзия-хола нишаста, як тӯда пӯпак ва чиҳаку зеҳи сарулибоси арӯсиро ба карс мепечонд ва ба Зӯҳро, ки дар муқобилаш истода, ҚОҲ-ҚОҲзанон механдид, кохишомез мегуфт:

— Астағфирулло, ба мобайни кори калонҳо даромаданро ба ту кӣ мондааст!

— Ман аз ҳафтод маҳали ин чизҳо безор. Абдулло ҷиҳакро ба полони курраааш хошия мекунаду ман...

Сухани Зӯҳро чала монд. Пиразан бо шаст аз ҷояш

бархост ва ба Зӯхро хашмгинона нигоҳ карда, аз айвон баромад. Вай дар замини лаҷжонак чанд қадам монда аз суфа фаромад. Аммо зуд аз роҳаш гашта, боз ба айвон омад ва аз он чо, аз байни навдаҳои шох якто асбобашро ба даст гирифту ба тарафи хавлии Зӯхронно равон шуд.

Сайёра аз ким-кучо шир овард. Акнун ба тахтӯл нишаста будем, ки аз рохрави хавлӣ садои суми асп шунида шуд.

Ҳар се баробар берун баромадем. Дар роҳрав марди солхӯрдаи чорпахлӯ, ки теллаки гӯшакдори барра, ҷоман майдалагандан беқасаби сабз ва мӯзаи хроми нав пӯшида, сари синаашро мисли пахлавонони деҳқон ё деҳконони пахлавон яла монда буд, аз лаҷоми аспаш дошта менстод.

— Оббо, чашми одам асло аз замин сер намешудааст-дия,— гуфт он мард баъди саломуалек ва пурсупоси мухтасар. — Нагуфтед, ки барои аспи таҷом ақаллан як каф заминро холӣ монем. Акнун Лочинро ба кучо бандам?

Сайёра хам ба гилагузории ҳазломези мард ширинкорона ҷавоб дода, ӯро ҳамроҳи аспаш ба пешгохи боғча бурд.

— Мева қариб пухту шумо холо хам дар хонаи торик мешинед! — мегуфт таҷо аз он тараф баргашта. — Кати чӯбин канӣ? Дар хезумхона? Ҳай-ҳай, ман онро барои шумо созаму хузурашро хезумхона бинад! Ҳой пахтакор! — ӯ ба Зӯхро рӯй овард: — Биё, як зӯратро нишон дех, канӣ бинам, ёздаҳ хазор кило пахта чиданат рост аст ё ягон сехр дорӣ.

Меҳмон аз як тараф ва Сайёраю Зӯхро аз тарафи дигари кати васеъ бардошта, онро аз хезумхона бароварданд ва аз поёни суфа, дар таки дарахти сап-сафед шукуфтаи себ гузоштанд.

Сайёра аз нав дастархон паҳн кард. Таҷо дар лаби кат як пояшро овезон карда менишаст. Ба назарам, аз даме ки ин марди қавипайкари зиндадил ва хазлкаш омад, боғчаи Сайёра гӯё ки файзи нав, як нури тозае пайдо кард.

Соҳиби хона маро бо таҷо шиносонида, дар рӯ ба рӯи ӯ нишонид ва худаш курсиеро оварда, аз пеши кат ҷой гирифту ба чойкашӣ машғул шуд.

— Як чӯраам имрӯз тӯй дода истодааст, тӯи писар,— хабар дод таҷо бе он ки ба мо, хамсӯхбатонаш нигоҳ ку-

над. — Солҳои бистӯм ҳамроҳ хизмат мекардем. Рафта дасти ба даст кардан даркор.

Сайёра аз фикре бетоқат шудагӣ барин дар рӯи курсиаш ҳар замон ҷунбида мемонд. Вай, аз афташ, чизе гуфтан мехост, вале худдорӣ мекард. Аз ҳаячони ботинӣ ранги ду бари рӯй, хусусан нармакхои гӯшаш зудзуд тағьир меёфт. Таго бошад, ҳамчунон ба ҳавозан ток нигоҳ карда, суханашро оромона давом медод:

— Бузкашӣ ҳам мешудааст. Худам-ку пир шудаам, мадори бо чавонон кашокаш кардан надорам, аммо Лочинро ба кор меандозам. Мон, ки бидонанд: аспбози асил як пояш ба лаби гӯр расад ҳам, аз қатор намебарояд.

Ногоҳ таго аз авзои Сайёра пай бурд ва ба худ нуктаомез табассуме карда, аз кат фаромад.

— Хайр, ман меравам. Ана ин маоши думохан Ашраф,— гуфт ӯ як даста пулро ба рӯи кӯрпача гузошта, бо овози паст ва нарм илова намуд:

— Хафа нашав, духтарам, ду мохи дигар монд. Ҳеч воқеа нест. Ҳамин хел кардан зарур буд, чӣ илоҷ... Хайр.

Вай тез-тез қадам гузошта, ба пешгоҳи боғча ба сӯи аспаш равон шуд. Сайёра бо бари остинаш чашмони ашколуди худро номаълум пок кард.

Таго акнун хайрухуш карда ба рохрав баромада буд, ки аз рахнаи ҳавлии Зӯҳроино садои Марзия-хола баланд шуд:

— Ҳой, золими бедодгар, бинист, ба ту гап дорам.

Таго аз рохаш истода, қох-қохзанон хандид.

— Ман золим? Ман золим бошам, ту кистӣ?

Пиразан ҳарсасзанон роҳ гашта, шавқун карда, гап мезад:

— Ман? Ту агар ҳоло одаму оламро намешинохтагӣ шуда бошӣ, шиносонда мемонам, ҳа-а! Ман хохари калониат, аз ту ҳар чи ҳам бошад, як-ду курта пештар дарронда, ба ҷои модар туро калон карда магар гунаҳгор шудам? Ту бигӯ, ки писарамро кай меорӣ? Агар ту маҳмадонои мамлакат бошӣ, чаро зӯрат фақат ба ҷияни худат мерасад? А? Золим гӯям, боз сахт ҳам мерасад?

Ман аввал гумон кардам, ки ин ҳазлу мутоибаи мукаррарии хоҳару додар аст. Лекин Марзия ба ростӣ ҳам аз шиддати қаҳру алам меларзид, ба додараш бо адовати ошкоро чашм дӯхта гап мезад. Аз чехраи таго бошад, лабханд ҳамчунон дур намешуд. Вай бо доду фарьёд ва дастафшонихои пиразан чун ба шӯхии кӯдаке ил-

тифотомез нигоҳ карда менстод. Ниҳоят, қиёфаи ҷиддӣ гирифта: «Хайр, апа, бехуда маҳал накун, баъди ду мох меояд»,— гӯён шитобон баромада рафт.

...Чаҳор кас аз чаҳор гӯшаи кат ҷой гирифтем, лекин сӯҳбат хеҷ наметафсид. Пиразан нони хонагиро бо чой мулоим карда, тез-тез ва ғазаболуд мехоид.

Сайёра пули таҳо овардаро ба ду ҳисса таксим карда, якеро ба пеши Марзия-хола гузошт. Пиразан ба тарафи келинаш як нигоҳи сахт афканда, пулро баргашта ба пеши вай тела дод. Сайёра бидуни он ки чизе бигӯяд, пулро боз ба назди пиразан монд, лекин ин дафъа дар нигоҳаш хоҳише ифода ёфта буд, ки таклифашро рад накунад. Зӯҳро, ки ки доду гирифтро бо лабханди сабук таъқиб карда менишаст, дигар тоқат карда натавониста хандид.

— Наханд, тирмизак! — аз сидқи дил коҳиш кард Марзия-хола. — Ба ту имрӯз чӣ шуд, ин кадар механди? Е гирья карданат омадааст?

Сонӣ ба келинаш рӯй оварда гуфт:

— Лозим нест ба мо пул. Гиред.

— Лозим мешавад, бибӣ, ба одами зинда пул ҳамаа вакт даркор.

— Не, намегирам. Шумоён ҳоло ҷавон, орзую ҳавас ҳамааш дар шумоён. Рӯзи мо бе ин ҳам подшо барин мегузарад, духтарам. Лекин... фақат ҳамин ки... — гуфта Марзия-хола фик-фик ба гирья даромад.

III

Онҳо чор сол мукаддам ҳамдигарро дида ва дӯст дошта, онла барпо карда буданд. Ашраф ҷавони хондагӣ, оқил ва хушмуомила буд. Зиндагониашон хушу хурсандона мегузашт. Ашраф дар шӯъбаи милиция кор мекард, аввалҳо милиционери қаторӣ буд, баъдтар кадом як курсро тамом карда, бо унвони афсарӣ баргашт. Ӯро ба маҳалли колхози худаш мутасаддӣ карданд. Шумо, албатта, медонед, ки милиционерҳои мо, хусусан дар деҳот, чӣ гуна обрӯю нуфуз доранд! Аксар ба оной чун ба намояндаи давлат мурочиат мекунанд, онҳоро ба ғаму шодии худ шарик медонанд, аз онҳо маслиҳату мадад мепурсанд. Дар қишлоқ маъракае намешавад, ки дар он ба қатори раис, парторг ва дигар шахсони обрӯманди деҳот, милиционери маҳал набошад.

Ашраф низ ба ҳамин муносиб бо поквичдонӣ ва одамдӯстиаш дили мардумро ба худ гарм мекард.

Вай неку бад ва наву кӯҳнаро нағз фарқ кунонда метавонист, намехост, ки занаш хонанишин шуда, маълумоти дар мактаб гирифтааш бехуда равад. Шахсан ба Сайёра кӯмак карда, ӯро табельчии бригада таъин кунонид, хатто чанд рӯзи аввал аз вақти худ дуздида, то ба кори нав одат кардани занаш ӯро дар саҳро ҳамроҳӣ мекард, баъзе чизҳои донистаашро меомӯхт, ҷасорат мебахшид.

Сайёра ҳам ба ин вазифа меҳр баста, онро нағз ёд гирифт. Баъди як сол правления Сайёраро сартабельчӣ таъин кард. Ин вазифа бешубҳа мураккабтар ва сермасъулияттар буд. Сартабельчӣ гоҳо шабона дар идора монда, ҳисоботи ҳафтаина ё даҳрӯзаро ҷамъбаст мекард, дар маҷлисҳои правления, дар машварат ва маслиҳатҳои сардорон иштирок менамуд. Вале дермониҳои Сайёра ба шавҳараш маъқул набуд. Вай ҳамин ки аз кор омада, занашро дар хона наёфт, дилгир мешуд ва танҳо нишаста натавониста, ба истиқболи ӯ мерафт. Сайёраро дар идора дида, то саранҷоми кораш мунтазир мешуд, баъд ба пеши велосипедаш савор карда, ба хона меовард. Дар роҳ Сайёра аз корубори худ бошавқ ҳикоя мекард. Ашраф ҳам — аз дида ва шунидаҳои худ. Хулоса, он ҳолати парешонӣ ва изтиробомезе, ки рӯзона аз дурии якдигар пайдо мешуд, дар як он рафъ гардида, ҳастии ононро шодию сурур фаро мегирифт. Лекин ба ҳадди афзудани дермониҳои Сайёра шавҳараш аз ин ҳол бештар норозигӣ баён мекард ва ниҳоят, як рӯз ошкоро хоҳиш намуд:

— Сайёра, кори пештараат хуб буд. Ин чӣ гап, ҳар шаб то хуфтан ман сарсону саргардон, ту гуруснаю ташна ва оворан маҷлису машвараҳо ҳастӣ.

Сайёра нигоҳи мутаҳайири чашмони худро хело вақт ба рӯи шавҳараш дӯхта, сокит монд. Чӣ шуд ба ӯ? Худаш чӣ қадарҳо даводавӣ карда, ӯро ба кор даровардa монд, то кор омӯхтани занаш шабҳо аз хоб монда, ба ӯ маслиҳату ёрмандӣ мекард. Сайёра вазифаи худро, ки бо таку даву ташвиши зиёдаш ӯро ба гирдоби ҳаёти колхоз кашида буд, дӯст медошт ва аз он ки ин вазифа дили ӯро бо як завқи ифтихоромез пур мекард, хушбахту масрур буд. Рости, ӯ мефаҳмид, ки қарзи худро дар оила адо накарда истодааст. Ашраф ҳам охир рӯзи дароз аз пан баҳсу кашмакаши мардум гашта, ба хона кӯфтаю

монда шуда бармегардад ва табиист, ки ҳавлиро бекас ёфта, зиқ мешавад. Чанд бор Сайёра ўро дар вазъияте дарьёфтааст, ки даступо ё ягон чои либосашро ба дегу оташ сўзонда, ё худ сиёҳ карда дилтанг ва оташин шуда нишастааст.

Ҳаман ин як гўшаи дили Сайёраро хичил мекард. Вай оқибат ахволи худро ба сарбухгалтер ва раис гуфта, хохиш намуд, ки ўро аз ин вазифа озод кунанд. Онҳо розй шуданд, лекин ба шарте ки Сайёра боз ду мохи дигар бардошт кунад, то ки мавсими пахтачинй гузарад, кор сабуктар шавад. «Агар дар чунин долу зарби кор сартабельчиро иваз кунем, ачаб нест, ки ба ҳисобу китоби меҳнат чигил афтад. Хусусан, ки ба ин вазифа ҳоло номзади муносибе нест».

Ин далел ҳам чон дошт ва Сайёра қарор дод, ки то охири сол сабр кунад.

Баъзан авзои одам дар бадали чанд рўз якбора тағйир ёфта, худаш тамоман дигар мешудааст, ки ба вай ҳар кадар наздик ва аз ҳолаш огоҳ бошед ҳам, аз ин табаддулот ғофил монданатон душвор нест. Ашраф дусе бегоҳ болои ҳам ба Сайёра сардакак муомила карда, суханҳои духўра мегуфт, масалан «Шабгардй ҳам, аз афташ, маъқул шуда монд-дия» ё «Чй мефармоед — пагоҳ то омаданатон чй таоме тайёр кунам?» ва ҳоказо.

Сайёра ба сабаби ин гуна авзои шавҳараш ҳанўз сарфаҳм нарафта ва тадбири аз байн бардоштани ин хунукиро наёфта, вокеаи шуме ба вуқўъ омад ва онҳоро аз ҳам чудо сохт.

Рўзҳои охир Ашраф аз район ширакайф меомад. Он рўз ҳам нўшида омаду дар хона занашро наёфта, оила, зиндагонй, колхоз ва боз ким-чиҳоро дашномкунон ду-се пиёлаи дигар май нўшид ва ба кофтукови зан баромад. Сайёра дар идора набуд, дар участкаҳои атрофи деҳа набуд. Тарозубони хирмани Тўбсада гуфт, ки вай ҳамроҳи табельчии онҳо ба пункт барои пахтасупорй рафтааст. Ашраф табельчии Тўбсада, чавони (ба назари ў) мулоимхунуки шубҳанокро чашми дидан надошт. Ба бадбахтй, Сайёра ҳам вақтҳои охир ин чавонро «ба вазифаи сартабельчй тайёр мекунам» гуфта бо ў бештар якчоя мегашт.

Ашраф дар шаби торик пои пиёда ба тарафи рохи калон рафтан гирифт. Ҳар мошини боркаши аз он сў ояндаро, ки дид, нигоҳ дошта, сартабельчиро мепурсид. Иттифоқо яке аз мошинаҳо ба дастчунбонию фарьёди ў,

ки дар канори рох меистод, эътиборе надода, бо шаст гузашта рафтан гирифт. Тафсилоти ин тарафи вокеаро Сайёра хам намедонад, зеро Ашраф онро ғайр аз ахли мачлиси партиявии шўъбаи милиция ба касе нагуфтааст. Аммо якин кардан мумкин аст, ки Ашраф гумон мебарад, ки занаш бо табельчй савори хамон мошин буданд ва қасдан аз пеши ў гузашта рафтанд. Вай лахзае ба ғалаёни рашк дода шуда, аклаш тира мегардад ва таппончаро бароварда, ба тарафи мошин як тир холй мекунад. Садои тир худи ўро низ хушьёр мекунад. Вай беҳолу бемадор дар канори рох нишаста мемонад.

Аз тири Ашраф касе зарар надидааст, фақат тирезаи оқиб ва нисфи оинаи пеши кабинаи мошин пора-пора шуда рехта буд. Ронанда хамон шаб дар қишлоқ ин вокеаро ҳикоя карда, гох бо киёфаи каҳрамони корнамоие нишондода, гоҳ чун шахси ноҳак ҳакоратшунида, ба ходиса ҳазору як обуранг медод ва ба хар тарзе хохад, болобардор карда накл менамуд.

Пагохи дигар, ханўз офтоб набаромада, сардори милиция Баротака бо ёрдамчиёнаш омад ва дар бадали ним соат сурати холро аниқ карда Ашрафро гирифта бурд.

Кошкй Баротака каси бегона мешуд! Ба шўри сари Ашраф, вай додари зоидаи модари худаш, яъне тағои худаш буд, боз чунон тағо, ки дар сахтгирй чавоби дах одами бегонаро медод.

Тағо Ашрафро ба кабинеташ дароварда, дарро охиста аз дарун қулф кард ва оромона ба чиянаш наздик шуду ба баноғўши Ашраф кашидаву кушода як торсакй фаровард. Ашраф рафта ба чевон часпид. Тағо баъд аз ин тасмаҳои ўро бо дасти худ кушода гирифта, таппончаашро аз ғилоф бароварда ва ба сўи Ашраф дароз карда, бо овози қариб пичирросй, вале сахт гуфт:

— Мах, бигир, паррон! Маро, занатро, падару модаратро паррон, ҳамаро паррон! Бигир, набошад, боз мезанам!

Тағо бешўхй хам омодаи задан шуда истода буд, ки Ашраф бо садои пасти базўр шунаво «Тавба кардам» гуфт. Мушакҳои рўяш аз изтироб мепариданд, лабонаш аз фишори дандонҳои худаш хуншор гашта буданд.

Баротака дар чашмони ў ҳалка задани ашкро дида, пас гашт ва аз кабинет баромада рафт.

Ташкилоти партиявй ба Ашроф танбеҳи сахт эълон кард. Аммо тағояш ханўз ором нашуда буд. Вай ба рўй

додани ин ходиса худашро ҳам гунаҳгор медонист. «Аввал ин, ки чияни худро ба идораи худ ба кор гирифтам,— мегуфт ӯ.— Сонӣ бармаҳал, ба курс фиристода, сохиби унвони афсарӣ кардам».

— Аз худ рафтааст, тирмизак. Лекин ман ҳоло чунон кунам, ки чашмаш мош барин кушода шуда монад,— бо оташинӣ таҳдид мекард таго.

Дар ҳақиқат ҳам дере нагузашта, Ашрафро хамроҳаш ба Сталинобод бурд, ба сардори управления арз карда, рутбаи ӯро паст кунонид ва ба муддати як сол мачбурӣ ба як райони дурдаст ба кор фиристод. Баъд омада, ба Сайёра гуфт, ки корашро мисли пештара, дар ҳар вазифае ки хоҳад, давом додан гирад, Ашраф баъди як сол «мусулмон шуда» меояд.

Ана ҳамин аст қиссаи шавҳари Сайёра.

Аз рафтани Ашраф ҳафт моҳ гузашт, аммо аз ӯ фақат ду мактуби нимгурма омад ва он ҳам ба воситаи Баротака, гуё чавони бечора дар бадарга бошад.

Лекин ҳозир худи таго аз сахтгириаш зоҳиран пушаймон шудааст, вале сир намедиҳад. Илоче нест, бояд тоқат кард. Гоҳо якрахагии мардон аз афкору эҳсосоташон ҳам қавитар мебарояд.

IV

Дар арафаи тӯи Зӯхро аз кор барвакт омада, ҳанӯз либосамро иваз накарда будам, ки Сайёра ба пешам омада гуфт:

— Любовь Константиновна, ман шуморо минбаъд «апа» гӯям, майлаш?

Ин савол чунон ногаҳонӣ ва ғайри чашмдошт буд, ки ман беихтиёр хандида фиристодам. Дар ҳақиқат бисьёр касон, алалхусус дӯстони маҳаллиам номи маро ба душворӣ талаффуз мекунанд, гоҳо тамоман гуфта натавониста, ҳичолат мекашанд.

— Люба гуфтан гир, Сайёрачон, — чавоб додам ман ҳамчунон хандида.

Сайёра норозиёна сар чунбонид. Эҳтимол, зани аз худаш калонсол, илова ба ин меҳмонро ном гирифта мурочиат кардан намехост. Урфи миллӣ-дин.

— Хайр, фамилияамро гирифта, Мирзоева гӯй, — боз таклиф кардам ман.

— Не, не. Ин чӣ гап?! «Мирзоева» гӯям будааст. Не. Апа мегӯям.

— Ихтиёрат, ҳар чи гӯй майлат, лекин як дами гармӣ паз, ки шикам нақора менавозад. Ман каме биринҷ овардам, хо-о дар он ҷо.

Сайёра рӯймоли биринҷ басташударо дида, димоғаш сӯхт. Тобиши чашмонаш, ки ҳамин ҳоло мисли акси офтоб дар қатраи об, дар рухсори лолагунаш шӯъла мепошид, банохост хомӯш гардид. Сайёра чанд бор таъкид карда буд, ки ба хона чизе наоварам. Мадонаш аз масолеҳи рӯзгор пур. Мардуми ин ҷойҳо осудаҳоланд ва дар хонаводаи онҳо захираи хӯроквории — аз орду биринҷ кашида, то меваю сабзавот аксар ба моҳҳои дароз мерасад. Аз магазин се-чор кило биринҷ харида овардан ҳам валинеъматӣ шуд?!

Дар ҳақиқат нағз нашуд. Сайёра «шуморо апа гӯям, майлаш?» гуфта, бо як ҷӯши меҳри хоҳарона бо ман гапзанон мекарду ман биринҷ оварданамро гуфта гӯё ба болои оташи меҳраш оби хунук рехтам. Пас аз ин кайфи худам низ гурехт. Аз дилаш барорам гуфта, ба тарафи хона равон шудам, вале ӯро дар айвон дар як ҳолати аҷибе дида, дар нимаи роҳ истода мондам. Вай латтаеро ба даст гирифта, дар кунҷи айвон меистод ва дам чарҳҳои велосипеди ба шифт овезони Ашрафро пок мекарду дам катраҳои шорони сиришкро.

Ман аз нияти худ даст кашида, пас гаштам...

Дар ҳавлии Зӯҳроино тайёрии тӯй дар авҷ буд. Як дунёё қолину кӯрпачаҳоро аз хонаи хешу табору ҳамсояҳо оварда, аз ҳоло дар зери айвони дарозашон тӯб карда мондаанд. Пагоҳ ин айвон, ин хонаҳо, тамоми ҳавлию боғ ва, шояд ҳавлии Сайёра низ аз меҳмон пур мешавад.

Тақдири одамро бинед, ки гоҳо як воқеаи хурде метавонад онро тамоман дигар кунад. Зӯҳро синфи даҳуми мактаби Тали Заргарро бо медали нукра тамом карда, ба шаҳр рафтанӣ буд. Ҳатто бору бунаашро баста ба ҳаёти студентӣ комилан омода шуда буд. Дар арафаи сафар баъди ҷангу ҷӯши зиёде бо модараш, ки рафтани ӯро намехост, дар таки карнаи радио бо хотири мушавваш ва дили пурғаш менишаст. Ногоҳ як духтарак, ки мисли ӯ мактаби миёнаро тамом кардааст, баромада гуфт, ки орзӯи вай акнун дар истеҳсолот кор кардан аст. Ғоибона ҳам хондан мумкин. Маълумоти ғуншударо вай дар фабрика ба кор бурданист. Духтарак дар бораи нарасидани кадрҳои маълумотнок дар корхона ва кол-

хозу совхозхо аз газетахо мисол оварда, дурустии рохи интихоб кардаашро исбот мекард.

Зӯҳро ин гапро шунида тамоми шаб фикр карда баромад ва пагоҳ аз хоб хестан замоно қарори нави худро ба падару модараш баён кард.

Модар аз хурсандӣ духтари худро бӯсаборон кард. Падари Зӯҳро, Раҳим-амак бошад, ғур-ғуркунон:

— Ҳар кас ба гапи чавонҳои ин замона бовар кунад, аклашро хӯрдагӣ девона аст, — гуфту ба кораш баромада рафт.

Зӯҳро дар колхоз монда, аз сидки дил ба кор часпид. Аввал дар кирмакпарварӣ ном баровард, сонӣ дар пахтачиний. Тобистони гузашта Мурод аз аскарӣ ҷавоб шуда омад. Ба ҳамдигар дил бастанд. Маросими хостгорӣ, тӯи фотиҳа шуда гузашт ва ана пагоҳ—тӯи арӯсӣ. Имрӯз, мувофики шуниди ман, бояд ба идораи Совети кишлоқ рафта, никоҳашонро қайд кунанд. Дар бораи хутбахонӣ хочати гап ҳам нест. Феъли Зӯҳроро ҳама медонанд.

— Абдулло, биё дегро фарорем! — гуфт касе аз таки дарвоза додари Зӯҳроро чеғ зада.

Абдулло, ки аз як гӯшаи рӯи ҳавлӣ оташдон мекофт, ба дарвозахона нигоҳ карда, араки пешонаашро пок кард ва аз чуқурӣ баромад.

Деги калони дехаро, ки мардуми кишлоқ дар маросимҳои худ кор мефармуданд, ба хар бор карда, бо ресмон чорбанд карда буданд. Чавони дегро овардагӣ аз як гӯшаки он дошта меистод. Абдулло бо кушодани ресмон андармон шуд, аммо дар ин вақт хар аз ҷояш ҷунбида, ба сӯи гулбуттахое, ки ба тозагӣ сабзида, акнун нашъунамо мекарданд, ҳаракат намуд. Дукаса сари харро ақиб гардонданд ва Абдулло дубора ба яла кардани ресмони дег машғул шуд. Боз хар ба тарафи гулзор равона шуда буд, ки бо халачӯби ғафси вазнин танбех дода, ӯро аз нияташ баргардонданд.

Ман ин манзараро аз болои суфа тамошо карда, завқ мебурдам, ки ба пешам Сайёра «Ба чӣ механдед?» гӯён омад.

Мо «оштӣ» шудем.

Акнун ман дар фикри он будам, ки ба тӯи Зӯҳро чӣ тӯҳфа омода кунам. Рости, масъалаи тӯҳфа дар ҳар маросим бонси фикру хаёли бисьёре мешавад. Ба Зӯҳрочон тӯҳфа тайёр карданам шарт буд. Ин духтарак дар муддати кӯтоҳи шиносоиямон бо ман сахт унс гирифта,

диламро бо кушодарӯй ва самимияти худ ҷазб карда буд.

Дар ин андеша будам, ки худи Зӯхрочон аз рахна гузашта, ба пешам омад. Ман ба пешвозаш шитофта, ӯро ба оғӯш гирифтам ва табрик кардам.

— Рахмат, Любовь Константиновна, — гуфт Зӯхро аз шарм сурх шуда ва дақиқае тахаммул карда, такрор намуд: — Рахмат барои табрикатон, лекин ҳоло маълум нест, ки чиҳо мешавад...

— Боз чӣ маълум нест? — хитоб кардам ман, — ту чиҳо гуфта истодаӣ? Имрӯз — рӯзи тӯят, рӯзи шодмонии ҳамаи мо, чаро ин таар мегӯӣ?

— Эҳ, апачон... — инро гуфта дархол ба тарафи хона, ба назди Сайёра равон шуд. Дар он ҷо тахмин сӯхбаташон хело тафсид, ки дергоҳе берун набаромаданд. Ман ҳам мабодо халал нарасонам, гуфта, аз ҷоям начунбида нишастам. Ниҳоят Сайёра баромада, маро бо имою ишора ба хона чеғ зад.

Чашмони Зӯхро сурх шуда буданд. Ман ин ҳолро дида, дар дилам хандидам. Бисьёр мешавад, ки тоҷикдухтарон дар арафа, ё рӯзи тӯи худ аз рӯи таомул гирья мекунанд. Бале, ҳоло — дар ҳамин рӯзҳо низ, аксаран бо майлу иродаи худ ба чавонони дилдодаи худ ба ҳаёт баромада, рӯзи тӯй гирья мекунанд. Ин, эҳтимол як навъ ифодаи эҳтиром ба хонаи падару модар бошад.

— Кор чиддӣ, апа, — гуфт Сайёра. — Зӯхро, намедонам девона шудааст магар, мегӯяд, ки тӯйро хобонед.

— Чӣ воқеа шудааст, охир?

— Ба Мурод намерасам мегӯяд, умуман ба касе намерасам мегӯяд.

— Ана халос...

Зӯхро хунгас зада гирист. Ман ба куллӣ моту мабҳут шуда будам. Сӯҳбати ба ҳаридӣ бо ӯ кардаам ба ёдам расид. Ман дили ӯро фаҳмиданӣ шуда, охиста аз ин чиҳат гап кушода будам. Пурсидам, ки Муродро ҳақиқатан дӯст медорад ё не. Бе ҳеҷ дудилагӣ чавоби бурро дода буд, ки оре, дӯст медорад, Мурод чавони хуб аст, фақат метарсад, ки баъди хонадор шудан тағьир наёбад. «Дили одамро фаҳмидан осон набудааст, гуфта буд Зӯхро. Ана бинед, Ашрафакаам чӣ хел одами нағз буданду баногоҳ ин хел йӯрга бароварда, ба сари Сайёра апаам чӣ рӯзеро оварданд!»

Ман кайҳо пайҳас карда будам, ки Зӯхро дар хусуси хаёти Сайёра бисьёр фикр мекунад, аз тақдири ин ча-

вонзан барои худ низ хулосаҳо баровардааст, аммо чӣ гуна будани он мулоҳиза ва хулосаҳоро намедонистам. Бинобар ин, ба қадри ҳоли худ ба насиҳат кардан кӯшидам. Гуфтам, ки агар Муродро дӯст дорад, ҳар хел шубҳаю тахминҳоро ба дил ҷой дода, худро беҳуда азоб дода нагардад. Гоҳо шубҳаи беасосе низ рафта-рафта аз ягон ақидаи нодуруст қувват гирифта, боиси ғаму андӯҳи беасос мегардад. Модоме ки дӯст медорӣ, бо тамоми дилу ҷон бовар кун, вассалом.

— Бовар мекунам, бовар мекунам,— бо ҳарорат гуфта буд Зӯҳро, вале пас аз дақиқае боз ғарқи ким-чи хел андешаҳо шуда монд.

Ана, имрӯз ин хел ҳодиса.

— Чӣ шуд, Зӯҳрочон, чаро якбора аз қавлат гаштӣ? — пурсидам ман.

— Ман не, апачон, Мурод гашт, — гуфт духтарак. Вай гирьяашро базӯр фурӯ бурда, гап мезад. — Шарт карда будем, ки барои қайд кардани никоҳ ба Совети қишлоқ ҳамроҳ меравем. Наомад. Хоҳараш ва як кампирро фиристода, таъин кардааст, ки «гирифта оед», гӯё ман ҷорӯб ё офтоба барин ягон чизи беҷон бошам.

— Э, бордкалло, духтар, — гуфтам ман. — ҳамин ҳам баҳона шуд? Ман мефаҳмам, ту мехоҳӣ ки никоҳу тӯят ба тарзи нав, аз они ҷавонони шаҳр барин гузарад. Лекин охир дурусттар мулоҳиза кун, ҳоло ин кор дар деҳот чандон осон муяссар намешавад.

— Не, гап дар ҳоҳиш. Ман кӯдак нестам-ку, — гуфт Зӯҳро ва дар чашмонаш боз об чарх зад.

Мо ҳайрон будем, ки акнун чӣ мешуда бошад? Мурод чӣ мегӯяд? Вай ҳақ дорад ҷанҷолу ғавғо бардорад, падару модари Зӯҳроро маломат кунад, худи Зӯҳроро изо диҳад. Умуман, ин гапи ҳазл нест, дар қишлоқ даҳони мӯле, ҳар кас ҳар чиз мегӯяд.

— Рости гап, — гуфт Сайёра, — ба домод дилаш пур не, дигар ҳамааш баҳона.

— Оё ҳамин тавр аст? — пурсидам ман аз Зӯҳро. Вай ба аломати тасдиқ сар ҷунбонид ва гуфт:

— Бисьёр фикр кардам, намешавад. Майлаш, ҳар чӣ бигӯянд, гуфтан гиранд, ман намехоҳам, ки... Ман меравам аз ин ҷо, бигузор ҳар чизе ки шавад...

Тӯй вайрон шуд. Зӯҳроро мо, албатта, ба ягон ҷо баромада рафтанӣ намондем. Марзия-хола аз худ таклиф кард, ки «арӯс» ду-се рӯз — то пасанда шудани ин ҷанҷол ва ором шудани худаш дар хонаи вай нишинад.

Рахим-амак, падари Зӯхро, низ ба хилофи гумони мо чандон нашӯрид. Вай бо лабханди аламноке оромона гуфт:

— Замона хамин-дия... Аз аввал ихтиёрашро ба дасти худаш гирифта буд. Дар вакташ ба кудохо хам гуфта будам. Рост-дия аз чӣ шарм медорам? — вай ин саволи андаке номафхумро ба худ дода, баъди каме таваккуф кардан илова намуд: — Бачахо устухони касро сафед мекунанд.

Шабона Баротака омад. Вокеаро фахмида хело хандид.

— Ӯх пахтакоре, ӯ балочае, оё нагуфта будам, ки ин духтараки дамдузд рӯзе коре карда, хамаро хайрон хохад кард! Ана, тамошо кунед, — гуфт ӯ.

Вакти рафтанаш ба Сайёра таъин кард:

— Ба Зӯхро бигӯ, ки ба хотири зарбдориаш як бор тарафашро мегирам. Лекин минбаъд хушьёр шавад. Ха, эхтиёт шавад, ин савдои умр аст.

V

Рӯзи дигар пешинӣ аз рӯи одатамон ба хона барои хӯрокхӯрӣ омадем, лекин таоми тайёр кардаамон захр шуд. Аз тарафи домод як тӯда занхои чангараи шаттох омада, дар хавлии Зӯхроино шӯре барангехтанд. Сарулибос ва озукаворин барои тӯй фиристодаи домодро пас мегирифтанду дар болои хар чиз бахонае ёфта, ба модари Зӯхро дармеафтиданд, ӯро дашному маломат мекарданд, таъная пичингхои талх мегуфтанд. Ғавғои онхо хар дакика бештар боло мегирифт. Лекин модари Зӯхро низ дар пеши онхо шаъни духтари худро химоя карда, аз харифон паст намеомад. Вале хамин ки кудохо молу матои домодро ба ароба бор карда рафтанд, вай бо нолаю афғон фарьёд кашидан гирифт:

— Илохо, хабари мурдаат биёяд, духтари ноахл! Маро шарманда кардӣ, чавонимарг! Ок мекунам, ки дар оташи дӯзах сӯхта, чинчак мешавӣ! — ва ғайра ва хоказо.

Мо он рӯз аз хона баромада гурехтем. То хеле рох дашномхои обдори модари Зӯхро ба гӯш мерасид. Ба идора нарасида, аз пеши рохамон Зӯхро баромад. Вай кавл дода буд, ки акаллан се рӯз дар хонаи Марзия-хола начунбида мешинад.

— Чаро худамро худам ҳабс карда менишастаам! Ман аз кй забонкўтоҳ? — гуфта ба саволи мо бо савол чавоб дод Зўҳро.

Дукаса шуда ба насиҳат сар карда будем, ки илтимос намуд: «Ба ҳолам гузоред маро, дилам ба кафидан оид шудааст».

— Хайр, — гуфтем мо, — ихтиёрат. Ту ба гапи падару модар, хатто ба гапи худат кор намекунию ҳоло-ку мо...

Акнун Зўҳро моро таскин доданй шуда, дурудароз гап зада рафт. Ў ба таври худ исбот мекард, ки аз назари одамон, алалхусус аз чашми Мурод пинҳон шуда, дар ким-кучохо гўшанишинй карданаш хуб нест, баръакс боиси ҳар гуна фитнаю дасисаҳо ҳоҳад шуд.

Зўҳро дар охир хабар дод, ки ба киноои имшаба сето билет гирифтааст ва илтимос кард, ки ҳамроҳаш ба клуб биравем.

Ҳарчанд, ки ин духтар бо кирдори худ дар ин ду рўзи охир боиси ин кадар носозиҳо гардид, ман аз чй сабабе бошад, ўро ба худ акнун наздиктар ҳис мекардам, ба назарам вай болиғ ва оқилтар менамуд. Бинобар ин хохишашро рад накардам.

Тамошо, ба хушбахтй, оромона гузашт. Сайёра ва Зўҳро аз фильм баҳоят мутаассир шуда баромаданд ва то ба хона расидан ҳар кадоми мо ба хаёлоти худ банд будем.

Дар зери айвони дарози Сайёраино қатор бистар андохта хобидем.

Як поси шаб гузашта буд, ки садои бадҳайбати раъд аз хоб бедорам кард. Дар равшании барқ чойгаҳи Зўҳроро холй дида, хайрон шудам. Сайёра ҳам бедор будааст.

— Хавотир нашавед, — гуфт ў. — Хозир меояд. Одаташ ҳамин: дар ҳавои вайрон ҳар вакт, ки бошад, рафта пахтаашро хабар мегирад.

Ман дар торикии зулмот, ки гоҳ-гоҳе аз нури барқ як лаҳза пароканда шуда, боз ҳама чоро фаро мегирифт, ба пешгаҳи боғ чашм духта нишастам.

Сайёра сар аз болин бардошта гуфт:

— Ба кораш чудо ҳорис. Бригадирашон одами доно, лекин танбали худо задагй. Чанд бор нисфҳои шаб аз хонааш кашола карда баровардааст... — Сайёра дакикае ба шарфаи борон гўш дода, сокит монд, баъд ҳамьёза кашида бо оҳанги норозиёна гуфт: — Донаҳои аввалини

боронро жола пиндошта, чунон фарьёд бардошт, ки хобам аз фарки сарам парида рафт.

Зӯхро чомачаи саргирак кардааш ва калӯши ба пои барахна пӯшидаашро шип-шилта карда омад. Дар хона куртаашро иваз карда баромаду ба бистари худ ёзид.

Хар се бедор будем. Садои раъд торафт аз дур меомад, равшании барк хиратар мегардид.

— Ачаб, ки дӯстони ман хама хисобчианд, — андешамандона гуфт Зӯхро.

— Хайр, хисобчӣ гандааст?—лукма партофт Сайёра.

— Не, ман ганда нагуфтаам, баръакс. Дар чои пештараамон як хохархонд доштам. Фотима номаш, вай хам хисобчӣ буд. Худам хайрон. Хобатон бурд, апа?

— Не, — гуфтам ман дархол ва хобро, ки аз нав ғалаба мекард, навъе карда гурезондам ва нимхез шуда, дар рӯ ба рӯи Зӯхро дар бистар ёзидам.

Борон кам-кам аз шиддат мемонд. Дам ба дам шӯълаи кабуди барк тархи иморат ва кӯлмакхои рӯи хавлиро як зум равшан карда, ғоиб мешуд.

— Шавхараш духтур буд, лекин дар дехаи дигар, шаш чакрим дур аз кишлоки мо кор мекард. Ачаб, хар рӯз, ки вакти омаданаш шуд, Фотима коруборашро монда, ба лаби дара мерафт, ба таки дарахти коҷ сари ду по меннишаст ва ба он тарафи дара, ба пайрохае, ки аз пуштаи кӯх печутоб хӯрда меомад, чашм медӯхт. Хар кадар кори зарур дошта бошад, аз осмон санг борад хам дар соати бозгашти шавхараш дар он чо хозир мешуд. Аксар писарчаи худ Махмадшарифро хамрохаш меовард. Ман хаёл мекардам, ки онхо байни худ ахду паймон доранд, вагарна ин одат акаллан гох-гохе тарк мешуд.

Духтур баробари намоён шудан, аз хамон чо, аз масофаи такрибан панҷсад-шашсад метр ба тамоми кӯхсор ғулғула андохта фарьёд мекашид:

— Мухаммадшари-и-и-и-ф!

Баъд дар роҳи саринишеб аспи худро бо шитоб медавонид. Бачахои кишлок нидои духтурро шунида, ба чойхои баланд баромада мегирифтанд ва аз хамдигар гузаронидани шуда, аз дилу чон дод мегуфтанд:

— Фотимаапа, духтур омад!

— Духтур ома-а-ад!

Дар кишлоки мо хам бисьёр хурофотпарастон буданд, аммо хеч кадоми онон чуръат карда, ин мулокоти

пурғавғои он ду нафарро айб намекарданд. Баъзан ҳатто ҳамсояи мӯйсафеди мо, ки солхои сол нинчониб хаставу бемадор буд, ин доду шавқунро шунида, асозанон ба кӯча мебаромад ва сарашро яктарафа дошта, муддате табассумкунон меистод. Дар ин лахзахо чехраи дардманди пирамард аз ким-чи хел нуре гӯё фурӯзон мешуд ва ӯ тез-тез мижа зада худ ба худ мегуфт:

— Бачекон рӯз бинанд... Парвардигор дар панохаш нигох дорад...

Ман ҳанӯз хурд будам ва дарк намекардам, ки бонси хамаи ин доругир ишқ аст...

Зӯхро нақлашро тамом кард. Нақлхои ӯ аксар касро ба андеша меандозанд, гохо ғамоваранд, вале ғамовар бошанд хам дар дили кас як хисси некбинонае илко мекунанд.

Бечора духтарак, вай хам орзу мекунад-дия.

Чанд рӯз қабл аз ин хисси кунчковиам даст дода, аз Зӯхро пурсида будам, ки дар хангоми мулоқот бо Мурод чиҳо мегӯянд.

— Хеч чиз, — чавоб дода буд Зӯхро.

— Шӯхй накун, чй хел «хеч чиз» намегӯед?

— Бештар вай гап мезанад, ман гӯш мекунам. Масалан, дафъаи гузашта, махсус чеғ зада бароварду хабар дод, ки хонаро сохта тамом кардааст. Фақат ранг кардани дару тирезахояш мондааст. Дигар хеч гап не. Ман чй гӯям? Оё пурсам, ки тирезаро бо чй ранге ранг кардаанст?..

Гоҳо ман муомилаи худро бо мардум дар танхой мулохиза карда, ба чунин ақида меомадам, ки фахмидани ботини одамон маро нисбатан осонтар муяссар мешавад. Холо дар мисоли Зӯхро хом будани он ақидаи худро фахмидам. Дили ин духтарак барои ман хозир ҳам чангали касногузар барин торик ва ношинос буд.

VI

Имрӯз Сайёра аз пайрахаи канори кӯча хушҳолона кадам зада меомад. Хар замон хам шуда, аз лаби чӯй як-ду тора пудина канда, дар байни ангуштонаш бозй медоронд, зери лаб суруд замзама менамуд, ба ким-чи хел фикру хаёлоти нихонаш табассум мекард.

Нохост дар қарибии хонааш аз рох монда, дар таки девори хамсоя рост истод. Аз кафо ӯро баланд-баланд

ном гирифта ва ба таваккуф кардан ишора карда, Мурод меомад.

Дар киёфаи Сайёра осори малулй ва хавотир хувайдо шуд, мижгонхои дарози хамидааш ларз хўрданд. Ин чавои ба ў, аздусар, ягон чизи хушнудкунанда нахохад гуфт. Инро Сайёра кайхо боз хис мекард.

— Аз шумо гила дорам, апа, — якбора ба гап даромад Мурод абрўвонашро гирех карда.

— Мархамат, гила аз чои даркорй, гуфтаанд.

— Аз ман шумо хеч бадй надидаед, апа, лекин дар хакки ман чабр кардед, арўсамро аз рох задед...

Сайёра барошуфт.

— Шумо савол дода истодаед, ё даъво мекунед? — бо кахр пурсид ў.

— Хочати савол додан нест. Хама медонанд, ки як пои Зўхро шабу рўз дар хонаи шумо. Вай аз хатти кашидаатон як кадам берун намеравад. Барои чй ин хел кардед? Худатон-ку... Охир...

Чавои аз чизе истихола карда, забои хонда монд. Сайёра ба рўи ў нигарист, то бифахмад, ки чй гуфтан мехохад. «Ту зани сабукфикр, вайронкор, шавхарат бехуда гирифтори фочиа нашудааст. Бадбахтии худат кифоя набуд, ки акнун хасад хўрда оилаи нав сохта шудаистодаи маро вайрон кардй!..» Мурод якин хамин тавр гуфтанй буд.

Дар чашмони Сайёра об чарх зад. Дигар ў мачоле надошт, ки бахс кунад ва ба бўхтони ин чавои аклаш хирагашта чавоб гардонад. Пуштнокй ба девор такья кард.

Ох, Ашраф, чй коре буд, ки ту кардй! Пештар касе хад надошт, ки ба Сайёра иддао кунад. Ту мадори дил, пуштибони ў будй. Аз кучо хам рашки лаънати акли туро тира карду бар сари зани бегуноҳат ин гуна рўзи сахт омад ва ўро дар байни мардум шикастаболу музтар гардонид! Холо хар касе ки хавсала кунад, ба вай нохак таънаю тўхмат зада метавонад...

— Ман медонам, Зўхроро шумо гурезонда, дар хонаи хешхотон руст кардаед, — мегуфт Мурод суханашро давом кунонида. — Гўед, аз ман чй бадй дидед?

Хамагй се рўз пеш аз ин айнан дар хамин соат Сайёраи бечора аз Зўхро бо навозиш илтимос менамуд, ки аз рафтори номулохизакорона зинхор эхтиёт шавад. Имрўз ба гардани ў номи вайронкориро бор карда истодаанд.

Сайёра дакикае фикр карда, ахд намуд, ки кори накардаашро ба гардан бигирад ва ба Мурод бигўяд, ки «Оре, арусатро ман аз рох баровардам, ба ў гуфтам, ки Мурод туро муносиб нест. Рост аст, ки Зўхро бо гуфти вай кор мекунад, чунки вай хохараш барин кас аст, аз хохари зоидааш хам знёдтар аст. Бигузор Мурод кори аз дасташ омадаро кардан гирад!»

Аммо Сайёра ин тавр нагуфт. Хамин ки нигохаш ба нигохи пуркини Мурод бархўрд, гўё дар хакикат хам гунахгор бошад, дилаш ларзид, суханони тайёр кардааш аз нўки забонаш гум шуда рафтанд ва ў бо овози хастаи паст гуфт:

— Вокеаро нафахмидаед, ука. Ман ба ин кор дахле надорам.

Мурод бошад, ба ин гап эътиборе надода, хамчунон бо ғазаб таънаю маломат мегуфт.

Сару рўи Сайёра гўё ки бори гаронеро ба дўши худ гирифта, аз мобайни ботлоке равона бошад, аракшор шуда буд. Ба пайкари Мурод, ба сафедорхои катори он тарафи кўча нигох мекарду лекин чизеро намедид. Кафи дастонашро ба андовои девор совида, сардии гуворои он, хароши форами донахои дурушти регро хис мекарду бас.

Ман Сайёраро дар хамин холат дарьёфтам. Хангоме ки ба пеши ў расидам, Мурод химчаеро ба соки мўзаи худ бо кахр зада ва як садои дилхароши хуштакдоре бароварда, охиста-охиста дур мешуд.

Хамон шаб як хоби хавлангезе маро хело азият дод. Мурод ба дасти ман сатили ранг ва лифро дода, мачбур мекард, ки девори похсаро ранг кунам. Лиф ягон-ягон мў дошт, кулўхи таммуз рангро ба худ намегирифт, девор баланд ва бешитхо буд. Мурод бошад, дар болои сарам истода, химчаи ғафсеро ба соки мўзааш мезад ва вахшаткунон мегуфт:

— Ба ман мерасй, нарасй—аз сад чонат яктоаш хам халос намехўрад!

Ман гирья мекардам, ба эътироз кардан ё худ имдод талабидан чурьат ва мадоре надоштам...

VII

Ман ба район баргаштам: ханўз кор анчом наёфта, чеғ заданд.

Сайёраю Зўхро то назди идора гуселам карданд. Марзия-хола бошад, «ба писарчаатон баред», гўён чанд дона

кулча ва як сабадча гелос дод. Дар вакти хайрухуш Сайёра маъюс шуда монд. «Одат карда мондаем, гуё тамоми умр якчоя бошем, — гуфт вай, — акнун чоятон чўл шуда мемонад».

Бо вучуди он ки ба хонаи худ бармегаштам, дили ман хам шод набуд. Охир, кори дуньёро бинед, ки як чавонзани покдил гунохе содир накарда, чанд мох инчониб дилаш дар азобу чисмаш дар печутоб аст. Зўхро бошад, тўи худро худ вайрон карда, зик шуда гаштааст.

Ачаб ходисахо...

Баъди ин ман дўстони дехотии худро зуд-зуд ёдоварй мекардам. Харчанд онхо мисли хазорон нафар занону духтарони дехот одамони оддии мехнатй буданд ва дар хаёт ягон даъвои махсусе надоштанд, намедонам, чй хел шуд, ки мехри онон дар синаам сахт чой гирифта будааст. Инро ман алалхусус баъди аз Тали Заргар рафтан баръало хис кардам. Акнун аз сидки дил мехостам, ки боз имконияте даст дихаду назди онхо биравам, агар лозим ояд, акаллан бо маслихате ё ягон чизи дигаре кўмакашон кунам.

Як рўз Марзия-холаро дар пеши магазини калони маркази район дида, бехад шод шудам. Вай аз магазин пахтаи кўрпабоб харида, мунтазири мошини колхоз менишаст. Харчанд зўр задам, ки ба хона барам, розй нашуд. Ночор дар кўча сўхбат кардем.

Сайёра наг3, сихат-саломат кор карда мегаштаааст. Аммо Зўхро боз як бор вирди забони мардуми кишлок шуда гирифтааст.

Вокеа ин тавр мешавад.

Мурод, ки рўзи тўи барпонашуда инчониб дар паи озор ва изои «арўсаш» фурсат мечуст, як пешиий тракторашро ба бошишгохи сахрочи бригадаи Зўхроино хай карда меояд.

— Имрўз дар участкаи шумо культивация мекунам,— мегўяд ў ба колхозчиён, ки дам гирифта, чой нўшида менишастанд, муроцнат карда. — Розй хастед?

— Камаратонро шохи мардон банданд, культивациятонро кардан гиред,— чавоб медихад яке аз колхозчиён.

— Аввал пухта карда монем, мегўям-дия, мабодо дар вакти ғалберро аз об бардоштан нагўед, ки шумо ба мо маъкул нестед, ё тракторатон чиркин буд, ё чомаатон равгани... — мегўяд боз Мурод ва ба сўи Зўхро, ки дар давраи духтарон менишаст, бо ришханд нигох мекунад.

— Ҳамаро ба як газ чен накунед, йигити хуб, — гуфта як зани дигар ўро тез мекунад.

— Рост мегўед, хола. Одамизод як хел намешавад. Яке гўл, дигаре доно. Баъзе хондагиҳо хастанд, ки китобро хонда, киною театрро дида, ба ким-кадом зотҳои галатй таклид мекунанд, як нагмахоро фикр карда мебароранд, ки дидаву шунида хуш аз саратон мегурезад.

Дигар тоб оварда нишастан аз иктидори Зўхро берун буд, вай часта аз чояш мехезад ва ба лаби шипанг ба мукобили Мурод омада, фарьёдкунон мегўяд:

— Ҳой «тракторчии номдор» (Муродро газетаи район боре таъриф карда, хамин хел номида буд), талхаю пичингҳоятонро эхтиёт карда монед, ба хона рафта, ба укахоятон мегўед. Гапи шуморо онҳо мебардоранд!

— Ўх-хў-ў, ба дўгатон шавла мепазад-ку! Мебахшед, аз мо гузаштааст, гумон кардаем, ки ба пеши шумо биёем, ягон пьесаи нав нишон медихеду мо хам чорта тамошо мекунем. Охир, шумо ба тамошо нишон додан усто будед,— Мурод инро гуфта дур мешавад.

Зўхро бошад, ўро аз пасаш «феодали навбаромад», «майдагани занфакл» ва боз ким-чиҳо гуфта дашном медихад. Ду-се нафар ба мобайн даромада, мунокишаро пасанда мекунанд.

Духтарак худи хамон дам корро партофта, ба кофтукови комсорги колхоз меравад ва ўро дида, вокеаро аз сар то охир баён мекунад, чанчоли бо Сайёра кардан Муродро хам мегўяд.

Комсорг дертар Муродро ба назди худ хонда, аз ў ваъда мегирад, ки дигар ба Зўхро кордор нахохад шуд.

Марзия-хола дар охири наклаш, чи тавре ки ман чашм доштам, аз кору кирдори ачоиби «бачахои ин замона» тааччуб баён кард ва илова намуд, ки агар онхо минбаъд хам «калонро калон надониста, ба сари худ кордорй кардан гиранд, дунёё вайрон нашуда намемонад».

VIII

Дар охирҳои мохи август боз ба колхоз рафтам, лекин ин дафъа ба муддати ду рўз. Бухгалтерони колхоз хама корро то ин вакт хеле нагз саранчом карда будаанд. Нахустин касе ки аз шиносхо вохўрд, Мурод буд. Бале, хамон Мурод, номзади нокоммондан Зўхрочон. Аз пеши работи бригадаи тракторчиён мегузаштам, ки маро

дида, фарьёд кард. Баъд дар як зум аз болои девори пахсаи работ чаҳида, ба кӯча фаромаду омада дар муқобилам истод. Хоби як вақтҳо дидаам ба хотир омада, дилам так кашида рафт. Аммо киёфаи халимонаи ӯро дида ором гирифтам.

— Салом, Любовь Константиновна,— гуфт Мурод ба дастхои равғанолуди сиёҳаш шармгинона нигоҳ карда. Ман алек гирифта истода, аз дил гузарондам, ки пештар ӯ номамро намедонист, пас бо ман нияти вохӯрдан доштааст.— Нагз шуд, ки омадед,— гуфт ӯ ҳамчунон эхтиромкорона.

Ман ин чавонро хеч гоҳ аз ин пеш шармгин надида будам, ягон маротиба надидаам, ки ӯ бо ҳамсӯхбаташ ба пеши пои худ нигоҳ карда гуфтугӯ намояд.

— Ба ман ягон хизмате доред?— гуфтам бо мақсади осон кардани гуфтугӯ.

— Ҳа, як илтимос доштам, аммо намедонам... Хулласи гап, онҳо...— вай чанд сония хомӯш монд,— Сайёра апему Зӯҳро шуморо бисьёр хурмат мекунанд. Ман онҳоро бехуда ранҷонидам, худатон медонед-ку...

— Хайр,— тасаллӣ додани шудам ман,— ба гузашта салавот. Ҳоло шумо узр хостанед?

Вачоҳати чавон банохост дигаргун шуд. Дар чехрааш осори ранҷиш пайдо гардиду гарданашро ба тарзи ачиб тофта коматашро рост гирифт. Вай дар ин дакика боз хамон Муроди якрахаи пештара буд.

— Ошти шудани хастам, — гуфт ӯ катъй ва бо охангги таънаомез илова намуд:— Моён одамони оддй, як тракторчии чаласавод...

Ман хатои худро пай бурда, дархол ваъда додам, ки майлаш, аз вачхи ӯ ба Сайёра гап мезанам, вале бо арӯсаш муомилаашро худаш дуруст кардан гирад.

Мурод хам розй шуд.

Айёми долузарби нигохубини пахтазор гузашта буд, дар хама чо ба ғунучини хосил тайёрй медиданд. Деҳкони аз ду-се рӯз камтар шудани кор фонда бурда, бому дари худро таъмир мекарданд, хочагиашонро омодаи зимистон мекарданд.

Рӯзи дуюми ба Тали Заргар омаданам чанде аз хурду калони атроф ба хавлии Сайёра ба хашар омада, андоваи бомро сар карданд. Баъди пешин ман хам аз кор фориг шуда, ба онхо кӯмак кардам, сатили пурлойро ба чангак овехта, сатилхои холиро аз он чудо карда мегирифтам.

Ногоҳ Мурод даромада омад ва бо овози баланд ва зиндадилона бо хашарчиён саломалеку пурсупос карда, остинҳояшро бар зада, чаккои шудан гирифт.

Ана корро бинед! Ман ба Сайёра аз бобати Мурод ҳанӯз чизе нагуфта будам, охир ҳеч гумон надоштам, ки ӯ ин қадар зуд меояд. Аз афташ, дили ӯ тамоман бекарор буд, мехост, ки ҳар чи зудтар ба ин хонавода ва ба ин воситa бо Зӯҳро наздик шуда гирад.

Сайёра Муродро дида, муддате даступо гум карда монд. Вале чавон бо қадамҳои катъӣ ба пеши вай рафта, тез-тез гуфт:

— Апа, аз дилатон бароред, ноҳаҚ ранҷонда будам, сабил монад, чаҳл-дия, — ва зуд гапро ба дигар тараф бурд: — Ба ҳашар омадам, пеш намекунед?

Сайёра сарашро дутарафа ҷунбонида, зӯр мезад, ки табассум кунад, аммо натавонист. Як хаячони пуркуввате аз дидагонаш донаҳои сиришкро мефишонд. Тозон ба хона даромада рафт. Дили одам, хусусан зан хамин-хел-дия, андаке ғам ё хурсандӣ кифоя аст, ки оби дидааш шашқатор шавад.

Мурод ҳам аз ин вазъият нозеҳ шуда монд, лекин дарҳол худро ба даст гирифта, ба тарафи хашарчиҳо рӯй овард:

— Қанӣ, Абдулло Махсӯм, онсӯтар истед, ман нардбонро гузорам.

Абдулло дар лаби бом истода лой мекашид. Мурод болои бом баромада, ӯро ширинкорона мазоҳ кард, ки ба сари рохи худаш лой рехта корашро душвор кардааст.

— Афандӣ ҳам як рӯз барои ҳезум ба дарахт баромада, шохи худаш нишастаро бурида буд, — мегуфт Мурод хандида.

Ман медидам, ки ҳоло ҳозир ба ӯ хело душвор аст. Аслан дақиқаҳои аввали узрхоҳӣ барин мавриди гароне нест, хусусан барои мардҳои якраҳа. Ин аст, ки Мурод қасдан бисьёр ва баланд-баланд гап зада, изтироби худро нихон доштанӣ мешуд.

IX

Бегохи дигар дар хона танҳо нишаста (Сайёра ба кучое рафта буд) дилам зиқ шуд. Ба пешгохи боғча рафтам, то ки аз ангури хусайнӣ, ки Сайёра доимо таъриф мекард, ягон сар канда хӯрам.

Ҳаво торик шуда буд, дар атроф малахи бисьёре чиррос мезад. Навдахои токро дар торикй палмоскунон хўшаи ангурро мечустам, ки аз он тарафи таворан богча хишир-хишири алафхои хушкида ба гўшам расид.

Курбоккае нороҳат шуда, шалаппосзанон худро ба чўй андохт. Ба торикй чашм духтам: як кас панч-шаш кадам дуртар аз ман дар он тарафи тавора менстод. Ангурро дигар фаромўш карда, бо дили пурбиму хорос начунбида истодам.

Дере нагузашта шарфаи пои дигаре шунида шуд.

— Ана, омадам, чй мегўед?—гуфт шахси навомада. Ин овози Зўхро буд. Маълум шуд, ки шахси аввала Мурод будааст.

— Чй мегуфтам, худат медонй,—чавоб дод Мурод ва бо оханги илтичоомез давом дод: — Мон, Зўхрочон, дўғ назан, дар хатам навишта будам-ку: акнун хар чизе ки хохй—хамонро мекунам. Хохй—касам мехўрам... Касам хўрам? Биё, оштй шавем...

— Мо чанг накардаем, ки оштй шавем...

Ман хис мекардам, ки аз ин чо рафтанам даркор, аммо аз як тараф метарсидам, ки бо харакати худ садое бароварда, ба сўхбати онхо халал расонам, аз тарафи дигар, рости гап, хисси кунчковй гўё пойхоямро ба замин кўфта буд.

Сўхбат давом мекард:

— Набошад, тўйро гузаронем?

— Агар хохед, ки чанг накунем, холо аз ин хусус дахон накушоед.

— Охир, кай? «Холо»-ат боз чанд мох аст?

Ман нихоят дар худ куввае ёфта, аз он чо дур шудам.

Фардон он рўз ба район баргаштам.

X

Дафъаи охирин ба Тали Заргар кариби соли нав хамрохи шавхарам рафта будам. Дар сахро пахтаи бокимонда зери барф мехобид. Аҳолии маркази район рўзи истирохат ба ёрмандии колхозхо баромада буд. Ману шавхарам ханўз бегохи рўзи шанбе ба хонаи Сайёра рафтем.

Ашраф омада буд. Вай як чавонмарди хубе будааст. Ман то холо хайрон, ки хамин хел одам чй навъ карда,

гуноҳ содир кардааст. Одами фозил, ҳалим, хушгап. Хайр, дар зиндагиӣ мешудааст-дия.

Ҳамон шаб Сайёра ва Ашраф якзайл изҳори хурсандӣ мекарданд, чой намеёфтанд, ки моро нишонанд.

Зӯҳро наомад. Ман ӯро бисьёр дидан мехостам. Оё муносибаташ бо Мурод чӣ гуна бошад?

Пагоҳи ҳар чорамон аз ҳалтаю рӯйчойҳо яктой пешдоман сохта, ба кӯракчиниӣ баромадем. Ҳаво соф ва сард буд. Сармои саҳарӣ рӯи чӯй ва кӯлмакҳои сари рохро бо яхи тунук пӯшонда буд. Бисьёрии ниҳолҳои хушкидаи пахта бо тамоми бору буттаи боқимондааш дар зери барф мехобид. Қошкӣ барфи оддӣ бошад! Барфи тари дар офтоби дирӯза қадре обшуда имшаб шӯша баста, ба шохчаю кӯракҳои пахта сахт часпида буд.

Сайёра моро ба чое овард, ки як ғурӯҳ колхозчиҳо дар таки айвон гулханчае афрӯхта ҳалка гирифта менишастанд. Аз афти кор, онҳо карор дода буданд, ки андаке сабр намоянд, то офтоб баландтар шуда, заҳри ҳаво бишканад.

Нохост Сайёра аз дасти ман кашида, ба сӯи пахтазор ишора намуд. Аз мобайни карта, аз паси баландие ки тирчӯи пахтазор аз ҳамон ҷо мегузашт, ҳомати як зан оҳиста-оҳиста боло ва намоён шуда, пеш меомад.

— Зӯҳро! — беихтиёр фарьёд задам ман.

Вале дигарон ӯро аз ман пештар шиноҳта буданд. Зӯҳро пешдомани худро аз кӯраку пахта пур карда, сари рохашро чида-чида меомад.

Ғӯё касе амр дода бошад, ҳама якбора аз ҷой хеста хомӯшона ба майдон даромаданд.

Вакте ки Зӯҳро наздик омад, тааҷҷуби маро ҳадду канор набуд. Дар бадали ин чор моҳи охир ба як хусни духтарак ғӯё дах хуси ҳамроҳ шудааст. Вай чунон хушрӯ, тару тоза ва дилрабо менамуд, ки аз ҳайрат чӣ гуфтанамро надониста мондам, Зӯҳро танҳо як кабат кӯрта ва камзӯлчаи кӯтоҳи бепахта пӯшида бошад ҳам, дар пешонаш донаҳои арак медурахшид, аз дастони сурхшудааш бухор мебаромад.

Аз ӯ пурсидам, ки корхояш чӣ гунаанд, оё бо Мурод ошти шуд?

— Ҳариб,—гуфт Зӯҳро ва қадре таҳаммул карда, баъд аз кисаи камзӯлчааш як коғази чандин бор кат кардашударо бароварда ба ман дароз кард. Кушода дидам, ки дар нисфи коғаз шеъре навишта шудааст.

— Ин шеъри кист?

— Мурод. Ин сеюмин шеъраш,— гуфта Зӯхро хандид.

Шавҳари ман ба мо расида гирифта ҳазлкунон пурсид:

— Боз чиро баҳона карда, аз кор мондед, муғамбирҳо?

Ман аз Зӯхро ичозат гирифта, шеърро ба ӯ нишон додам.

— Мактуби манзум барин-ку! Аз они кист? — пурсид ӯ ба коғаз як чашм давонда.

— Ба инаш коратон набошад, шумо қимати онро ҳамчун шеър ба мо бигӯед.—хоҳиш кардам ман.

Вай бори дигар синчакунон хонд ва дар охир гуфт:

— Дуруст, кофия дорад, аммо вазнаш аксаран вайрон.

— Шуд, рахмат,— гуфтам ман сухани ӯро бурида, то ки танқиди бемавридашро боз давом надиҳад. — акнун хоҳишмандам, шеърро баҳона карда, аз кор намонед. Вазну кофияашро бошад, худамон нағз мефаҳмем.

Шавҳарам хандида, аз мо дур шуд.

Як нури рӯҳбахши фурӯзоне чехраи лолагуни духтаракро мунаввар мекард. Ман ӯро сахт оғӯш карда бӯсидам...

Бояд бигӯям, ки аз садҳо соате ки ман дар Тали Заргар гузаронидаам, бехтаринаш ҳамон соат буд.

С. 1958

ХИЁБОНИ НОДИР

Барои Абдуқодир Маниёзов

Абдувоҳид-амак баробари тулӯи офтоб бедор шуда, дарҳол роҳи чойхонаи деҳаро пеш мегирад.

Аввал хиёбони барҳавои тӯлонии сафедоронро тай кардан лозим меояд. Гарчи аз тарафи рост пиёдагарди ҳамворе сохтаанд, мӯйсафед аз мобайни кӯчаи мумфарш меравад. Дар ин соат аз мошинаҳои серғавғо ҳанӯз дараке нест ва ӯ бӯи пӯдинаи сахроиро, ки ба хаёлаш, дар сар то сари водӣ паҳн шудааст, бо рағбат ба димоғ кашида, лангон-лангон роҳ мепаймояд.

Сафедорон аз ду тараф мисли сарбозони баландболои таҳамтан саф кашидаанд. Абдувоҳид-амак гоҳ-гоҳ аз роҳ бозмонда, ба сафи рости дарахтони мавзун, ба танаи сафеди онон, ки ба атроф гӯё нур мепошанд, чашм медӯзад ва аз назми ин раста, аз ҳусни он ҳаловат мебарад.

Баъзан мисли он ки бо ошноҳои худ сӯҳбат мекарда бошад, зери лаб мегӯяд:

— Хушрӯед, сафедорон... Чаро ки сарбаландед... бо-ғуруред.

Пас чашмонашро нимкоф карда, ба осмон менигарад, боз ба дарахтон мурочиат мекунад:

— Офарин, сафедорон...

Аз саргаҳи водӣ, аз он сӯе ки куллаҳои барфин вокеъ ғаштаанд, насиме меваза̀д ва барғҳои аз як тараф сабзи чилодор ва аз тарафи дигар пахтасои сафеди дарахтон ахлона чапак мезананд ва ин дам ба гӯши пирамард гӯё чавоби онҳо мерасад, ки пичирросзанон мегӯянд:

— Фахри мо, амак аз ростиамон,— арз мекунад яке.

— Баланд шудаем, ки ҳар чи дуртар назар андозем,— мегӯяд дигаре.— Бингаред, амак, ҳо ана дарьё равон аст. Ҳатто мавҷҳои нукрагунаш намудоранд.

— Ҳа рост, дарьё равон аст,— тасдиқ мекунад Абдувоҳид-амак ва ба роҳаш давом менамояд. Ҳангоми роҳгардӣ пои сунъии аз чӯбу чарму тасмаҳои ялаккосии пӯлодӣ сохта шудааш ғичиррос мезанад ва ӯ шибир-шибири сафедоронро шунида наметавонад.

Пас аз чанде бозистода, нафас рост мекунад ва ба харду самти хиёбон гӯш медиҳад.

— Аз ҳавои баландиҳо нафас гирифтан гуворост,— пичиррос мезанад боз як сафедори дигар.

— Аз ин ҷо суруди мурғон хуб шунида мешавад,— илова мекунад ҳамшафати вай.

Хиёбони сафедорон пештар, айёме ки ҳар ду ҷавон буданд, барои Абдувоҳид-амак фақат пораи манзараи зодгоҳ буду бас. Акнун, дар пиронсолӣ гӯё як ҷузъи рӯзгори худаш шудааст. Ҷузъи дилкаш ва дилкушо. Дилкаш на фақат аз он сабаб, ки вай дар умри дарози худ басе кишварҳоро дида, дар ҳеҷ кадом шаҳр ё деҳа хиёбонеро ба ин нафосат надидааст. Хоҳ вай растаи сарву санавбар бошад, хоҳ шамшоду ар-ар. Сабабҳои дигар ҳам ҳастанд, бешак. Вагарна одам ҳар қадар пир, ҳар қадар ҳаёлӣ бошад ҳам, беҳуда бо дарахтон сӯҳбат намекунад.

Бист-биступанҷ сол қабл ҳар дафъае ки гузори Абдувоҳид-амак ба ин хиёбон меафтод, он рӯзи сармогини феврали соли 1944, сафари пурмеҳнати ба деҳа кардан худро ҳатман ба ёд меовард. Бо мурури замон воқеаҳои нав рӯй медоданду барои тоза кардани ёди он рӯзгори дур сабабе ё сабабгоре лозим мешуд.

Дина ҳамин гуна сабаб пайдо шуд. Дар чойхона байни гурӯҳе дар бораи сохтани магазини калони дуошьёна дар ин мавқеъ ким-чи гуна қароре меҳонданд. Дар ҳамон қарор ин маҳал хиёбони Абдувоҳид номида шуда буд.

Пирамард дар маъракаю маросимҳо, дар мавридҳои муносиб сад бор гуфтааст, илтимос кардааст, ки ин хиёбонро зинҳор ба номи ӯ ҳамл накунанд. Хиёбони Абдувоҳид-ака, ё Абдувоҳид-амак нагӯянд. Чаро ки буньёдгари хиёбон марҳум Нодир аст, соҳиби номаш ҳам бояд вай бошад. Поён ҳар кору кирдор дар олам бояд, охир, инсоф бошад...

* * *

Дар афсонаҳо нақл мекарданд, ки ҷавоне ба ҷустуҷӯи бахти худ ба кишварҳои дур мераваду солҳои дароз ororaю дарбадар мегардад. Падару модари бечора дар фироқи ӯ ғам хӯрда, зинфу очиз мешаванд. Аммо дар ғафсона мусибат ҳар қадар бузург бошад ҳам илоҷаш ҳаст. Писар окибат бо зафар бармегардад ва ҳамроҳи зани нозанин ё симу зари беҳисоб боз як миқдор оби

ҳаёт меорад, ки баробари як ҷуръа нӯшиданаш дар бадани пирони нотавон дубора ҷон медамад.

То Абдувохид-ака аз фронт бо як пои чӯбин ва асобаҒал баргашт, ки занаш тамом афтода шудааст. Ӯро ҒаМу ҒусСа бистарӣ карда буд. Лекин аз мӯъҷизаҳои афсонавӣ ному нишоне набуд. Хусусан дар он солҳои гарон, ки табибони гулдаст ҳама дар майдони ҳарб бо давою дарбеҳи танҳои мачрӯҳ машҒул буданд.

Ҳамон пагоҳии кахратуни моҳи февраль зан баъди ношто аз шавҳар хоҳиш намуд, ки аз маҒзи кӯрпаҳои тахмон дастаи мактуби писаронашро бароварда, хонда дихад. Абдувохид-ака дар бадали чанд рӯзи аз фронт баргаштанаш ин корро кариб ҳар сахар мекард. Вай ин дафъа низ дар пешгоҳи хона истода, мактубҳоро аввал ба ду хисса таксим кард: ба як тӯда — мактубҳои фитшудаи писари калонӣ, ки дар ҷанг ҳалок шудааст. Бокимонда — аз они писари хурдӣ, ки дар кисми танӣ хизмат мекард ва зинда баргаштани ӯ ҳоло ягона умеди падару модар буд.

Падар мактубҳои писари хурдиро, ки аз такрор хондан кариб аз ёд шуда буд, бори дигар хонда дод. Зан ашки шашкаторашро пок карда, муддате сокит нишаст. Пас бо чи андешае ба пои чӯбини шавҳар даст расонида, бо лабханди аламноке гуфт:

— Порсол андаке мадорам буд. Ба бог рафта, боми хонаҳоро ду бор бел кунонида будам. Ҳоло барф кӯрпа шуда хобидагист...

Ин буд, ки Абдувохид-ака барои помбелкунӣ ба деҳа равон шуд. Соате дар канори шаҳр мунтазир истода, ба аробаи колхоз савор шуд. Аробакаш Саидмурод, ҳамсин ва хамсинфи писари калонаш, аз нишастгоҳи худ чобук парида фаромад ва ӯро фарзандвор ба оҒӯш кашид, ба марги чӯрааш ҳамдардӣ изҳор кард.

Дар болои аробаи баланди дучарха куттии тахтагине устувор карда буданд. Куттӣ пур аз пору тоза буд, ки Саидмурод аз корвонсарои шаҳр барои полезҳои колхоз мекашонид.

Бечора ҷавонмард бар иловаи ду маротиба аз тири туфангу пораи мина ярадор шудан аз садамаи асаб ҳар дам забонаш мегирифт. Бо ихтиёри худ гап занад, нутқаш нисбатан ором буд. Аммо вакти ҷавоб додан ба саволе ё аз сабабе ба изтироб афтодан забонаш мегирифт ва нисфи ягон калима дар даҳонаш мемонду аз дилтанГӣ сар меафшонид, дастонашро дар ҳаво такон медод,

гохо бо ғазаб пой мекӯфт, гӯё бо ин харакатхо забони саркаши худро ба кор андохтан мехост.

Зимистони сахттарин дар шимоли Тоҷикистон зимистони хамон соли чихилучахорум буд. Барф болои барф борида, кабати он дар сахро баандозае ғафс шуда буд, ки кас то ба зону фурӯ мерафт. Шабона об то як вақаб ях мебаст ва рӯзона офтоб аз паси абрхо як-дусоатӣ рух намояд хам, шасти сарморо паст карда наметавонист.

Аспи лоғари кайхо боз емнахӯрда аз кӯчаи лағжонак бо машаккате рох мепаймуд.

— Нах-наълаш нав. Худо хоҳад, дар й-йак соат мерасем,— тасаллиомез мегуфт Саидмурод.

Лекин сафар беғашу беғам нагузашт. Поёнтар аз осиёб, хо ана дар он ҷо, дар саргахи хиёбони сафедорои рохро об пахш карда буд. Нахраки пахлуи рох шабхо ях баста, рӯзи дигар обаш аз болои қабати ях ҷорӣ мешуд. Шаби оянда оби болои ях боз ях баста, рӯзи минбаъда об боз ним метр болотар мебаромад. Ба хамин минвол сатхи нахр ба кӯча баробар шуда, як китъаи калони он яхбанд шуда буд.

Асп дар миёнаи кӯли яхбастаи сунъӣ аз пой афтод. Саидмурод поён фаромад. Дар хар кадам гузоштани ӯ яхпорахои ғафси тезкирра дар атрофи мӯзахои пуробаш шаккаррос мезаданд. Абдувохид-ака хам ночор фаромад. Ӯ мехост худро болои яхи бутуни канори рох бигирад, аммо пои чӯбини нӯктезаш бо вазни пайкар яхро бишкаст ва ӯ то миён тар шуд.

Ягон-ягон рохгузарони пиёда ва харакӣ аз дур, аз миёни замини пахта гузашта мерафтанд. Аспи аз шоту баровардашуда дир-дир меларзид ва ба атроф гӯё бо назари афвталабона ва имдодчӯёна менигарист.

Ин сафедорои он вакт навниҳол буданд. Навдахои барахнаи онои дар шамоли сард ба хам расида, шиқиррос мезаданд, аз сармои ноозмуди тоқатфарсо шиква мекарданд.

* * *

Абдувохид-ака дар хонаи Саидмурод сарулибоси тарашро хушк карда, хар ду ба боғи ӯ равон шуданд. Саидмурод ӯро ба асп савор карда, худ аз пахлуяш пиёда меомад. Бо як пои чӯбин рӯи зини беузангуи аробагӣ нишастан чандон бароҳат набуд, лекин аз пиёда лангидан ба хар хол бехтар буд.

Аробаи нисфи поруяш рехта дар хамон чой, мобайни кўча монд. Чавони рахмдил, одамдўст будааст ин Саидмурод. Айёми мактабхониаш бачахо ўро бисьёр меранчониданд. Олами бачагй конунхои хос дорад, якин. Мудохилаи калонсолон хам аксаран натичае намебахшад. Халимтар аз ў писаре набуд, аммо чўрахо барои соддадилиаш — гўё ин гунох бошад,— дар паи озори ў буданд. Хатто барои номи падар, ки Тешабой буд, Саидмурод таъна мешунид.

Тешабой риш надорад.
Деволи мачит хишт надорад,—

фарьёдкунон масхара медоштанд ўро. Вай хам озордихандагонашро сур мекард, аз сангу кулўху чўбу чахс хар чиз ба дасташ расид, аз паси онхо меғурронид.

Писари калонии Абдувохид-ака ба ў аз хама бештар мечакид. Аммо имрўз пагохй хангоми мулокот дар канори шахр Саидмурод ба ёди ў хеле ашк рехт. Риштахое ки рўзгор аз дил ба дил мекашад, бо мурури солхо, зохиран, сифатан хам тағьир меёбанд.

Абдувохид-ака аз асп фаромада, ханўз аз дур калидро ба даст гирифта, ба дари хавлй наздик шуд. Аммо ба чои куфл ба халкахои дар як порча сими зангзадаеро печонида буданд. Вай баробари ворид шудан аз дар ба таги айвон нигох кард. Оре, гумонаш рост баромад. Аз болорхо нишоне набуд. Фақат якта шахпул монда буд, ки усто онро хуб тарошида, дар мобайн, дар он чое ки бар болои сутун савор мекунанд ва дар ду канораш нақшу кунгурахо бароварда буд. Хатто сутуни шашкираи тайёрро хам дуздидаанд нонсофон.

Чанг сар намешуд, Абдувохид-ака дар паҳлуи хонаю дахлез айвону хонаи нав бино мекард. Тирамох писари калониаш хонадор мешуд.

Ў дар бадали ин се сол ба сўзи талафоте ки ба сараш дар катори кўп мерасид, одат карда буд. Хазорон хонахои сўхта хокистаршуда... Шахрхо, дехахои вайрону валангор... Халокати йигитхои нозанин, ки аз сад гулашон ханўз яктоаш нашкуфтааст...

Хамаи инро дида, албатта, чашми кас сахт мешавад. Бо вучуди он куфли даратонро шикаста, болори ба ниятн хайр тайёркардаатонро баранд, алам намекунад? Боз дар як вакте ки шумо ба хифзи ин мардум, ба хотири амнияти онон ба майдони харб рафтаед. Се бор аз дами марг гашта, маъюби якпоя шуда меоед. Дар холате ки

чигарбанди шумо дар ин рох чони чавон курбон кардааст ва аз ин шумхабар хакку хамсояхо, бешубха, огоханд.

Факат якта шахпулро мондаанд хонасўхтахо. Нўх болори хона, сутун ва хафт болори айвон нест. Хамин хам инсоний шуд?

Абдувохид-ака аз дари боғ беруи омад.

— Хамин хам инсоний шуд?!— ин дафъа бо овози баланд хашмгинона гуфт Абдувохид-ака ва дархол аз ғояти оташинй худ ба худ гап заданашро пай бурда, саросема ба атроф нигарист.

«Ноодамй, харигарй...» дар дил дашном дод ў.

Саидмурод бели чўбини хамсояро оварда, болои бом баромад ва ба барфбелкунй сар кард. Дере нагузашта, худи хамсоя омад, ки бо се бачаи хурдсол бева монда буд. Зан салом додан замоно хик-хик ба гирья даромад. Баъд нолаву фиғонаш торафт баландтар шудан гирифт.

— Гўр чанг шавад! Хонумони чангара сўзад!— навха мекашид зан.

Абдувохид-ака аз кабили мардхои нармдиле буд, ки зан ё кўдаки гирьёнро бинанд, даступо гум мекунанд. Вай як умр ба кадри холи худ ба одамон сардорй, рахнамой мекард. Дар фронт хам дастаи на чандон калони худро зери тирборони хариф ба хамлахо мебурд. Лекин холо гирьяи хамсоязан сари калобаи ўро гум карда буд.

— Бас, хохарам, гирья накунед. Шукри бачахотона кунед,— рў турш намуда, хамин кадар тасаллй дода тавонисту бас ў.

— Ака, аз гунохи мо гузаред. Болорхотона мо сўхтем,— гуфт зан.— Касал будам, як параха хезум набуд.

Абдувохид-ака чизе нагуфт. Чй гуфтанашро намедонист. Акнун, ки гунахгор маълум шуда, дар рўбарўяш менстод, намедонист, ки оташин шавад, ё суханхои таскиномезашро давом бидихад. Ў дузди болорхоро дигар хел тасаввур карда буд. Дузд ба назари хаёлаш марди чолоку пурзўри бемурувват ва густохе буд. Холо Абдувохид-ака хайрон шуда, ба камзўлу калўши дарбехии зан хомўш менигарист. Дар дилаш мегуфт, ки ханўз сисола нашуда, ба мўяш сафедй, ба гирди лаб ва чашмонаш очинг афтодааст...

— Як дам ба хонаи мо намеоед?— бечуръатона пурсид зан оби дидагонашро пок карда.

Ў боз чавоб надод.

Чанд дакика пеш ў хамин бевазанро хонасўхта гуф-

та, дашном дода буд. Вай бошад, бе ин ҳам хонавайрон аст.

Сандмурод дар лаби бом истода, ба гуфтугӯи онҳо гӯш медод.

— Ра-ра-равед, амак, ин чо хунук. Ман ҳам ҳоҳ-ҳозир меоям,— гуфт ӯ ва боз чизе илова кардан мехост, ки нисфи калима дар дахонаш монду забонаш гирифт ва ночор белро кашолакунон ба он сӯи бом рафт.

Дар хонаи хамсоя вакти зинда будани шавҳараш Абдувохид-ака боре мехмон шуда буд. Он вакт токчахо пур аз мисинаи нави дурахшону тобон буд. Дар рафхо — катори зарфхои рангоранги чинӣ. Акнун аз чиҳози пешина фақат як сандуки нимдошт мондааст. Дар токча — чанд косаи сафол, чароғи хафтуми шишааш аз бонкаи консерв сохташуда. Дар каҳтию гармою сармои зиндагӣ се бачаро бемардина хӯронида пӯшонидан кори ҳазл нест, албатта. Эҳтимол, болорхоро хам фурӯхта хӯрда бошанд. Чаро ки ин кадар хезумро панч сол сӯзӣ хам боз зиёдӣ мекунад.

Зан кӯрпахои таҳмонро саросема афтонида, аз так як кӯрпачаи навтарро гирифта, ба кодоки сандалӣ аз болои пӯстаки буз густарид.

Абдувоҳид-ака аз пешгоҳ менишасту зери лаб ба худ зарҳанда мекард: рӯзҳое ки ҳар ду пояш бутун буд, дар нимаи кодок чой гирифта метавонист. Акнун якпоя шудааасту ба ду кодок базӯр мегунчад: ба яктоаш худаш нишаста, ба кодоки пахлӯи пои чӯбинашро дароз мекунад, ки илочи кат карданаш нест.

Писараки сохиби хона дастурхон пахн карда, ду нони чавин, ба лаъличаи алюминӣ талкони тутмавиз овард. Чой, зоҳиран, аз пӯстлохи дарахти себ ранги сабз гирифта буд, ки таъми тахиртобе дошт.

Аз беруи сурфаи башиддати марде шунида шуд.

— Канӣ мехмон? Мехмонро нишон диҳед ба ман!— бо оҳанги кадаре шӯхиомез сурфакунон мегуфт мард. Ин овози бародари соҳибаи хона Нодири бригадир буд. Вай Абдувоҳид-акаро аз чой бархостан намонда, худ ба зону нишаста, бо дасти ягонааш оғӯш намуд.

Ин ҳам нимта шудааст, берӯзӣ, аз дил гузаронид Абдувоҳид-ака. Худоё, ҳар кучо нанигарӣ — маъюбу малуле, шикаставу дардманде...

Нодир аз пахлӯи ӯ нишаста, холпурсӣ мекард. Ҳар замон китфи чапи бедасташро боло кашида, гиребони гимнастёркаи рангпарида ва нимтанаи пахтагинашро ду-

руст мекард. Дар вокеъ бошад, гиребонаш хамвор менистод, аммо ба назари ӯ, зоҳиран, чунин менамуд, ки либосаш яктарафа шудааст.

Нони чав ба ком мехалид, ба милки дандонҳо сахт мерасид, гулӯро мехарошид. Аз он бӯи коҳ ва гил меомад. Абдувоҳид-ака кӯшиш мекард, ки буридан ба даст гирифтаашро ҳӯрда тамом кунад. Нони чавро ӯ бори охирин айёми кӯдакӣ, кадом як соли қаҳтӣ ҳӯрда буд ва бештар аз киссаҳои ғамангези рӯзгорони ота-бобояш дар ёд дошт.

Ҳоло ба андоми Нодир нигоҳ карда, ба хотир меовард, ки ӯ чӣ гуна бакувват ва девкор буд. Бегоҳирӯзиҳо аз давуғечи ҳуд форғ шуда, ба нигоҳубини полези Абдувоҳид-ака ёрӣ медод. Дар ҳаққи «деҳконии шаҳриёнан» ӯ киноя ҳо гуфта, ба ӯ кор меомӯхт.

— Қаланда ана ин ту озод партоед,— мегуфт ӯ ба ҳамсояаш.— Дамаш тез, вазни худаш-катӣ ба ҳоки мулоим даромада меравад. Сонӣ охиста ҳоки чӯяро боло мекашед. Ин қадар зӯр задан, оҳу ух кардан ҳоҷат не... Мегуфтанд, ки ҳафт пушт ғузарад ҳам, фарзанди деҳкон — боз деҳкон. Панчан шумо ба каланддаста намечаспад-ку! Ба мурвату ғилдиракҳои заводатон бутун дил бастед-дия...

— Айби завод не, чӯра, айби худам,— ҳиҷолатмандона мегуфт Абдувоҳид-ака.

Вай пас аз ташкил шудани колхоз ва як навъ комат рост кардани он ба касбу кори худ — устогии заводи чарм баргашта буд. Ҳар пагоҳӣ харакӣ ба шаҳр рафта, бегоҳӣ бармегашт.

Абдувоҳид-ака сурфаи сахт ва бадарди Нодирро дила ғӯё чони худаш ба азоб афтода бошад, рӯй турш менамуд. Чӣ хел йигити ҳузарб буд ӯ. Ҳоло аз он исту бисти пештара ақаллан нимаш намондааст.

Соҳибаи хона як табақ лаблабуи буғӣ оварда, рӯи дастурхон гузошт.

— Айб намекунед,— гуфт зан ва беихтиёр оҳ кашид.

Абдувоҳид-ака чизе шукромез гуфтан мехост, вале нохост роҳи нафасаш танг шуд ва ӯ хомӯшона сар чунбонид. Хуб шуд, ки дар ин асно Сандмурод омада, аз кодоки поён нишаст.

— Бел карда шудӣ?— пурсид Нодир.

— Ш-шудам.

— Бар падарат рахмат, ука. Гир, ука, нон гир, лаблабу гир... Ҳа, аробаатро дидам. Ғам нахӯр, пагоҳ саҳарӣ

мебарорем. Зўри асп нарасад, одам хаст.— Пас ба Абдувоҳид-ака рўй овард:— Аспҳо се сол боз коҳ меҳўранд. Барои юнучка замин намонд. Ҳеч шунида будед, ки аспа коҳ-кати парво кунанд?

Абдувоҳид-ака якта лаблабуро пўст канда, ба назди Нодир монд ва яктои дигарро худаш тоза ва калам карда хўрд...

— Бевакт шуд. Акнун равам,— гуфт ў.

— Андак бардошт кунед, ака,— гуфт Нодир.— Саидмурод, додарам, ба хонаи мо бирав. Ба янгаат таом фармуда будам. Тайёр шудагист.

— Э ташвиш накашед, Нодирчон.

— Ташвиш не. Вокеан, ака, шумоя ба ташвиш мондем: болорҳотона аз ночорй хезум кардем.

Абдувоҳид-ака «медонам» гуфтагй барин сахле сар чунбонид.

— Клуби колхоз госпиталь шуд. Ба шахр наздикдия. Ҳамин зимистон хезумаш ба зимман колхоз буд. Хезуми тар хасту охир, бе пешдаргирон намешавад... Аз нўкаш чаҳор болорро бурронида ба ду бевазан додем. Ана инҳо ҳам аз ҳамон ҳисоб.

— Ҳеч вокеа не,— гуфт Абдувоҳид-ака.— Чон дар амон бошад, ҳама чиз ёфт мешавад.

— Болор тайёр, ака. Хиёбони сафедорони мо шикондаро дидед, албатта. Ман ба ҳар эҳтимол зич-зич шиноҳида будам, ки мабодо офате расида, як кисмаш хушк шавад ҳам, радда вайрон нашавад. Не, ҳамааааш гирифтааст. Ҳамин хиёбон аз они шумо. Ҳар кадар болор лозим шавад, бурида медиҳам.

— Ҳочат ба дарахтбуррй не, Нодирчон. Гуфтам-ку, чон дар амон бошад, чиз ёфт мешавад.

Саидмурод як табак палавро ба дастархон печонида овард. Палави айёми ҷанг: аз биринчи майдае ки замочи осоишта ҳиммат кунанд, аз он шавла мепухтанд. Ба чои гўшт — се дона тухми мурғ.

Баъди ош Нодир аз бағалкисааш гирехакеро бароварда, аз як тарафаш бо дандон газида, яла кард. Дар латтапора ним каф чои кабуд баста шуда буд. Чои кабуди асил.

* * *

Нодир тирамохи соли дигар вафот кард. Мегўянд, ки ба ҳамқишлоқиҳо васият кардааст, ки ба хиёбони сафедорон минбаъд бе ичозати Абдувоҳид-ака касе даст на-

расонад... Шояд аз хамин сабаб хама хиёбонро ба номи Абдувохид-амак пайвастанд?

Шаронти шахр бошад, ба комиҷроия рафта арз мекунӣ. Гапат ҷон дошта бошад, карор мебароранд, ки фалон кӯча, ё майдон, ё хиёбон ба номи фалонӣ шавад. Ба тунукахои хушрӯи осмониранг номро навишта, ба дару девор мечаспонанд. Хак ба хакдор мерасад, ном ба номдор.

Дар кишлок чӣ илоҷ кардан мумкин? Пирамард сад бор гуфт, ки Хиёбони Абдувохид нагӯед. Таъсир намекунад, боз мегӯянд, хатто ба хуччатхошон менависанд. «Магазин дар самти чапи Хиёбони Абдувохид, дар пахлуи ёдгории шахидони Ҷанги Бузурги Ватанӣ сохта шавад»— навиштаанд дар карори дина хондаашон. Карори идорае ҷамъияти матлубот, аз афти кор. Ха, хамту, чаро ки сохиб ба созандаи магазину ошхонаю чойхона дар кишлокхо хамин идора.

То алхол касе нагуфтааст ва, эхтимол, гумон хам накардааст, ки Абдувохид-амак ба ивази чанд болори барои бемору бенавоён рӯзхои сахт хезум шудааш як хиёбони бузургро ба номи худ гузаронидааст. Рост, касе нагуфтааст. Лекин гуфтан шарт аст? Худи Абдувохид-амак магар дил надорад? Хар дафъае ки номашро аз паси калимаи «хиёбон» мешунавад, баданаш тасфида меравад, гумон мекунад, ки моли ятими бесаровонеро дар рӯзи равшан зӯран сохибӣ карда бошад. Охир, ваю Нодир дӯст буданд, мисли додару бародар буданд.

Ғалатӣ, ки хотири Нодирро хама пос медоранду лекин дар масъалаи ба ягон чой сабт кардани номи ӯ доимо монеае пеш меояд. Панҷ сол қабл ба деҳахои калону обод таассуб карда, дар пахлӯи Хиёбони Нодир барои шахидони ҷанг, ки аз хамин деха ба фронт рафтаанд, хайкали ёдгорӣ сохтанд. Дар болои тахтасанги мармар аввал номи писари калонии Абдувохид-амакро навиштанд. Вай ба ин эътироз накардааст, чаро ки меарзад. Писари вай дар катори ордену медальхои дигар се ордени «Шӯхрат» гирифта буд. Ин шараф аз эътибори унвони кахрамонӣ камӣ надорад. Аммо номи Нодирро фаъолони хамонвакта ба он рӯихат илова кардан нахостанд.

Абдувохид-амак ба хар касе ки муроҷиат накунад, як хел чавоб мешунид:

— Гапатон дуруст, амак. Лекин дар ин ҷо як нозукӣ хаст. Дар лавха аз рӯи коида номи шахидони дар майдони ҷанг халокшударо менависанд.

— Нодир аз ҷарохати ҷанг ҳалок шуд. Ӯро ароба зер карда накуштааст. Шушаш сӯрох-сӯрох буд. Ҷурдааш ҳам мову шумо барин як ҷуфт нею як тоқа монда буд.

— Рост мегӯед, аммо қоида ҳамин. Чӣ илоҷ?

Абдувоҳид-амак лангон-лангон ба военкомат рафт. Ба райком рафт. Охир ҳам номи Нодирро ба лавҳа илова карданд.

* * *

Оре, Хиёбони Нодир барои мӯйсафед як ҷузъи рӯзгор, маншаи фикру хаёл, ҳатто пораи назар ва нафас ҷардидааст. Агар пурсед, ки чаро ин тавр, ба гумон аст, ки муфассал ҷавоб дода тавонад. Хайр, аз одамон савол кунед, ки чаро ба фалон мавзеъ ё фалон кас дил бастаед? Эҳтимол, акидаҳои худро дуру дароз арз намоянд. Лекин ҷавоби комилан саҳеҳро кам андар кам касон дода метавонанд.

Шояд пирамард дар сафи мавзуни сафедорон ба ҷуз он малоҳате ки ҷозиби дидаи дигарон аст, боз ҳусни изофае мебинад? Аҷаб нест, ки раста ба назари ӯ чун сафи ҷавонмардони бахамият метобад, ки ба ҳифзи ноҷу номус ба майдони корзор рафта барнагаштаанд? Ва аз ҳамин сабаб ӯ ҳар саҳар бо сафедорон ба танҳой чун бо фарзандони худ сӯҳбат мекунад ва овози онҳоро возеҳ мешунавад?

Ки медонад. Барои дарьёфтани ин нукта, эҳтимол, ҳамон тариқа умр гузаронидан лозим бошад, ки Абдувоҳид-амак гузаронидааст. Ё ҳамон гуна дил доштан лозим бошад, ки ӯ дорад.

С. 1973

ШАБИ САББУМ

1

Наккош ориначашро ба миз такья дода, гарки андеша ба тиреза чашм дўхта буд. Дар кўча барфи реза меборид. Бод заррахои онро бозй дошта, ба чапу рост меафканд, чарх мезанонид, ба шишахои тиреза оварда мечаспонид ва боз рўфтаву афшонида ба поён мебурд.

Хаво торик мешуд. Дар бинои рў ба рў, дар шўъбаи чаррохй кайхо чароғ афрўхтаанд.

Ин шаби саббуми дарози зимистон аст, ки духтур Суръат Наккош дар хамин чо, дар шўъбаи касалихои асаб рўз мекунад. Ба хотири табобати як зан — модари се кўдаки хурдсол, ки ба дарди гароне гирифтор шудааст.

Мардум ба шахсоне, ки савдои худкушй ба сарашон афтодааст, одатан бо назари холй аз эхтиром менигаранд, хатто метавон гуфт, аз ин гуна касон дар дил як андоза карохат хис мекунанд. Лекин духтурон, хусусан табибони беморихои асаб ин тавр нестанд. Барои онхо шахси ба васвасаи худкушй афтода мусибатзадаест, ки бештар аз хама сазовори мархамат аст. Наккош хам дар саргузашти он зан, дар вачхи пайдоиш ва чараёни бемории ў нуктаеро медид, ки диккати ўро сахт чалб карда буд.

— Камтар назди шумо нишинам.

Наккош ба гўяндаи ин суханхо, бемори жўлидамўи баландболое, ки дар кафояш рост менстод, рўй оварда, ба ў аз курсй чой нишон дод:

— Мархамат, нишинед.

Аз беморони нозук аст ин жўлидамўй. Ба ў дигар хел муомила карда намешавад, дар суханаш аз илтимос дида, оханги хукм бештар садо медихад. Агар мабодо бигўед, ки «Не, бемор, вакти чак-чаку мусохиба гузаштааст, ба палата рафта, ором бихобед...» — тамом, пўстинро чаппа мепўшад. Хайр бигузор, ки билаккад. Хусусан, ки сўхбаташ дилгиру дилбазан нест, харчанд аз хузн хам тихй нест. Баръакс як дарача марокангез. Пагохй, масалан, бо хам рў ба рў омада, саломуалек кардан замоно сари рохи Наккошро гирифта, ба гап даромад:

— Хохишмандам, дар ёд дошта бошед, духтур: ҷонваре, ки аз ҳамаи ҷондорон баландтар, хӯ-ӯш, дар кӯҳҳои баланднаш хафтуним ҳазор метр зиндагонӣ карда метавонад, анкабут аст. Хӯ-ӯш, анкабут. Мурғ бошад, факат ба чахору ним ҳазор метр баландӣ метавонад истикомат кунад. Мурғ гуфта, хӯ-ӯш, ҳамаи паррандаҳоро мегӯям.

Наккош ба аломати тасдиқ сар ҷунбонида, оромона гуфт:

— Рахмат, оа хотир мегирам.

— Аммо каждум умри дароз мебинад,— боз гуфт бемор аз остини яктахи духтур дошта.— Сахтҷонтарини ҷонварҳост. Дар холате, ки, хӯ-ӯш, аз шашсад рентген радиация одам мемурад, каждум дар Сахрои Кабир аз хаштод хазор рентген осебе надид. Хаштод хазор! Он ҷо як вактхо Франция бомбаи атомиашро месанҷид. Боре шиддати радиация, хӯ-ӯш, ба яксаду панҷоху чор хазор рентген расид. Каждум боз зинда монд. Мулохиза кунед, духтур, каждум зинда монд!..

Наккош баъд сӯи институт рохравон фикр мекард, ки чаро ин мардака махз ҳамин ду ҷонвари нафратангезро мисол овард? Сонӣ аз тачрибаи дувоздахсолаи кораш мисолҳо ба ёд оварда, худ ба худ табассум кард.

Ҳоло хотири духтур андак мушавваш аст. Аз ишорахои нимгурмаи ҳамкорон пай бурд, ки мудири шӯъба имрӯз хам дар мачлиси мухтасари назди сардухтур аз кордории ӯ шиква кардааст «Суръат Наккош шабхо дар клиника монда, хамаро бесаранҷом мекунад. Шогирдону ёрдамчиёнаш бисьёр равуо, даробаро карда, режимро халалдор мекунанд...».

Тавба, равуои онхо ба режими дардмандон чӣ тавр халал мерасонидааст? Хариф айб наёбад, думи кучукат кач мегуфтааст. Ҳаман ин аз нотавонбинӣ. Наккош хар мох як-ду касали ғайриоддӣ, ба истилохи худашон, касали аз ҷихати ташхис мураккабро муолиҷа карда, ба хаёти мӯътадил бармегардонад. Барои ин, чунон ки холо бо ин зани бемор мекунад, назорати доимӣ чорӣ кардан, шабхои бехобӣ кашидан, тадкикоти гуногун гузаронидан лозим меояд. Ин ба замми дардмандони муқаррарӣ, ки ба касалихои «маъмул» гирифтор шудаанд.

Духтурони ҷавон, хамшира ва санитарҳо натиҷаи

кори ўро бо мудири худ, ки дар айни замон ба муолиҷан аҳли як палатаи чаҳоркаса мутасаддист, мукоиса мекунанд. Натиҷаи ана ҳамин мукоиса ба фоидаи мудири мӯҳтарам нест.

Хайр, охир, дасти ўро ки доштааст? Бигузор таҳкикот гузаронад, шабҳо биояду хобашро ҳаром кунад, шогирдону ёрдамчиёнашро аз пасаш кашола карда гардад.

Не, эшонро факат ба гап монанд. Суханҳои пуртантанаи тумтарок.

— Олами асаб, ҳамкасбони арҷманд, олами ба назар ноаёни пурасрорест. Бале, вай то имрӯз саросар пур аз асрори кашфношуда аст.

Савобталабе ёфт шуда намегӯяд, ки пас асрорро бояд кашф кард, на ин ки субҳу шом оид ба зарурати кашфи он манаҳ зананд.

Ин ҷавони жӯлидамӯй аз беморони мудир аст. Пешонии фарох, бинии рости теғадор, мӯи дарози каме маллатоби то ба сари китф фаромада ва ҳаракатҳои ботамкинаш ба замми киёфаи мутафаккирона ўро ба файласуфҳои дунёи кадим монанд мекунанд.

Наккош ба таърихи бемории ў як назар афканда буд. Мудири мӯҳтарам «савдои шаҳомат» навишта мондааст. Ғъне аз ҳамон кабиле, ки худро подшоҳи Бобулистон ё худ Жолио-Кюри ё лётчики кайҳоннавард меноманд. Вале касали ў тамоман дигар аст. Ба гапаш диккат кунед, аппарати ҳофизааш сахех кор мекунад. Ҳар чизе ки ў мегӯяд, рост аст, фактест, ки дар ҳаёт ва илм собит шудааст. Нуткаш ҳам аз ҷиҳати сарфу нахв иллате надорад.

— Духтур, ба шумо як-ду чиз бигӯям,— ба гап даромад мардак пас аз он ки дакикае ба нохунҳои дасташ чашм дӯхта нишаст.

— Кошкй!— ризояти худро як кадар муболиғаомез изҳор дошт Наккош.

— Панҷсад сол пеш аз ин дар Аврупо пойафзоли нӯкдароз мепӯшидааанд. Сохташ, хӯ-ўш, мисли мӯкиҳои кадимаи худамон. Лекин нӯки кафши баъзеҳо то ба ҳафтод-хаштод сантиметр мерасидааст. Мансаб ва мақоми кас ҳар кадар баланд бошад, хӯ-ўш, нӯки кафшаш ҳамон кадар дароз мешудааст.

— Чунон ки пештар дар кишвари худамон баъзе зотҳо бузургии салларо ба дарачаи эътибор ва фазилати сохибаш алоқаманд медонистаанд...

— Намедонам, духтур, салларо намедонам,— эътироз кард бемор.— Лекин, хӯ-ўш, донистани табиб шарт

аст, ки дар дунёё ки аз хама бисьёртар бо дасташ рох гаштааст. Яъне, хў-ўш, подархавою даст бар замин. Ин шахс Иохани Ойслингер аст. Аз Австрия. Соли 1900-ум вай дар зарфи панчоху панч рўз, хў-ўш, хар рўз дахсоати аз Вена то Париж як хазору чахорсаду як километр рох тай кардааст.

Наккош чун пай бурда буд, ки аз худ чизе илова намояд, ба мусохиб хуш намеояд, бо максади кувват додани рагбати ў савол дод:

— Дар хафтод соли охир натичаи бехтаре ба даст наомадааст?

— Не. Рекорд ханўз хамон — хазору чахорсаду як километр.

Боз дакикае хар ду хомўш монданд.

— Акнун як-ду мисол аз тарзи саломуалек,— бо вачохати вонзе ба гапаш давом намуд чавон. — Ачибтарин тарзи саломуалекро, хў-ўш, дар байни халкхои Африка мебинем. Тонфаи Тумбве, хў-ўш, барои салом ба зону нишаста, аз замин муште хок мегирад ва ба синаву бозувонаш мепошад. Фарзандони кабилаи Камба ба аломати эхтиром, хў-ўш, ба рўи ошнои пазмоншудаашон туф мекунанд. Хайр, духтур, саломат бошед, агон чиз пурсидан лозим шавад, шарм надоред. Мо азони худй.

Ў калон-калон кадам партофта, дар хамгашти долон нопадид гардид.

2

Духтур ба худ ахд кард, ки то омадани ёрдамчиёнаш камин чо нишинад, лекин аз вокеахои ногувор дигар фикр накунад.

Хуб, чй вокеаи гуворо шуд имрўз?

«Запорожец»-и кўхнаашонро сахарй дар як соат дуруст карда, ба занаш супорид. Лекин бо хамин шарт, ки то барфи таки пой об нашавад, Хосиятхон мошин наронад. Ў рози шуд.

Мошинсавории Хосиятхон — дар оила мавзўи мунозираи харрўза. Вай хамин ки ба сари руль нишаст, хама гуна коидахои махдудкунандаи суръатро аз ёд мебарад. Хафтае нест, ки агон инспектори ГАИ ўро аз рох дошта, барои аз хад гузаронидани суръат ё риоя накардани ину он коидаи харакат чарима андохтанй нашавад. Аммо Хосиятхон бо як ширинзабонии моткунандае ни-

спекторро гох акачону додари чон, гохе рафики азизу мехрубон хонда, ба чои хуччати ронандагй шаходатноман духтурии худро нишон медихад ва мегуяд, ки ана инспектори мухтарам худаш бихонад. Хосият Наккош чарроҳи фалон табобатхона аст ва ўро фалон хел бемори вазнин дар руи мизи чарроҳи хар лахза нигарон аст ва бонси андаке (факат андаке!) шитоб кардани ў махз дар хамин вазъият аст ва ғайра ва хоказо.

Инак, «Запорожец»-и нимшалаки онхо боз кучахоро аз ғурросу хуштаку такарроси гушхарош ва дуди фаровон пур карда, пеш метозад.

Якчоя бошанд. Наккош ба сифати мусофир ба мошинашон савор намешавад.

— Касдан даст мекашед?

— Не, азизам, мехоҳам пиёда камтар сайр кунам.

— «Сайр кунам...» Шумо ба занхое, ки техникаро аз бар карданианд, бойкот эълон мекунед. Ана максади шумо.

— Бойкот-мойкот не, азизам. Вазифаи таъмиргари «Чайка»-атон маро кифоя.

— Руйрост гуед, ки метарсам.

Наккош занашро оташин кардан нахоста, хомуш мемонад.

— Пас шарм медоред, ор мекунед. Лекин оё медонед, ки аз чй ор мекунед? Аз фардои хаёт! Фардо кўча ва роҳҳои мамлакат ба хукми суръатхои баланд хохад буд. Пас мошинронии ман тачассуми прогресс, аз нахустин нишонахои истиқболи наклиёт аст.

— Хай-хай, Хосиятчон, хоксорй чй гунох дошт? Ба меъёраш, ба хаёлам, ханўз ба касе зарар наовардааст...

Наккош пешиной ба хона телефон карда, аз хушдоманаш фахмид, ки Хосиятхон бо вучуди ахду паймон ва ваъдаю вонз ба кораш мошинсавор рафтааст.

Хуш, боз чй воқеа руй дода буд?

Ха, ходими шўъбаи илму маданияти рўзнома бо телефон хабар дод, ки фардо ба наздаш меояд. Барои мусохиба дар мавзуи роху тадбирхои нави табобати бемории асаб.

Дунёи ғалати. Мудири мухтарам сояи ўро аз девор метарошад, дар чамъомаду маъракахо (дар ғайбаш, албатта) ба бадном карданаш мекушад. Гурухи дигаре услуби кори ўро на факат худ меписанданду байни худхошон таърифу тавсиф мекунанд, балки мехоханд, ки дар матбуот низ шухрат пайдо кунад.

«Чӣ боис шуд, ки ин касбро интихоб кардед?»

Модоме ки бо ходими матбуот сӯҳбат мешуда бошад, аз ин саволи анъанавӣ гузир нест.

Одатан мутахассисон дар ҷавоби чунин савол фавран киёфаи ҷиддӣ гирифта, ба андеша мераванд, пас бо тамкин ва таҳаммул ба нақл шурӯъ мекунанд. Яъне бо вачоҳати худ низ таъкид мекунанд, ки ин масъаларо дар айёми интихоби касб ҳам аз муҳимтарин муаммохои ҳаёти худ медонистанд, ҳоло низ дар чунин ақидаанд.

Наккош бошад, ҳар дафъае ки аз ӯ чӣ гуна маҳз психиатр шуданашро мепурсанд, беихтиёр механдад. Чунки он нуктаи оғоз, он нахустин воқеае ки боиси марокӣ ӯ ба илми асаб гашта буд, худаш як ходисаи ғалатист.

Наккош ва Хосиятхон ҳанӯз дар курси саввум хонадор шуда буданд ва хамрохи модари Хосиятхон дар як квартира зиндагонӣ мекарданд.

Воқеан, назар ба дигарон бармаҳалтар ояладор шудани онхо аз мавзӯъхои доимии ҳазлу мутоибаи шарикдарсон буд.

— Кори имрӯзаро ба фардо магузор,— гуфтаанд хирадмандон.— Хосиятхону Суръатхон таҷассуми хираданд,— мегуфт яке аз хамдарсон.

— Рост,— тасдиқ мекард дигаре.— То хатми таҳсил сабр кардани инхо зарур буд? Ҳаргиз. Рафту, худо накарда, ягон сайёраи дури осмонӣ аз хатти мадораш баромада омада, шарақки ба Замини мо бархӯрд?

— Ё рафту қонун баромад, ки синнатон аз бист, ки гузашт, дигар никоҳ мумкин нест? — киноя мекард саввумӣ.

Зану шавҳари ҷавон низ паст намеомаданд.

— Медонед, ҷавони мучаррад ба чӣ мемонад?—савол медод Хосиятхон.—Ба билети лотерея, ки чӣ шуданашро худо медонад. Аммо йнгити ояладор мисли пасандозест, ки ба кассаи амонатӣ супурдаед.

— Ё монанди «заёми тилло», ки бо умеде харида, бардошта мегардед — мегардеду охир ба чанд тин зарараш мефурӯшед,— мегуфт дар ҷавоб касе аз рафикон ва ҳама баробар механдиданд.

— Сабр кунед,— ба сӯҳбат ҳамрох мешуд худи Наккош.— Бармаҳал хонадор шудан боз як бартарӣ дорад. Шумо бисьёр одамонро мешиносед, ки ду ё ҳатто се карат Ҳаҳрамони Иттифоқи Советӣ ё Ҳаҳрамони Меҳнати Социалистӣ шудаанд. Аммо ду карат ҳаҳрамонмодарро надидаед.

— Бас, бас! — даҳони шавҳарашро бо кафи даст пӯшида, бо хашми нозолуд мегуфт Хосиятхон.— Гочигарӣ ҳам эбаш-катӣ.

...Ҳамон рӯз, мисли имрӯза, аз осмони пасти тирафом барфи реза меборид. Наккош ҳамроҳи зан ва хушдоманаш шом хӯрд ва саросема нашуда, ба либоспӯшӣ даромад. Ӯ рӯзҳо мехонду ҳафтае се шаб барои таъмини маишат дар табобатхонаҳо вазифаи «додари шафқат»-ро ба ҷо меовард.

Ҳанӯз аз хона набаромада, ба худ тасаввур мекард, ки то ҷои кор рӯй-рӯи пайраҳаи нарми сафед, миёни шӯришу ғалаёни заррахои барф кайф карда, пиёда хоҳад рафт. Қас фақат дар ҳамин гуна ҳавои тозаю маҳмуркунанда баръало ҳис мекунад, ки дар сандуки сина шуш дорад ва ҳавои софе, ки ворид мешавад, то ба дуртарин гӯшаҳои он давида рафта, ба ҷони кас ҳаловат мебахшад. Наккош ҳанӯз берун набаромада, қарор дода буд, ки то ба табобатхона расидан ягон бор китфу остин ё телпаку гиребон наафшонад. Бигузор болои китфу тори сараш барф кӯрпа шавад!

Аз саёҳати ояндааш қаблан хурсандӣ карда, аз ошёнаи дуввум мефаромад. Мефаромаду телпаки гӯшакдори арзонакашро ба сараш зер карда мепӯшид. Ба майдончаи танги ошёнаи якум расида ,ба сӯи баромадгоҳ акнун рост шуда буд, ки такони сахт ва дарди ҷонкоҳеро ҳис карда, дар ҷояш шах шуда монд. Пеши чашмонаш ҳалқачаҳои сурху сиёҳ ба ракс даромаданд. Ӯ ғайрииҳтиёр даст ба пушти сар бурд, ки он ҷо зарба расида буд. Ҳамин кораш хеле бамаврид буд, зеро зарбаи дигар хеле сахттар ва коротар буд ва ба дасташ рост омада, устухони панҷаҳояшро маъюб гардонид.

Дар ошёнаи якум, дар зери квартираи Хосиятхон марди лоғару қадпасти захирранге бо онлаи худ мезист. Наккош бо ӯ ва аҳли онлаи ӯ ба ҷуз «саломуалеки худой» дигар ҳеҷ гуна муносибате надошт. Шояд агар муносибати ошной ё акаллан ҳамсояги медошт, бехтар мебуд, зеро касе, ки бо чӯбдасти ғафсу гароне, ки онро дар дӯконҳои ашёи рӯзгор ба ҷои тиракҳои сабуку дарози қадимаи точикӣ мефурӯшанд, ба пушти сари Суръат Наккош ду зарбаи пурзӯр зада буд, маҳз ҳамин захирандом буд.

Вақте ки Суръат чашм кушод, ҳангома дигар ба авҷи аълояш расида буд. Хушдомани мехрубон домоди худро бо сари хунолуд, ранги кабуд ва беёду бехуд дида, «Вой

дод! Мардум, мадад кунед!» гўёи ҳавлиро ба сараш бардошта буд.

Хосиятхон бошад, ҳамсояи нимҷонро аз каминго-ҳаш — аз таки зинапоя бо дастони бўзбаласон пуркувваташ дошта ва кўдаквор кашолакунон ба саҳни ҳавлӣ бароварда, рўи барфтўда афканда буд. Гурўҳе ба истиқболи мошини ёрии таъҷилӣ, чанде ба пешвози мотоциклҳои милиция ба сари кўчаи калон баромада буданд...

Наккош дасти чапи ба қолиби гаҷ андохта ва докапеч кардашудаашро як моҳ ба гардан ҳамел карда гашт. Хайрият, мағзи сараш осеб надида буд. Ў пешгар дар ҳар диданаш пайкари лоғари ҳамсояи бадқавоқи худро ба ҳоли ў тараҳҳум кунад ҳам, ҳоло хурсанд буд, ки ин гумкардаҳирад марди тавонои таҳамган набудааст. Вагарна бо вуҷуди он ки Наккош ба сар телпаки пўстигўсфандӣ пўшида буд, ҳамон як зарбаи аввалаи он чўбдасти заранг кифоя буд, ки ў дар арафаи гирифтани диплому институт ба оламе сафар кунад, ки он ҷо мақоми дипломдору бедипломон, мааттаассуф, баробар аст.

Муфаттиши шўъбаи милиция аз қабили одамоне буд, ки дар ҷанҷоли байни ду кас ҳамеша ва ҳатман ҳар ду тарафро гунаҳгор медонанд ва бо эътимоди кулл мегўянд, ки шохи дарахт ҳеҷ гоҳ бидуни шамол намеҷунбад. Бинобар ин вай аввалҳо ба Суръат Наккош ҳамчун ба шахсе назар мекард, ки дар паси сурати мўътамад сирати мураккаберо нуҳуфтаанд. Вале баъди мусоҳибаи дуввуму саввум дар муомилаи муфаттиш оҳанги нарм ва хайрхоҳонае пайдо шуд.

Наккош варакаҳои пурсиши он ҳамсояро хонда, ду маротиба дар сўҳбати чорбарў бо ў иштирок карда, таъриҳи тадриҷан ҳароб шудани рўҳияи он бечораро бо тафсилоташ дарк намуд. Худи ҳамон рўзи моҷаро низ Суръат аз дил гузаронида буд, ки дар ин ҳодиса нафаси деви рашк ҳис карда мешавад. Қабл аз он рўз ҳам Наккош ҳангоми мулоқот бо ҳамсояи камсухан дар чашмони ў осори адовати базўр нихон дошташавандаро ҳонда, маҳз ҳамин гумон ба ҳаёлаш роҳ ёфта буд. Дониши аз китобҳо ва нақлҳои омўзгорон бардоштааш низ далолат мекард, ки манбаи кинаи бесабаби ин зот фақат рашки кўр-кўрона шуда метавонаду бас.

Ин гуна воқеа, ин ҳел як гардиши ногаҳонӣ барои Наккош чунон аҷиб буд, ки ақлу ҳуши ўро муддате тамом тасхир намуд. Вазъи вайрони асаби беморон дар шу-

ури ӯ алхол ҳамчун як чизи мукаррарӣ, чун мавриди таваччӯҳи ҳаррӯзаи табиб акс меёфту аммо нақши ягон қадар аниқе нагузошта, чои худро ба таассуроти тоза вомегузошт.

Сурҳат аз сӯҳбатҳо дар шӯъбаи милиция олами дар хаёли худ бофта баровардаи ҳамсояро сайр карда, тамом гаранг шуда буд. Дар ин олам ӯ ба чуз занакабозӣ дигар коре, фикру зикре, матлабу максаде надошт. Ӯ дар боби хок пошидан ба чашми занаш Хосиятхон ва ҳамсояҳо ва соири атрофиён ба худ ҳамтое надошт. Вай як силсилаи мураккабу мураттаби рамзу ишорахои махсусе ихтироъ карда буд, ки ҳамаи ин ба робитаи байни Наккош ва зани ҳамсояи захирранг хизмат мекард. Ҳамин ки ин ду зоти нопок фурсати мусоиде дарьёфтанд, худро ба канори ҳамдигар меандохтанд. Онон ба фиску фучур он қадар бадмӯз шуда буданд, дар кӯи шаҳват ончунон бебокона қадам мезаданд, ки ҳеч кадом фосик дар ҳеч замоне ба ин поя нарасида буд.

Боре ӯ, ҳамсояи туршрӯй, дар яке аз колхозҳои дурдаст дар хонаи яке аз рохбарони колхоз мехобид. Ӯ ба ин чо барои тафтиши тадбирҳои санитарии зидди касалиҳои чорво омада буд. Аммо шаб, ки даромад, хаёлаш ба хона, оила, занаш банд шуд. Дилаш ба ҳазор кӯча даромада мебаромад. Нихоят, нимишабӣ дигар тоқат карда натавониста аз бистар парида бархост. Ӯ ҳамчун дар оина чун дар рӯзи равшан ва дар рӯ ба рӯи худ медид, ки зани бевафояш, зани бадахлоқ, фосика ва фохишааш бо чавони хушандому хушпайкари пайвастаабру, ки дар ошьёнаи дуввум истикомат мекунад ва харчанд кору бораш хароб кардани саломатии дигарон аст, худро аз холо давогари дардмандон медонад, дар хонаи хоби ӯ, рӯи кати ӯ дар оғӯши ҳамдигар мехобанд. Ҳа, маҳз рӯи ҳамон кати васеи нарм, ки ӯ дуқат шуда аз магазини мебель оварда буд ва то дами аз дарҳои танги квартираи нав гузаронида, ба хонаи хоб дароварда чойгир кунонидан шири аз модар хӯрдааш ба дахон омада буд. Ба ӯ лахзае чунон намуд, ки пичирроси ҳандаомез ва нолиши масруронаи зан ба гӯшаш даромад...

Ӯ либоси худро чала пӯшида, ба сари рохи калон шитобид. Бомдодон ба шаҳр расид. Ба тақ-тақи ӯ занаш ба зудӣ дарро накушод. Гӯё овози шавҳари худро намешинохта бошад, такрор-такрор «Кист?» гуфта мепурсид. Мард медонист, ки ҳаман ин мусоҳилакорӣ тақали оддист, найранги кухани соддалавҳонаест ва зохиран барои

он лозим аст, ки ошиқ фурсат дошта бошад, то аз тирезa баромада бигурезад.

Пурсишу истинток ҳаман шаб давом кард, аммо натичае набахшид. Рӯзи дигар ҳамсоя қаду бари тирезаҳояшро чен карда, ба оҳангар панҷаран пӯлодин фармуд.

3

Наққош аз шӯъбаи милиция мебаромад, ки аз рӯбарӯяш Хосиятхон пайдо шуд.

— Бахайр? Чӣ гапи тоза?

— Ҳеч. Пурсиш давом мекунад.

— Ва шумо парвое надоред?

— Ман чӣ кунам? Милиция ташкилоти давлатӣ, дар ихтиёри ман нест.

— Ман ҳам ҳаминро гуфта истодаам, ки шумо аз ҳаман ин доругир парвое надоред.

— Азизам, ман бепарво нестам. Лекин, охир, олами хаёлоти ҳамсояамон, ростӣ, хеле ачоиб.

— Туф кардам ман ба олами хаёлоти ҳамсояи шумо. Фаҳмидед, тадқиқотчии мӯҳтарам? Оё ба мийяи шумо андешае ташриф нафармудааст, ки олами ғариби хаёлоти ҳамсояатон ба номуси оилаи мо иснод меорад?

— Рост. Ин ҳодиса, аз як тараф, бисьёр ғамангез.

— «Аз як тараф»... «Аз тарафи дигар...»—тамасхуромез ва хашмолуд гуфт Хосият.

— О вай мард касал аст. Худатон духтур, мефаҳмед. Чӣ кор ҳам кардан мумкин?

— Набошад, сабр кунед, ман ягон кор мекунам.

Хосиятхон рост ба назди муфаттише, ки ин корро мутасаддӣ буд, даромада, илтимос кард, ки ҳамсояи ӯро ба вай нишон диҳанд. Ҳамин ки милиционери навбатдор ӯро оварда, аз дар даруҳ кард, Хосиятхон чобук аз ҷои нишасти худ барҷаста, сӯи дар шитобид. Ҳамсоя, ки рӯзи моҷаро чӣ гуна дар дасти ин зани пурзӯр мисли гурбаи ошолуд очизона тапидани худро ҳанӯз нағз дар ёд дошт, беихтиёр чанд қадам қафо рафт. Аммо Хосиятхон чолокона ба ӯ расида, аз бозуяш қапида, ба пешгоҳи хона, ба наздикии мизи муфаттиш оварда нишонид.

— Ҳамсоя,—бо овози пасти таҳдидомез сар кард ӯ бидуни салому алеку пурсупосу ину он.—Мегӯянд, ки ба маҳзи шумо,—ӯ нӯки антушти ишорашро бо карохат ба пешонии арақпахшкардаи ҳамсоя расонид,— осебе

расидааст. Намедонам, шуморо акнун ба хабсхона мефиристанд, ё ба курорт. Лекин ман ба хар хол огох карда монданиам, ки агар афсонахои аблахонаатонро дар хусуси шавхари ман ва маймуни худ — ў зани хамсояро дар назар дошт — бори дигар дар ягон чой такрор кунед, ана дар пеши намояндаи идораи давлат кавл медихам, ки илочи хар дуятонро худам меёбам. Шумо феъли мана медонед. Гап хамин...

Муфаттиш аз тиреза Наккошро бо имо даъват намуд ва ў занашро таваллою зорикунон хамрохаш бурд.

Зану шавхар кайхо карор дода буданд, ки хар ду чарроҳ мешаванд. Аммо аз рўзи мочаро сар карда, фикру хаёли Наккош ба касалихои асаб ва хусусан ба табиати рашк, сабабхои пайдоиш, аломатхои нахустини он, шаклхои зухур ва рафта-рафта ба як кувваи ноаёни ташвишангезе расидани ин хисси харобиовар торафт бештар таваччўҳ мекард.

Шояд боиси тағьири пеша кардани Наккош боз чунин як хислати табиии ў бошад, ки агар дар назди ў зарурати халли яке аз ду муаммо истода бошад, вай хатман муаммои мураккабтарро интихоб мекунад. Аз зарурати хал кардани ягон масъалаи душвор, чунон ки ба сари баъзе касон меояд, ба дарьёи андеша ғўта намезад, даступо гум намекард, баръакс рўхаш боло мегирифт, ғайраташ меафзуд. Хамин хислати домоди нав дар рўзгор низ дар хар маврид намоён мешуд. Чунин ба назар мерасид, ки вайрон шудани ягон чои водопровод ё оташдони газ ё чизи дигар гўё боиси хушхолии ў мегардид. Ба чои он ки аз пайдо шудани ташвиши тозае норозй гардад, ў худ ба худ: «Хеч вокеа не. Холо мебинем, хозир соз мекунем» гўён дасту остин бармезад ва куттии дабанги дастаноки пур аз хар гуна калид, симу ғалтаку мурват ва лакулуки фулузиашро бардошта, ба чои кор мешитобид.

4

Сунбула омад. Вай аз шогирдони Наккош аст ва се шаб боз ихтиёрй ин чо мемонад. Рўзона дар институт мехонад, шабона дар палатае, ки бемори вазиниашон он чост ба чои хамшираи шафкат хизмат мекунад ва вазифаи ёрдамчии духтур Наккошро адо менамояд.

Рӯзи дуввуми ба ин ҷо оварда ва ба палатаи секаса хобонида шудани Шоҳида ҳамшираи палата Наккошро бо телефон чеғ зад. Наккош омада, дар дасти ӯ шишачаеро дид, ки пур аз таблеткаҳои сафеди хобовар буд. Ҳамшира арз намуд, ки ӯ мувофиқи таъиноти духтур ҳар як ҳаракати зани беморро номаълум таъқиб мекард. Бо вучуди он Шоҳида дами ҳилват шудани палатаро дарьёфта, ҳамин шишачаро аз таги куртааш бароварда, ба сурохи бистари пахтагин пинҳон кард.

Аз кучо пайдо шудани онро фақат худо медонаду худаш, мегуфт ҳамшира. Охир, беморонро ҳанӯз дар қабулхона бараҳна карда, чунон бо диққат аз назар мегузаронанд, ки як дона арзанро руст карда наметавонанд. Чизҳое ки аз берун ба маризон меоянд, ҳамчунин аз тафтиш мегузаранд. Агар духтур ба бемор истеъмоли доруи хобро фармояд, онро ҳамшира ҳар дафъа дар пеши чашми худаш мехӯронаду баъд бо хотири ҷамъ аз пан дигар кор меравад, то ки имконияти ғун кардани дору истисно бошад. Худоё, макру хилаи одамизод ҳадду ҳудуд надорад?...

Духтур Сунбуларо ба кабинети ординатура чеғ зада гуфт:

— Аз рӯи таъмаш нембутальро монанд аст ин дору. Дар таки дар мошин истодааст. Ана ҳамин шишачаро ба дорухона мебаред. Ман ба мудираш телефон кардам. Айнан ҳамин хел таблеткаҳо сохта медиҳад. Фаҳмо?

— Фаҳмо, муаллим.

То даме ки шишачаи доруи хоб дар кӯчаҳои шаҳр, пас даст ба дасти ходимони дорухона сайр менамуд, Наккош бо Шоҳида дар кабинети ординатура сӯҳбат мекард. Ниҳоят, шишачаро дар ҷои худаш гузоштанд, лекин аknun вай фақат ду дона доруи хоб дошт. Дигар таблеткаҳояш бо вучуди айнияти томи зоҳирӣ бо доруи хоб танҳо сурати безарар ва бетаъсири он буданду бас.

Ҳаман шаби гузашта на духтур, на Сунбула ва на дигарон мижа таҳ накарданд. Худи бемор бошад, шаб то саҳар паҳлу мегашт, оҳ мекашид, гоҳо фик-фиқ мегирист.

Саҳарӣ ӯ духтурро бесаброна интизор буд. Баробари ба палата ворид шудани Наккош, ҳанӯз вай назди кати ӯ нарасида, илтимос кард, ки бачаҳояшро ба наздаш биоваранд.

Духтур ичозат надод. Мулоқот бо аъзоёни оила ва ёру дўсту хешу табор фақат рўзи истироҳат таъин шудааст. Барои Шоҳида аз қонда истисно кардан маъное надорад. Зарурат ҳам.

Баъди пешин Шоҳида гирьякунон илтичо мекард, ки агар бачаҳояшро ба наздаш нагузоранд, сурати онҳоро аз хона бионаранд.

Шавҳараш Вакил, ки дар бадали чанд рўзи охир аз атрофи табобатхона дур намешуд ва шабҳоро дар хонаҳои пирамарди лифтбон мегузаронид, дарҳол рафта як даста сурат овард. Шоҳида аз байни суратҳо калонтаринашро хоста гирифт. Дар сурат зану шавҳар ва дар мобайни онон се писарашон акс ёфта буданд. Писараки хурдӣ, ки он вақт зоҳиран, ҳатто сарашро рост дошта наметавонист, дар бағали модар буд.

Шоҳида он паҳлуи суратро, ки шавҳараш акс ёфта буд, кат кард ва, аз афти кор, барои рост ва ҳамвор дарронида партофтан чои қат кардаашро бо пушти нохун молид. Аммо муддате ба хаёл рафта, аз раъяш баргашт. Сурати ба шакли китоби нимкушод қатшударо рўи сандуқчаи чизмонак гузошт. Акнун акси писаронаш ба Шоҳида ва сурати шавҳараш ба девори палата менигарист.

Шоҳида гўё бо фарзандонаш видоъ мекард.

Аз феълу атвори ў ҳар дақиқа ба духтур арз мекарданд. Ў рўи кат рўболо мехобид, ғарқи хаёл буд. Яқин, қарор додааст, ки баробари ҳама хоб кунад, то касе аз чизе шубҳа набарад. Вай амин аст, ки аз нияти шуми ў касе огоҳ нест, аз шишаяки пури доруи ў касе хабар надорад. Амин аст, ки ҳар се бемори ин палата имшаб баробар ба хоб мераванд, вале яктаи онон дигар ҳеч гоҳ бедор нахоҳад шуд. Сад афсўс, сад дареғ, ки писаракони нозанинаш бе навозиши модар, бепарастор мемонанд. Аммо чӣ илоҷ, ки зиндагиро барои ў ҳаром кардаанд.

Хайр, ҳеч вокеае не. Бачаҳо калон мешаванд ва ягон вақт аз падари фосиқи худ ҷавоб металабанд, ки чаро модарашон ба ин тариқа аз олам бирафт ва ҳамин ки асли вокеаро фаҳмиданд, ба хафтод пушти он марди бевафо лаънат мехонанд.

Шоҳида ним истакон чои ширинро рўи сандуқак тайёр карда мондааст. Ҳамин ки чароғи палатаро хомўш карданд, таблеткаҳоро ба кафаш мерезаду бо чой фурў мебарад. Агар баногоҳ дар дилаш хоҳиши рафъонопазире пайдо намешуд, ки фарзандони дилбандашро бори охирин бубинад, ў ин корро динашаб мекард ва ҳоло аз

шиканчаи рӯху чон озод буд. Дар ин чои тааччуб хам нест. Борҳо шудааст, ки савқи модарӣ, эҳсоси модарӣ соати ин қабил иқдомҳоро ба таъхир андохтааст.

5

Наққош ба Сунбула гуфт, ки берун мебарояд, дар ҳавои тоза каме сайр мекунад.

Дар майдончаи байни ошьёнаҳои дуввуму саввум як гурӯҳ беморони тамокукаш рост истода сӯҳбат мекарданд. Ҳарчанд духтурон дар дасти ин тоифа сигору папирос намебинанд, ҳавои бадбӯю вайрони қафасаи сина худ ба забони ҳол мегӯяд, ки онҳо ин чо бо чӣ коре машғуланд.

Ҳамадон низ ин чо буд ва рӯй ба сӯи девор менстод. Воқеан, Наққош чавони жӯлидамӯи файласуфмонандро, ки дар ҳар диданаш ба ӯ як силсила маълумоти ачиб ғариби аз рӯзномаю мачаллаю тақвимҳои деворӣ аз ёдкардаашро мегӯяд, худ ба худ Ҳамадон меномад. Духтур аз дил гузаронид, ки ҳозир ба сӯҳбати Ҳамадон чандон иштиёқ надорад ва хуб мешуд, ки ӯ бо чак-чаки рафиқонаш андармон шуда, шарфаи пои ӯро нашунавад ва ба доманаш часпида аз роҳ бознадорад.

Лекин нашуд. Ҳамадон хамсӯҳбатонашро тарк намуда аз пахлуи ӯ гузашт ва бо камоли одоб ва нармӣ аз бағали духтур гирифта, асроромез пичиррос зад:

— Чанд чизи, хӯ-ӯш, бисьёр ғалатӣ, фақат барои худатон. Бигӯям?

Наққош ба зӯр худро мачбур намуд, ки аз гулӯяш садои «ҳа» барояд.

— Қалонтарин тухм дар чаҳон, хӯ-ӯш, моли уштурмурғ аст. Барои пухтани як донааш онро, хӯ-ӯш, чилу панч дақиқа бояд чӯшонид.

Наққош хис кард, ки дилтанг мешавад. Овози бемор ба гӯшаш намефорид. Мехост ягон чизи сахт гуфта, миёни нақли ӯро бибуррад ё хеч набошад, пичингомез бипурсад, ки «Ин гуна тухм шиками чанд нафар ту барин ҳамадонҳоро сер мекардааст?» Аммо боз худро ба даст гирифт ва хунсардона гуфт:

— Ачиб.

Ҳамадон аз тағьири муомилаи духтур, албатта, хабар надошт ва мисли пешина бо вачд ба гапаш давом мекард:

— Хуки дарьёй наваду шаш дандон дорад, вале тўъмаашро, хў-ўш, нахоида фурў мебарад. Медонед, барои чй?

— Не.— иқрор шуд Наккош.

— Сабабашро баъд мегўям. Лекин хотиррасон кунед. Андак, хў-ўш, парешонхотир шудаам.

Вай дасти Наккошро рахо карда, ба назди мусохибонаш баргашт.

Маълумотхалтаи ин бемор бетак аст, аз афташ, фикр мекард Наккош. Духтураш, мудири мўхтарами шўъба, ташхиси касалии ўро нодуруст додааст. Савдои шахомат нест дарди ў.

Аз ин қабил беморон дар таҷрибаи Наккош вохўрда буданд. Перорсол як бемор аз хешу табори худ коғазҳои калон-калони накшакашй, мистару қаламҳои рангоранг талаб мекард. Баъд ҳамаи вақти худро сарф намуда, схемаи мушакҳои кайҳоннавардро мекашид. Схема аз хазорон детальҳои нозуку дақиқ иборат буд. Лекин худи он шахс як умр ошпази ресторан буд ва бо техникаи фалакпаймо, бешубҳа, сарукоре надошт.

Ба рўбоҳбозиҳои мудири шўъба аҳамият надода, хоқ ба сараш, гуфта гаштан мумкин. Лекин ба ҳоли дардмандон дили кас месўзад. Радикулит ё шакли сабуки астения бошад, мудири мўхтарам як бало карда, муолиҷа месозад. Вале Ҳамадон барои маризон барои ў чормағзи дандоншикананд.

Хосиятхон нақл мекунад, ки ҳамин гуна якта духтур дар поликлиникаи назди табобатхонаи онҳо кор мекунад. Духтури дандон. Рўзе нест, ки ранҷурон аз кори ҳаромаш ба сардухтур шикоят набаранд. Гўё каллапазеро дар дўкони ҷавоҳирот нишонида бошанд. Ҳамин ки сардухтур дар ҳаққаш чорае диданй шуд, «Дод, бедод!» гуфта, ба вазорати ҳифзи сиҳат ва ҳатто идорахои аз он болотар медавад.

— Ҳафт бача дорам! Бисту панҷ сол ин ҷониб барои саломатии халқ ранҷ мекашам! — даъво мекунад ў.

Рост, ҳафт бача дорад. Бисту панҷ сол боз ранҷ мекашад. Аммо аз ранҷи ў ба дарди мардум давое намерасад. Имрўз, фаразан, бо пармачаи мошини дандон лунчи якеро сўрох кунад, фардо милки дигареро хуншор месозад. Ходисахои ба ҷои дандони иллатнок шартошурт канда партофтани дандони сиҳат бошад, сону шумор надорад.

Акнун ҳисоб кунед, мегўяд Хосиятхон. То ба нафака

баромаданаш он зоти нодир бояд боз ҳафт сол кор кунад. Дар як сол сесаду дах рӯзи кор ҳаст (духтурон рӯзҳои шанбе ҳам кор мекунанд). Агар рӯзе аз дах-дувоздах бемори қабулкардааш ақаллан дандони се касро хароб гардонад, пас то анҷоми «фаъолияти меҳнатии худ» табиби ношуд боз камаш шаш ҳазор касро ноҳақ азоби ҷаҳаннамӣ медиҳад.

Аз ӯ чанд маротиба илтимос карданд, ки аз барои савоб бо ихтиёри худ ба кабинети ташкили поликлиника бигзарад. Бо ҳисобу китоби маризону дорую даво машғул бошад. Садақаи сар, масъулиятро ба гардан гирифта, маоши пештараашро хоҳанд дод. Чия?! Ба идорахои дахлдору бедахл он қадар давуғеҷ карда, ҳамаро безор намуд, ки ба сардухтур аз хар сӯ телефон карда гуфтанд: ба ҳурмати ҳамаи муқаддасоти олам, илоҳо барака ёбеду илоҷе кунед, ки духтуратон ба сари мо дод гуфта наояд.

Мудири мӯҳтарам низ ана ҳамин гуна як зоти шариф аст.

Бо вучуди он Наккош акида дорад, ки мудири шӯъба будани ӯ барои беморон хуб аст. Монед, ки роҳбарӣ карда, савори мошини ёрии тиббӣ ин сӯ-он сӯ шитобида, дар маҷлисҳо гап фурӯхта гардад. Агар вазифаи мудирӣ намешуд ва ӯ факат бо табобат машғул мегардид, миқдори беморони камтолеъ, ки ба дасти ӯ меафтоданд, сечанд меафзуд.

...Наккош дар пайраҳаи барфпӯш қадам мезад. Дар шунаҳи чароғон заррахои дурахшандаи барф чашмро мебурданд. Бо аробачаҳои электрикӣ аз корпусҳои табобатхона ба ошхона зарфҳои холӣ мекашониданд.

Духтур хис намуд, ки муддате инҷониб касе аз пасаш меояд. Аз роҳ бозистод. Чанд қадам дуртар аз ӯ Вакил меистод, ки бачаҳои худро ба парастории хешовандонаш вогузошта, шабу рӯзро дар ҳамин ҷо меғузаронид.

— Ҳа, ошно.

Наккош кӯшиш кунад ҳам, ба ин одам ба ҷуз «ошно» дигар шакли хитобро раво дида наметавонист.

Вакил салом дода, саволомез, илтиҷоомез ба рӯи духтур чашм дӯхт. Зоҳиран, чуръате надошт, ки аҳволи занашро бипурсад.

— Ҳоло ягон чизи аниқ гуфта намешавад,— ба хар ҳол раҳмаш омада гуфт духтур.

Худкардаро даво не, вовайлои пинҳонӣ. Акнун мардак албатта розист, ки аз баҳри ҳама чиз, ҳатто аз баҳри ҷон бигзараду сиҳатӣ ва оромии пешинаи ҳамсари худро

баргардонад. Оё Наккош вокеаи доруи «хоб»-ро бигўяд? Чй суд? Хавотираш зиёд мешаваду бас. Бе ин ҳам хеле азоб кашидааст. Чашмҳояш як ангуштй фурў нишастаанд. Пўсти рўяш аз так кабудча метобад. Ришаш чанд рўз боз нотарошида. Паси ҳам сигор мекашад. Гоҳо яктоаш тамом нашуда, навашро дуд мекунонад.

— Хеч натича нест, гўед...— бо андўх гуфт Вакил. Дар мулокоти аввалинашон низ ин мард бо ҳамин оҳанг гап мезад.

— Ба ман мадад кунед, духтур,— таваллоомез мегуфт ў он рўз дар сари мизи Наккош рост истода.

— Нишинед. Ба шумо чй шудааст? Чй дард доред?

— Ман не. Занам касал. Васвосй. Мо се фарзанд дорем. Се писар. Сагир мемонанд, бемодар, беёвар мемонанд. Охир калониаш акнун ҳаштсола мешавад,— дар чашмонаш ашк ҳалка зад.

Муддате ҳар ду хомўш монданд. Аз мили дастшўяки кунчи кабинет чик-чик об мечакид. Наккош хеста, мурвати милро сахттар тофт. Чик-чик катъ гардид.

— Ба фикри худкушй афтодааст. Сарам сих мондааст, духтур. Намедонам, чй кунам...

— Накл кунед. Ҳар чиз медонед, бигўед.

Вакил ба сукут рафт.

Манзараи шинос, манзараи мукаррарй. Айнан ҳамин гуна ахвол бо аксари беморон рўй медиҳад: омада, аз дарди харобиовар шиква мекунанд, мегўянд, ки имрўз ё фардо онла вайрон мешавад, кўдакони маъсум бепадару модар мемонанд. Ё ҳатто ба ягон шахси наздикашон хавфи марг тахдид мекунад, чунон ки ин гуна рўзи тира холо ба сари Шоҳида омадааст.

Бале, дурудароз шикоят мекунанд, мадад хоста лобаву зорй мекунанд, аммо фармоед, ки киссаро накл кунед, сабабҳои пайдоиши носозй ё ихтилофро ошкор бигўед, забонашон якбора лол мегардад.

6

Дар он мамлакат мутахассисони мо иншооти калоне месохтанд. Вакил бо касби худ — кафшери электр машгул буд.

Як бегохй ба тамом шудани кор ним соат монда буд, ки дар саҳни сохтмон Шоҳида пайдо шуд. Вакил дар болои манораи баландиаш баробари иморати даҳошьёна бо пайванди оҳанинпанчара машгул буд.

Занаш бо имову ишора фахмонид, ки ўро дар ҳамон ҷо мунтазир хоҳад шуд.

Вакил саросема шустушӯ намуд, тағьири либос кард ва ҳарду бо исрори Шоҳида ба сӯи кинотеатр равон шуданд.

— Барои чӣ маҳз ҳозир ба кино? — бо тааҷҷуб пурсид Вакил.

— Бардошт кунед, мефаҳмед.

Ин ҷо ӯ бояд мазмуни мухтасари фильмро нақл кунад. Чунин нуктаро низ бояд қаблан таъкид кунад, ки дарвозаҳои бозори он мамлакат ба чаҳор ҷониби олам баробар яла буданд. Аз ҷумла дар бозори китоб ва кинофильм барин ғизоҳои маънавӣ ҳам ҳар кӣ пешдаст буд, бештар мол мефурӯхт.

Фильм аслан италиёвӣ буда, айнан тарҷума шавад, «Шохдори беҳамто» ном дошт. Чунон ки маълум аст, аврупоиён ба марде, ки занаш бо марди дигар аз рӯи ишқ ё фиск алоқа бастааасту худи ӯ аз ин ҳол бехабар аст, «шохдор» ё «шохбароварда» лақаб медиҳанд.

Шоҳида хеле дар изтироб буд. Ноором, канда-канда сухан мегуфт. Аз дасти шавҳар дошта, аз байни издиҳоми тамошобинон бошитоб кашолакунон ба толори нимторик ба ҷои нишасташон мебурд.

Фильм сар шуд. Қасе дар зери экран нишаста, матни онро ба воситаи микрофон... тарҷума мекард.

Андрео ном марди гармчеҳра ва хушпайкар соҳиби муассисаи кулоҳдӯзӣ будааст. Занаш Мария Грация, яъне Марияи соҳибҷамолро беҳад дӯст медоштааст. Рӯзе аз рӯзҳо ҳодисае рӯй медиҳаду дар дили Андрео ба покдомании зан шубҳа пайдо мегардад. Шубҳа торафт қувват гирифта, ба рашки сӯзон табдил меёбад ва сабру қарор аз вуҷуди Андрео мерабояд.

Мария Грация ба ҳотеле меравад, то дар машшотахонаи он гесувони ҳудро шона занонад ва пардоз бидиҳад. Ба назари шавҳар чунин менамояд, ки ҷавонмарде ҳамсари ўро ба як хона дароварда, либосҳои ўро паси ҳам аз танаш дур меандозад...

Бори дигар Андрео мебинад, ки зан бо дугонаи ҳуд дар назди биное бо ду марди бегона мулоқот мекунанд. Баъд ҳар чаҳор нафар вориди бино мешаванд. Хаёли шавҳар ба тасвири саҳнаҳои ҷонфигор шурӯъ мекунад. Аммо чун ҳуд ба андаруни бино даромада, занашро ҷустуҷӯ мекунад, ўро дар толоре мебинад, ки паҳлуи дугонааш рӯи хараке нишаста, ба тамошои рақси духтарон машғул аст.

Зану шавҳар ба хонаашон меҳмон даъват мекунанд. Ҳар ду ошьёнаи хона — пур аз меҳмон. Мария Грация як даста мардонро барои машғулоте ба болохона таклиф мекунад. Андрео дар поён, назди меҳмонони дигар монда, ба хаёлоти рангини худ банд мешавад: ӯ баръало пеши назар мебинад, ки занаш дар хонаи хобашон рӯи бистари ороста мераҳсаду мардҳои бегона бо нигоҳи чашмони аз оташи вачд ва шаҳват дурахшандаашон пайкари ӯро гӯё мепалмосанд. Тани бараҳнаи занро фақат як шадда тасмаи ҳарир аз назарҳо нимниҳон медорад. Ҳар қадом тасма рақаме дорад ва ба ресмоне ҳамел аст. Мардҳо бо навбат қуръа мепартоянд ва ҳар рақаме ки баромад, Мария тасмаи ҳамон рақамро аз танаш канда, ба он мард тақдим мекунад. Дар бадани Мария торафт камтар тасма боқӣ мемонад, ӯ қариб тамом бараҳна мешавад, аммо бозӣ торафт авҷ мегирад. Мария рӯи бистари мурассаъ бо карашма мераҳсад...

Боз тамошобин мефаҳмад, ки ҳамаи ин манзара дар воқеъ ба амал наомада, балки маҳсули хаёли шавҳари бадгумон будааст.

Рӯзе Андрео рустӣ аппарати майдаяки телефон харида оварда, дар хона ба сим васл мекунад. Ҳар боре ки занги телефон баланд шуд, ӯ низ пеши аппарати пинҳонӣ рафта, ба гуфтугӯ гӯш медиҳад. Аммо ягон чизи шубҳаангез намешунавад. Фақат боре бо сохиби овози мардона мулоқот таъин кардани занашро шунида, дар кодоки либосовезак пинҳон мешавад. Дере нагузашта, соҳиби овоз меояд, вале маълум мешавад, ки вай рохибаи солхӯрдае будааасту садои ғафси мардона доштааст.

Бо вучуди он ки Андрео барои тасдиқи гумони ғашовари худ далеле ёфта наметавонад, мунозираю мубоҳисаи зану шавҳар тадричан ба ҷанҷолу хархаша рафта мерасад ва охир ҳам Мария Грация ароз карда, ба хонаи падар меравад. Андреои аз карда пушаймон аз шиддати ғаму гусса инони ихтиёр аз даст дода, савори автомобиль худро ба деворе зада мачрӯҳ мекунад.

Рӯзҳои рӯи бистар хобиданаш гуфтугӯи Марияи бозгаштаро бо як ҷавони зебое, ки зуд-зуд мулоқот мекарданд ва мисли хоҳару додар муносибати беғаш доштанд, аз телефони рустиаш шунида, дигар эътимоди кулл ҳосил мекунад, ки завҷааш зани боисмату нанг аст.

Пас аз сиҳат шуда, ба кор баромадан дӯстонаш низ ӯро панд мехонанд, мегӯянд, ки ҳар гуна андешаҳои бе-

асоси беҳударо аз сар дур андозад, зеро Мария Грация барин зани покдоман дар ҳаёт кам вомехўрад.

Ва Андрео аз таъсири насиҳат ва саргузашти рўзҳои охир ба риққат омада, ба хона телефон мекунад ва аз занаш узр мехоҳад, ки ҳамин қадар вақт аз ў ноҳақ бадгумон буд ва боиси озораш мегардид.

— Хайр, ба гузашта салавот! — мегўяд дар ҷавоб Мария Грация, ки дар рўи диван менишаст.— Ман аз гуноҳи ту даргузаштам. Муҳимтар аз ҳама он ки мо ба ҳамдигар содиқем.

Ин дам аппарат охиста-охиста дур меравад ва тамошобин мебинад, ки ҳамон ҷавони зебо рўи диван сар ба зонуи Мария Грация ниҳода мехобад...

Вакил ҳангоми намоиши фильм чандин маротиба ҳис кард, ки занаш дар толори торик ба экран не, балки ба андоми ў ҷашм дўхтааст ва бо диққат муоина мекунад, ки дар рўи шавҳараш чй ифодае акс меёбад. Равшан буд, ки Шоҳида ин фильмро худи ҳамон рўз дидааст ва дубора фақат барои нишон додан ба шавҳараш ба ин ҷо омадааст.

Онҳо ба кўча баромада, муддате пиёда роҳ мерафтанд. Шоҳида хомўш буд.

Вакил гуфт:

— Як зарбулмасали қадима ҳаст, зарбулмасали ноодилона нисбат ба ҷинси зан: «Дарахти макри зан сад реша дорад, фалак аз макри зан андеша дорад». Ин фильм ифодаи кинематографии ҳамон гап аст ва ба ҳамон андоза ноодилана аст нисбат ба занон.

Шоҳида боз чизе нагуфт. Ҳатто нагуфт, ки фильм на фақат ба занҳо дахл дорад ва ҳол он ки ў шавҳари худро маҳз барои талқини ҳамин фикр ба тамошои ин чиз оварда буд.

Баъд аз ин Шоҳида камгап шуд. Хаёлмандона роҳ мегашт. Қариб рўзе набуд, ки зарферо аз даст афтонида нашканад. Ба писараки хурдй, ки ҳамроҳашон оварда буданд, дуруст нигоҳ намекард. Гоҳо кўдак дар талаби ягон чиз мегирист, дах-бист дақиқа мегирист, вале модар банди хаёлоти гарони худ гўё садои ўро намешунид.

Ниҳоят, рўзе Вакилро таъчилй ба табобатхонаи сохтмон даъват карданд. Занаш бо ранги канда, лабу даҳони кабудчатоб рўи тахтакате мехобид. Барои оббозй ба баҳр баромада, аз соҳил хеле дур рафтааст. Хушбахтона, писарбачаҳои моҳигир аз дур дида, аз марг начот додаанд.

Вакил назди сардухтур даромада, дар боран кайфияти хамсараш хар чиз медонист, як ба як гуфт. Гуфт, ки ин касал ханӯз дар Ватан сар шуда буд. Боре, мисли хаминрӯза аз кораш даъват карда оваронданд. Он дафъа Шохида ба сими электр даст зада, кариб халок шуда буд.

Сардухтур Вакилро ба пеши сардори сохтмон бурд.

Рӯзи дигар Вакил оила ва кӯчи худро бардошта бо самолёт ба Ватан баргашт. Ва, инак, ба хидмати духтур Наккош омадааст. Ба ӯ одамон гуфтанд, ки Наккош чандин васвосиро сихат карда, ба хаёт баргардонидааст. Ба ӯ гуфтаанд, ки...

7

Духтур ба хикояти Вакил бо табассуми писхандомез гӯш медод. Барои ӯ нагз аён буд, ки Вакил хамин кадар хикоят гуфта бошад хам, ба саволи ӯ чавоб надод, он чизеро, ки дар навбати аввал гуфтан зарур буд, нагуфт.

Басо навъу намудхои дардмандони асаб хастанд. Як кисми эшон рози дилашонро рӯйрост ва ошкоро гуфта медиханд. Модоме ки, ба ибораи худи табибон, механизми табобат ба тарзи пайдоиш ва чараёни беморй вобаста бошад, илоч чист? Даст рӯи сина гузореду бо дили соф буду шуди вокеаро бигӯед.

Бале, гуфтан шарт. Шарти шифо ёфта, ба хаёт баргаштан. Дар сурате, ки хар як накли корафтода ба духтур барои таъини роху равиши муолича зарур аст, дар сурате, ки хар як ривоят, хикоят барои ӯ дареро боз мекунад, ки ӯ аз он дар ба олами ношиноси шахси мариз сар дароварда, манбаи маразро мебинад ва тадкику тахкик мекунад, рози дилро фошофош бояд гуфт. Хусусан агар такдири бемор баландй карда (рост-дия, чин занад хоксория!), ба дасти мутахассиси донишманд афтода бошад.

Магар каманд дипломдороне, ки аз хунари рӯхшиносии худ дар маъракахо дахон пур карда лоф мезананд, аммо хамин ки саволи анику муайяне ба майдои партоед, устоди чоғ буданашон ошкор шуда мемонад? Масалан, аз мудири мӯхтарам онд ба роху воситахои муоличаи савдои рашк савол кунед, фавран ба гап хохад даромад:

— Савдои рашк? Ох-ох, ин масъала бениҳоят мурак-

каб. Рашк — ин бокимондан хисси кадимист, ки дар он давра одамизод ханӯз аз хайвон чудо нашуда буд.

Ё худ:

— Рашк деви сиёх аст, зор монад, офати чон аст, сабил монад, арраи умр аст. Решакан бояд кард онро. Несту нобуд бояд сохт.

Дардро дашном медихад. Гӯё дард аз харифоне бошад, ки бо дашном маглубашон кардан мумкин.

Касе даъво надорад, ки чихатхои махрамонаи зиндагонии оилавӣ, робитаи заношӯй ё умуман равобити чинсиро ба шахси беруна гуфтан кори оддию осон аст. Бигузор сомеъ шахси хайрхох бошад, ё табибе бошад, ки ба рӯхи поки пираш Букроти Хаким ханӯз кабл аз нахустин ихдоми худ савганд ёд кардааст, ки то чон дар бадан дорад, роздори корафтодагон бошад.

Пеши бегона аз ин нуктахо сухан рондан осон нест. Бинобар ин аксаран худи табибро лозим меояд, ки мисли одамоне, ки дар биёбон чох канда, барои ташналабон об мебароранд, якта-якта савол дода, аз каъри дили бемор зарра-зарра маълумоти даркориашро кашида бароварад:

— «Хушам парешон» мегӯед. Кадом вакт ва ба чӣ шакле зохир мешавад ин парешонӣ? — мепурсад духтур.

— Мисол. вакте ки чизе мехонам. Мехонам-мехонаму як вакт мебинам, ки хаёлам ба дигар тараф рафтааст.

— Пас чизе хаст, ки хушатонро ба дигар сӯй мекашад?

— Надонам.

— Шумо надонед, рафик, кӣ медонад?

— Надонам.

— Набошад, бигӯед, андешае, ки хушатонро ба дигар сӯй мебарад, аксаран як хел аст ё хар дафъа хар хел?

— Диккат накардаам. Ба ёдам нест.

Ана хамин тавр, медонаду намедонам, мегӯяд. Ба ёдам нест,' ахамият надодаам, мегӯяд.

— Аз чӣ сабаб дилтанг мешавед? Чӣ вокеа, масалан, боиси дилгириатон мешавад?

— Хеч вокеа не. Хамту дилам аксари вакт сиёх.

Ё мана ин зайл сӯхбат:

— Гохо дар дилатон вахм пайдо мешавад, ки аз ягон чизи бароятон азиз чудо мегардед?

— Ха! Ха! Пайдо мешавад.

— Ба садокат ва самимияти баъзе аз наздиконатон

мисол гирем, дўстон, рафикони хамкасаба шубҳа пайдо мешавад?

— Ҳа, духтур, айнан!

Ҳм. Эшон ба садоқати хамкорон шубҳа пайдо карда, асабашон хароб шудааст. Хайр, ин мусоҳибаи аввалин. Дафъаи дигар ба сабаби асл боз як қадам наздиктар хоҳанд омад.

Зотҳое ҳастанд, ки шикваро аз бехобӣ сар мекунанд. Ба онҳо мисли он ки муаллимони донишкадаҳо айёми имтиҳонот мекунанд, саволҳои кўмакӣ дода, ба сари сабаби асл овардан лозим мешавад. Фақат ҳамин қадар тафовут, ки донишчўён ба ин восита сабаки беихтиёр фаромўш кардаашонро бо шавқи тамом гуфта медиҳанд, маризон хотираҳои дар замири қалб қасдан ниҳон кардаашонро гардани хор-хорон ба забон меоранд.

...Наққош ба Вакил гуфт:

— Романҳое ҳастанд, ки охири воқеаро аввал тасвир карда, баъд нақлро дубора аз ибтидояш сар мекунанд. Шумо ҳам нақлро аз аввали воқеа сар накардед. Оё ҳамин тавр нест?

— Ҳамин тавр, духтур.

— Шумо ихтиёр доред, ки чизе нақл накунед. Лекин худатон гуфтед, ки сиҳат шудани ҳамсаратонро мехоҳед.

— Дигар орзу надорам, духтур. Шоҳидаро ба ман...— ў лаҳзае забон хоид,— ба фарзандонаш саломат баргардонед як умр ғуломи шумо бошам.

— Э як гапҳо мегўед, ки... Гўё китоби қадимае мехонда бошед...

— Як умр миннатдоратон бошам.

— Бехтараш қиссаро аз як сар нақл кунед.

Ў даме ба риши расида, андоми ошуфта, лабони саҳлсаҳл парида истодан шавҳари мусибатзада нигоҳ карда истоду бо оҳанги мулоимтар илова кард:

— Илочи дигар нест, ошно.

8

Вакил аз кор бармегашт. Ба қадри наздик шудан ба манзили худ ба сўи дари пеши троллейбус ҳаракат мекард. Аммо чй шуд, ки троллейбус ба истгоҳи ў расиду фарояндагон дар дамгаҳи дар таъхир карданд. Ҳа, бонси ошуфтагии мусофирон ана он чавонзани сафедрўи зебоандоме будааст, ки чамадони вазнинашро ба зўр аз чой мечунбонид.

Вакил зуд пеш гузашта, чамадонро аз сари рох бардошт ва чобукона аз зина фаромад.

Хаман фурудомадагон пароканда шуда рафтанд. Дар истгох факат Вакил ва он чавонзани хушсурат монданд, ки дар ду тарафи чамадон рост меистоданд.

Чавонзан бо лабханди латифе изхори миннатдорй карда, чамадонашро бардошт, вале ду кадам намонда, мачбур шуд онро ба замин гузорад: чамадони на чандон бузург хеле гарон буд.

— Сабр кунед, ман мегирам,— хидматгузорона гуфт Вакил ва чамадонро бардошта, ба сохибаш нигарист, ки яъне ба кадом сўй меравем?

— Ба шумо ташвиш шуд,— гуфт чавонзан бо як садои дилкаши адоомез,— таксиро мунтазир шудам, ба зудй наомад.

— Хеч гап не.

— Вазнин, а?

— Сабук гўям, дурўг мешавад. Ин сандук ё аз тилло пур, ё аз китоб.

— Ёфтед. Пур аз китобе, ки ба нархи тилло баробар аст.

— Ха-а,— мад кашида гўё изхори тааччуб намуд Вакил.

Вай гох баробар, гахе як-ду кадам кафотар аз чавонзан рох гашта, комати мавзун, рухсори сафеди базеб, хусусан мўи дарози ўро бо завк тамошо мекард. Рости, ин гуна мўи дароз ва ин хел комати мавзунро хеч гох надидааст. Гесувонаш бемухобот ба зону зада, баробари рох рафтанаш бо як назокати фаттон алвонч мехўрданд ва назари бинандаро беихтиёр ба худ мекашиданд. Вакил чамадонро то ба таги дари чавонзан бурду хайрухуш карда, ба хонааш рафт.

Аз мобайн чанд мох гузашт.

Рўзе ки бо ў дар троллейбуси хамон маршрут дубора вохўрд, аз хона бо дили гамгин баромада буд. Шохида модар ва писаронашро хамрох гирифта, ба район ба хонаи хохараш рафта буд. Хонан бекас ва сокит ба назари Вакил чунон хузнангез менамуд, ки гўё онро сел шуста бошад. Дару девори хонаи холй гўё ба забони хол мепурсид, ки ту ин чо чй кор мекунй?

Ў ба кўча баромада, ба троллейбус савор шуд. Мехост ба маркази шахр биравад. Он чо ба ягон карор хохад омад. Ё ба кино медарояд. Ё ба назди яке аз рафиконаш меравад.

Ана дар ҳамон ҳолат бо овози нарму нафисе салом додани ҷавонзани шинос ӯро аз олами андеша берун овард. Ин дафъа ҷавонзан куртаи атласи хушрангугуле пӯшида буд ва пероҳани сабуку шинами тобистона бар ҳусни ӯ ҳусн афзуда буд.

Онҳо чун шиносони дерина ҳолпурсӣ карданд.

— Ба кучо равонаед? — савол дод Вакил.

— Худатон чӣ?

— Агар ҳамроҳӣ кунед, ба кино мерафтам.

— Агар худи ман ҳам аслан ба кино равона бошам-чӣ?

— Боз бехтар. Он гоҳ ба ду кинотеатр меравем, ду фильмро тамошо мекунем.

— Мешавад.

— Биёед акнун шинос шавем. Номи ман Вакил.

— Номи ман...

— Хӯш?

— Номи ман Н.

— Яъне гуфтан намехоҳед?

Ҷавонзан китф дарҳам кашид.

— Ё гуфтан мехоҳед, ки шиносони мо ҳадде дорад? Ӯ боз китф дарҳам кашид.

— Аҷиб,— гуфт Вакил.

— Чӣ ҷои аҷобат? Ҳаман номҳо рамзианд. Рамзи мухтасари якҳарфа чӣ бадӣ дорад?

«Беҳуда чамадони ин зан пури китоб набудааст», ба ёд овард Вакил ва гуфт:

— Агар дар китобе мехондам, ки ҳангоми шиносоӣ яке аз ду нафар номи худро бо як ҳарф ишора мекунад, бовар намекардам.

— Аммо ин амри воқеъ аст. Хоҳед, нахоҳед, бовар мекунед.

Вакил бо ҳисси андаке рашкомез ба худ гуфт, ки ин ҷавонзан дар фазилат, сухандонӣ аз ӯ, зоҳиран, бартарӣ дорад. Ва бори нахуст аз дил гузаронид, ки агар ё тақдир ё тадбире мусоидат кунаду ӯро ба оғӯш бигирад, ба тасарруф дарорад, ин афзалияти ӯ дигар аз байн хоҳад рафт. Ва ӯ сонияе ӯро дар оғӯши худ дид ва тасаввур намуд, ки рӯи даст бардошта ба кучое мебарад.

...Фильме, ки ба тамошояш даромаданд, фач, хатто як андоза гоҷ ҳам буд. Онҳо ҳарор доданд, ки дигар ба кино надароянд. Вакил таклиф намуд, ки ба ресторан бираванд.

— Не,— гуфт Н.

— Пас ба ягон қаҳвахона биравем?

— Қаҳвахонаҳо ҳам шабона ресторан мешаванд.

— Шумо аз ресторан қимобед?

— Намедонам, боре нарафтаам.

Вакил малул шуд. Намедонист, ки дигар чӣ таклифе пешниҳод кунад. Дар айни замон аз ӯ чудо шудан ҳам намехост. Дар дилаш майле қувват мегирифт, ки бо ин чавонзан бошад. «Афсӯс, ки якраҳа будааст. Ба ӯ гап гузаронидан осон нест»,— фикр мекард ба худ.

— Чаро шумо ба ресторанравӣ ин қадар исрор мекунед?

— Бовар кунед: на барои шаробнӯшӣ ё мусиқӣ шунидан. Гуруснаам,— гуфт Вакил.

— Дар хонаатон таом напухтаанд? — ҳатто ба сӯи Вакил нигоҳ накарда лоуболона пурсид Н.

— Он чо касе нест.

Дақиқае хомӯш буданд.

— Агар ба ростӣ гурусна бошед, метавонам шуморо ба хона таклиф кунам.

— Қошкӣ.

Роҳравон аз ину он сӯҳбат мекарданд. Дар зимни гуфтугӯ Вакил оид ба муносибаташ ба ин чавонзан мулоҳиза мекард. Шиносояш бо ӯ ба назараш ачиб менамуд. Аз як тараф, номи худро бо андешае пинҳон медорад. Аз рафтан ба ресторан, ҳатто қаҳвахона саркашӣ мекунад. Аз тарафи дигар, мардеро, ки фақат бори дувум мебинад ва аз рӯи наклаш онладор буданаш аён шуд, ба хонааш таклиф мекунад.

Лаҳзае Шоҳида ба ёдаш расид. Ба хотираш омад, ки як вақтҳо, айёми навхонагӣ ба ҳамдигар савганди садоқат ёд карда буданд. Пас кӯшише ба кор бурда, ин андешаҳоро аз худ дур ронд ва ичозат пурсида аз дасти Н. бигирифт. Дасти ӯ нарм, вале сард буд, ангуштонаш гӯё сахле меларзиданд.

Ба қабати саввум пасу пеш баромаданд. Н дари хонаашро яла кард. Вакил дар долони танги торик ким-чигуна пойафзолеро зер кард ва ба чизе пешпо хӯрда лахзае мувозинатро гум кард ва беихтиёр аз камари Н. оғӯш намуд. Мувозанати пайкараш худи ҳамон сония барқарор шуд, аммо ӯ дасти худро пас нагирифт. Баръакс дар зери матои мулоиму лағжонаки куртаи абрешимин бадани аз он ҳам нарму нафиси занро хис карда, ӯро сахт ба оғӯш кашид.

Зан на фақат муқобилат накард, балки пайкари аз изтироб ларзандаи ӯ гӯё худ ба истиқболи дастони навозишкори Вакил мешитобид...

— Ба кӯҷо рафтаниед? — ҷавонзанро, ки дар паҳлуяш рӯи дивани фарох мехобид, аз бағал раҳо накарда пурсид Вакил.

— Хӯроки тайёр ҳаст. Гарм мекунам.

— Чӣ лозим?

— Дурӯғгӯй! Гуруснаам, нагуфта будед?

— Гурусна будам.

— Дурӯғгӯй.

— Акнун илтимос: номатонро бигӯед.

— Ба ин эҳтиёҷе ҳаст?

— Магар нест?

— Ман аз шумо ҳеҷ савол накардаам ва намекунам.

— Фаҳмо. Зорӣ дорему зӯрӣ не.

Боз чанд бори дигар чеҳраи Шоҳида пеши назари ӯ чилвагар шуд. Лекин ӯ, чунон ки барои рафъи хоби гарони азиятовар мекунанд, чашмонашро зӯран кушодаву пӯшида, худро аз диданиҳо начот дод. Боз чанд маротиба савганди ба вафо ёд кардааш ба хотир расид. Ба ёдаш расид, ки то ҳоло ӯ ба аҳди худ содиқ буд. Аммо ӯ ин хаёлҳоро ҳам бо зӯр аз худ дур ронд ва дар дилаш тасаллиомез гуфт: «Дигарон ҳам маъшуқа доранд».

9

Боре Вакил дар хонаи Н хеле дер монд ва қариби саҳар ба хонаи худ равон шуд. Ширакайф буд ва парвои олам надошт. Ба хаёлаш чунин мерасид, ки зиндагонии ӯ акнун ба ҳамон тарзе ки худ аз худ чараён гирифтаасту ин тарз ба ӯ хеле маъқул афтодааст, боз идома хоҳад ёфт. Солҳо, даҳсолаҳои минбаъда ба назараш чун силсилаи бениҳояти рӯзҳои пурнури пурсурур менамуданд ва осмони фардои ӯ аз абрҳои ғусса, ҳатто аз гарду ғубор озод буд.

Аз тарафи кӯча ва баъд аз даруни ҳавлӣ ба тирезаҳо чашм давонид. Ҳаман чарогҳо хомӯш буданд. Охиста бо калиди худ дарро кушюда ба хона даромад.

Занаш дар хонаи хоб набуд. Дар ошхонаи торик рӯи курсие менишаст.

— Шоҳида, чаро дар хонаи торик нишастаӣ?

— Ҳама ҷой торик.

— Хм. Ман гуфтаннам, ки чаро хоб накардай?

— Туро интизор будам. Гап дорам.

— Кошкй, азизам, марҳамат. Гӯшу ҳуши ман ба ту,— ширинкорона лаккида, худро аз вазъняти нобоб ворахонидан мехост Вакил.

— Вакти ширинкорй гузаштааст. Агар ба ту онла лозим набошад, касе ба поят ишкел намешавад.

— Шоҳида, чиҳо мегӯй?

Вакил нохост хушьёр шуд. Ӯ бори нахуст тамоми чиддияти кирдори худро аён дарк мекард.

— Лекин дониста мон, мардак: пушаймон мешавй охир.

Вакил тасалло медод, хаман хунарашро ба кор бурда, суханҳои таскиномез мегуфт ва дар айни ҳол дар дил касам ёд мекард, ки «Тамом. Дигар ба остонаи хонаи Н. кадам намемонам». Аммо дар чавоби панду насиҳати ӯ занаш як зайл такрор мекард:

— Пушаймон мешавй, мардак.

Рӯз то рӯз возехтар медид, ки Шоҳида дигар он зани ҳалима, хандон ва мехрубони пешина нест. Гӯё бегона бошад, навозишу дӯстдорихои шавҳарашро рад мекард. Гоҳо ба сараш гӯё як кӯза оби сард рехта бошанд, ё ягон ҳабари бағоят шуме расида бошад, банохост сарду карахт мегардид, дар наздаш хомӯш, беҳаракат, беҳарорат мехобид, хатто гӯё нафас намекашид. Ду-се маротиба Вакил нимишабй нохост бедор шуда дид, ки занаш рӯи кат зонуҳои худро оғӯш карда нишастаасту аз андоми ӯ чашм намеканад. Гӯё шавҳарашро бори аввал медида бошад, синчакорона нигоҳ мекунад. Кй медонад, чй муддате ба ин минвол нишаста бошад ва чй андешахое ба сараш омада бошанд?

Дар ноомади кор шиша сандон шиканад, атола дандон, гуфтаанд. Н. ба Вакил якто сурат тӯҳфа карда буд. Дар сурат ба ҳолате акс ёфта буд, ки як миллаашро ба пеши сина партофта, кадаре маҳзунона табассумкунон рост ба объектив менигарист. Вакил намедонист, ки ин аксро чй кунад, ба кучо монад? Дар як гӯшаи он унвони ательеи суратгир сабт шуда буд. Вакил ба хату холи чехраи дилкаш менигарист. Пас боз хати кунчаки расмро мехонд, гӯё аз он фахмиданй мешуд, ки чаро соҳибаи сурат онро ба ӯ ҳадья карда бошад?

Ӯ шунида буд, ки суратбахшй нишонест аз фироки наздикрасида. Онҳое, ки ба ҳамдигар сурат мебахшанд, соати дар пеш истодаи чудоиро медонанд ё ҳеч набошад,

хис мекунанд. Шояд Н. ба робитаи кашольёфтаи онҳо худаш хотима гузоштан меҳост? Бо вучуди донояш ба ҳар ҳол василаи нобоби соддалавҳонае интихоб карда буд, зеро Вакил суратро дар хона нигоҳ дошта наметавонист. Ба партофтан дилаш намешуд: зане аз рӯи меҳр ва одамгарӣ акси худро тақдим кардааст. Сурат дар бағалкисаи пиджаки сафеди тобистона мехобид.

Як пагоҳӣ Шоҳида онро ба шавҳараш нишон дода пурсид:

— Дили ҷанобашонро ҳамин кас бурдаанд?

Хун ба сари Вакил зад. Дар ҷавоб чизе гуфта натавонист.

Шоҳида тамом дамдузд шуд. Чизе намегуфт, намепурсид. Ҳатто ҳамон таҳдиди пештарааш: «Пушаймон мешавӣ, мардак»-ро дигар такрор намекард.

Боре Вакил фурсати, ба ақидаи худаш, муносиб ёфта, ба таваллою зорӣ даромад:

— Шоҳида, азизам, ҷони ширин. Фаромӯш кун. Бубахш маро. Байни ману он зан воқеаи казоӣ нашудааст.

— Ноказоиаш шудааст? — бо овози паст, вале пур аз танаффур пурсид Шоҳида.— Ноказояш чист, аз кучо то ба кучост? Бигӯ, охир!

Боз забони Вакил лол шуд. Чӣ навъ дурӯғ меғӯяд. Ба чашмони Шоҳида нигоҳ карда, дурӯғ гуфтан мухол аст.

Ногоҳ фикре дар сари Вакил пайдо шуд ва ӯ бо ҳарорат гуфт:

— Бовар кун: ман хатто номи ӯро намедонам. Ана аз ҳар чӣ хоҳӣ, ҚАСАМ МЕХӮРАМ, хатто номи он занро намедонам.

Шоҳида лаҳзае ба рӯи шавҳараш нигоҳи гӯё тараҳҳуммомез дӯхта истода гуфт:

— Мабодо афтодан ногузир бошад, инсон ақаллан болои чирк наафтад.

...Давоми воқеаро Вакил ба духтур арз кардааст. Рӯзе ӯро ба табобатхонаи ёрии таъҷилӣ ҷеғ заданд. Занашро ҷараёни электр ҚАРИБ КУШТА будааст. Хушбахтона, Вакил ба сипаракаи электр мухофизаки автоматӣ шинонида буд, ки ҳангоми атсоли кӯтоҳ фавраан ҷараёнро катъ месозад. Бо вучуди ин Шоҳида чанд рӯз карахт буд, кафи чапаш сӯхта ангуштпона барин ҷояш ҷароҳатнок шуда буд.

Ҳамон рӯзҳо Вакилро ба прокуратураи шаҳр даъват намуданд. Муфаттише бо ӯ дар хусуси аҳволи оила, муносибати зану шавҳар дуру дароз сӯҳбат кард. Маълум

шуд, ки аз табобатхона хабар расидааст, ки фалокати Шоҳида фақат тасодуфи нохуш нест.

Вақте ки ба Вакил дар сохтмони иншоот дар хорича кор таклиф карданд, ӯ хурсанд шуд. Вай хаёл мекард, ки дар мамлакати бегона, дар муҳити нави ношинос занаш ҳамаи носозиҳои ғузаштаро фаромӯш хоҳад кард.

Аён шуд, ки кор аз кор ғузашта будааст.

10

Хосиятхон омад. Аммо ба зудӣ ба боло набаромад: тахмин ним соат аз таки тирезаи ординатура ғур-ғури «Запорожец»-аш шунида мешуд.

— Имрӯз вар-вари «Чайка»-атон тӯл кашид? — пурсид Наккош.

— Ҳа, як чархаш ба чӯй даромад. Таки по лаҳжонак.

— Ба ёрмандӣ чеҳ назадед-ку?

— Дон Жуан* кӯмак кард.

— Шумо Дон Жуан ҳам доред?

— Не. Азони худатон. Шавҳари ҳамон беморе, ки қиссаашро ғуфта будед.

Хосиятхон барои шавҳар хӯрок оварда буд. Дар як термоси ғафс баракшӯрбо. Дар термоси дигари хурдтар— каҳваи бешир. Ӯро ҳамаи духтурон, санитарҳо, ҳамшираҳои шӯъба хуб мешиносанд. Батафсил пурсупос, ҳазлу шӯхиҳо меқунанд.

Духтури навбатдор, ки ҳанӯз аз овони студентӣ бо ҳам шиносанд, шӯхӣ кард:

— Пазмон мешавед-дия?

— Набошад чӣ! Моли камбаҳал пеши назараш бошад, хуб.

Наккош ва духтури навбатдор рӯи миз аз рӯзномаҳои кӯхна дастархоне дуруст карданд.

— Қавл дода будед, ки дар ҳамин ҳавои нобоб мошинсаворӣ намекунед,—ба занаш таънаомез рӯй овард Наккош.—Чӣ гӯям ба шумо?

— Ҳеч чиз,— дарҳол ҷавоб дод Хосиятхон.— Бехтараш ичозат бидиҳед, ки бемори наватонро бубинам.

---

* Дон Жуан — қаҳрамони як силсила асарҳои адабии асрҳои XVIII—XIX ва қиссаву достонҳои халқии испанӣ, киноя аз занакабози фиреб гар.

— Шохидаро?

— Ҳа.

— Хӯш?

— Зани ғалатӣ бояд бошад.

— Хайр, лекин каме сабр кунед. Сунбула биояд.

Сунбула омад. Наккош фармуд, ки Хосиятхонро яктах пӯшонида ва барои намуд ба дасташ чизе аз ашьёи табобат дода, ба палатаи Шохида бубарад.

— Зани дилкаш...— аз палата баргашта хаёлолуд ва маҳзунона гуфт Хосиятхон.— Одамони хуб набояд бимиранд,—боз изҳори акида намуд ӯ ва ногоҳ бо овози баланд илова кард: — Марди гандая рӯяша мурдяшӯ шӯяд.

— Илоҳо омин!— хандида даст ба дуо бардошт Наккош.

— Ҳа, худатон ҳам эҳтиёт шавед, нахандед,— бо оҳанги нимшӯху нимтаҳдидомез гуфт Хосиятхон.— Ман шуморо пеш аз хонадориатон огоҳ карда будам. Ёд доред?

— Ҳа. Агар бевафой кунӣ, мекушам, гуфта будед.

— Не, аниқтар гӯед. «Мекушам» не.

— Рости, ҳамин қадараш дар ёдам мондааст, чунки хаёл мекардам, ки аз куштан сахттар ҷазое нест.

— Ҳаст. Қассоб як қабат пӯст меканад. Ман гуфта будам, ки аз шавҳари хоин се қабат пӯст меканам.

— Ана шафқату мана муруввати. Боз ин кас табиби хозик... Лекин бояд иқрор шуд: агар банда сари мӯе бамаъни шуда бошам, ин натичаи ҳамон таҳдиди шумо. Се қабат пӯст-а! Ба гуфтан осон.

11

Беморон ба хоб рафтанд.

Шохида ҳам як каф таблеткаро бо чои ширин фурӯ бурда, ба акидаи худ, ба хоби вопасин рафт. Ӯ чанд дақиқаи аввал ноором, вазнин нафас мекашид, ҳиккосзанон мегирист. Ин бешубҳа, таъсири эътимоде буд, ки ба оқибати кирдори худ дошт.

Дере нагузашта хобаш бурд.

Духтур сӯҳбат ва муомилаи фардоинаи худро бо Шохида гаштаву баргашта аз ғирболи андеша мегузаронид. Қавитарин умеди ӯ ба садамаи пурзӯри рӯҳӣ, ба изтиробу ошуфтагии бемор аст, ки худро зинда ва побарчой дарьёфта, аз сар хохад гузаронид. Агар дар ҳа-

мин лаҳзаи аввал дар тафаккури ӯ табаддулоти куллие ба вуҷуд овардан муяссар шавад, кор минбаъд барор хоҳад гирифт, вагарна муолича, эҳтимол, моҳҳои дароз кашол ёбад. Ё умуман ба анҷоми матлуб нарасад.

Пурасрортарин, серазобтарин гӯшаи олами рӯҳии инсон бояд рашк бошад, баъзан фикр мекунад Наккош. Алалхусус рашки фавқулодда, ё ба таъбири табибон, рашки патологӣ. Рашки одамони махсусан ҳассос ва бадгумону васвос. Наккош на фақат аз он сабаб дар ин ақида аст, ки аз илми рӯҳшиносӣ ва табобати рӯҳ бештар ба ҳамин соҳа балад шудааст. Не, худи зиндагонӣ гувоҳ аст. Далелҳои фаровони аз якдигар ачибу ғарибтар гувоҳанд.

Порсол ин ҷо марде мехобид. Дар кӯраи рашк бирьён ва тамом пӯсту устухон шуда буд. Наккош аз сӯҳбатҳои такрор ба такрор хулосаи равшане бароварда натавониста, даставвал ба кароре омада буд, ки мардака рози дилашро нимкола мегӯяд. Аммо сонитар яқин намуд, ки рашки ӯ дар воқеъ асосе надорад. Фақат як ҳикмати аз касе шунидааш ва як ҳикояти дар поезд наклкардан шахси дигаре дар шуури ӯ реша давонида ва манзил гузида, пас бо рӯзгори худи ӯ низ робитаи сунъӣ пайдо кардааст.

Ҳикмат он ки аз хиёнати зан одатан дертар аз ҳама шавҳари худаш огоҳ мешавад. Ҳикоят он ки шахсе ҳамсарашро бо ошиқи ӯ даст гирифта, ҳар дуро барахна сохтааст. Баъд аз сарашон мураббо рехта ва пари болинро ба танашон часпонида, ба кӯча пеш кардааст.

Ин манзараи ғаройб дар хаёли бемор сахт накш баста буд. Вай ба ёд меовард, ки боре, тахмин ду сол қабл аз ин, занаш дар назди театр бо олуфтае аз ҳад зиёд ғарму нарм саломуалеку пурсупос карда буд, ҳатто дар гуфтораш оҳанги ишваомезе шунида мешуд. Баъд занаш мегуфт, ки бо он олуфтасатанг гӯё дар техникум шарикдарс будаанд. Гоҳ-гоҳе дар дилаш орзуе пайдо мешуд, ки касе бошаду вай онро мисли ҚАҲРАМОНИ ҳамон ҳикоят рангину хотирнишон ҷазо бидиҳад. Бо мурури вакт ба ӯ чунин менамудагӣ шуд, ки рӯзҳои наздик ӯ ба ҷоиаи амал пӯшонидани ин орзу муваффак хоҳад шуд. То ба ифоқа овардани олами тасаввуроти он бемор Наккош басо ранҷ бурд.

Ба Шоҳида осон гирифта намешавад. Хулосаи ӯ оид ба хиёнати ҳамсараш танҳо самараи хаёлоти пуч нест. Лекин кувваи идроки ӯ, хайрият, ҳанӯз тамом заиф на-

шудааст, ҳарчанд ки тасаввуроташ доир ба мафҳуми ҳаёт, сидқу вафо дарҳам-барҳам шудааст. Вафо набошад, ҳаёт маъное надорад. Ҳамин тааммул шуури ӯро чун чодари сиёҳ печонидааст.

Наккош бо ӯ се рӯз инчониб дам ба дам сӯҳбат мекунад. Аз гуфтаҳои ӯ баъзе чузъиёт ба шуури бемор таъсири амиқ мегузорад. Чунончи, духтур онд ба қарзи модарӣ, савоби тарбияи фарзандон гап зада, дар зимни сухан зарбулмасалеро хотиррасон намуд, ки «Ба шабуш ситеза карда, эзорро масӯзон».

— Чӣ? Чӣ?— ногоҳ сухани духтурро бурида пурсид Шоҳида, ки то алҳол парешонҳолона менишаст.

Наккош зарбулмасалро такрор гуфт.

Шоҳида табассум кард ва бо ҳамин лабханди сабук муддате ба андеша рафт. Мантиқи оддии ин ҳикмати на чандон нафис он қадар бурро ва нишонрас буд, ки дергоҳе хаёли беморро тасхир кард.

Духтур бояд фардо пагоҳӣ ана аз ҳамин гуна лаҳзаҳо ва нуктаҳо устодона истифода барад.

Он ду қасди аввалаи Шоҳида ба ҳалок кардани худаш, ҳайрият, бебарор бигузашт. Вай ҳоло ба барори саъи охиринаш эътимоди комил дорад.

Дар замони пеш ояне будааст, ки касе ба қатл маҳкум шуда, аммо бо ягон сабаби фавқулодда ҳукм ба ичро нарасад, он шахс худ аз худ афв мешудааст. Масалан, агар туфанг оташ нагирад, ё ҳангоми ба дор кашидан чӯбаи он сарнагун биравад ё шохи таноббастаи дарахт банохост бишканад.

Аз рӯи инсоф мулоҳиза карда шавад, Шоҳида барин беморон низ бояд аз қасди бемурувватонаи худ даст шӯянд.

Оё ба ӯ ҳамин нуктаро гуфтан чоиз бошад? Не. Мисолаш басе вазнин ва нохуш. Фардо фақат сӯҳбати сабуки фараҳовар бамавқеъ хоҳад буд. Ҳамин ки бедор шуд, як дақиқа танҳо намонда, ба ин чо, ба ординатура оваронида, хушу ёду тафаккури ӯро ба созу пардоз бояд гирифт. Вокеан, ҳар се писараки ӯ фардо саҳарӣ бояд дар ҳамин карибҳо бошанд, зеро мулоқот бо онҳо дар силсилаи тадбирҳои Наккош чузъи ҳалкунанда хоҳад буд.

Фақат пеш аз мӯҳлат барнахезад, вагарна ичрои нақша мушкил мешавад.

Не. Ӯ ба қадри кофӣ дорои хоб хӯрдааст. Бояд ором бихобад.

— Нақшаи Наққош барор намегирифт, айб мешуддия!— аз ординатура хушхол баромада бо овози баланд ба худ гуфт Наққош ва оҳи сабуке кашид.

Сунбула се писари Шоҳидаро аз ошьёнаи якум боло баровард ва аз долони дароз гузаронида, ба кабинети ординатура ҳидоят намуд. Аз паси дари нисфаш шишакории кабинет садои хурсандонаи бачаҳо, нидоҳои навозиш ва гирьяомези модар ба гӯш мерасид.

— Оча, кай ба хона меой?— писарони калонаш ин саволро бо навбат такрор мекарданд.

Падари онҳо дар толори байни шӯъбаҳои занонаю мардона буд. Ӯ гоҳ дар яке аз курсиҳои катори таки девор мӯи сарашро қабза карда сарҳам менишаст. Гоҳо бархоста, дар саҳни толор бесаброна қадам мезад.

Духтур Сунбуларо чеғ зад.

— Ҳазор раҳмат, Сунбула.

— Намеарзад, муаллим.

— Меарзад. Ҳамин қадар заҳмат кашидед. Лекин боз як илтимос: имрӯз ва имшаб аз ҳоли ӯ бохабар бошед. Ба шумо унс гирифтааст.

— Хуб.

— Медонам, ҷабр мешавад. Аммо чӣ чора? Телефони маро медонед?

— Бале.

— Имрӯз як журналист ин ҷо омаданӣ буд. Қаблан телефон мекунад. Ба ҳамон кас телефони хонаро мегӯед.

— Фаҳмидам.

— Ман аминам, ки шумо духтури хуб мешавед. Сунбула.

— Раҳмат, муаллим.

Дар баромадгоҳ Наққошро Ҳамадон мунтазир буд. Лекин ин дафъа худи Наққош бо ӯ хуррамона вохӯрӣ карда пурсид:

— Аз обнорасидааш будагист?

— Албатта ҳаст. Барои шумо, хӯ-ӯш, чӣ хоҳед, ёфт мешавад.

— Қанӣ шунавем, додарам.

— Яктааш ин ки кӯҳсори Помир, хӯ-ӯш, дар зарфи даҳ ҳазор соли охир, хӯ-ӯш, ҳаштсад метр баланд шудааст. Яъне ҳар сол ҳаштсантиметрӣ.

— Бад не.

— Дуввум ин ки захираи намаки Тоҷикистон, хӯ-ӯш, аҳолии хамаи оламро ба муддати чандин ҳазор сол таъмин карда метавонад.

— Бисьёр хуб.

— Боз гӯям?

— Кифоя, бародар.

— Ихтиёр ба шумо, духтур.

— Хайр, саломат бошед.

«Саломат бошед» гуфту дарҳол хичолатмандона сурфа кард. Пас ба худ ахд намуд, ки аз фардо муоличаи ин беморро ба зиммааш бигирад. Ин корро ба воситаи рафиқони хамкасаба кардан мумкин. Яке ба назди мудири мӯҳтарам медарояду мегӯяд, ки кори шумо аз ҳад зиёд аст, мудири арҷманд. Муоличаи фалоиро ба ман ё ба Наккош ҳавола кунед. Аз серкорӣ ба сархорӣ дастатон намерасад. Мо ҳам кӯр не, охир, дида истодаем. Ҳеҷ кас мисли шумо барои беҳбудии кори шӯъба, барои сиҳатии дардмандон ҷонсӯзӣ накардааст. Ва ғайра ва монанди ин. Бо таърифу тавсиф шайтонро ба дом афтонидан мумкин.

Бале, ҳамин тавр кардан даркор. Вагарна муоличаи як чавони лаёқатнок бехуда кашола мешавад. Эҳтимол, фурсати мусоид аз даст биравад. Табобати вай мисли Шоҳида тадбирҳои таъчилӣ, шабҳои бехобӣ наметалабад, лекин ба ҳамон дарача муаммои мушкил менамояд. Агар боз мураккабтар набошад.

Бориши барф ба охир мерасид.

Акнун ягон-ягон пағаҳои мисли пар нозук ва сабуки он дар фазо коҳилона сайр карда, гӯё пас аз тааммули тӯлонӣ бар сари ниҳолу буттаҳо, роҳу рохгузарон менишастанд.

Ҳаво тоза ва гуворо буд.

С. 1973

ТАМОШО

Набичону занаш ба касалбинй омаданд. Зану шўи сахат ба аёдати зану шўи бемор омаданд. Набичон ба ошьёнаи саввум баромада мардакро дид. Занаш ба кабати дуввум ба назди зан рафт. Аёдати Набичон тўл накашид, чунки духтурон ба мардак гап заданро ханўз иҷозат надодаанд. Мағзи сари ў хангоми аварияи автомобиль сахт лат хўрдааст. Ҳоло боз хафтае бояд ором бихобад.

Аммо аҳволи занак хеле бехтар шудааст. Ҳамсараш мегўяд, ки бо пои гаҷбаста ва бағаласо дар долонҳо гаштугузор мекунад. Ду зан як ҷо шавад, илоҷе нест, ки соате бо сўҳбат нагузарад. Навигарихои рўзгори худашон тамом шавад, азони ҳамсояҳо ҳаст, вай хам ба охир расад, боз аз гирду атроф ёфт мешавад. Вокеан, шарт нест, ки мавзўи сўҳбат факат навигарй бошад. Чй кадар гапхои кўҳна ҳастанд дар дунёё, ки хар дафъа такрор кунед, нашъаи нав мегиред.

Набичон дар интизории занаш вокеахои рўзхои охирро ёд мекард.

• • •

Деворе набуд, ки сурати ўро начаспонида бошанд. Гўшае набуд, ки эълонномаи тамошо шуморо аз рох дошта, диккати ба ҳазору як муаммои зиндагй банди шуморо ба худ кашида, талкин накунад:

«Нахустин бор ба шахри мо Бобош ташриф фармудааст! Мархамат ба тамошо!»

«Ҳар фикре ки шумо аз дили худ гузаронидед, Бобош филфавр меёбад!»

«Кобилияти фавкулоддаи эҳсос Бобошро дастгир аст, ки мураккабтарин, нозуктарин масъалахои мантикиро ба осонй хал кунад!»

«Маҳорати бемисоли Бобошро дар кашфи розҳои нихонии банй инсон бубинед!»

«Бобош ҳамагй се рўз меҳмони мост! Мархамат ба тамошо!»

«Тамошо! Тамошо! Тамошо!»

«Бобош! Бобош! Бобош!»

Дар суратхо шахси сермӯи каллакалон акс ёфта буд, ки чашмони бузурги пурандеша дошт. Оре, дар чашмонаш олам-олам маъною мазмун ҷо гирифта буд. Нигоҳаш хамин хел тез ва беқарор, ки гӯё дар ҳақиқат аз чанд қабат либосатон мегузараду ба сандуқи сина даромада, дилатонро аз даруну берун, болою поёнаш палмос мекунад. Ҳатто аз пайкари шумо гузашта, боз ба сӯи дигарон, ба тадқиқу таҳқиқи маҳалхо, кишварҳо ва оламҳои боқимонда мешитобад.

Набичон хурсанд буд, ки ҳанӯз як ҳафта пеш ба шаби аввали тамошо аз катори пеши зал се дона билет харида буд. Охир, ӯ солҳои сол орзуе дошт, ки донишманди телепатия, яъне шахсеро, ки аз фикру андешаи дигарон аз дур истода огоҳ мешавад, ба забони урфӣ гӯем, одами ғайбдон ва каромоти ӯро бо чашми худ бубинаду бо гӯши худ бишнавад.

Билетро ба мобайни паспорташ эхтиёт карда, ба сӯи истгоҳи троллейбус равон шуда буд, ки кассири филармония сар аз дарича бароварда фарьёд кард:

— Гражданин, як дақиқа!

Ӯ боз ба пеши касса омад.

— Мебахшед, фаромӯш кардаам таъкид намоям, ки тамошо дар Хонаи офицерон мешавад.

Барои Набичон аҳамияте надошт, ки тамошо дар кучо мешавад. Дар Хонаи офицерон шавад, боз бехтар. Залаш калон, ҳавояш тозатар. Аз истгох то он ҷо як километр пиёда гаштан ҳам фоида дорад. Бо вучуди ин, хамин тавр, барои зебаш андак ғур-ғур карда монд:

— Одати мо, мардум, хамин. Тамошоя як навъ карда, ба рӯзи дигар ё ба ҷои дигар накӯчонем, хобамон намебарад. Лекин илтимос, дар эълонномаҳо ҳам пешакӣ навиштан лозим: тамошо дар Хонаи офицерон.

— Мебахшед, нохост фармон омад. Талабгор мӯл, зали филармония майдатар.

— Ҳа, майлаш. Гуфтан шумо шавад. Ташаккур.

Занаш гуфт, ки ба тамошо намеравад. Аз рӯзи вафоти падараш акнун чор мох гузаштааст. Шиносҳо дар театр бинанд, чӣ мегӯянд?

— О ин театр не-ку,— эътироз кард Набичон.—Аввал ин ки Хонаи офицерон, сонияи, концерт не, спектакль не. Сӯҳбат барин як чиз. Як чизи ҷиддӣ ҳатто.

— Ба ҳар ҳол тамошо. Ба тамошо барои дилхушӣ

мераванд. Ман азодор. Худатон ҳам, домоди эркаи раҳматӣ додом, аз як тамошо мемондед, дунёё валангор намешуд...

Писараш ҳам рафта наметавонистааст. Ҳамон шаб дар секцияи пинг-понг машғулияте доштааст. Мусобиқа наздик будааст. Падар эътироз карда натавонист. Ба муқобили спорт чизе гуфтан убол аст, бигузор ки вай ҳаппакбозии рӯимизӣ бошад. Аммо агар кас ду-се соаташро барои ягон машғулоте сарф кунад, ки фикри одама мекушояд, ин, чуноне, ки мегӯянд, аз фоида холӣ нахоҳад буд.

Набиҷон дар заводаш якта билетро ба устои смена таклиф кард.

— Кӣ? Кӣ? Телепат?— пурсид усто бо чунон оҳанг, ки гӯё Набиҷон хабар оварда бошад, ки ҳазрати Хизр аз саҳнаи филармония лекция мехонад.

— Не, бародар, вақт нест. Пагоҳ хоккей, мову шведҳо.

Инженери цех таклифи ӯро шуниду лабханде кард, сонӣ дар мавзӯи истеҳсолот ба гап даромада рафт. Набиҷон дигар аз билетҳои изофиаш ба касе даҳон накушод. Қарор дод, ки ду билетро дар таки дари тамошохона ба талабгорон ҳоҳад фурӯхт. Қассир талабгор мӯл, гуфта буд.

Дар таки дари Хонаи офицерон талабгори билет набуд. Дилаш хавотир шуд. Наход ба тамошо одам наомада бошад? То оғози тамошо холо ним соат бошад ҳам, ба дарун даромад. Не, хайрият, одам бисьёр барин.

Хайр, чор сӯм сӯхт сӯхт-дия, худро таскин дод Набиҷон. Аз бозе ки ба нигоҳубини аппарату дастгоҳҳои электронӣ гузаштааст, назар ба маоши пештара ду бор зиёдтар моҳона мегирад.

Ҳавои зал хунук буд. Иклими Душанбе мулоим бошад ҳам, моҳи декабрь, охир, ба ҳар ҳол, зимистон аст. Э мардуми бепарво!

Набиҷон ба буфет рафта, андак шароб нӯшид ва ба зал даромада, дар курсии мобайнии он се ҷои билет харидааш нишаст.

Соат аз ҳашт гузашт, лекин дар он тарафи парда ҷунбише нест ҳанӯз. Қай сар мекарда бошанд? Акаллан ягонта газета наовардааст, ки ҳонда шинад. Дар ин гуна мавридҳо вай дилтанг шуда, ҳар чизе ки дар кисаҳо дошт, бароварда, аз назар мегузаронид. Пас-

порташро гирифта варақ зад. Имсол паспорти нав мегирад. Сурати нав мечаспонанд. Одам чӣ хел калонсол, сонитар пир шудани худаша нафаҳмида мемондааст. Ачиб, ба назари дигарон ӯ чӣ гуна менамуда бошад? Аз сивушашсола калонтар ё ҷавонтар? Инро фақат чӯраҳои аз кӯдакӣ дар як ҷо ба воя расидагӣ гуфта метавонанд. Дар саҳифаҳои минбаъда ҳама маълумотҳои нағз: номи ду писар; қайди никоҳ бо занаш. Занаки нағз ҳамсараш. Набиҷон нолад, чунон ки дар урфият мегӯянд, кӯр мешавад. Дар буду нобудаш як хел шарик, меҳрубон... Дар ин саҳифа штампи шӯъбаи кадрҳои завод, дар ин ҷо адреси хонаи навашон. Хонаи васеъ, равшану бароҳат, гармакак.

Ӯх, ин зал чӣ хел хунук! Одамҳои ғалатӣ будааанд маъмурони ин муассиса. Вай пештар ба ин ҷо фақат рӯзона меомад. Военкомат мефиристод барои лекция гӯш кардан. Лекция дар бораи муҳофизат аз ҳуҷуми ядрӣ, дар бораи ҳар гуна аслиҳаи наву кӯҳна, ки донистанаш барои солдати хонашини эҳтиёҷ ҳам шарт аст. Ҷанобони гирду атрофи мамлакат хап намешинанд охир. Ба назарашон дар рӯи замин одам мӯл шуда рафтааст. Бори замина андак сабук карда, бори ҳамьёна вазнинтар кардан лозим, мегӯянд дар сӯҳбатҳои маҳрамонаашон.

Ду-се нафар аз каторҳои мобайн бетоқат шуда, қарсак заданд. Яъне ки сар мекарда бошед, тезтар сар кунед тамошотона. Аммо парда ҳамчунон ночунбон буд. Кас ба тамошо равад, ҳамроҳи бачаҳо равад, яъне ба тамошои рӯзона равад. Дар вақташ сар накунанд, ақаллан ду дақиқа дер монанд, бачаҳо даррав қарсак мезананд, ҳамаашон аҳлона, чун як тан. Маъмурият ба ин талаб ҳам ҷавоб надиҳад, бо доду фарьёд зала ба сарашон мебардоранд, баробар ба фарши хона пой мекӯбанд, ҳуштак мекашанд. Дар тамошогоҳ ҳуштак кашидан аз одоб нест, албатта, лекин чандин сад каса беҳуда интизор кардан ҳам нишони маданият ҳисоб намешавад.

Дар ин зал ягонта бача нест. Хайр, охир, аввал ин ки ҳозир шаб аст, сонияи, якта билет ду сӯм. Ин гапи кучо? Набиҷон дар Москва бо занаш билетҳои дусӯма харида, ба Театри Калони СССР даромада буданд. Театри Калон катӣ театрҳои мо баробаранд магар? Ба он ҷо як бор дароед, ҳамаи умр аз ёдатон намеравад. Ғайр аз ҳамаи дигар ҷиҳатҳо хароҷоти он театр ҳам,

аз афташ, каму андак не. Якта қандили калони мобайни сақф худаш садсўма қувваи электр мехўрдагист дар як шаб. Фақат якта қандил! Набичон аз буфет камтар шароб наменўшид, эҳтимол, дар ин хунукхона ҳоло дир-дир ба ларза медаромад.

Як кас аз қафо бо овози баланд фарьёд кашид:

— Ин чй бетартибй! Соат қариб нўх! Сар мекунед ё не?

Рост мегўяд. Ин чй бетартибй?! Охир, ин тамошоро муассисаи давлатй ташкил кардааст-ку! Дар хама чо соати хашт гуфта навиштаанд. Хамин кадар мардум аз коруборашон монда, ба умед ба ин чо омадаанд. Оё аз номи муассисаи давлат хамин хел корхо кардан мумкин аст? Охир дар болои эълонномахо равшан навиштаанд, ки хунарнамоии рафиқ Бобошро Госконцерт ташкил кардааст, яъне Иттиходияи давлатии концерту хар гуна тамошохо. Астағфирулло.

Э хайрият, парда ба чунбиш омад. Мардаки коки дарозе ба пешсахна баромада гуфт, ки ў журналист фалонй аст ва хозир ба мо мохияти хунари Бобошро фахмонида медихад. Бобошро харгиз шахси фавкулодда пиндоштан лозим нест, гуфт ў. Бобош фарди оддист, авлиё нест, фақат ба шарофати машки бардавом ва мехнати суботкорона муваффақ шудааст, ки фикри дигаронро пай мебурдагй шавад.

Наклн журналист назар ба ваъдахои эълонномахо хоксоронатар буд. «Қобилияти фавқулоддаи эхсос», «маҳорати бемисол дар кашфи розхои нихонии бани одам...» ин гапхо дар пешгуфтори журналист такрор нашуданд. Тавба, мардум, аз афти кор, гумон мекунанд, ки журналист одами хамакора аст. Агар фаразан бо навиштани хабару мақола банд набошад, пас ба хар кори дигар машғул бошад, табий асту савоб аст. Хайр, майлаш, дар айни замон ў кори ганда накард: ваъдахои шубханоку муболиғаомези эълонхоро андак мулоимтар намуд. Аз болояш ғўё сабукак андова молид.

— Хозир аз байни тамошобинхо жюрй интихоб мекунем,— гуфт журналист.— Баъд ба кор сар мекунем.

Ха, соат нўхуним шуд, холо хам ба кор сар накунем, айб мешавад-дия. Набичон карор дод, ки шарму хаёро як сў монда, худро ба хайати жюри, яъне хакамхо тавсия кунад.

— Канй, хохишмандон даст бардоранд,— гуфт журналист ва Набичон дар катори чанд кас даст боло кард.

— Шумо, духтараки чемперпӯш, ба сахна мархамат кунед,— гуфт журналист.— Шумо хам бароед. Боз хо ана, ана он рафик.

Нигохи вай аз болои Набичон факат боре лагжида гузашту дигар ба тарафи ӯ барнагашт. «Ман маъкул нашудам, зор монад», бо таассуф аз дил гузаронид Набичон ва нохост бо катъияте аз чо бархоста, бо овози баланд гуфт:

— Мумкин бошад, ман хам бароям. Мебахшед, ба ин хел...э... намоишхо рагбатам калон. Илтимос.

— Монед, барояд ин одам. Худатон гуфтед-ку: хохишмандон бароянд,— аз мобайни зал садои гулдурросин касе баланд шуд.— Ман, масалан, аъзои жюри шудан намехохам. Ин одам мехостааст. Монед, барояд,— такрор намуд сохиби овози тундарй. Ва ин хол корро ба фоидаи Набичон хал кард.

— Майлаш. Бароед, рафик, мархамат кунед.

Пайдо шудани Бобошро ахли зал бо кафкӯбихо пешвоз гирифт. Чуноне ки дар суратхо акс ёфтааст, марди хушандом будааст. Мисли журналист кадбаланд бошад хам, пуррабадан, ки буд, пайкараш хеле мутаносиб омадааст. Ӯ ба зал хоксорона таъзим намуда, ба канори чапи сахна рафт ва дар он чо кафи дастонашро асабиёна ба хам совида, ба пасу пеш рафта омадан гирифт.

Дар пешгохи сахна мизи пастаки журналмонак ва дар паси он панчта курсй гузошта буданд. Шарики Бобош аъзоёни жюриро ба хамон курсихо шинонид. Духтараки чемперпӯш аз мобайни чой гирифт ва сардори хакамхо таъин шуд. Набичон аз канори рост нишаст.

Журналист акнун шарту шароити тамошоро фахмонид. Хар кас хохиши худро ба когаз навишта, ба жюри мефиристад. Чй хостани тамошобинро хайати жюри медонаду худи тамошобин. Сонй жюри аз рӯи аломати рамзй сохиби номаро ба сахна даъват мекунад. Бобош бо он шахс якка ба якка монда, чй чизе хостани ӯро пай мебарад ва онро ба чо меоварад. Раиси жюри ба воситаи ана ин микрофон ба зал эълон мекунад, ки Бобош супоришро халол ичро кард ё накард. Аммо супориш бояд реалй бошад, ба шахсон ва предметхои дар зал вокеъбуда дахл дошта бошад, бехтар. Аз Бобош

талаб кардан мумкин нест, ки, масалан, ба осмон баромада, фалон ситораро канда биоварад.

Ба ҳайати ҳакамҳо аз зал пан ҳам номаҳо мерасиданд. Духтараки чемпериӯш онҳоро хонда, яксара мекард ва ба ҳакамҳои дар пахлуҳош нишаста мегуфт, ки аз мактубҳо мана инаш ҷолиби диққат асту ана инаш баръакс чандон шоистан эътибор нест. Гӯё ин духтарак ҳам мисли Бобош мутахассиси машҳури ин соҳа бошад, аъзоёни жюри ба хулосаи ӯ дарҳол розӣ мешуданд. Ба ҷуз Набиҷон, ки аз дер мондани тамошо кайфаш парида буд ва ба ҳамаи ин корҳо ҳоло бо назари кунҷковонаи танқидӣ нигоҳ мекард.

Соҳиби номаи якумро ба саҳна ҷеғ заданд. Бобош лаҳзае ба андоми ӯ зеҳн монда истод. Сипас дасти ӯро ба дасти худ гирифта, ба андеша ғарқ шуд ва, ниҳоят, ба ҳама шунавонда гуфт:

— Ҳоло ба ичрои супориши шумо шурӯъ мекунем. Лекин шарти моро фаромӯш намекунед, яъне шумо он чизеро ки мехохед, пайваста дар дилатон такрор мекунед. Такрор мекунед, такрор мекунед, такрор кардан мегиред. Агар ман фаразан ба роҳи нодуруст равам, шумо дарҳол мегӯед, ки не, ба роҳи нодуруст рафтӣ. Дар дилатон мегӯед, албатта, бо овози баланд не. Ҳамин ки ба ичрои хоҳишатон наздик расидем, даррав «Стоп!» мегӯед, яъне ки шуд, бас, кифоя. Инро хам дар дилатон мегӯед, бешубҳа. Аммо дар «стоп» гуфтан зинҳор таъхир накунед, яъне дер намонед, хатто ягон сония. Хӯш, рафтем.

Бобош дасти номанависро сар надода, аз зинаи саҳна фаромад ва «фикр кунед, хоҳишатонро такрор кунед, бенст такрор кунед» гӯён хамчунон дасти ӯро дошта, ба рохрави мобайни зал даромад. Ҳар ду чанд кадам пеш рафтанд. «Фикр кунед, фикр кунед, хоҳишатонро такрор кунед» гӯён ба мобайни каторхо рафтанд. Одамон аз ҷохои худ хеста, ба онҳо роҳ медоданд. Бобош ба мобайни баъзе каторхо даромада, гашта мебаромад. Ҷустучӯ мекард. Охири охирон дар холате ки дасти он шахсро сар надода, фармони худро пайваста такрор мекард, ба назди як марди айнакӣ расид ва ба ӯ чизе гуфт. Аввал чанд кас аз ҳамон атроф, баъд кисме аз ахли зал карсак заданд.

Журналист дар гӯшаи рости саҳна дар паси мизи пастак танҳо менишаст. Бо ишораи ӯ раиси жюри бо микрофон эълон кард, ки рафиқ Бобош супоришро ҳа-

лол ичро кард. Дар номаи супоришдиҳанда аз Бобош хоҳиш карда мешуд, ки назди мардаки айнакдори дар тарафи рости катори нӯҳум нишастагӣ рафта, ҳуччати шахсии ӯро аз кисааш бароварда, ба дасташ диҳад. Рафиқ Бобош ин талабномаро бекамукост адо намуд.

Мардум ахлона карсак заданд.

Набичон номаҳои дар рӯи миз тӯдашударо пештар оварда, як-як аз назар гузаронид. Ба назари ӯ чунин расид, ки ҳамаи супоришҳо аз чӣ сабабе ба ҳамдигар монанданд. Ба назди хо-о ана он кас раведу соли таваллудашро пурсида, ба ҳамсояи чапаш гӯед, китоби дар дасти хо-о ана он духтарак бударо гирифта, аз охираш адади нашр (тираж)-ро ба ҳама хонда диҳед. Ва хоказо. Гӯё тамошобинон бо якдигар қаблан аҳду паймон карда бошанд. Фақат якта нома ба назари ӯ дигархелтар намуд. «Гашти аввалини пиёдаи пеши фарзиниро ба ду хона такрор кунед»— навишта шуда буд дар он нома.

— Ана ин супоришро додан даркор,— гуфт ӯ ба раиси жюри.

— Чандон шавковар нест,— гуфт духтараки чемперпӯш ба ҳар эҳтимол даҳони микрофонро ба кафи дастонаш пӯшида.

— Чаро шавковар набудааст? Ачиб аст, аз сохаи шоҳмот. Журналист гуфт, ки Бобош ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёт дахл карда метавонад.

— Хайр, хайр, соҳӣ,— бо асабоният гуфт духтарак.

Бобош супориши дуввумро низ хуб ичро намуд. Аз дасти чавоне дошта, ҳамрохи ӯ ба пеши яке аз тамошобинон рафт ва аз кисаи ӯ жетони гардероб (либосовезак)-ро гирифта, аз зал баромад. Ба либосовезаки назди даромадгоҳ бирафт ва аз кисаи пальтои тамошобин калиди хонаи ӯро оварда дод. Мардум бо шодмонӣ кафкубӣ карданд.

— Акнун ин супоришро диҳед,— ба раиси жюри дубора мурочиат кард Набичон ва номаеро, ки дар он гашти донаи шоҳмот зикр шуда буд, бардошта ба дасти духтари чемперпӯш дод.

— Хайр, соҳӣ, аввал мана инаш,— гапи худро гузаронидани мешуд духтарак. Дигар аъзоёни жюри ба мунозираи онҳо нигоҳ карда менишастанд.

— Ман талаб мекунам,— бо катъият гуфт Набичон ногоҳ дилтанг шуда.

— Одами ғалатӣ будаед, рафиқ,— гуфт духтарак.

— Ха, ғалатй,—тасдиқ намуд Набичон.— Аммо ин ба тамошо дахл надорад.

— Жюри, жюри, худаш чй гап? Ба чй бахс мекунед?— аз ҷои худ — аз канори чапи саҳна садо баровард Бобош ва ба журналист нигоҳи саволомез дӯхт. Журналист чолокона ба сари мизи ҳакамҳо расида, пурсид, ки чй мунозира. Набичон супоришноман оид ба шоҳмотро ба дасти ӯ дод ва микрофон аз ӯ дуртар бошад ҳам, бо овози шунаво гуфт, ки мехоҳад фалон супориш ичро шавад.

Ҷавони снёҳҷурдаи чингиламӯе аломати рамзии номан худро шунида, аз ҷояш бархост ва ба пеши саҳна омад. Аммо журналист микрофонро ба даст гирифта ва ба он ҷавон рӯй оварда гуфт:

— Не, рафиқ, шумо рафта, ба ҷоятон шинед, супориши шумо ба шароити кори рафиқ Бобош мутобиқ нест.

— Чй хел супориш?— пурсид Бобош бетоқат шуда.

— Оид ба гашти донаи шоҳмот. Яъне ки хеле абстракт, мучаррад.

Бобош ба аломати тасдиқ сар ҷунбонид. Ҷавони чингиламӯ ғур-ғуркунон ба ҷои нишасти худ баргашт. Дар байни ҳозирон миш-мишу пичир-пичир сар шуд. Баъзеҳо бо овози баландтар норозигй баён мекарданд.

Кайфи Набичон тамом парид. Вай дигар ба рафти ҳунарнамоии Бобош, ба кори раиси жюри эътиборе намелод. Бесаброна мунтазир буд, ки тамошо тамом шаваду зудтар ба хонаи гармаш баргардад. Дарун-дарунаш ларзида истодааст. Худо накарда зуком шавад, чанд рӯз побанди хона хохад нишаст. Фурсати хоб нест ҳоло. Пагоҳ бояд монтажи аппарати навро сар кунад. Зуком барин дарди ҳарина нест дар дунёе, одам на касали касалу на сиҳати сиҳат. Чуноне ки гуфтаанд, на зиндаи зиндаҳо, на мурдаи мурдаҳо. Хуб кард писараш, ки ба ин тамошо наомад. Фоидаи пинг-понг ҳазор маротиба знёдтар. Инженери цех ҳам гӯё пешакй медонист, ки ба ин хел тамошоҳо наомадан авлотар аст. Барои ҳамин зуд гапа ба монтажи аппарат гузаронид. Сазои сари ӯ, ки ба ваъдаҳои тумтароқи эълонномаҳо бовар кард: «Қобилияти фавқулодда!», «Кашфи розҳои ниҳонй!». Дарди домана, рози ниҳонй-я!»

Истед, истед, сабр кунед, худаш чй гап? Чаро дар эълонномаҳо дурӯғ мегӯянд, ё нармтар карда гӯем, муболиға мекунанд? Кй ҳуқуқ додааст ба ин кор? Коби-

лияти фавкулодда гуфта мардума ба ин ҷо оварданд. Дар ин ҷо журналисти сайёҳ баромада гуфт, ки мебахшед, он кадар ҳам фавкулодда нест он ҚОБИЛИЯТ. Вай натиҷаи машку такрор аст.

Хайр, натиҷаи машку такрор мешуд ҳам, чандон бад набуд. Аммо худи Бобош нишон дод, ки он кадар ҳам ғайбдони ҚОБИЛ набудааст. Аз дасти як кас дошта рафтан гиред, рафтан гиред, вай хоҳишашро дар дилаш такрор кардан гирад, такрор кардан гирад, рафту агар ба дигар тараф равед, не, инту не, ана инту гардед, гӯяд, дар мактаби ғайбдонӣ нахонда бошед ҳам, рафта аз дасти касе китобро гирифта, унвони он ё адади нашр ё номи нашриёташро хонда дода метавонед.

«Аз каромоти пири мо чӣ аҷаб? Гурбаро диду гуфт: «ҚОР ёгдӣ?». Набиҷон пештар электрики оддӣ буду ба ин чизҳо, рости гап, сарфаҳм намерафт. Аз бозе ки бо мошинҳои электронӣ сарукор дорад, он кадар китобҳои ачибу ғариб хондааст, ки акнун ӯро хосияти махсуси психика, чараёни ноёни биоток барин гапҳо катӣ гаранг карда наметавонед. Не, наметавонед.

Хӯш, кӣ ҳуқуқ додааст, ки дар эълонномаҳо ягон чизи буда ё нобударо муболиға карда навишта, ба кӯчаҳо часпонанд? О ҳоло замони пештара не ки ҳар чобукдаст бо рохи дилхоҳаш мардумро чамъ оварда, ба ин восита рӯз гузаронад. Шаҳр бедарвоза нест. Одамони ба ин ҳел корҳо назорат мекардагӣ хастанд ё не?

Бобош охирин бор низ чизеро аз касе гирифта, ба касе бурда супорид. Боз садои чапакзанӣ баромад. Лекин аввала барин не, пасттар, камтар, гӯё фақат ба хотири расмият каф ба каф мезаданд.

Набиҷон охи сабуке кашида, шитобон аз сахна фаромад ва ба тарафи буфет рафт. Боз андак шароб нӯшид. Вай аслан ба майнӯшӣ шилқин набуд. Лекин чанд бор ба ҳамин восита худро аз таъсири сармо начот дода буд.

Ҷзвони ҷингиламӯ низ дар пеши буфет буд. Ду шиша лимонад ва чанд кулчаи қандин гирифта, касеро интизорӣ мекашид. Духтараке аз дасти дугонааш кашолакунон ба он хона ворид шуд ва рохравон, ҳанӯз аз дур, ба чавон гуфт:

— Рашид, ба Гуля ҳам латифаатро бигӯ.

— Худат бигӯ.

— Не, ту бигӯй бехтар.

Ҷавон латифаро дар боран аз хокан хишт дорӣ мушкушак сохта фурӯхтани Хоҷа Насриддин гуфт. Рафиқааш завқ карда механдид ва суханони афандиро такрор мекард: «Ноумед нашавед, ҷаноб, мушро ҚАПЕДУ аз думаш дошта, се бор дар болои саратон чарх зананида, ба замин занед. Ҳамин ки даҳонаш боз шуд, аз ин дору як гардак андозед».

Ба тани Набиҷон аз шароб гармӣ давид. Сараш ҳам ба як тарзи гуворо ғуввос мезад. Табъаш каме равшан шуд. Ногоҳ ба ёди ӯ низ латифае расид. Латифа дар боран ғайбдон. Ва ӯ худ ба худ хандид. Мехост ягон каси шинос бошаду ӯ низ латифаи худро бигӯяд. Ба ҷавони чингиламӯ ва рафиқони ӯ бигӯяд? Охир ӯ дар сари мизи жюри барои ҳимояи супоришномаи ҳамин ҷавон бо духтараки ҷемперпӯш талош мекард. Ҳа, ба ӯ гӯяд мешавад, аммо ҳозир ба гӯши ӯ гап медарояд?

Истед, чаро онро ба худи Бобош гуфтан мумкин набошад?. Ӯ ҳоло дар ҳамин ҷо будагист. Набиҷон берун баромад. Охирин тамошобинон хона ба хона пароканда мешуданд. Дар назди автомобили сабукрав дар майдончаи пеши Хонаи офицерон ҳамкори Бобош меистод. Набиҷон ба ӯ наздик шуда гуфт:

— Фаромӯш накарда бошед, камина аъзои жюрии тамошои имшаба будам.

— Не, фаромӯш нашудааст, чунки шумо аъзои хеле фаъол будед. Ин хел касон аҳьён-аҳьён вомехӯранд.

— Айнан худи телепатҳо барин. Воқеан, дар замони қадим ҳам телепатҳо будаанд. Як ҳикоят дар ҳамин хусус ба ёдам расид.

— Хато накунам, дар буфет ба ёдатон расидааст?

— Ёфтед! Шумову шарикатон рафиқ Бобош гӯё як себи дукафон.

— Бо мох шинӣ мох шавӣ,— гуфтаанд.

— Боз гуфтаанд, ки бо дег шинӣ сиёҳ шавӣ.

— Аҷиб, аҷиб.

— Ҳа, хеле. Латифаро ба рафиқ Бобош гуфтанӣ будам, аммо шуморо дидаму аҳд кардам, ки ба шумо бигӯям, бехтар. Охир, шумо журналист, нависанда.

— Гӯшам ба шумо, рафиқ жюри.

— Афандӣ бекору бепул монда азоб кашидааст.

— Оғозаш пурмазмун.

— На фақат оғозаш... Афандӣ қарор додааст, ки худро пайғамбар, яъне ғайбдон эълон кунад. Эълон

кардааст. Ҳозира барин не, бе коғазу матбаа, ҳамту даҳанакӣ.

— Хӯш?

— Овозаро ба подшоҳ бурдаанд. Талабида гуфтааст: Ин туӣ, ки даъвои пайғамбарӣ мекунӣ?

— Бале, шаҳаншоҳам, банда.

— Ку, нишон бидеҳ, ки бо худованд чӣ гуна сӯҳбат мекунӣ?

Афандӣ гуфтааст, ки чанд рӯз аст нонрезае ба даҳон набурдааст. Сӯҳбат бо худованд бо шикӣми сер хуш аст.

Подшоҳ фармудааст дастархон густурда, сад навъи хӯрданӣ ва ошомиданӣ овардаанд. Афандӣ соате таом меҳӯрдааст. Чун сер шудааст, подшоҳ гуфтааст:

— Акнун ба мо аз даргоҳи ғайб паёме бирасон.

Афандӣ ба дастури пайғамбарон остини чома ба гӯш бурдааст, муддате сокит нишаста гӯш додааст, пас гуфтааст.

— Ҳазратам, худованд ба чаноби шумо дуруд мегӯяд ва боз мегӯяд, ки ту аз сари дастархони ин ҳазрат зинҳор дур марав, ки ғояти носипосӣ хоҳад буд...

Журналист абрӯ гирех карда, дар чавоб чизе гуфтан мехост, аммо Бобош берун омад ва чуноне ки дар сахна мекард, асабиёна кадам зада, ба онҳо наздик шуд. Ғайбдону шарикаш ба мошин савор шуда рафтанд.

* * *

Набичон аз троллейбус фаромад. Вай ҳанӯз аз тамошоравии худ пушаймон буд. Дар дилаш телепатро, журналисти сайёҳро, иттиҳодияи концерту тамошоҳоро, хатто Хонаи офицеронро, ки ба ҳамаи ин ҳангома даҳле надошт, маломат мекард. Гиребони пальтояшро бо зарда бардошту кӯчаро миёнбур карда, ба он сӯяш гузашт. Не, ҳанӯз нимаи дуввуми кӯчаро нагузашта, он фалокат содир шуд. Жигулие ногаҳон аз рох баромада, ба рост тоб хӯрд, ба нишебии лаби кӯча ғелид, ба яке аз дарахтони ҳиёбони поён гумбурросзанон бархӯрда, чаппа шуд, сонӣ боз як бор ғелида, аз нав рост шуд. Ҳамаи ин вокеа дар миёни чор-панч сонияи рух дод. Лекин Набичон хеле дертар ба хуш омад. Ба худ омада фаҳмид, ки сигнали чирросии автомобиль дар сукунати шаб ҳамчунон фарьёд мекашад. Аз пешонии

марди рониида хун мешорад, вале худаш бехаракат мехобад. Зане ки дар пахлӯи ӯ менишастааст, холо аз дари кушода ба замини лағжонаки лой ғелидааст ва нолиш мекунад.

Ёрин таъчилӣ омад. Милиционери навбатдори назди бензоколонка омад. Баъд автомобили ГАИ пайдо шуд. Ҳама ҷоро чен карданд, шарақ-шурӯқ сурат гирифтанд, номи чанд касро навиштанду рафтанд. Набиҷон дар каноре карахт меистод. Касе аз ӯ чизе напурсид, чизе нагуфт. Гуфта бошад ҳам, ӯ нашунидааст. Дар гӯшаш гоҳ сигнали гӯшхароши жигулӣ садо медод, гоҳ овози духтараки тамошобин, ки дар назди буфет хандаомез мегуфт: «...ҳамин ки даҳонаш боз шуд, аз ин дору як гард андозед».

Муддате карахт буд. Фақат дар хонаи гарм, вақте ки ба занаш аз аварияи автомобиль нақл мекард, нохост пай бурд, ки сабабгори касофат маҳз вай, Набиҷон аст. Он гоҳ чизе нагуфта, ба шӯъбаи милиция давид, аз он ҷо ба ГАИ рафт, аз ГАИ ба касалхонае ки мачрӯҳонро бурда буданд. Аз дунболаш занаш ҳам омад ва онҳо то рӯз он ҷо буданд.

Набиҷон ба ходими милиция гоҳ мегуфт, ки сабабгори фалокат аз миёни кӯча гузаштани ӯст. Гоҳ мегуфт, ки неши касофат Бобош аст, ки ҳамон шаб ӯро фанд зад ва ӯ баъди тамошо дар кӯчаҳо парешону ошуфта мегашт. Не, мегуфт ӯ боз, неши касофат роҳсозону меъморонанд, ки кӯчаҳои навро хатман ба ду ҳисса таксим карда, дар мобайнашон нихолу бутта мешинонанд. Нихолҳо ҳалоҳ шуда, ду нимаи кӯчаро аз ҳам ҷудо ва пинҳон медоранд. Шитобкорон аз маҳзи ана ҳамин буттаҳо баромада, ба таки чархи мошинҳо меафтанд. Соҳиб роҳсозон ҳазорон ҳазор сӯми дигарро сарф карда, нихолҳоро решакан ва ҷои онҳоро мумфарш мекунанд...

* * *

Ҳамсари Набиҷон аз зина фаромада, яктаҳи касалхонаро ба дарбон супорид.

— Тамошои Бобоша ба занак гуфтӣ?— пурсид Набиҷон.

— Ҳа.

— Чӣ мегӯяд?

— Механдад. Одамҳои ғалатӣ будаед шумо, мегӯяд.

— Гуфтӣ, ки мошинатонро ба таъмир супурдем?
— Ҳа.
— Чӣ мегӯяд?
— Механдад. Боз ҳамон гапа мегӯяд, ки одамҳои ғалатӣ будаед.
— Хайр. Ғалатӣ бошем, ғалатӣ. Худашон зинда монданд, шуд.

С. 1977

1 : 0

Соат аз чаҳор ҳам гузашт. Меҳмон наомад. Акаллан телефон накард, ки чунин шуд ё чунон буд, ё коре баромад. Акнун умедро кандан мумкин. Дигар намеояд.

Аҷаб ҳодисае. Қасеро ба меҳмонӣ хабар кунӣ ва ёру ҷӯрахои он меҳмонро маҳз барои иззати ӯ даъват кунӣ ва ҳама оянду худи меҳмон наояд. Чӣ ҷои шарху маъниҳо дод, кайфи ҳама парид. Бештар аз ҳама сохиби хона Вафо парешон буд. Олимро маҳз ӯ таклиф намуд, ӯ ваъда гирифт. Он ҷӯраи дерина маҳз ба хонаи ӯ наомад.

Соати аввал касе гумон надошт, ки ҳаммактабашон ин тавр мекунад. Дертар меомадагист гуфта, ба ҳар занги дар ва ҷиринги телефон бо умед гӯш медоданд. Сухани ҳамдигарро бурида, айёми ҷавонро, мактаб, муаллимон, саргузаштҳои муштараки худро ёдоварӣ мекарданд.

Лақабҳошонро, ки дар синфҳои болои мактаб ба ҳамдигар иҳъом карда буданд, ба хотир оварданд. Лақаби Сафо рӯда буд. Қадаш дароз буд, барои ҳамин. Одатан қаддарозҳоя хода, манор, симчӯб меҷӯянд. Аммо Сафо бар иловаи дарозӣ он вақтҳо ҷисмаи заифтар, серхобу карахттар буд. Рӯдааш меҳонданд.

Яъқуб Халтапалав ном дошт. Баъди хатми синфи нӯҳ ман ба шумо халтапалав пухта медиҳам гуфта, ба хонаашон бурд. Маълум шуд, ки палав як сӯ истад, атола пухта наметавонистааст. Ваъдаро ба умеди апааш дода будааст. Апааш бошад, студентка буд, ба коғазе «ман дар китобхона», навишта ва ба дари хона часпонида рафтааст.

— Мурғбирьён аз палав ҳам бомаза, ҳам тез мепазад,— зуд фикрашро дигар кард Яъқуб ин ҳолро дида.

Аз яхдон гӯшти намакхӯрдаи мурғро бароварда, чахорқаса кабоб пухтанӣ шуданд. Яъқуб аз таҳхонаи ҳавлиашон аз шехори падараш як шишаи ғафси шикамдор ёфта баровард. Ин шароби доругӣ, аз ҷавҳари чил хел гулу алафи шифой сохта шудааст, як бор нӯшӣ, ҳаман умр аз дарсҳо чору панҷ мегирӣ, гуфта, бо таъриф тавсиф ҳамаро ба нӯшидан тарғиб кард. Ва ҳол

он ки ба тарғиби бисьёр хочат набуд. Бачахои бетокат сири намакин ва пиёзу сиркоро газак карда, ба шиками гурусна ду пиёлагй нўшида чакамаст шуданд. Кабоб сўхта даргирифт, тахтаи болои оташдон алангa зад, ними ошхона бо чихозаш сўхта фурў афтод. Хамсояхо намешуданд, умуман аз хавлй ва чахор чўраи маст факат як замбар хокистар мемонд.

Лакаби Олим аз хама знёдтар буд. Аввалинаш Бонк. Дар бачагй хар кас орзўяшро рўирост мегуфт. Яке директори мактаб шуданй, дигаре—прокурор. Хохишмандони касби лётчики аз хама бисьёр. Олим мегуфт, ки мудири банк мешавам. Пул ба хама даркор. Рўзе не, рўзе хамаатон ба таки дари банки ман меоед. То нагзакак хушомад назанед, чангу гарди кафшама тоза накунед, як тин намедихам. Бачахо гумон мекарданд, ки шўхй мекунад. Лекин ў баъди мактаб техникуми молияро тамом карда, аввал инспектори андоз шуд, сонй чонишини сардори банк, баъд мудир. Мудир шуду дид, ки дар сандуккои оханин пул бисьёр бошад хам, хамааш бахисоб будааст, ба дигар кор гузашт.

Чафо лакаби дуввуми Олим буд. Боре вай дар вакти дарси забони немисй як лўнда кинолентаи ба коғаз печондаро оташ дода, ба пеши пои муаллима партофт. Дар як зум синф аз дуди ғализи сафед пур шуд. Муаллиман чавои гирьякунон бадар рафт. Рохбари синфи адабиёт Ғуломов пайдо шуд. Фармуд, ки тирезахоро бори дигар кушоянд. Аз берун хавои серуни зимистон медаромад. Муаллим дар пеши тахта рост меистод. Бачахо ба либоси худ мепечиданд. Боз чанд дакика хомўш ахли синфро аз назар гузаронида рост меистод. Ниҳоят, пурсид:

—Кори кй буд?

Хама медонистанд, ки кори Олим буд. Гурбаро хам якуми сентябрь ба синф Олим оварда буд. Кокули духтарони дар партаи пеш нишастаро хам Олим ба хамдигараш мебаст. Ба рўи курсие ки муаллими накшакашй менишаст, ширешро хам Олим молида буд. Кариб хаман хангомахо махсули хаёли рангини Олим буд. Аммо инро гуфтан кори хатарнок буд.

Бачахо сокит буданд. Ғуломов пурсишро давом дод:

— Сафо?

— Лаббай, муаллим!

— Кори кй, гуфтам?

— Намедонам, муаллим, ман китоб мехондам.

— Вафо!

— Лаббай, муаллимчон!

— Ту бигӯ: кори кӣ буд?

— Мурам, ки намедонам, муаллимчон. Ман китоб мехондам.

— Чафо!

Бачахо хомӯш буданд, бо ҳайрат ба ҳамдигар менигаристанд: киро муаллим Чафо ном додааст?

— Олим, туро гуфтам. Номи ту аслан мебонст Чафо мешуд. Ин кори туст, чафои мактаб, чафои чони муаллим!

Муаллим ба он ишора мекард, ки Вафо, Сафо, Яъкуб ва Олим як гурӯҳи муттафиканд. Баъди ин ҳодиса дар матни ягон дарс яке аз ин се калима — Вафо, Сафо ё Чафо — дучор ояд, бачахо беихтиёр механдиданд.

Чӯрахо хаман лакабхоро гуфтанд ба чуз Гули Коку— лакаби Вафо. Эхтимол, онро хам мегуфтанд, вале ногох ба ёдашон расид, ки мехмон ҳанӯз наомадааст. Боз якбора пакар шуданд, ба сукут рафтанд.

Яъкуб танбӯри хотамкориашро аз ғилофи махмалин бароварда чӯр кард. Ду савтро навохт, аввал навои ҳазини пуртамкин, баъд уфари шӯхро. Аммо кайфияти хушхолона барнамегашт. Танбӯрро як сӯ монда, ба латифагӯй даромад. Дар ин кор устухон надошт. Латифаҳои тозаву намакинро гӯё беҳадду канор медонист.

Чӯрахо андаке хушхол шуданд. Сафо ҳам якта латифа нақл кард. Дар чавоб Яъкуб аз силсилаи Сара ва Абрам боз чанд хикоят гуфт. Садои хандаро шунида, писараки Вафо ба хона даромад.

— Дада,—гуфт ӯ,—амати Ойим тай миён?

— Амаки Олимат соли дигар меояд,—ба чон Вафо чавоб дод Яъкуб.

— Ба чӣ наминён?—боз савол дод кӯдак.

— Амаки Олимат одами калон. Одамҳои калона корашон мӯл хама вакт.

— Имлӯж тол нешт!—эътироз кард бача. Вафо писарашро шитобон бардошта, ба назди модараш монда омад.

— Боз телефон кардам ба мехмонхона,—баргашта хабар дод ӯ.—Навбатдор мегӯяд, ки саҳар рафта буд, дигар наомадааст.

— Ин чо шин,—Сафо сохиби хонаро ба гӯшаи диван нишонида, худаш дар рӯбарӯи ӯ ба курсӣ нишаст ва ӯро саволборон кард: — Олимро дар кучо дидӣ? Чӣ хел

таклиф кардй? Чй гуфт? Ба шахр чандрўза омадааст, ба чй кор омадааст? Ба хаёлат, чаро наомад?

— Э тавба, як гапа сад бор гўям? Гуфтам-ку: дар таки дари меҳмонхона дидам. Ҳамроҳ ба ресторан даромада, тахтўл кардем. Таклиф кардам, даррав хуб гуфт. Яъкубу Сафо ҳам меоянд, гуфтам. Албатта меравам гуфт. Ҳайр, охир, ба ин ҷо ҳам бори аввал наомадааст-ку. Он дафъа ба хонаи Яъкуб рафта буд. Аз он пештар ба хонаи худат, хў-ў ба хоначаи танги аввалаат. Боз чй гўям ба шумо? Чандрўза, барои чй омаданаша напурсидам, чунки фикр кардам, ки аздусар пагоҳ боз вомехўрем. Худаш накл мекунад. Ҳамту ё не? Аз рўи мантиқ ё не?

— Натарс, ҳеч кас нагуфтааст, ки мантиқи гапи ту, қонуншинос, меланҳад.

Вафо сурати мулоқотро айнан нақл кард. Аммо таассуроти худро аз он ба ҷўраҳо нагуфт. Дар байни ду соле ки онҳо ҳамдигарро надидаанд, дар киёфаи Олим, дар ҳаракат, ҳатто овози ў як чизи нави нороҳаткунанда пайдо шуда буд. Пештара барин ба рўи кас кушод намехандид, гўё чунон менамуд, ки шахси ноёне дар болои сараш рост истодааасту пайваста ба гўшаш мехонад, ки эҳтиёт бош, аз изҳори эҳсосот худдорй кун. Як кас ҳамроҳаш буд. Аз гапзанй ва сарулибосаш раиси колхоз ё, масалан, директори ягон комбинат барин. Ҳарчанд ў дар синнусол хеле калон буд, Олим ўро дастьёр барин кор мефармуд. Коньяки официантка овардаро ба қадаҳе рехта, бўй кашид, ба лабаш бурда, қатрае чашиду ба тарафи он шахс сар ҷунбонида гуфт:

— Вайрон.

— Аз ваяш биёрам?—хидматгузорона гуфт ҳамроҳаш.

Олим ба аломати ризо сар ҷунбонид. Раис хеста ба сўи баромадгоҳ равон шуд. Олим ўро аз роҳаш гардонида, таъин кард, ки якбора бисьёртар оварда, дар ўтоқи худаш монад, то ки ҳар рўз кофта нагарданд. Вафо мехост бигўяд, ки аз берун шароб овардан мумкин нест. Аммо нагуфт. Ба андоми ҷўрааш зеҳн монда, дарьёфт, ки нагуфтанаш хуб шуд. Агар мегуфт, Олим ҷавоб медод, ки мумкин аст. Ба ҳама мумкин набошад ҳам, ба мо мумкин аст, яъне ба ман ва ононе ки ҳамроҳи мананд.

Вафо дар дилаш аҳд кард, ки Олим ба хона биояд, ўро навъе карда, ба гуфтугўи ошкоро хоҳад кашид. Барои муфаттиши прокуратура, хусусан муфаттиши оид ба корҳои фавқулодда муҳим ин кор душворй надорад.

...Сафо телевизорро даргиронид ва дар рӯ ба рӯи аппарат бахузур ҷой гирифт.

— Чӣ?!—ногоҳ бонг зад Яъкуб.—Акнун як беодоб наомад гуфта, хонаи худамоя азохона мекунем?

— Не, намекунем,—гуфт Сафо.—Ҳозир футбол. Тайми охирин. Шумо сар кардан гиред. Ман ҳозир...

— Вафо!—боз дод гуфт Яъқуб.—Ҳозир мекафам!

— Сабр кун, Яша, ҳамроҳ мекафем,—сарашро нагардонида гуфт Сафо.

— Вафо, ман бачаҳоя ҷеғ мезанам.

— Кадом бачаҳо?—пурсид Вафо.

— Мусиқӣ шунидан мехоҳам.

— Худат мутриб-ку? Е унвони калона бехуда бардошта гаштай? Мана танбӯрат.

— Ту мукобил? Ба хонаат мутрибҳои ҷавона ҷеғ заданам. Ман мукобил гӯй?

— Не, ҷеғ задан гир. Ҳошкӣ! Ҳама чиз ҳаст: кабоб, шароб, боз як дег манту.

Сафо начунбида мусобиқаи футболбозонро тамошо мекард. Дар ин рӯзи офтобии аввали баҳор дар стадион ду командаи машҳури шаҳрҳои шимолӣ бозӣ мекарданд.

Аз даҳлез садои Яъкуб ба гӯш мерасид, ки бо телефон гап мезад:

— Фавран ташкил кун, балота гирам. Ҳар чораша гирифта биё. Таксӣ ҷеғ зан, таксӣ! Адреса навис, не, навис, гуфтам, бачем, сарсон мешавӣ. Кӯчаи «Правда», ҳа, ҳа, пушти магазини «Моҳи нав».

Яъқуб, роҳбари бадеии яке аз ансамбльҳо, дар Институти санъат ҳам дарс медиҳад. Ҳозир, аз афти кор, ба кадоме аз шогирдонаш фармоиш дод.

Вафо дар умраш ба ин гуна вазъияти аҳмақона наафтода буд. Рафиқи ҳамсинфата, одами дар як ҷо ғелида-чӯлида ба воя расидагия ба хонаат таклиф кунию вай наояд. Зоҳиран, Яъқуб коре карданист, ки ӯ вазъи нобоби худро зудтар фаромӯш кунад.

Занги телефон баланд шуд. Вафо тозон ба даҳлез баромад. Аз пасаш Яъқуб ҳам сар аз дар баровард.

Не, Олим не. Дугонаи занаш, чизе пурсидан мехостааст.

Вафо ва Яъқуб ба хона баргаштанд. Сафо телевизорро хомӯш карда, дар пеши он рост менстод.

— Тамом шуд бозӣ?

— Не.

— Чӣ шуд? Чанду чанд?

— 1 : 0.

— Ба фоидаи кӣ?

— Намедонам.

— Надонӣ, чаро хомӯш кардӣ?

— Кифоя.

Яъҳуб телевизорро дубора даргироиданӣ шуд, ки Сафо пеши роҳашро гирифта намонд.

— Бас, гуфтам, чӯра, кифоя. Ту-ку ҳаводори футбол нестӣ. Ба ту чӣ?

Сафо дар рӯи хона ба қадамзанӣ даромад. Асабонӣ менамуд. Хайр, яку ноль шуда бошад, чӣ? Ду командаи шаҳрҳои дури шимолӣ. Боз мулоқоти оддии рафиқона. Бештар бароӣ машқ. Не, гап дар футбол набудагист. То ҳол нохушии худро пинҳон медошт, акнун якбора ба рӯй зад. Мегузарад, лекин аз пасу пеш рафтани пайкари хафтпудии Сафо зарфҳои ҷевон ҷарангос ва тахтаҳои фарш ғиҷиррос мезананд. Хотири бе ин ҳам парешонро боз парешонтар мекунанд.

Нохост Сафо аз гашт монда, ба дахлез баромад ва гуфт:

— Ман баъди ним соат меоям. Шумо чак-чак карда шинед. Вафо, ту ана ба ин пиҷак мувофиқ якта галстук ёфта мон. Ба келин гӯй, дарзмол кунад. Ба Яъқуб те, хушрӯ мебандад...

Напурсиданд, ки куҷо меравӣ, барои чӣ. Ҳозир меоям, гуфт, пас меояд. Сафо ҳамин хел. Рафту гӯяд, ки ҳозир қанот бароварда, парвоз мекунам, бовар кардан мумкин.

— Галстук чӣ даркор?—пурсид Яъқуб аз Вафо.

Вафо чизе нагуфта, китф дарҳам кашид.

Сафо бинокор аст. Сарулибоси нагз мепӯшад, аммо галстук намебандад. «Гулӯяма хафа мекунад. Ба мошини ришгираку галстук ҳеҷ одат накардам», мегӯяд.

Сафо одатан камгап аст, лекин андак кайфаш баланд шавад, ҳатман ба гап медарояд. Ҳамаи ҷӯраҳояшро аз як сар оғӯш карда мебӯсад, таъриф мекунад, ки онҳо одамони ҳақиқии советнанд. Ҳа, маҳз одамони ҳақиқии советӣ. Ту хурду ман калон, ту диплом надорӣ, ман дорам барин гапҳоро намедонанд. Мана ӯ, Сафо Солех, баъди хизмати армия ба таки бачаю кача монда, дигар хонда натавонист (ҳар хел курсҳо ҳисоб не), яъне дар миёни чӯрахои ҳаммактаб дар ин шаҳри калон фақат худаш синфи коргар аст. Аммо ту гилкор гуфта, ҷудо карда намемонанд. Ҳазор раҳмат ба ҳамаашон, бар

падару модару бобою бобокалонашон ҳам ҳазор рахмат...

— Ман гуфтам, ки галстук чӣ даркор? — саволашро такрор намуд Яъқуб.—Дар каллаи бинокор ягон нақша пухта истодааст.

— Мон, майлаш,—гуфт Вафо.

Мутрибон омаданд. Чаҳор нафар, ҳар яке бо асбобе: рубоб, таблак, сурнаи аврупой (кларнет) ва аккордеони ялаққосӣ. Зани Вафо кабоб овард. Ба хама шароб рехтанд, вале мутрибони чавон нанӯшиданд.

Сафо омад. Дар пеши оина галстукро баста, аз сари миз нишаст ва дархол гашта бархост.

— Ман сухан мегӯям,— ботантана эълон кард ӯ.

— Барои ҳамин ин қадар карруфар? Галстук, рафту-омад, даробаро?—пурсид Яъқуб.

— Имрӯз, Яша, навбати гап аз ман. Ту, нотиқи замона—фақат сомеъ. Хӯш, Вафо, Яша, дӯстони чавон,—ӯ ба тарафи мутрибон нимтаъзиме адо кард.— Ана мо ба таки чил рафта истодаем. Акнун медонем, ки олами бачаҳо конунҳои нонавиштаи худро доштааст, олами калонсолон—азони худаша. Дар бачагӣ рафиқат ба ваъда вафо накунад, ӯро хоин медонӣ. Ҳа, хоин, аз ин кам не. Аммо калонсолон дигар хел. Ҳамин тавр нест, Вафо? Ту ходими адлия, худат бигӯ. Боракалло. Ман чӣ гуфтанӣ хастам? Ман мегӯям, ки боз чӣ қадар умр набинем, олами бачаҳо дар мо зинда монад. Рафтем!

Сафо қадаҳро ҳолӣ карда нишаст.

Мутрибони чавон бархоста, чанд оҳанги халқиро басе хуб навохтанд. Ҳамагӣ чаҳор нафар бошанд ҳам, асбобҳои миллию аврупоиашон ба ҳам чунон мос, чунон чӯр афтода буданд, ки як оркестри бузурги эстрадӣ барин садо медоданд.

Димоғи чӯрахо андак чоқ шуд. Дар чеҳрахо табассум дамид.

Сафо аз ҷой бархост, шароби қадаҳи худро ба фужери холӣ рехт, аз болояш боз ҳамин қадар илова кард ва фужерро ба даст гирифта гуфт:

— Ман ин қадаҳа барои Яъқуб менӯшам. Барои шахсе кӣ ҳамаи умр аз ӯ сухани хуш мешунавам, бист соли охир савту навои хушро ҳам аввал аз ӯ мешунавам. Торҳои танбӯри ӯ фулузианд, аммо ӯ ин торҳоро бо набзи дил ба чунбиш медарорад, дилҳоро сайқал медиҳад. Санъат пайдо намешуд, одамон аз сари нав ваҳшӣ мешуданд. Намедонам ин гапа кӣ гуфтааст, аммо хуб гуф-

тааст. Рост, санъат набошад, зиндагонии мо ба чӯи беоб, справкаи бемӯҳр монанд мешуд. Ба саломатии Яъқуб ва ана ин рафиқҳои чавон!

Ва ӯ аракӣ фужерро то қатраи охирин нӯшид. Вафову Яъқуб ба ӯ мутаҳайирона чашм дӯхта буданд. Ба ӯ чӣ шудааст? Рост, Сафо ҳам гӯлу гаранг нест, даркор шавад, ба гап ҷома мепӯшонад. Вай аз байни онҳо ягона касест, ки чун бинокори номдор аз минбари анҷуманҳо, аз радиову телевизион зиёдтар баромад мекунад. Лекин ҳеҷ гоҳ ин хел суханҳои мутантаи нагуфта буд.

Сокин доимӣ Яъқубро ба ним нӯл зада истодааст. «Санъат пайдо намешуд, одамон аз сари нав ваҳшӣ мешуданд». Инро сухани шахси номаълум гуфт. Яъқуб медонад, ки ин сухани каси дигар нест, азони худи Сафо аст. Ачиб, ба ӯ имрӯз чизе таъсир кардааст.

Пас аз он ки Сафо луқмае аз кабоб гирифта газак кард, Яъқуб аз паҳлӯи ӯ омада, оҳиста пурсид:

— Ту чӣ кор карда истодаӣ? Ба ту чӣ шуд?

— Ҳеҷ чиз нашудааст. Аракӣ менӯшам.

— Арака ин хел наменӯшидӣ.

— Натарс. Дар умрам як бор маст шудаам. Рӯзи халтапалав пухтани як чӯраам. Аракӣ зӯр буд, аз чавҳари чил хел гул.

— Балота гирам, моя хафа накун,—гуфт Яъқуб ва ба ҷояш нишаст. Сафо боз ба фужери худ ва қадаҳи дигарон шароб рехта аз ҷой бархост.

— Чӯраҳо, рафиқон,—гуфт ӯ.—Акнун ман шуморо ба як ҷо мебарам. Вафо, ба янга бигӯ, аз ин таомҳо андак-андак печонида диҳад. Ман ба идораам телефон кардам, якта «Рафик» мефиристанд. Балки ҳоло омадагист, дар кӯча истодагист. Пиёда намеравед яъне.

Яъқуб ба гӯши Вафо пичиррос зад:

— Нагуфтам, ин одам план кашида истодааст?

Пас ба Сафо гуфт:

— Рӯирост гуфта намешавад? Кучо меравем?

— Ба хонаи як ошнои ман. Худаш одами калон, аз рохбарони вазорат. Ғам нахӯред, ба вай ҳам пешакӣ телефон кардам. Шумо медонед, Сафо Солеҳ бинокори оддист, лекин дар пеши мардум эҳтиромеро дорад.

— Хӯш, дар он ҷо чӣ кор мекунем?—пурсид Вафо.

— Ба дидори Олим Сараевич дар ҳамон ҷо мушарраф мешавем.

Дақиқае хомӯшӣ ҳукм меронд. Чӯраҳо ба рӯи Сафо нигоҳ карда, шах шуда монданд.

— Ту аз кучо медонӣ?—пурсид окибат Вафо, ки ранги рухсораш канда буд, кадоме аз мушакҳои рӯяш пирпир мепарид.

— Аз телевизор дидам. Дар пахлӯи шиносам менишаст. Вақте ки трибунаи стадионро нишон доданд, ман дидам. Вассалом. Акнун рафтем.

Яъкуб Сафоро оғӯш карда мегуфт:

— Балота гирам, моя хафа накун. Мон ҳамин корхоя. Мо нӯшидагӣ, ба хонаи каси ноозмуд, боз калоншаванда, дар ин ахвол рафтан хуб нест. Ман ин бачахоя ин ҷо оваронидам, ки чорта савту суруд гӯш кунем, дами беғам занем...

— Худат сар кардӣ, Яша, акнун хап шин,—сахт карда гуфт Сафо.—Агар ин бачахоя ҷеғ намезадӣ, ман хам чиммакак мешиштам. Акнун масъала хал, мошина чеғ задам, ба назди ҷӯраамон меравем, ботантана видоъ мекунем.

Дар сари кӯча микроавтобус не, автобуси калони ЗИЛ менстод. Аз хамон автобусҳои кӯҳнаи фиту шалакшудае ки ҳангоми ҳаракат хар як узваш алоҳида ғичирросу шараккос зада садо медиҳад, бо вучуди он хар субху шом коргаронро аз хона ба коргоҳ ва аз коргоҳ ба хонаҳошон мекашонад.

Дар кӯчаҳои тангу кача̀лаки маҳаллаи паси таваллудхонаи якум автобуси дабанг гашта натавонист. Онро ҷавоб дода, хама пиёда шуданд. Пешопеши гурӯҳ ба номи кӯчаҳо ва рақами хонаҳо нигоҳ карда, Сафо мерафт. Аз паси ӯ Яъкуб ва чаҳор мутриби ҷавон. Вафо аз ҷафо меомад, хамчунон ошуфтаву парешон буд. Сумкаи чармин дар дасташ. Лекин газаку шароби ӯ лозим нашуд. Соҳиби хона, марди кушодарӯи мӯи сараш сап-сафеди тақрибан панҷоҳсола онҳоро хуш қабул намуд. Дар рӯи хавлӣ нишонида, дастархон кушод.

Олим дар вокеъ дар хамон ҷо буд. Онҳо гӯё имрӯз ҳамдигарро дида бошанд, даст дода вохӯрӣ накарданд. Дар андоми меҳмон ифодаи ранҷиш нақш баста буд. Гӯё касе ӯро сахт ҳақорат карда бошад.

Дар ин ҷо хам фақат Сафо гап мезад.

— Муаллим, мо рӯзи дароз се кас ба як рафики ҳаммактабамон мунтазир будем. Ваъда доду наомад. Телефон хам накард. Гумон кардем, ки рақами телефона фаромӯш кард, китоби телефона аз хеҷ ҷой ёфта натавонист, ё дар шаҳр аппарати телефон ёфт нашуд. Қарор додем, ки ба сари ӯ фалокате омадааст. Хабар гирифтан дар-

кор. Е хара пеши бор, ё бора пеши хар гуфтаанд. Тасодуфан аз телевизор дидем. Дар стадион.

— Фахмидам, фахмидам,—гуфт сохиби хона.—Хайр, ба гузашта салавот.

— Рост, муаллим, ба гузашта салавот. Як маколи русй хаст, ки мегўяд: «Умереть, так с музыкой!». Ана ин мутрибони чавонро овардем, ки ба гузашта бо савту суруд салавот гўем. Лекин, муаллим, серманахнамро бубахшед, каблан мехостам, ки аз хамон гузашта як-ду хикоят гўям. Мо, чўрахо, анъанае дорем, ки дар хар сўхбат яке аз мо нотиқ мешавад. Имрўз, аз казо, навбати ман будааст.

— Мархамат, рафиқ Солиев. Бахузур, хонан худатон барин. Чандин сол боз шиносем, рости гап, орзў доштам, ки хамсўхбат шавем, ана дар ин хел шароит. Бисьёр нагз шуд, ки телефон кардед, бо пои худ омадед. Боз ин рафиқхои мутриба овардед. Рости, ман хурсанд. Илтимос, андак-андак нўшем, имрўз, охир, рўзи истирохат нўшидан убол нест. Хуш омадед!

Кадаххоро ба хам чанг андохта нўшиданд. Олим ба касе нигох намекард. Мутрибони чавон нанўшида, кадаххои худро ба рўи дастархон гузоштанд.

— Мархамат, рафиқ Солиев, хикоят гуфтанй будед.

— Хикояти якум аз бачагии худамон, муаллим. Дар ин чо занхо нестанд? Дар хона? Нагз. Бо овози паст мегўям,—Сафо дар воқеъ овози худро паст карда ба гап даромад.—Бача будем. Як тобистон имтихони охирина супурда, ба оббозй рафтем. Синфи чандум буд, Вафо?

Вафо чавоб надод. Яъқуб гуфт, ки синфи хаштума тамом карда будем.

— Дар нахри лойолуд оббозй карда, ба сохил баромадем. Ба рўи рег дароз кашида мехобидем. Худатон медонед, муаллим, писарбачахо луччак бошанд, албатта бадани якдигара тамошо карда, дар боран хаман узвхои хамдигар фикрашона мегўянд. Ана хамин мехмони шумо рафиқ Олим Сараевич барин як чўра доштем, бисьёр шўх буд, дар хаман шўхихо сардори мо буд. Гуфт, ки як алаф хаст, гули коку номаш. Пояи гулашро шиканй, шираки сафедаш мебарояд. Ана хамин ширака ба кадом узват молй, хамон узват калон мешавад, бакувват мешавад. Тозон рафта, аз богхои атроф якдастаги гули коку канда омадем. Шираша бароварда, ба хамон чо молидем. Худи он чўраамон кам мемолид. Барои чй худат дуруст намемолй?—гуфтем. Гуфт, ки хафтан гузашта ба кишлоқ рафта,

дар хамон ҷо бо писари тағояш молида буд. Ҳар тобистон як бор аз ин дору молӣ, кифоя, гуфт. Инро гуфту худаш ғоиб шуд. Соате нагузашта, ҷои шир молидаамон варам кард, сахт ба сӯзиш даромад. Базӯр худро ба хонаҳомон расонидем. Тамоми шаб дар таб сӯхта, фиғон мекашидем. Ана ин рафиқамон, Вафоҷон, мебахшед, шинос накардаам, муфаттиши калони прокуратура... Вафоҷон ҳатто пешоб карда натавонистааст, падараш ба духтурхона бурдааст. Ду ҳафта он ҷо мехобид. Баъд ӯро Гули Қоқу мегуфтем.

Соҳиби хона, мутрибони ҷавон базавқ механдиданд. Олим хамчунон бо қиёфаи ранҷидахотирона хомӯш менишаст. Дар болои курсиаш яктарафа, ҳама барин рӯ ба дастархон не, балки рӯ ба сӯи дарвозаи ҳавлӣ менишаст.

— Ана, муаллим, шумо механдед, яъне ман гуфтаниам, ки фиреб ҳар хел мешавад. Он фиреби айёми бачагӣ фиреби баозор буд, лекин безарар. Ба донотар шудани мо сабабгор шуд. Акнун аз гузаштаи таърихӣ ҳикоят гӯям.

— Гӯед, меҳмон, гӯшамон ба шумо.

Сафо ҳам мегуфту ба сӯи Олим назар намекард. Гӯё ӯ дар ин ҷо умуман вуҷуд надошта бошад.

— Инаш аз китоби қадима. Як лашкаркаш шаҳреро муҳосира кардааст. Сокинон мулки худро далерона муҳофизат мекардаанд. Сарлашкар ҳар қадар зӯр занад, илоҷе ёфта натавонистааст, ки қалъаро фатҳ кунад. Шабе ғарки хаёл менишастааст, ки посбонон занеро ба ҳайма овардаанд. Зани хушқадукомат ва ҷамила. «Ба шарти ман розӣ шавӣ, дарвозаи қалъаро ба рӯи лашкарат мекушоям»,— гуфтааст зан. Сарлашкар савол кардааст: «Ту кистӣ ва шартат чист?» Зан гуфтааст: «Зани ҳокими ҳамин шаҳрам. Шартам ин аст, ки маро ту, лашкаркаши номдор, ба занӣ бигирӣ». Сарлашкар розӣ шудааст. Зан дарвозаро аз дарун кушодааст. Шаҳрро гирифта, тороҷ кардаанд.

Сарлашкар шаберо дар бистари зани зебои ҳокими асирафтода гузаронида, бомдодон ба надимонаш фармудааст, ки ӯро ба қатл расонанд. «Чаро?» — навҳакунон пурсидааст зан. «Чунки шавҳари аввалаатро фиреб додӣ. Эътимод нест, ки бо дигарон инчунин накунӣ» — гуфтааст сарлашкар.

Хомӯшии ғароне ба миён омад.

— Олим Сараевич канӣ?—гуфтани соҳиби хона ҳамаро хушьёр кард.—Хозир дар ҳамин ҷо буданд.

Олим дар ҷояш набуд. Аз хеста рафтани ӯ дар ҳавои нимторики шом бехабар мондаанд.

Соҳиби хона ба айвон баромада, чароғи рӯи ҳавлиро фурӯзон кард. Мутрибони ҷавон ичозат пурсида, ба хобгоҳашон баргаштанд. Чӯрахо то як поси шаб дар он ҳавлӣ сӯҳбат мекарданд.

С. 1977

ЧАГА

Ба хавлии нав кӯчидему дар пеши додом даррав гапи сага кушодам. Аммо вай боз ҳамон насиҳаташ такрор кард:

— Сабр кун, писарам. Ҳар кор вақту соаташ катӣ.

— Пештар мегуфтед, ки дар ин хавлича нафаси худамон мегардад, сага ба кучо мебандем? Акнун ҳавлиамон боғи пионерҳо барин калону боз ҳамон гап.

— Ба ту гуфтам-ку, саги нагз мегирем, писарам, саги зотӣ. Ба мо, охир, кучуки бефаҳму фаросоти фақат ак-ак мекардагӣ даркор не-ку.

Як рӯз аз дарс баромадам, ки додом дар пеши мактаб дар даруни москвичаш ба ман нигоҳ карда шиштааст. Ба Бозори сабз рафтем. Бозори пеши магазини Олами бачаҳоя калонҳо Бозори сабз мегӯянд. Онро аслан Бозори магазин гӯянд дуруст, чунки ин қадар магазини рангубаранге, ки дар гирди ин бозор ҳаст, дар дигар ҷой нест.

Дар пушти дукончаи ҷавоҳирот ду-се кас куттии посылка, дастаи табар, чӯткаи рангмолӣ, ҳар хел майдачуйдаи дигар фурӯхта мешиштанд. «Амаки Эдик даркор бӯданд» гуфт додом ба онҳо. Гуфтанд, ки ҳозир меояд, як бозора чарх зада оед, мебинед. Чарх зада омадем. Амаки Эдик амак не; як бобои қадпасти ришкалон будааст. Ришаш ҷариб баробари қадаш.

— Саги зотӣ? Валло намедонам,—гуфт ӯ.

— Мана таҳои Сангинпӯлод фиристод.

— Сангинпӯлод?! Ҳамту гӯед-да, одам гапа аз сараш сар мекунад.

Амаки Эдик додома ба каноре кашида гуфт:

— Ҳаст. Яъне ки мешавад. Ҳоло назоондааст. Адреса нависед, хабар мегиред.

Баъди се рӯз саҳари барвакт рафтем. Амаки Эдик гуфт; ки ҳоло назоондааст. Нигоҳ кунед, гуфт ӯ, мана очеш, шабу рӯзаш бутун наздик омадагӣ. Ба гӯши падарам чизе гуфт. Ҳар ду базавқ хандиданд.

Рӯи зина саги калони посбонии зоташ, ба хаёлам, немисӣ менстод. Ба тарафи мо як бор дилу бедилон «хуф!» гуфту рӯ ба дигар сӯ гардонид.

Боз ду маротиба худам пиёда ба хонаи амаки Эдик рафтам. Аз пули оханин болои вокзал гузашта. Сагчаи маро ҳоло ҳам очааш назоида буд. Лекин аз рафтанам пушаймон набудам. Ҳавлии амаки Эдик ачоибхона барин. Дар як тараф харгӯшхона. Қариб садта харгӯш. Қумур-қумур алаф ё карам хӯрданаша бинед, ҳавасатон меравад. Дар тарафи дигар, дар паси олуболузор—мурғхои марчон. Ҳар кадомаш уштурмурғи африкой барин. Пеши ин хонахоя симтӯр кашидаги. Ҳар қадар хохед, тамошо мекунед. Аз қафо, аз пушти хонаи истиқоматӣ хур-хури хукҳо ба гӯш мерасад. Баъзан дар байнашон, аз афти кор, гап мегурезаду фиғони ягон хук ба фалак мепечад.

— Э овозат дар кабристон! — бо зарда мегӯяд амаки Эдик.—Бе чирроси ту ҳам аз дасти ҳамсояҳо рӯз нест.

Хабари зоидани модасага ба чои кори додом бо телефон гуфтам. Зуд омад.

— Зоид, зоид, панчта зоид. Лекин даррав дода наметавонам,—гуфт пирамард. Вай тахмин як чувол нони бӯлкая ба тағораҳо реза карда меандохт.— То як хафта нашавад, чудо карда намешавад. Шумо байъона дода монед, писар дилхохаша чудо кунад, ҳамон азони худаш.

— Чанд пул?

— Байъона ихтиёрӣ. Лекин нархи сагча чил манот.

— Э амак, инсоф кунед, ба чил сӯм барра медиҳанд?

— Рост, чони ширин, барра медиҳанд. Ана шумо раведу барра харед. Зӯрӣ накардаем.

— Ақаллан бист сӯм гӯед, охир, хайр, равед, ки сӣ сӯм!

— Як тин кам намешавад. Агар мешуд, чонам катӣ. Ба хотири Сангинпӯлод чил сӯм гуфтам. Лекин конуни нараш — панч червон.

Додом фикр карда монд. Амаки Эдик гӯё савдо напухта ба охир расида бошад, ба сӯи дари хавлиаш равон шуд. Рохравон мегуфт:

— Зӯрӣ накардаем, чони ширин. Ихтиёр. Аммо худатон медонед, саги нагз баҳо надорад. Чӯпонҳо ба саги зотӣ ним рама гӯсфанд медиҳанд.

Додом, аз афти кор, дар хаёлаш нархи ним рама гӯсфанда хисоб карда баромад, бо чаҳор червон муконса карду розӣ шуд ва бист сӯми дар бисоташ бударо байъона дод.

* * *

Сагча кирои таъриф буд. Лӯб-лӯндаи фарбехак, чашмакош милтос мезанад. Факат хафтрӯза шудаасту даст дароз кунед, дасташа медиҳад. Хамон рӯзи овардаам дар тағора оббозй дорондам. Модарам оби ширгарм мерехт, ба чашмаш собун нарасад, ба гӯшаш об надарояд, гуфта маслиҳат медод.

Модаркалонам дар гӯшае ғур-ғур карда менишаст.

— Бисмиллоху раҳмону раҳим. Сар шуд,—мегуфт ӯ ба мо нигоҳ накарда.—Акнун дар ин рӯзгор аста-аста ягон зарфи ҳалол намемонад.

Бегоҳй маслиҳат шуд, ки сагчаро чй ном монем.

— Шалик!—гуфт хоҳарчаам Озодаи чорсола.

— Худат чй мегӯй?—пурсид падарам.

Гуфтам, ки чанд нома медонам, аммо ягонтааш ба ман маъқул не. Шумо гӯед.

— Шалик!—боз гуфт Озода.—Шалик наж.

— Шарик нағз,—тасдиқ намуд додом,—лекин хозир лӯб-лӯнда асту Шарик, яъне тӯбча мегӯй. Калон шавад, боз номаша дигар мекунем? Ин саг аз зоти сагҳои калони посбонии немисй.

— Шалик!—боз таклиф кард Озода, лекин ба гапи ӯ дигар аҳамият надоданд. Бача-дия, хом.

Додом пурсид, ки аз сагча чй умед дорам, яъне ки чй хел шуданаша мехоҳам. Ман мехостам, ки саги ман нотарс бошад, аз ҳамаи сагҳои дигар зӯр, чаққон, баакл бошад. Ба магазин ё бозор фиристанд, ҳамроҳам равад, лекин ҳамин хел шавад, ки дар рох ягон саг ба вай наздик шуда натавонад, як нигоҳ карда «ғуррр» гӯяд, кифоя, ҳар читу саг тарсида, думаша миёни пояш гирифта, ба катакаш чо шавад. Мана саги ҳамсояамон амаки Миша барин бошад, гуфтам. Калон, зӯр, хушрӯ. Дар ҳавлй ин хел посбони нағз нест, дари ҳавлиашон қуфл надорад. Ба кӯча ҳамроҳашон равад, одамҳо барин бамаъни мегардад. Дар таки дари магазин баодоб мунтазир шуда меистад. Тӯрхалтая ба дандонаш газонанд, рост ба хона меорад. Номаш ҳам хушрӯ: Рекс. Амаки Миша мегӯяд, ки маъноияш ба лотинй—подшоҳ. Хайр, гандами Рекс?

Ин вакт модаркалонам ба хона даромада, падару модарама сарзаниш кард, ки ду одами каппа-калон як соат боз бо номи сагча овора шуда шиштанашон хуб

нест. Ин кор хосият надорад. Сага ҳазор сўм харида бошӣ ҳам, саг саг аст.

Додом ба ӯ чизе нагуфт. Аммо ҳамин, ки вай баромада рафт, боз ба номковӣ давом намуд.

— Ефтам!—ногоҳ хитоб кард додом.—Номаш Ҷага! Маъкул?

— Ин чӣ маъно дорад?—пурсид модарам.

— Нотарс, ҷасур, ба хаёлам.

— «Ба хаёлам» мегӯед? Ба кадом забон ин калима?— боз савол дод модарам.

— Забони ҳинд.

Ҳеҷ кас эътироз накард. Аз забонҳои аврупой гирифта, ба сагҳо Марс, Пират, Динго барин номҳо мемонанд. Чаро номи ҳиндӣ мондан мумкин набудааст? Ҷага! Ҷага! Номи нағз, садонок, ҳатто воҳимаангез.

Ба тарбияи Ҷага ҳамакаса машғул шудем. Ҳар пагоҳӣ додом шир меовард. Ду шишааш махсус барои Ҷага. Сонитар, аксари рӯзҳо модарам барои вай алоҳида таоме мепухт, агар фурсаташ танг бошад, худам аз магазин порае ҳасиби арзон меовардам. Фақат модаркалонам ба нигоҳубини сагча бепарво буд.

— Ҷамол,— мегуфт ӯ ба ман,— хушьёр шав, кучукат ба ошхона надарояд. Нафасаш ба дегу табақ нарасад.

— Оча, Ҷага ҳоло бача, нафасаш ҳаром не,—боре эътироз кард додом.

— Хайр, чудо нагз. Ҳалол бошад, ба сари дастархон шинонед, аз як коса шӯрбо хӯред. Ман ба хонаи акаат меравам.

Додом зуд аз гапаш пушаймон шуд ва барои он ки бибиам аз рости ҳам ранҷида, ба хонаи амакам наравад, саросема гуфт:

— Ҳазл кардам, оча. Гуфтанӣ будам, ки саги майда ҳоло ки кӯдак аст, яъне хеле хурд мебошад. Яъне ба ҳукми кӯдак. Азбаски саги нав ба дунье омада...

Додом боз муддате ба ҳимояи ҳуд ва саги майда хеле норавшан гап зад-гап заду хомӯш шуд.

Аз корҳои Ҷага ману ӯ хурсанд будем. Бозгашти моро бо аккоси хушҳолона пешвоз мегирифт. Гурбаеро бинад, мисли барқ аз дунболаш давида, то ба лаби бом ё шохи дарахт сур мекард.

Қарор додем, ки гӯшу думашро набурем.

— Буриданӣ гӯшу думи саг ба дастури илми ҳозира мувофиқ нест,—гуфт падарам.—Одатан гӯши сагҳои маҳаллия мебуриданд. Вай ҳам замони пеш.

— Ҳа, замони пеш ҳама гӯлу гаранг буданд, ҳеҷ чиза аклашон намегирифт,— пичинг зад модаркалонам.

Тирамоҳ барои Ҷага хоначае сохтем. Бомаш шиферпӯш. Аз дарун барои гарм шуданаш шолчаю намадпорахо часпонидем.

То бахор Ҷага калон шуда, каду бар ёзонид. Хушрӯ ҳам шуд. Гӯшхояш сих, чашмонаш зиракона медурахшанд. Худаш чустучолок, ба кӯча барорам, аз ман ду баробар тезтар метохт. Аммо табиаташ дигар шуда буд, аз хад зиёд аккос мезад. Дар шохи себ ягонта майна ё дар лаби бом мусича шинад, ба боло нигоҳ карда ва заминро ханҷор карда, то даме аккос мезад, ки парранда охир ҳам аз ин муомила безор шуда, парида мерафт. Ё модаркалонам маро маҷбур мекард, ки баромада мурғи бегунохи бонси ғавғошударо биронам. Аз кӯча бачахо мопедашонро тозонида гузаранд, ба таки дарвоза рафта, аз тарқиши он бо хашм ва дурудароз аф-аф мекард.

Ҳавлии мо ва азони амаки Мишаро девори тахтагин чудо мекард. Аз тахтаи пуштак сохта шуда буд, бинобар ин рогӣ бисьёр дошт. Ҷага аз рогҳои девор ба хавлии хамсоя нигоҳ карда, аккос мезад. Рекс бекор бошад, яъне агар касе бо ӯ бозӣ накунад ё хамрохи касе ба кӯча нарафта бошад, ҳатан дар пеши зинапоя ё дар болои симкати шалаҚ ба рӯи матраци кӯхна халқа зада мехобид. Ҷага аввалҳо дум ликконида, бо шодмонӣ ҷастухез карда, аккос мезад. Ба хаёлам, биё, таго, бозӣ мекунем, мегуфт. Ман туро дӯст медорам. Ту бекор нишастаӣ, ман ҳам зиқ шудам, биё, хамроҳ даводав мекунем, мегуфт. Сонитар рафта-рафта бошиддат фарьёду фиғон мекардагӣ шуд. Аз замини пеши пояшро шудгор карданаш, аз чашмони пурхашмаш маълум шуда менстод, ки аз чӣ сабабе кахраш омадааст. Рексро ба забони худаш таъна мезанад, дашном медиҳад.

Дар дилам мегуфтам, ки саг андак зарданок бошад, ганда нест. Аз саги бо хама мехрубон чӣ нафъ? Бегонаю ошноро бинад, дасту пояшро лесад, вай чӣ гуна саг? Ихлоси кас мегардад аз ин хел кучук. Саг бошад, ғаюр бошад, хушьёр бошад, камтар салобат дошта бошад.

Ҳа, дар дилам ҳамту мегуфтам, лекин медидам, ки Ҷага аз хад гузашта истодааст. Як рӯз аз мактаб омадам, ки модаркалонам рӯй-рӯи хавлӣ Ҷагая, додома, мана кохиш карда ғаштааст.

— Ҳа бибиҷон, чӣ шуд?— пурсидам бо хавотир.

— Ҳоло ҳеч чиз нашудааст. Лекин, худо хоҳад, минбаъд бисьёр корҳо мешудаги барин, хуб тамошо мекунед шумо хочасагпарастҳои навбаромад. Чил сӯм дода, ба сараш балои ногаҳона харида омадааст. Кӯрсавдо! Боз ба таки дари кучукфурӯш ду ҳафта моку барин рафту-омад карданд, падару писар. Чил сӯм-а! Ғуё ки так-таки ин мардак варак-варак пул бошад. Ҳавлии чалая хариду хушу ёдаш ба калбасаи кучуку карасини мошин. Бар авкотат лаънат ту барин худдонама! Сад бор гуфтам, ки аз корҳои ҳамин алломаи зиқ шуда гаштана ба хонаи калонеш рафта, бахузур пояма дароз карда нишам ба чони ғарибам. Боз намешавад, гӯр дили оча рах намедиҳад...

Ҷага таки деворро бо нохунҳо нақбчае канда, ба ҳавлии амаки Миша гузаштааст ва ба Рекс дарафтодааст. Амаки Миша базӯр халос карда овардааст.

Лена, духтари амаки Миша, бегоҳӣ аз болои девор башарааша ба ман кучукилеб карда нишон доду гуфт:

— Ҷамол, кучуката ғундор. Ин дафъа ҳамин хел хулиганӣ кунад, Рекс лӯккӣ фурӯ мебарад. Фаҳмидӣ? Соӣ гила накун. Боз номи шон номи ҳиндӣ будааст. Ҷага! Ҷага! Э мур Ҷага нашуда!

— Рав ба корат, шақшақа!—гуфтам бо даҳдаҳа ва дурӯғакӣ аз ҷоям бо шаст хеста будам, ки «вой дод!» гуфта, аз сари девор фаромада гурехт.

Лена барин духтарчаи ҳавобаланду шаттохи хунукгаи дар ин гирду атроф нест. Падараш ҳамин хел одами наҳз, сараш тоси мисин барин бемӯи ялаккосӣ, лекин ҷони одам, амаки худам барин меҳрубон. Модараш ҳам хушрӯ, хушгап. Аз кӯчида омаданамон ин тараф бо очаам дугона. Аммо ин Лена, ба гуфти бибиам, ғазаби худо. Чунон шаллоқӣ ки... Хотирӣ додош намешуд, аз миллачаҳои лентадораш дошта, кайҳо боб мекардам-куя.

Додом аз магазини мебель як тӯб картони ғафси нимдошт овард. Бо табару теша тасма-тасма бурида, ба роҳҳои девор мехкӯб кардем. Акнун Ҷага ҳавлии амаки Мишаро дида наметавонист. Лекин мо фаромӯш кардаем, ки саг чизи даркориаша на фақат бо чашм мебинад. Бо гӯшу машоми тезаш ҳам мебинад. Саҳарӣ ғавгои сагон ҳамая бедор кард. Ҷага аз ҷои дигар нақб канда, ба ҳавлии ҳамсоя даромадааст ва боз ба Рекс часпидааст.

Додом аз саросемагӣ чӣ кор карданаша надониста, аз болои пояи хиштини водопровод ба ҳавлии амаки

Миша нигох карда фарьёд мекард. «Ҷага! Ҷага! Ин сӯ биё! Э ба ту чӣ шуд? Михал Степанич, дӯстам, Ҷагая пеш кунед!». Амаки Миша дар каноре истода, «ҷанги» сагонро парешонхотирона назора мекард. Моро дида, ишора намуд, ки аз дари ҳавлӣ биоем. Пас гуфт, ки пеш аз халос кардан ба кирдори сагатон дурустакак зехн монед. Ҷага хаф-хафкунон ва кафки фаровон аз дахон резон бо шаст ба Рекс ҳамла меовард. Рекс дар як ҷо меистод ва ҳамин ки Ҷага наздик шуд, ғурросзанон бо пои рост ё чап ба калла ё гардани саги ман чунон мефаровард, ки муаллакзанон ба сӯе меғелид. Аммо Ҷага бар пой рост шудан замоно боз худро ба сӯи Рекс меандохт.

Ҷанги сагонро чандин маротиба дида, боре надидаам, ки як саг саги дигарро нагазаду бо дасту по зада афтонад. Аз Рекс миннатдории бепоёне ҳис мекардам. Ба ҳоли Ҷага дилам месӯхт. Ба хона кашола карда бурдам, сару рӯяшро аз хасу хошоку хоку лой тоза карда, навозиш намудам. «Ба ту чӣ шуд, Ҷагаҷон? Ба Рекси бегунох чӣ даъво дорӣ? Охир вай ба ту ягон бор чашм ало накарда бошад, нони туя, оши туя нахӯрда бошад... Ба чӣ ин кадар бадкахр шудай? Вазнин шав, азизам, аз Рекс ту бояд ибрат гирӣ, на ин ки ба гиребони вай даст занӣ...»

Ҷага вазнин-вазнин нафас мегирифт. Гапҳои маро фаҳмид, аз афти кор, дастамро лесида, рӯяшро ба зонуҳоям мемолид.

— Ин сага ба духтур нишон додан даркор, ба хаёлам,—ба додом мегуфт амаки Миша.—Дар кӯчаи Гоголь духтури ҳайвонот ҳаст. Дар роҳи Кӯктош ҳам.

Падарам номуайян сар ҷунбонид. На ҳа мегуфт, на не.

Амаки Мишаю падарам пештар ҳар бегоҳӣ шоҳмот мебозиданд. Бозиашон ҳамту азони дигарҳо барин оддӣ буду тамошояш аҷиб, чунки ду каси каппа-калон шарм надошта, гаштҳои худашона худашон беист таъриф мекарданд.

— Баъди се гашти дигар мебинед, ки бозии ҳаҷкӣ чӣ хел мешудааст, мӯҳтарам Михал Степанич,—мегуфт додом.

— Мебинем, мебинем. Мурғи парканда барин ба як кунҷак ҷо шудани шоҳатона мебинем, бародари азиз.

Е амаки Миша мегуфт:

— Инженер мардума дар шоҳмот усто мегуфтанд. Муболиға будааст-дия.

— Муболиға нею ба ходимони милиция рахм меку-

нанд. Шоир гуфтааст-ку: «Пушту паноҳи ман аст милиции ман!». Хафа нашавед гуфта, зӯр мезанам, ки бозӣ дуранг шавад акаллан.

Аз бозе ки Ҷага ҷангара шудааст, амаки Миша ҳам ба ғами мо шарик.

Рӯзи истироҳат секаса таки девори тахтагина кофта хазорта хишти барои печка оварда мондан додома ба он ҷо чидем. Акнун Ҷага нақб канда наметавонад. Аз болои девор гузаштан бошад, ҳоло ҳунари ӯ нест.

Рӯзе модарам бо дугонааш Розияхола ба хона омад. Онҳо дар идораи радио кор мекунанд. Дар дасти Розияхола аппарати овознавис. Ҳамроҳашон боз як занаки яктаҳи сафедпӯш буд. Аз ӯ бӯи конфети шоколад меомад. Модарам гуфт, ки ин кас коргари машҳури заводи нон (яке аз заводҳои комбинати нон дар паҳлӯи ҳавлии мо, дар кӯчаи Аҳмади Дониш воқеъ шудааст). Азбаски дар завод ягон гӯшаи ороми бе тараққотурӯқ набудааст, ӯро модарам ба хона овардааст, ки овозашро ба лентаи магнит навишта бигиранд.

Ҷага зани яктаҳпӯшро диду гӯё девона шуд. Якзайл аккос мезад. Занҳо ба хонаи дарун даромада, дарҳоро маҳкам карданд. Ним соат гузашт, Ҷага аф-афи хашмини худро ҳамчунон бас намекард. Ҳар қадар навозиш кунам, кулчаю қанд диҳаму хорумол кунам, бефонда.

Модарам ба рӯи ҳавлӣ баромада гуфт:

— Писарам, сагата дар кӯча давр зананида меомадӣ... Овозаш ба лента даромада истодааст. А. ҷони оча, чӣ гуфтӣ?

Чӣ мегуфтам? Аздусар ҳар рӯз як соат-ним соат гардиш мекунем. Хайр гуфтам. Озода ҳам аз дунболам кашола шуд. Дар таки девори заводи нон тохтутоз карда мегаштем. Ногоҳ ба ёдам расид, ки Ҷагаро оббозӣ дорониданӣ будам. Акнун калон шудааст, дар таҳора намегунҷад. Як бор дар таки шланги водопровод шустушӯ карданӣ шудам, маъқул нашуд, ҳама ҷоя тар кард. Мегурезаду халос. Ҳӯ-ӯ болотар аз кӯчаи Дӯстии халқҳо наҳрчае мегузарад. Ба ҳамон ҷо бурда, нагзакак мешӯям. Собуни катӣ.

Озодаро ба хона фиристодам. Сатилча ва як кулча собуни овард. Дар карибии калисо як ҷои соз будааст. Либосамро кашида, ба дасти хоҳаракам додам. Ҷага бо хоҳиши тамом ба чӯй даромад. Барои он ки нагурезад, нӯки занчираша ба миёнам печонида, баданаша тар кардам, собун задам. Аммо ба сару гарданаш ҳам собуни

заданй шавам, намемонад: Хайр, майлаш, гуфта аввал баданаша шустам. Сонй дастама пури кафк карда, ба сараш молиданй будам, ки нохост сахт ғуррид, фиғоне кашид ва аз ронам маҳкам газид. Аз ҳамлаи ногаҳонй, аз шиддати дард ман ҳам фарьёд кашидам. Ҷага хез карда, аз мобайни чўй ба боло парид. Занҷир кушода шуду саг ғурехт.

Гирья накардаам, лекин оби чашм худаш ба рўям мешорид. Саг маро газиду Озода хой-хой мегирист, сарулибоси ман дар бағалаш дар роҳи ҳамвор пешпо хўрда-пешпо хўрда ва бо тамоми овоз кўчаро ба сараш бардошта, сўи хона медавид. Роҳгузарон чй шуд ба шумо, чаро пои ин бача хуншор, кй шуморо ранҷонид гуфта, аз роҳ медоштанд, ҳамдардй мекарданд, дар худи ҳамон ҷо маслиҳат медоданд, ки фалон алафро шуста, ба ҷароҳат бандем.

Ҷага занҷир ба гардан гирдогирди ҳавлй давида, аккос мезад, нўла мекашид.

— Ҳоло додот биояд, ман бо шумо, сагпарастон акнун дурустакак гапзанон мекунам,— болои сўхта намакоб, таҳдид мекард бибиам.

Амаки Миша бо коре ба хонааш омада будааст. Куртаамро пўшонида, шимамро ба дастам каппониду ба мошинаш савор карда, ба сўи ёрии таъҷилй тозонид. Амаки Миша калоншавандаи ГАИ. Додом мегўяд, ки ў аз ҳамаи шоферҳои Тоҷикистон, аз ҳамаи муаллимҳои мактабҳои шоферии Тоҷикистон имтиҳон мегирад. Як қисми имтиҳона мошинҳо мегиранд, лекин ҳамон мошинҳо ҳам дар ихтиёри амаки Миша. Волгаи зардаш аз паҳлуҳо раҳи кабуд дорад. Дар болои бомаш чароғаки даврзанандаи кабуд. Дар пеши бомаш ду карнаи радио: яктааш ба пеш гап мезанад, дуввумаш ба қафо. Ин мошинро мошинҳои дигар бинанд, гашташона суст карда роҳ мекушоянд.

Духтури станцияи ёрии таъҷилй ба ронам дорои сўзон молиду бо дока баст ва коғазе навишта, ба дасти амаки Миша дод.

— Ба Санбакинститут! Зуд! — гуфт духтур.

Мо ба гўшаи дигари шаҳр равон шудем. Амаки Миша мошинашро бошаст меронд. Гоҳо аз хати сафеди мобайни кўча ҳам мегузашт. Боз ҳамаи автомобильҳо ба мо роҳ медоданд. Амаки Миша гуфт, ки ҳар касро саг газад, албатта ба Санбакинститут меояд, ба ў сўзандору мекунанд. Ба ҳар эҳтимол. Чунки агар рафту саги га-

занда девона шуда бошад, одами саггазида ба дарди пуразоб гирифтор мешавад ва расо баъди чил рӯз мемурад.

— Ҳа, дӯстам, мемурад,— оҳ кашида такрор кард амаки Миша.

Ҳамшираи тиббӣ пӯсти шикамамро дошта бо як даст ба тарафи худ кашид ва бо дасти дигар сӯзанашро халонид. Хеле дарднок будааст, сӯзандоруяш. Бегоҳӣ таб баровардам, аммо дандон ба дандон монда тоқат мекардам.

Рӯзи дигар маро ба Санбакинститут падарам бурд. Имрӯз табам он қадар баланд нашуд, лекин чои дору аз дарун, ба хаёлам, санг барин варам карда, вазнин шуда, қӯра барин месӯхт. Дар ҳар қадам монданам санги тафсон лӯқ-лӯқ дард мекард.

Додом барои Ҷага панҷара-никоби тасмагин овард. Азбаски вай барои саги калон дӯхта шуда будааст, як тасмаи кӯндалангашро канда партофта, манаҳбандашро кӯтоҳтар ва ба сари Ҷага муносиб кардем. Сонӣ Ҷагая ба пеши духтур бурдем. Ба хоначаи торике дароварда, аз оби даҳонаш як пробирка гирифтанд. Натичаи таҳлил баъди ду рӯз маълум шуд. Хайрият, девона набудааст.

— Ба чашмаш кафки собун даромада, даркаҳр шудааст. Ҳеҷ воқеа не,— гуфт духтур.

Лекин то ин сӯҳбат ба шиками ман боз ду бор сӯзандору карданд.

Амаки Миша ҳамон бегоҳӣ маро ба ҳавлиашон ҷеғ зад. Зина-хола як пиёлаи калони дастадӯр компоти бамазаи олуболугӣ дод. Амаки Миша ба ман чизе гуфтанӣ буд, якин, аммо фикр мекард, ки гапа чӣ хел сар кунад. Ман ҳам охир майда нестам, феълу хӯи калонҳоя медонам.

— Лена, ин сӯ биё, духтарам,— ба тарафи хонаашон фарьёд кард амаки Миша. Лена ба пеши падараш омад. Ба ман ягон бор нигоҳ накард, гӯё ман умуман набошам, ё бошам ҳам, хас барин ягон чизи камаҳамият бошам.

— Бирав, духтарам, ба пеши меҳмон себча биёр.

— Хм, «меҳмон»,— писхандомез ғурунгос зад духтарча.

— Лена!— сахт карда гуфт амаки Миша ва Лена тозон ба пешгоҳи боғчаашон рафт.

— Хайрият, сагат саломат будааст,— ниҳоят гуфт

амаки Миша.— Набошад, чилта сўзандоруя азобаш ба гуфтан осон. Лекин, дўстам, сагата фақат шартан, мефаҳмӣ, шартан, яъне фаразан, саломат гуфтан мумкин. Ту, дўстам, аз гапи ман наранҷ. Худаш солим, хунаш солиму аз ҷиҳати асаб ким-чӣ хел... Гапама фаҳмидӣ?

Ман ҳа гуфта сар ҷунбонидам.

— Имтиҳоната супурда, ба синфи хафтум гузар, ба як ҷо мебарам туя. Сагчаҳои хушрўю кори калона ана он ҷо мебинӣ. Маъқул шавад, аз майдатараш якта гирифта медиҳам. Рекса дар вақташ аз хамон ҷо гирифта будам.

— Аз сагҳои пайгирии милиция?— пурсидам.

Амаки Миша тасдиқ кард.

— Вай сагҳоя таълиму тарбия медиҳанду чаро ба дигарҳо медодаанд?

— Ҳамааша не. Ба дигарҳо медодагиаш фақат яктанимта ёфт мешавад. Сонӣ ба ту мефаҳмонам. Маъқул?

Имтиҳонҳоя тамом карда, ба таътил баромадам, аммо ба амаки Миша аз ин хусус хабар надодам. Саги дигар лозим не ба ман. Ҷага худаш нагз. Хар кас мушт барин сагчая ин қадар нигоҳубин карда, ба воя расонад, баъд медонад, ки аз саги дастпарвар ҷудо шудан осон ё не.

Дар ин мобайн воқеае шуду модарам ҳам, ба кавли додом, ба лагери модаркалонам гузашт, яъне Ҷагая бад медидагӣ шуд. Дар кўча будам, ки вағар-вўгури Ҷага ва фарьёди модарам баланд шуд. Давидам. Ранги очаам девори оҳакмолида барин буд. Дар дасташ нимта собуни сагхонда. Домани даридаи куртааш ба замин овезон.

Модаркалонам ба рўяш об пошиду ба курсӣ нишонид. Пас аз хеле фурсат очаам воқеаро шарх дод:

— Ним коса шўрбо овардам, ки ба лаганчааш гардонам. Бинам, ки ана ин собуна миёни поҳош гирифта, буҳузур мехўрад. Собуна монда, ба шўрбо часпид. Гуноҳам ҳамин ки собуна аз пешаш гирифтам. Ҷавонмарг шавад, нохост ҳамла кард. Хайрият, бастагӣ буд. Дахлнаш фақат ба доманам расид.

Ногоҳ модарам бо овози баланд гирист. Инро дида Озода ҳам ҷилави гирьяро сар дод. Ману бибиам ба онҳо об медодем, барои таскинашон хар чиз мегуфтем. Модарам ором шуд. Сонӣ ба соати дастиаш нигоҳ карду саросема дастурў шуста, куртаи наваша пўшид.

— Рафтем, писарам,— гуфт ў.— Ҳозир додот меояд, аз сари кўча дошта, ба як ҷо меравем.

— Ба кучо?

— Баъд мефахмй.

Ба додом гуфт, ки ба хонаи соҳиби саг меравем. Падарам дақикае фикр карда истоду баъд «Ба чону дил» гўён ва табассумкунон ба сари руль нишаст ва мошинро ба тарафи хонаи худамон тоб дод.

— Кучо? Ба кучо меравем?

— Худат гуфтй, ки ба хонаи соҳиби саг меравем. Соҳиби саг мана, Чамол.

— Вакти шўхй не,— чиддй гуфт модарам.— Дида истодаед, ки авзои Чагаатон бечо. Канй, он сагфурўши беимона ба ман нишон диҳед, як гапзанон кунам.

Ба маҳаллаи паси вокзал равон шудем. Додом гардани хорхорон, хеле сўст мошин меронд. Модарам гўё бо ў гапаш гурехта бошад, ба пеш нигох карда, хомўш менишаст.

— Ихтиёрат-куя, лекин аз савдои саг кариб як сол гузашт. Акнун ба сари он мўйсафед рафта, чй мегўем?— гуфт додом.

— Гап ёфт мешавад,— чавоб дод модарам.

Пас аз муддате додом боз ба гап даромад. Ў ҳанўз умеде дошт, ки модарамро аз раъяш гардондан муяссар мешавад.

— Собун хўрдани саг, албатта, ходиса,— гуфт ў,— лекин шояд ин ходиса хам сабаб дошта бошад? Дар ёдат хаст, Чамол дар сесолагиаш охаки девора канда мехўрд?

— Вай гапи дигар. Шумо, азизам, мошинатона тезтар хай кунед, вакт меравад. Чагаатон собунхўр бошад, мархамат, худам як куттй собун харида медиҳам. Хохад пачка-пачка «Айна» ҳам хўрад, шиша-шиша шампунь хўрад. Садқаи сари дута фарзандамо. Лекин кадом саги сог соҳибаша газидааст?

Амаки Эдик мақсади модарамро фахмида оташин шуд.

— Э ба шавҳаратон якта сагча фурўхта, акнун як умр ба бало мондам?— дўғ зад ў.

— Дўғ назанед, амак,— гуфт очаам.— Ман аз зоти занҳои тарсончак не. Ин масъала масъалаи чиддй. Рости гапа гўем, аз ин муомила бўи суд меояд.

Амаки Эдик калимаи «суд»-ро шунида, абрешим барин мулоим шуда монд. Модарам дар хусуси зоти сагхо, ким-чй хел як масъалаи ирсият, ки аз падару модар ҳатман ба фарзандон мегузаштааст, хатто дар давоми ҳазо-

рон сол таъсираш ба наслҳо мемондааст, гап мезад. Ман он масъалая, рости гап, он қадар нафаҳмидам. Ба назарам, амаки Эдик ҳам намефаҳмид, ки ба ӯ чиҳо гуфта истодаанд. Аммо барои иззати меҳмон, ки аз ҳамон калимаи «суд» хеле қувват гирифта буд, ҳар дам «ҳа, ҳа, боракалло, тӯппа-тӯғрӣ» гуфта гӯш медод.

Амаки Эдик розӣ шуд, ки хоҳару додарони ҳамтанаи Ҷагая ба мо нишон диҳад.

— Аммо фақат хонаи яктеша медонам, чунки аз рӯи адрес худам бурда будам. Яктаи дигараша Сангинпӯлод медонад.

Дар қафои аэропорти кӯҳна ба кӯчаи каҷмакачакӣ Пестель даромада, то ҷое ки мошин мегашт, савора рафтем. Сонӣ аз дунболи амаки Эдик, ки торафт сергапу хушмуомила мешуд, боз ним соат пиёда гаштем. Соҳиби саг як писари аз ман ду-се сол калонтар будааст. Илтимоси амаки Эдикро шунида, хурсанд шуд, ки ба тамошои саги ӯ ҳамин қадар кас аз ким-кучоҳо омадаанд.

Сагаш як себи дукафон барин ба Ҷага монанд буд. Ҳамон хел поҳои дарозу базеб, сари синааш бақувват, думаш серпашму хушрӯи каҷакдор. Аммо ором буд, гӯё хушҳолию хушбахтиашро қасдан пинҳон медошт. Соҳибаш ҳар чӣ амр диҳад, зуд ичро мекард. «Курсӣ, курсии мана биёр!» гуфт писарак. Курсияки майдан аз химча бофташударо ба дандон газида оварду ба пеши пои соҳибаш монд. Курсӣ ба паҳлу афтода буд, ки онро аз такьяаш газида, рост карда монд. «Ба ҷоят!» фармон дод бача. Рафта, ба болозина ба ду пои қафо нишаст ва лабашро лесида бекаророна ғиҷиҷос зад. Гӯё мехост бигӯяд, ки боз кор фармо, ман саги қобил ва фармонбардорам.

— Боз ягонтаи дигарашро медидем, хуб мешуд,— гуфт модарам.

— Дигараша Сангинпӯлод медонад,— ҷавоб дод амаки Эдик.

— Ба хонаи Сангинпӯлод намебаред? — пурсид модарам.

— Вай дар хонааш нест,— гуфт амаки Эдик ва маъюсона сар ҳам карда, илова кард:— Ба ҷои дур рафтагӣ.

Аз оҳанги гапаш ҳама фаҳмид, ки тағои Сангинпӯлод ба ҷоҳои дур на бо ихтиёри худ рафтааст, ба мӯҳлати дароз рафтааст.

— Айб дар Ҷага не, дар зоту зуррнёташ ҳам не,— аз саёҳати онрӯза хулоса баровард бегоҳӣ додом.— Айб дар худамон, нодуруст тарбия кардаем.

— Ана ин гапи ҳак,— тасдиқ намуд модаркалонам.— Сага худатон вайрон кардед. Ҳамсоя бинаша афшонад, сагатон ду соат аккос мезад, шумо хурсандӣ мекардед, ки Ҷага хушьёр, Ҷага зирак, Ҷага саги сарҳадбонон барин боақл. Ана имрӯз аз линги худатон гирифт. Токат кунед акнун.

Аз хулосаи охирини додом боз хулосае бароварда, ману вай ба хондани адабиёти махсус сар кардем. Ба хондани китобҳои доир ба сагпарварӣ. Аз як хел китобе, ки «Сагпарварӣ» ном дорад, додом сета овард. Муаллифҳояш дигар-дигар, дар шаҳрҳои гуногун чоп шудагӣ. Дар онҳо дар бораи сагҳои хушьёри милиция, сарҳадчиён ҳикояҳо бисьёр буд. Бо шавқ мехондам. Соӣ қаторқатор мақолаҳо дар бораи режими таълиму тарбияи саг, хӯроку нӯшоки он, гигиенаи сагон, яъне қондаҳои озода нигоҳ доштани онҳо ва истиқоматгоҳи онон. Дар ҳар китоб то садта сурати сагҳои медальдор, сагҳои чемпион. Гумон надоштам, ки навъу зоти саг дар олам ин кадар бисьёр будааст. Сагҳои қадбаланду подарози фукборик, сагҳои ғафси калтапои бинипучук, сагҳои ҳар кадомаш хар барин калон-калон, сагчаҳои майдаяке ки ба рӯи кафи одам ду-сетоаш бахузур мегунчад.

Модарам хам якта китоб овард. «Дӯсти мо» номаш. Дар вокеъ саг дӯсти ҳақиқӣ будааст. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ чӣ қадар солдатҳои ярадорро аз майдони ҷанг, аз зери тири туфангу гулӯлаи тӯпу миномёт кашола карда, ба пеши табибон овардааст. Ҳизмате ки сагҳо дар посбонии сарҳад мекунанд, ёрие ки онҳо дар кофтукови дуздону ҳар гуна чиноятқорон мерасонанд, хар кадар таъриф кунед, меарзад. Дар ҳақиқат саг дӯсти бегарази одам.

Дар охири ҳар китоб дар хусуси касалиҳои саг ҳам мақолаҳо чоп шуда буд. Онҳоро падарам мехонд, чунки ман хонам ҳам, дуруст намефаҳмидам. Ғайр аз ин, мақолаҳо, рости гап, бисьёр дилгиркунанда буданд.

Дар таки девор суратҳои рангаи китобро тамошо карда менишастам, ки аз болои сарам овози Лена баромад:

— Ҷамол,— гуфт ӯ ки дар сари девор овезон буд.— Барои Ҷага пули калон дода будаед. Ҳамин гап рост?

— Ҳа,— гуфтам ва ҳис кардам, ки пичингаш ба ҷигарам нештар барин ҳалид. Сӯзандоруи Санбакинститут барин сӯзонида рафт. Чашм аз китоб наканда, фикр ме-

кардам, ки ин шакшакая чӣ хел дошта одобаша диҳам, ки ба як умраш сабак шавад. Аз ҷоям ҷунбам, гурсӣ худаша аз девор партофта мегурезад. Дар кӯча дошта наметавонам. Чунон тез медавад, ки бо велосипед расида наметавонӣ. Ба замми ин, ҳанӯз аз дур, ҳанӯз шамоли даст нарасида, чунон баланд чирроС мезанад, ки гӯё кушта истода бошанд.

— Ҷамол, медонӣ чӣ?— ҳамчунон мелаккид Лена.— Аз синфи мо як бача кучукаша ба лабораторияи институти тиббӣ фурӯхтааст. Чор сӯм додаанд.

— Ҳа,— гуфтам гӯё оромона ва дар айни замон сиву ду рагама якчоя карда, зӯр зада, илоҷе меҷустам, ки ҳилае карда, ин шакшакаро даст гирам.

— Ҷамол, медонӣ боз чӣ? Дар боғи ҳайвонот ҳам кучукҳои ҷинсия мехаридаанд. Лекин он ҷо камтар пул медодаанд: якуним сӯм, ақаллан нархи собуниҳои хӯрдагиаш не.

Айб намешуд, аз алам додгӯёи мегиристам. Аммо чӣ илоҷ? Ҳамаи кувватама ҷамъ карда ва сар аз китоб набардошта, гуфтам:

— Лена, кори ту аз рӯи вичдон не. Ман ба ту гандагӣ накардаам, ту фақат гапҳои ганда мегӯӣ. Ба камбудии як кас, ё ба рӯзи сиёҳи ягон ҷонвар хандидан хуб не. Дар китоб навиштаги.

Лена хомӯш монд. Ман боз гуфтам:

— Мо ду сол боз ҳамсоя. Аммо аз ту ягон чиза барои пурсидан гарданам ёрӣ намедиҳад. Мана ҳозир дар бораи парвариши саг китоб мехонам. Ҳамааш ба забони русӣ. Баъзе калимаҳоя намефаҳмам. Аз ту пурсам гӯям, ту инхелӣ...

— Чӣ хелӣ «инхелӣ»?

— Як даҳан гапи саҳат намегӯӣ. Боз Зина-хола мегӯяд, ки ту сардори отряди пионерон.

— Хайр, ба отряди ман корат набошад. Пурс чизи нафаҳмидагиата,— мулоим шуда гуфт Лена.

— Набошад, аз девор фаро.

— Хестӣ, ки хобат. Хоҳӣ, худат ба таки дар баро.

Амаки Миша дар таки дарашон як харакн майда сохта буд. Баромадам, ки Лена рӯи харак нишастааст. Мана дида домани куртааша ба поён кашида монд. То аз дар баромадан ният доштам, ки ҳамин ки дастгир кардам, миллачаи зардаша ба дастам печонида, ба лаби

чӯи кӯча кашола карда бараму сараша хам карда, бинаша ба оби кафлесакдори бӯнок ғӯтонда гирам. Аммо дар нигохи ӯ аз кинаю хашм осоре надида, гӯё тарбуз аз бағалам афтода бошад, дар наздаш шах шуда мондам.

— Шин, охир, пурс. Канӣ, чия нафахмидӣ?— гуфт Лена ва китобро аз дастам гирифту кушода, ба тамошои суратхо сар кард.

Дар пахлӯяш нишастам. Аз ӯ, мисли он коргарзани яктахи сафедпӯши заводи нон, бӯи шоколад меомад. Боз бӯи либоси нав шуста дарзмол кардагӣ ва камакак бӯи бунафша. Мӯи модараш хушрӯ карда бофтагӣ тиллои зард барин чило медод. Дар дилам гуфтам, ки агар Чагая дигар масхара накунад, вая хохарам барин дӯстдорӣ мекунам. Хатто хохише пайдо шуд, ки миллачаи нарми тиллорангаша даст зада навозиш кунам.

— Хайр, бигӯ, чия нафахмидӣ?— боз пурсид Лена.

Ман «хозир» гуфта, ба хона давидам. Аз олуболуи пагохӣ чидаам як коса шуста ба таки дар баровардам. Олуболу мехӯрдем. Рекс баромада, дар пеши пои ману Лена дароз кашид. Лена донаки олуболуро миёни ангуштонаш фишурда, ба сару гардани Рекс мепарронид. Саг хеста, ба ӯ андешамандона нигохе афканду дуртар рафт. Олуболу тамом шуд. Лена аз хонаашон як доман себча баровард. Себчаи исканаи ширину хушрӯй, ки думчаю донакаш катӣ хонда фурӯ бared хам, бамаза...

Рӯзи якшанбе додом аз сахари солехон ба таки мошинаш даромад. Аввал худаш ба дарунии чукурии гараж фаромад, ману модарамро фармуд, ки «москвича» охиста тела, дода, ба болои чукурӣ оварем. Мо хамин тавр кардем. Баъд додом ба таки чарххо хишт монда, ба кор сар кард. Хар замон ба ман амр медод, ки фалон калида те, сатила биёр, тагорая бардор ва хоказо. Аслан ин корхоро мебоист хамрохи амаки Миша мекард. Худи ӯ дар сари шохмот ваъда дода буд, ки рӯзи истирохат ёрмандӣ мекунад. Аммо динашаб нохост эълон кард, ки фардо якмохаи амниятӣ харакати наклиёт сар мешудааст. Рӯзи истирохат ӯ ба кучое мерафтааст.

Ман ин гапхоро барои хамин якта-якта гуфта истодаам, ки нохуштарини «корномахое» ки Чага кардааст, махз хамон рӯзи якшанбе рӯй дод ва дар хона набудани амаки Миша окибати он корномаро ин кадар вазнин кард.

Гап дар ин ки Озода дари кӯчаро даме кушода мондааст. Ҷага фурсатро муносиб ёфта, тозон ба кӯча баромад ва ба Рекс дарафтод. Вақтҳои охир вай ҳамин хел маврида кофта мегашт. Гӯё аз ҷанг накардан бо ҳамчинс дилаш ҷанг баста буд. Аз шиддати хашму ғазаб ва адовати бесабаб чунон сахт нолишкунон аккос мезад, ки худаш аз садояш нафастанг мешуд. Аз ҳама чиз хашмгин буд: аз тақ-тақи дар, садои баҳам бархӯрдани зарфи таом дар ошхонаи ҳамсоя, аз бонги хурӯс, ҷанги велосипеде ки аз кӯча мегузашт...

Чирроси Лена ба осмон печид:

— Ҷамол, тез бинё, сагат мурд.

Ин дафъа Рекс ӯро бо пояш зада намеафтонид, балки аз пушти гарданаш газида, озод ба ҳаво мебардошт ва мисли он ки Ҷага саги яксола нею гурбаяке бошад, ба ин сӯву он сӯ алвонҷ дода, ҳатто дар болои сараш чарх зананида, ба каноре меғурронид. Ҷага бо тамоми овоз нӯлакашон аз ҷой мехест ва боз ҷанҷида-ҷанҷида омада ба Рекс ҳамла мекард. Дар гарданаш ҷанҷир мешуд, доштанам осонтар мегардид. Лекин дар ин ҳолат ба вай наздик шуда натавонистам. Дарди сӯзандорухо ҳанӯз фаромӯш нашуда буд.

— Ҷамол! Ҷамол, мегӯям! Мошина тела те, ман бароям!— аз он сӯи дарвоза додом фарьёд мекашид, аммо садои ӯ гӯё ба гӯши ман намедаромад.

— Лена, Леначон, сагата чеҳ зан,— зорӣ мекардам ман. Лена мегуфт, ки Рекс гапи ӯро гӯш накард. Вай на ба Ҷага, на ба тамошобинони атроф наздик намешуд, дар як ҷой меистод, фақат бо мудофиаи худ машғул буд гӯё, аммо андомаш, ғурришаш чунон буд, ки касеро ёрои наздик рафтан набуд.

Вақте ба худ омадам, ки модарам аз дастам кашида, ба ҳавлиамон даровард. Ҳамроҳи ӯ дукаса мошинро тела медодем. Ба назарам, як умри дароз бо ин кор машғул будем.

Сонӣ маълум шуд, ки додом аз телбагӣ хишти зери чарҳҳоро нагирифта, ба мо таъна мезадааст, ки зӯратон кучо рафт, шумо ду ноӯҳдабаро якта мошинчая аз ҷояш ҷунбонда наметавонед.

Додом ҷомакӯхнаашро аз мехи гараж ҷанг зада, ба кӯча баромад. Бе ҳеҷ фикру андеша ҷомаро ба сари Ҷага партофта, ӯро печонид ва бардошта ба ҳавлӣ даровард.

Дар сару гардани Ҷага ҷои сиҳат намонда буд. Ба кучое даст нарасонам, панҷаҳоям хунолуд мешуданд. Чашми чапашро умуман кушода наметавонист. Аз таги пилкҳояш хуноба метаровид.

Ягон чои Рекс, аз гуфти Лена, ақаллан ханҷор нашуда буд. Аммо саги ҳамеша ором ва пуртамкин ҳоло сахт ошуфта буд. Ҳар замон аз дар берун омада, дар сари кӯча истода, нӯла мекашид, ба осмон нигоҳ карда, дуру дароз навҳа мекард.

Амаки Миша вокеаро шунида, чизе нагуфт, ҳамту як оҳ кашиду монд. Чи илоҷ, рӯзи дигар Рексро ба духтур бурд.

Акнун дили додом ҳам аз Ҷага хунук шуда буд. Аз муомилааш ҳис мекардам. Ба сару гардани Ҷага йод мемолиду зери лаб дашном медод. Ҳайвони ноасл, сагҳои ҷангара, амаки Эдик, таҳои Сангинпӯлод ва боз кихою чихоро дашном медод.

Ногоҳ ба ман дарафтод.

— Михаил Степанич чӣ гуфт ба ту дар хусуси саг?— пурсид аз ман.

— Кадом саг?

— «Кадом саг». Ҷага не, албатта. Саги дигар ёфта меҳам нагуфт магар?

— Гуфт.

— Ту чӣ гуфтӣ?

— Ҳеҷ чиз.

— Маҳмадоно! Фоида надорад маҳмадоной, фаҳмидӣ?

— Ман ҳеҷ чиз нагуфта бошам, ба чӣ маҳмадоно меҳӯед?

— Маҳмадоно! Шайтон! Рав аз очаат пул гирифта, боз йод биёр, зелёнка биёр. Ба саги ту, аз афташ, бӯчка-бӯчка йод лозим.

«Саги ту» гуфт. Тамом. Акнун танҳо мондам.

Ана ҳамин муомилаи сахташ ба Ҷага бенатича намонд. Ҷага дасти ӯро низ газид. Ростӣ, дандонаш ба гӯшту пӯст нарасидааст, аммо соати навашро бо дастаи ялаққосии оҳанинаш тамоман аз кор баровард. Дар рӯи ҳавлӣ палосеро партофта, магнитофонро барои таъмир ва равгонмолӣ ба ҚИСМҲО ҷудо карда менишаст, ки Ҷага ба пешаш омад. Чӣ шуду як лаби тахтапораеро, ки ба рӯяш винту мурватчаҳои бисьёре мехобид, зер кард. Тах-

та чаппа шуда, нисфи мурватхо ба даруни алаф рехт. Додом бо ғазаб Ҷагаро сарзаниш карда, аз паҳлуяш тела дода буд, ки аз банди дасташ гирифт. Хайрият, соаташ бақуввати ғафс, тасмааш ҳам пружинадори пӯлодин буд. Набошад, чӣ будани сӯзандоруи Санбакинститута худаш ҳам месанчид.

Ҳангоми таоми шом Озода соати додома ба сари дастархон овард. Бибиам онро гирифта, аз назар мегузаронид. Дандони ашки Ҷага шиншаро шикаста, аз циферблат, аз мобайни механизми соат гузашта, то ба деворан пасаш чуқурак карда буд.

— Бе дарди саре нишаста будам, пул додаму дарди сар харидам,— замзамакунон гуфт бибиам.— Акнун ба шумо ҳам пандьёд шудагист? Акнун ягон илоҷ мекардагистед?

Ба додом «шумо-шумо» мегуфт. Ин ҳамин хел аломат буд, ки агар ба илоҷе ёфтан ваъда надиҳад ва он ваъдаро ичро накунад, пушаймон хоҳад шуд. Падарам ваъда дод.

Ҳамон шаб додом ба модарам мегуфт:

— Ҷага ном монданам дар дилам армон шуд. Афсӯс, дурӯғ гуфта будам, ки маънои номаш нотарсу далер аст. Ҷага номи шӯрапушти беинсоф, одамкуш аз як фильми ҳиндӣ.

— Тавба. Шумо ҳам кам-кам хурофотпараст шуда истодаед. Ин чӣ бало буд?!— гуфт модарам.— Ба феълу хӯи ҷонвар номаш чӣ алоқа доштааст?

— Дораду надорад, намедонам. Ман армони дилама гуфтам.

— Аз як чиҳат гапатон чон дорад. Нияти нек ними давлат, гуфтаанд. Зарбулмасале нест, ки мардум бехуда гуфта бошанд.

Ҷага кӯр шуд. Аввал чашми обраваш, сонитар инаш ҳам. Акнун бисьёр аккос намезад, фиғон кашида шикоят мекард. Охиста-охиста роҳ мегашт, зеро агар тозад, ҳатман аз роҳ баромада, ба ягон чиз бармехӯрд. Рӯзе ба хавлиамон ду духтури ҳайвонот омад. Яктоаш, мӯйсафеди айнакаш тиллогин махсус духтури сагҳо будааст. Нақли падарама гӯш карданд, коғази таҳлилҳои лабораторин хун, оби даҳони Ҷагаро хонданд, худи сагро, ки ниқоб дошт, ба ҳар тарика муоина карданд:

— Зор монад, нозуктарин узви ҷонварон асаб-дия,— гуфт мӯйсафед.— Забон медошт, эҳтимол, ягон илоҷ ёф-

тан муяссар мешуд. Истед, ки номаша чӣ гуфтед?— нохост пурсид духтури пир ва баъди чавоби додом илова намуд: — Тасодуфи ачиб: ба харфи лотинӣ номи Яго — персонажи Шекспир ва номи сагатон як хел навишта мешавад. Бечора Отелло аз дасти Яго хонасалот шуду лекин то дами вопасин ӯро Ягои бошараф меномид. Хайр, ин тасодуф. Бешак, тасодуф. Хӯш, сохиби саг, ба назарам, хамин йигитча-а? Бисьёр наҒз, бисьёр хуб. Хайр, бо ин кас худатон сӯхбат мекунед. Эх чӣ хел айёми ширин кӯдакӣ, чавонӣ! — Он баҳорест зебо, афсӯс бебозгашт. Ох дуньёи бебако!

Аз хамаи ин оху воху наклу ривоят дар бораи Ягою Отеллохо пай бурдам, ки духтурхо дарди Чагаро бедаво гуфтанд. Худам хам медонистам, ки холо табобатхонае нест, ки он чо чашми нобинои сагонро бино кунанд. Асаби онхоро даво намоянд.

• • •

Рӯзи истироҳат додом дар хонаи амаки Миша буд. Дукаса яхдони онхоро соз мекарданд. Очаам дар ошхона мураббо мепухт. Ман нигарони чӯраам менишастам. Хамроҳ ба оббозӣ рафтанӣ будем. Ногох ба ёдам расид, ки агар Чага бадхашм намешуд, ба сараш ин рӯзхо намеафтод ва мо хамроҳ ба оббозӣ мерафтем. Чаро дар рӯи дуньё хазорон хазор сагхо сихат-саломат гаштааанду махз саги ман ин хел девонаавзоъ? Бибиам мегӯяд, ки хар чиз аз такдир. Барои чӣ ин гуна чазоро ба такдири ман раво дидаанд? Ман чӣ гунох дорам?

— Чага! Чага! Ин сӯ биё!

Дар кинофильмхо дидаед, албатта, аспхои канорин фойтунҳои сеаспа сару гардани худашона камонвор тоб дода пеш метозанд. Чага хам ба хамин тарика сӯи ман давид. Дар ними рох сахле калавид, ба тарафи девори хона майле карду омада сари худро ба новадони тунукагӣ зад. Гумбурроси новадон ва навхаи саг ба хам печид.

Намедонам чӣ шуд, аммо дигар худро даст гирифта натавонистам. Бо овози баланд гиристам, очаам тозон омада, сарама сила карда, «писарам, чӣ шуд, боз ин чавонмаргбоб туя газид?» гуфта буд, ки дигар бо тамоми овоз гиристам. Ман мегиристаму хис мекардам, ки зӯри худам ба худам намерасад, ин гирьяро, ин нишонаи му-

сибати беандозаю бепоёни худро пешгирӣ карда наметавонам. Ҳатто дар пеши назарам пайдо шудани шиппаки сурхи Лена, зонун харошидаю қашқашудаи ӯ ба сели гирья монеъ шуда наметавонист.

Додому амаки Миша, очааму Лена, бибнам чанд қадам дуртар аз ман хомӯш меистоданд. Ҳатто модаркалонам чизе намегуфт, сокит ба хаёл рафта буд.

С. 1977

ҲИКОЯҲОИ ҲАҶВӢ

ХОҶАНАВПАРАСТ

Ба ҳаммоми маҳаллаи мо мудири нав таъин шуд. То шиносо шудан бо ин одам мо намедонистем, ки аз қавми одамизод ҳам як махлуқи ин қадар чашмикордону сергайрату доно мебаромадааст.

Мирҳасан Зиракӣ омаду тартиб ва расму оини бистусе сол ин ҷониб шахшудамондаи ҳаммом ба як бор зерузабар гашт. Мудири нав даррав ба паҳлуи дӯкончаи касса як тахтаи навро зананда, ба он эълон часпонид, ки имрӯз мачлиси умумӣ барпо мешавад.

Баъди холӣ шудани ҳаммом аз одам, яъне соати дувоздаҳи шаб ҳама ба зали калон ҷамъ шуданд ва мудир ба гап даромад:

— Ҳар як инсон, ман ба шумо гӯяму шумо ба ман зеҳн монед, дар ҳаёт, яъне дар рӯи замин, аз худ бояд нишонае гузорад. Ин якум,— гуфт ӯ.— Дар ҳар кор навигарӣ дарорад. Ин дуюм. Бояд иқрор шавам, ки худи ман ҳам навигариро дӯст медорам. Ин сеюм. Набошад зиндагонӣ пеш намеравад. Ман ба шумо гӯяму шумо ба ман зеҳн монед, ин чорум. Хуллас, ки ҳар кас бояд худашро нишон диҳад. Ин шашум, э... панчум.

Пас аз ин мукаддима Зиракӣ «якуму дуюм»-хояшро аз нав қатор карда, дар бораи мавқеи инсон дар ҳаёт ва аҳамияти тозагӣ дар зиндагонӣ таваккуф намуд. Ниҳоят, соат аз ду гузашта буд, ки мудир хурроки Рахимаҳолаи фаррош ва яке аз сартарошони солхӯрдатарро шунида, рӯй турш кард ва нутки нахустинашро ночор бармаҳал ҷамъбаст намуд:

— Хулоса, ман ба шумо гўяму шумо ба ман зехн монед, рафиқҳо, мо кори худро бояд аз ҳамин рўз эътиборан аз решааш дигар кунем. Ин чилу якум. Ҷоннок кунем. Ин чилу дуввум. Яъне дар ҳаммом ҳам халқро ба ҳар хел навигариҳо одат кунондан, гўё тарбия кардан мумкин ва лозим ва зарур ва шарт ва ҳатмист. Ин чилу...

Рўзи дигар ходимони ҳаммом бо чашмони аз бехобӣ сурхшуда ва чеҳраҳои ранпарида ба кор омада, диданд, ки дар тахтаи эълонҳо фармони № 1 мудири нав часпонида шудааст. Дар фармон гуфта мешуд:

«...7. Аз 17 ноябри соли 1959 шўъбаи занона ба шўъбаи мардона табдил дода шавад.

8. Аз худи ҳамон рўз шўъбаи мардона ба шўъбаи занона табдил дода шавад.

9. Лавҳае ки ба дари шўъбаи занона часпонида шудааст, канда ба дари шўъбаи мардона часпонида шавад.

10. Лавҳае ки ба дари шўъбаи мардона часпонида шудааст, канда ба дари шўъбаи занона часпонида шавад.

11. Бо мақсади сарфаю сариштаи моликияти давлат лавҳаҳо ба дарҳо на бо дутой, балки бо яктогӣ мех кўфта шаванд.

12. Диққати коллективи ҳаммом ба он ҷалб карда шавад, ки дар сарфакорӣ ҳар рўзу ҳар соат ташаббус ва фаъолият нишон доданашон лозим, шарт, зарур ва ҳатмист.

13. Дар давоми рўзи истироҳат — душанбеи 16 ноябрь — анҷом додани ин кор, яъне аз як дар канда ба дари дигар ва аз он канда ба ин задани лавҳаҳо ба зимман мудири хоҷагӣ ва ҷонишини ман Бузрук Ислом гузошта мешавад.

14. Ба кори ҳама муваффақият металабам.

Мудири ҳаммоми назди шўъбаи райони хоҷагии коммуналии Вазорати хоҷагии коммуналии республика.

Мирҳасан Зиракӣ».

Фармонро хонда аввал ҳама ҳайрон шуданд, баъд зўр зада сабаби ин табаддулотро дарьёфтан хостанд. Ва-

ле ҳайҳот! Майнаи оддӣ оҷизӣ мекард. Азбаски арафаи рӯзи истироҳат буд, чандон шикану мағзаша бин карда нагашта, ба хонаҳои худ рафтанд.

Рӯзи сешанбе ҳаммом аз рӯи тартиби нав ба кор сар кард. Лекин мардуми моро ба тартиботи нав одат кунондан кори осон аст магар? Аз рӯи одати чандинсолаи худ мардҳо ба ҳеҷ кадом лавҳа-павҳа нигоҳ накарда, ба дасти чап ба шӯъбаи занона мешитофтанду занҳо ба дасти рост ба шӯъбаи мардона.

Доду фарьёди ҷонкоҳи занон ва нидоҳои таассуфомезу узрхоҳонаи мардон ба саҳфи сангини бино печида ғулғула меандохт.

Зиракӣ дид, ки мардум гаранг шуда монданд, зуд фармони нав бароварда ҳамсояи мо Раҳимаҳолаи фаррош ва шогирдписари сартарошро маошу иловагӣ ваъда карда, ба таки дар каровул гузошт. Мизоҷҳо ҳанӯз сар аз дар надароварда онҳо огоҳ мекарданд, ки зинҳор аввал лавҳаҳоро хонда, баъд ба «шӯъбаи дахлдори худ дароянд».

Ходимони ҳаммом аз Зиракӣ бонси ин тағьиротро пурсон шуданд, вале ӯ «баъд мефаҳмед, баъд» гӯён ҷавоби муғлаке медод. Дар вокеъ, мудир баъди кор маҷлиси умумӣ ҷеғ зада, сабаби ин навигариро фаҳмонда дод.

— Аҳамияти ҳар як чизи навро,— гуфт ӯ, — ман ба шумо гӯяму шумо ба ман зеҳн монед, дар гармогармиаш фаҳмонидан душвор аст. Ин якум, дуюм ин ки олими италиёвӣ Ҷордано Бруно дар вақташ гуфта буд, ки замин дар атрофи тири худаш ва ба гирди офтоб чарх мезанад ва дигар ситораҳо ҳам замини мо барин замин, э-э, яъне ситораи мо барин ситора, э-э, яъне хулоса замин мебошанд. Барои ин гапаш муллоҳои ҷоҳил ӯро дар оташ сӯзониданд. Лекин гапи вай, ман ба шумо гӯяму шумо ба ман зеҳн монед, ҳақ буд. Ин чорум. Аммо дурустии гапи ӯ баъдтар маълум шуд. Бинобар ин мо бояд ҳар чизи навро дастгирӣ кунем, қувват диҳем ва ҷорӣ кунем, харчанд ки чизи нав ба ҳаёт гоҳо ба осонӣ ҷорӣ намешавад...

Дар ҳақиқат ҳам, ҳамсояи мо Раҳимаҳолаи фаррош қурбони навигарии мудири навовар гардид. Ман ба ҳаммом даромадам, ки кампири бечора дар таки дар танҳо навбатдорӣ мекард. Ранги рӯи ӯ тиратар шуда, қомати ҳамидааш боз ҳамтар ва лоғартар шуда буд.

— Шодиҷон, рост ба шӯъбаи занона рав,— гуфт ӯ ман ҳанӯз дари даромадро напӯшида.—Эҳ, мани бефаҳм чӣ гуфта истодаам! Ин тартиби нав сари калобаама гум кард... Ман гуфтанӣ будам, ки мабодо ба шӯъбаи мардона нарав. Эҳ, боз сарам чарх зада рафт. Охир ту-ку духтаракӣ. Э вой ба ҳолам, вой саракам,— гӯёи пиразан беҳолона ба тарафи харак қадам гузошту ба рӯи он нишаста, бо илтиҷо гуфт: — Шодиҷон, ба ман як ариза навишта деҳ, духтарам, ман аз маоши иловагиаш безор. Мон ки ҳар кас шӯъбаи худаша худаш ёфта гирад...

Охири моҳи ноябрь Зиракӣ фармон баровард, ки дар ҳаммом чеки ранга ҷорӣ карда шавад: барои мардҳо — чеки кабуд, барои занҳо — чеки сурх. Бухгалтер эътироз карда гуфт, ки барои ин ба матбаа чандин ҳазор сӯми иловагӣ додан лозим меояд.

— Шумо хуб гуфта, ичро карданатонро донед,— гуфт Зиракӣ сахт карда.— Ин як. Он тарафаш кори ман. Ин ду. Шумо аввал пурсед, ки ин чора ба чӣ лозим, баъд гап занед. Ин се. Сарфакорӣ, ман ба шумо гӯяму шумо ба ман зеҳн монед, ин хел намешавад. Ин харҷи ночиз барои авлодҳои оянда мумкин нафъи беҳаддуҳисоб оварад. Ин ду, яъне чор. Мо ба ин восита аник мекунем, ки ба ҳаммом занҳо бисьёртар майл доранд, ё мардҳо. Мо фарки психологияи марду занро фаҳмида мегирем, яъне худи мо набошем ҳам, идорахои илмӣ, академияи фанҳо, мисол гирем, дорулфунун ё касалхона фаҳмида мегиранд. Дурандеш шудан даркор. Ин ҳафтум. Агар ҳар як граждании ғами илму техникаю тараккиёту ва ғайраю ва ҳоказоҳоро намехӯрд, мушаки мо ба моҳ намерасид. Ин... чандум? Ҳа, нӯҳум. Хӯш, ман ба шумо гӯяму шумо ба ман зеҳн монед...

Лекин бухгалтер дар ин лаҳза чашмонашро калон-калон кушода, гӯё аз акл бегона шуда бошад, бо ранги паридаю даступои ларзон худро ба сӯи суроҳии об андохт. Мудир аз бетакаллуфии ӯ ранҷида, сухан ба даҳонаш монда, аз хона баромад.

Ман ба ин ҳаммом ҳар ҳафта мерафтаму албатта навигариеро медидам. Як рӯз бинам, ки оинаҳои калонро аз ҷои пештарааш канда дар пеши дари шӯъбаҳо, рӯ ба ҷониби шӯъбаҳо устувор кардаанд. Зуд фармони охирини Зиракиро мутолиа карда фаҳмидам, ки ин кор ба нафъи мо, мичозони кӯҳнаи муассиса будааст.

Дар боби 121-уми фармон гуфта мешуд:

«... § 121. Чунки ба шакли зоҳирии худ бо тамоми чиддият назорат кардани ҳар як одами советӣ:

а) шарт

б) зарур

в) ҳатмист...»

Бори охирин мудири навоварро дар арафаи соли нав дида будам. Аз дари ҳаммом даромадан замоно ба гӯшам ғалмағале расид, ки дар сартарошхона барпо буд. Зонуҳоямро ба болиштаки диван монда, аз паси издиҳоми кунҷковон ба дарунӣ сартарошхона нигоҳ кардам, ки Зиракӣ ва як мичозӣ сартарошхона бо ҳам бахс мекунанду худи акаи Борух шланги пилесос дар як даст ва пилесос дар дасти дигар дар мобайни онҳо аз ҳайронӣ тез-тез мижа зада рост менишод.

— Сари ман ба шумо тамошокаду магар?— гуфта даҳдаҳа мекард марди мӯйсаргир.

— Ба одамон асло некӣ намефоридааст!— низ дод мезад Зиракӣ.— Мо ба фоидаи шумо фармон баровардем. Ин якум. Магар айб нест, ки одам дар асри бистум, яъне дар айёми мушакҳои фалакпаймо, дар асри атом ва нейлон, пашми рехтаро бо лиф дастӣ тоза кунад? Сеюм ин ки давлат пилесосро барои чӣ бароварда мондааст? О худатон як мулоҳиза кунед!...

Ман зуд ба пеши тахтаи фармонҳо рафта, асли воқеаро пай бурдам. Зиракӣ фармон бароварда будааст, ки сартарошон аз техникаи навтарин самаранок истифода баранд, масалан, баъди бо мошинка кӯтоҳ кардани мӯйсар гардҳои боқимондаи онро аз сару гардани мичозҳо бо пилесос тоза кунанд.

Ин одами инчиқ бошад, ҷон-ҷон нагуфта, ноз карда нишастааст.

Рости ҳам, навигарӣ ҷорӣ кардан ҳунари ҳар кас набудааст.

Мудири навоварро дигар надидам. Рӯзе ба идораи журнали мо як мақола омад. Унвони мақола чунин буд: «Баъзе материалҳои тоза доир ба тафовути чинсии психологияи одам дар асоси материалҳои бухгалтерияи ҳаммом дар кварталҳои чоруми соли 1959 (қисман)». Дар поёни ин сарлавҳа боз чунин навишта шуда буд: «Мулоҳизаҳои шахсии дӯстдори илм ва пайравии тараққиёт Мирҳасан Зиракӣ».

Баъзеҳо мегӯянд, ки ҳоло Мирҳасан ба кадом як табобатхона мудири хоҷагӣ таъин шудааст ва дар он ҷо ҳам ҳар рӯз як навигарӣ ҷорӣ мекунад. Раҳимахолаи фаррош бошад, тасдиқ мекунад, ки рост, Зиракӣ дар табобатхона гаштааст, лекин гӯё худи ӯро табобат мекардаанд.

Қӣ медонад, олами ҳодис гуфтаанд.

С. 1959

Дар хона картошка пўст канда менишастам. Донишмандони ин кор ҳар замон аз хонаи дигар истода дастуруламал медоданд:

— Ягон ҷояш чала намонад.

— Ҳа, хуб.

— Вақти реза кардан зинҳор хушьёр шавед.

— Ҳа, хўш.

— Як парахааш пардаи пиёзу дигараш чархи трактор барин нашавад.

— Ҳа, хуб.

— Дастатонро набуред. Корд тез. Дина худам чарх доронда омадам.

— Ҳа, хўш.

— Оби лаганча нарезад...

— Ҳа, хуб...

Рўзи истироҳат буд. Ҳаво соф, офтоби пурҳавсалаи саратон дурахшон ва нурафшон. Абри чанголуд ҳам, ки осмони Душанберо ду рўз маҳкам пўшонида менстод, пароканда шудааст.

Соат аз панҷ гузашта буд. Бачаҳои бисьёре дар чойхои соярави ҳавлӣ машғули бозӣ. Аз кадом як тирезаи ҳавлии чорошьёнаи рў ба рўй садои рубоб ба гўш мерасид.

Ногох... Шўре буд, ки ногох бархост ва оромии махсуси рўзи истироҳат дар як он ба ким-кучое ғайб зад.

Талотум аз хабари радио сар шуд.

— ...Аввалин бор дар ҷаҳон кишти фалакпайморо зан, гражданкаи Иттифоки Республикаҳои Советии Социалистӣ рафиқ Терешкова Валентина Владимировна идора мекунад,— бо тантана мегуфт диктор, ки аз ҳаячони шодиву ифтихоромез ҳатто овози худаш андаке меларзид.

Ҳангоме ки ин муждаи ҳайратангез даррасид, ҳанўз ҳаячони мардум аз хабари парвози фалакпаймои панҷуми Валерий Быковский пасанда нашуда буд.

Дар аввал фақат аз қаноти чапи ҳавлӣ садои як радиоприёмник мебаромад.

— Рафиқон! Дӯстон! Ҳамсояҳо; Занаки советі дар авҷи фалак! — фарьёд кард касе аз болохонаи ошьёнаи чорум.

Баромада нигоҳ кардам. Ин одам олими ҷавон Ашӯралӣ буд, ки дар институти фалсафа кор мекунад.

Дар чанд сония рӯи хавлӣ аз зану духтарҳо пур шуд. Мардҳо дар хонаҳояшон монданд. Лекин ба онҳо лутфан иҷозат дода шуда буд, ки баробари назорат кардан ба дегу оташдонҳо ва аҳволи бачаҳои хурдсол,— гоҳ-гоҳе аз тиреза ё болохонаҳо назаре афкананд. Дар рӯи ҳавлӣ маъракае монанд ба митинги фавкулодда барпо шуд. Тафовут фақат дар ин буд, ки дар митинг агар ду-се нафар бо навбат гап зада, аксарият гӯш кунанд, дар ин ҷо аксарият гап мезаданду ду-се нафар бо навбат гӯш медоданд.

Дурӯғ нашавад, дар рӯи хавлӣ аз мардҳо низ ду кас ба назар мерасид. Яке дастархонеро ки занаш аз болохонаи ошьёнаи саввум меафшонду баробари шунидани парвози хамҷинсаш аз даст сар дода буд, зӯр зада аз нӯки дарахт раҳо карда гирифтанӣ мешуд. Дуввуминаш ҳамон файласуфи ҷавон буд, ки гоҳ ба сӯи издиҳоми занҳо давида ва гоҳе ба яке аз мардҳои аз боло нигоҳкардаистода рӯй оварда, бо изтироби тасвирнопазире мегуфт:

— Ин, охир мӯъҷиза аст, рафиқон! Мӯъҷизаи таппатайёр. Не, мӯъҷиза не. Ман намедонам, дӯстон, ин чист? Худатон, рафиқон, як фикр кунед...

Рафиқон акнун фикр карданӣ буданд, ки ба рӯи хавлӣ хабари тоза расид. Хабар расид, ки яке аз ҳамсояҳомон — муаллимаи куҳансоли нафақагир аз хуш рафтааст. Гурӯҳе ба даромадгоҳи мобайни ҳавлии мо даромада рафт. Зане бо шишачаи спирти навшодир аз паси онҳо давид. Баъди дақиқае боз як зани миёнсол бо истакони пур аз қиёми тирарангӣ кадом як гиёҳи шифобахши кӯҳӣ ба он даромадгоҳ даромада ғоиб шуд.

Дигарон сӯҳбатро давом медоданд, чунки ба саломатии муаллимаи куҳансол эътимоди ҳама қавӣ буд: вай такрибан рӯздармиён аз хуш меравад ва зуд ба хуш меояд. Масалан, агар, тӯби бозии бачаҳо худо накарда, ба пойдевори хонае расад ҳам, пиразан дарҳол аз хуш меравад. Ё наберахояш аз райони барои пазирони ӯ бонохост даромада оянд ҳам, муаллима фавран аз хуш меравад...

Сӯҳбати митингмонанди сергалоғула дар рӯи хавлӣ давом мекард.

— 26-сола будааст-а. Иқболи ман катӣ-баробар,— мегуфт яке.

— Аввал бофандагӣ мекардааст! — мегуфт хамсояи девордармиёни мо, зани шохибоф.

— Дар Маскав хозир афташро бо телевизор нишон дода истодагистанд,— бо оханги рашкомез изхори тахмин мекард саввумӣ.

Дар ин асно писарбачаи малламӯе аз ошьёнаи чахорум фарьёд кард.

— Оча, рангдони маро ба кучо мондед?

Баъди такрибан дах маротиба такрор шудани ин савол модараш аз рӯи хавлӣ пурсид:

— Ба чӣ лозим рангдон дар хамин вакт?

— Дадом хат менавиштаанд.

— Хат? Чӣ хел хат?

— Хат-дия. Мактуб, яъне.

— Ба кӣ хат?

— Ба фалакпаймои шашум.

— А? Даррав дадота чеҳ зан!

Дар болохона марди айнакдоре пайдо гардид. Вай челонгари идораи водопровод аст. Марди хубест. Рӯзхои нав ба ин хавлӣ кӯчида омаданамон чароғи хонахо хар шаб худ ба худ хомӯш мешуд ва ӯ ягои бор нозунуз накарда, хар дафъа ба поён фаромада, дуруст мекард. Дар сифати ӯ хамин кадар гӯем кифоя аст, ки яке аз шабхо чароғамон хафт бор хомӯш шуда буд.

— Лаббай,— гуфт монтёри хаваскори мо аз болохона истода, дар холате ки дасташро соябон намуда чашмонашро аз шуои офтоб панах мекард.

— Ба кӣ хат навиштанӣ хастанд ҷаноби шумо? — бо як карашмаи истехзоомез пурсид зан.

— Ба Терешкова.

— Астағфуруллох! Ҷиммакак рафта шинед ба чоятон.

Занхои атроф маҳал бардоштанд:

— Девонагӣ накун, дугона.

— Мои ки нависанд.

— О ин як кори оличаноб-ку?..

Муаллимаи кухансол, ки то ин дам на факат ба хуш омада ва сарашро бо сачоки тар баста баромада, ба тӯдаи занхо хамрох шуда буд, балки аз мазмуни гуфтушунидн зану шавхар хам огох гашта буд, зани челонгарро насихат кард, ки аз рашки бемаъниаш даст кашад ва баъд ба худи челонгар рӯй оварда гуфт:

— Навиштан гир, писарам. Аз мо хам салом бигӯ. Қандата зан ба ҳамин корат, бигӯ.

...Аксари занҳо хона ба хона пароканда шуданд. Рӯи ҳавлӣ холӣ шуд. Ногоҳ аз як тирезаи хонаи рӯ ба рӯ дуди ғализе фавворазанон баромад ва ба дуд омехта садоҳои зерин ҳам берун омаданд:

— Нобарор! Пиёз манкал шуда мондааст-ку,— бо фиғон мегуфт зане.

— Хайр, азизам, ҳеч қисса нест.

— «Хайр, хайр» будааст. О нагуфтам, ки алав баланд нашавад!?

— Баланд нашавад, гуфтӣ-куя...

— Оё нагуфтам, ки оташи газ тез аст?

— Оташ тез гуфтӣ-куя...

Аз хонаи ҳамшафати мо фарьёди зани дигар баланд шуд:

— Одамҳо, тамошо кунед. Ним соат нагузашта, ин мардак хонаро ба чӣ аҳвол расонидааст. Соҷида, биё ҳунари дадота тамошо кун. Оҳ, худоё, ин мардҳо кай одам мешаванд?

Ман акнун фаҳмидам, ки ҳатто воқеаи хуби хушбахтона хам чиҳати манфии худро доштааст. Занҳо ба коннот парвоз кардани Валентина Владимировнаро шунида, гӯё ба лагери алоҳида ҷудо шуда буданд. Дар ҳамаи 71 квартираи хавлии мо ва хавлии рӯ ба рӯи мо дӯғи занҳо баланд буд. Танҳо дар як квартира — дар хонаи Ашӯралии мучаррад харвақта барин оромӣ ҳукм меронд.

Азбаски ҳангоми картошкақаламкунӣ ангуштамро саҳле бурида, бо латта печонида будам, аз тарси он ки сирри ман ҳам ба аҳли ду хавлӣ дар як зум ошкор нашавад, сатили пасмондаҳои ошхонаро бардошта, ба рӯи ҳавлӣ баромадам.

Дар дамгаҳи подъезди мо як гурӯҳ мардҳо сӯҳбат карда менишастанд. Дар гӯшае шоҳмоти бозиаш нотамом мехобид.

— Акнун ба болои 8 март 16 июнь ҳам иди занҳо мешудагист-дия,— гуфт марде ки муддате қабл аз ин ба дарахт часпида, дастархони дар шохи он дармондаро кашола мекард.

— Аллакай шуд,— гуфт челонгари водопровод ва ба атроф ишора намуд.

— Хар рӯз иди занҳо бошад ҳам меарзад,— бо ҳарорат гуфт файласуфи ҷавон.

— Шумо, ука, ҳоло мучаррад,— эътироз кард сохиби

дастархон. — Саратон дута шавад, ана баъд гап мезанед.

Баъзеҳо эътироз карда, суҳани соҳиби дастархонро рад намуданд. Ашӯралӣ аз ин дастгирӣ қувват гирифта, гӯё як сари гардан баланд шуд.

—Рафиқон, дӯстон! — бо ҳарорати одатиаш ба гап даромад ӯ. — Ба каллаи ман як фикр омад. Дар забони русӣ, дар забони баъзе халқҳои дигар «ниман зебои инсоният» гуфтанӣ иборае ҳаст. Дар забони мо, тоҷикон, низ дар сифати занҳо бисьёр-бисьёр суханҳои хушрӯй ҳаст. Аммо ҳаминаш нест. Шумо чӣ мегӯед? Ман мегӯям, ки мо бояд бо ягон воситае, аз ҳаммиллатонамон хоҳиш кунем, ки минбаъд ҳамин суханро ҳам кор фармоянд. А! Чӣ гуфтед?..

Боз аз як сӯ садоҳои таҳсину офарин ва аз сӯи дигар нидоҳои норозиёна баланд шуданд.

Баъдтар, вақте ки ҳамсарам ангушти хунолуд ва латтапечи маро дида, ба таънаву маломат шурӯъ кардани буд, ман дарҳол ҳамон таклифи файласуфи ҷавонро аз номи худам гуфтам.

— Гапатон бечо не,— ҷавоб дод ӯ. — Инро дар ягон сӯҳбати худ қайд кунед, мешавад. Ҳамин ҳел масъалаҳои муҳим-муҳимро бардоштан гиред, ана-мана нагуфта, обрӯятон баланд мешавад.

С. 1963

ОИНАИ НИЛГУН

Дўстони азиз! Аз аввал бояд таъкид кунам, ки ман якумин бор ба студияи телевизион омадаам. Баъзе рафиконам аз ман мепурсанд:

— Барои чй хама ба телевизион баромаданду ту ягон бор чамолатро нишон намедихй? — Холо мехохам аз маврид истифода бурда ба хамин савол чавоб гардонам.

Бори якум ба телевизион баромадан мисли хар коре ки нахустин бор мекунед, як кадар душвор менамояд. Мисол гирем, ягон каси аз дехот омада хатто дар кўчаи серодам агар аввалин бор ба автомати обфурўш наздик шавад, дар дилаш албатта мегўяд, ки «Илохо автоматаш вайрон нашавад-дия», «Илохо ба ягон чоям об напошаддия», ё «Пуламро муфт хўрда, нигох карда нашинаддия»...

Телевизион чизи хуб бошад хам, барои одами баромадкунанда як чихати нобоб дорад. Агар шумо дар мачлис баромад кунед, ё дар ягон хел сўхбат сухан карда истода бошед, аз вачохати мардум равшан мебинед, ки суханатон маъкул шуда истодааст ё не. Агар суханатон ба шунавандахо маъкул шавад, чехраи рафиконатон лахза ба лахза шукуфта, онхо сарашонро ба аломати тасдик ва таквияти шумо тез-тез чунбонидан мегиранд.

Агар суханатон маъкул нашавад, рафиконатон ё паси гарданашонро мехоранд, ё аз шарм сар хам карда хомўш мешинанд, ё худ ба шифти хона чашм дўхта, бетокатона чунбидан мегиранд.

Хулоса, дар сўхбати рў ба рў таъсир доштан ё надоштани сухани худатонро чун дар оина мебинед. Аммо дар телевизион, номи вай оина, оинаи нилгун бошад хам, аз чунин як шароит махрум хастед.

Мо хам дар хона телевизор дорем. Чанд бор дидаем, ки одамони якумин бор ба студия омада худро чй хел нохинчор хис мекунанд. Дар ёд дорам, ки тобистони соли гузашта сардори як сохтмон баромад карда буд. Сохтмони он мардак кафо монда, аз график баромада будааст. Намоиш — намоиши танкидй, ба хаёлам, аз намоишхои «Поправьте, фокус» буд. Дар пахлўи сардори

сохтмон вокеанигорони телевизион нишаста, аз ду тараф ўро саволборон мекарданд. Аз ў талаб мекарданд, ки аз чӣ сабаб ба ваъда вафо накарданашро гуфта диҳад. Ҳаво гарм буд, ҳавои дарунӣ студия, зоҳиран аз берун ҳам гармтар буд. Ба замми ин аз сардор талаб мекарданд, ки дар пеши назари ҳазорон тамошобинон ба айбаш иқрор шавад. Ва ҳол он ки дар дунёё гуноҳи худро ба гардан гирифтан барин меҳнати зўр нест. Хусусан дар пеши назари мардум.

Мардак арақ кард. Як қатра арақи ҷабинаш шорида, ба болои абрўяш фаромад. Вай аз афташ, гумон кард, ки ба қошаш пашша нишастааст. Қош парронид. Нашуд. Боз қош парронид. Эҳтимол, ба вай пешакӣ таъин карда бошанд, ки дар саҳнаи телевизион сар хоридан, пашша «киш!» гуфтан ва дигар харакатҳои ба ин монанд мумкин нест. Бинобар ин бечора мардак гапи худро кайҳо гум карда буду ба хавоси парешон пай дар пай қош мепаронид. Оқибат, қатраи арақ ба рўяш шорида фаромад ва ў акнун аз ҳақиқати ҳол огоҳ гардид.

Бачаҳои беғам ин манзараро дида, чапакзанон ханда мекарданд ва шодиомез фарьёд мекашиданд.

Борҳо дигар дар як республикаи бародарӣ ҳам қариб ҳамин гуна як ҳолатро дида будам.

Диктор ба як муаллим сухан дод. Муаллим ду-се бор сулфа карда гулўяшро афшонид, лабу даҳонашро пок карда, ба сухан тайёр шуд. Аммо бечора нахустин бор ба телевизион баромада будааст, аз шиддати ҳаяҷон овозаш набаромада монд. Диктор табассумкунон: «Марҳамат кунед, сухан ба шумо» мегуфт. Мардак ҳам як чизи лабхандмонанде мекарду гоҳ ба коғази дар пешаш будагӣ менигарист, гоҳ ба сўи тамошобин ва гоҳ ба диктор чашм медўхт. Як дақиқаи хомўшӣ як сол барин кашол шуда гузашт.

Диктор ҷавони бофаросат будааст, дид, ки ба умеди меҳмон кор буд намешавад, коғазро гирифта чашм давонид ва ба муаллим савол дод:

— Шумо мехостед, аз таҷрибаи мактабатон, аз сохаи ҳамкории муаллимон ва падару модарон нақл кунед?

Муаллим «ҳа» гуфта сар ҷунбонид.

Боз диктор коғазро хонда пурсид:

— Шумо мехостед бигўед, ки бо падару модарон мустаҳкам карда шудани алоқаи мактаб ба пешрафти таълиму тарбия мадад мерасонад?

Муаллим боз «ҳа» гуфт.

Ба ҳамин тариқа, диктор аз рӯи коғази муаллим савол медод, муаллим «ҳа» мегуфт. Хайрият, баъди 2 — 3 дақиқа муаллим изтиробашро бартараф карда, худаш ба гап даромада рафт.

Лекин, рафиқон, аз нақли ман чунин хулоса баровардан лозим нест, ки телевизион барои одами якумин бор баромад мекардагӣ фақат нороҳатӣ меовардаасту бас. Не, баромад кардан фонда ҳам доштааст.

Як рӯз ман дар як мачлис сухан карда будам. Мачлис бо телевизион трансляция мешуд. Рӯзи дигар ба кӯча баромадам, ки муомилаи мардум ба ман тамоман дигар хел. Кондуктори троллейбус билетро дода: «Марҳамат, гиред!» гуфт. Пештар ягон бор «марҳамат» гуфтани кондукторро нашунида будам. Вай агар «андак ба пеш гузаред» гуфтанӣ бошад, аз китфам тела медод ё «чаро сутун барин шах шуда мондед? Ҷон доред ё не?» гуфта дӯғ мезад. Аммо он рӯз муомилааш хеле нарм буд, хатто ба рӯям як табассуми нозук хам карда монд.

Сонӣ, худи хамон рӯз, ба сартарошхона даромадам. Усто ношинос буд. Чанд ҷон манаҳамро бурида, харошида, хуншор карда, ёд молид, пахта часпонид.

Баъд атрпошакро ба даст гирифт. Пуфаки атрпошакро як бор пахш карда буд, ки баробари лаввас зада сӯхтани манаҳам як бӯи нофорам ба димоғам расид. Ман чашмамро пӯшида, мунтазир будам, ки усто одеколони бадбӯяшро тезтар пошида, ҷони маро халос кунад. Аммо ӯ дигар напошида, ноҷунбон рост меистод.

— Чашматона кушоед,— амр дод усто баъди ним дақиқаи хомӯшӣ.

Ман чашм кушодам. Усто пурсид:

— Дина ба телевизор баромадагӣ одам шумо нестед?

— Ҳа, дар қатори дигарон ман хам будам, — гуфтам ман.

— Эҳ, эҳ домуллоҷони азиз, хамин гапа барвакттар гӯед намешуд? — гуфт усто ва ба гӯшаи дигари зали калони сартарошхона тозон рафта, як шиша одеколони хушбӯй овард.

Бо телевизион баромад кардан ана ҳамин хел нафъ ҳам доштааст.

Як чӯраи ман таки дари студияи телевизионро порсол тамом охурча карда буд. Рӯзе аз вай пурсидам, ки чаро ин кадар зуд-зуд баромад мекунӣ?

Чӯраам гуфт, ки агар мавзӯи нав ба нав меёфт, хар рӯз бо ҷону дил баромад мекард. Ё агар каду комату

шаклу шамоилаш ба диктории телевизион ақаллан камтар мувофиқ мешуд, касби олимиашро партофта, ба ҳар навъ ки бошад, диктор мешуд.

— О чаро? Сабаб чист? — гуфта пурсидам.

Гуфт, ки рӯзе ки бо телевизион баромад мекунад, хона барои вай ҷаннат мешудааст. Занаш ҳаман ҳамсояҳоро ғун карда мегуфтааст: «Ана тамошо кунед, отаи бачаҳо гап мезанад!». Пас аз баромади шавҳар зан ӯро аз таки дар бо чехраи хандон пешвоз гирифта, то як-ду рӯзи дигар хушмуомила мешудааст. Лекин ҳамин ки вокеа кӯхна шуд, боз баҳсу мунозираи доимӣ сар шуда мерафтааст.

Аз ҳамин сабаб чӯраам диссертацияро як сӯ монда, фақат барои сӯҳбат бо телевизион мавзӯъ мекофтааст материал меғундоштааст.

* * *

Инак, нақли ман ҳам ба охир расид. Ба назарам, аз имтихони аввал ман ҳам гузаштам.

НАХУСТИН НУТҚИ БАНДАФАҚИР

Чанде қабл аз ин ман навъи одамро ба ду қавм тақсим мекардам:

а) онҳое ки нутқ карда метавонанд ва ба манфиати ҷамъият бояд кунанд;

б) онҳое ки ин корро карда наметавонанд ва набояд аз ин нукта заррае ғамгин бошанд.

Рост, дар атрофи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мо, чанд нафар зотҳои ғалатӣ будем, ки дар маҷлис ё ҷамъомадҳо нутқ карданро кори барзиёд ё бефонда мешуморидем. Нависанда, мегуфтем мо, бояд навишта тавонад. Вассалом.

Рӯзе аз рӯзҳо дар идора маҷлиси солонаи иттифоқи касаба барпо гардид. Тасодуфан яке аз рафиқони ман, ки мисли худам ҳеҷ гоҳ нутқ накарда буду дар ин қарибиҳо нияти наттоқӣ ҳам надошт, раиси маҷлис таъин шуд.

Рафиқам бо азобе маҷлисро кушода аз рӯи диктаи атрофиёнаш барои маърӯзаи ҳисоботӣ ба раиси комитети маҳаллӣ сухан дод. Раис маърӯзаашро хонда нишаст. Пас раиси комиссияи тафтишот маърӯза кард. Баъди ин мебоист музокира, чуноне мегӯянд, авҷ мегирифт. Аммо касе сухан наметалабид.

— Кӣ мехоҳад ҳаф занад? — бо овози ларзон ба аҳли маҷлис шармгинона савол дод рафиқи ман. Лекин ҳама хомӯш менишастанд.

Ҳоҳо музокира ба зудӣ сар шуда намеравад, ин аз он, он аз ӯ умед карда менишинанд, ки аввалин шуда сухан хоҳад гирифт.

Дар ин гуна мавридҳо раиси маҷлис одатан ё танаффус эълон мекунад, ё ба соаташ дам ба дам боҷиддиятнигоҳҳо афканда, дар боран тангии фурсат, зарурати тезтар тамом кардани маҷлис ё дигар чизҳо сухан ронда, ба музокира баромадани одамонро метезонад. Е ба яке аз «нотиқони доимӣ» зӯракӣ сухан дода, бо ҳамин даҳони халтаи гапро кушода мепартояд.

Аммо рафиқи ман аз ҳамаи ин санъатҳо бехабар буд ва ба аҳли маҷлис бо як ифодаи афвталабона рӯй оварда бори дигар пурсид:

— Хўш, хеҷ кас намехохад сухан кунад? Пас маҷлисро пўшида эълон мекунем.

Мардум аз сидки дил хандиданд ва баъди ин музокира авҷ гирифт.

Ман хикоятро аз рафиқам сар карда гуфтан мехохам, ки чунин рўз ба сари як касу ду кас наомадааст. Холо рафики ман нотики хуб шудааст ва дар маҷлисхои калон-калон гап зада, хатто услубу сабки ба худ хоси наттокй хам пайдо кардааст.

...Боре моро ба иттифок ҷамъ карда, гуфтанд, ки ба Даҳаи адабиёти тоҷик ба РСФСР меравем. Ман дархол бархоста, рўирост гуфтам, ки ба ин гуна сафари пурмасъулият мувофиқ нестам, зеро шоир нестам, ки шеъре хонда бидиҳам ва чун носир дар умрам боре нутк накардаам.

Муаллим Мирзо Турсунзода гуфтанд, ки хеҷ вокеа нест, хеҷ кас аз шиками очааш нотик таваллуд нашудааст, одамизод ҳар корро ба охистагй ёд мегирад. Пас эълон шуд, ки баъди ду рўз дар зали калони Университети давлатии Точикистон маросими гусели иштироккунандагони даҳа ба РСФСР барпо мегардад.

Ман охиста ба назди Мирзо-муаллим рафта, гуфтам, ки арзе дорам.

— Хўш?

— Умедворам, ки дар ин шаби адабй ба ман сухан намедиҳанд. Бехтар мешуд, ки ман аввал дар хайати раёсати маҷлисхо нишастанро ёд гирам, аз боло ба поён, ба мардуми шунаванда нигох карданро омўзам. Баъд тадричан ба муҳити сахнаву минбару микрофону чарогхои фаровон одат карда ва рўхан комилан тайёр шуда, фақат баъд аз ин ягон рўз нутк кунам.

— Эҳ-ҳа,— норозиёна рўй турш карда гуфтанд муаллим,— аз рўи ин нақшаи ту аввал думи уштур ба замин мерасаду баъд нутки туро мардум мешунидаанд.

Сонй ба чехраи ғамолуди ман нигох карда, гуфтанд:

— Хайр, майлаш, ғам нахўр, як гап мешавад.

Шаби маҷлис дар университет дар катори саввуми хайати раёсат кайф карда менишастаму баромади рафиқонам, намояндагони ҷамъияти пойтахтро гўш мекардам. Хотирҷамъ будам, ки имшаб ба ман сухан нахоҳанд дод.

Банохост садри маҷлис Мирзо-муаллим эълон карданд, ки сухан ба нависанда Мухаммадиев...

Давоми хамин чумла хатто ба гўшам надаромад. Аз хамин сония сар карда дигар худро намедонам, намеши-

носам, дар ёд надорам. Ҳамин қадараш дар хотирам мондааст, ки ба сӯи минбари ялаққосӣ рохравон чанд курсии холии дар сари роҳам бударо болои ҳам афтонидам. Шоҳидон нақл мекунанд, ки ба сари минбар расида, ба ин сӯ-он сӯ нигоҳҳо афканда, даҳ-дувоздаҳ маротиба сулфа кардэ, гулӯи бе он ҳам тозаамро афшонидаам. Сипас рӯймолчаро бароварда, ба ҷои араки пешона ва сару рӯи худ микрофонҳои дар болои минбар қатористодаро муддати мадиде пок мекардаам.

Ҳар замон аз кадом як ҷониби шуурам ширроси киноаппарат ба гӯшам мерасид. Суратгирон чирик-чирик акси бандаро ба лентаҳо сабт менамуданд. Тугмаҳои сурхи аппаратҳои телевизион ба сӯи ман нигаронида шуда буданд.

Як вақт аз дур аз кадом як радиодинамики зал овози худам ба гӯшам расид, ки ҳариф нашиноҳтам.

Ногоҳ чизе ба ёдам расид. Аз китобе ҳонда будам, ки агар нотиқ аз аҳли зал шарм дорад, бояд нуқтаеро, ё дурусттараш, касеро интихоб карда гираду гӯё бо ӯ танҳо ба танҳо бошад, бахузур гап задан гирад.

Ман чунин кардам. Вале студенти интихобкардаи ман, бечора, сарашро торафт ба поён ҳам мекард. Аз афти кор, ё ваҷоҳат ё он чи ки ман мегуфтам, хеле ва хеле шафқатангез буд.

Ҳоло аз мобайн ду-се моҳ гузаштаасту ҳанӯз аз ҳамон нутқи нахустин ягон калима ба ёд оварда наметавонам.

...Маҷлис тамом шуд. Намедонам, кӣ буд, ки аз ориҷам дошта оҳиста бифушурд, яъне гуфтанӣ мешуд, ки ғам нахӯр, қадами аввал лӯкка мешавад. Дигаре: «бад не, мешавад», мегуфт. Ин баҳои тасаллиомез буд ба нутқи ман. Аммо бандафақир хуб медонистам, ки «бад не» ё «мешавад» гуфтанӣ гаҳо ҳаргиз маъноии «хуб»-ро надоранд.

Дар зинаи калон ба муаллим Турсунзода расида гирифтам ва гилаомез гуфтам:

— Муаллим, ин чӣ коре буд, ки кардед? Ваъда додед, ки намебарой, аммо...

— Туро акнун ба дарьё сар додем, ки мустакил шиноӣ, — гуфтанд муаллим ва андоми саволомези маро дида, шарҳ доданд:

— Агар шиновар шудани касеро хоҳанд, дар дарунии дарьё ӯро набояд аз даступо бидоранд, вагарна шиновариро ҳаргиз нахоҳад омӯхт. Мо имрӯз туро ба дарьёи

нутқ сар додем. Бори якум-дия. Камтар об ба дахону биниат даромада бошад, хеч вокеа нест.

...Дар кучахо мастона кадам мезадам. Ба хона баргаштам. Дар руи хавлиамон маро фанчи хамсоябачахо пешвоз гирифтанд:

— Амак, ачаб баромад кардед-дия! Аз хама нагзтар шумо бозй кардед!

— Таго, дар афсонаи «Алибобо ва чихил рохзан» як одами якчашма хаст-ку... Афтатон ана хамон одам бо-рин буд.

— Амакчон, чаро микрофонхоро бо руймол ин кадар пок кардед? Чудо чиркин буданд?..

Дар хона бачахои худам бо чехраи гамгин танхо ва хомуш менишастанд.

— Модаратон канй? — пурсидам ман.

— Баромада рафтанд.

— Чаро? Чи шуд?

Баъд хамсояхо шарх доданд, ки завчаи мухтарама фирефтаи хилаи оддии телевизиони шудааст. Телевизиони метавонад бо навбат гох чехраи нотикро нишон дихад, гох рухсори яке аз сомеонро.

Хангоми нутки фалокатосори ман дар хона хамсоязанони бисьёре будаанд ва телевизиони гох башараи бандафакирро нишон медодааст, ки ба кадом як гушаи зал нигох карда, бидуни сабабе чашмак мезадаам ва кош мепаронидаам, пас аз ин кадоме аз студенткахо — духтаракони сохибчамолеро нишон медодааст, ки пайваста табассум мекардааст.

Ба ошти шудан бо завчаи мухтарама ва баркарор намудани сулх дар оила, ки аз нахустин нутк кариб барбод рафта буд, як хафтаи дигар сарф шуд.

С. 1965

МЕҲМОННАВОЗӢ

Ба хамаатон, дӯстони азиз, маълум аст, ки Дахан адабиёти белорус дар республикаи мо чӣ гуна хуш мегузарад. Худи ман ҳам ҳамрохи чанде аз рафиқони худ бо як гурӯҳ мехмонони белорус ба районҳои Москваю Восею Кӯлоб рафта будам.

Бояд гуфт, ки хеле кабл аз он ки меҳмонони азиз ба республикаи мо биоянд, роҳбарони Иттифоқи нависандагон рафиқон МирзоТурсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Фотеҳ Ниёзӣ ва Боқӣ Раҳимзода моро ба як ҷо ғун карда, огоҳ карда буданд, ки бар иловаи меҳмоннавозӣ, ки аз лутфу карами зиёди анъанавӣ иборат аст, ҳар яке аз мо бояд боз чӣ корҳое кунем. Мо барои хурсандии меҳмон, барои он ки вай республикаи мо, халки он, дирӯз ва имрӯзи онро хубтар дониста гирад, бояд ҳар кори аз дастамон омадаро кунем.

Рӯзи дуюми ташрифи адибони белорус мо ба назди меҳмонхона омадем. Онҳо ношто карда шуда, ба сафар омодагӣ медиданд. Баъд ҳамаашон мувофиқи таъинот дар даромадгоҳи яке аз корпусҳои меҳмонхона ҷамъ омаданд.

Ман меҳмононро аз дур аз назар гузаронида, ба худ фикр мекардам, ки якбора бо ҳамаи онҳо шиносо шудан аз имкон берун аст. Беҳтар ин ки аввал, бо яке аз онҳо ошно бишавам.

Дуруст нигоҳ кардам, ки дар байни меҳмонон як ҷавони хушкадуқомати айнакдоре бо чеҳраи шармгинонае, гӯё худро ҳоло андаке бегона дониста, хомӯш истодааст. Ҷавонмард бо завки баланд ва хуб либос бар тан карда буд.

«Ин одам бояд яке аз зӯртарин адибони Белоруссия бошад» — аз хаёл гузарондам ман ва ба наздаш омадам.

— Бубахшед, шумо ба кадоме аз гурӯҳҳо дохил шудаед?

Мард чизе нагуфта, аз паси айнаки худ ба рӯи ман саволомез нигоҳ карда меистод. Ман хомӯшӣ ва ифодаи чеҳраи ӯро ба тафовути байни забонҳои руси ва белору-

сӣ, инчунин ба талаффузи начандон аълои худам ҳамл намуда, такрор пурсидам:

— Шумо ба Ленинобод меравед ё ба Кӯлоб?

Акнун ӯ табассуми кушоде карду гуфт, ки ба Кӯлоб равонааст.

Фамилияи ӯро дархол пурсидан аз рӯи расму ойини миллии мо ким-чӣ хел ғайри одоб менамуд. Мо меҳмононро динашаб дар аэропорт пешвоз гирифта будем ва дар ғалмаҳалу такудави маросими истиқболгирӣ суратгирҳо низ саросема шуда, дар рӯзномаҳои имрӯза расму номи на ҳамаи меҳмононро акс куноҳидаанд.

Ин буд, ки ман бо ки ҳамсӯҳбат шуданамро намедонистам. Бо вуҷуди он ба адои вазифаи мизбониам шурӯъ намудам. Даставвал аз эҳсосоти худ нисбат ба халки бародарии белорус ва адабиёти пешқадами он гап задам. Нақл кардам, ки шеърҳои Янка Купала ва Якуб Коласро мо ҳанӯз дар мактаби миёна омӯхтаем. Таассуроти худро аз китобҳои Петрусь Бровка, Петро Глебка, романҳои Иван Шамякин, повестьҳои Василь Быков ва ашъори пурназокати Евдокия Лось ва дигарон арз намудам.

Сонӣ ба мавзӯи халки тоҷик ва республикаи Тоҷикистон гузаштам. Мувофики таомул таърихи халки худро ман ҳам аз рӯзи бино шудани дунёё, аз оғози зиндагонии Одаму Ҳавво сар кардам. Дар зимни сухан, ҳамчун ҳаводори миллат ва республикаи худ, гуфтам, ки ҳазрати Одам тоҷик буд, чуики одам ба забони мо одам гуфтанӣ гап аст. Азбаски дар замонҳои қадим доиреи дониши парвардигори ҳаждаҳ ҳазори олам чандон вусъат надошт, вай барои инсони якум номҳои махсус кофта нагашта, одамро Одам гуфтаасту бас. Маълум ки одам бе ҳаво зиста наметавонад, бинобар ин худо ҷуфти ҳазратро Ҳавво номида, бо ҳамин ҷони худро аз ҷанҷоли номҷӯй, номгӯй ва номгузориҳо раҳо кардааст.

Ана аз рӯи ҳамин сабабҳо, гуфтам ман, мо, тоҷикон, худро нахустаҷдоди ҳамаи навъи башар медонем.

Сипас ба ҳамсӯҳбати худ аз таърихи халқ ҳикоят кардам. Зардушти номвар, Авестои хирадманд, пешвои шуҷои суғдиён Спитамени диловарро номбар кардам, аз Абӯабдулло Рӯдаки ва Абӯалӣ ибни Сино, Ҳайём, Саъдӣ ва Ҳофиз шеърҳо хондам ва мазмунан тарҷима кардам; баъд ба асрҳои миёна гузашта, тавсифи Муканнаъ ва Темурмалики баходур, шӯриши Восеи некномро кардам, ки пояҳои аморати Бухороро ба ларза андохта буд.

Ҳангоме ки мо савори мошин сӯи Орҷоникидзеобод рахсипор будем, камина аз Тоҷикистони ҳозира ва оянда он нақл мекардам.

Ҳамсӯҳбатам ҳикояти маро хеле бодиққат гӯш мекард, гоҳ-гоҳе саволҳо дода, шарҳи ин ё он масъаларо ботакрор мепурсид ва дар дафтарчаи худ қайдҳо мекард.

Вақте ки мо ба ағбаи Чормағзак расидем, меҳмононро бинокорони роҳ пешвоз гирифтанд. Ҳама аз мошинҳо берун омаданд. Мо низ баромадем ва ҳамсӯҳбати ман гуфт:

— Барои нақли завқовар ва муфассал ба шумо ҳазор рахмат. Акнун бо меҳмонҳо низ сӯҳбат кунед.

— Яъне шумо чӣ гуфтанӣ хастед? Яъне шумо гуфтанӣ хастед, ки меҳмон нестед?

— Ман мухбири Тоҷик ТА фалонам,— гуфт ӯ ва номи худро маълум намуд.

Гӯё бо путки гароне ба буни гарданам банохост фароварда бошанд, муддатҳо гиҷу гаранг менстодам.

— Пас чаро бармаҳалтар, ҳанӯз дар пеши меҳмонхона нагуфтед, ки шумо низ мизбонед? — пурсидам тақрибан пас аз ним соат ба худ омада.

Ӯ дар ҷавоб гуфт, ки ҳамагӣ ним моҳ қабл аз ин ба Тоҷикистон омадааст ва дар ҒоҷикТА ба сифати мухбир ба кор даромадааст. Табиист, ки ҳар чиз ки ман ба ӯ гуфтам, барои кори минбаъда ва ҳатто ҳозирааш лозим мешавад. Аз ин сабаб ӯ хомӯширо афзал донистааст.

То як рӯзи дигар димоғи ман сӯҳтагӣ буд.

Рӯзи дигар меҳмонони мо дар колхози машҳури аканд Миралӣ* будаанд ва аз он ҷо бо сарулибоси миллӣ ба шаҳри Кӯлоб равона шудаанд. Ҳангоме ки мо ба ҷои мулоқот бо мардуми шаҳр — ба Қасри маданият расидем, хаво торик шуда буд.

Карнаю сурнай, дойраву думбаки истиқболгирандагон, доду фарьёди шодиомези атрофиён чунон баланд буд, ки дар пеши қаср чанд лаҳза касе надонист, ки меҳмон дар кӯчосту мизбон кист. Дар он талотуми ачиб ғайри ихтиёр ҳамин тавр шуд, ки мо, мизбонони барахнасари либосҳои европой пӯшида, ба зали аз одам пури касрӣ бо иззату икром дохил шудему меҳмонони ҷомаву токӣ пӯшидаи мо дар қатори он кӯлобиҳое монданд, ки ба онҳо даъватнома нарасида буд ва мебоист маҷлисро дар атрофи қаср истода, аз радио гӯш мекарданд.

---

* Колхози ба номи Ленин, райони Восеъ.

«Пас на фақат ман фирефтан либос ва намуди зоҳир шудаам. Ин хаторо ҳоло якбора чандин нафар ҳамдиёронам ҳам содир карданд» — гӯён дар дилам таскин меёфтам ман.

Лекин ин иштиҳоҳ, такрор мекунам, ҳамаги чанд лаҳза давом намуд ва дар дақиқаи оянда белорусҳои тоқипӯш — бародарони киромии мо ба ҳавои қӯшқарсаки кӯлобиҳо аз қатори пеши ҳайати раёсати маҷлиси мулоқот ҷой мегирифтанд.

С. 1966

МУБОЛИҒА

Рафиқони арҷманд!

Ман ба шумо аз Тоҷикистон, аз халқи кишвари ман, аз хонандагони тоҷики адабиёти туркман ва аз ҳамқаламони шумо саломи гарму ҷӯшони бародарона овардам.

Ҳамкасбони шумо изҳори орзу намуданд, ки кори Анҷумани нависандагони Туркманистон пурсамар ва бобарор бигзарад, комьёбиҳои калони эҷодӣ насиби ҳар кадоме аз шумо бошанд ва ҳар яке аз шумову ҳамаи халки бародари туркман доимо масрур ва фирӯзманд бошед.

Гоҳе ки маро ба ин сӯ, ба сӯи Ашқобод мефиристоданд, супориши бисьёре ба зиммаам гузоштанд. Гуфтанд, ки аз меҳру муҳаббати онҳо ба шумо нақл намоям, дар бораи Тоҷикистони худ ва адибони он ҳикоят кунам.

Ба ман маълум аст, ки одатан меҳмонони наттокро бо доиран вақт маҳдуд намесозанд ва қариб ҳамаи он чиро ки ӯ мегӯяд, бо эҳтиром ва гоҳо пурсаброна гӯш мекунанд.

Иҷозат диҳед, ман анъанаи деринаро андаке вайрон карда, аз ҳисоби ихтисори фурсат дар баёни суханони расмӣ ба шумо чанд қалима бигӯям, ки ба чӣ тариқа ҳоло меҳмони шумо шудаам.

Аммо бояд эътироф кард, ки дар назди шумо ҳоло меҳмони оддӣ не, балки вакили ҳақиқӣ, ғолиби як мусобиқа, як конкурси басо ҷиддӣ ва душворе истодааст. Гап дар ин ки масъалаи интихоби вакил ба Анҷумани нависандагони Туркманистон дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба тарзи хеле ҷиддӣ муҳокима шуд.

Барои вакил шуда омадан 11 нафар даъвогарон ҷамъ омаданд. Албатта, ҳамаи онҳоро ба меҳмонӣ фиристодан аз имкон берун буд. Инро хатто шахсе ки корҳои бухгалтерия боре ба сараш наафтодааст, ба хубӣ мефаҳмад.

Аз байни онҳо якеро интихоб кардан лозим буд.

Ана дар ин ҷо конкурси аҷоибе оғоз шуд. Ҳар яке аз даъвогарон каробати худро бо республикаи Туркманистон, робитаҳои хешро бо адабиёт ё санъати Туркманис-

тон ба таври номаълум қайд карда мегузашт, то ки ба иззати нафси рафикаш нарасад.

Яке аз рафиқони куҳансоли мо — Дмитрий Константинович Дудкин солҳои дарози умри худро дар Красноводск ва Марв гузаронида буд ва ӯ аз дониши басе фаровони худ дар ин бобат ишораҳо мекард.

Шоир Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ дар охири солҳои чилум чандин моҳҳо ҳамроҳи бинокорони канали Қарақум зиндагӣ карда, дар бораи коргарони сохтмони Тахиятош достони хубе навишта буд.

Ин нукта ҳам дар маҷлис қайд карда шуд.

Баъд ман аз ҷоям бархоста гуфтам, ки, афсӯс, дар бораи Туркманистон ягон чизе нанавишта бошам ҳам, бо ин республика алоқаи хешутаборӣ дорам. Холаи ман дар вақташ духтари худро ба йигити туркман дода буд. Язнаи ман Бешим Чумъаев солҳои сол дар республикаҳои Тоҷикистон (хусусан райони Ҷилликӯл) ва Туркманистон дар вазифаҳои роҳбарии ташкилотҳои партиявию советӣ кор кардааст. Ин ҳамон Бешим Чумъаев мебошад, ки солҳои охир, қабл аз нафақаҳӯри давлатӣ шуданаш раиси комитети иҷроияи Совети шаҳри Сағар-Чага буд.

Лекин роҳбарони Иттифоқи нависандагони мо ба ахбороти ман оид ба алоқаҳои хешутабориам чандон аҳамият надоданд. Дар замони мо ин гуна оилаҳо кам нестанд, мегуфтанд онҳо, аз афти кор, дар дилашон. Оилаеро ки дар он ё арӯс ё домод аз миллати бародарӣ бошанд, дар ҳар кӯча дахтогӣ ёфтан мумкин.

Ман аз андешаи рафиқон пай бурда мехостам илова кунам, ки онҳо онлаи байналхалқии худро ба наздикӣ не, балки чил сол қабл аз ин сохтаанд, аммо дар ин вакт рафики чаҳорумамон ба хондани тарҷимаи шеърҳои Мулло Нафас ва Махтумкулӣ ба забони русӣ сар кард. Вай шеърҳои дилчаспи шоирони бузурги шуморо бо чунон шавқ ва ифодае мехонд, ки чанд сатр аз ашъори Мулло Нафас дар хотири ман сахт нақш баст:

* Я был рабом любви, я был
Её рабом сожжённым жаждой.
Но я бы дважды ей служил.
Когда бы жил на свете дважды»*.

---

* Ман ғуломи ишқ будам, ишки ту.
Дар биёбони фироқат сӯхтам.
Умри нав ёбам, мукаррар мекунам.
Он чи аз ишки куҳан омӯхтам.

(Аз русӣ тарҷумаи Мӯъмин Каноат).

Ман дидам, ки мавкеи ман ҳамчун вакили оянда хеле суст шуда истодааст, бо катъият аз ҷой хеста гуфтам, ки ман дар Ашкобод дӯстони бисьёре дорам. Мо дар Институти адабии ба номи М. Горький дар Москва ҳамрохи Наримон Ҷумъаеви носир, Ҷакали Бердиеви адабиётшиносе, ҳамрохи Отаҷон, Саидҷон ва бисьёр дигар нависандагони хозираи туркман якҷоя зистаем, тахсил кардаем. Расо нисфи адибони ҷавони Туркманистон шахсан рафиқони мананд. Ман наметавонам, ки ба анҷумани онҳо наравам, аз ҳолашон хабар гирифта наоям.

Дар ин асно даъвогарони дигар низ хомӯш наменишастанд. Яке аз хусни Ашкобод нақл карда меҷуфт, ки ӯ таърихи ин шаҳрро дар чанд асри охир хуб медонад ва исбот карда метавонад, ки дар ибтидо номи вай Ишкобод буд.

Дигаре дар хусуси йигитҳои диловари туркман, дар бораи нафт, пахта, аспҳо, қолинҳои дар олам машҳури туркман ҳикоя мекард.

Роҳбарони мо ҳанӯз дудила буданд, ки киро ба сифати вакил интихоб намоянд.

Ана дар ҳамин асно ман далели нави худро оварда, ҳамаро ҳайрон кардам. Ман боз аз ҷоям бархоста гуфтам, ки пештар хоксорӣ домангирам мешуд, бинобар ин намегуфтам, ҳоло бояд рости гапро бигӯям, ки мо сарфи назар аз тафовути синнусол бо Бердиного Карбобоев дӯстони қаринем. Ман бояд ҳатман ба Ашкобод биравам ва бо дӯстам ҳамсӯҳбат шавам.

Ин гапро шунида муаллим Мирзо Турсунзода ба сӯи тиреза нигоҳ карда, маъниидор сулфа карда монданд. Дигарон бошанд, чашми ҳайрат аз рӯям намекандаанд.

Маълум мешавад, ки муболиға на фақат чун санъати бадеӣ, балки дар корҳои амалӣ ҳам судманд истифода мешавад.

Рости, Бердӣ-ого Карбобоев ҳаҷ доранд бигӯянд, ки ҳатто номи ин гуна дӯсти ҷавон аз Тоҷикистон ба хотирашон наомада истодааст. Вале ман боз тасдиқ мекунам, ки мо бо ӯ дӯстем. Солҳост, ки дар Тоҷикистони мо мардум романҳои ӯ «Қадами қатъӣ» ва «Небитдоғ»-ро мехонанд. Носирони ҷавон, аз он ҷумла камина, орзӯе доранд, ки дар эҷодиёти худ ҳамин гуна қадами қатъие бигзоранд, мардуми Тоҷикистони кӯҳсорро бо

ҳамон гуна меҳру муҳаббат ва маҳорати ҳавасангез тасвир намоянд, чи тавре ки Бердӣ-ого кӯҳсори нафт — Небитдоғи худро ба қалам додаанд.

Ана ба ҳамин тариқа, дӯстони киромӣ, ман ғолиби мусобиқаи мураккабе шудам. Бинобар ин дучанд хушбахтам, ки аз ин минбари баланд шуморо табрику тахниҳ мегӯям ва ба ҳар кадоми шумо бахту саодат ва комьёбиҳои калону зебо орзу менамоям.

С. 1965

МИНБАР ВА ҶОРӮБ

Агар донистан хохед, ки аксари ҷанҷолхо дар рӯи дунье аз чй сабаб бармеҳезад, ин саволро ба хар гуна маҳмадонохо дода, сари худатонро гаранг карда нагардед.

Бехтараш рост ба назди Холаи фаррош раведу аз ӯ пурсед. Вай фикру хаёл накарда, хатто паси сар нахорида, дархол ҷавоб медиҳад, ки 240 фоизи ҷанҷолхои олам аз манманй сар мешавад. Ана, масалан, мунозираю муноқишае ки ба карибй нимишабй дар сахнаи клуб бархост, дар назари аввал гӯё аз талоши ҷой сар шуда буд. Лекин дуруст таҳқиқ кунед, неши касофат боз хамон манманиии зормонда.

Аслан ҷои Минбар солхои сол дигар буду ҷои Ҷорӯб дигар ва онхо дар болои ҷой мунозира кардан он сӯ истад, ба якдигар харфе нагуфтаанд, тамоман ногап буданд.

Минбар хо-о ана дар он гӯшаи сахна меистод. Ха, дар пеши мана вай Аппарати сандуқшакле, ки дар рӯяш оинаҳахои гирдаку акрабакҳои бисьёре дорад ва аз қафою аз ду паҳлӯяш симхои рангабаранга баромада, ба хар сӯй кашола шудаанд. Ин сандуқ овози нотикон ё ки артистони ба сахна баромадаро ба худаш кашида, баъд зӯртару баландтар карда, ба карнайхои радио мефиристад. Е агар хохад, ба лента навишта мегирад.

Минбар дар пеши хамин сандуки хушрӯи сехргар меистод ва, росташро гӯем, аз мавқеи худ меболид.

Хамин ки дар клуб ба маҷлис тайёрй сар мешуд, аз хама пеш Минбарро боэхтиёт бардошта, ду-се қадам ба тарафи чап мекӯчониданд ва он гоҳ вай аз пеши сахна ҷой мегирифту шикаму паҳлухои локии ялаккосиашро ба мардум намоиш медод. Маҷлис ки тамом шуд, ӯро ба ҷои пештарааш мебурданд ва ӯ ба девори сафед такья зада, дар оғуши Пардаи зарди махмалини сахна, ки аз сараш навозишкорона чин-чин ва овезон шуда меистод, ба истирохат мерафт.

Ҷорӯб бошад, хамеша дар паси дари қафои сахна, паҳлуи хамсояи доимиаш — Сатили нимдошти пур аз

об менстод. Азбаски дари кафои саҳна аксар вакт яла буд, Чорӯб аз назари одамон пинҳон буд. Рафту агар дар пӯшида ва Чорӯб намоён бошад ҳам, касе ба вай эътибор намедод ва даст ҳам намерасонид. Факат гоҳгоҳе ягон нафар аз артистоне, ки ба клуб барои концерт нишон додан меомаданд (вай ҳам агар ширакайф бошад ва «кондаҳои зидди сӯхторро» фаромӯш карда дар саҳна тамоку кашида бошад) нимсӯхтаи папиросашро ба ин кунчак партофтанӣ шуда, дарро андаке пеш мекашид ва ба Чорӯб назараш афтода:

— Э! Дар ин ҷо Чорӯб истодааст-ку! — мегуфт ва бо вучуди он нимсӯхтаи папиросашро ба сари Чорӯб партофта мерафт.

Азбаски Чорӯб бо хасу хокрӯба сарукор дошт, ҳамеша хоксор буд. Вагарна хуб медонист, ки ӯ Чорӯби оддӣ нест. Медонист, ки онро аз Бурган не, аз Алафи масҷид не, хатто аз сараки Чойҷуворӣ ҳам не, балки аз шохчаҳои сахту мустаҳками Садаи зебое бастаанд. Медонист, ки Чорӯби дастадарози зӯр аст, меҳнатӣ ва асил аст, бо вучуди ин хоксор буд. Лекин, рости гапро гуфтан даркор, вай ҳам гоҳо аз тақдири худ ба андеша мерафт.

Боре, ӯ аз ҳамсояаш Сатил пурсид:

— Агар Чорӯб набошад, аҳволи ҳавлиҳо, хонаҳо, клубу саҳнаҳо чӣ мешуд?

Сатил муддате хомӯш истоду баъд дастаи симини худро саҳле чунбонида садо баровард:

— Агар Об ва Собун намешуд, аҳволи одамон чӣ мешуд?

Чорӯб ҷавоби саволашро аз ин савол дарьёфт. Дар воҳеъ, тақдири Обу Собун ҳам ба тақдири ӯ монанд. Агар онҳо намешуданд, эҳтимол, мардум чунон ба зери чирк мемонданд, ки рафта-рафта якдигарро шиноҳта наметавонистанд. Аммо бо ин ҳама хизмат Обу Собун барои чизи арзон нест.

Хо, ҳамдаму ҳамсӯҳбати наздиктарини Чорӯб шабҳои дароз ҳамон ҳамсояаш — Сатили нимдошти назарногир буд. Касбу кори ҳардуяшон ҳариб як буд. Холаи фаррош ба Сатил об оварда, ҳар замон латтаи гардпоккунаки худро мешуст. Баъди кор оби чиркини онро ба берун бароварда мепартофт ва Сатилро шуста, аз оби тоза пур карда мемонд.

Гоҳе ба сӯҳбати Чорӯб ва Сатил Об ҳамроҳ мешуд.

Аммо об ниҳоят камгап буд. Фақат аҳьён-аҳьён ба ғуфтугӯ шарик шуда, танҳо як ду калима мегуфту бас.

Яке аз рӯзҳо Холаи фаррош Сатилро беоб монда рафт. Хамаи он рӯз ва тамоми шаб Сатил малул ва парешон буд. Ҷорӯб, ки он вақтҳо наппа-нав ва хеле ҷавон буд, аз хомӯшии ҳамсояаш дилтанг шуда гуфт:

— Чӣ ин қадар ғусса меҳӯрӣ! Аз будану набудани ҳамон Оби дамдузд чӣ нафъ ё зарар! Охир, бошад ҳам рӯзҳои дароз ягон даҳан гап намезанад-ку!

Сатил аз рӯи одаташ муддате ба хаёл рафту ниҳоят гуфт:

— Ту Обро аз наздик надидай. Хуб намешиносӣ. Бехуда ғайбат накун. Оё касе ё чизеро дидаӣ, ки аслу насабашро иснод оварда, муддатҳои дароз худро ситоиш накунад! Не, ҳама худро ситоиш мекунанд. Аммо Об ба ман ақаллан боре нагуфтааст, ки «ман аз сари кӯҳҳои баланд, аз зери абрҳои паранд меоям». Як маротиба аз ӯ пурсидам, ки чаро аз пайдоиши худ, аз саёҳатҳои дар гирди одам кардаат, аз хизматҳои худ ҳарфе намегӯй? Гуфт: «Ба дунёё омадаам, ки то қатраи охирин хизмати мардумро ба ҷо оварам. Хизмати ман ҳикояти ман аст...»

Ҷорӯби ҷавон ба ҳичолат монда буд. Рӯзи дигар ӯ ба сари Сатил ҳам шуда, ба рӯи Об нигоҳ кард. Нигоҳ карду андоми худро дид. Хусни худро дид, нуқсашро ҳам дид ва аз гапи дирӯз гуфтааш сахт пушаймон шуд.

* * *

Пагоҳии ҳамон рӯзе ки дар анҷомаш миёни Минбару Ҷорӯб ҷанҷол барпо шуд, Холаи фаррош хеле хушҳолу хушбахт буд. Гӯё ҳуми пур аз тилло ёфта бошад, ё духтараш якбора се писар зоида бошад. Вай аз хурсандӣ андак телба-телба кор мекарду охир ҳам аз шитобкорӣ Сатилу Ҷорӯбро дар пеши саҳна, дар паҳлӯи Минбар монда рафт.

Тирезаҳои баланди ҳар ду тарафи зал яла буданд. Бод дар сар то сари клуб озодона сайр мекард. Пардаи маҳмалин бо домани нарм ҳар замон ба паҳлуҳои Минбар расида, ӯро навозиш менамуд. Ба назари Ҷорӯб чунин менамуд, ки онҳо ҳар ду бо ҳам пичирросзанон ва ва ба сӯи ӯ нигоҳҳои тамасхуромез афканда, ӯро мазоҳ мекунанд. Дар вақеъ ҳам Минбар худро яктарафа гардонда менишот. Ҷорӯб ба ин ҳол аввал эътиборе надод.

Чунки пештар хам, вакте ки Холаи фаррош сахнаро рўфта-рўфта ба Минбар наздик мешуд, баъзан Чорўб ба худ ахд мекард, ки садкаи сар, ба Минбари хавобаланд аввалин шуда салом медихад. Аммо вачохати пурғурури ўро дида, аз нилташ мегашт. Дар рўи Минбар гўё ошкоро чунин нфодае навишта шуда буд, ки: «Хар кас бо хаммартабаи худ сўхбат мекунад, яъне, кунад хар чинс бо хамчинс парвоз, кабўтар бо кабўтар, боз бо боз».

Лекин он шаб каттагии Минбар рафта-рафта ба Чорўб алам кард. «Охир, мегуфт вай худ ба худ, мардуми дар зал нишаста метавонанд гумон бикунанд, ки Минбар чизи пурраю бамағз аст. Лекин мо на як бору ду бор аз пасаш дидаем, ки даруни вай холист. Усто онро аз фанери оддй сохтааст. Факат хамин кадар, ки устокорона ранг карда, чунон раххои ачонбу ғаронб кашидааст, ки гўё он аз фанери тунук не, аз чўби ғаронбахои булут, ё ақаллан аз чўби асили санавбар сохта шуда бошад...

Чорўб ханўз фикру андешаи худро ба охир нарасонида Минбар бо карохат бонг зад:

— Ту чаро ғурунг-ғурунг мекунй?

— Ман ба шумо чизе нагуфтаам. Бо хаёли худ банд хастам.

— Хм, «Чаноби Чорўб бо хаёли худ банд хастанд!» Ха-ха-ха! Мардум, маза кунед, Мулло Чорўб ба андеша рафтаанд! Исто, ки ту чаро дар ин чо пайдо шудй?

— Ман? — бо хайрат пурсид Чорўб.

— Ха, ту! Туро гуфта истодаам!

— Ман ба пои худ наомадаам, маро Холаи фаррош ин чо овардааст.

— Авлиё оварда бошад хам, каш аробаатро!

— Чаро?

— Аз ту бўи хок меояд.

Чорўб лахзае чй чавоб доданашро надониста хомўш монд. Вай нагз намедонист, ки аз ў дар хакикат бўи хок меояд. Дар паси ў Аппарати сандукшакл хомўш менстод, зеро то даме ки сими ўро ба чараёни электр напайвандаид, вай ган зада наметавонист.

Нихоят, Сатил дастаи худро чарангос зананида хомўширо вайрон кард:

— Хой Минбар, шарм намедорй, ки аз бўи Хок хазар мекунй! Мо хама аз оғўши Хок баромадаем ва ба

оғўши Хок меравем. Аз ту бўи Лок меояд, вале мо чизе нагуфтем. Магар бўи Лок аз бўи Хок бехтар аст?

Дар ин ҷо мунозиран ором ба поён расид ва кор ба занозанй оид шуд.

* * *

Пагоҳии дигар Холаи фаррош бо ёрии дуредґар ҷуссаи харошидаву ханҷоршуда ва шалаку абгоршудаи Минбарро, ки дар поёни сахна чаппа шуда мехобид, бардошта, берун баровард. Пас аз дақиқае ба сахна баргашта, ба сўи Ҷорўб, ки аз чанд ҷои дастаи дарози ҳамвораш парахаҳо хеста менстоданд, маломатомез нигоҳе партофта гуфт:

— Кори наґз нашудааст... — боз дақиқае ин сў-он сўи сахна ҷунбуҷўл карда илова намуд: — Лекин ҳаккаш ҳамин. Агар усто дуруст кунад, дигар фаромўш намекунад, ки Минбар бо нотиқ баланд аст.

ФЕЛЬЕТОНИ ЗЎР

Ходӣ ба сафар баромад. Ба яке аз колхозҳои навбуньёди заминҳои навкорам мерафт. Пиразане, ки шавҳар ва як писарашро солҳои ҷанг талаф додааст, аз болои раиси сангдил шикоят кардааст. Сарлавҳаи обдор, сатрҳои хашмолуди фельетони ояндаро пеши назар меоварду дилаш аз ифтихор моломол мешуд. Ӯх, чӣ хел боб хохад кард раиси аз худ рафтагия!

Ба ин гуна сафарҳо Ходӣ одат кардааст. Лекин сигналҳо, яъне номаҳои шикоятии пештара ин хел тезутунд набуданд:

«Устои цехи лимонад қанду шарбата так зада-так зада, аввал хавлии дакаданг сохт, сонӣ «Жигули» харид».

«Бухгалтер хуччати қалбакӣ сохта, пули нафақая ба чигилдон зад».

«Директори мактаб нисфи ангишта ба хонаи қайсингилаш фаровард».

Инҳо хам сигналҳои ганда не, аммо ба раиси фиреб-гар баробар шуда наметавонанд. Ин раис, аздусар, одами атак-патак набудагист. Фактҳо тасдиқ шаванд, маҳал калон шуда меравад. Охир, як зани нафақахӯри муштипара масхара кардан, фанд задан оё гапи андак аст? Хозира раисҳо хама одамони кордон, хондагӣ, маданӣ. Вай пештар буд, ки дар як районча то сӣ-чил адад колхоз буд, хамин қадар раис хам буд. Дар миёни онҳо одамони чаласавод хам ёфт мешуданд, хаминхелашон хам буданд, ки намедонистанд об аз боло меояд ё аз поён.

Ходӣ яке аз аввалин сафарҳояшро ба собиқ райони Роҳатӣ ба ёд овард. Аз он рӯзҳо кам не, мӯл хам не, расо сӣ сол гузашт. Дар самти шарқи Душанбе, он чое ки холо анборҳои «Точиксельхозтехника» воқеанд, колхози «Нишони Сурх» буд.

Пурсида-пурсида идораи колхозро базӯр ёфт. Вай зери чинори калон, дар як кулбаи танги фаршаш гилими даҳар-буғур чой гирифта буд. Дар хона се мизи шалақи ранги алвонҳои рӯкашаш шуши буз барин кандагӣ ва

сиёхнолуд менстод. Дар сари яке аз мизхо пирамарди кўсан айнакй нишаста, ба дафтари ғафс бо чадвал хат мекашид.

— Ассалому алайкум,— гуфт мухбир.—Акаи раис хастанд?

Мардак хам ба салом, хам ба савол бо як каллачунбонй чавоб дод.

— Канй раис?

Мард сар бардошта, ба сакфи хона нигохе кард, боз ба кораш машғул шуд.

— Мебахшед, падар, ман пурсидам, ки акаи раис дар кучоанд?

Мардак боз ба сакф ишора намуд. Ходй акнун фахмид, дар дахани хисобчй нос, бо ишора гуфтанист, ки раис дар болои бом. Ходй берун баромад, вале дар атрофи кулба на зина менамуд, на акаллан нардбоне. Наход раис ба шохи дарахт часпида, болои бом баромада бошад? Нихоят, хисобчй носашро туф карда берун омад. Аз паси раддаи чуворимакка нардбони сабукеро кашола карда овард.

— Акаи Хамро гуфта буданд, ки ягон соат халал нарасонед. Кори мухим дорам. Ду соат шуд, мехмон, бароед.

Раис болои кўрпача ёзида, ду тонна кунчораро ба хаждах сар медагову саду навад сар бузу гусфанди фермахояш таксим кардааст. Акнун сухбат кардан мумкин буд.

— Мо сивусе гектор пахта дорем. Ана хамааш дар хамин чо,—ба атроф даст ёзонида гуфт акаи Хамро.— Се биргад. Мана пешкадамаш, хо-о ана, аврати куртасафеда дидед? Сардорашон Зухро Каландар, хавай. Саввум бор об дода истоден. Мана ваяш биргади ду, андак кафо. Лекин баъди пешин дастам холй, худам рафта, ба каландаш ёрмандй мекунам, расида мегирад. Биргади се хам ука айбй не. Нисфи заминаш ин, нисфи дигараш хо-о дар он сўи рох. Худатон дидед, шона бастагй. Иншоолло, имсол биступанчтагй мегирем аз хар дектор.

Ногох раис аз чояш нимхез шуда, кафи дастонашро карнайча карда, фарьёд кашид:

— Хошимбой! Хо, Мулло Хошим!

— Лаббай, раис!—аз байни полез, ки такрибан сад метр дуртар буд, чавоб омад.

— Мехмон! Якта тарбуз! Чаккон!

— Читариш? Калон ё..?

— Миёнатараш,—дод гуфт ранс ва узромез ба мухбир нигарист, ки яъне ту, мехмон, ханӯз чавонӣ, ба ту тарбузи майдатар хам кифоя.

Мактуби шикоят дар бораи кунчора буд. Чорвои колхозхои хамсоя кунчора мехӯрад. Аз они «Нишони Сурх» аз холабеғамии ранс факат коху алаф. Ин масъала акнун хал шудааст ва Ходӣ аз ин хусус савол надод.

Сӯхбат тамом шуд. Мухбир шаходатномаро ба ранс дод, ки омадурафташро кайд кунад, мӯхр занад.

— Хати ман ука хушрӯ не. Худатон нависонед, имзо мекунам,—гуфт акаи Хамрэ.

Вай курта-эзори кадима дар бар дошт. Аз нифа мӯхри колхозро бароварда, туф кард, бо ангушташ молиду ба шаходатнома пахш кард...

Ана хамин хел буданд колхозхо. Рансхошон хам ба худашон муносиб, фикр мекард Ходӣ ба хавои чунбиши автобус алвонч хӯрда. Акнун як райони пештара ба ду колхоз таксим шудааст. Хазорон гектар пахта, ғалла, боғу ток, чарогох. Миллион-миллион сӯм даромади яксола. Якта колхозӣ мо баъзе давлатчахои Европаро ба ним нӯл мезанад.

Сардори ин хел хочагӣ бояд чӣ гуна одам бошад? Ба хама ғамхор, парастор, додар-бародар бошад. Рансе ки як пиразани мӯи сараш бо мехнат сафедшударо озор медихад, чӣ гуна махлук аст? Онаи зори ин хел зоти шарифа нишон додан даркор, ки ба дигарон ибрат шавад.

Муаллифи мактуб дар вокеъ пиразани хафтодсола буд, аммо ханӯз бардам, чустучолок, дандонхояш биринч барин. Дар дехаи навсохте мезист. Катор-катор иморатхои планиии бархавэ, кӯчахои фарохи мумфарши ду канораш нихолзор.

Кампир ба назди Ходӣ дастархон кушода, худ ба ғап даромад:

— Аз ғунохи мани пир ғузаред, писарам. Хама ғӯянд, ки Шарифа-хола зани батамкин ғӯянд, баакл ғӯянд, не ғӯед, бовар накунед. Сабукӣ кардам ғӯед, писарам, сабукӣ.

— Нодуруст навиштед?

— Не, нодуруст хам не, ғӯед, аммо саросема шудам, ғӯед, писарам. Хазор рахмат ба давлатамо, ғӯед, ба колхозамо, хонахои нав доданд, чанната худаш, ғӯед, хама

чиз хаст: боғ, хонаҳои барҳаво, тоза, иликтир, гӯед, газ. Қисса, гӯед, интарӣ шуд, ки гӯед, як рӯз радиё гузарониданд, радиёи, гӯед, симин. Шодӣ кардам, дар қишлоқи кӯҳна гӯед, интарӣ радиё набуд. Саҳарӣ хеста, гӯш андозам, гӯед, физкультур. Қанӣ боз чӣ мегӯд, гуфта, гӯед, гӯш кунам, вай... Ҳоло нэмаш... субҳи пиёнир. Дилам, гӯед, сип-сиёҳ шуд. Ба ман, писарам, физкультур, гӯед, чӣ лозим? Чақ-чаки пиёнирбачаҳо ҳам, гӯед, ба худашон насиб кунад. Исто, радиёи калонҳо чӣтарӣ бошад, гуфта, гӯед, ба хонаи раис рафтам. Аз пушти панҷара гӯш андозам, гӯед, кансерт. Зормонда гумонам рост баромад, гӯед. Ба хона омадам, ки аз радиёи ман як занак, гӯед, маслиҳат медиҳад, ки читарӣ хӯрокҳоя, гӯед, хӯрдаӣ даркору читариша не. Боз, гӯед, ба хонаи раис рафта гӯш андозам, ҳоло ҳам, гӯед, кансерт. Оташин шудам, гӯед, хат навиштам, ки раис мани мӯйсафеда масхара кард. О вая дар кӯдакиш дар ун қишлоқамо худам дар ясли калон кардам. Аз модари худаш, гӯед, зиёд. Фиғонам баромаду навиштам, ки раис мана фанд зад. Мани сарсахт ду рӯзи дигар тоқат мекардам, мефаҳмидам, ки, гӯед, радиёи симин, гӯед, ҳамаш як. Аз гунэҳам гузаред, писарам, ба идорааҳон ҳам гӯед, ки кампир, гӯед, пушаймон, узр, гӯед, мехоҳад...

Ҳодӣ бо дасти холӣ бармегашт. То нимаи роҳ ғамгин буд, ки фельетони зӯр набаромад. Сонитар таскин ёфт, чунки вай ҳам одами ҳозиразамон буд ва ақидае дошт, ки беҳтарин фельетон ҳамон аст, ки ба чоп шуданаш сабаб набошад.

С. 1977

УСТО ГАРАЖ

Ҳозир ба гуфти бобом, кучука занӣ, болои мошин меафтад. Баъзе ҳангоматалабҳо ба сари оташдонашон мошинсавор мераванд.

Ман ҳам мошин харидаӣ шудам.

— Аввал зан гир,—гуфт бобэм.— Мошин гурехта намеравад.

— Зан ҳам гурехта намеравад,—гуфтам. Бобом хап шуда монд. Чунки бо модаркалонам чилуду сол боз зиндагонӣ мекунад, бибиам ба чое нагурехтааст. Баръакс чанд бор аз худаш айбе гузаштаасту аз дӯгу дашноми очакалонам гурехта, дар хонаи мо чон ба саломат бурдааст.

Хуллас, ки «Жигули» харидам. Аз арзонтараш, аз панчунимҳазорнаш. Ба мошин гараж даркор. Инро пеш ҳам медонистам, лекин мегуфтам, ки як гап мешавад. Мошин нахарида, гараж созонам, чӯраҳо механданд: аз пода пеш чанг кардӣ; оба надида, мӯза кашидӣ; бача дар сафар, номаш Музаффар, пӯла буд, шӯла буд... Ба гап чома мепӯшэнад ҳамааш, хусусан Ориф, Исмоил.

Масъалаи гараж ба худатон маълум. Масъала не, санги хоро, муаммои дандоншикан. Куттии оҳанин созонда, ба ягон чо монед, ичозат даркор. Талаботи архитектура, фалон, бисмадон. Бе ичозат созед, даррав комиссия пайдо шуда, акт мемонад, мошини ахлоткашон бардошта бурда, ба тӯдаи металлпорахо меғурронад.

Акаам дар Ҳисор муаллим, ҳавлӣ дорад. Дарвозахонааш гаражи тап-тайёр. Аммэ дур, бистучор километр, охир.

— Дар шахр ягон хеши баобрӯи ҳавлидорат нест?— пурсиданд чӯрахо.

— Ҳаст, Малика ҳавлӣ дорад, духтари холаам.

— Ба чӣ ҳамая гаранг мекунӣ? Дар ҳамои чо гараж созон, вассалом.

Ба чӯраҳо ҳар гапа гуфта намешавад. Аз Малика то ҳоло кам-кам метарсам. Рафту ягон гапи сахт гӯяд, як хафта димоғам дуд мекунад. Солҳое ки ҳардуямон дар як синф мехондем, мана бисьёр азоб медод. Шумо дух-

тарчаҳои шаттоҳи ҷангарая надидаед, ки бо муштамзӯрӣ ҳамая зеридаст карда бошанд? Бандаи хушбахт будаед. Аз Малика ҷариб ҳар рӯзи худо шатта меҳӯрдам. Кори фармудаашро ичро накунам, даррав гӯшама тоб медод. Чунон сахт тоб медод, ки ким-кучои мағзи сарам шарақкос зада мерафту аз чашмам ҳам об мебаромад, ҳам алав. Рӯзе дасти якдигара дошта, бозикунон аз мактаб меомадем. Димоғам чоқ буд, димоғи Малика ҳам чоқ. Ба чӣ ҳаёл рафта, гуфтам, ки калон шавем, ману ту зану шӯ мешавем. Чӣ гуфтӣ?—гуфтам.

— Кай калон мешавем?—пурсид вай дастама сар дода.

— Кай? Баъди се рӯз синфи дуввума тамом кунем,—гуфтам. Дигар чиз гуфта натавонистам. Малика дар кунчи портфелаш барои бозӣ доимо ду кило барин сангчаҳои рангоранг бардошта мегашт. Ана бо ҳамон портфели вазнин чунон кӯфт, ки варами чашмам баъди дах рӯз гашта бошад ҳам, кабудиаш то чиллаи тобистон нарафт.

Ин гапҳоя ба ёд овардаму ба чӯрахо гуфтам:

— Хонаи Малика ҳам дур. Ними Хисор барин. Дар охири маршрути автобуси 18.

— Э содда, автобус бошад, шуд-дия. Дар як соат ба гараж мераси.

Ба хонаи Малика ҳамрохи бобом рафтем, чунки вай ба Малика ҳам бобо. Бобом аз дур даромад карда омад. Ҳӯ-ӯ як шеър хаст-ку дар бораи дӯст? Дӯсте ки гирад дасти дӯст дар парешонҳолию... боз чӣ... Ҳа, дар парешонҳолию дармондагӣ. Ҳамун шеъра хонд. Соӣ гуфт, ки Нур дар наздикихои хонааш гараж созад, иморати нав ба ту мемонад, ошхона мекуни, ё анборча, ё дигар чиз.

— Ба мо анборча-манборча лозим не,—гуфт Малика.—Акаам (вай мана ака меӯяд, акнун аклаш даромадааст)... акаам мошин харидааст, ману ин кас (шавхараша гуфт) хурсанд. Ҳавлӣ калон, ҳар чӣ хохад, сохтан гирад.

Баъди мошинхарӣ бобом аз нафакапулиаш андак-андак ёрдам мекард. Дар зиёфате ки ману ӯ аз ҳамон пул оростем, маслиҳат пухт.

— Ҳашар карда, гараж месозем,—карор доданд чӯрахо.

— Аздусар пул даркор,—гуфтам бо умед ба сӯи бо-

бом нигоҳе афканда. Лекин ӯ бо шона задани ришаш машғул буд.

— Ҳаракату баракат. Ту сар кун, он тарафаш осон,— гуфт Ориф.

— Усто даркор не. Ман ҳастам,—гуфт Исмоил.

Дар лабораторияи мо ҷавони аз ҳама бадаступо ҳамин Исмоил аст. Чойники электр вайрон шавад, дарҳол дуруст мекунад. Чароғ ноғоҳ хомӯш шавад, дар як зум соз мекунад. Дастаки дар канда шавад, зуд ба ҷояш мечаспонад. Рост, ки як бор дастакро чаппа часпонида буд, вақти даркушой ҳар дафъа дастамонро ба пахлӯдарӣ зада хуншор мекардем. Лекин ба ҳар ҳол часпонида метавонад. Якта ғалладони мизаш пур аз амбӯру болға, меху гайка, симу симчаҳо.

— Гараж сохтан ҳеч гап не,—гуфт Исмоил.— Ман хона сохтаги. Оламоро!

— Кай? Кай хона сохтӣ, рӯт снёх!—гуфт Ориф, ки дар қарибиҳои Исмоил, дар болотари Водонасос, дар камари кӯҳ мезист.—Ба чӣ дурӯғ мегӯй? Вай катаки мург-ку?!

— Катак ҳам хона, хонаи мург,—паст наомад Исмоил.—Худат якта катака рост кун, сонӣ дигарҳоя айб мекунӣ.

Бобом ба мобайн даромада, баҳсро хотима дод. Қарор шуд, ки шанбею якшанбеи оянда ҳашар. Чаҳор чӯра гараж месозем. Бобом сармушовир, яъне маслиҳатгари калон. Лекин пешакӣ рафта, ба ибораи Исмоил, бояд план кашем, смета созем.

— Ҷои соз, оламоро!—гуфт Исмоил.—Ду девори гараж аллакай тайёр. Пушти хонаи ҳамсоя—девори қафо мешавад. Девори тахтагини байни ду ҳавлӣ ин мешавад — девори чапи гараж. Бом даркору халос. Чор сутуну чор болор кифоя. Қамтар вассаю дастак. Ду тӯб толь, вассалом. Гаражи зӯр мешавад. Оламоро!

Саҳари шанбе Исмоилро аз хонааш ба мошин савор кардам. Як сандуқ арраю тешаю табару болға дошттааст, ба бағоҷмонаки мошин бор кард. Аз як ҳуди ранда сета.

— Ин кадар ранда чӣ даркор?—пурсидам ман, ки дар таки дил аз кордорихои чӯраам хурсанд будам.

— Ҳар кадомаш вазифа дорад, махсус ном дорад: дастранда, хасранда, харранда ва ғайра,— гуфт ӯ дар ҳолате ки маро лоиқи назар надониста, ба ким-кучоҳо менигарист.

Кори бемаслиҳат накӯ н-эяд, гуфта, барои мех харидан панҷкаса ба магазини молҳои рӯзгор даромадем. Аммо Исмоил ба маслиҳат эҳтиёҷе надошт. Савдои ӯро дида, чашми ҳама мош барин кушода шуд.

— Не, ин намешавад,—мегуфт ӯ ба фурӯшанда бо қиёфаи андешамандонаи дуредгарони таҷрибаноки номдор.—Ба мо мехи ҳаштод ва садупанҷоҳмиллиметрӣ даркор. Мехи заводи Свердловск бошад, боз бехтар. Нағз мегазад. Оламоро!

Кор сар шуд. Мо чоркаса (ҳамроҳи язна, шавҳари Малика) барои гӯр кардани сутунҳо замин мекофтем, чӯб арра мекардем ва ҳоказо. Малика дар ду дег ду хел таом мепухт. Исмоил қалами бунафшро ба пушти гӯшаш халонида, дасту остин барзада, моку барин ин сӯ он сӯ мегашту амру фармонҳо медод. Ба нӯки ресмон сангеро баста, шоқул сохт. Ҳангоми сутунгӯркунӣ сад бор маҷбур мекард, ки шоқулро аз ин тарафу он тарафи сутун овезон карда, ба ӯ нишон диҳем. Дуртар рафта, як чашмашро пӯшида ва дигарашро нимкоф карда, дурудароз ба сутунҳо нигоҳ мекард.

— Ба чап, ба чап, гуфтам, кар-мӣ шумо ҳамаатон, боз андак ба чап, шу-уд, акнун ба пеш, ҳэ боракалло, оламоро! Ана ҳамту дореду шах шавед, сутун начунбад. Илми мувозинат гуфтанӣ чиз хаст дар олам,—таълим медод ӯ.

Бобом соате ба кори мо назора карда истоду гуфт:

— Писарҳо, ман даркор набудагӣ барин. Ба Роҳат меравам (чойхонаро мегуфт). Барака ёбад Исмоилҷон, устои дуруст менамояд, кораш пухта.

Пешинӣ дар сари таом қариб ҷанҷол хеста буд.

— Ман дар хона чои 95 менӯшам. Оламоро! — гуфт устои мо.

— Шарм намедорӣ?— шӯрид Ориф.— Ин чэ, охир, хонаи худат не, аз они очакалонат ҳам не.

— Аз кӣ шарм дорам?— эътироз кард усто.— Ҳама азони худӣ.

Ориф боз чизе гуфт. Сонӣ боз усто гуфт. Язнаам ба миёна намедаромад, хархаша калон мешуд. Вай аз кадом ҳамсояаш як каф чои 95 қарз гирифта омад.

Бегоҳӣ усто гуфт:

— Ба мизоҷи ман лимонад намефорад. Ба шоҳамбарӣ одат кардагӣ. Оламоро!

Зуд рафта, аз ресторани «Укьёнус» як тӯрхалта оби Шоҳамбарӣ овардам. Шунида будам, ки устохои асил

сернозунуз мешаванд. Хэхиши Исмоил аз даҳонаш набаромада ичро мешуд.

Рӯзи якшанбе гаражи айвоншакламон буд шуд. Майдончаи бинокория тоза карда, «Жигулия» ба гараж даровардем. Сонӣ чаҳоркаса усто Исмоила рӯи даст гирифта, бо тамоми овоз «ура» гӯён ҳафт маротиба ба сарамон бардоштем.

Рӯзҳои истироҳат ба саёҳат мерафтем. Дар бадали чанд ҳафта дар дарахои Варзобу Ромиту Алмосӣ, дар Файзободу Нораку Боботоғ чои надидаю гӯшаи ғелназадаамон намонд. Гӯгирд лозим шавад, мошинсавор мерафтем. Малика хам аз гараж хурсанд буд. Сабзӣ-пиёзи рӯзгори ӯро акнун ман мекашондам.

Сентябрь расид, боронӣ аввалин борид, як сахар дар «Икарус»-и тиққа-тиқон аз тугмахо чудо шуда, ба гараж рафтам, ки ба афту андоми мошин нигоҳ карда намешавад. Гӯё ба ботлоқ андохта, бо хавсала хуб чӯлонида, баъд дар офтоб хушконида бошанд. Маълум шуд, ки тольро ба рӯи бом чаппа пӯшонидаем, яъне аз нишеби бом ба боло не, баръакс аз боло ба поён мехкӯб кардаем ва оби борон чанги фаровони бомро шуста, аз таркиши толь ба рӯи автомобиль шоридааст.

— Ҳеч воқеа не,—гуфт усто Исмоил рӯзи ҳашари дуввум.—Об рӯшной гуфтаанд.

Сонӣ боз борон борид ва ин дафъа маълум шуд, ки рӯзи ҳашари такрорӣ чаҳоркаса болои бом баромада, ҳангоми канда аз сари нав задани толь бо пойафзоли худ тахмин чил чояшро сӯрох кардаем.

— Ҳеч воқеа не,—гуфт боз усто.— Дар олам коре нест, ки аз дасти одамизод наояд.

Шанбеи навбатӣ ҳашари саввум эълон шуд. Бо нишондоди усто аз сохтмоне як лӯндаи дупудии қатрон оварда, аз хишт оташдон сохтем ва дар лагани ҷомашӯии Малика об кардем, баъд онро кисм-кисм ба сатил бардошта, бо чойкаше гирифта бар болои сӯрохиҳо рехтем.

Вақти аз ҳавлӣ баромаданам Малика миқдоре пулро ба дастам каппонда гуфт:

— Лагану сатилу чойкаши нав биёр. Барои тоза кардани ин қатрон умри Нӯҳ даркор. Гир, гир, хозир ту кисакасал, медонам.

Ночор гирифтам. Замин намекафид, ки дароям, аммо дар як гӯшаи дилам шодӣ мекардам: чӣ хел нағз, ки духтари холаам калон шуда, аклаш даромадааст, замо-

ни пеш мешуд, чизе нагуфта, аз чашмам оташ мебаровард.

Дере нагузашта, ба гараж омадам ва боз мошинро шинохта натавонистам. Катрони ба сурохихо рехтаамон дар офтоби тафсони дирўза об шуда, ба бому дару сарпўши мотор ва бағоҷмонак рехтааст, лўнда-лўнда часпида мондааст. Илочи онро аз тани мошин ҷудо кардан набуд. Бо хамин холаш рост ба хонаи Исмоил равон шудам. Дар маркази шаҳр инспектори ГАИ дошта, панҷ сўм ҷаримаам андохт ва боз даст ба пешонй бурда гуфт, ки хохиш мекунад минбаъд автомобили аз гўлах баромадаро ба кўчахои шахр намоиш надихам.

— Душанбе, ба маълумотатон, пойтахти республика аст,—гуфт инспектор дар анчоми сўхбат,—ва барои унвони фахрии шахри намунавй бо Фрунзе, Ашкобод мусобика дорад.

Усто Исмоил бошад, мошинро дида гуфт:

— Хеч вокиа не, чўра. Илочи ин бисьёр осон.

Як чова карасин оварда, ба теппачахои катрони шахшуда бо латта такрор ба такрор мемолидем, то дами нарм шуданаш. Ба кадри мулоим шуданаш кабат-кабат бо латта канда мегирифтем. Рўз бо хамин кор гузашт. Шабона ба хаммом рафтем..

Хуччатхои шофериам дар дасти инспектор буд. Мошин дар гараж мехобид.

Рўзи душанбе усто морэ чамъ карда гуфт:

— Одам, ки ба як кор даст зад, онро бояд ба сомон расонад. Ман гаража гуфта истодаам. Толь барои иморат, рости гап, матоъ нест. Толь худаш чист? Пуф кунй, медаррад. Чумчук шинад, пояш меғўтад. Шанбеи оянда хашар. Боми гаража халолу покиза мепўшонем. Бо шифер.

— Ту галатй, Исмоил, шифера аз кучо меёбам?

— Бобо меёбанд. Он кас нафакан шахсй мегиранд. Хукумати район якта гапи он каса дута намекунад. Лекин шифери цементй даркор не. Вазнин. Конструкцияи гаражамон намебардорад. Шифери пластмасси даркор. Хам сабук, хам рангаи хушрў. Хў, дар баъзе павильонхо аз хамон шифер пўшидагй. Хаёл мекунй, ки аз таки бомаш набаромада, як умр ба боло нигох карда шинй. Оламоро!

Хашари чахэрум бо шиферзанй гузашт. Акнун усто Исмоил чон 95, оби Шохамбарй талаб намекард.

Як сахар бобоям аз хоб бедор карда гуфт, ки туро Малика ба телефон чеҳ мезанад.

— Зуд биё,—гуфт Малика бе он ки саломуалек кунад ва гўшаки телефонро овехт. Аз гуфтораш оханги хамон даврахое, ки бо писару духтарони синфамон хукмфармои мекард, шунида мешуд.

Шабона барфи калон борида буд. Автобусхо суст харакат мекарданд. Дили ман ба хазор кўчаю паскўча даромада мебаромад. Аммо «Жигулиам»-ро дар кўча, берун аз дарвоза дида, каме таскин ёфтам.

«Аз афти кор, язнаам хам мошин харидааст. Мошини маро ба кўча баровардааст», — гуфтам дар дилам. Лекин аз язнаам бехуда бадгумон шудаам. Бечора нисфи шаб аз шакарроси болори гараж бедор шуда, дигар хоб накардааст. Барфи калон миёни бомро хам кардааст. Язнаам хамсояхояшро бедор карда оварда, мошинро тела дода, ба кўча баровардаанд. Аз кучое якта сутун оварда, ба таки болори кафидаги тиргак мондаанд.

Азбаски ба болои бом баромадан хатарнок буд, усто Исмоил ба нўки хэдахо ба шакли каланд тахтапора часпонида, ба дасти мо дод. Аз дур истода, барфи нимметрии бомро кам-кам кашола карда, ба хавлии хамсоя резондем.

Аммо хамон замистони сербарфу сармо ба сари мо ташвиши бисьёре овард. Боз як нимшаби телефон шуд. Бобом маро бедор кард. Барфи калони рўи хавлиро дида, аввал ахд кардам, ки аз хона барояму сарама гирифта, ба ягон чои дур гурезам. На бинаму на сўзам.

Хануз автобусхо намегаштанд. Дарду балои шофери мошини барфрўбакро гирифта, нолаю зорихо карда, худро ба гараж расонидам. Хайрият, мошин асосан бутун буд. Факат якта дари чапаш пачак шудаги. Аммо боми пурбарфи гараж якчоя бо девори тахтагини байни ду хавли ба рўи козхонаи хамсоя афтода, онро мачак карда буд. Зану бачахои хамсоя, Малика, язнаам, тахмин понздах нафар хамсоягони атроф дар хавои нимторики бомдодон шихастапорахои гаражу девору козхонаро саранчэм мекарданд. Зану духтари хамсоя коз пар мекарданд. Факат чахор козро кашида баровардa, дар вакташ сар зада халол кардаанд. Козхои шахидшударо бо нархи бозор хисоб карданд. Дусаду хафт сўм шуд.

Ду шанбе ва ду якшанбеи навбатй девор рост мекардем, барои хамсоя катаки нав месохтем.

Усто Исмоил бо хамон оҳанги доимии некбинона мегуфт:

— Гуфтам-а: боми имората, коида, фақат ба девори капитальнӣ, яъне бакувват бор кардан мумкин. Аммо гапи одами чашмаш пухтагия дар ин замона кӣ гӯш мекунад?

Ориф гуфт:

— Ҳамту гуфта будӣ? Бубахш, чӯра, мо ҳама, аввал ин ки карем, сонӣ, ношукрем, ба қадри ту барин устои гулдаст намерасем.

Лаҳзае ба мехзанин Исмоил зеҳн монда истоду илова кард:

— Лекин, чӯра, ба катаксозӣ дасту панчаат нагз мечаспидааст. Аслан устои катак будаӣ ту. Оламоро!

«Жигулия» арзонтар фурӯхта, мебель, яхдон харидам. Зан мегирам. Бобом хурсанд, аммо худам... Хайр, канӣ, бинем.

КИССАХО

ОДАМОНИ КӮХНА

Ҳавлии Зиё-амакро, ки мо он ҷо ичора нишастаем, ҳамсарам Ойшахон ёфта буд. Худам ҳам ду-се рӯз кофтуков карда, чанд чои бобро таки чашм карда будам, лекин хонахои ман ёфта ба табъи завчаи мӯхтарама нафорид.

— Ҳавлии Зиё-амак боғ дорад, гулзораш хаст, аз шафаташ оби сафи чашма мегузарад, ки барои ҷомашӯи бахо надорад,—мегуфт Ойшахон гапи худро гузаронидани шуда ва ногоҳ вачоҳаташ тағьир ёфта, аз оромона баён кардани далелҳо ба таъналю маломат гузашта рафт: —Шумо, марди кӯча, аз кучо медонед, ки ҷомашӯи чисту азоби он чи гуна мешавад?!

Ба ин таъна ман, албатта, метавонистам ҷавоб бидихам. Метавонистам ба ёди ёри фаромӯшхотир расонам, ки мо порсол дар яке аз маҳаллахои канори Душанбе истикомат мекардем ва ман аксари рӯзхои истироҳат бо кашшак аз ним фарсах роҳ об мекашондам, вале Ойшахон ва модарам, гӯё дар пеши чумаки водопровод нишаста бошанд, обро шар-шар ба тағорахо ва аз тағорахо ба чӯи партов рехта нобуд мекарданд.

Ман забон хоидаму ҷавоб надодам.

— О монед, ки бачаи бечора хам се-чор рӯз аз хавои тоза нафас гирад,—гуфта хамчунон далелхои нав меовард Ойшахон.—Наход саломатии фарзанди худатонро нахоҳед? Гап намезанед-ку!.. Гап занед...

— Гапи шумо маъкул, азизакам. Хонахои ман ёфтагӣ хама нобоб буданд. Ҳавлии Зиё-амак ҷаннат асту бас,—гуфтам ман ва бо хамин ҷонамро аз мунозираи беохир муфт рахо кардам.

Илочи дигар набуд. Агар мегуфтам, ки аз хавлии Зиё-амак то чои кори ман, яъне то мактаб, се чакрим рох аст ва дар ин рохи нав ханӯз на автобус мегардад, на ягон наклиёти дигар, илова ба ин худи Ойшахон хам то дорухонааш, ки он чо кор мекунад, бояд камаш ним соат пиёда рох тай кунад, ғайр аз хамаи ин рохи яслии писарчаамон чап мешавад—агар ин чизхэро мегуфтам хам, аздусар суде намекард. Чунки завчаи якрахаи ман ё дар бораи ахамияти пиёдагардй, чунон ки мегӯянд, лекцияи пурмазмуне мехонд ё худ: «Давча нашуда ғӯлунг шудед магар, ки аз пиёда гаштан метарсед?» гуфта як панди дурударози киноямезе хонда, боз хам сухани худро мегузаронид.

Чй мегӯед, ки дар оилаи мо риояи майлу хохиши якдигар ё ба ибораи дигар гӯем, демократияи оилавй ном чиз баъди хонадор шуданамон факат як-ду мох вучуд дошту бас. Рафта-рафта инони ихтиёри рӯзгор, хатто ихтиёри соатхои истирохат ва баъзе масъалахои касбу кори ман ба дасти завчаи мӯхтарамаам гузашт, чунон нарм ва номаълумак гузашт, ки худам нафахмида мондам.

Эхтимол, шумо дар дилатон гӯед, ки «худат хатӯл будай, сазои сарат, акнун манол ва чанги хонаатро ба кӯча мабарор». Агар хамин тавр фикр кунед, пас шумо хушбахтед, зеро маълум мешавад, ки занатои Ойшахони ман барин якрахаи қайсар набудааст ва шумо, инсони саодатманд, хар рӯзи худо маҷбур намешудаед, ки дилатонро хун ва майнаатонро об карда, сафед будани шир ё, мисол гирем, дар шохи дарахт рӯидани себро исбот карда нишинед.

Рости, гап дар сари мунозирахои ману хамсари ман хам нест. Хар зоғеро як доғе, гуфтаанд. Оилае ки аз ягон чихат норасоие, аҳаллан ягон носозии майдаяке надошта бошад, ба хаёлам, дар олам нест. Сабаби хикоят сар кардани ман ин, ки баъди кӯчида омадан ба ин чо дере нагузашта ман аз касбу корам, аз хату саводи поиздах сол хонда баровардаам, ва ниҳоят, аз тақдире ки ичоранишинам кардааст, тамом безор шудам.

Дар чои нав факат як шаби аввал тинч гузашт. Лашулуши рӯзгорро дар ду хонаи ичорагирифтаамон чо ба чо кардем ва азбаски аз бардорумони кӯч устухонхои баданам сӯзиш мекард, як бурда нону як пиёла чои ширин хӯрда дархол ба хоб рафтам.

— Хӯчаин, хезед, хезед, чонакам, рӯз чоштгох шуд,—

гуфта Ойшахон мӯйсарамро тит ва гарданамро ҚИТИҚ карда, мачбурӣ бедорам сохт.

Хо, завчаи мехрубон маро ҳамеша бо номҳои рангоранги ачоиб хитоб мекунад. «Хӯҷаин», «соҳиб», «муаллим» аз ҚАБИЛИ он номхост. Гохо, агар табъам хиратар бошад, ин гуна мурочиат ба ман киноя нешдор барин мерасад. Аммо аксаран «майлаш, вай хурсанд бошад, мешавад»,—мегӯяму мемонам, яъне аз тахти дил ҚАХРАМ намеояд.

— Соҳибони хавлӣ моро ба ношто чеҳ заданд. Наравем, айб мешавад. Зуд бошед, дастурӯй шуста, либос пӯшед,—гуфт боз Ойшахон.

Ночор аз чои хобам бархостам.

Агар касе шуморо ба ношто таклиф кунад, шумо бояд хобатонро ҳаром карда ē аз бахри корубори худатон баромада, ҳатман ба он чо биравед. Дар акси ҳол айб мешудааст, гунаҳгор мешудаед ва мардум дар кӯча шуморо «ҳо ана фалонӣ!» гӯён бо ангушт нишон дода масхара мекардаанд.

Дидед муҳокимаронии Ойшахони марэ?

Агар ман «чаро айб мешудааст, магар айбу гуноҳ барин чизҳо меъёре надоранд, ки бахудаву бехуда ба домани кас часпидан мегирифтаанд?» — гуфта аз завчаи мӯхтараман худ мепурсидам, чандон кори аҚлона намешуд. Чунки аздусар ба ӯ суханамро маъҚул кунонида наметавонистам, фаҚат вакт бехуда мегузашту бас.

Соҳибони ҳавлӣ—як зан ва ду марди солхӯрда дар рӯи тахтакати васее, ки зери толори баланди ангур сохта буданд, дар сари дастархон менишастанд. Синни калонтари онҳо ба ҳаштод расида ва ду нафари дигар такрибан дар байни шаст ва хафтод буд. Чуи салом дода, аз чои таклифкардаашон нишастам, хамсарам ба ман нигоҳ карда ба шиносо кардани мо шурӯъ намуд. Ӯ ин корро тавре мекард, ки эдатан чавонон дар кӯча ва боғҳо, дар клуб ва театрҳо мекунанд.

— Соҳиби хонаҳои мо нишаста — ана ин кас, Зиё-бобом,—гуфт Ойша ва ба сӯи мӯйсафеде, ки аз ҳама калонсолтар менамуд, ишора кард.—Ахрор-амакам ва Иқбол-холаам, ана дар ин хонаҳо истиқомат мекунанд,— суханашро давом кунонид Ойшахон ва аввал ба сӯи мард ва зани аз Зиё-бобо чавонтаре, ки паҳлӯи ҳамдигар менишастанд, бо табассум назаре андохт, сипас ҚАТОРИ хонаҳоеро, ки аз паҳлӯи дари ҳавлӣ то ба девори ҳамсоя тӯл мекашид, бэ даст нишон дод.

— Заррина, хамон духтараке ки дина ба кўчфарории мо кўмак мекард, наберан Ахрор-амакам ва Иқбол-холаам аст. Вай саҳар хеста, ба хонаи пионерон рафт,— гуфта ўўтки муфассали худро ба анҷом расонид хамсари хамадонам.

— Бисьёр нагз, бисьёр нагз!—хитоб кардам ман баъди он, ки гулўи аз хаё ва хаяҷон хушкшудаамро бо зўрй сурфакунон тар кардам. Дар дилам: «аз афти кор, боз ягон чиз гуфтан лозим будагист!» гўён илова кардам:— Ман... э-э... яъне мо бисьёр хурсанд, ки ба ин ҷо кўчида омадем, яъне бо шумоён хамсоя шудем.

Зор монад хамин «яъне»-гўии ман! Як рафики хамкасбам дар миёни чашму абрў «яъне» мегуфт, ўро масхара карда мегаштам, аз такрор кардан ба худам эдат шуда мондааст. Бехуда намегуфтаанд, ки айб макун ба хешат, давида биёд ба пешат.

— Албатта,—ба ман чавоб гардонида гуфт Ахрор-амак,—шумо хурсанд шавед, мо хам хурсанд. Мо ба хар хол одамонй кўхна хастем, лекин харакат мекунем, ки дар ин ҷо шумо, чавонхо, хам зиқ намешавед...

— Не, чаро! Чаро зиқ мешудаем?!—гуфтам ман.— Барои мо сўхбати одамони умрдидаи сохибтадбир бисьёр кимат аст.

Ба хамин тарика, чанд чумлаи лутфомез радду бадал шуд. Ман аз лаълии пур аз ангури чавз, ки якин ба тозаги аз ток канда буданд, як шингил чудо карда гирифта, бо нони сермагзу мулоими хонаги ба хўрдан сар кардам.

Дар мукобилам Зиё-бобо менишаст. Вай ришу мўйлаби тунуки сап-сафед дошт ва чехраи сиёхгунаш дар иҳотаи ин ришу фаши сафед, тўпии аракчини сафед ва яктахи суф аз будаш зиёдтар сиёхгун менамуд. Аксари дандонхош рехта, лунчхояш фурў нишаста буданд. Лекин гўшхои бобо намуди ачоибе доштанд. Онхо дар асл хам пахни калон буданд ва бар замми ин, гўё вазифаи худро хатман аъло адо карданй бошанд, ба пеш моил шуда, чунон ки аппаратхои овоздораки аэродромхо мекарданд, рост ба тарафи овоз нигаронида шуда буданд.

Ахрор-амак баръакс марди пуррапайкари баландкомат ва сафедчехраи хушандоме буд: чашму абрўю гўшу бинию лабу дахони мутаносибе дошт. Ришу мўйлаби кўтох кайчи кардашудааш ба худаш бисьёр мезебид ва киёфаашро то андозае ба киёфаи олимони чахондидаи

пуртамкин монанд мекард. Дар дидани аввал, яъне дина бегохӣ, аз чӣ сабабе бошад, гумон кардам, ки вай одами ҳавобаланд аст ва ба ҳар касу ҳар чиз бо назари ҳачвомез менигарад. Оре, дар чехрааш як табассуми писхандомезе сайр мекард. Гӯё мегуфт, ки «ку, бубинем, чи махлуқед шумо, аз дастатон чӣ кор меояд?..»

Аммо хушбахтона, имрӯз дигар хел менамуд. Ба мо нарм, ҳалимона ва бо мехрубонӣ муомила мекард.

Иқбол-хола бошад, байни ошхонаву тахтакат мокувор рафтуомад мекард. Ибораи одами пир ё пиразан ба вай намечаспид. Дар чашмонаш ҳанӯз шӯълаи ҳаёт барқ мезад, дар хунаш зоҳиран ғайрати ҷавонона мечӯшид. Ӯ низ мисли шавҳараш бардам қадам мемонду бо овози буррои боқувват гап мезад. Ҳангоми ҳандидан ё табассуми кушод карданаш, чунон ки дар паси абрҳои тираи тирамоҳ гоҳо порчаи осмони софи нилгун падидор мешаваду ба дили кас лаҳзае ҳам бошад, фараҳе, нашъае мебахшад, ҳамин тавр дар ҳар ду бари рухсораш аз таки тӯри очингҳои реза осори ҳусни зиёдати аён мегардид ва баъди лаҳзае ҳамчунон тез нопадид мешуд.

Иқбол-хола ба косаҳо ширчой кашида овард. Дар рӯи косаҳо равғани маска об шуда, порча-порча лапида, ялаққос мезад.

Инони сӯҳбат кайҳо боз дар дасти ҳамсари ман буд. Вай гӯё ки соҳибони ҳавлиро камаш аз айёми кӯдакиаш мешиноҳта бошад, «Иқбол-холаам бист сол дар артели дӯзандаҳо кор кардаанд», «Аҳрор-амакам аслан аз Исфара мешаванд», «Зиё-бобом фалону фалон корҳоро кардаанд» гуфта ба ман таърифи онҳоро мекард. Дар чанд дақиқа тарчиман ҳоли мӯйсафедонро гуфта дод. Ҳанӯз ақаллан як чойник чой тамом нашуда, ман фаҳмидам, ки Зиё-бобо ва Аҳрор-амаку занаш дар асл робитаи хешутаборӣ надоштаанд. Зиё-бобо аз ӯзбекҳои Фарғона будаанд. Занашон, вақте ки ҳанӯз дар яке аз колхозҳои Фарҳор кор мекардаанд, вафот карда будааст. Падарашон баъди ҷанг дар ҳамин ҳавлӣ чашм аз олам пӯшидааст. Як писар доштаанд, ки соле ҳашт моҳ дар кӯҳу дараҳо гашта кони маъдан мекофтааст, яъне геолог будааст.

Аҳрор-амаку Иқбол-хола ҳам як писар доштаанд, ки дар ҷанг ҳалок шудааст. Дар давоми ҷаҳор соли ҷанг чандин маротиба дар табобатхонаҳои фронт аз дами марг халос шуда, ҳатто тирамоҳи соли 1944 орден, ҳам таъҷили якмоҳа мукофот гирифта, се ҳафтаро дар

пеши падару модар ва зани чавонаш гузаронидааст. Аммо боз ба армия баргашта, баъди ду рӯзи расман тамом шудани чанг — ин мусибатро бинед, ки баъди расман тамом шудани чанг!—аз дасти як номарди манхус, як фашисти дар кадом гӯр пинхоншуда халок гардидааст. Келинашон баъди ин фочиа касал шуда, ба дарди сил гирифтор шуда, кӯдаки ширмакро ятим монда, аз дунёё рафтааст. Заррина, хамон духтараки шонздахсолае, ки нфодан чехра ва чашмонаш калонвор андешаманд менамуд, ягона нишонае будааст аз он ду фарзанди дилбанд.

Дар ибтидои наклі андаке бемавриди Ойшая ман Икбол-хола даст аз ширчои нон поракардааш кашида, муддате бо сари хам нишаст, баъд аз кат хамчунон бо сари хам фаромада, оби чашмонашро бо нӯки карсаш пок карда, ба сари оташдон рафт.

Ахрор-амак низ даст аз хӯрок кашида, ба кадом як гӯшаи дастархони яла чашм дӯхта нишаст. Хомӯшии гароне ба миён омада, чанд дакика тӯл кашид. Ман ба хамсарам таънаомез нигох кардам, вале ӯ низ нигохи маънидоре карда, фахмонид, ки хеч кори бечо накардааст, баръакс махз хамин тавр карданаш лозим буд.

Ниҳоят, Ахрор-амак як-ду бор сурфа карда, косаро ба даст гирифт ва ширчои бокимондаро бо як дам кашидан фурӯ бурда, ба ман мурочиаткунон гуфт:

— Келин ба мо гуфтанд, ки ба газетахо макола навишта менстодаед. Ин бисьёр кори сара, писарам муаллим. «Юсуф Сафо» гуфта имзо мекунед, а? Ха, бале, ман хам дар газетаи шахрамон чизхои шуморо хондаам. Боре кадом як киночирро таъриф карда будед, дар ёдам хаст, эфарин, писарам муаллим.

Ман аз ин таъриф боз арӯси дурӯза барин сурх шуда рафтам. Хатто дилам сахт ба тапидан даромад.

— Баъзан, хамту... агар вакти зиёдатӣ бошад,—гуфтам нимғурма карда,—ягон чизи навиштанбоб рост омада монад, яъне аз бекорӣ кадукорӣ гуфтагӣ барин...

— Хоксорӣ, албатта, чизи нагз, писарам муаллим. Аммо бо маколанависӣ кас чиддӣ машғул шавад, меарзад. Бисьёр кори хайр аст. Мехнаткаши бовичдонро таъриф карда, осонаша гирем, рӯхашро бардоштан ё ягон каллафахми лаванд ё ин ки фиребгари фукаш дар осмонро, осонаша гирем, ба рӯи об барэвардан кори олиҷаноб аст, албатта. Ба ин кори нек чӣ мерасад? Чӣ гуфтед, таго?—Ахрор-амак ба Зиё-бобо рӯй овард.

Аммо мӯйсафед, бо вучуди он ки як гӯши худро кар-

найчавор кат карда, ба сӯи гӯянда нигаронида буд, маъноои суханони ӯро аниқ нафаҳмида будааст.

— Худо умрашро диҳад, чиянатон ҳам аз кӯҳ ки фаромад, зимистони дароз ба газит, сонӣ ба вай... ҳоло номаш чӣ буд... вай... китоб баринаш ҳаст-ку?

— Журнал,—лукма партофт ҳамсари ҳозирчавобам.

— ...ҳа ба чурнолҳо уруси карда калон-калон хатҳо менависад,—гуфта ниҳоят суханашро ба як азоб тамом кард Зиё-бобо.

Писарчаи мо аз хоб бедор шуда, гирья кард. Модараш ба сӯи хона давид. Вай ки набуд, муддате сукут ба миён омад. Ман акнун имконият ёфтам, ки бафурсат ба муоинаи ҳавлӣ машгул шавам.

Рости ҳам дар ин ҷо баҳри дили кас кушода мешуд.

Дар пеши хонаву айвонҳо хавозаҳои озодаю мавзуни ток қад барафрохтаанд. Гарчи қисми зиёди рӯи ҳавлӣ ва боғча бо полизи сабзавот банд буд, ба назар чунон мерасид, ки сар то сари ҳавлӣ пур аз гулбуттаҳост. Гулҳои серҳосилтари садбарг, бедгул, гулҳои яксолаи рангоранг, хусусан оташгул ва точи хурӯс дар ҳамин фасли охири тобистон ҳам анбӯҳ-анбӯҳ шукуфта, ба дидагони кас манзараи дилфиреберо ҷилвагар месохтанд.

Дар хавозаҳои ангур аксари сарҳои ширабаста аз хучуми занбӯру гунчишкон бо халтачаҳои ҳарранга мухофизат карда шуда буданд. Дар ҳар ҷо-ҳар ҷои хавозаҳо, дар шохпули айвонҳо тӯрҳои бедона ва қафаси кабкҳо овезон буд. Паррандаҳо ҳоло нағмасарой намекарданд, фақат гоҳ-гоҳе ба девори қафасҳо минқор зада, ё аз дилтанги частухезкунон тапар-тупур садо мебаровардаанд ва зиндончаҳои худро алвонч медоданд.

«Дар воқеъ, чунон ки худашон меғӯянд, одамони кӯҳна-дия,—аз дил гузарондам ман.—Мурғони бегуноҳро дар қафас дошта, аз нағмаи ҷонвароии маҳбус лаззат ҳам мегиранд».

Ношто тамом шуд. Ахрор-амак ба кори худ — ба пункти пахта рафт.

— Зафарчонро зудтар ба яслиаш бурда монед, мураббияаш боз бевақт оварданд, гуфта ба сари ман ғурғур накунад. Тез бошед, азизам, зудтар ҷунбед!—гуфта Ойшахон ҳам фармоиш дода, ҳам навозиш карда ба дорухонааш рафт.

Зиё-бобо каланди майдаяки ялаккосиро, ки аз кор фармудан дамаш суда шуда, шакли моҳи нопурраро гирифта буд, бардошта ба полизи картошка даромад.

Иқбол-хола дар рӯи кат ду-се кӯрпачаро болои ҳам партофта, айнаки камонакҳояш ресмониро ба нӯги биниаш савор карда, ба чокдӯзӣ машғул шуд.

— Дар пеш як маросим дорем, муаллим,—гуфт Иқбол-хола ба кораш аз дур нигоҳ карданамро пай бурда,— абраи кӯрпачаҳоро нав карда монам мегӯям.

«Ин мӯйсафедон чӣ маросим дошта бошанд? Фарзанде надоранд, ки синнаш ба тӯю сур муносиб бошад. Заррина ҳанӯз бача аст...» гуфта худ ба худ хаёл мекардам, ки фармоишоти завчаи мӯҳтарама ба хотир расиду Зафарчонро бардошта, ба яслии ӯ шитобидам.

* * *

Дар мактаб тайёрӣ ба соли нави таҳсил сар шуда буд. Азбаски он чо як тараф таъмири бино давом мекарду дар тарафи дигар даробарои бисьёре буд, лоиҳаи план, дафтари қайдҳо ва дигар коғазҳоямро бардошта ба хона омадам, то ки дар муҳити тинчи хона оромона кор кунам.

Муддате гузашта буд, ки Зиё-бобо «мумкин-мӣ, ӯғлум, ба шумо ҳалал нарасондам-мӣ, ӯғлум?» гӯён аз дари хона даромад. Аз чоям бархоста ӯро пешвоз гирифтам. Дар дасташ як лаълӣ пур аз себи миёнсоли нордон ва шафтолуи калон-калони ширин буд, ки онро баъзеҳо шояд ба шарофати ранги зарди ба сурхча моил ва нармиаш бошад, «равғани гов» меноманд. Ман ин хел шафтолуро, рости гап, бисьёр дӯст медорам.

— Як маслиҳат, ӯғлум, мо, одамони кӯҳна, баъзе чизҳоро аз шумо мепурсем-дия,—гап сар кард Зиё-бобо, аз рӯ ба рӯи ман дар сари миз нишаста. Вай точикӣ сухан мекард, вале калимаи «ӯғлум»-ро ҳар дафъа ба забони худаш мегуфт. Ман ночор корро қатъ карда, гӯш ба маслиҳати пирамард дода нишастам.

— Шумо аз мева марҳамат кунед, ӯғлум, ман гап задан мегирам. Хӯш ки бошад, ба шумо арз кунам, ки ана ҳамин ҳавлию боғро ман пеш аз ҷанг ҳамроҳи падарам сохта обод карда будам. Ин чохо як шӯразор буд. Баъд атрофи ҳавлиро колхоз обод кард, сонӣ шаҳр сол то сол калон шудан гирифту ба ин тарафи чӯи чашма гузашт, колхоз бошад, дар он саҳрои васеъ замин кушода, ба ҳамон тараф рафтан гирифт. То порсолак ман ҳам дар колхоз кор мекардам, ба боғу токзораш ба қадри ҳол нигоҳубин мекардам. Хӯш ки бошад, гапам ба дигар та-

раф рафтааст... Ҳа, ҳамин ҳавлиро худи мо обод кардагӣ. Чоршанбеи гузашта ба ман аз райисполком хат омад. Рафтам, як йигитча маро шинонда, пурсупос карда, охиста-охиста аз ину он чақ-чақ карда, мулоимакак ба сари мақсад омад. Гуфт, ки, ўғлум, дар поёни бэгатон як пал юнучқазор будааст. Ана ҳамон заминро ба мо медиҳед, ота, гуфт. Хўш ки бошад, ба давлат медиҳед, гуфт. Шумо одами ба ҳукумат бисьёр хизмат карда омадагӣ, гуфт, худатон мефаҳмед, шаҳр калон шуда истодааст. Аз паҳлўи чўи чашма мо як саф иморати калон месозем. Қам-кам аз замини ҳамсояҳотон ҳам меравад, гуфт. Пештар ҳам, ўғлум, миш-миш гап буд, ки ин чоҳоро ҳукумат гирифта ҳар хел идора месозад. Хўш ки бошад, фикр карда дидам, ки гапаш дуруст. Хайр, гуфтам. Майлатон, гуфтам, гиред. Замин—замини ҳукумат, ободиҳои ҳукуматамон кардагӣ илоҳо кам нашавад, худам бо чашмам дида гаштаам, гуфтам, хўш ки бошад, майлаш, гирад обод кунад. Ё гапам тўғрӣ не-мӣ?

— Албатта, фикратон дуруст, — тасдиқ кардам ман ҳам, ки ҳоло ба нақли мўйсафед ва анҷоми он шавке дар дилам хис мекардам ва норозигии даҳикаи аввал аз сабаби қатъ шудани корам дигар фаромўш шуда буд.

— Шумо, ота, ба хонаатон рафта бахузур хоб кунед, гуфт он йигитча, техник меравад, заминатонро дида, чен мекунад, баъд ҳукумат ҳаққи мехнататон, пули нихолу дару деворатонро медиҳад, гуфт. Қисса кўтоҳ, ҳамаи ин корҳо шуд, ҳама розию олам гулистон буд. Лекин, ўғлум сонитар фаҳмидам, ки ин масъала камтар чатоқӣ доштааст.

Ман, ки мунтазири шунидани вокеаи ачибе будам, баъди ин суханони бобо дигар сар то по гўшу ҳуш гардидам.

— Хўш, чаро масъала чатоқ будааст?

— Бутун чатоқ, ўғлум. Як инженер дар чойхона гуфт, ки дар фалон ҷо певахона месозем. Хўш ки бошад, ҳамин ҳавлии моро ном гирифт. Аниқ пурсида гирифтам.

Ба абрўвони бобо чин афтод. Вай як гўшаи коғазеро, ки ба рўи мизи кориам паҳн карда шуда буд, бо кафи шахшўлаш молида-молида, ба андеша рафт. Ман аз нақли ў ҳамин қадар пай бурдам, ки бобо ба иморати давлатӣ шудани пешгоҳи бэгаш зид нест, балки маҳз ба дўкони шаробфурўшӣ шудани он бинои сохташаванда мукобил мебошад. Ман медонистам, ки аксарияти

кулли мўйсафедон умуман ба шароб ва шаробнўшии мардум ва, алалхусус, ба сохта шудани магазину дўконҳои майфурўшӣ ва майкадаҳои ранга ба ранга аз тахти дил зид мебошанд.

— Максади шуморо фаҳмидам,—гуфтам ба Зиё-бобо, ки сар аз андеша бардошта, ҳоло нигоҳи саволомезе ба рўям дўхта буд,—норозӣ буданатон фаҳмост, лекин, охир, инженерҳо, бинокорҳо ҳам чӣ кунанд. Сохтан ки лозим бошад, месозанд-дия.

— Майхона сохтан чӣ даркор? Хўш ки бошад, насозанд-дия.

— Не, ота, план гуфтанӣ чиз ҳаст. Ҳамин ҳоло худатон гуфтед, ки шаҳр сол аз сол васеъ ва обод мешавад. Чӣ хел ки чойхонаҳои майда-майдаро бо навбат вайрон карда, ба ҷояш чойхонаҳои калони хушрўй месозанд, дар масъалаи майхонаву дўкони пиво ҳам ҳамин тавр мешавад. Ҳама кор аз рўи план мешавад, отачон.

— План-мӣ, не-мӣ, майхона насозанд, ўғлум,—гуфт Зиё-бобо бо оҳанги шахсе ки ҳукми охиринашро ба тобеонаш баён мекунад ва эътимоди кулл дорад, ки амраш ба ичро хоҳад расид. Ва баромада рафт.

«Мўйсафеда бинед-а,—гуфтам дар дилам.—Ба плани меъмории шаҳр мукобил... Хайр чӣ чои тааччуб. Одам, ки пир шуд, ҳатман ягон йўрга мебаровардааст. Яке инчики нозук мешудааст, дигаре серчоғи заифакл, саввумӣ танбали хоболуд ва ҳоказо».

Саргарми кори худ чи гуна гузашта рафтани рўзро нафаҳмида мондаам. Ойшахон аз кораш омад.

— Ассалом, дадачон,—гуфт ў аз забони писарчаамон, ки аз яслӣ ҳамроҳаш оварда буд ва гўё навозиш мекарда бошад, мўи сарамро титу парешон карда, илова намуд:—Дадачони меҳнаткашакам ба чонам гўй, Зафарчон.

— «Меҳнаткашак» навозиши наватон? — савол додам касдан бо оҳанги сохтаи ранҷиш.

— Ҳа, навозиши нав, меҳнаткашак, меҳнаткашак, кашшаки меҳнат...—гуфта қатор кард Ойша ва қоҳ-қоҳ хандида фиристод. Ман ҳам хандидам. Баъд беихтиёр ба таъсири шодию хуррамии ў афтода, Ойшаро хамроҳи кўдак бардоштаму рўй-рўи хона, мисли девонаҳо қоҳ-қоҳ хандидаву фарьёд кашида частухез кардан гирифтам. Писарчаамон низ баробари мо механдид ва аз шодию фараҳмандӣ чиррос мезад.

Ба хонадор шудани мо чаҳор сол шуда бошад ҳам,

аксари кулли рӯзхои ҳаёти якчоязмон, соати мулоқот барои ман субҳи рӯзи ид барин фараҳбахшу шодиовар буд.

Афсӯс, занро таъриф кардан, алалхусус дар байни мардуми мо, аз доираи одоб берун аст. На бо андешахои кӯҳнаи аз доқьёнус монда, на бо мулоҳизахои муносибати назарбаландона, ё чунон ки мегӯянд, муносибати феодали ба зан, балки ба хотири як навъ ҳисси ҳаёмез, ба амри як навъ қонуни нонавиштае, ки он то ба андозае пӯшида доштани рози ониаро талаб мекунад.

Агар ҳамин нукта намешуд, ҳозир чи гуна зани оқила, одами некдил, зани ба ҳамаи маъноҳо зебо будани Ойшахонм худро гуфта медодам. Фақат... фақат ҳамин қадар айб дорад, ки демократияи онлавиро риоя намекунад, яъне ҳуқуқи худро аз ҳад мегузаронад, аз эҳтиром ва итоаткориам суиистифода бурда, маро бахудаву беҳуда кор фармудан мегирад. Ба акидаи ӯ танҳо дар ҳамон онла баробарҳуқуқии зану шавҳар вучуд доштааст, ки он ҷо шавҳар ақаллан ду баробар зиёдтар аз зан кори хонаро кунад. Ҳа, маҳз кори хонаро!

— Дар кӯча шуморо Ахрор-амакам нигарои, зуд бароед, ҷонакам,—хабар дод Ойша худро аз дасти ман раҳонида.

Ахрор-амак дар таки дарвозаи ҳавлӣ бо писарбачаи ёздаҳ-дувоздаҳсолаи рус гуфтугӯ карда меистод. Бача дар тан майка ва шими дарозе дошт. Эҳтимол, аз биcьёр оббозӣ кардан ва офтоб хӯрдан бошад, пӯсти рӯй ва баданаш сӯхта, мисли пӯсти нозуки картошкаи нави баҳорӣ параха-параха хеста буд. Дар паҳлӯи ӯ човаи калони карасин меистод. Човаи вазниниро яқин аз ҷои дур меовард, ки ҳангоми гаштан карасинаш лат хӯрда, аз деворҳояш шорида, ҳар ду пои шимашро аз рои то ба поёи шип-шивар карда буд. Доғи карасин дар рӯи похои барҳнаи бача дар шуои офтоб бунафшу сурху кабуд метофт.

— Азоби ин бачая бинед, писарам муаллим,— гуфт Ахрор-амак пас аз саломуалек бо оҳанги дӯстона ва андаке табассумкунон.—Човаи якпудиро аз худи бозор бардошта омадааст. Падараш дар заводи мо кор мекунад, модараш, осонаша гирем, дучон. Э, ин бача ҳоло чӣ! Дар ин маҳалла ҳама—занҳо, мӯйсафедон аз ҳамин қадар роҳ карасин мекашонанд. Ман шунидам, ки раиси матлубот ба мошини ҷамъият хешу таборашро савор карда, ба Шоҳамбарӣ фиристодааст. Муаллим, писар-

кон, —гуфта даст ба китфам ниход Аҳрор-амак,—барака ёбед, ҳамин масъаларо як ба газета нависед. Мактуб барин карда, ё осонаша гирем, ба шакли мақола-мй, худатон медонед, усул ба дасти нақорачй...

— Хайр, хуб,— гуфтам ман аз муомилаи нарм ва илтимоси самимонаи ин мард мутаассир шуда.— Хотирҷамъ бошед, менависам.

Бача човаашро бардошта, аз гаронии он ноҳамвор қадам монда ба рэҳаш рафт. Аҳрор-амак ба нею нестонам нигоҳ накарда, маро аз дарвоза пеш гузаронд. Баъд дар зери толори ангур нигоҳ дошта гуфт:

— Албатта, дар хусуси мошинро ба курорт фиристодани раиси матлубот ҳам навиштан мумкин, аммо бедалел мешавад. Далелковй кунед, вакти бисьёре лозим. Акнун исбот кардан ҳам душвор. Ноинсофон номаъқулиҳои бисьёре мекунанд, афсўс ки дер ба даст меафтанд. Қомили кор шудаанд.

* * *

Саҳарй, вакте ки мо дар хоб будем, нахустин боронн оғози тирамоҳ боридааст. Нури офтоб кайҳэ паҳн шуда бошад ҳам, ҳаво серун буд. Гоҳ-гоҳ насиме вазида баргҳои оболуди гулҳо ва току дарахтонро вазнин-вазнин алвонҷ медод.

Кўдак дар даст ба пешгаҳи боғча равон шудам. Аз ҳар тараф бўи алафи тар ба димоғ мерасид. Аҷаб як таровате пайдо карда буд юнучкаи наврастаи зумуррадгун, ки ҳамин ҳоло бэрон шуста, гарду чангашро ба зер афкандааст.

Аз хона гилемчае оварда, дар як гўшаи пали юнучка густурдам ва рўболо ёзидам. Зафарчон дар паҳлўям нишаста, худ ба худ гап зада, машғули бозй шуд.

Бедона ва кабкҳои Зиё-бобо бо ҳамдигар баҳскунон нагмасарой мекарданд. Дар ин се-чаҳор рўз ман ҳам ба хониши онҳо одат карда будам. Рўзи аввал баробари дидани тўру қафасҳои рангоранг «ана боқимондаи замони кўҳна» гуфта худ ба худ ришханде карда будам.

Баъдтар мулоҳизаи худро ба ҳамсарам баён кардам.

— Хўш, саъбаро дар қафас дошта, хонишашро гўш кардан хуб аст?—пурсид Ойша ба сухани ман чавоб надода.

— Саъба гапи дигар аст,—гуфтам чавоби бомаъни-таре наёфта.

— Булбул, тӯтӣ, қумрӣ, чӯр ҳам гапи дигар аст? Дар боғҳои ҳайвонот, дар мактабҳо, институтҳои тадқиқотӣ садҳо хел ва навъи ҳайвонот ва паррандагонро нигоҳ медоранд, ин ҳам гапи дигар аст?

Ана, бо ин хел одам гуфтугӯ кунеду қандатонро хӯред. Дар як он маро саволборон карду ба фикр кардан ҳам фурсат намедод.

— «Гапи дигар» гуфтан ҷавоб нест, ҷонакам. Шумо фикри худатонро гӯед. Эҳтимол дар вақташ ягон шахси бонуфуз ба шумо дар бораи кабку бедона чизе гуфта бошад, шумо суҳани ҳамон одамро маҳкам дошта гирифтаед ва онро аҳкидаи худ карор дода, акнун тағйир додан намехоҳед.

— Аммо нутқи шумо, духтури советӣ, ба хотири кас нутқи лектореро мерасонад, ки ба минбар баромада носро танқид кунаду папиросро мадху сано хонад.

— Хато кардед, азизам. Ман на тарафдори ину на талабгорӣ он. Лаблабую каду—лаънат ба ҳар ду, гуфтаанд. Ман мегӯям, ки одам суҳани касеро бе он ки аввал аз эҳтиёҷи ақидаю афкори худ гузаронад, набояд такрор кунад.

— Чӣ, «эҳтиёҷи ақидаю афкор?»—бо мақсади инкоргирӣ тамасхуромез такрор кардам. Аммо Ойша аз пиҷинги ман заррае парво накард, балки бо ҳарорат ва эҳтимоли бештаре суханашро қувват медод.

— Ҳа, маълуматои бод, ки ақидаю афкор, худи процесси фикр, яъне кори миёна як навъ эҳтиёҷ дорад. Ин ба ҳар як одами маълумотдор маълум. Агар ҳамин эҳтиёҷ намешуд, сари одам аз ҳарҷумарҷи иодаркори зиёде пур мешуду барои фикри солим арзан барин ҳам ҷой намемонд.

— Мебахшед,—гуфтам ҳамчунон бо киноя.—Нахонда будаем-дия. Хайр, чӣ ҷора? Дар олам яке фозил мешаваду дигаре ҷоҳил. Дар майнаи мо арзан барин ақли солим бошад, кифоя будагист. Ҳеҷ нашавад, аз оқилон карз мегирем, охир бегона нестанд-ку...

Инак, дар бораи кабку бедона гап сар карда то ба кучоҳо рафта расидем. Қариб буд, ки кор ба ҷанҷол оид шавад. Хайрият, табиати Ойшаи ман табиати оличанобест. Чун дид, ки ман гӯё ранҷидам, дарҳол худро ба оғӯшам андохта, баъд аз рӯи одаташ мӯи сарамро тит карда, «фозилаки ман», «ҷоҳилаки ман» ва боз як ҷувол суханони навозишу пиҷингомез гуфта, аз дилам ба-

ровард. Лекин азбаски дар тинаташ якрахагӣ аз созишкорӣ камтар нест, баъди як дақиқа илова намуд:

— Ман, азизам, гапи ҳақро гуфтам, ки ҳар чизро аз рӯи андозаи одатӣ ва муқаррарӣ чен кардан намешавад.

— Ман ҳам пайравӣ чунон як қоидаи дуруст ҳастам, ки дар ҳар бобат одам бояд ақидаи устуворе дошта бошад. Бадбахт касе ки фикри пойдоре надорад ва ба ҳар тарафе бод вазад, ба ҳамон сӯ калавидан гирад,—гуфтам бо як оҳанги тантанавӣ.

— Хушбахт касе, ки побандӣ ақидаҳои шахшудамонда нест,—гуфт Ойша ва қасдан аз хона бошитоб баромада рафт, то ки чавоби маро нашунавад. Вале ман ҳам паст наомадам, танамро ба тахтаи токи тиреза партофта, сар аз хона бароварда, ба тамоми хавлӣ фарьёд кардам:

— Рост гуфтед, Ойшахон, аҳсант ба касе, ки имрӯз заминро кура меҷӯяду пагоҳ исбот мекунад, ки вай таҷоваи хамирӣ аммааш барин аст ва бар шохи барзагоҳ савор.

— Бо якраҳа баҳс кардан гирех ба бод задан,—гуфт Ойша ва қоҳ-қоҳ хандида, ба пеши Иқбол-хола рафт.

Айби худро ба гардани ман бор карду рафт. Гумон мекунед, ки аламам омад? Ҳаргиз. Савганд ба мукаддасоти олам, ки дар мунозира вай ғолиб барояд ҳам, ман қабат-қабат гӯшт мегирам. Худоро шукр, ман ба бистушаш даромадаам ва ба қадри бахти худ мерасам. Вой ба ҳоли ман буд агар зане медоштам, ки ба фаҳми сафеду сиёҳи олам наморафту алифро аз таёқ фарқ карда наметавонист!

...Дар пали юнучка рӯболо ёзида, ҳамин чизҳоро ба хотир овардам. Борони сахарӣ гӯё сафҳаи осмонро ҳам шуста буд. Гарде, абре, ғуборе наменамуд дар фазо.

Медонед, ба осмони беқаъри лочувардии пуранвор дурудароз чашм дӯхта хобидан ҳам нашъае доштааст. Ба кадом сӯи он фазои нопайдоканор ҳоҳед, ба ҳамон сӯ назари худро равона карда, ором, бохаловат мехобед. Чизе садди назар шуда наметавонад. Дам ба дам мӯрчаякон ё гамбускчаҳои ба сару рӯятон часпида баромадаро афшонида, боз нигоҳ мекунед. Гӯё ба чуз бахри паҳновари ҳавои нилгун чизеро намебинед. Бо вучуди ин медонед, ки назари шумо ба сӯи миллиардҳо дунёҳои дури номаълум ва пурасрор равона шудааст. Чист осмон? Чаро ҳар бор ки ақли кас ба дарк кардани ягон

масъалаи мураккаб нарасид, ба хотираш осмон мерасад?...

— Муаллим!

Садои Ахрор-амак маро аз дарьёи хаёлот баровард. Худам аз чоям бархоста, ўро ба нишастан таклиф кардам.

— Вакти кор хам шуд кариб,—гуфт ў.—Хайр, камтар дар пешатон мешинам.

Муддате дар хомўшй гузашт.

— Дар хусуси карасин холо нанавиштагистед?—пурсид Ахрэр-амак.

— Навиштам.

Ахрор-амак чизе гуфтанй шуду бо кадом як мулохизае аз нияташ гашт ва «ухм» гуфта гулў афшонида хомўш монд.

— Оварда хонда дихам?—пурсидам аз ў.

— Э кошкй, кошкй!—хушхолона хитоб кард амак.

Мактубе, ки ба редакцияи газетаи шахр оид ба савдои карасин навишта будам, ба ў маъкул шуд.

— Нагз, боб кардед, писарам муаллим, барака ёбед! —таъриф карда монд Ахрор-амак.—Аз хама хубаш ин ки дар хусуси дўкони сайёри карасинфурўшй маслихати хуб додед.

— Маслихатхо аз они келинатон,— гуфтам ман барои фикри касе таъриф шуниданро ба худ эб надида.

— Худо умрашонро дихад, келин зани боакл хастанд. Медонед, муаллим, яке аз сабабхои хурсандии ман аз хамин замона аз чихати занхо аст. Занхо охиста-эхиста чои худашонро сохиб мешаванд, осонаша гирем, мавкеи худашонро гуфтанй хастам... Аклу фаросоти набераи мо хам, шукр, дуруст. Лекин андаке дарундор. Аломати набудани падару модар-дия. Харчи хам бошад, модаркалону бобо чои падару модарро зер карда наметавонистаанд,— ва лахзае таваккуф карда, илова намуд: — Ба кафши кўхна, осонаша гирем, патаки нав андохтагй барин... Зор монад чанг.

Ахрор-амак ба хаёл рафт. Якин, дар бораи чанг ва чавонимарг шудани ягона фарзандаш фикр мекард. Ўро аз андешахои гарэн рахо кардани шуда гуфтам:

— Як кас гапи бисьёр ачоиб гуфт, амак. Рўзе мерасад, ки одамон таърихро хонда, базўр бовар мекунанд, ки дар вакташ мардум бо хам чанг мекарданд, хуни хамдигарро мерехтанд.

— Хо, рост мегўед, бояд хамин хел айёме биёяд...

Ман ҳозир чизе гуфтанӣ будам, аз ёдам рафт. Дар нӯки забонам буд-а. Ман ҳам кам-кам таґом барин...—ӯ ба сӯи Зиё-бобо, ки бо донрезӣ ба кабку бедонаҳояш машґул буд, ишора намуд,—таґом барин парешонхотир шуда истодаам. Майнаи одами пир, осонаша гирем, сатили сӯрох барин мешудааст, писарам муаллим.

— Дар бораи занҳо гап мезадед,—лукма додам ман.

— Ҳа, дар бораи занҳо. Заррина меґӯяд, ки як вақтҳо замони модаршоҳӣ буд, яъне осонаша гирем, инону ихтиёри ҷамъият дар дасти занҳо буд. Бист-сӣ ҳазор сол пеш аз ин. Кадом як олим гуфта будааст, ки зотан қобилияти фикрии зан аз мард баландтар, яъне зеҳнаш тезтар аст. Холетон бошад, аз ин гап шӯрида, набераашро «маҳмаддонои охиратзамон» гуфта коҳиш кард. Аз ҳадиси пайґамбар, аз ким-кучоҳо мисол оварда, ба таври худ исбот кард, ки зан аслан махлуқи мӯдарози кӯтоҳақл аст. «О, нодон, гуфтам, тарафи набераатро гирифта, осонаша гирем, нархатро баланд намекунӣ?». Чорта ҳандидем, писарам муаллим. Одамҳои кӯҳна ҳамин-дия. Фалонӣ чунон гуфтааст, беҳмадонӣ чунин гуфтааст, гуфта, осонаша гирем, вақтхушӣ карда, рӯз меґузаронем. Лекин, муаллим, ҳазлу шӯхӣ дар чояш-куя, агар замон ҳамин зайл рафтан гираду сухани олими навакак гуфтаам дуруст бошад, ба ҳаёлам, занҳо пагоҳфардо боз ба сари ҷамъияту давлат баромада меґиранд. То он вақт-ку мо зинда нестем, лекин ба шумоёи душвор мешудагист,—гуфт Аҳрор-амак ҳандаомез.

— Ба ман, амак, ҳозир ҳам чандон осон нест,—гуфтам ба шӯхии ӯ бо шӯхӣ ҷавоб гардонида.

Аҳрор-амак то рафтанаш бо ҳама ҳазлу мутоиба мекард. Димоґаш чоқ буд.

Баъдтар фаҳмидам, ки яке аз сабабҳои хушҳолии ӯ мактуби барои газета навиштаи ман будааст.

* * *

Аз ясли баргашта, ҳамроҳи Зиё-бобо таҳтӯл кардем. Мо дар болои кат рӯ ба рӯи якдиґар, гап нозада, ҳар кадоме бо хаёли худ банд, даҳон меҷунбонидем. Ман худ ба худ тааччубкунон меґуфтам, ки ба шарофати ҳамсарам хислатҳои нав пайдо карда истодаам, ки дар айёми мучаррадиам набуд. Масалан, бо одамоне ки дирӯз шинос набудам, акнун зуд ошно шуда, унс меґирам. Як ҳафта қабл аз ин Зиё-бобо кучо буду ман дар кучо. Ак-

нун гӯё бо амаки худ дар сари як дастархон нишаста, таҳтӯл мекунам. Иқбол-хола ба мо чой дам карда медиҳад...

Бобо даст пок кардани маро дида, аз бағалаш коғазеро бароварда дод, ки хонам.

Ин ариза буд. Лекин чӣ хел ариза, ба кӣ ва дар бораи чӣ гуфта пурсед! Агар аз ин пеш касе ба ман мегуфт, ки пири ҳаштодсолаи гӯшвазнине чунин як ариза менависонад, ба ҳеч вачҳ бовар намекардам. Аммо ариза ҳоло дар дастам буд ва он аз номи «нафақагир Зиёдулло Қаршибой, соли таваллудаш 1882», ба Комитети Марказии партия, ба Маскав навишта шуда буд.

Ана матни он:

« . . . Ариза

Аз шумо илтимос мекунам, ки арзи мана гӯш кунетон. Ман ба ҳукуматамон то дастам омадана ҳизмат кардам. Акнун пир шудам, ҳӯш ки бошад, синнам ба таки ҳаштод рафта дакка зад.

Чӣ мешуд, ки аракфурӯшия манъ кунед. Радиё ҳар рӯз зиёни арака гуфта медиҳад. Лекин магазинҳо аз арак, аз вино пур. Ба шишаҳои хушрӯи арак равгаи, ҳар хел шарбатҳо, ҳар хел дорувор андохта фурӯшанд намешавад? Ба чои ин бӯчка-бӯчка пева мефурӯшанд, ба ғайр аз ин регистрану ошхонаҳо ҳам бисьёр арак мефурӯшанд.

Аз каллаи азон то хуфтан дар ҳама чой савдои шароб дар авч. Одамҳо маст шуда, якдигара ҳафз мекунанд. Ҳар хел касофатҳо мешавад. Мошиннаҳо бачаҳоя зер мекунанд. Дар шаҳрчаи мо ҳам, дар Душанбе ҳам, дар Регар ҳам, ҳӯш ки бошад, дар Фарғона ҳам аҳвол ҳамин.

Ба шумоҳо, калонҳои мамлакат ин албатта маълум. Илтимоси ман ҳамин ки шаробфурӯшия манъ кунед. Қадаґаи кунед, ки ному нишонаш намонад.

Дӯсти ман устои ґарамсози заводи пахта Аҳрор Ҷаббор ба ман пригроми нави партияро аз ґазит хонда дод. Бисьёр речаи наґз кашидед. Навиштаґи суханҳотон ҳамаш мешавад, худо хоҳад. Гуфтаҳои Ленин шуд. Акнун инаш ҳам мешавад. Ҳӯш, ки бошад, ба шумоҳо дуо рафтаґӣ, халқпарвар, ки ҳастед, речаҳотон ичро мешавад. Худи ҳозир карда истодаґӣ корҳотон ҳам, ҳӯш ки бошад, ҳамин қадар арзонӣ-амонӣ ҳам, вай ба осмон баромадаґӣ йиґитча ҳам — ҳамаш пештар акаллаи дар маталҳо набуд.

Одамҳои боз наґзтар тарбия карданӣ бошед, корам боз пешрав шавад ґуед, ҳама додар-бародар барин аз як ґиребон сар бароранд ґуед, арака манъ кунетон.

Илоҳо, барака ёбетон, гуфта бо илтимос:
нависандаи ариза нафақагир *Зиёдулло Каршибой*, соли таваллудаш 1882».

Дар паси коґаз ба тарзи илова навишта шуда буд:

«Агар хоҳиши мӯйсафедҳоя ба иҷобат ґиретон, ба муродатон мерасетон. Ҳамаи мӯйсафедҳо дуоґӯятон гуфта аризанавис:
нафақагир *Зиёдулло Каршибой*.

Ба ҳамаатон, бисьёрҳо салом».

Аризаро мехондаму ханда нафастангам мекард. Нихоят, тоқат карда натавониста, баланд хандидам. Мўйсафед ҳам аввал ба ман нигоҳ карда, лабханде кард, баъд дар ваҷоҳаташ аломати ранҷиш пайдо шуд. Сипас, гўшашро ба пеш қат карда ва ба шунидани фикри ман омода шуда, пурсид:

— Механдед, ўғлум, аз афти кор, маъқул нашуд аризаи ман?

— Не, бобо, ариза маъқул-куя, лекин дар ин ҷо як гапи дигар ҳаст.

«Як гап ҳаст» гуфтаму лекин чӣ навъ ба мўйсафед фаҳмонидани он гапро намедонистам. Зиё-бобо ҳамчунон даст ба гўши худ ва чашм ба рўи ман мунтазир менишаст.

Нихоят, ҳар чи бодо бод гўён ба арзи ақидаи худ сар кардам. Гуфтам, ки давлати мо зотан тарафдори майфурўшӣ ва талабгори фоидаи он нест. Вай ҳар дақиқа омода аст, ки аз баҳри ин савдо ва фоидаи он гузашт кунад, ба нафъи саломатии фуқарояш, ба хотири тинҷӣ, осоиш ва саодати миллионҳо оилаҳои мамлакатамон гузашт кунад. Аммо чӣ илоҷ ки шаробнўшӣ, мисли дигар одатҳои бади кўҳна, одати чонсахтест ва онро бо як амр, бо як ҳимоя бурут аз байн бардошта намешавад.

Агар барои тамокукашон фабрикаҳои давлатӣ хелхел папиросу сигарҳо набароранд, худи мардум тамоку ёфта, папирос сохта кашидан мегиранд. Агар аракфурўширо манъ кунанд, низ ҳамин гуна манзара ба миён меояд. Мардум шароби дастӣ кашидан мегиранд. Он гоҳ ҳанноти, савдогарӣ, ҳар гуна касалиҳо ва касофатҳо аз шароби нопоки дастӣ зиёд шуда мераванд...

Хулоса, ҳар чизе дар ин бобат медонистам, ба ҳамин тариқа ва услуб ба Зиё-бобо гуфтам. Вале ҳар қадар зиёдтар сухан кунам, аломати норизоги дар чеҳраи ў ҳамон қадар аёнтар зоҳир мегардид.

Баробари лаб фурў бастани ман бобо гуфт:

— Шумо, ўғлум, максади маро нафаҳмидед. Ин аризаро як каси андак чаласаводтар навишта дод. Дидед, ҳар чи гўям, нарезонда-начакконда ба коғаз кўчонидааст. «Хўш ки бошад» навиштааст, «дуо мекунем» навиштааст. Оё ба Маскав ҳамин хел гапҳои нодаркори мўйсафедонаро навишта фиристодан мумкин? Айб аст. Ман, ўғлум, аз шумо илтимос кардани будам, ки ҳамин аризая аз нав навишта диҳед. Гапҳои бамаъни катӣ, хушрўй, маданӣ карда, хўш ки бошад, маъния ба бугумаш афтонда навишта дихед, гуфтанӣ будам.

Пас, ҳаман он ваъзе ки ман барояш чигар хун карда хондам, бехуда рафтааст. Мӯйсафед аз қасди худ даст кашидани нест. Аризаашро аз нав навишта медиҳаму аз ӯ халос мехӯрам. Охир ҳамин тавр ҳам кардам. Лекин дар нусхаи нав аз номи бобо илова кардам, ки бидуни аризаи мазкур ҳам ман (яъне нафакагир Зиёдулло Қаршибой, соли таваллудам 1882) медонам, ки шумо (яъне ходимони КМ партия) дар ин хусус пайваста фикр мекунед ва тадбирҳо меандешед. Пас аризаро фақат бо мақсаде нависондам, ки бигузор вай чун илтимоси пире дар ягон чои идорааётон бошад ва аз хоҳиши кухансолаи доимо хотиррасон кунад. Бигузор ки соати вопасини шаробфурӯшию мастию аласти барин одати бадро аҳаллаи андаке бошад ҳам, бонси наздик овардан шавад.

Бо аризаи Зиё-бобо банд шуда, ба шӯъбаи маориф, ки дар он ҷо маро ба ҳайати кадом як комиссияе дохил карданӣ буданд, таъхир карда рафтам. Вале, бояд иқрор шуд, шунидани миннатдорихои фаровони дуоҳои Зиё-бобо ба ҳар ҳол бароям гуворо буд.

Ҷои гап нест, ки ҳочати касеро баровардан, ё чупон ки Зиё-бобо мегӯяд, кори савоб кардан ба одам ҳисси каноатмандӣ мебахшад. Лекин дар урфият шакарро камтараш ширин мегӯянд. Кори савоб ҳам бо меъёраш бошад, хуб мешудааст. Ҳоло аз давоми ҳикоятам хохед дид, ки ман чаро ин тавр мегӯям.

* * *

Мактуби оид ба савдои сайёри карасин дар газета чоп шуд. Ҳамон рӯз Ахрор-амак аз кораш барвакттар баргашта рост ба сӯи хонаи мо омад ва гарму чӯшон ахволпурсӣ карда гуфт:

— Писарам, агар нимсоатак вакт дошта бошед, ҳамроҳи ман як гардиш мекардед. Чои писар, чои муаллим!

Агар як шахси обрӯманд, ки дар кӯчаву бозори шахр ба ӯ мардум аз дур дукат шуда салом медиҳанд ва бо ӯ ҳамсӯҳбат шуданро барои худ шараф барин як чиз медонанд, агар чунин одам аз шумо бо оҳанги илтиҷо илтимос кунад, чӣ ҳел қабул намекунед!

Ҳамроҳ ба гардиш баромадем. Гардиши мо зоҳиран ба саёҳати сайёҳони ҳакикӣ шабоҳат дошт. Яъне ҳарду паҳлӯ ба паҳлӯ қадам мезадему Ахрор-амак ба ман кӯчаҳо, тангкӯчаҳо, ҳавлихои атрофро нишон дода, дар бораи таърихи ободии онҳо, доир ба касбу кор ва феълу хӯи бошандагони онҳо накл мекард.

Рӯз бегоҳ шуда бошад ҳам, офтоби моҳи август ҳаворо сахт тафсонида буд. Охир ин ҳамон офтобе буд, ки аз тафси он маҳз дар ҳамин рӯзҳо харбузаву ангур шакар мебандад, кӯраки пахта гӯшт гирифта, ба шукуфтан сар мекунад! Ман ҳар дам аракӣ сару рӯямро бо рӯймолча пок карда, мабодо Аҳрор-амаки коргар маро дар нозукбадании интеллигентӣ таъна накунад, гӯён баробараш бардам-бардам по мемондам; ба монанди «ҳайҳай!», «аҷаб!» ҳар гуна нидоҳо бароварда нишон доданӣ мешудам, ки ба ин саёҳат бисьёр марок дорам, аз он басо хушам омадааст ва ҳатто хушбахтам.

Мо ба кӯчаи калон баромада, ба тангкӯчаи дарози сарбастае дохил шудем, ки сар то сараш зохиран, ба ҳамин ҳарифӣ асфальт пӯшонида шуда буд. То миёнаи тангкӯча расида, бозистодем. Дарвозаи калони дутабақаи пешгоҳи тангкӯча нимроғ буд. Ҳасе танҳо эзорчаи кӯтоҳе дар тан аз оби водопровод бо рӯдаи резинӣ чангу лои мошини сабукраверо мешуст.

— Дар ин ҳавлӣ раиси комбинати ҳунармандӣ истикомат мекунад,— гуфт Аҳрор-амак ва маро аз ориҷ дошта ба роҳи омадаамон ҳидоят карду мақсади худро баён намуд.

Аҳрор-амак маро ба ин ҷо барои нишон додани тангкӯчаи асфальтпӯши раиси комбинат оварда будааст. Ман бояд дар бораи ин раис, дар бораи аз мансаб ва обрӯяш суистифода бурдани ӯ ба газета мақолаи сахте менавиштаам. Аҳрор-амак, ки депутати Совети шаҳр аст, бо гӯши худ шунида ва бо чашми худ дидааст, ки чӣ тавр яке аз депутатҳо бахорон дар сессия, дар пеҷи аҳли ҷамъияти шаҳр ҳамин одамро барои айби дигараш — идорахоро аз хешу табори худ пур карданаш — сахт танқид карда, ба зери обу арақ мононда буд. Аммо чӣ шуду чӣ монд, ки дар ҳаққи раиси маҳрур касе ҷора надид. Шояд рохбарони раҳмдил гуфтанд, ки ба аспи хуб як қамчин басандааст, барои ӯ худи ҳамин танқид ҳам ҷазои кофист. Аммо маълум шуд, ки вай он қадар ҳам «аспи хуб» набудааст. Дар шаҳрчаи мо бисьёр ҷойҳое ҳастанд, ки эҳтиёҷ дар навбати аввал асфальт пӯшонидан лозим буд. Масалан аз ҳама заруртараш саҳни пункти пахта, ки Аҳрор-амак он ҷо кор мекунад. Е кӯчаи табобатхона. Е худ истгоҳи автобусҳои байнирайонӣ. Ин ҳел ҷойҳои заруриро ҳомбар кардан гирад, як рӯиҳат шуда меравад.

— Акнун аз рӯи инсоф гӯед,— маро аз роҳ боздошта

чашмони аз изтироби ботинӣ шӯълапошгаштаашро рост ба рӯям дӯхта бо овози баланд савол дод Ахрор-амак:
— Даххо тонна асфальтро ба як тангкӯчаи нодаркор рехта, осонаша гирем, нобуд кардан ин чӣ корест? Охир аз он ҷо ғайр аз «Волга»-и ранс ва мошини меҳмононаш касе намегузарад-ку! Ин чиноят нест магар? Чаро ин тавр мекунанд мардум? Охир вай аъзои партия-ку! Агар ба халқ нафъ расонида натавонад, акаллан зарар нарасонида, кори худро буд карда мегашт намешуд? О ин кучоя гапаш, писарам муаллим.

— Менависам, амак, парво накунед, боб карда менависам,— гуфтам бо харорате ки бидуни шубҳа аз таъсири суханони ҳамсӯҳбатам, бештар аз таъсири ҳолати пуризтироби ӯ пайдо шуда буд. Инро гуфтаму зуд пушаймон шудам, ки чаро «боб карда менависам» гуфтам? Ҳоло дар навиштани маколаҳои масъулиятноки танқидӣ малакае надошта бошам, ин лофи бемаъниӣ, ин худситони зормонда аз кучо пайдо шуд?!

— Ба қадри ҳолам зӯр мезанам, амак, парво накунед, — такрор кардам ваъдаамро бо андаке таҳрири эҳтиёткорона.

— Мебахшед, писарам муаллим, шуморо аз коратон мемононам,— андаке ором шуда гуфт Ахрор-амак.— Лекин худатон мебинед, ки илочи дигар надорам. Агар навиштан аз дасти худам меомад, чӣ хуш буд! Афсӯс ба хондан як навъу ба навиштан ғайр аз, осонаша гирем, дуову салом дигараш зӯрӣ мекунад. Ба касе як илик хат навиштан ҳам тоҳо ба ман малол, росташро гӯям. Илочаш бошад, осонаша гирем, даҳ мошин пахтаро ба китфам монда мекашонаму хатнависиро аз каси дигар илтимос мекунам.

Муддате гап назада роҳ гаштем. Аслан хонаи раиси комбинат аз ҳавлии Зиё-бобо ду-се ҳавлӣ онсӯтар воқеъ гашта буд (наздик будани он аз садои доираву думбаки ҳаррӯзаи ҳавлии сермеҳмони раиси саховатманд ҳам маълум буд), лекин роҳаш аз кӯчаи калон будааст, бинобар ин саёҳати мо тахмин як соат тӯл кашид.

— Бо худи ранс сӯҳбат кардан шарт будагист, албатта,— гуфт Ахрор-амак вақте ки ба дари ҳавлиамон наздик расидем.— Агар хоҳед, ман ҳамроҳӣ мекунам.

Ман барои таклифаш ташаккур хонда, кӯмакашро қабул накардам.

* * *

Дар хонаи мо ду кас — завчаи мӯхтарамаи ман ва Зиё-бобо ба сари мизи хатнависии ман хам шуда, зӯр зада ариза менавиштанд.

Бале, ариза! Боз ариза! Боз ба сари аризанависӣ омада мондам! Бовар кунед, дар сари варака баробари дидани калимаи «Ариза» дилам шуввӣ карда, баданам вичиррос зада рафт.

— Э, э, зудтар биёед-е, азизакам, муаллимакам, хӯчаннакам, чонакам, ба кучо хаял карда рафтед? Ману бобом ариза менависем гуфта азоби чаханнамро кашида нишастем,— гуфт бо навозиши фаровони одатии худ Ойшахон ва кушодарӯёна ба пешвозам давида, аз дастам дошта, ба сари миз кашола кард.— Як задани охангару сад задани сӯзангар! Бобочон, хозир дадаи Зафарчон хар кадар ариза бошад, то як пиёла чой нӯшидани мову шумо навишта медиханд. Хамин тавр не, чонакам?

— Албатта, албатта!— хитоб кардам ман хам табассуми зӯрбазӯракие сохта, аммо дар дилам илова кардам: «Нав аз кор омада, нафасамро рост мекунам гуфта будам, ки Ахрор-амакатон ба саёхат бурданд ва ба гарданам супориши тозае бор карданд. Акнун шумо бо бобочонатон чой нӯшида, чак-чак карда нишинед, ман аризанависӣ мекунам, балотон ба чонам!»

Ман аз бегонагон харгиз наполам
Ки бо ман хар чӣ кард он ошно кард.

— зери лаб замзама кардам ман.

— А, чӣ гуфтед, азизам?— пурсид Ойшахонам бо хавотир.

— Хеч чиз нагуфтаам. «Марҳамати шумо зиёд»,— гуфтам.

Зиё-бобо мехостааст, ки ба хукумати республика ариза навишта, аз комичрояи шахри худамон шикоят кунад, ё мулоимтар карда гӯем, гилагузорӣ кунад ва хохиш намояд, ки хизматхои барои ободии колхозхои ин чо ва колхозхои райони Фархор кардааш, инчунин мӯйсафедӣ ва нафакагир буданашро ба инобат гирифта, амр диханд, ки дар як гӯшаи боғчаи ӯ пивахона насозанд. Харчи созанд — сохтан гиранд, лекин пивахона, ё ресторан, умуман шаробхона насозанд.

Ба он чизе ки аз аризаи чаламондаи Ойшахон навиштагӣ хонда фахмидам, худи Зиё-бобо суханони зеринро илова кард:

— Ман, ўғлум, даъвои зиёде надорам. Мехохам, ки дар манзили падарам чароғи падарамро равшан карда шинам. Дар ҷое ки раҳматӣ падарам кор мекард, истикомат ва истироҳат мекард, агар мастхо арак хўрда, ар-ар карда мегашта бошанд, дах дасти падарам хам аз гўр беруи мемонаду худам хам аз дунёё норозӣ меравам.

Боз аз кучое дар вучудам қатъияте пайдо шуд ва ба Зиё-бобо гуфтам:

— Хайр, ота, биёед, хал кардани хамин масъаларо ман ба ўхда мегирам. То имкон хаст ҳаракат мекунам, ки дар кунчи хавлиатон пивахона насозанд. Аммо ба ҳукумат ариза наменавишем. Ба хаёлам, дар он ҷо бе аризаи мову шумо хам кор бисьёр будагист.

Аз афти кор, ин дафъа дар оханги гуфторам дар вокеъ хам қатъият ва эътимоди кофӣ хис карда мешудааст, ки Зиё-бобо зуд розӣ шуд. Ҳатто хурсанд шуд, ки ман барои аз сидки дил дар ин кор кўшиш кардан ваъда додам.

Инак, мактубе навиштам. Мактуб ба раиси комичроияи шаҳр аз номи худам, яъне муаллими фалон мактаб фалонӣ фалонизода... Навиштам, ки пирамард ба иморат шудани як гўшаи боғчааш мукобил нест, лекин ба сохта шудани машруботхона ҳаргиз розӣ нахоҳад шуд. Агар илочаш бошад, ва агар ин боиси вайрон шудани нақшаи меъмории шаҳр намешуда бошад, барои ягои муассисаи дигаре иморат кунанд.

Мактубро навиштам, хонда додам, ба конверт андохта маҳкам кардам. Акнун мебоист аз паи ичрои супориши Аҳрор-амак мешудам.

* * *

Дар бораи раиси комбинат чи гуна чизе навиштанам ва чи тавр навиштанамро намедонистам. Хис мекардам, ки машкхои мухбирии пешинаам чизи дигар асту ин дигар. Гоҳо дилтанг шуда он рўзеро, ки ба ин ҷо ба сифати ичоранишин кўчида омада будем, лаънат мехондам.

Зарбулмасале мегўяд: «Мо ба бўи кабоб омадем, дидем, ки хара доғ мекунанд». Маро завчаи мехрубон барои ичоранишинӣ ба ин ҷо овард,— фикр мекардам ба худам,— яъне барои истикомат кардан, монанди пештара ба осоиштагӣ ва оромӣ бо кору зиндагонии худ машғул будан. Аммо ҳоло рўз ба рўз равшантар мебинам, ки осоишро то даме ки ин ҷоем, видоъ гуфтан лозим меояд.

Пеш ҳамин ки чизи навиштанбобе пайдо мешуд, фурсате ёфта, бе малоли хотир, бе халаю хингил нишаста, бахузур менавиштам. Ҳоло дар ин соҳа низ, ба иборае расмӣ гӯем, дар соҳаи фаъолияти ҷамъиятии худ низ сардор ва роҳнамоҳое пайдо карда будам, ки осуда нафас гирифтан намегузоштанд.

Хайрият, ин гуна андешаҳои дилгиркунанда фақат гоҳ-гоҳе ба сарам роҳ меёфтанд. Дар воқеъ, чӣ хуш аст, ки табъи одам якзайл тираву хира намемондааст, кайфияти ӯ ҳамеша дар тағйир будааст мисли ҳавои баҳорон: гоҳ барфу борон, гаҳе хуршеди тобон.

Дар асноҳ димоғчоқиам ба ин масъалаҳо бо таҳаммул ва тамкине ки — хоҳишмандам худситоҳ нашморед — шоистаи одамони умрдидааст, нигоҳ мекардам. «О, ту, бандаи ношукр,— худро сарзаниш мекардам дар дилам,— тоқатро ба осмон намеғурронӣ, ки дар паҳлӯи ҳамин гуна одамон зиндагонӣ мекунӣ?! Падари худатку як умр аз музофоти худ берун қадаме наниҳода, фикру зикраш фақат ба ҳурондану пӯшонидани зану бачаҳош банд буд. Бузургтарин воқеа, мухимтарин маросиме ки дар ҳаёти худ дид,— тӯи фарзандонаш буд.

Рост, дар мо ҳоло ин хел одамоне ки фикрашон на фақат ба чордевори хонаи худ банд аст, одамоне ки ҳар рӯзу ҳар соат ғами ягон порасони зиндагониро меҳӯранд, бисьёранд. Лекин аз байни куҳансолон Аҳрорамак баринаш кам вомехӯрад. Пас, агар барои нағз ташкил карда нашудани савдои карасин, барои нобуд шудани асфальт, нообод мондани ягон гӯшае ки аз тангкӯчаи раиси комбинат дида барои ҳалқ ҳазорон маротиба фоиданоктар аст, ин пирамард ғам хӯрад ва ташвиш кашаду мани муаллим, одами аз ӯ чавонтар, саводноктар ғам нахӯрам, пас дар сиришти ман нуқсоне ҳаст.

Баъд воқеаҳои дидаам, хусусан воқеаҳои рӯзҳои охиринро дар хотири худ такурӯ карда, мулоҳиза мекардам, барои исботи кашфиёти тозаам далел мечустам. Ҳайҳот, ин гуна далелҳо ба осони ёфт мешуданд.

Чанд рӯз қабл аз ин дар истгоҳи автобус меистодам. Истгоҳ аз тахтапули суфашакле иборат буд, ки ҳам вазифаи худ — яъне ҷои ҷамъомади мусофиронро адо мекард, ҳам вазифаи пулро, ки аз он пиёдаҳо мегузаштанд. Назди тахтапул, дар як ҷӯшаи он, дар поёнтар симчӯбе воқеъ ғашта буд. Симчӯб дар офтобтеға меистод, ба болои тахтапул дарахтони акация соя ғафс афканда буданд.

Як деҳқони халтадор ва ҷавони кӯлоҳпӯши еврупой, ки тахмин ҳамсинни ман буд, хамроҳ дар соя менстодему ду точикзан дар таҳи симчӯб дар зери офтоби сӯзон диккак менишастанд. Ҳама омадани автобусро интизор будем. Ман аввал ба занҳо, ба сарулибосу киёфаи онҳо, ҳатто ба он ки онҳо дар офтоби тафсон менишастанд, эътиборе надодаам. Дар ҷаниби истгоҳ нонвойхонае воҳеъ ғашта буд, ҳар дам бӯи хуши нони гарм ба димоғам мерасид ва ман дар бораи хонаи худ, дар бораи писарчаам Зафарҷон, ҳамсарам Ойшахон, инчунин дар бораи Иқбол-хола, ки нонҳои хушрӯю болаззати хонаги мепазад, фикр мекардам.

Ҷавони кулоҳпӯш сепояи кадом як асбоби оптикӣ дар зери бағал аз ин сари тахтапул ба он сараш нооромона ва, ба ҳаёлам, андаке асабонӣ қадам мезад. Ногоҳ ӯ дар назди занҳо аз қадамзанӣ бозистод, коматашро сахле хам кард ва ба онҳо гуфт.

— Апа, почему твоя здесь сидит? Вот здесь нада сидеть...— ва ба ҷои соярави тахтапул ишора намуд. Вай ба хотири он ки занҳо мақсади ӯро зудтар бифаҳманд, забони русиро қасдан вайрон карда ҳарф мезад.

Занҳо дар ҷавоб чизе нагуфтанд, фақат қарсҳояшонро поёнтар фароварда, рӯи худро тамом панаҳ кардаанд.

Ман акнун пай бурдам, ки онҳо дуртар «аз назари мардҳои номаҳрам» дар офтоб менишастанд, дар бехи симчӯб тани худро ғунчакунон дар як вазъияти рахмовари бечорагонае менишастанд. Дар тан қабат-қабат пироҳанҳои нави лас ва атласи базеб, дар по кафшҳои нав, дар сар токиҳои минчоккорию зардӯзӣ доштанд, аммо дар чунон як ҳолате ба ҳамдигар чафс шуда, ба худ печида менишастанд, ки гӯё он ҷо кӯчаи ободи шаҳрчаи озодаи ҳозиразамон не, балки гӯшаи бозори қадимаи асрҳои ғузашта бошад.

Дар дилам ҳисси ногуворе, ҳисси махлути ҳичолат, ҳаҳр ва тараҳҳум пайдо шуда, кайфамро паронид. Ба гӯшае ки занон менишастанд, чобук наздик шуда гуфтам:

— Чаро охир, ба соя қаҳтӣ омадагӣ барин, дар офтоб мешинед? Рост мегӯяд-дия ин кас, дар соя шинед, чӣ мешавад?

Занҳо дилу бедилон аз ҷояшон бархоста, ба гӯшаи соярави истгоҳ ғузашта, рӯ ба ҳамдигар зич шуда истоданд.

Ҷавони сепоядор ба ман мурочиат кард:

— Мархамат карда, пурсед аз инхо, ки чикорааанд. Ман пурсида чавобашонро тарчима кардам, ки колхозчианд.

— Ана, колхозчӣ будааанд!— гуфт бо оханги гилаомез он чавон.— Боз дар гӯшае мурги касалӣ барин ба худ печида нишастааанд! Айб аст, гӯед, ба онхо, коматашонро бардоранд! Ин чӣ гап! Хуни одам чӯшида меравад...

Автобус омад. Он чавон ба занхо «апа, чаккон-чаккон ха-а молодец», гуён онхоро ба автобус савор кунонид, баъд мо хам савор шуда, хар кадоме ба кори худ рафтем. Лекин андоми ин чавони кушодарӯй, сарулибоси чанголуди ӯ дергохе аз пеши назарам намерафт. «Хуни одам чӯшида меравад!» гуфтанаш тамоми рӯз дар гӯшам садо медод.

«Чаро хуни ман начӯшид» — гуфта мепурсидам аз худ. Аввал ин ки чаро ман дар он холати ба шаъни инсон нозеб нишастани занхоро пай набурдам? Шояд ба дидани ин гуна манзарахо одат кардаам? Бояд танте буд. Одат кардаам. Ба дидани хазорон занони хаммиллатам, ки дар идорахо, муассисахои гуногун кор мекунанд, ходимони давлат, арбобони илм ва санъат, раисони колхоз, суд, директорони заводу фабрика, котибони комитетхои партия ва комсомол шуда кор мекунанд, одат кардаам. Ба дидани бисьёр ва бисьёр заноне, ки ханӯз кадри инсонии худро пурра нашинохтааанд, аз дӯги шавхару тахдиди қуръону фишори урфу одати кӯхнаи касофатовар ханӯз мехаросанд, низ одат кардаам...

* * *

Пагохӣ ханӯз вакти аз хоб хестанам нашуда, ғалмағали занон, ки дар рӯи хавлӣ барпо буд, бедорам кард. Аз байни гуфтушуниди Икбол-хола ва Заррина дам ба дам овози Ойшаи ман хам шунида мешуд. Мабодо хамсарам чанчоле берхезонида бошад гуфта, бохавотир гӯш андохтам. Охир, кӣ занеро дидааст, ки ӯ бо ягон хамсояаш ақаллан аидаке чанчолу хархаша накарда бошад?

— Чаро шумо ин кадар маро азоб медихед? — бо оханги гирьяомез мепурсид Заррина.

— О ман чӣ кор кардам, бачем, чӣ шуд? Охир туро задам, ё дуои бад кардам, ё кучуката рав гуфтам, ё пишаката пишт гуфтам? Чӣ гунох гузаштааст аз мани сарсахт?!

— Ха, боз худатонро ба нофаҳмӣ мезанед... Билети комсомолиамро ба маҳзи қуръонатон мондед-ку!.. Ё намондед?

— Э бас кун-е маҳмадоно! Нагуфта бошам акнун мегӯям, ки илоҳо садакаи каломи шарифи худованд шавад ҳамон белати камсамолат!

— Ҳой, кампир, ҳақорат накун! — нохост ба мунозира мудохила карда, ба занаш пӯписа карда монд Ахрорамак.— Ҳар гап занӣ — зану ба белаташ кордор нашав.

Заррина аз тарафгирии бобо рӯҳ пайдо карда, ҳучуми худро ба сари модаркалонаш кувват медод:

— Мо ба намозу ниёзи шумо кордор нашудаем-ку! Худатон маро дар миёни ду гап маҳмадоно, бачаи охиратзамон гуфта дашном медихед-ку!

— О ман чӣ гунаҳ кардам, а, мусулмонҳо, о ба ин тирмизак гап занетон. Ойшахон, духтарам, ақаллан шумо гап занед. Пинчакаша шӯям гуфтам, аз кисааш ҳамин белати падарқусураш баромад. Мани сарсахт ин чиз барои духтарам азизу авлиё гуфта, гум нашавад, рӯи хона рӯбак-рӯбак нагардад гуфта ба дарунӣ чилди қуръони шариф мондам, аз нэмакаш гардам. О ту тиррончак, шукр намекунӣ, раҳмат, бибичон, намегӯӣ, ки ман ин дафтарчаи накшинаро ба ҳамин хел як чои азизу кироми эҳтиёт кардам? А? О ин кучоя гапаш, мусулмонҳо, ба хизмат тӯхмат-ку!

— Шумо ба чилдаш не, ба маҳзи китобатон мондед, — ҳамчунон гирьяомез гуфт Заррина ва ба зӯрии алам, алами иҷлохнопазир будани ҳодисаи рӯйдода тоб оварда натавониста хунгос зада гирист.

Ойшаи ман, албатта, ба мобайн дарэмада, онҳоро ба нфоқа оварданӣ мешуд. Ӯ тарафи Иқбол-холаро зер карда мегуфт, ки он кас билети набераашонро дар ҳақиқат аз сари эҳтирэм ва эҳтиёткорӣ ба маҳзи қуръон руст кардаанд, яъне дар айни ҳол, мегуфт завчаи донишманди ман ба забони сиёсӣ ғузашта, Иқбол-холаам ақидаҳои ичтимоии Заррина хурмат кардаанд, ки ин рафтори бисьёр оличанобонаест. Дар ин кор заррае таҳқир ё қасди бад нест.

Намедонам, мунозира бо чӣ анҷом пазируфт. Маро дубора хоб бурдааст. Лекин чандон дер ва бароҳат хобида натавонистам.

Ин дафъа худи ҳамсарам бедор карда гуфт:

— Зафарчонро худам ба яслӣ мебарам, азизам. Шу-

мо дарравак либосатонро пўшида, ба Иқбол-холаам ёрмандӣ кунед. Хезед, ҷонакам.

— Чӣ гуна ёрмандӣ? Чӣ шудааст?

Дар дилам мегуфтам, ки худоё худовандо, холо-ку чашм аз хоб кушода калимаи «ёрмандӣ» ё «ариза»-ро мешунавам, пагоҳ-фардо бе ҳеч шак ва шубҳа, асло имконияти чашм ба истироҳат пўшидан ё дақиқае ёзидан нахоҳад монд. Яқин аст, ки кор ба ҳамин онд шуда истодааст.

Завчаи мўҳтарама саволамро бечавоб мононда, «зуд бошед, ҷонакам, ним соат камтар хобед, осмон ба сари мову шумо парў намеафтад» гўён писарчаамонро бардошта баромада рафт.

Аз берун нағмасароии бедонаҳо ба гўш мерасид. Як порчаи калони шуои офтоб, ба девори сафеди хона афтода, хонаро аз нури нарми ширранг пур карда буд. Мошине дар сари кўча ғуррос мезад. Ғурриши мотораш гоҳ пасту гоҳ баланд мешуд, ба хаёлам, ба ҳавои алла садо мебаровард.

Чашмонам худ ба худ пўшида мешуданд. Охир, соати сеи шаб хобида будам. Мехостам боз сар ба болин гузораму ба олами орому бароҳати хоб баргардам.

Дар ин асно Иқбол-хола сар аз даҳлез ба хонаи мо дароварда, бо изтироб гуфт:

— Муаллимҷон, илоҳо хока гиред, зар гардад, писарам, мана дастгирӣ кунед, ки холам табоҳ.

— Наход? Чаро, хола?— гуфтаам мани хоболуд бемаврид.

— Намедонам, муаллимҷон, ин чӣ диданӣ буд маро. Сари калобаамро тамом гум кардам. Барака ёбед, як ёрмандӣ кунед. Илоҳо хузури писаракатонро бинед.

— Ба амакам ягон чиз шудааст?

— Не-е, амакатон, шукр, тўқмоқи тар барин. Амонаткасса гурехтааст.

— Чӣ?

— Амонаткасса, мегўям, гурехтааст.

Дар як лаҳза хоб аз сарам парид.

Ман дастурӣ мешустам, либос мепўшидам. Иқбол-хола дар таки дари мо ба як ҳолат истода, ҳар замон оби чашмонашро пок карда, воқеаро ба ман шарҳ медод:

— Бист сол дар артельҳо кор карда, бо нўки сўзан ғундоштагӣ як қадар нақдинаамро ба гапи амакатон даромада, ба амонаткасса монда будам. Дили худам пур

набуд, бачекам, дар ҳар ду рӯз рафта хабар гирифта меомадам. Маро чи чини каччак задааст, ки се рӯзи охир рафта напурсидам, хабар нагирифтам.

Ман ҳарчанд кӯшиш карда, фаҳмонданӣ мешудам, ки дар ин ҷо иштибохе ҳаст. Кассаи амонатӣ муассисаи давлатист ва он ҳеҷ гоҳ ба ҷое нагурехта буду нахоҳад гурехт. Ин гапи ношуданист ба мисли он ки дарьё дарҷирифт гуфта овоза кунанд.

Аммо ба Иқбол-хола гап таъсире надошт. Ӯ охувохи худро бо авҷи торафт баландтар давом медод:

— Пагоҳӣ, муаллимҷон, хезам, ки чашми чапам пирпир мепарад. Оҳ, гуфтам ба худам, ягон дилсиёҳи дар пеш аст. Ҳеҷ дидаед, ки чашми чапи одам аз каллаи азон ба паридан дарояд? Охир кори ношуданӣ шуд-дия. Аввал вай, Зарринаи тирроҷчаатон, ба сарам доду фиғон бардошт, ки белати ҳамсамолама ба пеши китобат монда, ҳаҷорат кардӣ гуфта. Баъд, кӯча бароям, ки ин аҳвол: аз амонаткасса на пай ҳасту на ҳайдар. Ба болои сӯхта намакоб, як бача трактораша оварда, хонаи амонаткассая вайрон мекунам гуфта истода буд.

Иқбол-хола маро ба яке аз ҷорраҳаҳои шаҳрчаамон овард, ки он ҷо ҷанг хоки кулбаҳои кӯҳна ба осмон печида буд. Пештар дар ин ҷо, дар паси дӯкони газетафурӯшӣ як қатор кулбаҳо буданд, ки дар онҳо амонаткасса, сартарошхона ва устохонаи каллапӯшдузӣ ҷой мегирифт. Ҳоло чавонписаре айнаки калони ҷангдорак ба чашм ниҳода, даҳону бинишро бо руймоле баста, он кулбаҳоро бо бульдозер ба замин ҳамвор мекард. Ду нафари дигар аз пасу пеши мошин чӯбу чахсҳоро ғундошта, ба як сӯ тӯда мекарданд.

Дар воҷеъ, аз амонаткасса на ном буду на нишон. Ба чавони бульдозерчӣ бо имову ишорат фаҳмонидам, ки ба ӯ саволе дорам. Вай ҳарчанд, ки аз сабаби қатъ шудани кораш норозӣ буд, никобҳояшро кушода сар аз кабина баровард ва худ аввал ба мо савол дод:

— Эҳтимол пурсиданӣ ҳастед, ки амонаткасса ё дӯкони каллапӯшдӯзӣ ба кучо рафт?

— Бале, ба амонаткасса кор доштем. Шояд пеш аз вайрон карданатон дар деворaш ба эълоне чашматон афтода бошад?

— Не, ҳеҷ гуна эълоне надидаам. Ба ман гуфтанд, ки ин бокимондаи шаҳри кӯҳнаро нест кун, ман нест карда истодаам. Дигар аз чизе хабар надорам.

— Нигоҳ кунед, муаллимҷон, чашмакони ин бача

бозй мекунанд,— гуфт Иқбол-хола ба таки гўшам пичирросзанон.

Бульдозерчй хотири мушавваш ва харакатхои маъюсонаи Иқбол-холаро дида, зохираи, аз таки гап огох шуд, ки ба ў рўй оварда табассумкунон гуфт:

— Натарсед, хола, пулатон гум намешавад. Баръакс дар чои нав хам фоида зонда хоб кардааст. Ин чо магазини нав месозем, фоидаи пулро оварда, чиз мехаред. Натарсед,— такрор намуд ў ва ба ман:— Ба амонаткассаи шахрй телефон кунед, мегўянд,— гуфту мошинашро ба харакат дароварда, ба кафо ронд, то ки аз дуртар бо шаст омада, охирин похсадевори кулбаро вайрон кунад.

То ба Иқбол-хола ёфта нишон додани чои нави амонаткасса рўз чоштгох шуд ва ман ночор бо шиками гурусна ба кор рафтам. Ба замми ин аз камхоби ва папироскашию даводавии зиёд сарам чарх мезаду дилам бехузур буд.

* * *

Чанд рўз хамвор, бе тағйироти шоистаи диккат гузашт. Ахрор-амак ба ман супориши нав намедод. Зиёбобо низ бо маслихате намеомад, ё аризанависй намефармуд. Иқбол-хола хамчунон ба кадом як маросими худ тайёрй медид. Рўзи бозор вай ва шавхараш гўсфанде харида омаданд. Аз Ойшахон пурсидам, ки мўйсафедон ба чй гуна маросиме тайёрй мебинанд, низ намедонам гуфт: «Хайрият, гуфтам дар дилам, чизи завчаи ман намедонистагй хам будааст дар олам».

Шабхо фикру зикри ман ба навиштани фельетон банд буд. Аввал чизе навиштам, ки ба маколаи танкидй шабохат дошт. Чун дидам, ки дар иншоям якта-нимта чумлахои фельетонй вомехўранд, хурсанд шудам ва ахд кардам, ки зўр зада фельетоне барорам.

Росташро гўям, ин дафъа кори ман мисли он, ки дар вокеъ хам матбуотчии касбй бошам, вусъату хашомати чиддй пайдо карда буд. Мухаррири газетаи шахрамон, марди доно ва дар муомила мехрубону самимй, маро дар кироатхона дида, ахволпурсй кард. Сирри фельетоннависиро ба дилам гунчонда натавониста (алалхусус ки ин сирро аз мухаррир пинхон доштаи кори бефоида буд), фельетони чаларо, ки дар чайбам чахоркат шуда мехобид, бароварда дар гўшае ба ў хонда додам. Мас-

лиҳатҳои хуб дод. Инак, кор вусъату суръати чиддие пайдо кард ва ҳамаи диққати маро ба худ кашида, дар қалбам торафт бештар шавқ меангехт.

Ахрор-амак бошад, аз афти кор, гумон мекард, ки ман навиштани маколаи танқидиро дар бораи ранси комбинат қасдан кашол медиҳам. Ба хаёли ӯ, ман аз танқид кардани яке аз обрӯмандтарин одамони шаҳр истиҳола мекунам, агар луб-луч карда гӯем, буздил ҳастаму намехоҳам зиндагонии осоиштаи худро халалдор кунам. Вай бо ман рӯзҳои аввала барин бо чеҳраи кушод вохӯрӣ намекард, аз корубору зиндагоннам саволҳо намедод, дар хусуси макола ҳам дахон намекушод. Маълум буд, ки андешаҳои ташвишомези худро муваққатан пинҳон медорад, қарор додааст, ки окибати корро гаронборона мунтазир шавад. «Қанӣ, об ба кучо рафта қарор мегирад?..»

Лекин агар аз ягон мавзӯъ сӯҳбате сар шавад, тавре сухан мекард, ки гӯё маро ба мубоҳиса даъват кардан мехоста бошад. Боре дар рӯи хавлӣ папирос кашида менишастам, ки ба наздам омад, аз ину он гапзанон кардем.

— Ҳозир, писарам муаллим, ба хаёлам, одами беларво нисбатан зиёд шуда мондааст,— гуфт ӯ баногоҳ бидуни робитаи мантиқие бо он чӣ ки қабл аз ин муҳокима мешуд.— Ҳа, назар ба он айёме, ки осонаша гирем, пояи ҳамин чамъияти мо сохта мешуд, муросокорӣ бисьёртар вомехӯрад. Аз вачоҳати шумо дида истодаам, ки гапи ман маъқул нашуд. Эътироз кардан мехоҳед. Лекин даъвои ман ҳақ аст. Росташро гӯям, ин на фақат фикри ман, балки фикри аксари калонсолонест, ки сӣ-сиюпанҷ сол мукаддам дар ин чоҳо милтиқ ба китф, осонаша гирем, каланд мезаданд ё аз похса девори аввалин иморатҳоро мебардоштанд. Агар аз ин чиҳат ба касе дахон кушоед, мегӯяд, ки э монед, ҳамаи шумоён мӯйсафедон ҳамин хел, ба хаёлатон дар даври чавонии шумо ҳама чиз беҳтар буд, одамон нағзтар буданд, акнун аз ҳамааш футур рафтааст. Мардуми куҳансол ҳамин хел мешудааст, мегӯяд. Ин ба кас алам мекунад, писарам муаллим.

Чӣ гуфта метавонистам ман дар чавоби ӯ? Русҳо як маҳол доранд, ки аз суруд калимаеро дур кунед, дигар он суруд намешавад. Ахрор-амак, бо вуҷуди хислатҳои бисьёри хубаш, ки ба шарофати онҳо ман ба ӯ меҳр баста будам, ба муболиға майли калоне дошта-

аст. Мисолҳои чудогонаи тӯрачигӣ, мансабпарастӣ ё қаллобии баъзе одамонро дида, хулосаҳои муболиғанок мебаровард. Фаразан, мешунид, ки мудири фалон анбор фалон миқдор моли давлат ё ҷамъиятро хӯрда кораш ба тафтиш афтода бошад хам, баъди ду-се моҳи давуғеҷ моҳи беайбу ситораи бедум барин софу беғаш шуда баромадааст, яъне аз ҷазои ҳаққонӣ халос хӯрдааст. Вай ин воқеаро ғаштаву баргашта ба хотир оварда бисьёр ғам мехӯрд, азоб мекашид; гоҳо чунон ноором, бесаришта ва оташин мешуд, ки гумон мекардед, дар воқеъ хам, сухан дар бораи чиноятқорони алоҳида не, балки дар бораи ягон кувваи ҷиддие меравад, ки ба ҷамъият ва давлат хатари бузурге дорад. Дар ин гуна мавридҳо Ахрор-амак нопоконро, ки боиси ин гуна ноадолатӣ мешуданд, соатҳои дароз дашном медод, хақорат мекард ва дар охир сахт афсӯс мехӯрд, ки аз дасташ намеояд он коре, ки мехост, дар ин сурат бикунад.

Рӯзе ба сари мунозираи Ахрор-амаку хамсарам расида омадам. Пирамард бо овози баланд, гӯё оташин шуда ғап мезад.

— Не! — мегуфт ӯ,— таърифу тавсиф аз дасти хар кас меояд, аммо танқид — не. Ман танқиди бенеши, осонашро гирем, атоланаморо намегӯям. Танқидеро мегӯям, ки одилона бошад, хам осонаша гирем, то ба мағзи устухон кор кунад. Дӯст бошед, таъриф накунед. Таъриф одаму оламро вайрон мекунад...

— Охир, амак, бо як худи танкид чӣ навъ...— Ойша ба эътироз дахон кушода буд, ки Ахрор-амак мобайни суханашро бурид.

— Сабр кунед, духтарам, ман ғапамро тамом кунам. Ҳа, таъриф одаму оламро вайрон мекунад. Хайр, одаму оламро нею, осонаша гирем, одамро. Оламро бошад, на вайрон мекунад, на обод... Ана хар дуи шумо ба ҳарифи аъзои ҳаракати партия мешавед, аз рӯи инсоф гӯед, дар хамин шахрчаи мо чӣ ахволеро мебинед? Ба мачлисхо рафтед, дар митингҳо иштирок кардед, аз зиндагонии шахр огохед. Бигӯед, охир... Бояд иқрор шавед, ки хама ба таъриф одат кардаанд, аз дахони хама равғаи мечакад. Плани семоха ичро шавад,— митинг, тантана, хаёхуй, суросур... Барои бачахо якта майдончаи бозӣ сохта шавад хам, мачлиси тантанавӣ, ура-ура, шод бош, зинда бош, ва ғайра ва ҳоказо. Қасе намегӯяд, ки маддоҳонро лачом задан лозим. Агар уставро ба хотир оварда, камбудиеро танқид карданӣ шаванд, як ба чапу

рост, як ба пасу пеш боэхтиёт назаре андохта, баъд танқидашонро бо сад хилаю маком пардапӯш ё мулоим карда бо узру маънии зиёде баён мекунанд. Шумо, духтарам, осонаша гирем, дорои талхро факат барои бачахо ба магзи канд печонида, хушхӯр карда медихед, ба калонсолхо не. Медонед, ки одами калон дорои талхро бе фиребу такал хам хӯрдан мегирад. Охир, давлату чамъияти мо хам, шукр, калон шуд, чилупанчсола шуд.

Ахрор-амак хомӯш шуд. Икбол-хола як чойник чой оварда ба пеши шавхараш монд.

— Амакатон асло аз бахсу талош сер намешаванд, — гуфт ӯ ба Ойша.— Холо тирамох шавад, Кобилчон — писари Зиё-таго — аз кӯх биёяд, ана бо вай бахсу мунозира карданашонро бинед. Пирию хартозй гуфтагй барин.

— Э занак, боз сар кардй-дия,— норозиёна рӯй турш кард Ахрор-амак.

— Охир, шумо мудом бо одамон оташин шуда, гӯё чанг карда истодагй барин, дӯг зада гап мезанед. Дили ман зиррас зада менстад, ки мабодо аз ин коратон ранчанд...

— Натарс, кампир, намеранчанд,— мулоимтар шуда гуфт Ахрор-амак ва суханашро, гӯё лахзае хам кать нашуда бошад, хамчунон давом кунонид: — Заррина як рӯз чанд латифаи хитой хонда буд. Яктааш ба ман бисьёр маъкул шуд. Чавоне мадрасаро хатм карда, пеш аз рафтан ба чои хизмат, ба музофоти дурдасте ба назди муаллими дӯстдоштааш медарояд, то ки хайрбод кунад, ё осонаша гирем, ба кавли кӯхнахо, фотиха гирад.

— Ба хаёти мустакилона кадам мемонй,— мегӯяд устодаш,— ба чохон ношинос меравй, бо одамони ноозмуд сарукор хохй дошт. Оё дар дилат тарсу бим ё ташвиш ё шубхае нест?

— Не, муаллим,— чавоб медихад шогирди собик.— Барои муомила бо одамони ноозмуд каблан тадбири эътимодноке тайёр кардаам.

— Ин корат хуб,— мегӯяд устод,— илочи вокеа кабл аз вукӯъ бояд кард. Вале бигӯ, тадбири ту чй гуна аст?

— Ман 100 дона таъриф ва тавсиф тайёр кардаам. Ба хар кадоме аз сардорони оянда яктой аз он гуфта, дилашро ба даст хохам овард.

— Охир, писарам, ин корат хуб нест-ку. Хушомад гуфтан нанг аст. Бо тамаллук нон хӯрдан бешарафист,— мегӯяд муаллим хашмгин шуда.

— Чӣ чора, устоди мӯҳтарам,— мегӯяд шогирд.— Одамоне ки мисли шумо, кабоҳати тамаллуккориро мефаҳманд ва аз он нафрат доранд, дар мамлакат аҳьёнаҳьён ёфт мешаванд. Аксари мардум хушомадпарваранд.

— Рост мегӯӣ — розӣ мешавад муаллим,— аксари мардум хушомадпарваранд. Хайр, чораи дигар ки набошад, рохи сафед металабам.

Шогирд, ба ҳамин тариқа, фотиҳаи устодро гирифта ба кӯча мебарояд, ки он ҷо як рафиқаш ӯро нигарон будааст.

— Ҳа, чӣ шуд? — мепурсад рафиқаш.

— Аз 100 таъриф яктоаш сарф шуд, акнун 99-то монд,— мегӯяд шогирд.

Ҳақ асту рост ҳамин латифа. Кӣ таърифро бад мебинад? Ин хислати инсонист. Дар воқеъ, ҳеҷ гуна нағзу бад ба сари инсон аз осмон намеафтад, ҳамааш аз сиришти худи ӯ сар мезанад...

Аҳрор-амак аз сухан лаб фурӯ баста ба чойнӯшӣ сар кард. Вай гӯё дар ҳақиқат ҳам бо мо мунозира карда, аз мо ранҷида бошад, сарпӯши чойникро дар ҷояш асабонӣ давр зонда, бозӣ медоронд. Ба мо нигоҳ намекард, назараш дар пешгоҳи боғ, дар ким-кадом нуқтаҳои номаълум сайр мекард.

Ман, пай бурдам, ки вай он нутқи аҷоибашро дар бораи таърифу танқид, ҳам он латифаи хитоиро низ ба ман расонида мегуфт. Яъне духтарам ба ту мегӯям, келинам ту ҳам шунав, гуфтани маколи халқ барин. Вай ҳамчунон гумон мекард, ки ман яке аз ашхоси номдору бонуфузи шаҳрро таҳқид карда, сари худро ба ҷанҷол монондани нестам. Аз чӣ сабабе бошад, ба ман аз ин нукта савол намедод. Аммо маро низ чизе аз забон нигоҳ дошта намегузошт, ки ба ӯ аз худам дониста, дар ин бобат маълумоте бидиҳам.

Дар ин кор, аз афташ, маро иззати нафси худ монеъ мешуд. Равшану аён ҳис накунам ҳам, дар ким-кадом гӯшаи шуурам ҳамин гуна як хаёли кӯдакона вуҷуд дошт, ки ман ба ҳар ҳол муаллим, шахси маълумоти олидор ҳастам ва дар назари мӯйсафедон бояд соҳибихтиёрии худро дар ҳар кадам таъкид намоям.

* * *

— Муаллим, ман ҳамроҳатон равам? — изҳори хоҳиш намуд Заррина, ҳангоме ки пагоҳӣ аз дари ҳавлӣ мебаромадам.

— Кошкӣ,— гуфтам ман,— кӣ аз ҳамрохии ин хел толибан аълочию фаъол рӯй мегардонад?

Аз сӯҳбатҳо ва машваратҳои давомдори ҳаррӯзаи ин духтарак ва ҳамсарам, ки гоҳо ночор сомеашон мешудам, фаҳмида будам, ки Заррина дар мактабаш (ӯ дар мактаби даҳсолаи маркази шаҳр мехонд) вазифаҳои вожатии отряд, аъзои комитети комсомол, комитети талабагон, ҳайати тахририяи варақаи ҳаҷвӣ ва боз ким-чӣ гуна вазифаҳои дигари ҷамъиятиро иҷро мекунад. Ин буд, ки ӯ дар вақти таътил ҳам қариб ҳар рӯз ба ҷое — ё ба хонаи пионерон, ё ба лагери шаҳрии бачагон рафта бо ким-чӣ гуна корҳои ҷамъиятӣ машғул мешуд.

Имрӯз дар сарулибос ва ороиши андоми духтарак як тобиши идонае мушоҳида карда мешуд. Қафши ялаккосӣ дар пой, куртаи нав дар тан. Ба миллаҳои зич бофтааш лентаҳои сап-сафеди капронӣ баста шудаанд. Лентаро, бешубҳа, Ойшахони ман бастааст. Гӯё ба ду китфи духтарча ду тӯб гули хайрии тару тозаеро ҳамел кардаанд. Дар ин гирду пеш фақат завчаи моҳираи ман метавонад ба мӯи духтаракон ба ин дарача базебу назарфиреб лента бандад.

Чӣ тавр ӯ тоза ва бо завқи баланд, озода либос пӯшидани мардумро нагз мебинад! Ҳанӯз хонадор нашуда будем, ки ба сарулибоси ман чаккa шуда, эродҳо мегирифт. Ҳатто гоҳо аз назари одамон дуртар, ба ягон гӯша кашола карда бароварда: «Мӯятонро ба ин сӯ не, ана ба ин сӯ шона кунед» гуфта, шонаро аз кисаам бароварда, дар худи ҳамон чо тарзи ба худаш писандафтодаи мӯйшонакуниро ёд медод. Гоҳо аз корҳояш завқ бурда ханда кунам, гоҳо ба нафсам сахт расида оташин мешудам. Чанд маротиба дар болои ҳамин гуна масъалаҳо, сурху сафед шуда, як рӯз-ним рӯз ногаҳ шуда мегаштем.

Баъди хонадор шудан ман дигар тамом ба тасарруфи мазоқи ӯ афтодам. Боре, ёд дорам, аз магазин ба худ костюме харида овардам. Рангаш хокии тиратар, аммо ба худам маъқул буд. Шӯре буд, ки дар хона бархост.

— Шумо ба кӣ азо доштанӣ? Ё ба ҳафтод даромадед, ки ҳамин хел либос мепӯшед? Қоил ман ба завқи шумо, муаллими советӣ,— гуфта буд, ки ҳаҳрам омад. Акаллан «муаллими советӣ»-ро намегуфт, ин қадар алам намекард. Якта ман гуфтам, якта вай гуфт, чан-

чол авҷ гирифта рафт. Ним рӯзи расо аз кошу кавоки хардуямон барфу борон меборид. Нихоят, ман ба таслим шудан мачбур гардидам. Охир, илочи дигар набуд.

Маро кашола карда ба магазин бурд, рост ба назди директораш даровард.

— Домулло,— гуфт ба директор, завчаи конуншиноси ман бо як оханги ачоиб, ки гӯё бо фиребгари ба даст афтода, ё шахси гунахгори тобеи худ муроҷиат мекарда бошад,— костюматонро пас гиред. Ману шавхарам динаяк аз сари партаи институт хестем. Пули бисьёр надорем. Маслихат кардем, рангаш маъкул нашуд... Мебахшед, ки ташвиш додем,— гуфта илова кард, хайрият.

Директор одами нагз будааст, бечора костюмро пас гирифта, баъди як хафта ба дигараш иваз карда дод. Хатто нагуфт, ки маслихатро кабл аз харид дар магазин мекунанд, на ин ки баъди савдо дар хона.

Эх, кадом яке аз мунозирахоямонро накл кунам! Дар болои шими борикпо низ чанд маротиба бо хам бахсу талош карда, айши худамонро худамон талх карда будем.

— Чавон бошед хам, дар хунатон консерватизм* бисьёр будааст,— таъна кард як рӯз Ойшаи ман.

— Шумо зохирпарастед! — чавоб додам ман.— Ба хаёли шумо, хар касе ки куртаи мӯд пӯшид, одами пешкадам шудан мегирад...

— Тӯхмати нохак накунед. Ман хам зохирию хам ботиниро дар назар дорам.

— Тӯхматро шумо карда истодаед! Шумо гуфтед, ки гӯё ман консерватор будаам. Ин тавр бошад, якбора феодали гузаро ё хатто иртичои гӯеду монед-дия!

— Хайр, азизакам, нахохед, ихтиёратон, хамон шими пояш канор барин васеъатонро пӯшида гаштан гиред. Ракетаи мо ба Зӯхра меравад, дар гирди замин спутникхо дар парвозанд, аммо шумо дар кӯчаи нави шахри нав, тобистони соли 1961 шими дӯхташ аз замони чанги граждани мондаро пӯшида гаштан гиред. Мурғхои парпо барин асфальти кӯчаро бо эзорпочахоятон шалап-шалап рӯфта гаштан гиред!

Ман боз чизе гуфта будам, ки Ойша: дар бораи аҳамияти намуди зохирии шахс Антон Павлович Чехов ин тавр гуфтааст, Фирдавсӣ, Аҳмади Дониш, Михаил Ива-

---

* *Консерватизм* — майл ба анъанахои кадима, кӯҳнапарастӣ.

нович Калинин ин тавр гуфтаанд, гўён суханони бузургонро бамавриду бемаврид иқтибос оварда, чунон қатор кард, ки дигар ба эътироз кардан мачолам намонд.

Ман ҳам шими почаборик мепўшидагй шудам. Дар Душанбе либоси мўд пўшед, хеч гап не-куя, лекин дар ин шаҳрча ки нисбат ба пойтахт ба ҳар ҳол музофот аст, кас ба назари одамон эҳтимол аккаи думбурида барин менамудагист.

Боре, аз кўча омада, дар вақти тағьири либос карда истоданам, қасдан ба Ойшахон шунавонида замзама кардам:

Падарат зоги алову ту чува акка шудй,
Модарат пошнакафиду ту чува зукка шудй...

— Парво накунед, азизам,— лаҳзае фикр накарда, дарҳол чавоб дод завчаи хозирчавобам.— Чизи нав ҳамеша бо азобу укубат ба худ роҳ мекушояд. Дар вучуди ману шумо ҳоло ба одатҳои кўҳна тамоили зўре ҳаст. Аммо такозои нав ва навигарй дар кувват аз он дучанд болотар аст. Ғам нахўред...

Ана, ба ў гапатонро маъқул кунонда тавонеду қандатонро хўред.

...Ман бо хаёли худ банд шуда нафаҳмида мондам, ки Заррина кайҳо аз ман чудо шуда ба кадом як дўконе даромада будааст. Ба чорраҳаи калон баромада будам, ки аз пас тозон расида омад.

— Муаллим, аз шумо як маслиҳат пурсиданй будам,— гуфт ў аз хаё сурх шуда ва як ба рўи ману як ба пеши пои худ нигариста.

«Ўх, гуфтам, дар дилам, фақат ин духтарча маслиҳат напурсида буд. Эҳтимол, ҳоло аризае навиштан лозим ояд, ё мақолае ба газетаи девории хонаи пионерон».

— Гап занед, Зарринахон,— гуфтам,— он чй маслиҳате будааст?

— Бибиам фардо рўзи якшанбе худой мекунанд.

— Хўш?

— Худой мекунанд-дия.

— Хайр, фаҳмидам, худой мекардаанд. Лекин ин ба шумо чй дахл дорад?

— Ман, муаллим, аз шумо пурсиданй будам, ки шумо ба ин чй мегўед. Медонед-ку ман комсомолка ҳастам. Чй кор кунам, дар ҳавлй монам, ё ба ягон чо баромада равам?

— Ҳа-а-а,— гуфтам ман ба таки гап акнун сарфаҳм

рафта ва номаълум ба соат назаре афкандам, ки вақт мунтазир несту харакати абадни худро давом медиҳад ва агар ман ин ҷо боз ним соат мачлиси маслиҳат биорям, бешубҳа, ба таки сели таънаю кинояи рафиқонам хоҳам монд.— Зарринахон, худой ба чӣ муносибат мешудааст? Ҳоло-ку ба хаёлам ягон иди динӣ нест?

— Не, ид не. Бибиам ба 63-сола шуданашон оши худой медодаанд. 63-солагӣ синни муқаддас, синни пайғамбар будааст.

— Ҳа, ҳа, фаҳмидам,— гуфтам, гарчи аз вучуд дошгани ин навъи худой бори нахуст огоҳ мешудам.— Ин масъала ҳақиқатан масъалаи мураккаб аст. Ба фикрам, агар шумо худро аз маросими модаркалонатон канора гиред, ҳуб намешудагист. Ба меҳмонон ки хизмат мекунад? Гап аслан дар ин нест, ки шумо дар ин гуна маросим иштирок мекунед ё на, балки дар он аст, ки чӣ хел иштирок мекунед. Албатта, шумо, комсомолка, мисли дугонаҳои бибиатон бо дуою фотиҳа ва ҷаҳру сӯҳбатҳои динӣ машғул намешавед. Комсомолка, агар аз рӯи қонда гӯем, бояд аз ҳар маврид ҳам истифода бурда, вазифаи худро адо кунад, яъне дар ин сурат бояд ташвиқоти зиддидинӣ барад.

— Дар пеши пиразанҳо чӣ гуна ташвиқот бурдан мумкин? — бо ҳайрат пурсид Заррина.— Хезаму гӯям, ки худо нест, пайғамбар ҳам як одами зираки корчаллон буд, ки аз шакли нави эътиқоди мардум барои салтанати худ фонда мебурд, ҳама оташин мешаванд, балки дуои бад карда, худамро пеш мекунанд...

— Не, ба ин тарз не, албатта. Лекин ташвиқот бурдан мумкин. Масалан, навъе карда аз илму техника гап кушоед, аз муваффақиятҳои илм ба пиразанҳо дар мавридаш чорта нақл кунед, мешавад, худаш пояҳои хурофот баларза даромадан мегирад.

— Фаҳмидам, муаллимҷон, ин хеле аҷоиб мешавад,— гуфт Заррина аз нақшаҳои ширин ва тасаввуроти худ, ки корҳои фардоинаашро дар назари хаёлаш чилвагар месохт, ба вачд омада.— Бибихалифа аз гӯру кӣёмат китоб мехондааст. Агар ман аз ӯҳдаи ин кор бароям, тарбузаш аз бағалаш меафтад-куя.

— Ана ҳамин тавр кунед, Зарринахон, хайр, ман рафтам,— гуфта мехостам аз паҳлӯяш гузашта равам, аммо аз нӯки остинам дошта, илтиҷоомез гуфт:

— Муаллимҷон, кошки худатон сар карда медодед...

Шумо аздусар дар хавлӣ мешавед. Наоед, бибинам меранҷанд.

— Афсӯс, ки наметавонам. Пагоҳ аз субҳ мо ба қишлокҳо баромада меравем. Агар рӯзи истироҳат баргардам ҳам, бевақт меоям.

Заррина маъюс шуда монд. Албатта, ба ӯ дилам месӯхт. Лекин дар воқеъ ҳам кор доштам. Дар ҳайати комиссияи маориф ба деҳот баромада, мебоист тайёрии мактабҳои дурдастро ба соли нави таҳсил месанҷидем. Ғайр аз ин бидуни вазифаи агитаторӣ дар маросими тӯи пайғамбарии Иқбол-хола ҳам корам аз мӯи сарам бисьёртар буд.

Дар замири дил шодӣ мекардам, ки хайрият аъзои комиссияи маориф будаам ва аз ин супориши нофорам халос шудам.

Сад афсӯс, ки аз пода пеш чанг карда будаам. Бегоҳӣ Ойшахонам маро бо абрӯҳои гирехбаста пешвоз гирифта, ҳанӯз либосамро иваз накарда, ба сарам сели таънаю маломатро фурӯ рехт:

— Шарм надоштед, муаллими мӯҳтарам, илтимоси як духтарчаро рад карда, ӯро нозеҳ кардед? Аввалаш ин ки аз рӯи кадом як инсоф, аз рӯи кадом қонуни педагогика ба духтарчаи шонздаҳсола маслиҳат додед, ки дар пеши пиразанҳои зол ташвиқоти зиддидинӣ барад? Ташвиқоти зиддидинӣ-а! Бачаи бечора ин корро чӣ тавр ӯҳда мекардааст?

— Шумо кӯмак мекунед гуфта умед доштам-дия,— киноя кардам ман ҳам дар ҷавоби таънаҳош.

Рости, гапаш ба ман сахт алам кард. Дар ҳақиқат, аз ман айб гузаштааст, пагоҳӣ ба Заррина маслиҳат доданӣ шуда, қайларо аз маза гузаронидаам. Таънаи ҳамсарам ҳаҚ буд ва ба дилам нештар барин мехалид.

— Аз дастам ояд, кӯмак мекардам! Шумо гапдон, шумо муаллим ва ба ин корҳо усто гуфта, аз шумо илтимос кардааст. Хуб мегуфтед, ҳеҷ воқеа намешуд. Владимир Ильич Ленинро фаромӯш кардед? Ҳам раиси ҳукумат буд, ҳам сардори Коминтерн, ҳам роҳбари кимчӣ хел комитетҳо, дар ҳамон рӯзҳои мушкил ҷилд-ҷилд китоб менавишт, ба ҳазорон муаммоҳо ҷавоб ёфта медод, боз агар ягон кас, ҳатто бачае омада илтимос кунад, ки ба мачлиси мо биёед, не намегуфт. Надежда Константиновнаро ҳамроҳаш гирифта мебурд!...

— О шумо чиҳо гуфта истодаед? — тоқатам тоқ шу-

да хитоб кардам ба завҷаи оташинсуханам.— Ленин кучою ман кучо?!

Мехостам илова кунам, ки: «Крупская кучою шумо кучо?!», вале андеша кардам. Агар ин иловаро ҳам мегуфтам, ба болои оташи хашмаш равгаи рехтагӣ барин коре мешуд. Ҷонам ба бало гирифтор мешуд-дия. Аздусар бо Ойша машмаша карда зӯр баромадан амри маҳол аст.

— Ефтед баҳонаатонро,— гуфт Ойшахон.— Ин баҳона намешавад! — сонӣ нармтар шуда, бо ҳамон ширинзабонне, ки маро ҳамеша даступо мебаст, илова намуд: — Меравед, азизакам. То пешинӣ расида оед, мешавад. Ман ба Заррина ваъда додам, ки меравед. Агар ман ҳам шумо барин ба гап усто мешудам, ҳоҷати ин кадар кашмакаш набуд.

Боз мехостам, бигӯям, ки шумо, Ойшахони азизи ман, аз кадом устоди сухан кам ҳастед? Шукр, ба гап басо хуб ҷома мепӯшонед. Аммо нагуфтам. Ҳайрият, ки нагуфтам.

* * *

Маслиҳати ба Заррина додаам ба сари худам салман саҳат шуд. Ман намедонистам, ки рӯзи якшанбе дар тӯи пайғамбарии Иқбол-хола чӣ гуна ташвиқоти атеистӣ мебарам. Аз ин пеш ду-се маротиба дар маъракаҳои интихоботи Советҳо ва судҳои халқӣ агитатор шудаам, вале ҳеҷ гоҳ бо куҳансолон, хусусан пиразанон, дар мавзӯъҳои атеистӣ сӯҳбат накардаам. Худатон фикр кунед: мусоҳиба бо ачузаҳо дар мавзӯи зиддидинӣ ё ҳеҷ набошад, дар мавзӯи муваффақиятҳои илму техника! Аз ин ҳам сӯҳбати нозебтар шуда метавонад магар?

Чи хуб гуфтааст Саъдии бузург, ки «Сухан бисьёр дон андаке гӯй, якеро сад магӯ, садро яке гӯй». Агар дар аснои гуфтугӯям бо Заррина ҷоғам тасфида намерафт, ҳоло диламро ин қадар ғам пахш намекард. Акнун якин буд, ки яке аз ду оқибат маро ногузир дар пеш аст: яъне ё аз ӯҳдаи кори худам бофта баровардагӣ набаромада, шармсор мешавам, ё боз ба зери туғьёни таъназаву сарзаниши завҷаи сангиндилам моида хароб мешавам...

Лекин маҳоле ҳаст, ки кори девонаро худо дуруст мекунад. Кори маро худо нею фалакпаймои дуввӯмини

мо Герман Степанович Титов дуруст карда монд. Рӯзи якшанбе ӯ бо киштии фалакпаймои «Шарқ-2» дар атрофи куран замин ба парвоз баромад. Дар бадали биступанҷ соат парвози беназираш хушу ёди ҳама ба аҳволи ӯ буд. Ҳар замон радио аз рафти парвози ӯ ахборот мешунавонид, гоҳо овози худи ӯро ба самъи мардум мерасонид, дар бораи ҳаёти ӯ, оила, хонавода, таваллудгоҳи ӯ ҳикоят мекард. Қоргарон, олимон, муаллимон, колхозчиён, шоирон, хулоса, ҳар гуна одамон, бо радио баромад карда, шодмонӣ ва ифтихори худро аз ин ғалабаи бузурги илм ва техникаи мо изҳор мекарданд.

Ман ба ҳавлии Зиё-бобом бо дилпурии том, хурраму шодон мерафтам ва худ ба худ мегуфтам, ки ташвикоти зиддидинӣ бурдан лозим бошад, марҳамат, ин хизмат аз мо, мо ин корро дар як он ташкил мекунем...

Вале, ҳайҳот, акнун хочат ба хизмати мо ҳам намондааст. Ахрор-амак радиоприёмники калони моро ба рӯи ҳавлӣ бароварда мондааст. Тахтасуфаи васеъ аз мардҳои пиру ҷавон — хешовандони ҳарду оила, коргарони завод ва пункти пахта, ҳамсояҳои гирду пеш пур буд. Ҳама гӯшбақимори навигарихо меншастанду концертҳои оличаноб мешуниданд, аз гӯру қиёмат ва худою расул не, балки аз гузаштаву ояндаи мамлакат, аз тақдири замине, ки дар рӯи он истиқомат мекунанд, хулоса, дар бораи корубору зиндагонии худ сӯҳбат мекарданд.

Дар хона сӯҳбати занон барпо буд ва дар он ҷо низ мавзӯи гуфтугӯ аз ҳаёти имрӯзаи аҳли ҷамъомад дур намерафт. Фақат як маротиба аз бибихалифа, барои иззаташ, илтимос карданд, ки аз китоби кӯҳна каме хонда, «ғубори дилҳоро барорад».

Инак, аз байни гуфтугӯи мардҳо китобхонии ашӯламонанди бибихалифа, дурусташ, ашӯлаи кашоли фиғономезе баланд шуд. Дар хотирам маъноии фақат ду-се сатри суруди ӯ мондааст, ки ин аст:

— Искандари Зулкарнайн ҳокими хафт иклим буд. Олам ба дами теғ гирифт ва охир ба кучо рафт?

— Деву парии олам нӯкар ба Сулаймон буд. Тахте ба Сулаймон буд, точе ба Сулаймон буд. Гӯед, он ба кучо рафт?

— Афлотун ба зӯри илм машҳури ҷаҳон гардид. Зинда ба хирад гардонд чисмҳои бечонро. Лекин ба кучо рафт?

— Эй ёр, дар ин дунёё аз рӯзи азал то ҳол бисьёр

халоиқ буд, бисьёр малоиқ буд. Онҳо ба кучо рафтанд? Гўед, ба кучо рафтанд?

Ва ғайра ва ҳоказо.

Чанде аз шунавандагон аз суруди ғамангез мутаассир шуда бо нидоҳои «ҳа, бале!» «ҳа ҷонам садқа!» хониши бибихалифаро кувват медоданд. Вале бо вучуди ин кўшиши бибихалифа ва муқаррабону мухлисони ў барор накард. Ғаму андўҳ, оху афғон дар ёди расули худо ва ёрони босафои ў дар ин ҳавлӣ ва дар ин рўз реша давонида натавонист.

Зиё-бобо дар пешгоҳи тахтакат нишаста, ба мехмонон аз саргузашти худ нақл мекард. Дина инчониб хурсандии ўро ҳадду каноре набуд. Дар чавоби мактубе, ки ба раиси комичроия навишта будем, раис меъмори калони шаҳрро ба пеши пирамард фиристодааст. Вай дина пагоҳи омада, муддате дар назди бобо меҳмон шуда, хабар додааст, ки дар поёни боғи ў пивахона не, боғчаи бачагон сохта мешавад. Аз ин сабаб шодмонии боборо ҳадду ҳисоб набуд.

— Пониздаҳ хонавода ба Фархор муҳоҷир шуда рафтем,— нақл мекард бобо.— Ҳама зану бачаю каччадор, аммо аввал худамон салт рафтем, ки ҷойро тахт карда, баъд хўш ки бошад, оилаҳомонро оҳиста-оҳиста барем. Ҳукумат чуфту барзагов, чигит, ҳамаи чизҳои даркориро дод, мо понздаҳ гектар заминро аз ҷангали касногузар тоза карда, пахта коридем. Азоби он рўзҳоро мондан гиред. То се-чорта коза сохтанамон, то аз сарҳадчиҳо тиру милтиқ гирифтанамон ду шабро, хўш ки бошад, дар шохи санчит гузаронидем. Ҳа, халта-хултаҳои холӣ, ҷомаву чапонҳоямонро ба ҷои соэтари шоҳҳои серхори санчит пахи мекардему нимхобу нимбедор шабро рўз мекардем. Ҳамаи ин азоб аз ваҳми хукҳои ваҳшӣ. Аз ин ҷонвари касофат дар он ҷо чунон мўл буд, ки ҳадду ҳисоб надошт. Ғалаҳои калон-калон шуда меғашт, агар як ғалааш аз наздикӣ гузарад, аз тохтутозаш хўш ки бошад, замин ба ларза медаромад, хур-хуру кар-кари бадҳайбаташ гўши одамро кар мекард. Мохҳои аввал он кадар зарараш намерасид, лекин пахта расида буд, ки ба ҷонамон бало шуд,— Зиё-бобо торафт авҷ гирифта, хикояташро бо завқ давом медод.— Як пагоҳӣ аз хоб хезем, ки пахтаи як картаи калонро тамом поймол карда партофтааст. Дар пахтазор, хўш ки бошад, бузкашӣ кардагӣ барин. Хуш аз сарамон парид. Зормандаи хук пахтаи акнун ба шукуфтан саркардаро,

якта-якта чида, намедонам, хонда чигиташро макида партофтааст ё чи коре кардааст, ки дар хар чо-хар чо пахтаи ба он кадар машаккат ба воя расондаи мо, хўш ки бошад, ба шакли ресмони калоба дароз-дароз афтода мехобид. Вай офатро дар як шаб дах-поздах сарашро парронда кушем, пагоҳ сй-чилтааш ба пеши коза пайдо мешуд. Ха, хамин хел рўзхо буд... Порсол як ошноям аз хамон колхоз казо карда буд. Муллоахрор-укем, илохи барака ёбанд, ба ман белату коғазхои даркориро тайёр карда, ба самолёт савор карда монданд, ба Фархор рафтам. Лекин, дар сари дастархон нишастаам, агар акаллан ягон парчаи он чойхоро шинохта тавониста бошам. Дар бист сол хамин кадар обод шуда, хўш ки бошад, ношинос шуда рафтааст он чохо.

Пирамард эхтимол бо хамин наклашро тамом кардаи буд, ки хомўш шуд. Лекин Ахрор-амак аз ў хохиш намуд, ки хикояти бодирингфурўшиашро гуфта дихад. Таклифи ўро дигарон низ кувват доданд.

— Гуфта дихед, бобо.

— Каи мо хам шунавем.

— Хамон соли аввали пахтакориамон,— гуфт пирамард аз диккати умум рўхбаланд шуда,— дар каноре як таноб барин бодирингу харбузаву тарбуз хам кошта будем, то ки дар чиллаи тобистон ташнагиамонро шиканем. Аз хама пеш палаки бодиринг гулу найча кард. Лекин замини нав зўр, ки буд, хосил, хўш ки бошад, шиғил шуд ва мо онро бо хўрдан адо карда наметавонистем.

Як рўз бегохй дар коза меннишастем, яке гуфт, ки бодирингн бисьёре бехуда зард шуда, талаф шуда истодааст. Бодирингхўрй хатто ба дили говхо хам зад. Хуб мешуд агар як халта мечидему ягон кас ба район бурда мефурўхт. Аз ин кор хам хизматчихои район бахра мебаранд, хам хўш ки бошад, пули чою намак, гўгирду собун барин майда-чуйдахо мебарояд.

Ин маслихат ба хама маъкул шуд. Сахарй як кас аз полиз кариб як халта бодиринг чида баромад. Ман ба шумо гуфтам, ё не, он вакт колхоз буду раис набуд, колхозчй буду сардор набуд. Аз худамон дониста кор кардан мегирифтем.

Хама ба якдигар нигох мекардем, намедонистем, ки бодирингро кй ба Фархор бурда мефурўшад. Касе намегуфт, ки: хой фалонй, ту меравй. Хайрият, дар миёнамон як кас буд, ки камубеш саводи кухна дошт, вакт-

хои намоз ба мо имоматӣ мекард. Ҳамон кас охир ба ман фармуд, ки бодирингфурӯширо ба ӯхда бигирам.

То чоштгоҳ ба район расида, хӯш ки бошад, бодирингро дар як нафас фурӯхта тамом кардам. Ҳамон бодиринг аввалин маҳсулоти колхози мо буд. Ба ҳаман пул чой, канд, гӯгирд гирифтам. Якта деги мошина* ҳам харидам. Намак харидаӣ будам, аммо хайрият, ки набудааст.

Ҳозир мегӯям ба шумо, ки чаро аз набудани намак шодӣ мекардам. То савдоро буд карда ба роҳам баргаштам, ки пешин шуд. Офтоб, хӯш ки бошад, ба миёни осмон омада истода буд. Саратони даштҳои тафсони чанубро ҳамаатон медонед, албатта. Ман аз сояи яктанимта дарахтҳо ва иморатҳои район ба дашти кушод баромада, баъд фаҳмидам, ки пагоҳӣ аз бошишгоҳамон аз саросемагӣ пойлуч баромадаам.

Тахмин сад қадам монда будам, ки таки поям сӯхт, хаёл кардам, ки дудаш баромад. Аз тафси хоки чӯшон ба майнаам лӯк-лӯк дард даромад. Пас давида худро ба лаби чӯйчае ба болои замини нам гирифтаму хӯш ки бошад, чонамро аз дарди токатфарсо раҳо кардам.

Ана баъд аз ночорӣ ба ҳамон шакли ачоиб даромадам, ки боиси он хандасори чӯрахо шудам. Куртаамро кашида, чаппа кардам, остинҳояшро ба ҳам гирех баста, ба даруни курта чою канду гӯгирдро аз халта холӣ кардам. Пур шуд. Агар намак мехаридам, онро аздусар партофтан лозим меомад, чунки халтаи кандирӣ ба ман акнун мебоист хизмати пойафзолро адо мекард. Куртаи хик барин варамкардаамро ба китф партофта, хӯш ки бошад, деги мошинаро ба сарам пӯшидам. Як дастам ба нӯги курта ва сарпӯши дег банд. Бо дасти рост халтаи кандириро лӯнда карда, то чон дошатам кулоч кашида, ба пеш, ба сари роҳи худ ғуррондам. Ҳалта тахмин 25—30 қадам рафта афтод. Дег ба сар, халта ба пушт, хӯш ки бошад, сивуду раги баданамро якчоя карда давидам. Рафта по ба рӯи халта нихода, каме дам гирифтам, то ки сӯзиши кафҳои поям пасттар шуд. Соӣ халтаро аз замин гирифта, боз ба пеш ғуррондам. Боз давида рафта муддате дар болои он дам гирифтам.

Ҳам хандаам меомад, ҳам худро барои каллаварамӣ карда, ба дашти сӯзон пойлуч баромаданам, дашном

---

* Кастрюла.

медодам. Агар касе маро бо ин ришуфаш ва дар ин аҳвол бинад, бечунучаро девона омада истодааст гуфта мегурезад,— мегуфтам ва чиниҳо барин худ ба худ меҳандидам.

Аз тафси деги мошина нафасам мегашт. Ҳангоми давидан деворҳои дег ба сарам, чаккаҳоям зада, ҳам бо зарбҳояш, ҳам хӯш ки бошад, бо садояш майнаамро гич карда буд. Баъзе чоҳои роҳ аз чархи аробаҳо тапурҳок шуда буд. Хоки тафсон ба рӯи похом шорида баромада, мисли равгани доғ месӯзонид. Гоҳо халтаи кулоч кашида ба пеш партофтаам рафта ба хорбуттаи сари роҳ андармон мешуд, ки то чудо карда гирифтани он камаш ба ҳафт-ҳашт чои баданам хор мехалид.

Шаш чакрим роҳро бо ҳамин азоб тай кардам.

Шабона, хӯш ки бошад, азоби аз он зӯртаре сар шуд. Ҳарчанд, ки коркӯфта будам, аз чавониам дар боғу саҳроҳо каланд дар даст дар зери офтоб ва барфу борон пухта шуда будам, он рӯз баданамро офтоб бардоштааст. Сари сина, тахтапушт ва китфҳоям, гӯё ба болояшон қӯри лахчадори танӯрро кашида бошанд, сахт сӯзиш мекарданд. Рафиконам як коса каймоқи туршро оварда, ба баданам молиданд (колхози мо ду модагови чӯшой дошт, ки онҳоро имоми чамоатамон мечӯшид).

Рӯзи дигар ба кор баромада натавонистам. Дар коза мехобидам, рафиконам ҳар замон омада шӯхиомез холпурсӣ мекарданд.

— Бихез, Зиёдулло, як халта бодиринг чидем, фурӯхта биё,— мегуфт яке.

— Зиё-ака, дидед, ки пои барахнаатон сӯхт, ба бағалатон гирифта медавидед намешуд? — мегуфт дигараш.

— Корат чаток, Зиёбой,— ҳазл мекард саввумӣ,— як зани ҳомила дина башараи туро дида, аз тарс бача партофтааст. Шавҳараш ҳамроҳи милиция туро кофтуков карда мегаштааст.

— Зиё-ака, фаразан деги мошина нею самовор меҳаридед, чӣ кор мекардед? — мепурсид боз яки дигар.

То пӯсти нав бароварда, шакли қадимаамро гирифтанам ҳадафи хандаю мазоҳи чӯраҳо будам...

* * *

Дар синфи нӯҳум дарс мегузаронидам, ки котибаи мактабамон дарро кушода, маро ба роҳрав имо карда баровард.

— Ба телефон чеҳ зада истодаанд,— хабар дод ӯ.

Директор дар сари мизи кориаш менишаст. Баробари ба хона ворид шуданам гӯшаки телефонро бо як эҳтиромкории истехзоомез аз рӯи миз бардошта ва ба ман дароз карда гуфт:

— Марҳамат, ходимони редакция овози шуморо пазмон шудаанд.

Аммо киноя аз ин тундтареро шунидан маро дар пеш будааст.

— Рафиқ Сафозода, фельетонатон чоп шуда истодааст,— гуфт котиби масъули газета.

— Хайр,— гуфтам,— раҳмат барои лутфан хабар доданатон.

— Ман на аз барои шунидани миннатдории шумо хабар додам,— боз гуфт ӯ.— Мабодо «чизи маро дар редакция намак карда мемонанд» гуфта, заҳмат кашида ба КМ партия арз карда нагардед, гуфтам,— ва ба чавоби ман мунтазир нашуда, гӯшаки телефонро овехт.

Ман аз чунин муомила ҳайрон шуда, гӯшаки телефон дар даст хамчунон рост менистодам.

— Фаъолияти чамъиятӣ ба муаллим бисьёр мезебад,— мегуфт дар ин вакт директор гӯшаки телефонро аз дастам гирифта ва ба чояш гузошта.— Лекин ба шарте ки кори мактаб хам фаромӯш нашавад. Дар охири сол фаразан ягон шогирдатон намаки ошро аз навшодир фарқ кунонида натавонист, мактаб аз шумо, ҳамчун аз муаллими химияву биология талаб мекунад, чӯра. Мақоланависиатон дар он сурат ба инобат гирифта намешавад.

Ташвиши сардори мактаб барои сифати таълим ва оқибати соли таҳсил ба ман маълум буд. Аммо сабаби талхгӯии котиби газетаро ҳеч фаҳмида наметавонистам. Албатта, оҳанги махсусан аламовари имрӯзаи ӯ сабабе дошт. Вале дар асл ҳам ситораи ман аз вохӯрии аввалин ба ӯ хуш наомада буд. Ба бахти ман, мухаррир одами хирадманди некӯниҳод буд, вагарна ин зоти ачоиб, аз афти кор, маро ба остонаи редакция наздик шудан намемонд.

Хайр, гуфтам, ҳар кас кунад бо худ кунад, хоҳ нек кунад, хоҳ бад.

Ҳарчанд худро тасаллӣ медодам, хавосам дигар чамъ намешуд. Ду дарси охиринро навъе гузаронида, ба хона омадам.

...Ахрор-амак, ки ба кораш рафта буд, такрибан пас

аз ним соат як нусха газета дар даст ҳанӯз аз таки дари ҳавлӣ баланд-баланд гап зада даромад:

— Писарам муаллим, канӣ шумо? Ана газета. Акнун мебинем, ки ин ҳаромкорони худпараст чӣ мегӯянд.— Газетаро аз тиреза ба ман дароз карда илова намуд.— Ман парерӯз ба пеши котиби райком даромада будам. Кашол шудани чопи ин чизро гуфтам, ваъда дод, ки баъди дарҷ шуданаш зуд муҳокима мекунанд.

Сабаби ранҷиши котиби газета ба ман акнун аён шуд. Ин ҳама кори дасти Аҳрор-амак будааст.

— Беҳуда шикоят кардаед, амак,— эътироз баён кардам ман бори нахуст ба рӯяш.— Бе ин ҳам чоп мешудааст.

Аҳрор-амак даме ҷавоб надода сокит истод.

— «Беҳуда» мегӯед? — маънидор табассуме кард ва бо оҳанги пурэътимоди бахснопазир илова намуд: — Не, писарам, беҳуда не. Хайр. Боз гуфтугӯ мекунем.

Ва дубора ба кораш рафт.

Ба рӯи ҳавлӣ баромадам.

Нафаси тирамоҳ рӯз ба рӯз наздиктар мешуд. Яктанимта баргҳои ток, анҷир ва соири дарахтони мевадор зард шуда буд. Лекин гулҳои Зиё-бобо ҳамчунон дар нашъунамо буданд. Хусусан оташгул. Ба вай бесабаб ҳам оташгул ном надода будаанд. Рангаш ҳам, шукуфтан ва баъд хушк шуда, гӯё маъзаратхоҳон ба худ печиданаш ҳам оташ барин. Гумон мекунед, вай ба худ аҳд кардааст, ки кирои номи оташгулро бардоштан, мисли оташи ҳезуми асил бошад — якбора фурӯзон шаваду атрофи худро аз ранг, бӯ, ҳарорат ва шуои оташин пур кунаду хомӯш шавад.

— Ӯғлум,— овози Зиё-бобо ба гӯшам расид. Ба атроф нигоҳ кардам, ки касе нест.

— Ман ин ҷо, ӯғлум, ба бом нигаред.

Мӯйсафед дар болои боми шиферпӯши хонааш менишаст ва аз поён, аз паси баргҳои ток наменамуд.

— Дина, аз ҳамон боронча бом чакидааст,— мегуфт бобо.— Ҳамин кадар мековам, ҷои об гузаштаро наменеҳам.

Ман ҳам ба бом баромадам. Ҷои борон таровидаро ёфта, ба осонӣ маҳкам кардем.

Зиё-бобо як сар ангури нагз пухтаи ҳусайниро канда, ҳалтачаашро аз рӯи он кушода гирифт ва ангурро ба ман дароз карда, ҳалтачаро ба кисабаҳалаш эҳтиёт намуд.

— Хўред, ўғлум,— гуфт бобо.— Меваро ба табаку лаълӣ андохта, хўш ки бошад, дар сари дастархон нишаста хўред, дар ёдатон намемонад. Ана ин хел дар болои бом, ё шохи дарахт нишаста мева хўред, ба сад сол ҳам мазааш аз даҳонатон намеравад. Чунки кайфаш дигар аст.

Зиё-бобо ҳамчунон хушҳолу хушчақчақ буд. Ӯ хаёли аз бом фаромаданро надошт, ба ҳар гуна мавзўъҳо сарсарӣ дахл карда, беист гап мезад. Ман гўш андохта, ангур мехўрдам, гоҳ-гоҳ ба атроф чашм давонда, манзараеро, ки тоза ба назарам чилвагар шуда буд, тамошо мекардам.

Аз маркази шаҳрча ба чаҳор сўй бинохои нави дусеқабата, кўчаҳои рост, хиёбонҳои дарахтонашон ҳанўз ҷавони камшохубарг кашол шуда мерафтанд. Ҳар чоҳар чо ҳомати кранҳои борбардор баланд шуда меистод.

Чизи бахосиятест ҳамин кран. Мардум онро дониста паҳлавон ном додаанд. Суръати беназири сохтмон, вусъати ҳақиқатан паҳлавононаи бинокорӣ ба диёри мо ҳамроҳи ҳамин чиз омада буд.

Вай дар ягон майдони нообод ё шўразоре баногоҳ пайдо мешаваду то ана-мана гуфтана ҳомати бесаликаи оҳанини худро рост менамояд, сипас бозувони пурзўрашро ба ду тараф ёзонида, ба кор сар мекунад. Барои вай шабу рўз фарқ надорад, гарму хунук, барфу борон таъсир надорад. Баъди муддате мебинед, ки дар паҳлўяш иморати баланди назаррабое ҳомат афрохтааст. Он гоҳ гўё дар наздикии ҳасри зебои бошукўҳ аз тани бараҳна ва безеби худ шарм дошта бошад, номаълум аз назарҳо ғоиб мешавад, аммо рўзи дигар пайкари пўлодини вай дар маҳалли дигар баланд мешавад, дар ҷое ки ҳанўз дирўзакак саросар аз кулбаҳои похсагини качукилеб ва пасту торик иборат буд...

Тафси офтоб ҳар дақиқа меафзуд. Дар уфуқ тарҳи хираи теппаҳо ва кўҳҳо дар ҳавои ларзон сабук-сабук алвонҷ мехўрд.

— Ман чӣ гуфтам? — ногоҳ пурсид Зиё-бобо. Дилам аз бими дар хичолат мондан так кашида рафт, зеро суханҳои охирини боборо нашунида будам.

— Ҳа, ҳалқ ба чунбиш омад, гуфтам.— Хайрият, бобо риштаи хаёлашро бидуни кўмаки ман аз нав дарьёфт.— Дар айёми чавонии ман зиндагонӣ карахтнамо буд, хўш ки бошад, одами ба пинак рафтагӣ барин, на

хоби дурусту на бедорни хушьёр. Дар даҳ-понздаҳ сол агар ягон навигарӣ шавад, мешуд, нашавад, ҳамон ҳам не. Навигарӣ ҳам чӣ хел буд гӯед. Зӯр кор кунанд, хӯш ки бошад, як-ду чакрим чӯй мекофтанд, ё обчувозе месохтанд... Акнун бинед... акнун як рӯзи одам бехуда намегузарад. Имрӯз хукумат мегӯяд, ки заминҳои нава обод кунед. Пагоҳ, хӯш ки бошад, масъалаи ширу каймоқи чорво, масъалаи гӯшт. Сонӣ, Норак барин азамата созед, мегӯяд. Ҳама саргарми кор, машғули ободӣ. Охир, дуруст-дия, одам барои чӣ ба дунёё меояд? Барои хӯрдану нӯшидану пӯшидан-мӣ? Не-е, барои обод кардани нообод. Раҳматӣ падарам ҳамту мегуфтанд, барои обод кардани нообод...

Зиё-бобо даме хомӯш монд.

— Муллоахрор мегӯяд, ки агар орзӯи одам аз худаш калонтар набошад, бекор. Маънии гапаш, хӯш ки бошад, хамин ки орзӯи одам аз кувваташ калон набошад, умраш нағз намегузарад. Гапаш чон дорад. Ман ҳам орзӯ доштам, ки дар охири умр аз колхоз одаму нихолу... ана вай мошини аз паст об мекашидагӣ...

— Насос,— гуфтам ман.

— Ҳа, бале, одаму нихолу ҳамон мошина гирифта дар лаби дарьё, хӯш ки бошад, як боғи олампаноҳ созам. Ҳамааш шуду хамин ният дар дилам монд. Кувват намерасад акнун, ӯғлум, пухта мондем... Хайр, ёшхо карда истодаанд, мекунанд. Акнун кор аз шумохо. Лекин писарам Кобилчон кӯхнавард шуд-дия. Ин хам ганда не-куя. Ҳамин кадар кӯххо аз худо бино кардан ин тараф бекор мехобиданд. Акнун маҳзи кӯхро кофта тиллою нукраашро ёфта мегиранд. Хукумат ки хононда хамин касбро ёд дод, пас лозим будааст. Фақат як чихаташ мана ташвиш медихад. Кобилчон хат нависад, ё ман ба Заррина нависонам, дар ду хафта базӯр мерасад. Ва ҳол он ки аз гуфти Муллоахрор хозир хат дар се рӯз ба он гӯшаи дунёё рафта мерасад. Ман хайрон. Дар маҳз-маҳзи кӯххо мегарданд-дия, аз афти кор...

Ҳарчанд ки дар болои шифери гарм, зери офтоби чоштгоҳӣ менишастем, сӯхбати мо хеле тӯл кашид.

* * *

Рӯи хавлӣ тоза рӯфта об зада шуда буд. Зафарчонро ба даст гирифта, курсиеро ба таки толор монда, ба умеди камтар истироҳат кардан нишастам. Ҳанӯз панҷ

дақиқа нагузашта, аз хона садои омиронаи завчаи мӯхтарама баланд шуд.

— Муаллимҷон, ба таки дари кӯча панҷ-шаш сатил об пошед-чӣ! Андаке чангаш фурӯ шинад. Ба худамон ҳам нағз, як каси роҳгузар ҳам рахмат мегӯяд,— гуфт Ойшахони ман ва чун дид, ки худи хамон лаҳза итоаткорона аз ҷоям барнахостам, бо оҳанги маломатомез илова намуд: — Ҳамин хел корҳоро дар ин ҷо шумо накунед, кӣ мекунад! Зиё-бобом ё Иқбол-холаам?... Хезед, ҷонакам, аз кор ҳеч ҷои одам кам намешавад.

Ман акнун аз чуғур-чуғур ба забони кӯдакона гап задани Зафарчон завқ бурда нишаста будам, ки кор ёфта доданд.

Гардани хор-хорон ба таки дари кӯча баромадам, об пошиданро сар кардам. Дах-дувоздах сатил об пошида будам, ки ин кор маъкул афтод. Об мепошед, замини хушк гӯё хусни тозае пайдо мекунад, пурнуртар, барнотар мешавад. Замини нами тафсаш фурӯнишаста ба пои барахна форам мерасад. Чанги хок ба заррачахои об омехта, димоғро ба як тарзи гуворо хориш мекунонад.

Хеле майдонро об зада, баъзе ҷойхоро хатто дубора об пошида, аз лаби чӯй бо сатилхои пур бармегаштам, ки ҷавони олуфталибосе сари роҳамро гирифт.

— Агар хато накунам, Сафозода шумоед? — гуфт ӯ бе хеч такаллуф ва бе он ки каблан саломуалек кунад.

— Хо,— ҷавоб додам ман ва сатилро ба замин гузоштам.— Хизмат?

— Даррав маълум мешавад-дия. Ба рохи мардум об пошида истодаед. Кори хайр. Шумо кори хайрро дӯст медоштаед.

Аз гуфтораш истехзое хис карда мешуд, вале ман ки ӯро нахустин бор дар умрам медидаму аз касдаш огох набудам, ин холро ба мастиаш, ки аз андаке калавида истоданаш аён буд, нисбат додам ва хамчунон оромона такрор пурсидам:

— Ба ман хизмате доштед?

— Шуморо фельетоннавис гуфта шунидам. Бо шумо чӯра шуданиям. Агар мумкин бошад-дия,— гуфт ӯ ва калавида кадаме ба пеш гузошт.

Ман хис кардам, ки ин одам нияте дорад, ки онро ба хар хол нияти нек гуфтан намешавад. Лекин ҳанӯз намедонистам, ки бо ӯ чӣ гуна муомила кунам, чӣ гӯям.

— Агар малол наояд, харду сари кадам ба ана он

ошхона мерафтем, садта-садта коньяк мезадем, вассалом— мегуфт чавони олуфта дар ин вакт.

— Мебахшед, ман одати «садта-садта задан» надорам.

— Аз пулаш парво накунед, ана ин пул, ана ин хам пул,— гўён ў аз кисахои шимаш кабза-кабза пулхои ғичимшударо баровард.

Ин сўхбат ба чони ман расонда истода буд. Зимнан аз дилам мегузарондам, ки аз ин хамсўхбати маст ва шилқини нофорам илочи халосй нест, магар ки ба нохушй.

Баногох чавон мисли сайди чанд бор аз дом растае ки боз шарфаи пои сайёдро пай бурдааст, як ба худ ларзиду коматашро рост кард. Ман ба кафо нигох карда дидам, ки Ахрор-амак ва аз паси ў асозанон Зиё-бобо шитобон меоянд. Ахрор-амак аспи одамхўр барин чашмони худро аз косахонааш бароварда, ва дасти тари хозиракак шустаашро ба зери бағалхояш дароварда, пок карда меомад.

— Чй мегўй? — ханўз ба мо нарасида дўғ зад ў ба сари чавон, ки дигар тамом хушьёр шуда буд.

— Хеч чиз нагуфтаам,— китф дархам кашида ва ба худ киёфаи фурўтанонае гирифта чавоб дод чавон.— Ман ба муаллим гуфтам, ки биёед хардуямон шинос шавем. Ана аз худашон пурсед.

Ахрор-амак як ба ман бо гўшаи чашм назаре афканда, боз ба чавон рўй овард ва бонг зад:

— Муаллим бо ту чўра мешудаанд-мй, суммотат дар лахад! Каш аробаатро!

— Хой, амак, гапатонро дониста занед, ман...

Сухани ў дар дахонаш монд. Ахрор-амак бо як хез кашидан асои заранги Зиё-боборо аз дасташ рабуда, «Ту боз ман-ман мегўй, худи ту, саг, кистй?» гўён кулоч кашида, аз рон болотар ба чои мулоими бадани чавон чунон фаровард, ки фарьёди ў ба осмон печид.

— Чаро мезанед? Хак надоред! — мегуфт чавон чун саги сангхўрда бо нолаву фиғон пас рафта.

— Ту, ночинси харомй, аз тағот пурсй намешавад? Вай бо собуни ман чомашўй карда дида буд-ку! Ха, муфтхўрони нобакор! Маразхо! Хонаатон сўзад, муттахамхо! — дар ин чо Ахрор-амак чунон хакорати болохонадори пуробутоб дод, ки гўши ман, ки аз дахони одамони солхўрда ин хел алфозро нашунида буд, куфл заду сарам гаранг шуда монд.

«Чўрашавандан» ман лаҳза ба лаҳза ба пасаш нигоҳ карда, якта-нимта дашном дода мегурехт.

— Дубора ба ин тарафҳо қадаматро зер накун, ки лингатро зада реза-реза мекунам, сагбача! — гуфт аз паси ӯ бо тамоми овоз Ахрор-амак ва дар ҳолате ки аз ғазаб меларзид, таёқро ба замин, ба пеши пои Зиё-бобо партофта, чунон ки омада буд, дар ҳамон ҳолат ба хона равон шуд.

Зиё-бобо таёқашро аз замин бардошта, чанги онро пуф карда, ба сар то пои ман дақиқае синча карда менстоду ба аломати таассуф сар чунбонида гуфт:

— Ёш-дия шумо, ўғлум, ёш. Наход одам бо ҳамин хел безориҳо ҳамгап шуда гардад? Охир вай хулигани тайёр-ку!

Ман аз ин вокеа, ки ногаҳон чун хиште аз лаби боме ба сарам фурӯ афтода буд, дар ҳайрат монда, шах шуда менстодам.

— Лекин рост, ки шумо ўро намешинохтед. Вай бачаи бисьёр ганда, ўғлум. Хўш ки бошад, раиси комбинат тағояш мешавад, худатон ба газета зада будед-ку... Шунидед, аз кор ҳай карданд? Ҳамон хонасалот чиянаша фиристодагист.

Зиё-бобо шарҳи вокеаро идома медод, ман ҳамчунон бо ҳавоси парешон менстодам.

— Дастаи инҳо калон, хама безорӣ, худобехабарҳо. Ман дидам, ки ба шумо чакка шуда истодааст, даррав Муллоахрорро чеғ задам. Ҳушьёр шудан даркор, ўғлум, дўсту душманро, хўш ки бошад, шинохтан даркор.

Бале, ман дар чӣ ҳолат буданамро ҳатто худам якин дарк карда наметавонистаму Зиё-бобо ба ман насиҳат мехонд.

Либоси таршудаамро дар хона иваз карда, акнун ба рўи ҳавлӣ мебаромадам, ки Иқбол-хола ҳам омад:

— Худо обрў додааст, муаллим,— мегуфт ӯ ҳам бо таассуф, ҳам хурсандии худро баён карда.— Вай бача бисьёр бачаи беҳуда-дия. Ҳар рўз мебинам, ки ё мошини тағояшро бо савлат ҳай карда мегардад, ё дар кўчаву бозор бо сару рўи кафида ва курта-эзори дарида. Ох! — Иқбол-хола чинҳои пешонашро поин фароварда, аз таҳти дил оҳе кашид.— Ин офати чонҳо кай нест мешуда бошанд...

Мўйсафедон он рўз ба ман некӣ карданӣ шуда, васоят ва ҳимояти худро аз ҳад гузаронда буданд. Вале чӣ чора? Ахрор-амак аз рўзи аввали шиносоиамон ба шах-

си ман як навъ таъсири асроромезе пайдо карда буд. Аз чӣ сабабе бошад, ки бо ӯ баробар омадан ҳамон ҳис мекардам, ки ӯ хозир ба ман чизе мегӯяду ман бечунучаро розӣ мешавам ё коре мефармояду ман дарҳол аз пай ичрояш мешавам. Ким-чӣ гуна қувваи чозибаи ҳукмофарине дошт ин одам, ки касро ғайри ихтиёраш пайрави худ мегардонид.

Ин нуктаро низ эътироф кардан барои ман чандон хуш нест, вале ҳақиқати ҳол ҳамин аст.

* * *

Дар тирамоҳ пункти пахтаи Аҳрор-амак боби тамошо будааст. Аммо ба ин чо вақте биёед, ки болои ғарамҳои садафосо сафеду назаррабои пахтаро ҳанӯз бо брезентҳои калони хокиранг пӯшида, аз ҳар гӯшааш бо танобҳои ғафс накашидаанд.

Хирмани ҳосилот — хоҳ вай хирмани гандум бошаду хоҳ тӯдаи оҳаксанг — дар асл чизи ситорагарм, хушнамуд аст ва баробари нигоҳ кардан ба рӯҳияи кас як таъсири гуворое мерасонад, дар афкору эҳсосоти вай як чунбиши неки ноаёне ба амал меорад. Аммо ғарами пахта чозибаи махсусеро дорост. Шумо медонед, ки пахта бо чӣ гуна меҳнати бисьёре меӯяд. Онро баъди нигоҳубини шаш-ҳафтмоҳа, нигоҳубини босуботи шабонарӯзӣ дар давоми баҳор, тобистон ва тирамоҳ — аз ҳар кӯрак якпаҳаги чида мегиранд.

Аммо ин чо ҳазорон тоинаи он чамъ шудааст. Ба ғарамҳои баланди чашмбаранда назар мекунеду нисбат ба қудрати дасти одам дар дилатон таваччӯҳе, ифтихоре, шодмоние тавлид мешавад. Гӯё ғарами хосилоти заминҳои кишвари худро не, як раста биноҳои мӯҳташами дар нафосат беҳамтоеро тамошо карда истода бошед, ки онро ҳазорон нафар одамон солҳои знёде меҳнат карда сохтаанд.

Қоргоҳи Аҳрор-амак боз як хусни иловагӣ доштааст: дар як сӯ теппаҳои чаҳоргӯшаи пахта қатор шуда бошанд, дар сӯи дигар, дар атрофи боғчаи озодаи пункт дарахтони мавзуни ар-ар қад кашидаанд. Агар ҳаво ором бошад, танаҳои зебои сафед, баргҳои зумуррадгуни онон аз нури фаровони офтоб сер шуда чило медиҳанд, шоҳҳои заррину ба фазои беғубор акс мекунонанд. Агар боди шӯхе дар вазидан бошад, барги дарахтон чаппа шуда, чеҳраи дигари патдори сап-сафедашонро

намоён мекунанд ва он гоҳ катори мунтазами сафедорон низ монанди ғарамҳои баланди пахта тобиши нукрагун пайдо мекунанд.

Ман аз омаданам ба ин ҷо мамнун будам, хусусан ки дар зарфи ҳамагӣ ду-се соати охир дар бораи Ахрор-амак таърифҳои нав шунидам ва онҳо дар қалбам нисбат ба ин шахси ачоибхислат акнун як ҳисси нав — ҳисси ифтихормонанде бедор мекарданд.

Муҳаррири газета дар бораи ин пункт ва аз чумла дар хусуси устои ғарамсози он — Ахрор-амак чизе навиштанамро хоҳиш карда, зимнан гуфт:

— Аз пахта иморати дуошьёна барои ғарами бузург сохтан ҳам бояд ҳунари зӯр талаб кунад. Ба шарофати техника, эҳтимол, ин ҳунар ҳоло солҳои охирини вучуди худро мегузаронида бошад, лекин устоди онро тақдир кардан хуб мешуд. Мудири пункт ва директори завод дар ин бобат ба шумо чизҳои диккатангез хоҳанд гуфт. Медонед...— ҳарчанд ки дар атрофамон касе набуд, муҳаррир овозашро сахле паст карда гуфт: — Қотиби райкомамон як вақтҳо дар отряди партизанӣ аспсаворию милтиқдориро аз Ахрор-амакатон омӯхта будааст. Ин гап ба чизи менавиштагии шумо дахл надорад, ҳамту гуфта истодаам... Ҳо, дар гирду пеши мо одамони ачоибе зиндагонӣ мекунанд, лекин мо аз бисьёрии онҳо бехабарем. Хайрият, тасодуф шуморо ба Ахрор-амак ҳамсоя кардааст аз хислатҳои ӯ камубеш огоҳ шудем. Вагарна вай ҳамин хел одам будааст, ки бо зӯрӣ аз дахонаш як-ду калима ғапро кашола карда набарород, тамоми умр дар хусуси худаш чизе нахохад гуфт.

— Илова ба ин таърифро бад мебинад. Мабодо аз ман ҳам наранҷад гуфта хавотир дорам.

— Шумо аз коллективи пункт сар карда, бо он тамом мекунед-дия. Дар мобайн номаълум хизмати амак ҳам зикр мешавад. Ҳеч воқеа не. Аз рӯи инсоф гӯем, мо набояд аз ҳар кас ачозат пурсида ғардем, ки яъне рухсат дихед, шуморо андаке таъриф кунем, ё сахлакак танқид. Наҳод...

— Шумо ӯро он қадар намедонед,— гуфтам,— мӯйсафед-бисьёр одами ғалатӣ.

— Медонам, ман ҳам камтар медонам,— эътирозкунон гуфт муҳаррир.— Як воқеаро ба шумо нақл кунам? Порсол мо конференцияи хонандагонро ташкил карда будем. Ахрор-амакатон дар ҳамон конференция як кор кард, ки акнун мондан гирад... Аз клуби заводи пахта

чон муносибтаре набуд. Конференция дар ҳамон чо шуд. Ман маърӯзаамро тамом карда нишастам. Акнун бояд музокира сар мешуд. Қисми асосии конференция, охир, музокира аст. Лекин хеч кас хоҳиши нутқ карданро изҳор накард.

Ман чамъомадро ба таври писандидаи худ гузаронидани шуда, анъанаи маъмулро риоя накардам, яъне музокирачиёнро қаблан таъин карда намондам. Аслан аз ин усул нафрат дорам. Мачлис ки кори муҳиммест, бо ин тадбир, ба хаёлам, ба зочабозӣ мубаддал шуда меравад.

Инак, раиси мачлис, мудири шӯъбаи пропаганда ҳозиронро ба минбар даъват менамуд, аммо хеч кас сар кардан намехост. Ба ҳамин ахвол панч-шаш дақиқа гузашт. Ба хаёлам, хар яке аз он дақиқаҳо моҳу сол барин кашола мешуд. Замин намекафид, ки ман даромада рӯй пинҳон кунаму аз хичолат начот ёбам.

Ногоҳ аз сафҳои охир комати Аҳрор-амак баланд шуд. Бо мӯзаҳои гаронаш гурс-гурскунон ба пешгаҳи зал омад, вале ба минбар набаромада, аз ҳамон чо, аз паҳлӯи зинапояи сахна гап задан гирифт.

« — Муҳаррири мӯҳтарам дар маърӯзаашон гуфтанд, ки максад аз ин мачлис маслиҳат будааст,— ба сухан сар кард ӯ ба сӯи ман назари ришхандомезе афканда.— Маслиҳат, албатта, чизи сара. Осонаша гирем, чоман бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд, гуфтаанд. Лекин маслиҳату машварат хам эбаш катӣ бошад нагз. Барои чӣ муҳаррири мӯҳтарам маслиҳатро аз гуфтушунидн бетакаллуфи тарафайн афзал медонанд? Барои он ки маслиҳат гӯянд, мачлисашон бе бахс, бе танқид, оромакак, осонаша гирем, мошини ба тозагӣ равғанмолида барин мулоиму беғавғо гузашта меравад»...

Ман дар сари столи раёсат худро базӯр нигоҳ дошта менишастам. Аввал аз баромаданаш шод шуда будам, баъд дидам, ки фикри беғаразгуфтаи маро ногаҳон ба ин тараф кашола карда рафт, оташин шудам.

« — Муҳаррири мӯҳтарам гуфтанд, ки дар идораашон ҳафт кас кор мекардааст,— дастонашро ҳаракат дода, суханашро давом мекунонид нотиқ.— Ҳафт бӯзбалаи бомаълумоту бамаърифати кордон, наход ҳамин кадар одам надонад, ки чи хел кор кардан даркор, ба газета чӣ навиштан даркор, киро таъриф кардан даркор, киро танқид?! Эшон боз гуфтанд, ки газета оинаи афкори чамъият аст. Оина бошад, фикру мулоҳизаи

одамон дар боран бозори колхозй, ё хаммом, ё хонаи колхозчиён ё ин ки осонаша гирем, мана хамин клуби мо дар кучо акс меёбад? Бозори колхозй дар дасти як даста ханнотон. Ба ахволи хонаи колхозчихо маймун механдад. Э, чизи навштанбоб кам-мй дар дунёе? Газета оина бошад, оина шавад! Набошад коғази чизпечонй бе вай хам ёфт мешавад!».

Ман оташин шуда, чавоб гардониданй будам, мудири шўъбаи пропаганда намонд: «Мулохиза кунед, гапаш асосан хак аст, сахт карда гўяд хам, рост мегўяд». Сонитар хурсанд шудам, ки хайрият дар гармогармй ба ў чавоб надода будаам. Баъди нутки Ахрор-амак, чунон ки дар газета худамон менависем, музокира авч гирифту конференция ба дарачаи баланди ғоявй гузашт.

...Табъи Ахрор-амак равшан, димоғаш чок буд. Дар байни ғарамхои бузурги пахта, транспортёрхои каноркашон, байни коргароне ки дар сари тарозу, назди автомашинахо ва болои ғарамхо чангаку панчшохахо дар даст машғули кор буданд. Ахрор-амак хушхолона, вале ботамкин ва солорин ба худ хос хар гуна амру фармоншхо дода мегашт. Овози ғафсу бардамаш дам ба дам аз хар канори пункт ба гўш мерасид:

— Не, не! Тамом хушк карда, баъд биёранд. Ба он муғамбирхо фахмонед, ки пункт пахтахушккунак нест.

— Хой бача, гўши ту девори қиёмат будааст-ку, писарам! Чанд бор гўям, ки тўб баланд нашуда, пахлўяшро пешопеш хамвор кун. Сонй аз боло хам шуда, панчшоха мезанам гўию сарнагун равй, ба зану бачахот чй чавоб медихам, ҳисарам?

— Бале, додар, кас ана хамту озода кор мекунад. Ана ин гапи дигар. Тамоман гапи дигар, додарчон.

— Канй, ха, шахбозхо, ха гўед, вакти тахтўл наздик омад. Мошинхоро тезтар чавоб дихем...

«Рост мегуфтааст мўйсафед,— аз дилам мегузаронидам ман.— Вай бо ин барнодилй, бо ин кадар ғайрат дар хона чй гуна метавонад бекор нишинад? Нафакаро чй кунад ў! Зиндагонй чизи ачиб будааст, ки яке дар панчохсолагй пири нотавон асту синни дигаре аз хафтод гузашта бошад хам, дар нерўю ғайрат аз чавонон монданй надорад. Чаро ин тавр? Ба кй ё ба чй вобастааст андозаи умри босамари инсон, харорати калби ў, вазъияти рўхи ў?..».

Ахрор-амак дар касби худ яке аз устохои мохири нодир будааст. Дар ғарамсозй хам меъёре муайян шуда

будааст, ки оид ба каду бар, баландй ва вазни ғарами пахта ва ғайра талаботи катъй пешниҳод мекардааст. Ғарамҳои сохтаи Ахрор-амак аз андозаи муқаррарй то сесад тонна зиёдтар пахта мегунчондаанд. Бинобар ин пункти назди заводи пахтаи шаҳрчаи мо дар бобати нағз нигоҳ доштани захираи пахта ба некномй машҳур шуда, байраки сурхи вазорат ва иттифоқи касабаро солҳо инчониб дар дасти худ нигоҳ медоштааст.

Маълумоти тоза дар бораи Ахрор-амак дили маро шод мекард. Ман хурсанд мешудам, ки барои тавсифи кори ҳамсояам ва рафиқони ӯ далелҳои хуб ба даст овардам. Ва бештар барои он шодй мекардам, ки ҳар як рӯзи нав дар бораи ин одам ба ман хабарҳои хуши тоза меорад ва эҳтиромам ба ин шахс, ки дар аввал ғайриихтиёр дар дилам тавлид шуда буд, ҳоло рӯз ба рӯз зиёдтар асоси пурэътимод пайдо мекунад.

Аз мобайни ғарамҳои чала каҳкаҳаи баланде шунида шуд. Ба он сӯ рафтам. Як гурӯҳи коргарон дар паҳлӯи ғарам дар назди транспортёр меистоданд ва ду-се нафари дигар дар болои ғарам дароз кашида ва гарданҳои худро ёзонида, ба поён нигоҳ мекарданду механдиданд.

Чавоне дар пеши транспортёр меистод, сараш хам, бо нӯки кафши худ ба замин хат мекашид.

— Ҳоло дар чайби тоқиаш монда омадааст, бигӯ! — чавонро нихта карда гуфт марде ки ӯро атрофиёнаш Алй гуфта ном мегирифтанд.

Гирдомадагон боз коҳ-коҳ хандиданд. Яке аз онҳо сабаби хандаро ба ман шарҳ дод. Чавоне ки дар мобайн шармгинона сар хам карда меистод, коргари нав будааст. Ҳамагй се рӯз мукаддам аз колхоз омада, ба ин ҷо ба кор даромадааст. Алй барои шӯхй ба он чавон, ки ҳоло бо оддитарини корҳо — ба транспортёр бор кардани канорҳои пахта машғул будааст, «коре» фармудааст. Гуфтааст, ки ба таки дари пункт рафта, аз дарвозабон қолиби сояро гирифта биёрад.

Чавони содда ба маъноии суориш диккат накарда, онро айнан рафта гуфтааст. Дарвозабон аз шӯхй зуд пай бурда, чавоб додааст, ки, афсӯс, қолиби сояро ҳамроҳи худ наовардааст, дар хона, дар чайби тоқй монда омадааст.

Чавон омада чавобро ба Алй гӯяд, бонси ханда шудааст. Ман аввал дар ин маъракa нисбат ба чавони соддадил як беэътиноие дида, хандаи онҳоро написан-

дидам. Лекин баъд фаҳмидам, ки ин шӯхии беғаразонаест ва коргари ҷавонро касе бадхоҳ нест.

— Бача, акнун ту синфи коргар шудӣ. Фаҳмидӣ? — мегуфт яке аз аҳли давра.— Гӯлию ғарангиата бимон, ки маза намекунӣ.

Аҳрор-амак ҳам омада, аз бонги ханда огоҳ шуда, табассуме кард. Аммо на ҷавонро дилдорӣ дод, на Алиро сарзаниш кард. «Хайр, гоҳ худою расул, гоҳ ғамзаву усул. Қанӣ, шаҳбозҳо, ба кор часпед!» гуфта даврароҳ пароканда намуд.

Занги танаффуси нимирӯзиро заданд. Ман маълумоти даркориамро ҷамъ карда будам. Акнун бо Аҳрор-амак хайрбод карда, ба сӯи дарвоза равон шуда будам, ки ҳамон Алии ширинкор аз болои ғарам маро чеғ зад:

— Муаллим, як ба пеши мо ҳам бароед.

Ман оё фурсат надоштанамро баҳона кунам, мабодо ин одам бо ман ҳам шӯхие карда, ҳандасорам кунад, гӯён дудила будам, ки ӯ нардбонеро аз он сӯи ғарам кашола карда оварда, ба ин тараф гузошт ва ман ночор таклифашро қабул кардам.

Аз ҳамин ҷо ҳам бо дили ғамгин баромада рафтан, ба қавли одамони қадима, дар пешониам навишта шуда будааст. Дар болои ғарам Алӣ ва боз як нафари дигар канорҳои ҳолии пахтаро паҳн карда, тарбузи калонеро кушта меҳӯрданд. Ман хеле гурусна монда будам, бинобар ин ба сари дастархонашон бо камоли рағбат нишастам. Меҳмонии маро гӯё таъкид карданӣ шуда, коғазеро аз болои канор паҳн карданд ва карчҳои тарбуз, порчаҳои нони мулоими чапотиро ба пешам чиданд. Нон хеле бомаза буд, тарбузи сершарбати нағз пухтаи гулобитоб аз он ширин ва болаззаттар.

Аз кучое дар сарамон Аҳрор-амак пайдо шуд. Ӯро аз ҷо бархоста ба сари дастархон таклиф карданд. Усто нишаста як қалам тарбузро ба даст гирифта, як даҳан ғазида хӯрд ва ба Алӣ савол дод:

— Ҳеҷ кадомат ба бозор нарафта будӣ-ку? Тарбуз аз кучо?

— Ангура хӯру боғаша напурс,— шӯхиомез ҷавоб дод Алӣ.

— Ризки харрӯза мерасад аз ҳак, ғами беҳуда меҳӯрад аҳмак,— гуфта ҷавоби ӯро кувват дод коргари дуюм.

Вале Аҳрор-амак гӯё аз чизе бесаранҷом бошад, дар

чои нишастааш як-ду чунбиду баъд даст ба тарафи рост ёзонида, аз маҳзи пахта боз як тарбузи ҳариб якпудиро ҳелонида баровард. Баъд карчи нимгазиди дар дасти чапаш бударо бо нафрат ба ҳўшаи дастархон партофт ва абрўвонашро чин карда пурсид:

— Тарбуз аз кучо пайдо шуд, мегўям?

Чашмони Ахрор-амак, мисли он ки чанде ҳабл аз ин дида будам, аз косаашон баромада ҳайбаташ ба аспи одамхўри пурҳахру кин шабохат пайдо кард.

Алй ва шарикаш акнун харфе нагуфта сархам менишастанд. Маро лукмае нон дар дахону ним карч тарбуз дар даст монд.

— Боз хаст ё не? — бонг зада пурсид Ахрор-амак.

Алй хамчунон бехаракат менишаст, вале рафикаш бе он ки ба рўи Ахрор-амак нигарад, ба аломати тасдиқ сар чунбонид.

— Биёр!

Он мард бархоста аз сари дастархон чанд кадам дуртар рафт ва аз маҳзи пахта боз як тарбузро баровард.

— Бирав ба пеши мудир,— амр дод Ахрор-амак ба Алй.— Бигў ки Ахрор чавобам дод.

Алй аз чо бархоста, дакикае дилу бедилон рост истод. Бо киёфаи тираи ҳамгин акнун ба талаби афв даҳон кушоданй буд, ки Ахрор-амак нагузошт.

— Бирав, ука,— гуфт мўйсафед ва ногох бо овози пасти ларзоне илова намуд: — Ман туро йигити асил гуфта будам, ту маро дидаву дониста фиреб додй. Хамаро фиреб додй. Бирав, аз худат гила кун.

Алй аз нардбон фаромад. Рафики ўро Ахрор-амак аз паси тарозубон ба ошхона фиристод.

Шўре буд, ки дар пункт бархост. Майдончаи назди тарозуи калон аз одам пур шуд. Танаффуси нимрўзй вайрон шуд.

Аз чахор тараф савол меборид, нидохои тааччуб, маломат ва ҳазабомез шунида мешуданд:

— Пахтаи кадом колхоз будааст?

— Чанд тарбуз?

— Сета, ҳариб ду пуд.

— Э нафсат сарата хўрад, Алй, о ба тарбуз сарторик шудй ки худата фурўхтй?

— Ахрор акнун ба пўсташ кох чой мекунад.

— Шарикаш кй будааст?

— Аллакай Алиро пеш кардааст.

— Э тарбуз нахўрда муред, сағирахон ноахл...

Мудир, тарозубон, лаборант, хисобчиёни идора омаданд. Тафтиш сар шуд. Сухани хамдигарро бурида, бо бахсу талош, хатто дашному нафрин гап мезаданд, якин кардан мехостанд, ки тарбузро кй, аз кадом колхоз, аз кадом бригада ба мағзи канори пахта андохта овардааст.

Перорсол хамин гуна ходиса рўй дода будааст. Лекин он дафъа кадом каллоби нонсоф ба як ароба пахта, такрибан як центнер санг андохта будааст. Акнун тарбуз андохтаанд, то ки коргари пункт бинад хам, садкаи сар, хўраду ба лабаш кулўх молида шинад.

Харчанд ки дар ин вокеа ман гунохе надоштам, дилам сиёх шуд. Бо хавоси парешон ба мактаб рафтам. Чехраи ларзагирифта, рангпарида ва аламноки Ахрор-амак тамоми рох дар пеши назарам буд.

* * *

Бегохй бо Ахрор-амак дар хавлй вохўрдем. Бар хилофи одаташ ба чашмонам нигох накарда, бо як оханги хушку сарде гуфт:

— Шунидам, ки дар бораи ман чизе навиштанй будаед. Нанависед, муаллим. Ман дар синни хафтодсолагй на аз барои таъриф шунидан кор мекунам. Аммо аз барои чй кор карданамро худам медонам. Агар, муаллим, розигй ва хурсандии маро хохед, масхарабозони ба пункт тарбуз фиристодаро нависед,— дакикае тахаммул карда, боз гуфт: — Аз бино шудани олам деҳконй поктарини корхо, ё осонаша гирем, покизатарини касбхо буд. Хамин хел хам хаст ва хохад буд. Лекин он масхарабозон касби худро помол карданд. Як кор кунед, ки мардуми олам ба рўи онхо туф кунанд.

Ин охирин супориши Ахрор-амак буд. Хочат ба шарх нест, ки ман ба адои он аз сидки дил камар бастам.

Ба пункт, ба бригадае ки ба ибораи Ахрор-амак, «масхарабозон» аз хамон чо буданд, рафтуомадам бисьёр шуд. Бо ин сабаб кариб буд, ки бо директори мактабамон чанчоли калоне кунам.

— Юсуф, ин чо биё,— гуфт як пагохй директор ва аз зери бағалам гирифта, ба кабинеташ даровард.— Кирдорат маҷбур мекунад, ки ба ту сахт гап занам. Е мухбирй кун, чўра, ё муаллимй. Ду-се корро дар як вакт касе мекунад, ки аз ўхдааш барояд. Сабр кун, сабр кун, чавоби туро медонам... Зўри беҳуда миён ме-

шиканад, мегўянд. Ин чй гап? Дарсҳоро сарам-дилам мегузаронй. Мурги посўхта барин сахро ба сахро, кўча ба кўча медавй. Имрўз хабар меоранд, ки Сафозодаро хамроҳи ранси фалон колхоз дидем. Пагоҳ мегўянд, ки Юсуф дар кабинети прокурор нишастааст. Дар журналҳо аз химия «2» пайдо шудааст. Участкаи назди мактабро тамом ба умеди бачаҳо партофта мондай.

— Дар вакти холиам,— ҷавоб додам ман низ ба хамон оҳанг,— бо каси дилхоҳам мегардам. Хоҳам — дар колхоз вот ба вот мегардам, хоҳам — дар кабинети прокурор мешинам. Барои баҳои «2» бошад, ман ҷавобгар. Чй тавре ки аз ин пеш аҳду паймон шуда буд, сифати таълимро аз ман талаб кунед. Аз масъулият гардан натофтаам. Акнун дар хусуси участкаи таҷрибавй, рафик директор. Агар аз участка муроде ҳосил шуданй бошад, маҳз ба умеди бачаҳо мешавад. Ман аз паси онҳо соя барин кашола шуда, ин ҷо бизан, он ҷо бимон, гуфта гардам, дар сад сол хам кор ёд намегиранд.

— Сухани ёру рафикро хам гўш намекунй,— ранҷидахотирона гуфт директор.

— Ёру рафик бояд ҳакгў бошад. Хўрдагирй накунад...

Мунозира тўл кашид. Агар мудири илмии мактаб намедаромад, худо медонад, ки сўҳбати рафиқонаи мо бо чй меанҷомид.

* * *

Ба мо аз хонаи нави сеошьёна квартира доданд. Аз ҳавлии Зиё-бобо кўчидем.

Вакте ки лашулуши рўзгор ба мошин бор карда шуд, Ахрор-амак аз кораш омад.

— Мерафтед-дия... Хайр,— гуфт ў ва лаҳзае таваккуф карда истоду дастамро ба кафи фарохи пуробилааш гирифта сахт фишурд.— Ягон кор баромада монад, ба хонаатон меравам. Майлаш?

— Э, албатта,— гуфтам аз чунин савол изо кашида.— Шумо кизик-дия, амак.

Зиё-бобо дар хамон ҷо, дар сари кўча даст бардошта дуо кард, ки «илохо пири бадавлат шавед, хузуру ҳаловати бачаҳотонро бинед».

Иқбол-хола хайрухуш намекард. Бо Ойшахони ман дар гўшае истода, кадом вакт ба дорухонаи ў омаданашро маслихат мекард.

Харчанд ки борубунаи мо дар болои мошин буд, Заррина ба гардани Ойшахон часпида, ба ҳеҷ ҷой намеравед, намемонам, агар равед, мо як умр ҷанги гӯён ҳам илтимосу илтичо мекард, ҳам дӯғу таҳдид.

Ичоранишинии якмоҳаи мо ба ҳамин тариқ поён ёфт.

Оре, ичоранишинӣ ба поён расид. Лекин... Одамизод ачаб як махлуқ будааст-дия. Баъди дур шудан аз ин одамон қалби маро як ҳисси таассуфомезе манзил кард, ки аз кучо ва ба чӣ сабаб пайдо шудани онро дар ибтидо худам ҳам якин намедонистам.

Рӯзе писарчаро аз яслӣ гирифта ба тарафи хона мерафтам. Ногоҳ ҳис кардам, ки як кувваи нихонӣ маро гӯё аз гиребон дошта ба сӯи ҳавлии мӯйсафедон кашола мекунад. Завчаи мӯхтараман ман ба ин чо хафтае камаш як бор омадурафт дошт. Аммо ман ягон бор ҳам наомада будам, дар замири дил мехостам биёям, лекин истиҳола мекардам, ки Ойшахон боз ягон чиз нагӯяд. Охир, банда дар он як мохи ичоранишинӣ, хусусан дар аввали мох, аз рӯзгори нооромӣ ба сарам афтода хеле дилзанӣ мекардам.

Зафарчонро бардошта, дохили ҳавлӣ шудам. Ба омадани мо ҳама хурсанд шуданд. Қариб як соат аз чаҳор тарафи дунёё чак-чак карда нишастем. Нохост Ойшахон даромада омад. Чизе дар сандуки дилам шуввӣ карда рафт.

— Оббо, панч дакикаи дигар сабр накардед-дия. Ҳамроҳ меомадем,— гуфт ӯ ва номаълум карда, ба сӯи ман муғамбирона чашмак зада монд.

Аммо дар бозгашт ӯ «интиқом»-ашро гирифт: гуфта будам-ку дар вучуди завчаи мӯхтараман ман ҳар қадар рахму шафқат ва майли созишкорӣ бошад, ба ҳамон андоза саркашӣ ва якрахагиву кайсарӣ ҳам буд.

— Зафарчон,— гуфт ӯ ба писарчаамон, ки ман дар дасти ростам бардошта мерафтам, муроҷиаткунон,— як вактхо шумову дадотон аз ин ҳавлӣ ва аз ҳамсоягӣ бо ин мӯйсафедон шиква мекардед. Имрӯз шуморо ачаб шамоле ба ин чо парронида овардааст-дия.

— Чӣ чои тааччуб? Табиати одамӣ хамин хел будааст,— гуфтам ба тақдир тан дода.

Ойшахон навозишкорона аз зери бағалам гирифта, илова намуд:

— Табиати ачоиб будааст. Ман-ку харгиз мукобил нестам, фақат мехостам, ки баъзе чизхоро сарфахм ра-

вам. Агар фаромӯш накарда бошам, боре як кас гуфта буд, ки одам бояд дар фикри худ сахт устувор бошад...

— Шоир ва файласуфи бузург Мирзо Бедил навиштааст: «Хоссаи табнати башарист, ки аз оташ ба об гурезад ва аз об ба оташ овезад» — бо оҳанги пуртантана гуфтам дар ҷавоб. Вале ҳарчанд, ки аз аслиҳаи дӯстдоштаи завҷаи мӯҳтарамаам истифода бурданӣ шуда, аз бузургони гузаштаву ҳозира қатор-қатор иқтибосҳо меовардам, ин дафъа ҳам дар мунозира мағлубияти банда ногузир будааст.

Хайр-дия, чӣ бок? Як вактҳо орзӯям ҳамин буд, ки ҳамсарам зани доно бошад. Шукр бояд кард. Шукр сози неъматат афзун кунанд, гуфтаанд.

С. 1962

ЗАЙНАББИБӢ

Маёро базм бар сохил, ки он ҷо
Навои зиндагонӣ нармхез аст.
Ба дарьё ғалту бо мавҷаш даровез
Ҳаёти ҷовидон андар ситез аст.

Иқбол.

Се кас аз девори пастаки гилӣ гурбасон чаҳида, ба ҳавлии комичрояи район даромаданд. Шахси чаҳорум дар болои девор мувозанатро гум карда, аз шохаи пурбори олуча ҚАПИД. Олучаи кайҳо пухта мавизакшуда, гуррос зада, ба сару китфи чор мард рехт.

— Лаванд! — зери лаб дашном дод он ки якумин шуда аз девор гузашта буд.

Муддате сарҳои худро ба дарун кашида, ба атроф гӯш доданд. Ҳама ҷо сокит. Фақат аз канори деха аккоси танбалонаи саге ба гӯш мерасид. Дар ин ҷо бошад, якта-нимта олуча ҳоло ҳам афтода, дар мағзи ҳасу хошок хиширрозанон ғелида мерафт.

Ду нафар нӯк-нӯки по ҚАДАМ ниҳода, ба сӯи идораи комичроия равон шуданд. Ду нафари дигар — ба пешгоҳи ҳавлӣ, ба тарафи суфае рафтанд, ки он ҷо рӯзона хизматчиёни район ва ҳар гуна арздорон рӯи шолчае нишаста дам мегирифтанд ва ҳоло раиси комичроия Зайнаббиби Қурбонова мехобид.

Шабона маҷлиси президиуми комичроя шуда буд. Ҷонишини раис Бекмуҳаммадов гуфта буд, ки маҷлис дер нахоҳад кашид. Аммо ба ҷанҷоли об масъалаи бинои мактаб, доруи варача ва дигар чизҳо зам шуду машварат то ними шаб кашол ёфт.

Бекмуҳаммадов хеле исрор кард, ки Зайнаб ба хонааш биравад. Ӯро гусел хоҳанд кард. Зайнаб не гуфт. Вай гоҳо таклифи рафиқон ва ҳатто дӯстонашро аз қайсарӣ ва якраҳагии бебокона, аз хохиши ҳатман гузаронидани раъи худ қабул намекард. Фаразан касе ишора кунад, ки дар шаби торик ба кишлоки дур сафар кардан хуб нест, Зайнаб гумон мекард, ки ин гуна сафарро маҳз барои зан салоҳ намебинанд ва албатта ба он ҷо мерафт.

— Набошад, ту дар хона бихоб,— гуфт Бекмуҳаммадов.— Ман ҷогаҳамро ба рӯи суфа мебарам.

— Наметавонам. Дар хона дилам бугз мекунад.

...Зайнаб яккад парида бедор шуд, ки касе худро бар болояш партофта, даҳонашро маҳкам пӯшидааст. Марди дуввум, ки андомаш наменамуд, аз банди дастонаш қапида, онҳоро дар болои сараш ба кӯрпачаи лӯнда кардашуда, ки хизмати болинро адо мекард, сахт фушурда меистод.

— Эшонкул...— марди ба рӯяш парӯ афтодаро шинохта ном бурд Зайнаб, вале Эшонкул дарҳол латтаеро гирифта даҳони ӯро боз зичтар пӯшонид.

— Ором шав, ором,— ҳарсасзанон мегуфт Эшонкул ва дар ҳолате ки бӯи кароҳатангезе аз даҳонаш паҳн мешуд, тани ба ларза афтодаи зани дастбастаро палмос мекард, мепучид, мегазид.

Куртаи нимдошти ласини Зайнаб дар як он пора-пора шуд.

Аз тарафи идора таҳаррос зада аз паҳлӯдарӣ канда шудан ва ба замин афтодани дари хона шунида шуд. Баъд садои тапар-тупури одамон, ба девор бархӯрдани харакаи чӯбин ва нихоят фарьёди пасти нолишомези Бекмуҳаммадов ба гӯши Зайнаб расид.

Аз кучое дар бадани зан ҷон дамид. Шояд аз он, ки устухони вай аз кӯдакӣ бо меҳнат ва афтударафти рӯзгор шах шуда буд; бозувони ӯ шамшери гарони аскари саворарро на як бору ду бор дар сари душман ба ҷавлон андохта, сарҳои мардони майдонро зери по афканда буданд; шояд аз он ки аспҳои масту саркаши ин музофот дар таки дасти Зайнаб рому ором мешуданд.

Зайнаб бо як зӯр дастони худро ворахонида Эшонкули ба зону бархостаро бо қӯшлагад ба сари сина чунон фаровард, ки аз суфа муаллаҳзанон ғелида, ба танаи дарахт рафта зад.

— Номард! — бо тамоми овоз фарьёд кард Зайнаб.

— Зиё, биандоз! Паррон, мегӯям! — бо даҳшат дод гуфт Эшонкул ҳанӯз ба по нахеста.

Садои таппонча сукунати саҳариро шикофта ва дар адирҳои паси деха акс ёфта, дар фазои водӣ паҳн шуда рафт.

Зайнаб синаи урьёни хунфишонашро дудаста фишурда, ба ҷогаҳи ҳанӯз гарми худ парӯ афтод.

Эшонкул аз соки мӯза корд баровард ва ба ҷасади хунолуди Зайнаб дарафтод. Ӯ аламу интиқоми дерина

худро гирифтанӣ шуда, дар сари ҷасади сардшудаистодаи зан коре кард, ки ҳеҷ кадом фарзанди инсон дар ҳеҷ замоне накардааст, коре кард, ки хунхортарини ҷонварони вахшӣ намекунанд.

Ин фочиа бомдоди 23 июли соли 1928 рӯй дод.

Айнан ҳамон аснои тавлиди рӯзи нав буд, ки осмони сафедӣ бардамидаро чанд дақиқа аз нав торикӣ фаро мегирад. Лаҳзае буд, ки зулмот боқимондаи неруи худро ғундошта, ба муддате ба таъхир андохтани хуруҷи рӯшной муваффақ мегардад.

Шояд таъхир ёфтани рӯз аз як чиҳат хуб ҳам буд: ин намоиши нангини фочиаборро ба чуз қотилон чашми дигар ҷонзоте надид.

* * *

Мана Эшонқул, қотили раис ва чонишини комичрояни район, душмани инқилоб ва Ҳокимияти Советӣ, ки чанд сол ниқоби дӯстро ба рӯй кашида, дар вазифаи раиси Иттифоқи қӯшчиёни район кор мекард.

Вай ҳоло дар паси ароба нишаста ба саёҳати вопасини худ меравад. Дар паҳлӯяш шарикони ӯ — Маҳмадзиё, Абӯтолиб. Ришу мӯйлаби ҳар се ним вачаб расидагӣ. Чашмҳо як ангушт фурӯ рафта, дар гирди онҳо аз фишори ғусса, аз андӯҳи шикасти ислоҳнопазир ва бими марги ногузир доғи тирае ҳалка задааст. Дар пеши ароба ба чуз аробакаш — аскари солҳӯрдаи рус, боз Умар ва як аскари дигар ба милтиқҳои худ такья карда менишастанд. Аз паси ароба Васильев ва писарҳонди Зайнаб — Санъат савора меоянд.

Санъат он рӯз аз Хонако баргашта, рафиқони худро камгап ва тирарӯ дид. Ба саломаш мисли пешина алек гиранд ҳам, ба пурсупосаш гӯё бо дили нохоҳам ҷавоб медоданд. Аз ҳазлу мутоибаи одатӣ дараке набуд.

Вақте ки сарулибосашро аз гарди роҳ тоза карда, дастурӯй мешуст, қосиди Шӯъбаи махсус омада гуфт, ки ӯро сардор даъват мекунад. Ҳисси баднишонае дар замири дилаш бедор шуд.

Сардор ворид шудани Санъатро дида, аз ҷояш хест ва ба мобайни хона баромада, рапорти расмии чанговарро шунид.

— Хӯрок хӯрдӣ? — пурсид ӯ баъд.

— Ҳанӯз не, рафиқ сардор.

— Пас бирав, шикаматро сер кун.

Санъат дигар якин карда буд, ки ходисан ногуворе рӯй додааст. Аммо ба ӯ нагуфта истодаанд. Дар ин ҳолат магар аз гулӯи одам хӯрок мегузарад? Вай аз таки дар пас гашта, ба назди сардор даромад.

— Ичозат диҳед, ба ошхона наравам. Ман гурусна нестам, рафиқ сардор.

Сардор ба мӯи сиёҳи мавҷдори ҳанӯз тар, чашмони мешин аскар, ки ба атроф бо назари чӯяндаи ташвишомез менигаристанд, зеҳн монда гуфт:

— Ба Қӯқтош бирав. Ба модарат вокеаи нохуш рӯй додааст.

Чизе дар синаи Санъат шартӣ карда рафт, вучудашро як карахтии маҷхуле фаро гирифт ва суханҳои минбаъдаи сардор ба гӯшаш гӯё аз паси девори ғафсе мерасиданд.

Чӣ гуна ҳамроҳи Умар ба Қӯқтош омаданашро надонист. Ҳамин қадар дар хотир дорад, ки ба он ҷо аз Душанбе одамони бисьёре омада буданд. Ходимони Шӯъбаи махсуси бригадаи ҳафтуми саворан онҳо, намояндагони комитети вилоятии партия, коркунони милиции Душанбе ва райони Лақай-тоҷик ба ҳар тараф ҷунбуҷӯл карда, тафсилоти фоҷиаро таҳқиқу тадқиқ мекарданд. Як гурӯҳ одамон ба маросими дафн тайёрӣ мединданд.

Ба кадом ҷониб ғайб задани қотилони Зайнаб ва Бекмуҳаммадов номаълум буд. Дар қатори чанд ҷанговари дигар Санъат ва Умар ба ҷустуҷӯи онҳо фармон гирифтанд. Рости, ин фармон барои онҳо як расмият буду бас. Агар дар дунёе инсофу адолат гуфтанӣ чиз бошад ва агар қотилон канот бароварда ба осмон набаромада бошанд, онҳоро дастгир кардан зарур буд. Ин чунон як амри вочиб буд, ки дар бораи он гап задан, дар ин хусус фармон додан ё фармон гирифтан гӯё як кори тамом барзиёд буд.

Эшонқул ва шариконашро аз Сарои Камар дошта оварданд. Ба кофтукови қотилон ва суди онҳо кариб як моҳ рафт.

Инак, аробаи маҳбусон дар иҳотаи дастаи посбонон аз пайроҳаи пурчанги даштӣ рох мепаймояд.

* * *

— Санъат, писарам, номи ғалатӣ дорӣ-дия! — боре гуфта буд Зайнаб.

Онҳо дар идораи комитети ҳарбӣ-революционӣ менишастанд. Санъат аз ҳезуми ба кунҷи хона тӯб карда-

шуда пешдаргирони хушк чудо карда мегирифт. Зайнаб як даста коғазхоро аз бағалкисааш бароварда, ба рӯи чорпояи мизшакл тахт мекард.

— Номамро падарам мондааст, ягон орзӯ дошта-гист-дия,— чавоб дод чавон.

Зайнаб корашро катъ намуда, ба пайкари чавон муддате хаёлмандона нигоҳ карда монд. Баъд хеста, коғазхоро ба нимсандуки дар паҳлуи миз буда қуфл карду аз таки девор чароғи сиёҳ ва як чароғи нави хафтуми карасиниро ба даст гирифта, боз ба чавон муроҷиат намуд:

— Нигоҳ кун, ба мо аз Душанбе чароғ оварданд. Ман аз анбордори мумсики гарнизон як човача равғани чароғ ҳам рӯёнидам.

Дар ҳамаи район ин дуввумин чароғи шишадор ва бедуди карасинӣ буд. Чароғи якум дар хонаи сардори гарнизон — командир Караваев буд. Санъат ба шодии Зайнаб шарик шуда, изҳори хурсандӣ кард.

— Кӯҳнаашро чӣ кор мекунем? — пурсид Зайнаб чароғи сиёҳро нишон дода.

— Ба ман диҳед.

Санъат барои он ки равғани заҳир ба либосаш нарезад, чароғи сиёҳи чӯяниро боэҳтиёт ба рӯи каф бардошта берун баромад ва ба таворои бофта наздик шуда, ба тарафи ҳавлии валангори бесоҳиб ғурронид.

— И-и, ту чӣ кор кардӣ?

— Партофтам.

— Боракалло, шери апа, ачаб кор кардӣ! О ба ягон кас диҳем, беҳтар намешуд?

— Ба касе даркор бошад, ёфта мегирад, аммо комитети революционӣ ба одамон чароғи сиёҳ иҳъом намекунад.

Зайнаб хандиду чизе нагуфт. Дар қалби ӯ ба ин чавони камгапи меҳнатӣ, хушфеъл ва далер як эҳсосоти нозуки модарона тавлид ёфта, рӯз ба рӯз кувват мегирифт.

Бегоҳӣ Санъат барои машки Зайнаб чой тайёр мекард. Дар самти ғарбии калъачаи гарнизон, дар паси хандаҳҳои кӯҳнаи янтоку шӯра пахшкарда майдончаи машкбобе ҳаст. Ба ин чо назари касе намеафтад. «Чое бошад, ки хеч кас набинад»,— таъин карда буд худи Зайнаб.

Санъат як бандча навдаи лучи бедро оварда, як қисми онро ба нӯки ходачахо ки каблан ба замин гӯр

карда моида буд, устувор намуд. Баъд аспи Зайнабро аз лаби сой дошта, аз кишан баровард ва зину лачом зад. Акнун то омадани ӯ Холдорро андаке давонда, гарм кардан даркор.

Аспҳо ҳам, аз афти кор, одам баринанд. Аспе ҳаст, ки ҳанӯз пой ба рикобаш нарасонда, якбора оташ мегирад ва ба сӯи равонакардаатон худро тир барин мезанад. Аспе ҳаст, ки раги пояш оҳиста-оҳиста яла мешавад. Холдори Зайнаб ҳамин хел. Лекин баъди он ки ба ғайрат даромад, парвоз карданашро, худро ба нишон заданашро тамошо кунед. Паракҳои биниаш мепаранд, фаҳҳос зада нафас бароварданаш ғурриши шери мастро ба хотир мерасонад.

Аз хамгашти девори казарма Зайнаб намоён шуд. Вай зани баландболои хушандом ва ҳамаи аъзои бадану рухсораш мутаносиб ва дилкаш бошад ҳам, рохгардиаш латифи занона нест, яъне ончунон нест, ки одамон ба хироми кабки хушрафтор ташбеҳ медиҳанд. Хайр, охир, зан ки як умр бори рӯзгор бар дӯш рох мепаймуд, чӣ гуна «кабки хушрафтор» шавад?

Мана имрӯз ҳам аз субҳ то аср дар ревком чунбучӯл мекард. Фориғи кор сарулибоси се бачаро шуста, ба тор овехт, ба онҳо таоме пухта дод. Акнун ба машки шамшерзанӣ меояд.

Зайнаб наздик омад. Дар гирди лабон ва пешонияш заррачаҳои арак медурахшанд.

— Санъатчон, замин лой-ку?

— Тирамоҳ-дия... Агар хохед, машкро ба дигар вакт мононем.

— Не, не. Ҳозир. Намебинӣ, аскари савора шуда омадам?

Ӯ рӯймолеро ба сараш саллавор печонида, миллаҳои сиёҳи дарозашро дар зери он пинҳон карда буд. Аз болои куртаи чит ҷомакӯҳнаеро пӯшида, миёнашро бо тасмаи кӯҳнаи Санъат таранг бастааст. Дар пояш мӯзаи пошнабаланди зард ва чарми хоми гӯсола.

— Читур, ба аскар монандам?

— Ҳоло ба аскари фидой.

— Ҳоло ҳаминаш ҳам кифоя. Хайр, биё, бигӯ чӣ кор кунам?

— Ана аспатон, мана шамшер. Ана ин навдаҳо — душмани шумо.

— Ҳм... «душмани ман»...— андешамандона, бо захрхандае такрор намуд Зайнаб.

— Аспро аз дур, хо ана аз он нишебй тозонда меоед.

Зайнаб ба аломати ризо сар чунбонида, хомўш истод. Баъд аз лачоми Холдор гирифта, тез-тез кадам зада, аспро ба наздикии хоктеппае кашола кард.

— Як мох боз ба анбордори шумо мегўям, ки акаллан аз кўхна-колахо якта гимнастёрка ёфта дихад. Факат ваъда медихад. Ваъдахот сарата нахўрад,— ғурғуркунон гуфт ў ва аз болои теппача истода худро чолокона ба рўи зин гирифту бари чоман васеи нохинчорро ба зери такимаш ғундошт.

Санъат шамшерро ба ў дароз карда хандакунон гуфт:

— Корамон чаппа шуд. Конда шамшерро ба мнён баста, сонй ба асп савор мешаванд. Хайрият, ки холо чанги хакикй нест.

— Парво накун, писарам, то хакикиаш як бало мекунем.

Дар тохти якум Зайнаб факат як навдан аз хама баланду намоёнро калам карда тавонисту бас.

— Як чой ёфтй, ки...— гуфт ў дар бозгашт дар мукобили Санъат карор гирифта.— Дар дусад кадам масофа аз як чўю як хандак чахидан лозим меояд. Боз ду теппача хам болои сўхта намакоб.

— Машкгохи хамвори эскадронро худатон нахостед.

— Сабр кун, дастам андак рост шавад, баъд ба он чо хам меравем.

Дар тохти дуввуму саввум кнёфаи Зайнаб тадричан тағьир меёфт. Кам андар кам мардонро дидан муяссар мешавад, ки ба рўи зин ин кадар озод ва сабук нишаста, асп давонда тавонанд. Табиат Зайнабро ба чинси занхо дохил карда, гўё сахве содир карда буд. Аз холо якин буд, ки баъди як-ду машки дигар шамшер дар дасти Зайнаб мисли оташгираке дар сари оташдон асбоби оддии итоаткор хохад шуд. Хозир хам вай дар шуои офтоби ғуруб кардистода алмосвор дурахшида, ба сари навдахо барқосо фуруд меомад ва онхоро шуввосзанон калам карда дур меандохт.

Санъат аз ғояти мамнунй кафхои худро ба хамдигар совйда, беист нидохои хурсандй баланд мекард ва дар хар шамшер задани апааш ў низ беихтиёр сари худро яктарафа карда, «хух» гўён бо шамшери хаёлй навдан хаёлиро калам месохт...

Дар аввали зимистон Зайнаб сахт мариз шуд.

Шабона ба қадри чаҳор ангушт барфи нарми хушк борида, қишлоқ, дашт ва теппаҳоро либоси сафед пӯшонида буд.

Санъат аз Душанбе бармегашт. Сари роҳ ба ревком даромад, ки раиси ревком Низомиддин Қаримов бо касе дар ким-чӣ хусус бахс мекунад. Яке аз ходимони ревком дар оташдони заминии идора ба гулхан ҳезум мемонд. (Печка набуд ва одатан дар миёни хона гулхан карда, ба он ҳам чой мечӯшониданд, ҳам ба алаваш гарм мешуданд).

— Апа дар кучост? — пурсид Санъат якбора ба ҳама мурочиат карда.

— Ба хонааш чеғ заданд. Ҳозир меояд.

Санъат ба гарнизон бирафт, то ки аз ичрои супориш арз кунад. Пас аз соате дубора омад. Зайнаб ҳанӯз набуд.

Пагоҳӣ ҳамсоя хабар оварда буд, ки аз қишлоқ духтари Зайнаб омадааст ва модарашро металабад.

Зайнаб духтари худро дар дахлез рӯи бӯрьё дида, хуш аз сараш парид. Духтар аз шиддати дард нолишкунон фарьёд мекашид. Мӯҳояш парешон, як чашмаш каб-кабуд варам карда баромадааст ва аз байни милкҳои ба ҳам часпидаи чашмаш хуноба метаровад.

Модар бачаҳои хурдсолро, ки баробар хунгосзанон мегиристанд, ба саҳни ҳавлӣ ронда, куртаи рӯй ва пироҳани таки ғоз-ғозшудаи ӯро кашид. Сар то сари пайкари чавонзани шонздаҳсола доғи сиёҳу кабуди шаттаю шаллоқ буд. Синаи чап ва поёни нофаш — аз захми дандонҳо хуншор.

— Кӣ кард инро?

— Палончам,— ба зӯр чавоб дод духтар.

— Шавҳарат кучо буд?

Духтар дигар чизе гуфта натавонист.

Баъди фурсате Зайнаб калтаки ғафси ғурмдореро рӯй-рӯи барф кашолакунон, аз чӣ сабабе пои пиёда ба қишлоқи домодаш мешитобид. Тасодуфи хушбахтона ӯро бо комиссари гарнизон рӯ ба рӯ кард. Вагарна вай аз палончи ваҳшӣ, аз пирдомоди худ, ки ӯро фиреб дода, духтари чордаҳсоларо бар болои зани чилсола гирифта буд, ба ҳамон тарике никор меситонид, ки он чоҳила ситонида буд.

Оре, Зайнаб аз чумлаи занҳои кишвар аввалин шуда ба майдони ҳаёти навбуньёд қадам гузошта бошад ҳам, сояи рӯзгори гузашта ҳанӯз аз сараш дур нашуда буд.

Комиссар оташи ғазаби Зайнабро охиста-охиста фурӯ нишонда, ӯро розӣ кунонид, ки ҳамчун намояндаи Ҳокимияти Советӣ дар ҳар мавриде набошад, дар бобати эҳтиром ва чорӣ намудани қонуну тартиботи нав бояд ибрат нишон диҳад.

Санъат Зайнабро дар канори кишлоқ ёфт. Ӯ дар саҳрои хилват дар рӯи барф манаҳи худро болои зону гузошта ба кадом як нуқтаи уфуқ чашм дӯхта менишаст. Санъатро дида, ба чашмонаш ашк об пур шуд. Яқин, аламаш аз нав тоза шуд, ки дигар худдорӣ карда натавонисти зор-зор гиристан гирифт.

Ӯ ба тақдири сиёҳи худ мегирист. Ба ғакрор шудани насибаи худ дар қисмати духтараш мегирист.

Зайнабро дар ҳаштсолагӣ ба шавҳар дода буданд. Кӯдаки ҳаштсолаи шавҳардор... Санъат ин ҳел ҳодисаҳоро пештар ҳам шунида буд, дар диёри ӯ ва атрофи вай низ ин гуна воқеаҳо рӯй медоданд. Вале барои тасаввур кардани сабаби чунин иқдом куввати идроқаш намерасид. Ҳамин ки кӯдаки ҳаштсоларо дар пахлу, ё дар сари зонуи марди калонсоли ришу фашдор тасаввур мекард, мӯи баданаш сих мехест, як ҳисси ғазабомез ва карохатангезе вучудашро фаро гирифта, ӯро гӯё ба чоҳи торики бадбӯе сарозер меафканд ва ӯ ба вазъе мерасид, ки дигар ёрои фикр кардан надошт.

Шавҳари якуми Зайнаб Худойбердӣ Ҳақназар ном дошт. Дувоздаҳ сол бо ӯ зиндагӣ кард. Ягона чизе ки аз ин дувоздаҳ сол дар шуури Зайнаб мондааст, нафрат ба мард буд, нафрати сӯзони тасвирнопазир ба мард буд, ки куввати бехадду ҳудуд, ном ва ҳукуки шавҳарро дошт.

Худойбердӣ солхӯрда буд ва бо ачали худ мурд. Сонӣ Зайнаб бо изни кабилаву авлод зани Қурбон Эшмуҳаммад гардид. Ҳарчанд шавҳари дуввум бисьёр намезад ва азоб намедод, сездаҳ соли оиладорӣ бо ӯ дар хотираш чун як шаби дарози беохир нақш бастааст, ки пур аз машаккати беподош, ҳаёти нимсеру нимгурусна ва хориву зории адонашаванда бошад. Аз вафоти Қурбон ҳанӯз як сол нагузашта, ҳанӯз мӯҳлати азодорӣ ба охир нарасида, бо ҳукми калоншавандаҳои авлоду кабила Зайнаб зани бародаршӯи калониаш шуд. Чуноне ки баъди вафоти кас кулба ё маркаби ӯ ба шахси наздикаш мерос мемонад, инони ихтиёри Зайнаб ба дасти бародари шавҳараш ғузашт.

Қонуни кабила чунин буд ва онро шариат ҳомӣ ва тақьягоҳ буд.

Шавҳари саввум зиндагонин оилавиро аз рӯзи дуввум бо калтаккорӣ кардани Зайнаб сар кард ва ҳамин тавр ҳам ба охир расонид. Гарчи падари ӯгай барои ҳар чор бачаи зиндамондаи Зайнаб бегона набуд, амаки худашон буд, ҳеҷ кадоми онҳо аз зулми ӯ як рӯзи равшанро надиданд. Ин марди ҷоҳил таъсири мушту лагади худро барои «тарбияи оила», аз афти кор, нокифоя мешуморид, ки аз сари зани муштипар, духтарчаи сездаҳсола ва се укаи хурдсоли ӯ калтаку тозиёнаро дур намекард.

Авлод қарор кард, ки духтарчаи ба чордаҳ акнун қадамгузошта ба шавҳар дода шавад. Ин ҳамон айём буд, ки аълоҳазрат амири Бухоро дар шӯъҳлаи инқилоби Бухоро пару болашро сӯзонида, ба Душанбе гурехта омада буд ва нӯкаронаш ҳар рӯз аз деҳоти гирду пеш як-ду духтари хушрӯйро ба пушту паноҳи дину мазҳаб пешкаш мекарданд. Зайнаб ба қарори авлод эътироз накард, домоди пир бошад, бо сад ҳилаву тадбир зани чилсолаи худро аз ӯ пинҳон дошта буд.

Рӯзе аз рӯзҳо командири взвод Васильев бо ҷанговарони худ ба деҳаи Бошкенгаш барои коҳу беда рафта, аз он ҷо зани маҷрӯҳи дасти чапаш шикастаро бо се бачаи хурдсоли урьён ва гирьёнаш ба аспҳо бор карда омад.

Ин зан Зайнаб буд.

Он вақтҳо Санъат ба гарнизони Кӯктош наомада буд. Дар Файзобод бо дастаи кӯрбоши Ғаюрбек мечангид. Вақте ки ӯ ба Кӯктош омад, Зайнаб сиҳат шуда, дар гарнизон ба қадри ҳол хизмат карда мегашт: ба ошпаз кӯмак мекард, сарулибоси аскаронро шуста, дарбеҳ менамуд. Як сол нагузашта, Зайнаб тамом одами дигар шуд. Баъзан дар тачрибаи боғбон ҳамин гуна ҳодиса рӯй медиҳад. Боғбон ниҳол мешинонад, вале ниҳол барои инкишоф зоҳиран ҳамаи шароитро дошта бошад ҳам, на мӯътадил месабзад, на хушк ва нобуд мешавад. Ҳарчанд маколе хаст, ки ниҳол дар як ҷо месабзад, боғбон онро ба ҷои дигар мекӯчонад. Нихоли шаклан ҷавони чисман пир, ниҳоят, чои худро ёфта, пас аз андак муддате, ки ба номаълум реша давонидан ва ба замини нав дурусттар пайвастан сарф мешавад, баногоҳ ба нашъунамои пуравч шурӯъ мекунад.

Бегоҳии он рӯзе ки дар Кӯктош комитети ҳарбӣ-революционии райони Лақай-тоҷик ташкил гардид ва Зайнаб ҷонишини раиси ин комитет таъин шуд, Санъатро командир Караваев ба назди худ хонд. Дар назди ӯ як нафар ходими штаби бригада менишаст.

Караваев Санъатро ба харак нишонида, бе хеч муқаддимаву оғоз ба ӯ тарчимаи ҳоли Зайнабро нақл кард. Қиссаи умри ин зан гӯё китобе буд, ки муаллифаш — ҳаёти берахму шафқат — дар сахифоти он ба чуз шаллоқ, дашном, хориву зиллат дигар чизе нанавиштааст. Санъат ин қиссаи гаронро бо як изтироби тасвирнопазир гӯш мекарду дар айни ҳол ҳайрон буд, ки чаро ба ӯ онро нақл мекунанд.

Дар хотима командир гуфт:

— Мо қарор додем, ки ту — яке аз бехтарин тирандозони мо хизмати ҳудро дар эскадрон давом дода, дар айни замон аз ҳоли ҳамин зан огоҳ мешавӣ.

Санъат аз чой бархоста, ба таври низомӣ изҳор намуд, ки ба хизмат тайёр аст.

— Бишин, бишин,— гуфт Караваев бо мулоиматӣ.— Дида истодай, ки ин супориш ба ту як навъ супориши ғайрирасмист. Дар атрофи мо зиёда аз ҳазор нафар босмачӣ тохтутоз мекунад. Мо чанговари изофӣ надорем, ки ба ҳаргуна вазифаҳои берун аз гарнизон вобаста карда монем. Бинобар ин...

— Фаҳмидам, рафиқ командир,— дарҳол чавоб дод Санъат.

Пас намояндаи штаб ба Санъат рӯй оварда, бо ким-чӣ гуна як забони китобӣ ба гап даромад:

— Шумо бояд як чизро дар ёд дошта бошед: аз байни як гарнизони калон маҳз шуморо ба ин кор тавсия мекунанд. Медонед барои чӣ? На барои он ки шумо бехтарин мергани отряд ҳастед, инчунин на барои он ки забони модарии рафиқа Курбоновро медонед. Албатта, ҳардуи ин чиз ҳам дар айни замон аҳамияти калонро молик аст. Аммо сабаби асосӣ дар ҳулосае мебошад, ки шумо аз саргузашти талхи ин зан, бешубҳа, хоҳед баровард...

Санъат бори дигар изҳор намуд, ки максадро фаҳмидааст. Сардорон бо навбат дасти ӯро фишурда ва ба кораш муваффақият талабида ба берун гуселониданд.

...Зайнаб ҳуди ҳамон рӯзи вокеаи духтараш дар паҳлуи ӯ ба бистари беморӣ афтод. Дар баданаш як чизи сурхӣ ҳол-ҳол дамид. Худаш дар таби баланд месӯхт ва ҳарчанд касалаш варача набуд, табларзан шадиде мадорашро хушк мекард.

Табиби гарнизон мегуфт, ки ин бемории асаб аст.

Санъат рохи байни кулбаи Зайнаб ва гарнизонро мокувор тай мекард.

* * *

Як мох аст, ки чашмони андешаманди модар аз мадди назари Санъат дур намешаванд. Дар кучое ва бо кадом коре машгул набошад, овози нарму ором, вале омиронаи ў пайваста дар гўшаш садо медихад.

Санъат бо хотирахои худ чунон банд шуда буд, ки аз рох бозистодани ароба ва бо саволе ба ў мурочиат кардани аробакашро нафахмида монд.

— Андак дам гирифтан даркор,— таклифи худро такрор намуд аробакаш.

Онхо ба сохили чапи Кофарнихон расида буданд. Амад ба он сохил чафс шуда меистод ва дар рўи мавчхои баланди оби кахваранг такон мехўрд.

— Ба он тараф гузарем, сонй,— хавоси худро гундошта гуфт Санъат.

Умар аз кафи дастонаш карнай сохта, ба сохили дигар фарьёд мекард: «Тезтар чунбед, хой гаго!»

Мардаки амадрон аз сояи серуни дарахт дилу бедилон хест, куртаву эзори худро рохравон афшонида ва хар чои баданашро хорида-хорида ба амад савор шуд. Баъд бо хамон форигболй банди амадро яла кард. Носкадуяшро бароварда, як каф носро ба таки забонаш партофту кафашро ба куртааш пок карда, ба чустучўи дастпўшак афтод. Нихоят, онро ёфта пўшид ва похояшро ба замин дурусттар такья дода, ба кашидани сими гафси амад шурўъ намуд.

Токати Умар ток шуда, ўро боз шитоб кунониданй буд, ки Санъат намонд.

Харчанд зўр заданд, аспи ба ароба катй кардашуда ба амад баромадан нахост. Бандихоро фароварда, аспро алохида ва аробаро чудогона ба амад бор карданд.

Дар сохили рост ба аспхо обу алаф доданд, дар таки санчите нишаста кадаре дам гирифтанд ва боз ба рох даромаданд.

Дере нагузашта аз рў ба рў ду савор наздик шуд. Яке аз онхоро Санъат мешинохт, ки ходими масъули комиссариати халкии маориф буд. Вай бо Санъат аз асп нафаромада, саломуалек ва пурсупос карданд.

— Кадоми инхо Эшонкул?— пурсид ходими маориф.

Санъат ишора кард. Он мард аз як пахлу, сонй аз пахлуи дигари ароба гузашта, афту андоми котилонро аз назар гузаронид.

— Ҳм,— гуфт ӯ баъди муоина кардан ба ҳамроҳи худ рӯ оварда,— дар пӯсти инсон ҳар хел махлуқ меғунҷидааст,— дия.

Ароба ба роҳи худ давом намуд.

* * *

Иброҳимбек кайҳо боз ният дошт, ки ба гарнизони Кӯктош банохост ҳамла оварда, онро торумор кунад. Нихоят, дар аввали тобистони соли 1923 нақшаи худро ба амал бароварданӣ шуд. Одамони Иброҳимбек акнун пештара барин якчоя шуда намегаштанд, балки ба дастаҳои аз 100—120 то 200—250-нафарӣ тақсим шуда тохтутоз мекарданд.

Пеш аз ҳучум ба Кӯктош дастае ки ба он худи Иброҳимбек сардорӣ мекард, қишлоқҳои Тошбақа ва Оқбулоқро ишғол намуд. Дастаи дусаднафарии Асадуллобек зодгоҳи Зайнаб — деҳаи Бошкенгаш ва дастаи Алимардон-додхо—қишлоқи Тӯбакро забт карда буданд.

Мувофиқи нақшаи саркардаҳо се даста аз се тараф ба гарнизон мебоист дар як соат ҳучум мекард. Аммо кӯрбошиҳо ҳама чизро ҳарчониба ба ҳисоб гирифта, аз афти кор, рӯҳия ва муносибати халқро ба инобат нагирифта буданд. Халқи меҳнаткаш, алалхусус мардуми деҳоте ки босмачиён бештар дар он чойҳо қарор мегирифтанд, аз андозҳои тоқатфарсо ва ҷабру ҷафои лашкари ислом ба дод омада, зудтар тухмпок гардидани ғоратгаронро мехостанд. Бинобар ин отрядҳои аскари сурх аз нақша ва харакати дастаҳои босмачиён дар сари вақт огоҳ мешуданд.

Нахустин бор либоси мардона пӯшида ба ҷанги ҳақиқӣ баромадани Зайнаб ана ҳамон рӯз буд.

Аскарони гарнизон ва фидоиён ба се эскадрон тақсим шуда, аз Кӯктош баромаданд. Отряде ки ба он Зайнаббибӣ ҳамроҳ буд, ба пешвози дастаи Асадуллобек баромад ва дар самти ғарбу шимоли Кӯктош гӯё аз дунёи бехабар, ба машқи навбатии худ машғул шуд. Ду отряди дигар, ки ба самтҳои ҷануб ва шарқ ба муқобили дастаҳои Алимардон-додхо ва худи Иброҳимбек баромада буданд, барои каминҳоҳ гирифтан ва душманро наздиктар оварда, ногаҳон ҳамла кардан имконият доштанд. Аммо дар ин ҷо, дар дашти фарохи нисбатан ҳамвор ба ҷуз ҳамин тадбир илочи дигар набуд. Ягон теппаи баланд ё сои чукуртаре набуд, ки сарбозонро бо аспҳошон аз назари душман муваққатан пинҳон доштан мумкин бошад.

Отряд тавре вонамуд мекард, ки аз нияти душман вокиф нест ва бо машқи одатии харрўзаи худ машғул аст. Чанд нафар аспҳои худро ба дарунии селобаи майдае ки аз мобайни паҳнсой мегузашт, даровардa шустушўй мекарданд. Такрибан панҷоҳ нафар аскарон дар гирди командири эскадрон нимдоира нишаста, ба дастури ў гўш медоданд. Дар он тараф гулхане месўхт ва дуди ў дар ҳавои сокити бешамол сутунвор баланд шуда, дар оғўши осмони софи чоштгоҳй парешон шуда мерафт.

Асадуллобек дурбин дорад (чунон ки як пулемёти дастй ва чанд милтиқи нимавтомати англисй ҳам дорад). Ҳамаи ин манзараро аз дур дида, ба вачд хоҳад омад.

Офтоб торафт баланд мешуд, ҳаво метасфид. «Машқи сахрой» давом мекард, лекин чашму гўш, хушу ёди ҳама ба ишораи дидбонҳо буд, ки ба рохи душман назора мекарданд.

Зайнаб дар лаби чўй, дар сояи яке аз дарахтони камшумори паҳнсой бо Гул Артихол ном фидой бо овози паст гапзанон менишаст. Санъат ба назди онҳо расида буд, ки сўҳбати онҳо бурида шуд. Вай саволомез ба Зайнаб нигарист, ки оё ба мусоҳиба ҳалал расонидам?

— Биё, биё, шин,— гуфт Зайнаб аз паҳлуяш ҷой нишон дода.— Ин акаи Гул шаш бача дорад. Ҳама лўла-кулўла, калонаш чойчўш барин. Ман ба ў гуфта истодаам, ки ғам нахўр, бачаҳо хор намешаванд. Дар ҳамин қиёмат-қоим дар Душанбе хонаи бачаҳо кушодаанд.

Ин гапи Зайнаб ба гўши Санъат ҳамчун васият расид. Яъне агар мо ҳалок шавем, бидон, ки бачаҳоро ба хонаи кўдакон месупорй.

— Шумо, апа, ба гарнизон мерафтед ҳам мешуд,— гуфт Санъат.— Дар он ҷо коратон бисьёр. Хусусан, ки ҳучум кардан ё накардани босмачй ҳеч маълум нест.

Зайнаб лабханде кард.

— Мақсади маро нафаҳмидй, ҷони апа,— гуфт ў.— Ҳоло падар шавй, бачаю каччадор шавй, баъд мефаҳмй. Ман аз ҷанг наметарсам,— ў абрувонашро чин карда, даҳқае гўё сухани муносиб чуста, хомўш монд.— Албатта, агар росташро гўям, камакак метарсам, лекин ин аз он тарсҳо нест, ки майдонро партофта фирор кунам. Мегўянд, ки одам дар дил армон дошта бошаду мурад, дар гўр ҳам осуда намехобад. Ман аз ваҳшонияти одам он қадар азоб кашидаам, ки агар бо дасти худам ақаллан андак қасос нагирам, то қиёмат ором нахоҳам буд.

— Илоҳо, намур, Зайнаб,— хандакунон гуфт фидой,—

ачоиб гап мезанй-дия... Як чиз гўям, қаҳрат намеояд? Худо умри туро дароз мекунад. Иншооллоҳ, ба сад медарой, аммо ман мегўям, ки ту ҳазор бор ормонатро барорй ҳам, баъди мурдан осуда намехобй.

Вазъият ончунон буд, ки барои сўҳбат, аз афти кор, мавзўи хуштаре ёфта наметавонистанд.

Дидбони дарпешбуда ишорае кард. Аз паси силсилаи теппаҳои дур гарде баланд шуд. Аммо дар ин чо ҳеч кас аз чой начунбид. Командир мусоҳибаашро ҳамчунон идома медод. Дуди гулхане ки ба оташи он оби ба касе нодаркор мечўшид, мисли пештара фавворазанон ба ҳаво мепечид. Дар як канор ду асп мечарид, ки дар болояш чизеро бор карда, рўи онро бо палосе пўшида буданд.

Вакте ки босмачиён аз ҳамгашти охирин ҳам гузашта боло баромаданд ва аспҳои худро ба чорҳез дароварданд, дар лагери эскадрон ҳам чунбучўл сар шуд. Аскарон саросема милтиқҳошонро аз тўдаҳои аслиҳа гирифта, ба аспҳои худ мечаспиданд ва омодаи фирор мешуданд.

Бале, босмачиёни бо шаст оянда баръало медиданд, ки дар лагери аскарони сурх бетартибие ҳукмрон шуд, ҳама аз ҳамлаи «ногаҳонии» Асадуллобек ба воҳима монда, дар ғами халос кардани чони худ афтоданд. Аз тарафи фавчи босмачиён акнун садоҳои «Оллоҳ акбар!», «Бос, бос, бос!», «Пахш кунед!», «Е шоҳи мардон!» ва ғайра равшан ба гўш мерасид.

Аскарон ва фидоёни аспҳои худро маҳмезу тозиёна зада, бо сафҳои пароканда ва парешон аз паҳнсой бар баландй мебаромаданд. Дар миёни паҳнсой факат бокимондаи гулхан дудкунон месўхт.

Наъракашию бонгзании босмачиён боз баландтар шуд. Онҳо акнун аз барори аввали кор маст шуда, сафҳои худро зичтар намуда, бо тамоми қувват асп метозониданд. Пешопеши ҳама Асадуллобек ва боз як пирамарди хушлибос шамшерҳои каҷдами худро дар болои сараШон алвоиҷ дода метохтанд.

Дар байни ду гурўҳ тахмин сесад қадам масофа монда буд, ки аскарон банохост дар чои худ карор гирифта, рў ба ҳариф ниҳоданд ва ба самти хучумкунандагон саф рост карданд.

Миқдоран кариб ду баробар кам бошанд ҳам, аз афташ, карор доданд, ки нагурезанд ва мардона чангида, ҳалок шаванд, дарҳол тағйиротро пай бурда, аз дил гузаронид Асадуллобек. Хайр, чй? Боз бехтар. Аспҳои хасташударо то худи Кўктош давонида шалпар кардан ло-

зим намешавад. Худованд рахмону рахим аст. Ин шарофати пири дастгири беки калон, пири хамаи саркардахои лашкари ислом эшони Хочитўра аст, ки дар пахлуи ў чавонвор асп медавонад.

Аскарони сурх на факат дар чои кароргирифтаашон ба тўли майдони чанг саф кашиданд, балки масофае ба исгиқболи хариф пеш рафта дар канори пахнсой бозистоданд. Даме истоданду аз милтиқхо ба сўи хучумкунандагон оташ кушоданд. Ногох садои мунтазами пулемёт баланд шуд. Ду пулемёти дастй, ки дар сари зини ду асп устувор карда шуда буд (хамон ду аспи болояш палос пўшидашуда) якчоя бо саду бист милтиқ ба сари фавчи босмачиён жола барин тири ачал мерехтанд.

Гарчанде акнун дар мобайн камтар аз саду панчох кадам масофа монда буд, босмачиён ғайри ихтиёри худ бо шасти аввала ба таки борони тир меомаданд. Дар худи лахзаи аввал тахмин сй саворан душман, аз чумла пири хушлибос, аз аспхошон сарнагун афтоданд. Сафи хучумкунандагон вайрон шуд, аспхои бесохиб ва тирхўрда худро ба хар сўй зада, харчумарчи нохост пайдошударо дучандон мекарданд.

Асадуллобек дар сари часади Хочитўра асп нигох дошта, чанд сония таваккуф кард, ки оё мурдаи хазратро бардорад ё не. Аммо дар гирду пеши бек йигитхояш бо қиёфаи вахмпахшкарда ба як чо пой мезаданд ва аз тири пулемёту милтиқхо торафт камтар мешуданд.

Дар миёни ин манзара часади муборакн пир хам ба чашмаш нанамуд ва ў сари аспро ба кафо гардонид.

Хамаи чанг — аз ишораи дидбон то ба охир расидани дунболагирии душман — муддате давом кард, ки дар он факат як чойник чой нўшидан мумкин буд. Камтар аз нисфи дастаи кўрбошй, онхое ки аспхошон чолоку тавонотар буданд, худро ба сохили нишеби Кофарнихон зада, чон ба саломат бурданд. Хабдах нафар босмачй кушта шуд. Дигарон ё асир афтоданд, ё аз хамон «машкгохи» эскадрон то ба сохили дарьё дар хар чо-хар чо чарохатхои худро капида мадхуш ё бо нолишу фиғон мехобиданд.

Санъат Зайнабро хангоми чанг ду бор дид. Бори аввал ў дар кафо буд ва пайкари худро, чуноне ки саворахои хучумкунанда мекунанд, ба гардани Холдораш хам карда ва шамшери худро дар хаво харакат дода асп медавонид. Бори дигар, баъди он ки аз болои дехаи ў мегузаштанд, дар сафи пеш дид, ки сахле кафотар аз коман-

дири эскадрон асп медавонид ва кулоҳи аскариаш аз сараш афтода, гесўвонаш дар шамоли роҳ алвонҷ мехўрданд. Ҳам худаш, хам аспаш дигар ба ҷўш омада, ҳама фикру хаёли дуньёро ба ҷуз мақсади пеш рафтан, боз хам тезтар давидан ва ба аспи ҳарифу гардани сиёҳи офтобзадаи душман расида гирифтан, аз ёд бурда буданд.

...Аскарон аз дунболагирй баргашта, асиронро ба як ҷо ғун мекарданд, ба ярадорон ба қадри имкон кўмак карда, онҳоро ба соян ягона дарахти ин паҳнсой—караҳаи камбарг мекашониданд.

Зайнаб аз гурўҳе ба гурўҳе гузашта, дар байни босмачиёни мурда ва ярадор гўё касеро мечуст. Дар сари мурдаи эшони Хоҷитўра муддате истода, ба магасхое ки аллакай аз ким-кучо пайдо шуда, дар гирди лабу дахони эшон сайр мекарданд, ба саллаи кабуди пишовурии баробари кади соҳибаш яла ва паҳн шуда хобидаи ў нигоҳ кард.

Эшони Хочитўра на танхо барои кўшуни Иброҳимбек, балки барои хамаи хаммаслакони онхо ки дар дигар маҳалхои водии Хисор, дар Ёвон ва Файзобод амал мекарданд, як навъ пешвои ғоявй, ливои зинда буд. Эҳтимол, вай рўзхои охир аз субҳ то шом «хобҳои бахосият» ва «башорати даргоҳи ғайбро», ки ба ў малоика ва арвоҳи азизон мерасониданд, ба йигитҳои гумроҳ маъниҳод мекард. Эҳтимол ў монда нашуда, талкин менамуд, ки аз рўи хамаи нишонахои муборак ин ҷанг нусратовар хоҳад шуд ва хамин ки гарнизони Кўктош аз байн барафтод, бо кувваҳои муттаҳиди ҳамаи ҳомиёни шариат аз байн бардоштани қалъаи Душанбе ҳеҷ гап нест.

Аммо хазрати эшон охирин бор дар умраш тушбераро хом шумурда буд. Барои дасти нозпарварди ў, ки ҳангоми бардоштани обтобаи таҳорат меларзид, шамшери сарбозй тамоман гарон омад. Рост, ки сахви ў чандон хам комил набуд: қабл аз ҷанг дар ҷавоби илтимоси исроркоронаи Иброҳимбек ва Асадуллобек, ки «моро дар ақибгоҳ мунтазир шуда, бахузур дуо карда нишинед», гуфта буданд, хазрати эшон изхор карда буд:

— Не, ёрон, дар қатори шумо меравам. Зинда монам. ғозй, мурам — шаҳид мешавам.

Инак, нимаи дуввуми фоли ў, ба ҳар ҳол, рост баромада буд.

Зайнаб дар ҳолате ки дар қиёфааш ифодаи тааҷҷуби танаффуромезе сайр мекард, китф ба ҳам кашида, аз сари ҷасади эшон дур шуд ва ба чустучўи худ давом намуд.

— Апа, киро мековед? — ба ӯ расида пурсид Санъат.

— Як бача аз қишлоқи мо. Дар байни босмачиҳо буд. Худам дидам, ки Гули Артихол ба сараш зада, аз асп ғалтонид. Умар номаш.

— Чӣ лозим вай ба шумо?

— Лозим. Вай ҳам ту барин бекасукӯй буд. Дар дасти худам калон кардаам, гӯям, мешавад.

Умар зинда, вале мадҳуш мехобид. Зайнаб ба назди командир рафта, дар хусуси ӯ гуфтугӯ карда омад. Сонӣ Санъат ва Васильев Умари босмачиро бардошта ба гарнизон оварданд ва аз паҳлуи лазарети ҳарбӣ дар як гӯшаи айвон парда кашида, ба муолича хобониданд.

Ана ҳамин Умар, ки ҳоло дар пеши аробаи маҳбусон милтиқ ба даст нишастааст, ҳамон босмачии чавон аст, ки Зайнаб бар хилофи ҳамаи расму оин дар паҳлуи аскарони ярадори худамон ба табобат хобонида буд.

Ҳафтаи аввали баъди чон гирифтанаш Умар боиси нороҳатии бисьёре шуда буд. Ба ғайр аз Зайнаб ӯ бо касе ғап намезад. Лабҳои аз камхунӣ сап-сафед ва аз ҳарорати баланд торс-торс кафидаашро ба ҳам зич карда, ба ҳар касе ки ба ӯ мурочиат мекард нигоҳи кинаомезашро дӯхта, лом намегуфт. То даме ки Зайнаб омада бо навозиш ё дӯғу даранг мачбураш накунад, ягон қошуқ шӯрбо ё шавла намехӯрд. Тои масти нахустин бор аз гала чудо карда, ба сараш нӯхта задашуда барин ба ҳар сӯй нобоварона нигоҳ мекард.

Боре нимишабӣ аз девори гарнизон худро берун андохта гурехтааст. Посбони шабона аз канори деҳа дошта омад. Дар ҳамон бевактӣ ба Қараваев арз карданд. Командир аввал оташин шуда, дашном дод, баъд мулоим шуда ҳандид ва гуфт, ки ин ҳама кори Зайнаб аст ва ба ӯ хабар дихед.

Зайнаб ҳам хашмгин шуда омад. Аммо Умарро дида чизе нагуфт. Дар воқеъ мавриди ғап набуд. Чароҳати акнун баҳамомадаи Умар аз нав яла шуда, аз мағзи дока ба паси гарданаш хун мешорид ва ӯ кайҳо аз ҳуш рафта буд.

Бегоҳии рӯзи дигар Зайнаб ба Умар як косаи атолаи башир овард. Умар атоларо хӯрда, омин кард ва миёнбандашро, ки ба чои дастархон паҳн карда буд, ғундошта, оҳиста аз чой хест.

— Ин чо бишин, бача,— фармуд Зайнаб ва Умарро ба кӯрпачае ки рӯзи аввал аз хонаи худ оварда буд, нишонда ба ғап даромад: — Ту дина нимишабӣ гурехтанӣ

шудай... Акнун давр дигар шуд, одамро мачбур карда намешавад, ки ба фалонй хизмат кун, ё ба беҳмадонй итоат кун. Ҳар каллаву як хаёл. Лекин, писарам, фаҳмида мон, ки ман туро мачбур мекунам. Ба мачбур кардан ҳаҚ дорам. Писари калонии ман агар зинда мемонд, аз ту ҳашт моҳ калон мешуд. Ман ба ту модар барин як чиз. Барои ҳамин туро ба ин чо овардам, ки чои ту ҳамин чо аст. Ман мўйлабдор шудагй, хама гапро худам медонам гуфта, бисьёр пешхезй накун, бача. Ба гап гўш накунй, либосатро кашида ба химчакўб кардан ҳам кудратам мерасад. Чунки ту нодон. Ҳа, нодон, каллаварам!— якбора худ ба худ оташ гирифта, аз чашмонаш барки ғазаб пошида, бо овози баланд гап задан гирифт Зайнаб. — Хизмати кўрбоширо ба ту кй мондааст? Асадуллобек писари Мулло-Хизир-Тўҳсабо аст, ки давлаташ дар ҳафт кишлоҚ намегунчад. Вай барои давлати падараш мечангад. Ту, ятимча, барои чй милтики ўро бардошта, кўҳ ба кўху дашт ба дашт гаштай? Ту бо кй мечангй? А? Бо ман? Бо Низомиддин? Ё бо командир Қараваев? Ту шабона аз девори гарнизон ҳаллос зада нагурезу дар рўзи равшан ба сари он девор баромада нигоҳ кун. Қараваев нисфи аскарҳояшро ба посбонй монда, бо нисфи дигараш ба лой даромада похса мезанад, то ки барои бачаҳои мо мактабхона созад. То ки бачаҳои мо худи ману ту барин бесаводи аз олам бехабар калон нашаванд. Нодон! «Лашкари ислом», «ғазавот» будааст... Худат мусулмон шуда истода, маъноии мусулмониро мефаҳмй? Маъноии мусулмонй некй кардан аст, беваю бечораро дастгирй кардан, сари камбаҳалро сила кардан, ба безамин — замин, ба ташна об додан, халкро хонондан, кишлокҳоро обод кардан аст. Ин корҳоро кй карда истодааст? Кўрбошиҳои ту ё аскари сурх? Пас мусулмон кй будааст? Кўрбошиҳо ин панч сол боз ба ғайр аз ғорату бедодгарй ба халқ чй оварданд?

Зайнаб лаб фурў баст, даме хомўш нишаст. Баъд миёнбанди Умарро аз дасташ кашида гирифта, араки сару рўи худро пок карду миёнбандро ба рўи бистари Умар партофта илова намуд:

— Холо мийяат гич. Андак ба худ, ки омадй, гапҳои манро як мулоҳиза кун. Сонй чор тарафат кибла. Агар, бача, боз рафта ба кўрбошиат ҳамроҳ нашавй, на аскарҳо ба ту кор доранд, на ревком.

Зайнаб баромада рафт.

* * *

— Боз чӣ гап? — пурсид Санъат аз Умар, ки аробаро нигоҳ дошта, ба Эшонкул чизе мегуфт.

— Қазои ҳочат мегӯяд, — чавоб дод Умар.

Санъат ба атроф нигоҳ кард. Тахмин дар сад қадам масофа аз роҳи аробагард буттазоре ба назар мерасид.

— Сар деҳ, равад,— гуфт Санъат ва ба сӯи буттазор ишора намуд.

Эшонкул аз ароба фаромада, банди дастонашро, ки ба он изи тасмачарми борик нишаста буд, молида-молида равон шуд. Поҳои карахтшудааш качукилеб ҳаракат мекарданд. Васильев аз паси ӯ аспи худро чанд қадам пеш ронд.

— Нарав, Петрович,—гуфт Санъат.

— Дар он тарафи буттазор боғлоқи қамишзор менамояд, рафту гурезад?

— Майлаш. Қорат набошад.

Васильев дар мобайни роҳ монд. Кошкӣ як гурехта ҳам медид,— дандонҳояшро ба ҳам фишурда аз дил гузаронид Санъат. Кошкӣ мегурехт! Дошта гирифта, алами ҳаргиз хомӯшнашавандаи дилашро мебаровард. Медид, ки ҳамон панҷаҳои модарро хафакардаи он қотил чӣ кудрате доранд! Медид, ки ин паҳлавони шаби торик дар рӯзи равшан чӣ арзише дорад...

Ҳай-ҳай! Чӣ ҳаёлҳое ба сари одам роҳ меёбанд! Санъат аз андешаҳои худ ки нохост ба назараш бегона, ҳатто як қадар ваҳшиёна намуданд, худ ба худ изо кашид. Караваев ӯро дар чамъомадҳои қисмашон, дар ҳузури намояндагони ҳайати фармондеҳони полк ва ҳатто дивизияю бригада ҳамчун чанговари аз ҳар чиҳат тараккикарда тавсиф менамуд.

Ана чанговари таърифӣ! Бандиро қасдан сар додааст, ки ӯ бигурезад ва ӯро пас дошта... Зор монад, эҳсоси худро ҳамеша нӯхта зада нигоҳ доштан ҳам ҳунар будааст.

Эшонкул аз сари роҳаш як каф хок гирифта, ба дастонаш совида, зери лаб пичирросзанон омад.

Ароба ба роҳ даромад.

* * *

Хонаи гилин бомаш хаспӯши Зайнаб дар охири яке аз тангкӯчаҳои качалаку серлои кишлоқ буд. Дар гирди хавлича аз шувоқи санчит садде монанд ба таворан пастак сохта буданд, ки одами расоқомат аз болои он бе-

малол гузашта метавонист. Девори берунии хона саросар пур аз нақши кӯҳнаи таппак буд.

Қараваев, Қаримов ва Санъат палави Зайнаб пухгаро таърифу тавсифкунон хӯрданд. Санъат бо ишораи Зайнаб обкаду ва лагани сафолиро ба пеши онҳо барои дастшӯй овард.

Дар берун, дар сари оташдон писарчаи калони Зайнаб — Абдучамили нӯҳсола ба таки чойчӯш ҳезум мемонд.

— Зайнаб, туро як дуо кунем,—шӯҳномез гуфт Қараваев ва ба муллоҳо таклид карда, дастони худро баланд бардошт.—Илоҳо, то дунёё будана бошию дастонат дард набинад.

— Раҳмат, командир, саломат бошед.

— Як мақоли халқ ҳаст, ки баъди ош як лаҳза мабош, мегӯяд. Дуруст гуфтам? Маро бубахш, ба гарнизон бояд шитобам.

— Боз як дам шинед, командир. Ҳозир чой мечӯшад. Санъатчон, баромада бин, чӯшидагист. Сабилмонда ҳезум тар, фақат фишшос зада дуд мекунаду халос.

Қараваев ба Низомиддин Қаримов таънаомез нигоҳ кард.

— Қай инҳоро ба ягон чои дуруст мекӯчонӣ?

— Аз худашон пурсед, ман камаш...— Қаримов ба шифти аз дуд сип-сиёҳгаштаи хона мутафаккирона чашм давонда, илова намуд: — Қамаш панҷ ҷойро таклиф кардам.

— Ман аз ҳамсояҳои фитнаи ғайбагчӣ безор,— гуфт Зайнаб.

— Набошад ба гарнизон бикӯч. Ба ту ҷой ёфт мешавад.

— Раҳмат, командир. Акнун, худо ҳоҳад, рӯи баҳор.

— «Баҳор» мегӯяд-а. Қори нимрӯзаро ним сол кашола кардан чӣ лозим? Кӯчу курани бисьёр ҳам надорӣ-ку! Ба Санъат бигӯй, чорта кӯрпаву дегу табаки туро бо рафиқонаш дар як раҳ мекашонад.

— Раҳмат, командир!

— «Раҳмат, командир, раҳмат, командир» мегӯию ба гапи командир гӯш намекунӣ. Ба ту, аз афташ, фақат ба тариқи низомӣ гап задан даркор.

— Раҳмат, командир. Ман аз шумо як илтимоси дигар дорам.

— Ҳоло палави хӯрдаамон бегараз набуд, бигӯ?

— Ба худо ки ош базӯр аз гулӯям гузашт,— хандида

гуфт Каримов.—Охир, ман аз нияти Зайнаб воқиф-дия.

— Зайнаб, ку, бигӯ. Чӣ хоҳиш дорӣ?

— Пагоҳ пешинӣ Қосим-қӯрбошӣ ба гуфтушунид меояд. Ман рафтан мехоҳам, аммо раисамон иҷозат намедиҳанд.

Зайнаб ба сӯи Каримов ишора кард. Вай аз раиси ҷавони ревком понздаҳ сол калон буд, ба ӯ ҳамеша «ту» гуфта муроҷиат мекард, аммо ҳозир киноямез ӯро «шумо» мегуфт.

— Ин кадом Қосим? — пурсид Караваев.— Қосим Зулфӣ?

— Худи хамон. Аз қишлоқи Чолтош.

— Чанд кас доштааст?

— Миёнарав понздаҳ кас мегӯяд. Аммо худаш овоза карда мегардад, ки дар ин се соли ҳарбу зарб мӯе аз дастааш кам нашудааст.

— Ба Зайнаб ту не гуфтӣ?

Каримов сар хам карда, сокит монд.

— Зайнаб, дидӣ, сардорат розӣ нест.

— Эшон дар ин хел мавридҳо худашон мераванд. Насиби ман фақат ташкил кардани ҳашари чӯйковӣ, ҷанҷоли мактаб ва дигар чизҳои ба ҳамин монанд.

Санъат аз чойчӯш ба ягона нимкосае ки дар рӯи дастархон буд, чой кашида, ба командир дароз кард. Дар хона хомӯшӣ ҳукм меронд. Аз рӯи ҳавлӣ мунозираи писарони Зайнаб — Абдуҷамил ва Икром ба гӯш мерасид.

Барои он ки сардорон, байни худ озодона гуфтугӯ карда тавонанд, Зайнаб Санъатро имо карда, ҳарду берун баромаданд. Аммо сардорон ҳамчунон ҳарфе нагуфта фикр карда менишастанд. Дар воқеъ, чӣ чои гуфтугӯ? Ба командир монед, Зайнабро ба гуфтушунид бо қӯрбошӣ бечунучаро мефиристад. Зайнаб дар гап ҳам, дар кору дар ҳарб ҳам акнун ҷавоби се-чор йигитро дода метавонад. Бе муболиға, метавонад. Аммо...

— Чӣ гуна одам аст Қосим-қӯрбошӣ?

— Қӯрбошӣ ки шуд, маълум-дия.

— Ба хаёлат, занро дида полонаш чаппа мешавад?

— Фақат ана ҳамин мулоҳиза. Аз дигар ҷиҳат, чӣ чои фикр, дили хама аз Зайнабапа ҳазор бор пур.

Караваев чойро ду-се чуръа карда нӯшид, чанд сония бо ангуштонаш ба лаби зарф накоравор зада нишаст. Баъд гаронборона аз чой бархоста, гимнастёрка ва тасмахояшро бо ғилофи таппонча дуруст карду фуражкаро аз мех гирифта, ба дарунаш зехн монд.

— Дар ин чо чй мековед? — пурсид Низомиддин.

— Порсол фуражкаро хамин хел ба мехи девор овехта монда будам. Дар ёд дорй, банохост аз пайдо шудани дастаи Алимардон-додхо хабар оварданд ва мо саросема ба ҷанг баромадем. Баъди аз Кўктош баромадан як чиз дар болои сарам патаррос зада чунбид. Фуражкаро кашида бинам, ки як калтакалос баромада гурехт. Хангоми дар мех овезон истоданаш даромада бахузур хоб карда будааст. Шумоён аз ин ҷонвар ҳазар мекунетон, дар тарафхои мо калтакалосро бахосият медонанд. Дар вокеъ, хамон рўз дастаи Алимардон торумор шуд.

— Шумо ба хамин хел аломатхо бовар мекунед?

— Не, дар омади гап гуфтам, — табассум кард командир ва пурсид: — Ту чй?

— Наход надонед? Ман хам не.

— Пас, мон ки Зайнаб биравад.

— Ихтиёр, — гуфт Каримов. — Лекин ман фикр кардам, ки мабодо ташвиши изофй шавад. Косим бо чордах йигиташ таслим шуданй меояд, Зайнабро дида зиёнаш гирад... Харифи ба таслимшавй омадаро кебонида, баъд аз дунболаш овора шуда гаштан чй даркор, гуфтам-дия. Кўрбошй марди чохил, агар ягон дахан гапи бўйнок гўяд, Зайнаб аздусар чим намешинад...

— Майлаш, Зайнаб биравад. Лекин эхтиёт шавед.

— Санъатро хамрох мекунем. Косим хам бо як кас меомадааст.

— Хамрох рафтани Санъат маълум аст. Аммо ғайр аз ин хам чорахои эхтиётй дидан мумкин будагист?

— Мумкин, албатта.

— Боракалло, аз худат гап намемонад. Шунидй ё не — Ғаюрбек-кўрбошй таслим мешавам гуфта, намояндахои ревкоми Файзободро гўё барои гуфтушунид чеғ зада, хамаашонро катл кардааст. Боз чунон вахшиёна куштааст, ки хатто ягонта часади бутунро ёфта натавонистаанд.

Харду аз хона баромаданд. Аммо Караваев ранси ревкомро дар дахлез нигох дошта илова намуд:

— Дар хусуси вай мулохизаат бошад... кўрбошиат одами ғаранг набошад, мефахмад, ки ба майдони васеи хаёт баромадани Зайнабхо дар пеш аст. Хохад — ана хамин, нахохад, ихтиёраш, поздах йигити рохгумзадаи ў чархи айёмро боздошта наметавонад.

Чоштгохи рўзи дигар Санъат боз дар хамон тангкў-

чан серлон кишлоқ пайдо шуд. «Модар пагохи бармахал ба пеши Караваев омада, баъд ба хонааш рафта буд. Ин кадар вақт чй кор мекарда бошад?» — хаёлкунон асп меронд Санъат. Вай кайхо боз Зайнабро дигар апа не, модар мегуфт. Акнун ахли кишлоқ хам ўро писари Зайнаб меномиданд. Караваев низ дар гуфтугў бо ў «модар чунон кард», «модарат чунин гуфт»— гўён номи Зайнабро ба забон намегирифт.

Дар як зум бачахо ғун шуда, аспи ўро иҳота карданд. Вай дар ин ҷойхо шиноси дерина аст ва хамин ки аз кўчан калони кишлоқ ба ин сў тоб хўрд, як тўда бачахои аксарашон сарлучу побарахна ҷамъ омада, атрофи ўро печонида мегиранд ва то даме ки аскари сурх ба саломи хар кадоми онхо алохида ҷавоб нагардонад, ором намешаванд. Баъд то хавлии модар сўхбат давом мекунад. Абдукарим дар мактабхона «тахта», «пахга» навишт. Худаш навишт, хабар медиҳад яке. Дигаре арз мекунад, ки саги Холмуҳаммад имрўз аз ҷояш хестааст, яъне сихат ёфтааст, хатто якта устухон хондааст.

Агар аскари сурх пиёда бошад, самимияти сўхбат боз зиёдтар мешуд. Боре маҷбураш карданд, ки шамшери худро аз тасма кушода диҳад. Хар яке аз бачахо мебоист онро хатман ба дасти худ бардошта медид.

— Ўх, чй хел вазнин!— изхори ақида кард яке.

— Вазнин бошад хам тез-дия. Санъат аком инту кунанд, каллаи тағоият хо-о ба он ҷо парида меравад,— гуфт дигаре.

— Каллаи тағои ту мепаррад, — оташин шуд аввалй.

— Тағои ман тағои ту барин босмачй не,— ҷавоб гардонид дуввумй.

— Вай тағои ман не. Амаки Холиқ. Ту бошй, худат душмани синфй. Дина ба мактаб нарафтй-ку.

— Кй душман? Ман? Ана ба ту ...

Санъатро лозим омад, ки ба мобайн даромада, «ҷанги гражданиро» пасанда кунонад. Шамшери боиси ҷанҷолшуда ба ҷояш овехта шуд, аммо гурўхҳои «душман» ба ду паҳлуи Санъат-тағо таксим шуда, то таки дари Зайнаб дигар харфе нагуфтанд.

Имрўз ўро то охири тангкўча ором гусел намуда, пеш аз хайрухуш саволборон карданд:

— Пулимитро кай нишон медиҳед, тағо?

— Дар хонаи мо тамоку хаст. Биёрам, мекашед?

— Пагоҳ ба аспшўй мебаред?..

Модар имрўз алалхусус бардаму хушхол ва тозарўх

буд. Вай сар шуста, курта ва гимнастёркаи тоза дар бар кардааст. Мўи нав бофтааш ялаққос мезанад. Ба чашму абрувонаш ҳам камтар сурма кашидааст. Гўё ба хостгорӣ мерафта бошад.

— Чаро механдӣ?

— Ҳамту... ба хаёли худам,— ҳичолат кашида гуфт Санъат.

— Не, бигў, чаро хандидӣ?

— Гўё ба тўй мерафта бошед, гуфта аз дил гузаронидам.

— Агар кор ба хубӣ анҷомад, ҳамин барои ман тўй.

Модар ҳамаро ба сари дастархон шинонида, нону чурғот дод. Баъд гуфт, ки Санъат ҳам бояд ақаллан сарашро бишўяд. Вай не гуфт.

— Мешўй. Чаро ин қадар сарат чиркин?

— Ҳозир ба аспхона хасбеда кашонидем.

— Шустан даркор,— такрор намуд Зайнаб ва сари писарҳондашро бо навозиш сила карда монд. Санъат дигар не нагуфт.

Ҳеч амре, ҳеч фармоне дар олам, яқин, қувваи навозиши модарро надорад.

Зайнаб аз қумғони чўянӣ ба гардани Санъат об мерехт. Санъат худ ба худ хандакунон сар мешуст. Бо командир ё Қаримов ба мулоқот мерафт, ба хаёли касе намерасид, ки ба мулоқоти босмачӣ дастурўй шуста рафтан даркор. Ҳариф ба тозагии сару гардани ту чӣ кор дорад? Агар ба сари ту мароқе зоҳир кунад ҳам, шояд аз он чиҳат, ки оё ба чӣ ҳилае онро аз танат чудо созад.

Ачоиб халқанд занҳо.

...Зайнабу Санъат паҳлуи ҳамдигар асп меронанд. Санъат панҷтираи худро дар қоши зин кўндаланг дошта меравад. Вай берун аз сафи отряд милтиқашро аксаран ба ҳамин тариқа гирифта мегардад.

Зайнаб бо хаёлоти худ банд. Гоҳ ба осмоне ки абрҳои тираи анбўҳ фаро гирифтаанд ва аз ҳамин сабаб хеле паст ва наздик менамояд, андешамандона назар меафканад, гоҳе доманаи кўҳҳои дуродурро тамошокунон худ ба худ табассум мекунад. Чиро фикр мекарда бошад? Боре командир гуфта буд, ки дар ҷангномаҳои қадимаи халқҳои ин ҷо дар бораи қаҳрамонии занҳо, ки дар майдони ҳарб баробари мардон корнамой кардаанд, хеле ривоятҳои дилпазир ҳаст. Шояд модар дар ҳамин хусус, дар бораи тақдири пурошўби худ фикр мекунад? Е истиқбо-

ли дифёри худро ба пеши назар оварда табассум мекарда бошад?

Дар болои ағбаи Боботоғ яқин борон меборид: абрхои сиёҳ домани худро ба сари кӯҳ тамоман паҳн карда буданд. Дар ин чо гоҳ аз болои сар, гоҳе аз пеш чароғаки барқ равшан мешуд ва садои сусти раъди чаланимкора гӯё аз масофати дуре ба гӯш мерасид.

Дар дашти беодами байни гарнизон ва қишлоқи Бошкенгаш, болотар аз ҳамон пахсое ки се сол қабл аз ин бо дастаи Асадуллобек ҷанг шуда буд, чашмае ҳаст. Мулоқот бо Қосим-кӯрбоши дар ана ҳамон чо мешавад.

Қадаре пеш рафтанд. Дар сари чашма касе наменамояд. Қосим ҳанӯз наомадааст.

— Санъатчон, ту, албатта, аз мо дуртар менишӣ? — пурсид Зайнаб.— Қоидааш чӣ хел? Ту пештар дар ин гуна мулоқотҳо будӣ-ку.

— Будам, лекин қоидаашро намедонам. Кӯрбошӣ бо якта одамаш меомадааст. Вай дар чи қадар масофа истад, ман ҳам дар ҳамон қадар роҳ менистам.

Аз паси теппае ки тахмин як чакрим дурӣ дошт, ду аспакӣ намоён шуд.

— Меояд, дидед?

— Ҳа, як чиз сиёҳ метобад.

— Биёед, оҳистатар равем.

— Рост мегӯй, боз хонасӯхта ғумон накунад, ки мо ба чамоли муборакаш мушток будему парвозкунон омадем.

Лаҷомҳо саҳле кашида шуданд. Санъат гуфт:

— Таппонча наменамояд, чӣ кардед?

Зайнаб ба гиребони гимнастёрка, ки ду тугмаи поёнаш яла буд, даст бурда таппончаи шиноси Қараваевро баровард. Ин гуна таппончаи сар то сараш оби никель давонидашуда фақат дар дасти командир буду халос.

— Як бинам.

Санъат мили милтиқашро поён карда, онро ба зери таҷим пахш кард ва таппончаро аз дасти Зайнаб гирифта, ба тири тайёр доштан ва яла будани куфли он бовари ҳосил карда баргардонид.

Ба сари чашма андак масофа монд. Кӯрбошӣ ба он канори чашма расида, аспашро нигоҳ дошт. Шарикаш, марди кулӯтариш, ки салларо калобавор печонида, чанд қабат чома ва яктаҳ пӯшида, ба китф милтиқи дувоздаҳтираи англисӣ, дар миён шамшер, таппонча ва боз як шашпари сиёҳи дастадарозеро овехта буд, ба поёнтар, ба он чое ки оби чашма ғун

шуда, ботлокчаи камишзоре пайдо шуда буд, рафта истод.

Зайнаб аспи худро аз ин канори чашма нигоҳ дошт. Муддате харифон якдигарро муоина мекарданд. Ҳарчанд Зайнаб мӯи худро ба таки кулоҳи аскарӣ пинҳон карда буд, кӯрбошӣ зан будани мусоҳиби худро аз хеле масофа пай бурда буд. Шарики кӯрбошӣ ва Санъат ҳам рӯ ба рӯй истода, бо нигоҳ пайкари якдигарро сӯрох мекарданд.

«Садқаи сар, барои нафъи кор худам пештар салом медиҳам» — дар дил қарор дод Зайнаб ва бо овози баланд:

— Салому алайкум, ҷаноби Қосимака,— гуфт.

Он тарафи чашма, ки Қосим меистод, назар ба тарафи Зайнаб такрибан ду газ баландтар буд. Қосим манаҳи худро ба сина зер карда, сару тану ҳадду басти Зайнаб ва аспи ӯро аз зери абрувонаш бо як назари беэътиноёнаи адоватомез газучен менамуд. Аз чашмони танги мугулии ӯ шарораи хашм меборид. Аммо ҷавоби саломро гардонидан фарз аст. Қосим сарашро ба тарзи ба зӯр аёншаванда ҷунбонид.

«Такаббурат сарата хӯрад,—аз дил гузаронид Зайнаб. —Чунон каттаги мекунад, ки гӯё мо ба таслимшавӣ омада бошем, на вай...»

Дар ботини кӯрбошӣ, аз афти кор, муборизаи шадиде мерафт. Аз баҳали ҷомааш дастаи сиёҳ ва тирдони паҳни маузер намоён шуда меистод. Зайнаб ҳам ҳалқаи камчинро аз банди дасти ҷапаш гузаронида ва лаҷомро низ ба он даст нигоҳ дошта, дасти рости худро озод ва омодаи корзор нигоҳ медошт.

Вай қиёфаи аз ҳад афзун кинаборро кӯрбоширо дида, лаҳзае пушаймон шуд, ки ба ҳар ҳол кори бечо кард, ки омад. Ба муомилаи баробарҳуқуқонаи мардҳои дар ҷаҳолатмонда умед бастан хеле ва хеле барвакт аст. Аммо бо гӯшаи чашм писарҳонди худро дида, дилаш ором гирифт. Вай панҷтираашро пештара барин дар коши зин дошта, хушьёр меистод. Дар ин музофотҳо Санъат барин тирандози моҳир нест. Тирандозии ӯро афсонавӣ гӯед муболиға намешавад. Барои нишонзанӣ ба ӯ милтиқро ба сари китф бардошта, як чашмро пӯшида, нишонро ба каравулак наздик карда, баъд кулангро пахш кардан шарт нест. Милтиқро аз кучое набошад, — хоҳ аз сари зону, хоҳ дар

зери бағал дошта, тақрибан ба ҳадаф рост мекунаду ҳанӯз шумо чӣ ният доштани ӯро пай набурда, нишонро зада пора мекунад.

Аспи кӯрбошӣ ба оби чашма нигоҳ карда беқаророна пой мекӯфт ва лаҷом мехоид. Як-ду маротиба лаҷомро сахт бо сараш поён кашида, нишасти пурвиқори соҳибашро халалдор намуд. Қосим дар қаҳр шуда, ба пеши синаи аспаш кашидаву кушода як тозиёна фаровард. Асп фаҳҳос зада, аз замин барчаст, то ки ба канори дигари чашма бипарад, вале Қосим дар сари вақт онро даст гирифт ва асп лаҳзае чароғпоя шуда истоду баъд ба ҳоли аслиаш баргашт.

Лахте замини нарм аз зери суми асп канда шуда, ба оби софи чашма афтод.

— Обро лой кардед,— гуфт Зайнаб ва дасти худро аз гиребони гимнастёркааш баровард. Дар ин чанд сонияе ки босмачӣ алами худро аз чонвари бегунаҳ мегирифт, ӯ дастаи гарму хамвори таппончаи командирро ба рӯи дили аз изтироб ба тапиш даромадааш пахш карда омодаву тайёр меистод.

— Гоҳо лой шудани об фоида дорад,— бо заҳрханда чашмони бе он ҳам тангашро нимпӯш карда гуфт Қосим.—Инро занҳо аз кучо донанд?!

— Кӯрбошӣ! — хитоб кард Зайнаб тоқаташ дигар тоқ шуда,— оберо лой мекунанд, ки мохӣ дошта бошад. Бехуда об лой кардан кори оқилон нест. Сонӣ, зане ки шумо нодон гумон мекунед, муовини раиси ревкоми район аст. Ва ба ин ҷо бо супориши ҳукумати худ, бо илтимоси шумо ба гуфтушунид омадааст.

Қосим «ҳм» гуфта изтехзоомез хандида, мӯйлаби худро молид, баъд ба сӯи Санъат ва ҳамроҳи шофу шашпардораш назаре афканда, киёфааш чиддӣ гардид. «Бо илтимоси шумо» гуфтани Зайнаб барои чӣ ба ин ҷо омаданаш,ба чӣ ҳолат расидани дастаи дар собиқ хаштоднафарашро ба ёдаш расонида буд.

— Зайнаб, бо шавҳарат Курбон мо ошно будем. Ман ба ҳурмати арвоҳи ӯ бо ту гапзанон карда истодаам.

Зайнаб кариб гуфта буд, ки агар ҳурмати шавҳарам намешуд ҳам, аз дастат чӣ кор меомад? Ту аз ҳамон кабил одамоне ҳастӣ, ки аз асп фуроянд ҳам, аз узангу намефароянд. Дӯгу даҳдаҳаатро ба хурӯсчӯҷаҳои парокандаат, ана ба он нӯкари ду ман ярок бардоштаат кун, ки мебардоранд.

Аммо таъинoти исроркоронаи Караваев ба хотираш

расид ва ӯ туғьёни хиссиётро дар қалбаш бо кӯшише фурӯ нишонда, бо оромӣ гуфт:

— Мо бо умеди нек ба ин ҷо омадаем. Бо умеде ки хунрезӣ дигар бас шавад, шумо хам ярокро партофта, дар катори халқ ба кори осоишта машғул шавед, худатонро бо меҳнат аз гуноҳ пок кунед.

— Шарти оштӣ чӣ гуна аст? — пурсид қӯрбошӣ. Ба «шарти таслим» гуфтан, аз афти кор, забонаш намегашт.

— Ҳамагӣ чанд нафаред? — савол дод Зайнаб саволи мусоҳибро бечавоб мононда.

— Ёздаҳ тан.

— Ба миёнарав понздаҳ кас гуфта будед...

Қӯрбошӣ чизе нагуфт. Зайнаб ба суханаш давом намуд:

— Шарти таслим ҳамон, ки пеш аз шумо қӯрбошӣ Ҷайлов Бекмурод қабул карда буд. Хуб медонед. Пагоҳ саҳарӣ аз ҳамин тараф ба гарнизон наздик мешавед. Шуд, гап ҳамин.

Баъд ба Санъат рӯй оварда гуфт:

— Рафтем.

Вале Санъат аз ҷояш начунбид.

— Аввал инҳо бираванд,— гуфт ӯ.

Косим сари аспашро гардонда, чанд кадам дур шуд, сонӣ дар болои зин якпаҳлӯ нишаста ва рӯ ба пас оварда гуфт:

— Мумкин бошад, ҳамин рӯз биёем, баъди говгум.

Ба Зайнаб таъкид карда буданд, ки боқимондаи дастаи қӯрбошӣ кадом вакте ва аз кадом тарафе ки хоҳад, омада яроку аслиҳа сӯпорад. Зайнаб гуфт, ки омадан гиранд, онҳоро аскарон пешвоз хоҳанд гирифт.

Косим Зулфӣ ба роҳаш равон шуд. Нӯкараш милтиқу шофу шашпарашро шакарросзанон аз паси ӯ асп давонид.

— Аз афташ, шарм медорад, бинобар ин баъди говгум омаданист,—изҳори акида кард Зайнаб вакте ки харду савора дар паси талу теппаҳо ғоиб шуда рафтанд.

— Бечора! — писхандомез гуфт Санъат.— Як вактҳо дар таки даст хаштод йигити савора ва дар калла як олам орзуву хаёл дошт.

Зайнаб тамоми роҳи бозгашт бо писарҳондаш ҳазлу шӯхӣ карда, баланд-баланд механдид.

— Бегоҳӣ ба идора биё, китоб мехонем,— гуфт Зайнаб баъди ворид шудан ба кишлоқ.

Чанд гоҳ инҷониб Санъат дар бекориаш аз китобҳои

ба дасташ афтода ба Зайнаб хонда ва агар китоб ба забони руси бошад, ба қадри тавонаш тарҷима карда медод. Худи Зайнаб хонда наметавонист, аммо ба Караваев, ё Каримов, ё дигар рафикони худ дар мавридаш «мо бо Санъатҷон китоб мехонем» гуфта таъриф мекард.

Оре, муовини раиси комитети революционӣ бесавод буд ва ба ҷои имзо ба ҳуччатҳои давлатӣ ангушти башораташро ранг молида пахш мекард.

* * *

Ароба муддате дар кӯчаҳои қишлоки Душанбе гашта, дар пеши бинои девораш оҳак молидашуда қарор гирифт.

Санъат пиёда шуд, аз киса коғазеро бароварда тахт кард ва ба дари бинои сафед даромада рафт. Умар, Васильев дар лаби чӯйча диккак нишаста, араки сару рӯяшонро шустанд. Дигар посбонон дар соя чинори калон рост менстоданд.

Пас аз фурсате Санъат ҳамроҳи як марди кадбаланде берун омад, ки аз авзоаш хашму ғазаб меборид.

— Қашола кардан лозим не. Бар, тамом кун, биё— мегуфт он мард.— Акнун пиёда баред,— ва ба аробакаш рӯй оварда гуфт: — Ба ту ҷавоб.

Се бандӣ ва чаҳор посбон қатор шуда аз қишлоқ баромаданд ва аз пайроҳаи танге ки аввал дар миёни ғандумпоя, баъд хорзоре печутоб хӯрда мерафт, гузашта ба сохили баланди нахр расиданд.

Ҳар се рӯзе ки суди котилон давом мекард, Санъат аз маҷлиси муроҳиа дур нашуда буд. Ӯ шоҳид набуд, аъзои суд набуд, тамошобин ҳам набуд. Такрор шунидани қиссаи ҳалокати модар барои ӯ бағоят вазнин буд, бо вуҷуди ин ба он ҷо нарафта наметавонист.

Соҳӣ ба Санъат гуфтанд, ки ба ҳӣро расонидани ҳукм ба ӯ супорида шудааст. Ин, бешубҳа, кори кадоме аз сардорон буд. Кори ҳамон як одам буд, ки Васильев ва Умар низ дар ин як моҳи пуразоби ба хоби дахшатовар монанд аз ӯ чудо намешуданд.

Асрори зиндагӣ поён надорад, аз афти кор. Модар аз талотуми ҷанги граждани гузашт, аз даҳҳо мухорибаҳои шадиди хунин зиндаву саломат баромаду дар замони осоишта ҳалок гардид.

То тирамоҳи соли 1926 босмачиён комилан торумор шуда буданд. Ҳамон сол интихоботи умумӣ шуда, халқ

ба ҷои резкомҳо Советҳои маҳаллиро интихоб намуд. Зайнаб раиси ҷамоаи Кӯктош шуд. Гарнизони Кӯктош кӯчид, Қараваев, Санъат ва Умар ҳам ба Душанбе рафтанд. Дар маҳалҳо отрядҳои милиции халқӣ ташкил ёфта, ба муҳофизати тартибот мутасаддӣ шуд.

Зайнаббибӣ дар вазифаи нав чӣ тавр гузаштани хафтаву моҳҳоро надониста мемонд. Дар маъракаҳои ислоҳоти замин, кофта ба кор андохтани ду канали нав, ки 400 гектар заминҳо бекорхобидаро обьёрӣ мекард, шиддати кор аз замони ҷанг камтар набуд.

Модар тобистони соли 1927 ба конференцияи занони озоди Осиёи Миёна ба Тошканд рафт. Аз ин ҷо ӯро вакили Конференцияи дуввуми умумиттифоқии занон интихоб карданд. Дар бозгашт аз Москва ба шӯъбаи махсус даромада, Санъатро наёфт. Рӯзи дигараш худи писар ин хабарро шунида ба Кӯктош омад.

Ба ӯ гуфтанд, ки модараш дар қишлоқи Бош-кенгаш бо занҳо маҷлис мегузаронад.

Дар атрофи ҳавлие ки занҳо ҷамъ омада, ба рӯи шолчаву бӯрьёҳо чеҳраҳошонро бо рӯймолу чапончаҳо панаҳ карда менишастанд, Зайнаббибӣ аз ҷавонони фаъоли деҳа чанд нафарро каровул монда буд, то ки касеро ба ин ҷо роҳ надиҳанд. Дар воқеъ шавҳар, падар ё бародаре метавонист ба маҷлисгоҳ бенбо зада даромада, зан ё духтари худро аз миллааш кашолакунон ба хона барад.

Ҷавонон Санъатро шинохта, дарҳол аспашро гирифта ба як гӯша бастанд. Санъат ҳам дар паси деворе ки ба сар то сари он бачаҳои қишлоқ часпида буданду тамошо мекарданд, рост истода, гӯш андохт.

Модар месароид.

Вай аз ин пеш ба ин тариқа — дар пеши мардуми бисьёре бо овози баланд суруд хондани модарро хеҷ гоҳ надида буд. Фақат дар дақиқаҳои кам дар ками хушҳолиаш дар роҳ ё дар сари кори хона ягон суруди қадиман занонаро зери лаб замзама мекарду бас.

Шуд замони озодӣ, хастият намоёи кун,
Кан, шикан кишанҳоро, ҳар тараф парешон кун,
Рав ба анҷуман, мактаб фикру зеҳни худ бикшо,
Бо кувои илму фан бехи ҷаҳл вайрон кун,—

меҳонд Зайнаб.

Ин суруди Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ буд, ки модар аз Тошканд ёд гирифта омадааст*.

* Тарҷимаи шоир Муҳиддин Аминзода.

Овози модар мисли овози хофизон суфтаву босалика набошад ҳам, онро ҳаяҷони дил ва самимият обуранг дода, форам ва батаъсир гардонида буд. Зайнаб чашмонашро нимпӯш карда, нӯки рӯймоли худро беихтиёр гирех баставу кушода торафт бештар илҳом гирифта месароид:

Абри тираи чодар рон зи чехраи моҳат
Берун ой аз зулмат, ҳамчу нур чавлон кун.

Даргаҳи маориф чун мешавад туро маъво
Нурҳои он бар чашм сурмаи Сулаймон кун.

Дар оҳанги ботамкини суруд ҳам аҳволи хузновари занони асира ифода ёфта буду ҳам савтҳои дилпуронаи ба ҳаракат, бедорӣ ва ошӯбдаъваткунанда садо медод.

Суруд ба поён расид ва хомӯшии томе ба миён омад. Чанде аз занон фиқ-фиккунон мегиристанд, чанди дигар ба зани сароянда, ба ҳамчинси бочасорати худ, ки номи ӯ солҳо инчониб вирди забони садҳо марду зани дӯст ва душман буд, бо назари тааччуб ва тахсину таквият нигоҳ карда менишастанд.

Зайнаб ҳам шуда, аз пеши пояш як пиёла чои кайҳо боз сард шудаистодаро гирифта нӯшид, баъд ба гап даромад. Вай занҳоро ба далерона амал кардан, аз чордевори танги тори хона ба дунёи васеу равшан қадам ниҳодан даъват мекард. Мегуфт, ки акнун Ҳукумати Шӯравӣ ва пешоҳанги халқ такьягоҳ ва пуштибони занон аст. Баъд дар бораи бузургии Иттифоқи республикаҳои советӣ, ки каду бараш барои аспакӣ чандинмоҳа, балки чандинсола роҳ аст, дар бораи Маскав нақл кард.

Санъат ёд дорад, ки боре вай, Зайнаб, Низомиддин Каримов ва боз як мӯйсафед як ҷо нишаста, соли таваллуди модарро ҳисоб карда ёфтанӣ мешуданд. Худи модар «солам ҳук» мегуфт. Бо баҳсу мунозираи бисьёре солҳо ва мӯлчарҳоро ҳисоб карда, дарьёфтанд, ки соли 1887 таваллуд ёфта будааст.

Оре, панҷ сол мукаддам Зайнаббибӣ аз вучуд доштани солшумории милодӣ ё ҳичрӣ хабаре надошт. Аммо рӯзҳои раиси чамоа шуда кор карданаш дар нутқ ва маърӯзаҳое ки бадеҳатан эрод мекард, он қадар санаҳо, мисолҳои таърихӣ ва бадеӣ меовард ва сомеонашро бо мантиқ ва ҳозибаи нутқаш чунон банд мекард, ки аксари коркунони идораҳои район ба зеҳни тез, маҳорати наттоқии ӯ тан дода буданд.

Дар ибтидои соли 1928 Зайнабро ба номзадии аъзои партия қабул карданд. Як рӯз пас ӯ дар хонаи Санъат ва занаш меҳмон шуд ва дар бораи фош карда шудани собиқ раиси Иттифоқи кӯшчиён Эшонқул ҳикоя кард. Эшонқул дар давраи ислоҳоти замин ва баъдтар дар идораи милиция ба кори давлат хеле зиён расонида буд. Тафтиши хиёнати Эшонқул аз аризаи хаттии Зайнаб сар шуда буд.

20 июль баъди интихоботи нави Советҳои маҳаллӣ Зайнаббиби Курбонова раиси комичрояи райони Лақай-точик интихоб гардид.

Умри дубораи Зайнаб акнун сар мешуд. Аммо пас аз ду рӯзи дигар фоҷиаи хунин риштаи ин умрро барканд.

* * *

Бандиҳо ба худ қабр мекофтанд.

Дар бист қадам масофа аз онҳо Васильев, Умар ва аскари саввум ба милтиқҳошон такья карда меистоданд. Санъат аз онҳо ҳам дуртар дар сояи камари чар менишаст.

Имрӯз, хусусан баъди омадан ба ин ҷо ӯ ба андоми манфури душманаш аз наздик нигоҳ карда наметавонист. Чашмони оболуд, риши намад барин зерхӯрдаи Эшонқул нафраташро аланга медод ва ӯ як ҳисси пурзӯри ғазаб, ғазабу кинаи оташбори девонаворро ҳис карда, аз бандиҳо худро дур мекашид.

Бандиҳо белро ба як сӯ партофтанд. Эшонқул Умарро бо имо ба наздикии худ хонда, чизе гуфт. Умар ба пеши Санъат омад.

— Вай мегӯяд, ки талаби охиринашро қонеъ кунем. Ҳамин хел қоида ҳаст, мегӯяд.

— Разил! Боз қоидадонӣ ҳам мекунад!

— Чӣ гӯем?

— Чӣ мехоҳад?

— Таҳорат карда намоз мехондаанд.

— Хайр, бигӯ ки таҳорат кунанд. Лекин эҳтиёт шав, ки худро ба дарьё наандозад.

— Намегурезад, мепарронам.

— Медонам, намегурезад. Лекин гап дар ин не. Қабраш бояд дар ин ҷо бошад.

Бандиҳо ба лаби нахр рафтанд.

Айёми обхезии нахр буд. Ҷараёни оби кафколуди қаҳваранг гулдуррос мезад ва замини соҳил аз нафаси тавонои он меларзид.

Эшонқул ба пеш гузашта имом шуд. Он ду нафар аз пасаш. Муртадҳои разил, дашном медод Санъат. Ҳамин одам панҷ сол билети партиявиро бардошта мегашт. Сардори ташкилоти революционии деҳқонон буд. Агар модар фош намекард, ҳоло, эҳтимол ба ягон идораи калонтар сар мехалонид. Ачаб... Инсон таърихи чандҳазорсола дораду ҳанӯз илме набаровардааст, ки шинохтани дӯсту душманро осон гардонад.

Санъат ба пеши рафиқонаш омад.

— Чаро гуфтӣ ки қабри инҳо бояд албатта дар ин ҷо бошад? — пурсид Умар ба китфи Санъат даст расонида.

— «Албатта» нагуфтаам. Коре карда дар ҷои аниқ бошад, гуфтам.

— Ҳа-а,— мад кашида гуфт Умар гарчанде ки аз ин шарҳ низ чизе нафаҳмида буд.

— Агар намурам, ягон вакт дар болои қабри инҳо лавҳаи сангин мемонам...

— Ба кабри душман лавҳа намемонанд,— сухани Санъатро бурида гуфт Умар.

— Ман мемонам. Лавҳа мемонаму менависам: «Модари азизам! Бо ҳукми халқ ҳотили туро кушта дар ин ҷо гӯронидам. Лекин ҳасрати дилам як зарра ҳам кам нашуд...»

Овози Санъат ларзид. Қалиман охиринро ба зӯр нимгурма талаффуз карда, сарашро поин андохт.

Умар аз кунҷковии бемавридаш хиҷил шуда, ба сӯи бандиҳо кадам гузошт. Онҳо намозашонро кайҳо тамом карда, акнун дастор ва миёнбандҳои ҷойнамозкардаашонро бо як сусткории ҳайратовар меафшониданд, тахту тах мекарданд, такрор меафшонданд.

— Тез ҷунбед! Тез-тез, мегӯям! — ба сари онҳо расида дӯғ зад Умар ва бо овози паст илова намуд: — Ҳа, дар суробатон...

...Санъат кулангро пахш кард.

Қалхоте ки чанд дақиқа пеш дар осмони софи пилгун пайдо шуда давр мезад, аз садои тир ҳаросида, ба сӯе ғоиб шуд. Як пилта дуди махин аз таки куфли милтиқ кашол шуда баромаду дар ҳаво парешон шуда рафт.

Бел сето буд ва онро Умар, Васильев ва аскари дигар ба даст гирифтанд.

— Санъат, ту бирав, хокро худамон мерезем,— гуфт Васильев. Санъат «хайр» гуфту аввал ба ҷои пештара,

ба сояи камар чанд қадам ниҳод. Баъд аз роҳаш гашта, ба лаби наҳр равон шуд.

Мавҷҳои пурғулғула гоҳ ба ҳам омехта,гоҳ ҳамдигарро бошитоб таъқибкунон паси ҳам ғалтон буданд. Рӯи об аз хасу хошок, шикастапораҳои дарахтони пиру фартут ва решаҳои пӯсида пур буд, ки онҳоро наҳри ба ошӯбомада аз ким-кучоҳо канда меовард ва ба мавҷҳои лойолуди сурхаш печонида мебурд.

С. 1964

ДАРОЗТАРИН АРИЗАЕ, КИ ДАР УМРАМ НАВИШТААМ

Бародарам, яке аз аввалин дикторҳои радиои тоҷик Абдуҳамид Муҳаммадиев маро аз колхоз ба шаҳр оварда, гуфт, ки ба ягон «кори дуруст» мондан мехоҳад. Як ҳафта фикр карда мегашт, ки ба кучо барад. Гоҳо бо овози баланд маслиҳатомез мепурсид:

— Ба кучо барам?

Е хомӯш менишастам, ё ба маъной «намедонам» китф мечунбонидам.

Ниҳоят, рӯзе ба ошьёнаи дуввуми Хонаи матбуот баромада, ба назди Содиқ Арабов омадем, ки ҷонишини котиби масъули газетаи «Тоҷикистони Сурх» буд. Аз афти кор, онҳо дар хусуси ман пешакӣ гуфтугӯ карда будаанд, ки бародарам зуд аз пои кораш рафт ва Арабов маро дар рӯ ба рӯи мизаш, ба дивани нимдошти миёнаҷои нишастгоҳаш чукуракшуда нишонида фармуд, ки сабр кунам.

Худаш сар ба рӯи коғаз хам карда, бо ҳарфҳои калон-калони хушрӯй чизе менавишт.

Дар ҷавонӣ ба сари одамизод андешаҳои ачибу ғариб хона мемонанд. Ва яке аз он гуна андешаҳо ин аст, ки одами хуб, инсони начиб бояд хатман хушкадукомат ва хушандом бошад. Ҳайҳот, ки Содиқ Арабов марди миёнақаду лоғари назарногире буд, илова бар ин сахт мелангид. Рӯи борик, бинии дарози теғадори борике дошт ва ба болои ҳамаи ин як чашмаш шишагин буд, ки аз ин сабаб рӯи рост ва ягона чашми сиҳаташро ба коғаз хеле наздик оварда, хат менавишт.

Ин буд, ки ба афту андому кору бори ошнои акаам бо шубҳа назар карда, бепарво менишастам.

Ниҳоят, ӯ варақаҳои сиёҳкардаашро ғундошта, ба роҳрав баромад ва ба сӯе рафт, ки аз он ҷо шакарроси мошинкаҳои хатнависӣ ба гӯш мерасид. Ба кабинет баргашта, такрор фармуд, ки аз ҷоям начунбида нишинам ва ин дафъа аз дар баромада, ба тарафи чапи долон ғонб шуд. Тахмин пас аз як соат омад ва аз чӣ сабабе бошад, аз дастам дошта, ба долон баровард ва ҳамчунин дастамро сар надода, аз мобайни чанд хона

гузаронида, ба кабинети муҳаррир Самад Ғанӣ даровард.

— Ана ҳамин писар,— гуфт Арабов ва дастамро раҳо карда берун рафт.

Ман дар остонаи кабинет мондам. Самад Ғанӣ дар пешгоҳи хонаи васеъ, дар сари мизи калони рӯяш пур аз ҷузъгир, асбобҳои хатнависӣ, даста-даста коғаз ва тӯда-тӯда газетаҳои наву кӯҳна нишаста, гоҳ-гоҳе ба сӯи ман назаре меафканд, вале ҳарфе намегуфт. Он вакт нуздаҳсола бошам ҳам, резапайкар будам ва ношиносон гумон мекарданд, ки 15—16-солаам. Эҳтимол муҳаррир ба андеша афтода буд, ки «аз ин бача ба идораи серкори газетаи республикавӣ оё нафъе мерасида бошад?» Ман аз шарм чӣ кор карданамро надониста, пояҳои ғафсу мудаввари кандакорӣ кардашудаи мизи ҚАДИМАСОХТИ МУҲАРРИРРО ТАМОШО МЕКАРДАМ.

— Хӯ-ӯш,— оқибат мад кашида гуфт муҳаррир ва аз ҷой бархоста, чанд варақ коғази тоза, қалам ва сиёҳидони ду нимхиштии болои ҳам гузошташуда барои калони шишагинро бардошта, ба канори дигари хона, ба сари мизи майдаи мохутпӯше омад ва фармуд, ки дар ҳамин ҷо нишаста ариза нависам.

Дар як дақиқа аризаро навишта, ба муҳаррир супурдам.

— Не, аз сари нав навис, дарозтар навис,— онро хонда фармуд муҳаррир ва боз чанд вараки дигар коғаз дод. Аризаро такрор ба такрор мехондам, фахмидан мехостам, ки кадом ҷумларо чала навишта бошам, ба чӣ гуна хатое роҳ додаам ва боз чӣ иборае бояд ёфта навишам, то ки ариза дарозтар шавад. Охир илова кардам, ки орзуи дерина ман ходими матбуот шудан аст, бинобар ин аз муҳаррир самимона илтимос мекунам, ки хоҳиши маро рад накунад.

Ин гап сахт муболиғаомез буд. Медонистам, ки газетаю журналҳо дар хаёти мо мавқеи муҳимме доранд, хизмати босазое мекунанд. Ба касби ходими матбуот ҳам эҳтироми калон доштам, лекин на бештар аз дигар пешаю ҳунарҳо. Дар воқеъ, агар бародарам ҳамон рӯз маро ба депои паровозҳо ё, масалан, заводи собунпазӣ мебурд, чунучаро нагуфта мерафтам. Он рӯзҳо аз тақдири худ бепарво будам. Як сол пеш ба Москва рафта, ба Институти авиационии ба номи Серго Орчоникидзе (МАИ) дохил шудам. Азбаски мактаби миёнаро нағз хатм карда будам ва пояи дониш аз физика ва матема-

тика ба кадри кифоя тобовар буд, ба душворихои тахсил дандон ба дандон монда токат мекардам. Лекин ба маншати сахти студенти соли 1946 токат овардан аз доираи иктидори ман берун буд.

Як мох қабл аз он падарам вафот карда, маро гўё дар биёбони бекас танҳо монда рафта буд.

Оре, аз пешомади худ бепарво будам.

Муҳаррир аризаи дуввумро низ бо киёфаи норозиёна аз назар гузаронида пурсид:

— Мактабро кай тамом кардӣ?

— Се сол шуд.

— То ин вақт чӣ кор мекардӣ?

— Табельчии колхоз будам.

— Нағз. Табельчӣ ҳам кори ганда не. Ана хамин кората дар аввали ариза навис. Яъне вазифаи табельчӣ аз чӣ иборат буд, чӣ хел замин чен мекардӣ, рўзи мехнати колхозчиҳоя чӣ тавр ҳисоб мекардӣ ва ҳоказо.

Боз ба сари миз нишаста, ба навиштан сар кардам. Аз баёни вазифаи табельчӣ ва тарзҳои гуногуни чен кардани ҳар гуна киштзор, полез ва боғу токзор панч варақ коғаз пур шуд. Ҳар замон ба назди муҳаррир ходимони редакция, ҳар хел корафтодагон даромада мебаромаданд. Ман ҳамчунон бо сари хам менавиштаму менавиштам. Қариби пешин муҳаррир омада варақаҳои сиёҳкардаи маро ба даст гирифт, рост истода аз назар гузаронид. Чизе нагуфт, онҳоро дукат карда, бурда ба як гўшаи мизи худ гузошту бар болои аризаи аввалинам навишт: «Барои имтиҳони думоҳа шогирди (практикант) ходими адабӣ таъин карда шавад. Маош — 50 сўм».

Ду мох дар шўъбаи мактубҳо ба мухбирон аз такдири хабару мақола ва арзу шикоятҳояшон чавоб менавиштам. Дар ин мобайн ба комбинати гўшт рафта, аз ичрои плани моҳонаи ин муассиса хабаре навиштам. Онро дар шўъбаи саноат ва нақлиёт хеле ихтисор карда, аз сахифаи якуми газета чой доданд.

Нахустин бор имзои худро дар сахифаи газета дида, хис мекардам, ки сарам ба осмон мерасад.

Ду мохи санчиш зуд гузашту рафт. Як пагоҳӣ чонишини мудири шўъбаи мактубҳо Хосият Эшмуродова гуфт:

— Мўҳлати имтиҳонатон дина тамом шуд.

— Акнун чӣ мешавад?

— Аз рӯи коида муҳаррир ба наздаш ҷеғ зада, саволу ҷавоб мекунад.

— Сонӣ?

— Сонӣ одатан ё ходими адабӣ таъин мекунад, ё ҷавоб медиҳад.

Маъюсона сар ҳам кардани маро дида, Хосият-апа илова кард:

— Ба хаёлам, шумо аз имтиҳон гузаштед. Ба кор таъин мекунанд, ана ман гуфтаму шумо шунидед.

Ҳаман рӯз то бегоҳ гӯшбакимор менишастам, ки кай ба назди муҳаррир даъват мекарда бошанд. Дар дили худ ба саволу ҷавоб тайёрӣ медидам. Ду сол муқаддам маро ба аъзогии ВЛКСМ қабул карда буданд. Дар маҷлиси бюрои комитети районии комсомол як духтараки маҳмаддоно аз вазъияти байналхалқӣ, аз тарҷумаи ҳоли сардорони давлат пан ҳам се-чор саволи дандоншикан дода, ба обу арақ ғарқ кунонида буд. Хайрият, котиби якум ҷавони нармдил будааст, ки гуфт:

— Мо ба комсомол асосан бо мақсади тарбият қабул мекунем. Он чизе ки ин рафиқ ҳоло кам ё суст медонад, минбаъд нагзакак меомӯзад. Ҳамту не? — ӯ ба ман рӯй овард.

— Албатта, ҳамту,— саросема гуфтам ва хурсанд шудам, ки ҷони ман аз ҷанголи он духтараки ҳамадон раҳоӣ ёфт...

Ба ҳар эҳтимол вақти танаффуси нимрӯзӣ ба китобхонаи нашриёти газетаҳои республикавӣ даромада, ҷузъбанди газетаҳоро гирифтам, нутқҳои Вазири корҳои хориҷии СССР рафиқ А. Я. Вышинскийро дар сессияи охирини Ассамблеяи Генералии Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида ҳонда баромадам.

Самад Ғанӣ маро ба наздаш ҳонда, саволе надод, ба соаташ нигоҳ карду гуфт:

— Соат панҷ. Ҳозир ба музей бирав. Бодиккат тамошо кун. Сонӣ ба ҳонаатон рафта, ҳар чиро ки лозим донӣ, навис. Пагоҳ ба дасти ман месупорӣ. Шарт ҳамин ки материал соати нӯҳ тайёр бошад.

То анҷоми кори музеи таърихию кишваршиносӣ тахмин ду соат монда буд. Намоишгоҳҳои музей аз рӯи давраҳои таърих ба шӯъбаҳо тақсим шуда буд, вале ҳаман ду соати ман дар шӯъбаи якум сарф шуд, ки аз зисту зиндагонии халқи тоҷик дар давраи пеш аз Революцияи Октябрь ҳикоят мекард. Дидани ҳайкалҳои гаҷини деҳқонон, косибони бенавою мазлум, бою амалдорони

камчинбадаст, макети кулбаҳои фақирона ва асбобу анчоми кӯҳнаи рӯзгор ба ман чунон сахт таъсир карда буд, ки аз он шӯъба берун рафта натавонистам. Рости, аз ин пеш ҳам ба музей рафта, ин гуна ҳайкалу макетҳои ҳузнангезро дида будам, лекин дар ин чо гузаштаи тираю талхи халки худам нишон дода мешуд.

Шабона хашт саҳифаро снёҳ карда, ба қадри тавонам ба соҳибони замони пур аз зулму истибдод ва хорию зиллати пеш аз Октябрь лаънатномае навиштам. Эътимод доштам, ки он чиз ҳатман дар газета дарҷ хоҳад шуд. Намедонистам, ки газета ба мақолаю репортаж аз музей эҳтиёче надорад, хусусан ба репортажи соддалавҳонаи ман барои мухбири бетаҷриба. Намедонистам, ки ҳам худи он чиз ва ҳам мӯҳлати танги барои навиштанаш таъинкардаи муҳаррир як навъ имтиҳоне будааст.

Самад Ғанӣ он чизро хонда, зери лаб «хм» гуфту фармуд, ки маро ходими адабии шӯъбаи хоҷагии қишлоқ таъин кунанд. Аз ҳамон рӯз ба коргоҳи журналистон шогирд шудам. Нахустин устодам мудири шӯъбаи хоҷагии қишлоқ Ҷунайдулло Исоев буд.

САРДОР

Вай марди қадаш аз миёна қадаре пасти хурмоиму́й, гирдрӯй ва сафедпӯсти кабудчашм буд. Дар сари мизи худ, назди тиреза рост истода папирос мекашид.

Маро пеши ӯ оварда гуфтанд:

— Рафиқ Исоев, мана ба шӯъбаи шумо ходими нав. Гӯшту пӯсташ аз шумою устухонаш аз худаш.

Аз замони қадим ҳангоми супурдани шогирд ба дасти устод ҳамин тавр мегуфтанд. Аммо ман аз ғами гӯшту пӯсти худ дида, бештар бо андешае банд будам, ки ин мардаки рус дар газетаи точикӣ чӣ гуна кор мекарда бошад? Ҳа, бешубҳа, вай рус ё белорус, мегуфтам дар дилам. Ҳатто фамилияаш ҳам сирф точикӣ нест: дар байни мардуми рус ҳазорон-ҳазор Исоевҳо вомехӯранд.

Он вақтҳо факат дар қабати дуюми Хонаи матбуот идораи ҳарсе газетаи партиявии республика, илова бар ин идораи Главлит, редакцияи «Пионери Точикистон», маъмурияту бухгалтерияи нашриёти газетахо, китобхонаи нашриёт ва хонаи суратгирон чой гирифта буданд.

Рафик Исоевро аз ин кабл дар роху рохравхо чанд бор дида бошам хам, гумон мекардам, ки яке аз ходимони газетаи «Коммунист Таджикистана» аст.

Исоев мизу курсихои гирдогирди хона зич гузоштаШударо хаёломез аз назар мегузаронид. Чунон ки сонитар фахмидам, сетои ин мизхо ба калонтарин шўъбаи редакция — шўъбаи хочагии кишлок тааллук дошта, бокимонда аз они дигар шўъбахо ва як мизи майда коргохи Мустафо Шарки буд, ки варакаи сайёри «Точикистони Сурх»-ро барои бинокорони ГЭС-и Варзоб тайёр мекард.

Хама чой банд буд. Исоев бо забони тозаи точики фармуд, ки як дона курсй ёфта оваранд. Курсиро оварда дар пахлуи ходимони адаби Мурод Богиров ва Омина Каххорова гузоштанд. Акнун мо се кас мебоист дар сари як мизи камбари танг нишаста кор мекардем. Материал хондан ё чизеро фикр карда нишастан мумкин буд, лекин барои хат навиштан як дастро рўи миз, дигарашро дар бағал ё рўи зону нигох доштан лозим меомад.

Вазифаи ман аз тахрири хабари мухбирон иборат буд. Баъзе хабархо кисман тахрир металабиданд, як пораи дигарро тамом аз нав навишта, ба машинка супурдан лозим мешуд. Лекин хафтахои аввал хабархои коркардаи ман худ мўхточи тахрир буданд. Ердамчиёни мудир — ходимони тачрибаноки адаби Йўлдош Зиёев, Мурод Богиров гохо хабари ислохкардаи маро аз тахрир сиёх мекарданд, баъзан мефармуданд, ки аз нав нависам.

Ходимони «кўхна»-и шўъба Исоевро аз чй сабабе Сардор меномиданд, ва ў низ аз ин унвони нимхарбию нимрасмиаш бепарво буд: на хурсанд, на хафа. Марди халим, фурўтан, камгап ва батамкин буд Сардор. Мохи аввал ба чуз чавоби салом ва пурсупоси бағоят мухтасар ба ман чизе намегуфт. Факат тирамохи хамон сол якта-нимта маколахои калонтарро барои тахрир бовар карда месупоридагй шуд.

Исоев дар назари ман намунаи одами мехнатдўст буд. Гохо навбатчй таъинам мекарданд, ки шабона сахифахои газетаро хонда ба чоп тайёр намоем. Сахарй, ханўз соат хафт нашуда, ханўз нури офтоб ба сари шахр пахн нагардида, Сардор ба кор меомад. Аввал чои кабуди талх дам мекарду сипас аз паси мизи худ нишаста, ба навиштани сармакола ё маколае аз сохаи

хочагии кишлоқ сар мекард. Нигоҳҳои саволомези маро пай бурда мегуфт, ки кори саҳарӣ бобаракат аст.

Вай дар ҷанг борҳо ярадор шуда буд. Мегуфтанд, ки ҷанд пораи майдатари минаи фашистон ҳоло дар байни гӯшту устухони баданаш «сайр» карда гаштааст. Баъзан дарди ҷарохатҳои пешинааш тоза мешуд ва ӯ бо ранги парида аз ҷой бархоста, аз тиреза ба кӯча ва анбӯхи дарахтон нигариста, дар ҳамон ҳолат бо дарди домангираш муборизе мебурд.

Аз чаҳор саҳифаи газета ба ҳисоби миёна материали якунимтоашро шӯъбаи мо медод. Аксаран як саҳифа фақат ба пахта бахшида мешуд ва дар болои он саҳифа ҳар рӯз ба истилоҳи журналистон, шапка — шиори «Ба мамлакат 140 ҳазор тонна пахта медиҳем!» такрор мегардид. Ним саҳифаи дигар аз ғаллакорӣ, чорводорӣ, кирмакпарварӣ, боғу ток ва дигар соҳаҳо хабар дарҷ мешуд. Умуман он вақтҳо «шапкаю» рубрикаи бисьёре расм шуда буд. Шӯъбаи мо аз қабили «Ғалла ба давлат!» «Пилла ба давлат!», «Пашм ба давлат!», «Суръатро тезонем!», «Сифатро бардорем!», «Фурсат ғанимат!» сарлавҳаю рубрикаҳои фаровоне дошт.

Мо, ходимони газета, барзиёд будани кисме аз он рубрикаҳоро ҳис накунем ҳам, хонандагони зирак, аз афти кор, пай мебурданд. Як рафиқи шӯхтабиатам, ки дар базаи автомобильҳои таксӣ ронандаи каторӣ буду газетаҳои ҳаррӯзаро муттасил меҳонд, дар ҳар мулоқот ба ҷои салом хитоб мекард:

— Фазлӣ, «Пилла ба давлат!».

Е худ:

— Фурсат ғанимат! Ин сӯ биё!

Ғайр аз сармақолаи умумии газета шӯъбаи мо сармақолаяки саҳифаи худро дошт, ки онро рӯзноманиг пахтакор меномидем ва ҳар рӯз аз тарафи мудири шӯъба навишта мешуд. Исоев онро дар мобайни кор менавишт. Ҳаҷми рӯзнома хурд бошад ҳам, навиштанаш осон набуд, зеро ба мавзӯъҳои махсуси илмии агрономӣ бахшида мешуд. Чунончӣ, тарзи яхобмонӣ, чеканкаи пахта, хосияти нуриҳои маъданӣ, роҳҳои муборизаи зидди ҳашарот ва ҳоказо. Рафиқ Исоев гоҳо ҳангоми навиштани сармақолача душворӣ кашида, пешониашро бо ду ангушти калони дасти рост сахт-сахт молиш медод ва бо таассуф «эҳ-сабил!» гӯён аз дар баромада мерафт. Ҷанд дақиқа дар долони дароз ё болохонаи барҳавои пеши китобхонаи редакцияҳо қадам зада меомаду пас

як-ду пиёла чои талх нўшида, чизи нотамомро ба итмом мерасонид.

Сардор аз таърифу тавсифи зердастонаш қасдан худдорӣ мекард. Аммо агар касе аз онҳо маколаи хубе нависад ё супоришеро бекамукост ба ҷо оварад, чашмонаш аз қаноатмандию шодмонӣ гўё нур мефишониданд. Бо вуҷуди он чизе намегуфт ё агар бигўяд ҳам, танҳо як калима: «Хайр», ё «Мешавад».

Гоҳ-гоҳе фурсати муносиб ёфта, бо тарбияи камина машғул мешуд.

— Ин ҷо нишин, писар,— гуфт ў боре ба худ киёфаи муаллими сахтгиреро дода.— Қанӣ, бигў, дар вакти холиат чиҳо мехонӣ?

— Ҳар хел газета, журнал.

— Кадом журнал?

— «Огонёк».

— Ўҳ, нағз! «Огонёк» журнали нағз! Хайр, исто, ки китоб намехонӣ?

— Мехонам. Аз китобхона асарҳои Максим Горькия гирифта мехонам.

— Соз. Ин корат чудо соз. Исто, ки радио чӣ? Аз радио чиҳоро гўш мекунӣ?

— Сурудҳои ҳиндия.

— А?! — Сардор ҳайрон шуда, ба рўям чашм дўхт. Ман рост гуфта будам. Он солҳо айёми ба истиклолият расидани Ҳиндустон буд ва радиои Дехлӣ аз саҳар то ними шаб чандин маротиба концертҳои дилкаш медод. Ҳарчанд диктор ҳанўз ба забони англисӣ гап мезад, вале сурудҳои бароям тоза, мароқангез ва бисьёр фораму ҳиндиро соатҳои дароз бо фараҳ гўш мекардам. Хусусан навозиши асбобҳои бостонии миллии ҳиндӣ хушамро меовард ва гўё ба тамошои кадом як кишвари афсонавӣ ҳидоят мекард.

Сардор муддате ба тиреза нигоҳ карда хомўш нишаст. Пас боз ба ман рўй оварда гуфт:

— Як нависандаи ҷавон баромадааст. Номаш ҳам ғалатӣ: Толис. Ду-се ҳикояашро хондам. Ба ман маъқул. Аз мешинохтагиҳо пурсидам, мегўянд, ки ҳамсоли ту будааст.

Муддате сокит нишасту дубора таъкид кард, ки ҳамон нависандаи ҷавон ҳамсинни ман будааст.

Максади Сардорро нафаҳмидам. Рости гап, ҳатто ху-

ди хамон сўхбат зуд аз хотирам баромад ва фақат баъди чандин соли дигар аз нав ба ёдам расиду дарк кардам, ки Исоев чй гуфтан мехост.

ХИЗМАТГОРИ КОРЧАЛЛОН

Ба кори газета дигар сахт дил баста будам ва ба худ меболидам, ки ин хунарро кам-кам омўхта истодаам. Аз сўхбати рафиқони калонсол кайҳо дарьёфта будам, ки Бобочон Ғафуров, Бахром Сирус, Набичон Почочонов, Қосим Дайламй барин олимон, ходимони машхури давлат, журналистони номдори республика маҳз дар коргоҳи ҳамин идора обутоб ёфтаанд.

Фахр мекардам, ки акнун ҳамкорони ман на фақат журналистони сохибтачриба, балки чанговарони часуранд. Точй Усмон, Чунайдулло Исоев, Йўлдош Знёев, Мурод Боғиров, хатто чавонтарини онҳо Мустафо Шарки, хамагй аз обу оташи Чанги Бузурги Ватанй гузашта омадаанд. Мудири шўъбаи ахборот Билол Кудратов рўзҳои ид либоси низомиашро мепўшид ва мо медидем, ки ў офицери Флоти Харбии Бахрй будааст, барои диловариаш ба гирифтани ордени адмирал Нахимов ва дигар мукофотҳо шарафманд шудааст.

Саргузашти Содиқ Арабовро шунида, эҳтиромам ба ин марди зоҳиран назарногир як бар дах афзуд. Нақл мекарданд, ки ў аз як чашми худ ҳанўз дар овони кўдакй махрум шудааст; бобояш дарди чашмро даво мекунам гўён дорои тезеро ба он бастааст ва дидаи дардманд «об шуда» рехтааст. Вақте ки ҷанг сар мешавад, акаи Содиқ худи ҳамон соат ба сўи комиссариати харбй метозад ва талаб мекунад, ки ўро фавран ба фронт бифиристанд. Ба вай меґўянд, ки ин кор аз ҳадди имкон берун аст. Одам бо вучуди часорат ва фидокориаш чй гуна метавонад фақат бо як чашм ба сафи армия кабул шавад? Не, ин хаёлро аз сар дур кардан даркор.

Арабов он кадар дурудароз, боисрор ва матонат давутоз мекунад, ки дигар аз баҳсу мунозираю арзу шикояти ў ба чон омада, ба фронт мефиристанд. Дар назди Сталинград сахт мачрўҳ мешавад. Аз зонуи чап собунаки реза-резашуда ва чанд устухонаки дигари осебдидаро бароварда партофта, муолича мекунанд.

Нахустин бор ба чамъияти калони одамони хақиқатан накўкору хайрхоҳ, одамони софдили гарму сарди рўзгорро дидаю санчида афтода будам.

Акнун ҳам дар идора кор мекардам, ҳам моҳе ду-се маротиба ба сафарҳо мерафтам.

Рӯзе Сардор фармуд, ки ба районҳои водии Ҳисор ба командировка биравам. Ҳоло чӣ ҳел хабару макола навиштанро аз чиҳати таҳрир медонам. Акнун барои макола материал ғундоштанро бояд омӯзам. Супориш ин аст, ки ба рафти пахтачинӣ бо назари танқидӣ бояд нигарист, зеро районҳои ин водӣ, мувофиқи маълумоти Вазорати хоҷагии кишлоқ, аз дигар нохияҳо қафо мондаанд. Албатта, обу ҳавои Ҳисор ба худаш хос аст, гуфт Сардор, лекин баъзе роҳбарони беғам ҳамин шароитро баҳона карда, маъракаи пахтачиниро кашол медиҳанд.

Рафиқ Исоев варақаи сафарро ба дастам супурда, таъкид кард, ки ба ҳар кучое наравам, дар паси он варақа бо имзои шахси масъул ва мӯҳри расмии давлатӣ қайд гузорам.

Он вақтҳо, байни районҳо роҳҳои ҳамвори мумфарш набуд, автобусҳои мусофиркашон ҳам набудаанд. Бо маслиҳати рафиқонам ба поезд савор шуда, то райони Пахтаобод — сарҳадди ғарбии республика рафтам. Аз он ҷо пиёда деҳа ба деҳа, колхоз ба колхоз гашта, рӯз то рӯз ба пойтахт наздиктар меомадам. Аз тарафи рости роҳи оҳан се-чор колхозро дида, ба самти чап мегузаштам. Баъди пур шудани чанд саҳифаи блокнот аз рақамҳо ба райони Регар гузаштам, баъд ба райони Шаҳринав ва ҳоказо. Водии Ҳисор он вақт аз ҳашт райони пахтакор иборат буд ва ҳар район аз 35—40 то 60—70 адад колхоз дошт.

Пушти варақаи сафар дар ибтидои рӯзи якум пур шуд ва ман таъиноти Сардорро ба таври худ фаҳмида, маҳалҳои сафаркардаамро ба варақаҳои иловагӣ бо мӯҳру имзои ходимони райком, комитети ичроия, роҳбарони колхозу совхозҳо қайд мекунонидам: яъне ба колхозҳои «Зарбдор», «НКВД» ва ба номи Стаханов фалон рӯз омаду рафт. Ба совхози «Эфиронос» ва МТС-и ба номи Чапаев фалон рӯз омад...

Аз колхоз ба колхоз, аз район ба район асосан пиёда мерафтам. Гоҳо ба аробаи роҳгузари пахтакашон савор шудан муяссар мегардид. Шабҳо дар хонаи ягон колхозчӣ, сардори звено ё бригада хоб мекардам. Аммо шаби охирин бе ҷои хоб монда, то як поси шаб овора шудам. Ба маркази район омадам, ки ҳамаи катҳои меҳмонхонаро мусофирон банд кардаанд. Ба чойхона даромадам, аммо он ҷо фақат палоси ба рӯи тахтакати ҚОҚ

густурдашудае буду бас. Чойхоначӣ аз паҳлу гашта, охувоҳ карданҳои ман безор шуду нимишабӣ ба наздам омад ва гуфт, ки аз паси ӯ биравам, ҷои хоб ёфта медиҳад.

Шароити зиндагонӣ он солҳо чандон хуб набуд: осори айёми пурмашаққат, пур аз маҳрумиятҳои ҷанг ҳанӯз тамом бартараф нашуда буд.

Ҳамроҳи чойхоначӣ ба пункти пахта омадем. Вай посбонро чеғ зада гуфт, ки ба як мусофир ҷои хоб ёфта диҳад, кори савоб мешавад. Посбон аввал гуфт, ки дар ин ҷо чӣ бисьёр ғарами пахта. Қадомашро хоҳӣ, бираву даруни пахта дарою хоб кун. Лекин муддате хамьёза кашида истоду ногоҳ ҳисси меҳмоннавозиаш ҷӯш зад. «Не, дар ҳавои кушод шабнам мезанад» гуфт худ ба худ ва маро ба як гӯшаи дури ҳавлии бузурги пункт бурда, дари кулбаеро нишон доду худ баргашт. Вақте ки чашмам ба торикӣ одат кард, дар мобайни кулба матраци кӯҳнаи аз тики рах-рах дӯхташударо дидам, ки ба рӯи пахол партофта буданд. Пахолро аз нав ҳамвор карда, як тарафи матрацро болинсон баланд бардоштам ва худи ҳамон лаҳза ба хоб рафтам.

Чашми рӯз нав кафида буд, ки аз хориши сахте бедор шудам. Ҳаман аъзои бадан ва либоси маро шабуш зер карда буд. Ман ин хашароти нафратовари зормондаро аз солҳои сахти ҷанг инҷониб надида будам. Хусусан солҳои 1942—44 навбатҳои дурударози назди магазинҳои нон сайронгоҳи ин ҷонвари касофатосор буд.

Дигар ба идорае надаромада, пеши касе нарафта, сӯи хона шитофтам.

Ба хона расида, аз таки дар апаамро фарьёд кардам.

— О даро! Омадан гир! — бо ҳайрат мегуфт ӯ.— Дар чор рӯз бегона шудӣ?

— Ба хона даромада наметавонам, апаҷон. Худат ин сӯ биё, як маслиҳат хаст.

Апаам аз воқиа огоҳ шуда фиғон бардошт, ки ман ба чӣ гуна идора ба кор даромадаам. Акаам ба вай гуфта будааст, ки додарамонро ба яке аз калонтарин ва баобрӯтарин идорахои республика ба кор дароварда мондааст. Ин чӣ гуна идораи баобрӯй будааст, ки коргараш аз сар то пой ба шабуш мегӯтидааст?!

Ҳарчанд асли воқиаро фаҳмониданӣ мешудам, ба ҳаш гӯш намеандохт. Либосҳоямро кашида ба гӯшае тӯда кард, ба ман таъин намуд, ки зинҳор аз ҷоям наҷунбам

ва назди хамсояаш бирафт, ки дар табобатхона хамшираи шафкат буд ва ба фикри ӯ, илочи ин сабилмондахоро хуб медонист.

...Дар районҳои сафаркардаам одамони гулдасти меҳнатӣ, мутахассисони пуртачрибаю соҳибтадбири бисьёреро дида, аз наклу ривоят ва корубори онҳо як тарафи блокнотамро пур карда будам. Худам низ шод будам, ки дар як сафари кӯтоҳмуддат бо ин кадар одамони начиб шинос шудам. Лекин азбаски супориши редакция дигар буд, хамон шаб маколаи даркориро навишта, рӯзи дигар ба мошинка супурдам.

Аз рӯи таомул ба бухгалтерияи нашриёт низ аз сафари худ хисобот додам.

Маколаро пас аз мошинка мехондам, ки сарбухгалтери нашриёт Иван Иванович Трошин хандакунон аз дари хона даромад.

— Рафикон, тамошо кунед, ин мухбири навбаромад чӣ кор кардааст! — мегуфт ӯ як даста коғазро дар хаво алвонҷ дода. Дастаи коғаз аз шаходатномаи сафар, варакаи хисобот ва боз чанд варақ коғази пасу пешаш саросар пур аз имзою мӯхру штамп буд, ки дар онхо хамаи чойҳои рафтаомадаамро қайд карда будам.

— Аз рӯи дастур,— мегуфт Иван Иванович,— ман бояд ба хар як километр масофаи пиёдаю савора тайкардаи ин чавон аз рӯи ин қайдхо пул хисоб карда дихам. Бародархо, ман ин корро чӣ тавр мекунам? О ман аз кучо донам, ки масофаи байни колхози «Зарбдор» ва колхози «НКВД» чӣ кадар аст!

Сардор варақахоро тамошо карда хуб хандид, ба сарбухгалтер фахмонид, ки мақсади мухбир (яъне ман) аз ин кадар мӯхру имзо асло роҳкиро ситонидан не, балки ин аст, ки ба хамаи ин маҳалҳо шахсан рафта омаданашро ба сардоронаш нишон дихад. Баъд ӯ ба Иван Иванович як пиёла чои кабуд дода, ба наздаш нишонид ва латифаи машхури точикиро дар бораи хизматгори корчаллон гуфта дод, ки хӯҷаинаш як корро фармояд, се-чахортаашро якбора ичро карда меомадааст.

РИШВА

Якуним сахифаи ғазетаро аз материал пур кардан ба гуфтан осон. Агар дар атрофи редакция даххо нафар мухбирони шахрӣ ва деҳотии иншояшон равону нисба-

тан мукаммал намебуданд, агар ба замми ин дар ҳар вилоят ва ноҳия газета мухбирони штатии худро намедошт, ҳолӣ мо, ходимони шӯъбаҳо, хеле гарон буд.

Мухбирони худи газета, ки онҳоро ихтисоран ва ҳазломез мухмах меномидем, ба ҳамаи шӯъбаҳо аз рӯи план ва норматив худ хабар ва мақолаҳо навишта мефиристоданд. Намояндаи «Тоҷикистони Сурх» дар водии Вахш рафиқ Ҳаким Набӣ аз ҳама сермаҳсултар кор мекард. Мақолаҳои бо хати зебою хоно ва услуби хуш навиштаи рафиқон Меҳрубон Назаров (аз Хоруғ), Раҳматҷон Муҳаммадҷонов (аз Ленинобод), Ғоиб Қаландаровро (аз Кӯлоб) гирифта, шодӣ мекардем. Хурсанд мешудем, ки ба ин василаи ҳам сифати материалҳои шӯъба баландтар гардид, ҳам кори мо осонтар шуд.

Чанде аз мухбирони ғайриштатии газета хабарҳои навиштаашонро ба редакция бо дасти худ оварда месупориданд. Бо яке аз онҳо (ин ҷо ӯро шартан Саид меномам) ҷӯра шуда будам. Саид дар мактаби адлиия Сталинобод меҳонду рӯзҳои истироҳат ба зодгоҳаш Чиптӯра мерафт ва аввали ҳар ҳафта аз корубори ягон колхоз, МТС, ё хаёти чӯпонҳо, боғбонҳо мақолачае навишта меомад. Ҷавони хушфеъли дилсафеде буд ва ман ба қадри ҳолам ба кори мухбирии ӯ кӯмак мерасонидам. Ҳардуямон, ки муҷаррад будем, баъзан баъди хотимаи кори ман ва дарсҳои ӯ ба майдони назди вокзал ё Путовский рафта, дар яке аз ошхона ё чойхонаҳои сершумори он ҷо нишаста таом меҳӯрдем, сӯҳбат мекардем, шоҳмот мебозидем.

Рӯзе тахмин соатҳои дувоздаҳ Саид бӯғчае дар даст пайдо шуд. Вай ҳамон пагоҳӣ аз Шаҳринав омада буд ва барои ману рафиқони ҳамкорам аз тӯи кадом хешаш як рӯймоли таранг ангуру анору себи ширин, нони бомазаи чапотӣ, кулчаҳои равганӣ оварда буд. Рӯймолро кушода ба рӯи миз паҳн кардем ва ҳислатҳои неки Саидро тавсифкунон ба хӯрдани нону мева даромадем. Ғайр аз Сардор ва ҷонишини ӯ Зиёев, ки ҳарду дар машварати назди муҳаррир буданд, дигар ҳама бошандагони кабинети калон дар атрофи дастархони Саид ҷамъ омада будем.

Ноғоҳ Йӯлдош Зиёев аз дар даромад. Ба сӯи мо, ба тарафи Саид теғ кашида нигарист, коғазеро аз сандуқаи мизаш гирифта, ба сӯи дар қадам ниҳод, аммо аз дар набаромада, аз роҳ бозистоду гуфт:

— Навигарӣ-ку! Муборак! Зиёфат хӯрда нишаста-

ед? Ош шавад, курта-курта гӯшт шавад. Хӯш, зиёфати кӣ? —Ӯ истехзоомез гап мезаду охиста-охиста ба мо наздик меомад.—Зиёфати мухбири фаъол Мулло Саид! Зиёфати махсуси конуншинос, прокурори оянда ба ходимони шӯъбаи хочагии кишлок, а? — Зиёев лахзае гарон-гарон, бо ғазаб нафас кашида хомӯш истоду баъд суханашро давом дод: — Газетаи «Точикистони Сурх» — байраки миллати социалистии точик аст. «Точикистони Сурх» органи Комитети Марказии Партияи Коммунистии (большевикони) Точикистон аст! Органи партия гуфтан ин яъне як китъа, як киеми партия гуфтанӣ маъно дорад, Мулло Фазлиддин! Ва ахлоки ходимони он бояд ба талаботи ин партия комилан мувофик бошад. Ман ҳамаи ходимонро дар назар дорам, хоҳ узви партия бошанд, хоҳ бепартиявӣ...

Йӯлдош Зиёев аз бокувваттарин журналистони идораамон буд. Вай дар фронт чандин бор ярадор шуда, чунон ки дар урфият мегӯянд, мурда-мурда аз лабхои гӯр гашта омада буд. Аз кабили одамоне буд, ки хоки мамлакатамон ва нисфи чахонро аз кадами нопоки фашистон пок карда, бо виҷдони соф ба сари кори осоишта баргаштанд ва акнун мехостанд, ки зиндагонии давраи баъд аз чанг хам беғашу беолоиш бошад, хатто аз майдатарин зухуроти ногувор ва номатлуб пок ва орӣ бошад.

Ман он вакт ҳанӯз узви партия набудам, вале аз гуфтугузори рафикони калонсолам пай мебурдам, ки Йӯлдош Зиёев аз чумлаи коммунистони максималист — ба худ ва ба атрофиён баҳоят серталаб аст ва дар мачлисхои пӯшидаи партиявӣ то даме ки гапи худро, меъёри баланди талаботи худро нагузаронад, бо харорати тамом, бо тобу тафс ва самимияти ҳакиқатан публицистона ва коммунистона бахс мекунад ва ором намегирад.

Вай дар таки дар истода, ба мо, зиёфатхӯрон, боз чанд сухани киноямезе нешдор гуфту бо шаст баромада рафт. Калиман «ришва» ё «пора»-ро акаи Йӯлдош ба забон нагирифта бошад хам, мо фахмидем, ки кирдори манӯ чӯраи ман ва дигар ҳамкасбони ҳамхона ба ӯ мутлако писанд наафтодааст.

Аз хама пеш Мурод Боғиров аз зиёфат даст кашид. Ман мурғи ба об афтода барин дар гӯшае нишаста мондам. Саид бокимондаи кулчаю меваро ба рӯймолаш

печонида гурехт. Бидуни мухоботу муболиґа тирвор гурехт.

Ман чехран ґазаболуда, чашмони шарорапоши Зиёврро пеши назар оварда, бо ҳарос аз дил мегузаронидам, ки агар вокиаро бо харорати ба худ хос ба роҳбарони идора арз кунад, маро бешубҳа аз кор пеш хоҳанд кард.

Болои мурда сад чўб, Боґиров ба оташи тарси ман равґан мерехт.

— Фазлиддин, Пўлдош-акаат туя акнун ба чазои олй гирифтор мекунад.

Боґиров ибораи «чазои олй»-ро хазломез бисьёр кор мефармуд. Масалан, агар гуфтанй бошад, ки магасро нест кунед, максадашро ин зайл ифода мекард: «Пашшахоро ба чазои олй гирифтор кунед».

Баъди танаффуси нимрўзй Зиёев маро дар лахлуяш нишонида гуфт:

— Минбаъд ин хел накун, додарам. Ба редакция хеч кас тўхфа ё дастовез бардошта наояд. Чўра бошед, хамдигаратона дар кўча ё хонаатон зиёфат кунед. Муносибати мухбиру редакция ҳадду худуд дорад. Ту беакли гузаро не-ку, ба хаёлам. Як рўз худат гуфтй, ки дар колхозат котиби ташкилоти комсомол будй. Ман хайрон, ту чй хел котиб будй? Мийяатро кор фармо, ука.

Боґиров ду-се ҳафтаи дигар он вокиаро ба хотир оварда, хандакунон мегуфт:

— Чўраат чй хел канд-а! Тири ранга барин давидае, шаҳбоз!

Акаи Мурод шарх дод, ки дар фронт баъзан шабона аз тирхои ранга оташ мекушоданд. Чанговарон ин тирхоро хаткашак (трассирующие пули) меномиданд. Дар шаби торик баръало дидан мумкин буд, ки ин гуна тир дар фазо хатти сабз, ё зард, ё сурх кашида, аз кучо ба кучо меравад.

Саид хабару макола навиштанро давом медод. Лекин акнун ба редакция намеомад. Маро бо телефон ба кўча даъват карда, навиштачоташро ба дастам месупорид. Пас аз ду сол мактаби аллияро хатм намуда, муфаттиши прокуратура, сонитар дар яке аз районхои водии Вахш прокурор таъин шуд. Баъзан ҳангоми мулокот аз вокиаи зиёфат ёдоварй карда мегуфт:

— Рафик Зиёев сахат-саломатанд? Э ба хазор да-

роянд он кас. Мана расо тарсонданд-дия. Гуфтам, ки акнун тамом, зада-зада аз мактаб пеш мекунанд...

Йулдош Зиёев он рўз сахтгирй карда буд. Лекин сабаки ба мо додааш беосор нарафт, чунки бечо набуд.

«БА САД ГУЛ-ГУЛ»...

Чиҳози матбаан солҳои баъди ҷангро бо он чи ки ҳоло дорем, на аз ҷиҳати ҳаҷм муқоиса метавон кард, на дар боби сифат. Табиист, ки дар он шароит кори шабонаи навбатдорони газета аз охири рўзи кор — аз соатҳои чаҳор ё панҷ сар шуда, то соати хашт-нўҳи рўзи дигар давом мекард.

Илова бар ин ҳар гоҳ, ки Ассамблеяи Генералии Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида ба кор медаромад, миқдори материали расмии тарҷумавй ҳар рўз то ба сад саҳифаи мошинканавис мерасид. Ин материалро шабона тарҷума ва таҳрир кардан лозим меомад ва саҳифабандию саҳифаҳонй то нимаҳои рўзи дигар кашол мегардид.

Дар арафаи маъракаҳои интихоботи Советҳои Олй ва маҳаллй низ кори шабона меафзуд. Дар газетаҳо чоп кардани рўйхатҳои дурударози комиссияҳо, ҳудуди участка ва округҳои интихоботй то майдатарин тафсилот, яъне то номи кўчаю раками хонаҳои интихобкунандагон расм буд. Газета гоҳо хашт ё дах-дувоздаҳ саҳифа нашр мешуд.

Касе ки саргузашт мегўяд, ногузир баъзе кор ё хиллати худро баён мекунад. Ман ходими миёнаҳоли адабй шуда бошам ҳам, ҳамкоронам чашми корректориамро таъриф мекарданд. Мегуфтанд, ки чашм нарасад, фалонй барои хато нагузаронидан мекўшад.

Хатои имлой барои журналисти саҳифаҳои офати чои аст. Кас ҳар қадар эҳтиёт кунад ҳам, гоҳо аз калимае ҳарфе меафтод ва ё бо ҳарфи дигар иваз мешуд. Дар натиҷа калимаи нави бемаъние пайдо мегардид, баъзан як чизи тамоман ноҷоя, кабеху гўшхароше ба вучуд меомад. Охир дар ҳар шумораи газета қариб 150 ҳазор ҳарфу аломат ҳаст, ки ҳар кадоми он аз чашми чандин нафар мусаححеҳон, ходимони навбатдор ва, нихоят, муҳаррири шабона мегузарад. Бо вучуди он эҳтимоли содир шудани хатои зормонда аз байн намеравад. Аҳьён-аҳьён бошад ҳам, саҳви дурушту зишт рох меёфт,

он гоҳ тиражи чопшудаи газета нигоҳ дошта мешуд. Онро аз сари нав чоп мекарданд, айбдорон ҷазои маъмурӣ мегирифтанд, ҷарима медоданд.

«Чашми корректорӣ» сабаб шуда буд, ки маро моҳе панҷ-шаш маротиба сахифахон таъин мекарданд. Ҷонишини мухаррир Тоҷӣ Усмон аз котибот талаб мекард, ки ҳар дафъае ки вай мухаррири шабона шавад, маро низ навбатдор гузоранд.

Назар ба дигарон се баробар бештар бехобӣ кашидан чандон нафорад ҳам, аз супориши иловагӣ гардан наметофтам, чунки каробат доштан бо журналисти таҷрибанок ба касбомӯзнам кӯмак мерасонид. Тоҷӣ Усмон маколаҳоямро бодиққат хонда, таҳрир менамуд, оид ба мавкеи сухан бо ғамхорӣ сӯҳбат мекард. Аз хотир намеравад, ки доир ба маъно ва мавриди истеъмоли калимаи «собитқадам» бо мисолҳои гуногун ҳариб ним соат накл карда буд.

— Дар материалҳои шӯъбаатон ибораҳои ҳунук вомехӯранд. Масалан, менависед, ки «каландкунии дувум гузаронида шуд». Як диққат кунед: каландкунӣ гузаронида шуд... Чӣ қадар нохинчор аст ин ибора, — мегуфт ӯ ва бо оҳанги нарм илова мекард. — Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад. Инро шоир гуфтааст.

Ҳамроҳи Тоҷӣ Усмон сахифахонӣ кардан боз аз он ҷиҳат хуб буд, ки шабҳои дарози навбатдорӣ, хусусан дар фасли зимистон, мани мучаррад аз ғами кофтукови ошу нон озод мешудам. Аз хонаи ӯ нисфҳои шаб, ҳатто баъзан бомдодон шӯрбою кабоб барои таомҳои болаззатро ба дастархон печонида ва ба сумкае андохта меоварданд.

Навбатдории ман ба Тоҷӣ Усмон низ маъқул буд. Сахифаҳои навбатиро дар чил-чилу панҷ дақиқа хонда, ба охир мерасонидам. Хониши Тоҷӣ Усмон гоҳ то якуним-ду соат давом мекард, чунки ӯ аз кабили онҳое буд, ки таълимашон ба алифбои арабӣ гузаштааст ва ҳоло ҳам маколаҳошонро бо ҳуруфоти арабӣ навишта, баъд ба мошинка дикта мекарданд. Ба замми ин аксари онҳо айнак ба чашм кор мекарданд.

Боре ӯ таклиф кард, ки барои тезтар буд шудани кор ман бо овози баланд хонам, ӯ гӯш меднҳад. Ҳамин тавр кардем. Баъд ин услуб одат шуда монд. Ӯ дар мукобил рӯи курсӣ нишаста гӯш мекард, ман мехондам ва хатоҳоро ёфта, таҳрир мекардем.

Гоҳо медидам, ки рӯи курсӣ не, балки дивани нарм

нишастааст ва ба хавои якнавохти хониш хобаш бурдааст. Касдан овозамро баланд мекардам.

— Шуд, писар, шуд, шуд,— мегуфт ӯ бедор шуда.— Хонаро ба саратон бардоштед-ку.

Тахрири сахифа, ки тамом шуд, Точӣ Усмон дар поёнаш имзо мекард: Усма. Ин имзоро дида, дар дилам тааҷҷуб мекардам, ки муаллим худаш ин кадар одами ҷиддӣ, батамкин асту имзояш ин хел сабуку ғайричиддӣ.

Ба хар хол тарзи сахифахониамонро на ӯ ва на ман ба касе намегуфтем, зеро ин гуна услуб хилофи кодаи кори газета буд. Кори таваккалӣ ва хеле хатарноке буд.

Соатхои интизории сахифаи тайёр баъзан тӯл мекашид ва ман дилтанг шуда, дар нимшабӣ ба кучо рафтану бо чӣ кор машғул доштани худро намедонистам. Ба ошьёнаи якум фаромада, ба аппаратхонаи ТоҷикТА медаромадам. Телетайпхои ТАСС тамошои ачиб доштанд. Аппарати мошинкамонанди беодам ба рӯи коғази сафед шараккосзанон хабархои навбатиро менавишт. Хабархои тозатарин, охирине, ки ҳанӯз касе нашуиндаасту нахондааст. Ба назар чунин менамуд, ки дар маҳалли тавлиди вокеоти навтарини ҷахон шахсан хузур доред.

Гоҳ ба матбаа даромада, аз тирезачаи хонаи мусаححеҳон ба дарун нигоҳ мекардам ва агар мусаححеҳон муваккатан бекор ва табъашон болида бошад, аз рӯи хавлӣ гузашта ба наздашон медаромадам. Мусаححеҳони калон Аминов, Шарифов, Абдукаримов, Шафоатхон хамагӣ ҷавон, шӯх ва зиндадил буданд.

Аз Юҳай Аминов илтимос мекардам, ки суруде бихонад. Вай овози фораме дошт ва ба сароядагони номии «Шашмаком» устокорона таклид мекард. Пас аз се-чор маротиба такрор шудани илтимос рӯи мизашро аз гранкаҳо, сахифапораҳо тоза карда, бо ангушт муддате нақора мезад ва сулфакунон гулӯ афшонида, ба хавои Ирок ё Ушшоқ суруд оғоз мекард. Лекин ба кадом оҳанг насарояд ва сурудаш чӣ кадар давом накунад, матни он факат аз як мисраъ иборат буд:

Ба сад ғул-ғул наво дорад махол аз рӯи ту, ҷонон!

Пас аз анҷоми суруд абрувони худро боло кашида ва ботамкин сар бардошта, саволомез ба хозирон назар меафканд, ки яъне чӣ тавр, оё санъати ӯ хамаро махвумот кардааст? Хозирон карсак мезаданд.

Аз акаи Юҳай боре пурсидам, ки мисраи ғазалаш чӣ маънӣ дорад?

— Мазмунаш бисьёр чукур, — ҳамчунон бо киёфаи чиддӣ шарх дод ӯ. — Чунон чукур ки ба такаш расида намешавад.

Рафиқонаш илова мекарданд:

— Ана аз барои ҳамин акаи Аминов бо як мисраъ каноат мекунанд.

Шабҳое буданд, ки ба сурудхонӣ ҳама шарик мешуданд. Дар ин сурат дақиқае нагузашта, ё аз хонаи мусаххехони газетаи «Коммунист Таджикистана», ки дар паҳлуи чап вокеъ буд, ё аз мусаххехони «Қизил Тоҷикистон», ки дар паҳлуи дигар буд, нома мерасид: «Аз ансамбли мӯҳтарам хоҳиш мекунем, ки бемалол бошад, авҷҳои мақомро як-ду парда поёнтар бигирад, чунки пахтае ки мо дорем, ба гӯшҳо нарасида истодааст».

...Дар боло чашми мусаххехии худро таъриф карда будам. Боз чанд соли дигар дар ҳамин акида будам, ки аз назари банда ба саҳифаи матбуот сахве нахоҳад гузашт. Вале, хайҳот! Соли 1953, айёме ки ҷонишини муҳаррири газетаи «Ҷавонони Тоҷикистон» будам, бо айби камина дар сарлавҳаи бо ҳарфҳои калон-калон чидашуда аз номи Вазири корҳои хориҷии СССР як ҳарф барафтодааст. Худи ҳамон рӯз аз котиби КМ ЛКСМ Тоҷикистон оид ба пропаганда ва агитация гӯшмоле гирифтам. Пас аз ду рӯзи дигар бюрои КМ комсомол ҳам якта выговори дастабиринчӣ инъомам кард.

ШОҲМОТ

Аскар ходими адабии шӯъбаи маданияти редакция буд. Ҳамон Аскаре ки кариб бист сол инҷониб мухбири «Тоҷикистони Советӣ» дар вилояти Ленинобод аст. Аскаре ки ҳаводорони адабиёт чун муаллифи маҷмӯаи ҳикоёти «Нишони одамият» мешиносанд. Аскаре ки ҳамроҳи шоир Аминҷон Шукӯҳӣ ҳикояҳо, киссаҳо менависад ва киссаи шавковари «Имзои шахсӣ», романи «Печутоби роҳҳо» маҳсули меҳнати муштараки онҳост.

Бо супориши Сардор Аскару маро ба водии Вахш ба сафар фиристоданд. Мебоист аз вазъияти пахта дар районҳои Ворошиловобод ва Ҷилликӯл (ҳудуди ҳозираи райони Колхозобод) мақола менавиштем.

Роҳи оҳани ҳамбари Сталинобод—Панҷи Поён ва-

гонҳои мусофиркашон хам дошт. Қарор додем, ки бо мошинковй овора нашуда, ба хамин поезд савор шавем. Аз рӯи чадвал вай моро бояд дар дах соат ба манзил бирасонад.

Аз истгохи назди заводи пиво ба поездча савор шудем. Шаб дар пеш буд. Харчанд вагонак пур аз мусофирон буд, вактамон хуш мегузашт, чунки Аскар хамсафари хубе буд. Шеъри зиёде аз ёд медонист. Худаш хам гохо шеър мегуфт. Аз ман се-чор сол калонтар ва шохиду иштироккунандаи вокиахои бисьёри ачибу ғариб буд ва аз саргузаштхояш завковар накл мекард.

Ними шаб дар харакати камбари кок дасту похомонро ғундошта, ба хоб рафтем. Умед доштем, ки пагохй худро дар манзили максад хохем дид. Аммо бомдодон Аскар маро бо изтироб такон дода, бедор кард:

— Хой ғафлатй, бархез, ки поезд кафо меравад!

Рости хам поезд пас мерафт. Дар атроф ба чуз талу теппахои набототаш сӯхта зардшудаи кӯхсори Боботоғ чизе ба назар намерасид. Ба Аскар гуфтам, ки ғам нахӯрад. Эхтимол рохи Қурғонтеппа аслан хамин хел бошад. Ана, масалан, гуфтам ман, поезди Тошканд — Сталинобод хам аввал ба самти ғарб меравад, аз нисфи рох ба тарафи шарк мегардад, яъне то Бухоро пеш мераваду аз Бухоро ба пас. Бо вучуди он сахат-саломат ба Сталинобод мерасад.

— Э, ту хам гапа мӯл кардй! — маъюсона гуфт Аскар.

Маълум шуд, ки паровозчаи моро ба кӯтали Фахробод зӯр нарасида, пас гашта будааст. Аз карибии Кӯктош паровози дуввумро кӯш карданд ва поезд дубора ба пеш харакат кард.

Ба Ворошиловобод нимарӯзи шанбе не, балки сахари якшанбе расидем. Накшахомон вайрон шуданд: рӯзи истирохат буд ва ташкилотхои район кор намекарданд. Ношито карда, ночор ба чойхонае даромадем. Чой фармуда, маслихат мекардем, ки чй бояд кард, то як рӯзи дароз бехуда нагузарад. Аммо ба як карор омада натавонистем ва барои «равшан кардани фикр» ба сари шохмот нишастем. Як-ду даст бозй карда будем, ки марде либоси урфй дар тан омада дар наздикии мо рост истод ва бозии моро тамошо кардан гирифт.

Нихоят, ба ман таклиф намуд, ки бо ӯ зӯрозмой кунам. Розй шудам. Аскар дар болои кати чойхона пахлу зада тамошобин шуд. Аммо тамошобини холис на-

буд. Гӯё зери лаб суруд замзама мекарда бошад, номаълум лукмаҳо партофта, ба бозии ман кӯмак мерасонид. Аз кадом миллат будани ҳарифро намедонистем, лекин аён буд, ки тоҷикиро намедонад. Аскар мувофиқи вазъи тахтаи шоҳмот мисраъҳо, байтҳои вобаста ба ин ё он мӯҳраи шоҳмот гуфтаи Фирдавсӣ ва дигар шоирони классикро замзама мекард. Диққати маро ба пиёда ҷалб карданӣ бошад, ба оханге ғурунгос мезад.

Пиёда надидӣ, ки ҷанг оварад?
Сари саркашон зери санг оварад?

Гаштӣ рухро талкин карданӣ бошад, мехонд:

Фарзин зи каҷравӣ шуда бо шоҳ ҳамнишин,
Бечора рух зи ростӣ андар канорахо.

«Киш!» гуфтан лозим бошад, байти зерро мегуфт:

Шоҳо, савори пилӣ, раҳме пиёдагонро,
Гар рух зи ту битобад, бо як-ду киш мотӣ!

Ё дар бораи асп:

Ду рух бидеху аспи дилором мадех.

Аз классикон байте ба ёдаш наояд, аз худ чизе бофта месароид. Масалан: «Фил мемурад, эй ҳафтафаҳм, хушьёр бош, корат чаток!»...

Шоҳмотбозии ман кирои таъриф набуд, лекин ҳариф ҳам муносиби худамон будааст. Дукаса шуда ӯро се бор мот кардем. Мардак лаблабу барин сурх шуд, бо ғазаб доман афшонида аз ҷой бархост ва теғ кашида ба мо назари пуркинае афканду бадар рафт. Боз чой фармуда, акнун як пиёлагӣ нӯшида будем, ки аз дари чойхона милиционере даромад ва рост ба назди мо расида хуччат пурсид. Мо хуччатхои сафарӣ ва шаҳодатномаи «Тоҷикистони Сурх»-ро бароварда додем.

— Паспорт канӣ?—пурсид милиционер.

— Дар хона, — баробар гуфтем мо.

— Ачиб, — гуфт ходими милиция. — Шумо дар наздикии сарҳадди давлатӣ чой нӯшида шиштаеду паспортатон дар хона...

Мо гуфтем, ки шаҳодатномаҳои мо хуччатхои хеле мӯътамад хастанд. Аммо ӯ ба шарху маънидоди мо эътиборе надода пурсид:

— Ё гуфтанӣ хастед, ки минтақаи сарҳаддӣ будани ин ҷоро намедонистед?

Гуфтем, ки медонистем.

— Набошад пеш дароед! — фармон дод ӯ.

Мо аз ин гуна муомила оташин шуда, ноҳаҷ будани ӯро исбот карданӣ мешудем. Дар ин асно аз дари чойхона хамон марди шоҳмотбоз ворид шуда, аз милиционер пурсид, ки чӣ мунозира. Вай гуфт, ки ду шахси бепаспортро дастгир кардааст, аммо онхо аз рафтан ба шӯъбаи милиция гардан метобанд.

— Намедонед, ки ихтиёрӣ нараванд, чӣ кор кардан лозим? — бо даҒдаҒа гуфт он мард ва боз ҒоиБ шуд.

Моро ба шӯъбаи районии милиция оварда, ба хонае даровардaнд ва гуфтанд, ки то тамом шудани тафтиши хуччатхо ва муайян кардани шахсияти мо аз хамин чо намечунбем. Дар хонаи каду бараш семетрӣ фақат як хараки шалаҷ буду як печкаи зангзадаи чӯянӣ.

Чанд даҷика хомӯш ба тиреза нигоҳ карда нишастем. Нохост Аскар тамасхуромез гуфт:

— Ба вай шоҳмотбоз зӯрата нишон додӣ-а? Нишон додӣ. Хӯш, чӣ мурод хосил шуд?

— Чӣ мурод?

— Ман гуфта истодаам, ки ин чӣ номаъкулие буд, ки ту кардӣ?

— Начаҷ ба ман! Аз кучо донам, ки вай ин қадар одами калон будааст? Сонӣ, номаъкулия танхо худам накардаам. Ашӯла хонда, лукма партофтагӣ кӣ буд?

— «Кӣ буд? Кӣ бу-уд?» — масхараомез такрор кард Аскар чавоби муносиб наёфта. Бечора рафиқам дар овони чавониаш рӯзгори пур аз ташвишу тахлукае ба сар мебурд ва холо худро дар хабсхонаи шӯъбаи милиция дида, хеле асабонӣ шуда буд.

Як соат гузашт. Дари «хабсхонаи» мо, хайрият, кулф набуд. Онро охиста нимроҒ карда, ба долон назар андохтам, ки милиционери моро дастгиркарда дар пеши навбатчии шӯъбаи районӣ рост истодааст. Омада ба чоям нишастам.

Тирезаи хона ба рӯи хавлии шӯъба кушода мешуд, аммо панчараи оханин дошт.

— Деворхои хавлиашон баланд будааст, — гуфта фақат барои он ки хомӯшии гарон бартараф шавад.

— Пасттар мебуд, мегурехтӣ? — истехзоомез савол дод Аскар.

— Хочат нест, хозир озод мекунанд.

— Хестӣ, ки хобат. То тафтиш мекунанд, ки камаш як хафта мегузарад.

— Чаро як хафта? Телефон мекунанд ба редакция. Аз он ҷо ҷавоб меояд, ки рост, фалонӣ ва фалонӣ коргарони мо. Олам гулистон.

Боз як соат гузашт. Сонӣ боз як соати дигар гузашт. Шикамҳо кайҳо ба танбурнавозӣ даромада буданд.

— Дар китобҳо менависанд, ки дар ҳабсхонаҳо ба махбусон нону об медиҳанд, — гуфтам.

— Рост, — гуфт Аскар. — Ба зиндониёни оддӣ нону об медиҳанд. Аммо ту мухбири махсус. Ба ту оши палав меоранд. Ҳоло зирбакаш тайёр шудааст.

Аз ваҷоҳаташ аён буд, ки ба пичингҳояш ҷавоб гардонам, дашном хоҳад дод. Дарро кушода дидам, ки милиционери шиносамон нест. Фақат навбатдори шӯъба чизе навишта нишастааст. Наздикаш рафта гуфтам, ки берун рафтан мехоҳам.

— Барои чӣ?

— Чоя бисьёр нӯшида будам.

— Хайр, — гуфт ӯ муддате ба афту андомам зехн монда. — Ба рӯи ҳавлӣ баро. Ҳо, ана, дар охири долон дарича хаст. Тела те, кушода мешавад.

Дар бозгашт аз рӯи ҳавлӣ дарҳои катори кабинетҳои дар ду тарафи долони дароз воқеъгаштаро як-як тела дода дидам, ки яке аз онҳо боз шуда рафт. Дар пешгоҳи он хона мизу курсиҳо ва дар рӯи девор телефоне менамуд. Шитобон рафта, дастаки телефонро ғарғар тоб додаму гӯшакашро бардоштам. Зане аз коммутатори район пурсид, ки ба ман чӣ лозим. Гуфтам, ки хонаи котиби райкомро васл кунад.

Боварам намеомад, ки кори мо ҳам ягон вақт барор мекарда бошад. Гӯшаки телефонро котиби якуми райком бардошт.

— Сабр кунед, хозир мефаҳмем, — гуфт котиб дар ҷавоби нақли бесарунӯги ман.

Ним соат нагузашта, офицере ба «ҳабсхонаи» мо даромад ва ҳуччатҳоямонро ба дастамон супурда, гуфт, ки меҳмонхонаи район дар паҳлуи шӯъбаи милиция аст. Мо изҳори миннатдорӣ кардем, лекин дар диламон гуфтем, ки аз меҳмонхонаю меҳмоннавозии шумо кайҳо сер шудаем.

Баъди чанд дақиқа пои пиёда бо бероҳаи регзор ба сӯи Чилликӯл медавидем.

— Боз адреси меҳмонхонаяи мегӯяд-а! — ғур-ғур мекард Аскар ва аракӣ сару рӯяшро бо дастрӯймол пок карда, гашташро торафт тезтар менамуд.

Дукаса дар бораи пахтакорон макола навиштем, вале дар макола аз пахтаи Ворошиловобод, ки пешкадамтарини он гурӯҳи районҳо буд, ягон калима маълумоте набуд.

Аз ҳамон сафар ба мо як ҳикмат ба фоида монд, ки ҳарифро нашинохта, кувваозмой кардан аз сабукфикрист.

ИШТИРОКИ БАНДА ДАР КОРҲОИ ТАРБИЯВӢ

Ба ҳаман журналистоне, ки дар редакцияи «Тоҷикистони Сурх» кор мекарданд, барои ходими навкор аз ҳар ҷиҳат мавриди таклид шуда метавонистанд.

Ҳар сол баҳорон, вакте ки маъракаи обуна ба заёмҳои давлатӣ сар мешуд, як кас, як ходими адабиёт бисьёр таҷрибанок ва сермаҳсул бонси нороҳатӣ ва ошуфтагии коллектив мегардид. Ба музди меҳнати якмоҳа обуна шудан барои ҳар як гражданини мамлакат аз солҳои мушкили ҷанг, ки фарзандони бовафои Ватан барои озодӣ ва истиклолият ҷон нисор мекарданд, як кори оддӣ, муқаррароти бахснопазир шуда монда буд. Одамоне буданд, ки на фақат музди якмоҳа, балки ҳаман пасандозашонро ба давлат қарз медоданд, то ки бо ҳамин васила ба тезтар баркарор намудани хоҷагии аз ҷанг осебдида кӯмак расонанд.

Обунашавӣ дар редакция одатан муташаккилона сар мешуду аз сабаби гарданшахии ҳамон як нафар ходим кашол меёфт. Вай умуман одами бад набуд, аммо аз қабили онҳое буд, ки дастархони худ, хонаи худро обод мекунанду аз аҳволи дигарон парвое надоранд. Вай мегуфт, ки «обуна ба заём ихтиёрист, бинобар ин ман ҳаҷ дорам худдорӣ кунам».

Рафиконе ки мутасаддии маъракаи буданд, ба ӯ мегуфтанд: рост мегӯед, рафики мӯхтарам, обуна ихтиёрист, аммо, охир, аҳволи мамлакатро бояд ба назар гирифт. Зарур набошад, давлат умуман аз гражданҳояш қарз намепурсад. Ҳоло рӯзе мерасад, ки давлатамон боз муқтариду бою тавоно мешавад ва он гоҳ қарзи мо ба вай ҳеч лозим намеояд. Бале, ҳамин ҳел рӯзҳои муборак ҳатман мерасанд. Лекин ҳоло ҳозир мо бояд ба давлат кам-кам қарз бидиҳем.

Ходим мегуфт, ки ин тавр бошад, майлаш, медиҳем. Ман ҳам бист фоизи моҳонаамро қарз медиҳам.

Ба ӯ мегуфтанд, ки дар сар то сари кишвари бузургамон ҳеҷ кас дар ин хусус бахсу мунозира намекунад, аммо шумо бо савдои каму зиёд машғулед. Ва ҳол он ки одами хондагӣ, аз олам бохабар ҳастед, ба воситаи газета ба дигарон одобу ахлоқ меомӯзед.

Пас аз панду насиҳати дуру дароз Ходим мегуфт, ки майлаш, ба хотири коллектив ба биступанҷ фоизи мохона обуна мешавам.

Бояд гуфт, ки сермаоштарин коркуни редакция ҳамин Ходим буд. Вай танҳо худ баробари маоши чаҳорпанҷ нафар зӯртарин журналист ҳаққи калам мегирифт. Ӯ аксаран бо тарҷумаи материалҳои расмӣ машғул буд ва азбаски дар ин кор малакаи хубе ҳосил карда буд, аз саҳар то шом дар сари мошинка нишаста дикта мекард. Барои он ки ба гуфтани калимаҳои ёрирасон аз қабили: аз сари хат, ҳарфи калон, нукта, вергул, аломати хитоб, ё савол, ё тире, вақти гаронбаҳояш сарф нашавад, мақсадро бо ҳаракати даст ифода менамуд. Чунончи, бо ҳарфи калон чоп кун, гуфтанӣ бошад, ба шифти хона ишора менамуд, тарҳи аломатҳои саволу хитобу нуктаю вергулро дар пеши чашми мошинистка дар ҳаво кашида нишон медод ва дар айни замон гуфтани матни тоҷикии тарҷумаро қатъ наменамуд.

Ягон сония вақти худро бехуда намегузаронид, ба хотири сарфаи авқот дар сӯҳбатҳои муқаррарии ҳамкорон иштирок намекард. Ҳуроки пешиниро дар буфети назди редакцияҳо чунон шитобон фурӯ мебурд, ки баъзан ба лунчҳои дӯнг ва даҳончунбонии башасти ӯ нигоҳ карда, хушам меорид.

Сардори ташкилоти иттифоки касаба бо ин мардак чӣ гуна муомила карданашро надониста, мурғи посӯхта барин ба ҳар сӯ медавид. Коркунони кухансоли идора, онҳое ки гарму сарди рӯзгорро басо дидаанд, Ходими якраҳаро ба ягон кабинети ҳилват даровардa, сиву рагашонро якчоя карда, насиҳат меҳонданд. Аммо «Пушти ману табари кассоб» гуфтани маколи халқ барин, ҳазор панду андарз ба Ходим як зарра таъсир намекард.

— Хайр, — мегуфт Ходими давлатманд баъди мубоҳисаи тӯлонӣ дар ҳилватхона, — гапатон ҳақ. Ба сӣ фоизи мохонаам обуна мешавам.

Боз чанди дигар ҷамъ шуда ва Ходимро миёнагир карда, сӯҳбате меорастанд. Пас аз мусоҳибаи навбатӣ ӯ мегуфт:

— Ана равед, гуфтан шумо шавад: ба сиюпанч фоиз розй шудам.

Маъракан обуна дар редакцияи дигар газетахо, дар ташкилотхои хамсоя кайхо ба охир мерасид, аммо дар идораи мо хамчунон хорумоли Ходим идома дошт.

Боре аз Йўлдош Зиёев пурсидам, ки чаро хама якчоя бо обуна шудани Ходим ин кадар исрор мекунанд? «Нахохад — не-дия. Бо камтар обуна шудани вай мамлакати мо аз по намеафтад-ку!»

— Э ту ачиб-а! — гуфт акаи Йўлдош бо харакати хоси худ.— Ин чо артели замбарсозй не-ку! Редакцияи газетаи партиявй! Хама бояд одамони бошуур бошанд.

— Хайр, хама бошуур, факат як кас шуураш андак качалак. Аз як палак чанд хел харбуза меруяд, гуфтаанд.

— Э ина бинед-а! Ба мо харбуза не, одам даркор, фахмидй, инсон. Ин масъалаи принцип буданаша хеч мефахмй ё не?

Тарбияи Ходим то андозае кашол ёфта, ба дили одамон мезад, ки интихон ин мочароро хама бесаброна интизорй мекашиданд. Рўзи дуввуми кашокаш ходимони шўъбахои гуногун хамдигарро дар рохрав ё хатто дар кўча бубинанд, бо оханге ки аз саломатии шахси азизе ё аз рафти кори фавкулодда мухимме савол медода бошанд, аз якдигар мепурсиданд:

— Чанд фоиз шуд?

— Ба сивупанч расид.

— Хайрият! То бегох, эхтимол, ба чил барояд!

— Кй медонад, мумкин, оламу ходис гуфтаанд.

Хангоми танаффуси пешинй ба ошхона рафтам, ки Ходим дар пеши буфет ба навбат истодааст. Дар дилам ахд кардам, ки ба ў ягон чиз бигўям, хамчун узви комсомол дар маъракаи панду насихат ман хам хисса гузорам. Худам кайхо хаводори «Точикистони Сурх» шудаам. Шабхои навбатдорй агар сахифабандй ё чопи газетаи мо аз газетахои «Коммунист Таджикистана» ё «Кизил Тожикистон» кафо монад, ба ман алам мекард. Ягон вокеаи мухимми хаёти республика дар газетахои дигар аз мо пештар инъикос ёбад, ман хам худро хатўлкор хис мекардам. Дар дигар бобат низ хамин тавр буд. Шавки мусобикаи байни се газетаи партиявии республика, мисли дигарон, маро хам тамом фаро гирифта буд. Кирдори Ходим бошад, коллективи моро дар пеши назари ахли калам сарпасту забонкўтох мекард.

«Чӣ гӯям ба ӯ?» фикр мекардам аз пасаш ба навбат истода. Ба чӣ лозим будани заёмро хуб медонад. Хатто номи заём «кӯр-ба асо» гуфтаги барои гувох аст, кӣ мардум барои чӣ карз медиханд: «Заёми дуввуми давлатии аз нав баркарор кардан ва тараккӣ додани хочагии халки СССР», «Заёми саввум...», «Заёми чорум...». Карз барои аз нав обод кардани мамлакат, аз нав сохтани шахру дехот, заводу фабрик, роху пулхое ки истилогарон хароб кардаанд.

Тобистони соли 1946 ба Москва рафта, дар рох ва атрофи пойтахт осори вахшонияти фашистонро бо чашми худам дида будам. Аз хамаи манзарахои хузновар намуди хазорон-хазор паровозу вагонхои сӯхта, аз кор баромада дар хотирам равшантар накш баста буд. Дар Рязань, Пенза, Оренбург, Сызрань, Кизил Ӯрда ва Арысь барои истгохҳои калон каторхои дуру дарозӣ вагонхои боркаше, ки аз оташи бомбахои фугас сӯхта, факат кабургахои оханинашон монда буд, инчунин раддаи беохири паровозхои мачрӯхи хомӯш дар ягон гӯшаи дур ба чандин фарсах тӯл кашида истодаанд...

Аз буфет нону чою котлети худро гирифта, ба сари мизе рафтам, ки Ходими сангдил як дакика пештар аз ман нишаста буд. Таваккалкунои суханро аз сафари шахрхои дур сар карда, ба сари хамои каторхои ғамангези вагону паровозхои маслук овардам. Ходим аввал ба сӯи ман нигоҳхои бепарвоёна афканда, гох-гохе «хм, хм», «ачиб» гуфта мемонд. Чун ба мавзӯи зарурати корхои бузурги азнавсозӣ ва эхтиёчи мамлакат ба маблағхои иловагӣ расидам, ӯ ришханде карда, даст бардошта ишора намуд, ки хомӯш шавам.

— Шуд. Фахмо,—гуфт ӯ бо хамон табассуми истехзоомез. — Захмат накашед. Ман рафтам, корам зарур. Ха, дар вокеъ, рафик Мухаммадиев, як чиза хотиррасон кунам: писари калонии ман аз шумо се-чор сол калонтар аст... Ба шумо иштихои соз металабам!

Хар сол дар маъракаи обунаи заём тарбияи Ходим айнан ба хамин тариқа сар мешуду давом мекард. Вале банда дар ин «чорабинӣ» дубора иштирок накардам.

ХАЗЛ

Хаштсадсолагии Москва хамчун иди умумихалқ қайд карда шуд. Тайёрӣ ба он хеле пештар сар шуда буд. Ташкилоти комсомолии газетахои республикавӣ дар як-

шанбегиҳо иштирок мекард. Ҳар рӯзи истирохат мо дар майдони Театри опера ва балет, ки сонитар ба шарафи Москва номи ин шаҳри барои ҳама азизро гирифт, кор мекардем. Сар то сари майдон он вакт сангфарши хамвор буд. На фавворою зинаҳои зебо буданд, на гулзору дарахтони назаррабои сарву арчаю кастона. Чавонои ҳамаи он сангхоро бо мисрон канда, бо занбар ба гӯшае мебароварданд. Чанд рӯз ҳавзакови, хоккашонӣ идома дошт.

Сардор моро чамъ карда, гуфт, ки бахшида ба чашни Москва шумораи махсуси газета мебарояд. Ҳар кас бояд супоришеро ба чо оварад. Ба ман фармуд, ки ба яке аз колхозҳои собиқ райони Кӯктош рафта, бо раиси он Рахмон Чабборов сӯҳбат мекунӣ ва маколае менависӣ. Рафиқ Чабборов аз зумраи нахустин Қаҳрамонони Мехнати Социалистист. Ордени Ленин ва Ситораи тиллои қаҳрамонро дар Кремль аз дасти Раиси Президиуми Совети Олии СССР гирифтааст. Ғайр аз ин ба Намоишгоҳи Умумиттифокии хочагии кишлок рафта, диплому мукофотҳо овардааст.

Дар редакция як одами миёнсоли табиатан мулоимхунукнамо буд, ки бештар бо корҳои ташкилӣ шуғл дошт. Қаламаш чандон казой набуд ва аҳьён-аҳьён ягон маколачаи оддие менавишт. Дар омади гап гуфтан даркор, ки ин мардак боз ду соли дигар дар редакция чунбучӯл карда гашту ба кори хочагӣ гузашт ва хуб кард, ки гузашт.

Ана хамин шахсмаро дар долони дарозн идора дошта, ба гӯшае имо карда, гӯё сирри фавкулодда махфиеро ошкор мекарда бошад, ба гӯшам гуфт:

— Котиба фармонҳоро чоп карда истодааст. Ба кучо рафтанатонро фаҳмидам, уко. Наравед, уко. Дар он чохо якта-нимта одамони нобоб хастанд.

— Чӣ хел нобоб?

— Нобоб, уко, яъне ноасл. Ба пеши мухаррир даромада гӯед, ки ба дигар чой фиристад. Ҳа, уко!

Инро гуфту аз паи кораш рафт. Ман ба андеша афтодам.

Мухаррир одами хуби хушмуомила менамояд. Аз журналистони бакувваттарин аст. Сармакола навиштаӣ шавад, мошинисткаро ба кабинеташ даъват мекунаду дар сари ӯ рост истода, дикта мекунад. Баъди як тахрир мақола тайёр. Дигар кас аз журналистони идора ин кадар иктидор ва малака надорад. Хамин ки ба мавзӯи

зироат сармакола навиштанй шуд, маро ба Вазорати хочагии кишлок ё Вазорати махсулоттайёркунй барои факту рақамхо ва мисолхо мефиристад.

Дар омади гап гўем, умуман ба хар кас аз соҳаи хочагии кишлоқ факту мисол лозим шавад, камина коғазу калам бардошта, ба ин ду вазорат метохтам. Ба ин муассисахо он кадар бисьёр равуо доштам, ки вазири махсулоттайёркунй рафик Инъом Бобозода, ки худ пештар журналист будааст, ба ман чун ба шогирдаш хуш муомила мекард ва ханўз аз тирезахои калон-калони кабинети дар сари рох вокеъгаштааш саросема кадам зада омадани маро дида мегуфт:

— Писари газета омад. Факту ракам лозим шудааст.

Ханўз дилу бедилон ба сафар омода мешудам, ки марди маслихатгар Маро дубора ба каноре кашида пурсид:

— Гуфтед, уко?

— Не, муаллим, нагуфтаам. Охир супоришро ба ман сардори худамон рафик Исоев додаанд. Чй хел мешавад, ки...

— Ха, ха, вокеан нагз намешавад. Медонед чй, уко, майлаш, равед, лекин ягон ярок гирифта равед.

— Ярок?

— Ха, уко, ярок яъне ки аслиха. Корд, масалан, ханчар, уко.

Солхои охири чанг мўза мепўшидам. Ба роххои дур биравам, ё бевактишаб дар кўчахои шахр гардам, дар соки мўза кордеро пинхон карда мегаштам. Харчанд, ки аз окибати ин кор ба тарзи чиддй боре фикр накардаам. Замона нотинч буд, ба химоя аз касди авбошу дуздон эхтиёч буд. Наход холо, дар замони амонй — дар соли 1948 хам барои рафта омадан ба як колхози наздик хочат ба аслиха бошад?

Аз Мурод Богиров пурсидам, ки оё мумкин аст, ки ба чои маколаи раиси колхоз дар бораи Москва худам чизе бинависам? Богиров даме фикр карда нишасту гуфт:

— Аз Зиёев пурс. Вай чонишини Сардор. Ман бошам, факат чонишини чонишин. Дар редакция хамагй ду сол боз кор мекунам. Худам гохо мўхточи маслихатам.

Зиёев гуфт:

— Аз номи худат навиштанат хам мумкин. Аммо, ку бигў, чй менависй?

Гуфтам, ки дар бачагнам хамрохи як даста пионерон

ба Москва рафта будам. Бист рӯз гашта, театру музей, кӯчаю хиёбонҳои Москваро дидаам. Балети «Аспаки кӯзапушт»-ро дидаам.

— Ҳм, «Аспаки кӯзапушт». Не, намешавад. Барои «Пионери Тоҷикистон» мешавад. Ба газетаи мо намешавад.

Ноумед нашуда, наклмро идома додам:

— Долорес Ибаррурирро дидаам...

— Ту? Рафиқ Ибаррурирро? Чӣ хел?

— Ҳамту, бисьёр оддӣ. Берун аз шаҳр, дар деҳаи Пушкино, дар хонаи бачаҳои испанӣ мезистем. Як бегоҳӣ ӯ ба он ҷо, ба назди ҳамватанонаш омад. Моро дида, бо мо ҳам сӯҳбат кард. Шарифа ном пионеркаи ҳамшаҳриамро хатто ба оғӯш кашида, миллачаҳои майдабофтаашро бо завқ тамошо кард, навозиш кард.

— Рафиқ Ибаррурирро диданат хуб. Аммо ин масъала дар ин ҷо бевосита дахл надорад.

— Перорсол ҳам ба Москва рафта будам.

— Рафта чӣ кор кардӣ?

— Ба МАИ дохил шудам. Институти авиационии Москва ба номи Серго Орҷоникидзе.

— Хӯш, сонӣ?

— Хондан душвор буд. Фақат саду панҷоҳ грамм нони сиёҳу ҳамин қадар нони сафед медоданд. Седонагӣ картошка ҳам медоданд, ки калонаш чормағз барин буд. Ба ношито намерасид.

— Гурехтам, бигӯ?

— Нагурехтаам. Сонитар меоям, гуфта, ариза навишта ҷавоб гирифта омадам.

— Намешавад, додар. Хез, ба колхоз бирав, зудтар, вақт наравад,— гуфт Зиёев ва ба кӯҷое рафта омаду рост ба чашмонам чашм дӯхта пурсид:

— Ба ту чӣ шуд? Ин хел набудӣ-ку! Ягон маротиба равам-нараваматро нашунидаам. Дар водии Ҳисор ҷои нарафтаат намонд. Ба Ёвону Норак, ба Комсомолобод рафта омадӣ. Хонаатон тинҷ? Ҳама сиҳат-саломат?

Ҷавоби мусбатро шунида, илова намуд:

— Умуман, додарам, мо, журналистҳо, як қоида дорем. Ҳа гуфта, саргузашти худамоя навиштан намегирем. Вазифаи мо нақл кардани таҷрибаи одамони машҳуру номдор. Ҳӯ-ӯ сонитар, рафту ягон вақт нависанда шавӣ, ҳар чиз хоҳӣ, менависӣ.

Раҳмон Ҷабборовро дар идорааш ёфта сӯҳбат кардам. Марди ҳалиму хоксор менамуд. Пешрафти кори

колхози миллионераш гувоҳ буд, ки дар сарварии омма низ маҳорате дорад. Ӯ маро аз идора бароварда, бинохои нави маъмурӣ ва хочагии колхоз, мактаб, боғчаи бачахо, магазини дехаро нишон дод. Гӯшам ба нақли раис буду чашмам «одамони нобобро» мечуст. Лекин ҳама мардуми оддӣ буданд ва бо корубори худ машғул.

Офтоб ғуруб карда буд, ки ба боғи колхоз омадем. Дар миёнаҳои боғ меҳмонхонаи начандон калоне воқеъ буд. Дар пеши он шипанги бархавое. Як марди каддарози якчашмаи буруташ думи муш барин борик пайдо шуда, дастархон кушод, обу мева, нону чой овард. Ба рӯи як чашмаш порчае бахмали сиёхро бо ресмони сиёхи равғанзадаи ялаккосӣ баста монда буд. Ин гуна башараро дар фильмхои таърихию революционӣ дида будам, ки нақши босмачиро адо мекард, ё ягон нобакори дигарро. Дар дилам гуфтам, ки «одами нобоб» бояд ҳамин мушбурут бошад. Аммо ӯ дигар пайдо нашуд.

Сӯҳбат бо раис боз хеле вакт давом кард. Ҳар чизе лозим буд, пурсида, ба дафтарчаам кайд кардам. Акнун таассуроти як дехкони тоҷикро аз сайри пойтахт навиштан мумкин буд.

Пас аз ошу об раис чои хобамро нишон дода, хайрухуш карда рафт. Вале дере нагузашта, хамрохи мӯйсафеде баргашт ва гуфт, ки ин кас ҳаровули ҳамин боғанд. Ба пирамард таъин намуд, ки аз обу чои меҳмон огоҳ бош.

Айни мавсими мевапаз буд, хавои хона дам медод. Нафаси кас ба дарун мегашт. Болои сӯхта намакоб, хомушакхо беамон мегазиданд. Гӯё дар атроф тӯъмаи дигаре набошад, ҳамаи пашшахои нешдори музофот дар атрофи ман ҷамъ омада буданд. Сад бор пахлу гашта, хобида натавонистам. Дасту пою сару рӯи варамкардамро хор-хорон берун рафтам. Боғбон гуфт, ки чои хобатонро ба таки шипанг, ба рӯи чорпоя мекӯчонем. Ман таппак дуд мекунам, гуфт ӯ, пашшахо мегурезанд.

«Чорпоя» гуфта, биллиарди калонеро дар назар дошт, ки аз замони пеш аз ҷанг монда буд. Моҳути рӯкашаш ҷо-ҷо даридагӣ, парча-парча сӯхтагӣ. Сӯрохихои саккодарояш ягонта тӯрхалта надошт. Бистари маро ба рӯи биллиард кӯчонидем. Аз дуди таппак ва хасу хошок хомушакхо гурехтанд ба ҷуз якта-нимта гуруснатарин ва хиратаринашон.

Боз хаёлам ба одамони «нобоб» рафт. Ҳарчанд тарсончак набудам, дар чои ношинос ҳар гуна андешахои

вахмангез ба дил рох меёфтанд. Боз худро таскин медодам, ки ба ман киро чӣ кор? Пойздах-бист сол қабл аз ин ба мухбирон сӯиқасд мекарданд, хатто мекуштанд онхоро. Лекин ин корро душманони халқ, душманони рӯзгори нав мекарданд. Холо он душманон нест шудаанд. Ғайр аз ин ман чӣ кор кардаам, ки ба ман касди бад кунанд? Найранги киро фош кардам? Баръакс, ба ин ҷо омадаам, ки раиси колхозро, худи колхозро таъриф кунам.

Курбоккае ба хавзчаи назди шипанг шулуплӣ худро партофт. Хоби кариб омадаам боз дур шуд. Пас аз муддате хоби гурезон дубора наздик меомад, ки садои дахшатангезе баланд шуд: гӯё як даста занҷири оханин ва сад бағал шувокро рӯ-рӯи чатри долу дарахту буттазори боғ бо суръати баркосо кашола карда, аз ҷануб ба шимол бурда бошанд.

Холо, солхои хафтодум, ТЭЦ-и Душанбе дар мавсими зимистон гоҳ-гохе нимишабӣ бухори изофии дегхои бузургашро ба хаво сар медихад. Хонаатон аз ТЭЦ фарсаххо дур бошад ҳам, аз фашшосу гумбурроси ин садо бедор мешавед. Дар боғи колхоз ана хамин хел садои вохиманоке оламро фаро гирифт.

Кафшамро пӯшида, ба атроф нигаристам. Мӯйсафеди посбон наменамуд. Аз болои тӯдахои поруи хушк дуди ғализ бархоста, ба сакфи шипанг мепечид. Қалтаки ғурмдореро дидам, ки ба панҷараи шипанг такья кунонида мондаанд. Қалтаки қаровул, якин. Аз чӯби дарахти мевадор буридаанд. Асои каландарон ё чӯбдасти ғалабонон барин чунон сайқал хӯрдааст, ки пахлухояш ба мисли поскадуи чилсола ҷило медихад.

Қалтакро ба пахлуи бистар руст карда, дароз кашидам. Нохост боз хамон садо аз дур наздик шудан гирифт. Қалтакро ба даст гирифта, ба замин фуромадам ва ба мудофиаи ҷони худ хозир шудам. Аммо маълум шуд, ки ба ман хавфе тахдид надорад: аз пайрахаи васеи шағал рехташудаи миёни боғ селаи калони сагони дехот дартоз гузашта рафт. Ин дафъа аз шимол ба ҷануб. Пешопеши села, аз афти кор, модасаге бо хавли ҷон метохт. Мавсими ишкбозии сагон буд ва модасаги танхо аз неши дандону чанголи ошикони фаровон мегурехт. Шуввосу шатарроси бадвохима хомӯш шуду ҷои онро нолаи тӯлонию ҷонхароши саги маглубе гирифт.

Сахарӣ аз нағмаи мурғон бедор шуда, қабл аз хама калтаки қаровулро дар ҷояш гузоштам.

Марди навчаи мушбурут боз дастархон бардошта омад. Раис як коса каймоқ овард.

Ҳангоми тахтӯл мӯйсафеди посбон мегуфт:

— Астағфирулло, калтакам дар ҳамин ҷо, дар ҷои чароғон рост истодааасту шаби дароз онро кофта намеёфтам. Тавба, тавба! Пирӣ як лӯнда азоб будааст, гӯям, бовар кунед, раис-бобо.

Марди мушбурут гуфт:

— Шумо-ку, таго, шукр, ба таки ҳаштод рафтед. Мо чӣ? Мо ҳам гоҳо оши динашаб хӯрдаамона аз ёд мебарорем.

Мӯйлаби борик, чашмбанди кӯхна, умуман афту андоми марди якчашма ба назарам имрӯз дигархелтар менамуд. Ба хаёлам, ӯ ба онҳое ки дар кинофильмҳо нақши бадкирдоронро мебозанд, чандон монандӣ надошт.

Як сол гузашта дар сӯҳбате ба сардорамон Ҷунайдулло Исоев аз «одамони нобоби» Кӯктош каблан огоҳ кардани ҳамкори мулоимхунукамонро гуфтам.

— Ҳазли хунук,— гуфт Сардор. — Лекин ҳамин хел як оин ҳаст, гуфта шунидаам. Гӯё устодон шогирдонашонро ба ҳар навъ имтиҳон мекардаанд. — Сонӣ ба рафиқони калонсолаш муроҷиат карда, бо ангушти ишорат ба пешониаш тик-тик зада илова намуд: — Ин рафиқамон одами каппа-калону кирдорхояш бача барин. Андак намерасидагӣ барин, ба назарам.

МАКТӮБИ БЕИМЗО

Аввали сол буд. Аз саҳари солеҳон борони сахт меборид. Автобусҳои ягона маршрути шаҳр аз майдони Путовский то вокзали роҳи оҳан одам мекашониданд. Ё аз он сабаб, ки он рӯз камтар буданд, ё аз он ки дар ҳавои вайрон мардум бо ғайрату куввати дучанд ҳудро ба дари онҳо мезаданд, ба савор шудан зӯри на ҳар кас мерасид. Шип-шилта тар шуда, пиёда ба идора омадам.

Сардор гуфт:

— Зуд либосата дар пеши печка хушк кун. Сонӣ ба управлениян пахтакорӣ рафта, дар боран рафти яхобмонӣ маълумот меорӣ. Имрӯз кор мӯл, тез бош.

Назди печкаи голландии шӯъбаамон рост менстодам, ки занги телефон баланд шуд. Сардор гуфт, ки туро Н. Ф. Федосеева даъват мекунад: Наталья Филипповна мудири яке аз шӯъбаҳои нашриёти газетаҳои республикавӣ

буд ва бо хуҷҷатҳои кормандони ҳамаи редакцияҳо, матбаа ва дигар муассисаҳои нашриёт сарукор дошт. Зани солхӯрдаи нармсухан, хушмуомила буд, аммо дар масъалаи тартиби хуҷҷатҳои шахсӣ, пур кардани ҳар гуна анкетаю карточкаю маълумотномаҳо то ба дарачаи нуктагирӣ серталаб буд. Рафту ягонта харфро каҷ навишта бошад, талаб мекард, ки ҳамаи ҳамон саҳифаро аз нав навишта диҳад.

Кабинети у дар ошьёнаи якуми Хонаи матбуот буд. Дараш оҳанин буд, тирезааш панҷараи ғафси пӯлодин дошт ва дар ҳар гӯшаи кабинеташ яктои сандуки калони пӯлодин меистод. Одатан бо арздорон ба воситаи дарчаи мобайни дараш гуфтушунид мекард, вале маро он рӯз ба дарунӣ хонаи пур аз дуди тамокуяш даровард. Дар рӯи миз ҷузъгире мехобид, ки хуҷҷатҳои шахсии ман дӯхта шуда буд. Аз сурати худам шинохтам.

— Тинчӣ? — савол дод Наталья Филипповна.

— Ҳамин саволро ман ба шумо доданӣ будам,— гуфтам.

— Туро милиция даъват мекунад.

— Чаро?

— Намедонам. Барои ҳамин аз ту пурсидам, ки оё тинҷ гаштаӣ?

— Ҳарвакта барин. Коре накардаам, ки боиси мароки милиция шавад.

— Ман ҳам сабаб пурсидам, нагуфтанд. Хайр, ҳеҷ воқиа не. Меравию мефаҳмӣ, чон халос.

Аз чои истиқомат банда табааи шӯъбаи якуми милиция (ҳоло райони Октябрь) будам. Аз чои кор тобеи шӯъбаи дуввум (райони Рохи Оҳан). Аммо Наталья Филипповна маро ба шӯъбаи саввум фиристод. Он вақтҳо ба ин гуна нозукиҳои корҳои маъмурӣ сарфаҳм намерафтам, бо вучуди он дар ҳайрат будам, ки чаро ба милиция даъватам кардаанд. Оё ҳамин тавр ҳам мешавад, ки кас гунаҳгор бошаду худ аз гунохаш бехабар? Хайр, он рӯзе ки дар минтакаи назди сарҳад ману Аскарро дошта, ҳабс карда буданд, фарз кардем, кӯтоҳӣ аз мо гузашта буд. Не, айби мо бе паспорт рафтанамон набуд. Журналистонро бо шаҳодатномаи шахсӣ на фақат ба минтакаи назди сарҳад, балки то ба худи сарҳад рох медиҳанд. Ин қонуни маъмул аст ва аз вучуди он ходимони милиция бояд огоҳ бошанд. Ману Аскар бо он мардак мебоист якка ба якка, бе лукмаю суруду ғазал, яъне ҳалол шоҳмотбозӣ мекардем.

Шўъбаи саввуми милиция дар қарибии чоррахаи кӯчахои Свириденко ва Шевченко, рӯ ба рӯи Вазорати нигахдории тандурусти буд. Чатр надоштам, зери бороии сахти январи хеле тар шудам. Қабулгохи шўъбаи паспорт пур аз одам буд. «Ман коре надорам, фақат як чиза мепурсам» гуён бе навбат ба дарун даромадам, ки мардум, хусусан, занхо, шўре бардоштанд. Ходимаи шўъбаи паспорт гуфт, ки сардор холо меояд, туро чеҳ мезанем. Беруи баромадам, корафтодагон ба сарам сели таънаю маломатро фурӯ рехтанд: «Мо хам як чиз пурсидани омадем, лекин аз сахар инчонин ба навбат нишастаем, кӯдаки ширхора дар хона», «Чавонхои ин замонаи чй чин задааст?! Шарму хаё гуфтанй чиз дар баданашон нест...» ва ғайра.

Сардори шўъбаи паспорт пас аз як соат пайдо шуду маро хамрохаш то таки дари чонишини сардори милиция бурд. Ин чо дар навбат нишастагон нисбатан камтар буданд, аммо касе, ки ба кабинети чонишин медаромад, то ним соат арзу ниёз мекард.

Дакикахо мегузаштанд. Гаштаву баргашта фикр мекардам, ки аз ман чй норасой гузашта бошад? Рӯзхои охир ба кучохо рафтам, чй корхо кардам, бо кихо хамсӯхбат будам, чихо гуфтам, хатто чй гапхо шунидам... Хаман инро аз ғалбери андеша гузаронида, ба тахлили тарчумаи хол ва феълу атвори хешовандон пардохтам. Падарам вафот кардааст. Хаман умр, чунон ки мегӯянд, «ба рохаш тӯғрй мерафту тӯғрй меомад». Мехнаткаши асил буд. Аз модарам низ пашшае озор наёфтааст. Бародарам солхои сол диктори радио буд, холо бо супориши идорахои боло вазифаи сардори шўъбаи Вазорати бехатарии давлатро дар райони Рохати адо мекунад. Хохари калонам бевазанест ва ба маъной том муштипар. Шавхараш аз вокзали Сталинобод рост ба фронт рафту сеюним сол чангида, дар сарзамини Польша халок гардид. Духтарчаи ӯ ва хохараки хурдинам мактабхонанд. Ба гумон аст, ки онхо пишаки касеро пишт гуфта бошанду маро ба ин муносибат ба ин чо даъват карда бошанд.

Навбати ман қариби пешин расид. Афсӯс, марде ки пеш аз ман ба кабинет бенавбат даромада буд, бонси сахт асабонй шудани сардор гардид. Он мард либоси урфй дар бар дошт, аммо аз гуфтугӯ маълум шуд, ки ходими хамин идора будааст.

— Ман ба ту, махмаддоно, холо бехуда сарф кардани тири таппончаро нишон дода мемонам! Ту милицияро

хонаи аммакалонат гумон кардй? — дод мезад чонишини сардор вакте ки милиционери гунахгор бо сари хам аз кабинет мебаромад.

— Чй? — бо хамон охангй пургазаб ба ман рў овард сардор.

— Маро чеғ задаанд, омадам.

— Дидам, ки омадай. Кй чеғ задааст?

— Ба шўъбаи паспорт даромадам, сардораш ба ин чо оварданд.

Ном, фамилия, чои истикомат ва корамро пурсид, гуфтам.

— Канй хуччатхоят?

Шаходатномаи ходими редакцияро нишон додам.

— Хуччатхо мегўям! Паспорт, билети харбй, метрика!

— Хуччатхо дар хона. Ба ин чо пагохй рост аз чои кор омада будам.

— Бехуда ин чо шиштана ғиззй рафта хуччатхоя овардан даркор буд. Баъди пешин биё. Бирав! Тамом!

Аз шўъбаи саввум то Сари Осиё — то хонаи апаам бо шиками гурусна, зери борони майдамахин пои пиёда рафта омадам, ки се соат гузашт. Чонишини сардор дар чояш набуд. То соати панчи бегох нигарон шудам, наомад. Пурсидам, гуфтанд, ки «ба махалли вокиа рафтааст. Эхтимол, шабона баргардад»...

Сахт сташин шудани Сардорро хеч гох надида будам. Хайр, маълумоти яхобмониро Омина Каххорова овардаст, лекин дигар корхои зарурии шўъба, ки камина мебоист мекардам, чала мехобиданд.

— Ба ту кй гуфт, ки рўзи дароза дар долони милиция гузаронй? — мешурид Исоев. — Сардори ту редакция ё милиция?

— О милиция...

— Боз милиция мегўяд-а... Намедонй, ки хаман гуфтушунидро оид ба хуччатхо бо милиция мудири шўъба мекунад? Федосеева мекунад. Те ба ман хуччатхота.

Паспорт, шаходатномаи таваллуд, шаходатномаи ўхдадори харбиро гирифта, ба поён рафт. Рўзи дигар хуччатхои маро баргардониданд, аммо Сардор то охири хамон хафта ба воситаи телефон бо Наталья Филипповна дар бораи ким-чй гуна тафтиш, аризаи беимзо сахт-сахт гап мезад, боре гуфт, ки аз ин вокеа ба мухаррир, хатто ба идорахои болой хабар медихад.

Ман ин хангомаро дида, аз як тараф, хичолат мекашидам, ки боиси ошуфтагии Сардор гардидам, аз тарафи

дигар, пинхонй фахр мекардам, ки Сардор маро хакикатан дўст медоштааст, ки ин кадар сўхта-пухта химоям мекунад. Гайр аз ин, маълум мешавад, ходимаки атак-патак хам набудаам, ки вокиаи ба милиция даъват шудани маро ба идорахои болой хабар додан мумкин будааст.

Боз як хафта гузашту аён шуд, ки касе ба шўъбаи саввуми милиция аризаи машинканависи беимзо фиристода, хабар додааст, ки фалонй нуздахро пур карда, ба бист кадам мондааст, аммо то хол ба сафи армия даъват нашудааст. Дар таки коса бояд нимкосае бошад, навиштааст он шахс.

Дергохе фикр мекардам, ки аз болои ман барои чй ариза навишта бошанд? Боз беимзо. Аз рўи гуфти Сардор ва рафикони дигар, ман аз сидки дил кор мекардам. Чаро касе мехохад, ки пеш аз мўхлат ба сафи армия биравам? Дар чои кор хам ракобат гуфтанй чиз хаст, албатта. Ба ин кадараш аклам мерасид, лекин ханўз намедонистам, ки ракобати касбй метавонад дар ин гуна шаклхо зохир гардад ва ин хел ташвишхоро ба сари кас биоварад.

Тирамохи соли 1948 маро ба сафи армия даъват карданд. Факат хамон рўзхо ки дар хавлии фарохи Комиссариати харбии райони Октябрь, дар кўчахои шахр хамрохи даъватшудагои саф баста мегаштем, пай бурдам, ки муаллифи мактуби беимзо дар масъалахои синну соли наваскарон, фармоихои Вазири мудофиаи СССР оид ба тартиби даъват ба сафи армия сирф бесавод будааст: чавононе ки хамрохи ман даъват шуда буданд, синну соли мухталиф доштанд: писарони русу украину тотор ва дигар аврупоихо хаждах-нуздахсола буданд, аммо точику ўзбекои хама нуздах-бистсола, хатто аз он хам калонтар буданд. Ин холат аз хусусиятхои демографии давраи баъди чанг буд.

Аз тўхмати аризаи беимзо дида, ба ман муносибати хамкоронам алам мекард. Бо идора хисобй карда, бо мўйсари тоза тарошида барои хайрбод ба идора омадам, вале касе барои гуселам акаллан то сари кўча набаромад. Дигар чавононро дар катори хешутабор хамкоронашон низ бо дойраю думбак ва гитору гармонь мегуселониданд. Йўлдош Зиёев, Мурод Боғиров, Аскар, Мустафо Назаров, Хосият Эшмуродова ва Омина Каххороваро бародару хохарони худам барин дўст медоштам. Акал-

лан онхо ба хайрухуш набаромаданд. Ба бинои умеду эътиқодам бар дустию рафоқат рахнаи намоёне афтода буд.

Аз мехри Сардор, аз самимияти вай ҳам дар дилам шубҳа пайдо шуд. «Хайр, наҳз хизмат кун, сиҳат-саломат рафта биё» гуфту сардакак хайрухуш кард. Гӯё чорсола ба хизмати армия не, балки дурӯза ба сайри Даҳанакинк мерафта бошам.

Ниҳоят рӯзҳои пурташвиши ин сӯву он сӯ давиданҳо, муайян кардани дастаҳо ва командаҳо, ҳаммому комиссияи тибби ғузашт. Пеш аз савор шудан ба эшелон ҳамаро дар рӯи ҳавлии пункти ҷамъомади комиссариати ҳарбии республика саф кашонданд.

Офицере ба пеш баромада гуфт:

— Ҳар касеро ки ҳозир номбар мекунам, аз саф бароя д ва ба таки ана он девор рафта истад.

— Белов Михаил! — аз рӯи коғазе хонд офицер.

— Ман! — гуфт ҷавоне ва чолокона аз саф баромада, ба таки девор рафт.

Сонӣ офицер номи маро ба забон бурд.

Ду кас дар таки девори пункт мондем, дигарон гурсгурс қадам зада, ба сӯи эшон рафтанд.

— Касби ту чист? — пурсид Белов.

— Дар газета кор мекунам.

— Ҳа-а, ман радиотехник. Мову ту ба хизмати армия дертар меравем. Маъқул?

— Ту инро пешакӣ медонистӣ? — ба саволаш ҷавоб надода пурсидам.

— Набошад чӣ! Сардорам гуфта буд, ки ба ин қарибиҳо ба ҳеҷ ҷо рафтан намемонад.

Ҳаво торик мешуд, дар ихотаи хешовандон ба хона мерафтам. Нимтанаи пахтадори наппа-наве доштам, ки аз бозор ба ҳаштсад сӯм харида будам (он вақтҳо сару либосро аз бозор мехаридем). Аз матои хушранг хеле устокорона дӯхта шуда буд. Гиребон, зеҳи доман, даҳани киса ва нӯки остинҳояш аз чарми асл буд. Пагоҳӣ моро ба ҳаммом даровардандо либосҳоямонро ба мошинҳои дезинфекционӣ андохта, буғ доданд. Дигар либосҳо ба ҳоли худ буданду нимтана пӯстаки ба оташ афтода барин сӯхта ва лӯб-лӯнда шуда буд. Қаташро кушоданӣ шуда, кашола кунам, чармаш шатаррос зада реза мешуд ва фурӯ мерехт.

Рӯзи дигар ба кор баромадам. Аз сари нав фармон

бароварда, дубора ходими адабии шўъбаи хоҷагии кишлоқ таъинам карданд.

— Аз нарафтанат хафа хастӣ? — пурсид Зиёев.

— Хафа нею... ким-чӣ хел... Ҳама рафтанду фақат як бача, боз ман...

— Ҳеч воқиа не. Хизмати туро мавқуф гузоштанд. Хайр, ту аскари тайёр-ку: дар саф гаштан, тирандозӣ, мошину мотоциклронӣ, суратгирӣ аз дастат меояд. Худо накарда, ба хизмати ману ту эҳтиёҷе афтад, дар кунҷи хона намешинем-ку. Ҳоло барои газетаҳо кадр намерасад. Одами босавод бисьёру журналист кам. Мана акнун Университети давлатии Тоҷикистон кушода шуд. Шўъбаи махсус дорад, ки журналисти тоҷик тайёр мекунад. Баъди панҷ-шаш соли дигар мебинӣ, ки вазъият тамоман дигар шудааст.

Баъдтар фаҳмидам, ки дар хусуси пас гузоштани даъвати ман Тоҷӣ Усмон бо комиссари ҳарбии ҳамонвақтаи республика рафиқ Амонов гуфтугӯ кардааст. Содиқ Арабов ним рўз зўр зада, як олам сабабҳоро қатор карда, дар ин хусус ба комиссариати ҳарбӣ мактуби расмӣ навишта будааст. Сабаби маро дуруст нагуселонидани рафиқонам ҳам дар ҳамин мактуб будааст, ки ғайр аз худам ин номаро қариб ҳамаашон ҳондаанд.

АСПИ СУҒУРТА

Тобистони соли 1949 Комитети Марказии комсомоли Тоҷикистон маро ба Москва ба ҳоидан фиристод. Дар Мактаби Марказии комсомол имтиҳони қабулро супорида, аз комиссияи мандатии КМ ВЛКСМ гузашта, ба Сталинобод баргаштам. Гуфтанд, ки моҳи август барои таҳсил меой.

— Муборак шавад,— гуфт Сардор.— Ман хурсанд. То ба ҷоят одам ёфтана, андак душвор мешавад ба ман. Хайр, ҳеч воқиа не.Шояд Боғировро гашта диҳанд. Ё Пўлдоша.

Даҳиқае аз рўи одаташ ба навдаҳои дарахти пеши бино, ки ба тирезаи шўъба расида меистод, чашм дўхта нишасту гуфт:

— Лекин дар ин ду хафтаи мондагӣ нагз кор кун. Сахарӣ ба колхози Ҷолмат Ғоибов меравӣ. Баромадаш даркор. Аз таҷрибааш бисьёртар нақл кунад.

Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ Ҷолмат Ғоибов раиси колхози ба номи Тельман, пешқадамтарини колхози райони Орҷоникидзеобод буд. Ҳар дафъа, ки ба Орҷони-

кидзеобод фиристанд, бо хохиши тамом мерафтам, зеро дар он қарибиҳо, дар райони Роҳатӣ бародарам кор мекард. Дар идораи газетаи Орчоникидзеобод — газетаи «Коммуна» ба банда ҳар бор бародарвор кӯмак мекарданд. Муҳаррири «Коммуна» рафиқ Раҳматулло Аҳмадов барои сафар ба колхози дур, ки аз маркази район то сӣ-чил километр масофа дошт, аз ягон идора улоҳе гирифта медод, шароити идорааш имкон диҳад, яке аз ходимонашро ҳамроҳ мефиристод. Умуман анъанаи начиби ёрии байниҳамдигарии журналистон дар ин ҷо хеле хуб зоҳир мешуд ва камина ҳар сафар аз барори кор шод бармегаштам.

Дар сафари охирин муҳаррир набуд. Котиби масъул, ки низ рафики меҳрубоне буд, ба кофтукови асп ёрӣ мерасонид. Ба бахти ман дар идорахои райои он рӯз ягон аспи бекор набуд. Ба ҳар сӯ занг мезадем, илтимос мекардем, натичае ҳосил намешуд.

Ба ҳафт-ҳашт километра роҳ пиёда рафта омадан барои ман он вактхо заррае душвори надошт, лекин аз ҳамлаи сагҳо андеша доштам: дар чахор деҳае, ки дар сари роҳи колхоз воқеъ гашта буд, хонаводае набуд, ки ақаллан якта саг надошта бошад. Оилахое буданд, ки дар пеши хонаашон якбора ду ё се саги хар кадомаш гӯсола барин калон-калони бадҳайбат ҳалқа зада мехобид.

Окибат баъди пешин асп ёфт шуд. Шитобон ба идораи райони суғурта рафтам.

— Лекин, рафик, агар бафурсат бошед, ба аспи мо савор мешавед,— гуфт ходими суғурта.

— Чаро?

— Суст мегардад. Рости гап-дия, дурӯғ ба чӣ лозим? Имрӯз ба Тельман рафта, хамин рӯз баргашта наметавонед.

Ман розӣ будам, асп ба ман барои тез рафтан не, ҳамчуи гурезгохе аз хучуми сагон лозим буд.

Тахмин як соат гашта, ба комбинати орд расидем. Аспи суғурта роҳи ростро монда, ба сӯи дарвозаи комбинат тоб хӯрд. Лаҷом кашидан, маҳмез задан, тозиёна ба кор бурдан, чу-чу ва ҳой-ҳой гуфтанҳои ман ба ҷону тани ин ҷонвар таъсири казоӣ надошт.

Ба дарвозаи комбинат расида, сар ба кунҷе нихода чанд дакика рост истод. Ҳамту ночунбон, ба назарам, хаёл карда истод. Аробакашхои дар он ҷо сӯҳбат карда нишаста ба хамдигар маро нишон дода, байни худ чизе

гуфта механдиданд. Нохост асп фаххос зада, сару гарданашро такон доду ба қафо гашт ва ба роҳи колхоз даромад.

Аз рӯи тахминам пас аз фурсате ки агар пиёда мерафтам, ба колхоз бахузур расида, як чойник чойро ҳам бо халоват нӯшида тамом мекардам, ба деҳаи якуми сохили чапи Кофарнихон расидем. Саги ҳавлии канорӣ бо шодмонии тасвирнопазир фарьёду фиғоне бардошта, ба пешвози мо давид. Арбадаи ӯро шунида, дах-дувоздах саги дигар дартоз омаданд ва моро миёнагир карданд. Далеру зӯру бохамияттаринашон, баробари қади асп халлос мезаданд ва майли ошкоре доштанд, ки порае аз либоси ман баркананд, тиккае аз соки поям ба дандон оварда бихоянд. Харду поро чилликвор бар гардани асп нихода мерафтам ва шукр мегуфтам, ки дар миёни сагон мусобиқан ҷахидан ба баландӣ расм нашудааст, вагарна дар хар деха хатман як чемпиони ин соха ёфт мешуд ва он гох ба холи ман, хайхот, маймунхо механдиданд.

Ба рӯ ба рӯи хавлии якум расида будем, ки аспи суғурта, тоб хӯрда, ба пайрахаи байни палхои шолӣ даромад ва то ба сари танӯри заминии соҳиби хона расида карор гирифт. Сагон хангомаи худро бо хамон ғайрату кӯшиши пешина давом медоданд. Касе наменамуд, ки маро аз ғавғои посбонони деха начот диҳад. Ба истилохи ҳамонвактаи касбам, «хамаи кувваи кобили мехнат» дар сахро буд. Бачахои хурдсол ба ману аспи ман аз дур назари бепарвоёнае афканда, дарҳол аз паи дилхушии худ мешуданд.

Аз дари хона зани сафедмӯи хамидакомате миёнашро дошта, асозанон баромад. Чизе гуфт, аз хархашаи сагон нафахмидам. Он гох асояшро ба ҳаво бардошта, ба сари посбонон фарьёде кашид, селаи онон дуртар ба сари кӯча баромад. Пиразан пурсид:

— Ха, бачам, чӣ кор дорӣ ба мо?

— Хеч кор, момо, бубахшед маро. Ба колхози Тельман равонаам.

— Тельман дар он тараф, бачам. Хӯ-ӯ дар он тараф. Бо роҳи калон меравӣ. Холо боз се кишлоқ хаст.

— Медонам, момо, лекин ин асп хамин хел, аз они идораи суғурта. Ба хар дар албатта сар мехалонидааст. Одаташ хамин будааст.

Пиразан муддате мижазанон гох ба ману гох ба маркабам зехн монду сонӣ ба осмон чашм дӯхт. Эхтимол,

дар дилаш ба худованди худ изхори тааччуб ва тахсин мекард, ки зотҳои аҷибу ғариб офаридай.

Дар сари ҳар пайроҳа ҳамин гуна саёҳат такрор мешуд. Шаттаву шаллоқ ба ҷонӣ он маркаб кор намекард. Лачомро сахт мекашидам, ба андозае сахт мекашидам, ки гарданаш рост мешуд, аз кунҷи даҳонаш кафки хунолуд мебаромад. Дар ин сурат ҳам аз пайроҳаи ба ман нодаркор берун намешуд, балки дар як ҷо қарор мегирифт. Ҳамин ки ононро сар додам, то ба ҷои дилхоҳаш пеш мерафт, ба қадри лозим доиистааш сукут мезарзид, сипас фаҳҳос зада, бинӣ меафшонид, сару гардан меҷунбонид ва фақат баъди комилан ба ҷо овардани барноман худ ба қафо мегашт.

Барои фикру андеша фурсат ва имкониятн фаровоне доштам. Аз табиати сагон фикр мекардам. Олимон мегӯянд, ки саг назар ба дигар ҷонварон боақлтар аст. Ба назари ман тадқиқоти онҳо ҳанӯз мукаммал нест. Агар саг ақл медошт, заррае ҳам бошад, соҳиби инсоф мешуд ва агар соҳиби инсоф мебуд, аз даҳон ин қадар кафки нафрату ғазаб пошида, ба сӯи мани бегуноҳ аккос намезаду ақаллан боре аз рои ё думи ин аспи муғамбир мегазид, ки мисли дигар аспҳо андом дорад, асбобу афзол, ҳатто ному насаб дорад, мисли онҳо хӯрок меҳӯраду ақаллан баробари ҳар кор намекунад. Оре, вай асп не, ҳар аст, аз ҳари шаллоқӣ ҳам бадтар аст...

Шабона ҳамроҳи Ҷолмат Ғоибов нишаста, баромади ӯро дар бораи колхоз, услуби кордории аъзоёни правления тайёр кардем. Пагоҳӣ дар сари ношито фикр мекардам, ки оё аз раис барои бозгашт аспи дигар бипурсам ё не?

Агар ӯ асп дихаду аспи муғамбир ҳам дар дасти худам бимонад, аз ин бурде нахоҳам кард: боз побанди суръати ҳамин муғамбир хоҳам буд. Агар бигӯям, ки касеро ба бурда расонидани асп ба соҳибаш мутасаддӣ намояд, дар ин долузарби тайёрӣ ба пахтачинӣ ба кори колхоз ҳалал мерасад. Афсӯс, ягона автомобили боркаши колхоз ба Кӯлоб рафта будааст, вагарна тадбир ин буд, ки аспи суғуртаро ба он бор кунию худ дар кабина нишаста, дар ним соат ба Янгибозор бирасӣ. Ҳам зуд ба манзил мерасӣ, ҳам ҳалоқ аспи мошинсаворро дида, бар падару бобою бобокалонаш лаънат хоҳанд хонд.

Аспи дигаре бигираму ин дарди ҳаринаро «бирав, чор тарафат кибла!» гуфта раҳо кунам чӣ? Аздусар ба вай касе ба ҷуз инспектори суғурта як даста алаф ё як каф

чав нахоҳад дод ва ӯ, ки роҳу пайрохаҳои ҳаман деҳоти Орчоникидзеобедро чаҳор пои худаш барин хуб медонад, ҳатман ба хонааш хоҳад баргашт. Хусусан, ки замони гӯшти аспхӯрӣ ғузаштааст. Агар касе дуздида, дар хотааш кор фармудан хоҳад ҳам, дар як рӯз аз феълу хӯяш огоҳ шуда ва аз хафтоду хафт маҳали ин гуна асп безор шуда, бароварда пеш мекунад.

Аммо рафту ягон фалокат рӯй дод? Масалан, рафту ин гарданғафс дар таки чархи поезд монд? Охир вай одати баногоҳ дар миёни роҳ таккӣ истодан дорад-ку. Чаро дар болои роҳи оҳан ҳам шах шуда намонад? Ба ҳар ҳол дар баланси идораи суғурта ҳамин беномус ҳам асп ном дорад. Ҳафт-ҳашт ҳазор сӯмина арзиш доштагист? Чӣ зарур ки сари худамро худам ба ҷанҷоли аз ин зӯртаре бимонам?

Боз муғамбирро зину лаҷом зада, савор шудам ва ба роҳи бозгашт афтодам. Баъзе аз чорпоёни саворӣ ба сӯи хонаи худ боҳавсалатар ҳадам мезананд. Вале аспи суғурта, аз афти кор, ҷонвари файласуфтабиат буд ва дар дилаш мегуфт: дар таъхир офатҳост, дар шитоб инчунин. Селаҳои сагон мисли дирӯза ҳанӯз аз даромадгоҳи деҳа моро пешвоз гирифта, бо ак-аку фарьёду фиғони гӯшкаркунанда то ба даромадгоҳи ҳар як ҳавлӣ ва боғ меҳуселониданд ва дар охир то нимароҳи деҳаи навбатӣ бурда, мисли эстафета ба селаи сагони кишлоки ҳамсоя месупориданд.

Аз ҳудуди деҳа баромада, тарҳи пули оҳанини болои Кофарниҳонро баръало дида будам, ки андешаҳои дирӯза аз нав ба ёдам расиданд: «Асп не, ҳар будай ту, аз ҳар ҳам бадтар будай, ҳайфи ҳаду комати асп!» Ногоҳ хаёле ба сар зад, ки чаро ба ин ҳар муносиби ҳар муомила накунам? Зери дарахте ҳарор гирифта, аз киса кордча бароварда, навдае буридам ва ҳалачӯбе сохтам. Асп ором меистод. Бале, вай аз ҷонвароне буд, ки дар болояш нишаста, дах ман биринчро аз курмаку сангча тоза кунед ҳам, гӯшашонро намечунбонанд.

Ҳам бо орзуи тезонидани гашти ӯ, ҳам бо максади интиҳом нӯги ҳалачӯбро ба мобайни шонаҳояш ҳалонида будам, ки муғамбир девона шуд. Бо тамоми овоз шиҳа кашида, мисли аспҳои овозадори ҷовандозон чароғпоя сохт. Ба лаҷому коши зину ёли асп дудаста часпида, базӯр худро рӯи зин нигоҳ доштам. Чун дид, ки наафтодам, чанд бор кӯшлагад андохта, зӯр зад, ки аз болои сараш муаллаҳзанон сарнагун равам. Баъд ногоҳ пеш

давид. Ҳа бе мухобот давид! Аз роҳи калон баромада, ба селроҳае ки сӯи Кофарнихон нишеб мерафт, худро зад ва боз бо ҳамон шасти аспхои чанги бо як хез ба сохили селроха баромада, дар майдони шӯразоре мисли хароне ки чои нармтарини тапурхоки тафсонро кофта, гирди сари худ давр мезананд, чарх задан гирифт. Ва ногоҳ худро яктарафа бар болои шӯразори хушк андохт. Лаҳзае таъхир мекардам, ё пои чапамро ба зери пайкараш мачаҳ мекард, ё аз чарии баланд ба санглохам меандохт, ки чи шуданамро тасаввур карда наметавонам.

Хоку хаси либосамро афшонида бархостам, ки устухони кос сахт дард мекунад. «Харом мурӣ, ту,— дашном медодам аз шиддати дард ва алам. — Дар кабри бобои касе ки туро асп ном дода, ба пуштат зин бастааст...»

Дигар тез гашта наметавонистам. Асп аз ман ҳамагӣ чанд кадам пештар мерафт. Аз шиддати дард як чо бинстам, вай хам меистод ва сар хам карда, аз канорои рох алаф мехӯрд. Рох гардам, боз пеш мерафт. Ба назарам чунин менамуд, ки лаби болояшро чин-чин карда ва боло кашида, дандонхои дарози зардашро нишон дода механдид. Ба таври худ интиком меситонид.

Дар кӯчаи калои аспи суғурта ба чап тоб хӯрд, сӯи хонааш рафт. Ман лангон-лангон ба дасти рост, ба тарафи истгохи поезди бегохирӯзии Сталинобод, ба Янгибозор рафтам.

Дандонхои зард, чашмони айёрона лурахшандаи аспи суғурта дергохе пеши назарам буд. Ин гуна муғамбиронро дар роххои зиндагонӣ баъдтар хам чандин бор дидаам.

• • •

Дар миёни газетахои харранга ба назарам сарлавхаи «Точикистони Советӣ» аз хама гармтару дилкаштар метобад.

Чашми ман ба олами ачиби мо нахустин бор дар идораи хамин газета боз шудааст. Маъноои калимаи олиҷаноби байналмилалии «коллектив»-ро бори аввал дар хамин ҷо дарк кардаам.

Идораи «Точикистони Советӣ» кайхо ба дигар бино кӯчидааст. Аз ходимони пешина такрибан касе намондааст: кисме даргузаштаанд, чамъе ба нафакаи давлатӣ баромадаанд. Аммо хамин ки аз остонаи редакция ворид шудам, маро хиссиёте фаро мегирад, ки онро кас хангоми мулокот бо аввалин мактаб, нахустин устод эхсос мекунад.

МУНДАРИҶА

Очеркҳо

Раиси нав. 7
Фаттоҳ ва Музаффар 26
Конл ман!. 59
Нориниёнем мо! 66

Ҳикояҳо

Даъво 135
Сози Мунаввар 159
Рох 179
Суди рафикон 195
Арзамас 205
Рӯзи дафни Усто Окил 219
Мактуби дӯст 232
Савлои умр 244
Хиёбони Нодир. 272
Шаби саввум 283
Тамошо 318
1 : 0 332
Ҷага 344

Ҳикояҳои ҳаҷвӣ

Хочанавпараст 367
Иди нав 373
Оинаи нилгун 378
Нахустин нутки бандафакир . . . 382
Меҳмоннавозӣ 386
Муболиға 390
Минбар ва Ҷорӯб 394
Фельетони зӯр 399
Усто Гараж 403

Киссаҳо

Одамони кӯҳна 413
Зайнаббиби 476
Писари газета 511

Мухаммадиев Фазлиддин

ИЗБРАННЫЕ ПРОИЗВЕДЕНИЯ

В ДВУХ ТОМАХ

Том I

(на таджикском языке)

Муҳаррир А. Азизов
Ороиши Э. Выпирайленко
Муҳаррири ороиш С. Логинов
Муҳаррири техникӣ Е. Цыни
Мусаححеҳ Ҷ. Акобиров

ИБ № 169

Ба матбаа 16. 02. 78. супурда шуд. Ба чопаш 20. 07. 78 имзо шуд. КЛ 04536. Формати 84×108 1/32. Қоғази типографии № 1. Хуруфаш адабӣ-бадеӣ. Чопи барчаста. Чузъи чопии шартӣ 29.17. Чузъи нашрию ҳисобӣ 28.37. Адади нашр 14000. Супориши № 3382. Нархаш, қоғази № 1 2 с. 20 т., қоғази № 2 2 с. 10 т.

Душанбе, нашриёти «Ирфон», кӯчаи Айнӣ, 126. Комбинати полиграфии Комитети давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.

Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

000954724
Китобхонаи миллии Тоҷикистон